АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ
ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

# Ёдномаи устод Маъсумӣ

Таҳти назари академик
Фарҳод РАҲИМӢ

Душанбе
«Адиб»
2016

**Мураттибон**

Муътабар Иброҳимова
Бахтиёри Абдураҳим

**Муҳаррир**

Низом Қосим

Ёдномаи устод Маъсумӣ - Душанбе:
«Адиб», 2016. -794 саҳ.

Носирҷон Маъсумӣ тақрибан дар тамоми соҳаҳои илми филологияи тоҷик дониши мукаммал дошт ва аз худ нақше носутурданӣ гузоштааст. Аксари асарҳои ӯ вобаста ба зарурат ва тақозои вазъи илму таълим ба миён омада, ҳар кадомашон дар навъи худ мақоми бунёдиро дороанд. Дар ин китоб оид ба чеҳраи инсонӣ, фазилатҳои шахсӣ, фаъолияти илмӣ ва омӯзгории Носирҷон Маъсумӣ маводи фаровон ва нодир гирд омадааст.

# Пешсухан

Ин китоб, ки бо кӯшишу эҳтимоми роҳбарият ва ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст, ёдбуди яке аз чеҳраҳои фарҳехтаи фарҳанг ва илму адаби тоҷик дар асри 20, устоди зиндаёд Носирҷон Маъсумист, ки соли сипаришуда 100-умин солгарди таваллудашро дар доираҳои илмиву адабӣ ва муассисаҳои таҳсилотии кишварамон таҷлил карданд.

Носирҷон Маъсумӣ дар ҷараёни таҳаввул ва татаввури тақрибан тамоми соҳаҳои илми филологияи тоҷик аз худ нақше носутурданӣ гузоштааст. Метавон гуфт, ки аксари асарҳои ӯ, хоҳ дар шакли рисолаи тадқиқотӣ, хоҳ ба ҳайси мақолаи илмӣ, хоҳ ба сифати маҷмӯаи дарсҳои фаннӣ, хоҳ чун дастури усули таълим, хулоса, дар кадом соҳа ва ба кадом шакл таълиф шуда бошанд, вобаста ба зарурат ва тақозои вазъи илму таълим ба миён омада, азбаски маҳсули заҳмату андешаҳои як нафар олим ва фозили воқеӣ буданд, ҳар кадом аз онҳо дар навъи худ нақшу мақоми бунёдӣ касб намуд. Ин нукта дар мақолаву ёддоштҳои ҳамкасбон ва шогирдони устод Маъсумӣ, хусусан, дар мақолаи муфассали профессор М.Исматуллоев, хеле равшану возеҳ ва бо далелҳои муътамад баён гардидааст.

Аз ҷумлаи олимони машҳури филолог, ки бевосита мешинохтаму медонистам ва ё осорашонро мутолиа кардаам, ками андар кам касонеро вохӯрдаам, ки ба маънои том филолог бошанд, яъне аз тамоми (ё ақаллан аксари) соҳаҳои ин илм воқиф бошанд. Устод Носирҷон Маъсумӣ ба ин

маънӣ яке аз олимони филологи нодир буд. Асарҳои ӯ оид ба забони адабии муосири тоҷик, таърихи забони тоҷикӣ, феъл, адабиёти тоҷикии асрҳои 18-19, адабиёти шӯравии тоҷик, фолклори халқи тоҷик ва ғ. дорои моҳияти бунёдӣ буданд ва баъдан дар тадқиқи ин риштаҳои илми филология ба сифати асос ва роҳнамо хизмат карданд.

Тамоми корҳои илмии бунёдие, ки Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон дар солҳои 60-80 анҷом дод, дар даврае тарҳрезӣ ва оғоз шуда буданд, ки устод Маъсумӣ роҳбарии ин муассисаи илмиро (1959-1971) ба уҳда дошт. Ин ҷо ном бурдани луғати тафсирии дуҷилдаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «Грамматикаи забони тоҷикӣ», «Фолклори тоҷик», «Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо», «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» ва ғ. кофист, ки ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти илмии Институти забон ва адабиёт дар давраи роҳбарии устод Маъсумӣ тасаввур карда шавад.

Дар китобе, ки манзури хонандаи азиз мегардад, оид ба чеҳраи инсонӣ, фазилатҳои шахсӣ, фаъолияти илмӣ ва омӯзгории устод Носирҷон Маъсумӣ маводи фаровон ва нодир гирд омадааст. Умедворем, ки рӯзгор ва кору пайкори устоди зиндаёд барои наслҳои имрӯзу оянда сабақи судманд хоҳад буд.

**Абдураҳмони АБДУМАННОН,**
**Корманди шоистаи Тоҷикистон,**
**дорандаи Ҷоизаи адабии ба номи**
**Мирзо Турсунзода**

М.ИСМАТУЛЛОЕВ

# Педагог, олим ва инсони комил

Носирҷон Асадович Маъсумӣ соли 1915 дар қишлоқи Қаратоғи водии Ҳисор дар оилаи деҳқони камбағал таваллуд шудааст. Дар синни яксолагии Носирҷон падараш вафот мекунад ва ӯ то синни 8-солагӣ ҳамроҳи модараш дар деҳа мемонад. Модари Носирҷон зани оқила ва босавод будааст.

Вале баъдтар, чунон ки худи Носирҷон Маъсумӣ нақл карда буд, Зулфиқор ном тағояш, ки дар Самарқанд мардикорӣ мекардааст ва сари чанд сол қути лоямути худро бардошта, ба Қаратоғ омада мерафтааст, соли 1923 хоҳар ва ҷиянаш-Носирҷонро ҳамроҳ гирифта мебарад.

Онҳо бо роҳи Ҳакимӣ аз Қаратоғ баромада, аз ағбаи кӯҳи Ҳисор гузашта, ба дараи Зарафшон мефуроянд ва ба қишлоқи Бахшитеппаи Самарқанд меоянд.

Ин қишлоқ дар сари роҳи Панҷакенту Самарқанд воқеъ аст.

Носирҷон ба мактаби ибтидоии Бахшитеппа дохил шуда, онро соли 1928 бомуваффақият хатм мекунад. Падарандару модараш, ки аҳли савод буданд, фикри дар оянда соҳибилм кардани Носирҷонро пеш меоранд. Носирҷон бо ризоияти онҳо ба курси 2-солаи таълиму тарбияи муаллимии шаҳри Самарқанд, ки дар мадрасаи Шайбонихон воқеъ буд, дохил мешавад.

Истеъдоди баланди донишомӯзии Носирҷон диққати муаллимони омӯзишгоҳро ба худ ҷалб мекунад. Аз муаллимон аввалин касе, ки истеъдоди фавқулоддаи Носирҷонро

дида, қобили тарбия ва умедбахш будани ӯро дарк мекунад, ин устоди шодравон Ҳайдар Ҳодизода буд. Ахлоқи ҳамида, зеҳни баланд ва саъйи донишандӯзии Носирҷон ҳусни таваҷҷуҳи ӯро дучанд мегардонад. Носирҷон ба хонаи Ҳайдар Ҳодизода ба сифати ҳам писархонду ҳам шогирди боистеъдод равуо мекунад ва бо аҳли оилаи муаллими меҳрубонаш унс мегирад. Бешубҳа, чунин муносибати меҳрубононаи устод Ҳайдар Ҳодизода дар ҳаёти ояндаи Носирҷон бетаъсир намемонад.

Баъди хатми курси таълиму тарбияи Самарқанд, соли 1930, Носирҷонро ба омӯзишгоҳи педагогии Панҷакент ба сифати муаллими забону адабиёти тоҷик ба кор мефиристанд. Вай дар омӯзишгоҳ бо чанде аз муаллимони ҳамсинну сол ва аз худ калонтар, ки баъдтар бо онҳо як умр дӯстӣ мекунад, шинос мешавад. Онҳо Ҳамид Бақозода (муаллифи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои мактабҳои ибтидоӣ ва миёнаи нопурра), Қутбиддин Раззоқов (яке аз коркунони хеле намоёни соҳаи мактабу маорифи водии Зарафшон), Отақул Низомов (ҳоло нафақахӯр, сокини н. Панҷакент) буданд, ки Носирҷон ҳамеша бо як муҳаббати самимӣ ёдашон мекард.

Баъд аз як соли кори Носирҷон аз Самарқанд Ҳайдар Ҳодизода низ ба омӯзишгоҳ ба кор меояд. Ин тасодуф барои Носирҷон хеле гуворо буд, зеро дар як донишгоҳ акнун бо муаллими худ кор карда, маҳорати муаллимии худро ба назари устоди нуктасанҷи худ зоҳир намудан барои Носирҷон хушбахтии бузург буд.

Носирҷон соли 1936 ба Душанбе омада, ба факултети филологияи Институти педагогӣ дохил мешавад. Онро соли 1940 хатм карда, бо тавсияи муаллимонаш Лутфулло Бузургзода ва Шарифҷон Ҳусейнзода ба кори педагогӣ ба сифати муаллими забону адабиёти тоҷик таъйин мешавад.

Дар аснои таҳсили институт истеъдоди табиии ин ҷаво-

ни ба дониш ҳарис пурра зоҳир мегардад. Бояд гуфт, ки истеъдоди фавқулоддаи Носирҷон ба адабиёт ҳанӯз дар омӯзишгоҳи педагогии Панҷакент пайдо шуда буд. Вай ба маҳфили адибони ҷавони омӯзишгоҳ роҳбарӣ карда, шеърҳои худро аз назари устодаш Ҳайдар Ҳодизода гузаронида, дар газетаи «Коммунисти Панҷакент» чоп мекард.

Дар институт ҳамчун донишҷӯйи пешсаф ном баровarda буд. Ҳамеша имтиҳонҳоро бо баҳои аъло месупорид. Дар аснои таҳсил баъзан шеъру мақолаҳои ӯ ба газетаҳои деворӣ ва матбуоти республикавӣ чоп мешуданд.

Дар Институти педагогӣ Носирҷон курси пурраи забони адабиро аз олим ва забоншиноси мумтоз Лутфулло Бузургзода, адабиётро аз лексияҳои устод Шарифҷон Ҳусейнзода ва П.Н.Лозеев шунидааст. Носирҷон дар бораи устоди хеле меҳрубону муътабараш Лутфулло Бузургзода, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ баҳри озодии Ватан қурбон шудааст, бо меҳру муҳаббат ва садоқати шогирдона дар китоби «Ҷовидонӣ» («Бессмертие», ки ба муносибати 20-солагии ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба хотираи фарзандҳои қурбоншудаи халқи тоҷик бахшида шуда, соли 1965 аз тарафи нависанда М.Левин тартиб дода шудааст) сухан меронад. Хотираи Носирҷонро оид ба Л.Бузургзода дар боби хотираҳои ба устод Н.Маъсумӣ бахшидаам, ки дар охири ин китобча дарҷ гардидааст, нақл мекунам, зеро дар нашъунамои истеъдоди забондонию камолоти ҳартарафаи Носирҷон шахсияту фазилати устоди меҳрубонаш Л.Бузургзода ниҳоят калон буд ва ин матлаб аз мақолаи номбурдаи Носирҷон пурра ҳувайдост.

Дар соли 1940 Н.Маъсумӣ ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон чун шоир қабул мешавад. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ эҳтиёҷ ба муаллимони мактаби олӣ ва миёна хеле калон буд. Дар ин солҳо Н.Маъсумӣ ба ҷои муаллими худ Л.Бузургзода, ки ба ҳимояи Ватан рафта буд,

дар институти педагогӣ аз курси забони адабӣ, адабиёти асри XVI-XIX, адабиётшиносӣ ва фолклоршиносӣ дарс медиҳад. Дар як вақт ҳанӯз аз аснои студенти курси IV буданаш, дар мактаби рақами 3, ҳоло мактаби рақами 7, дар синфҳои V-VII аз фанни забони модарӣ ва адабиёт то солҳои 1945 дарс додааст.

Носирҷон аз соли 1948 то 1951 дар Институти педагогӣ мудири кафедраи забони тоҷикӣ, аз соли 1953 то 1965 мудири кафедраи адабиёт ва аз соли 1956 то 1959 муовини ректори Институти педагогӣ оид ба қисми илмӣ буд. Дар ин мобайн якчанд сол Н.Маъсумӣ ҳам дар институт ва ҳам дар мактаби партиявии назди КМ Партияи Коммунистии Тоҷикистон аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дарс медод.

Дар соли 1952 Носирҷон ба Университети Ленинград барои ҳимоя кардани рисолаи номзадӣ фиристода шуд. Ҳамон сол, баъд аз 3-4 моҳи ба Ленинград рафтани Носирҷон, нависандаи ин сатрҳо низ ба он ҷо бо ҳамон мақсад фиристода шудам. Аз охири соли 1952 то моҳи июни соли 1953 мо дар яке аз хонаҳои назди Смолный зиндагӣ доштем.

Дар университети Ленинград мо ба кафедраи эроншиносӣ вобаста шудем. Мавзӯи илмии Н.Маъсумӣ - «Забон ва услуби повести «Марги судхӯр»-и С.Айнӣ» ва мавзӯи илмии банда «Пуркунанда дар забони адабии тоҷик» муқаррар шуд. Роҳбарии кори илмии Н.Маъсумиро олими маъруфи эроншинос А.Н.Болдирев, роҳбарии кори илмии бандаро низ яке аз олимони эроншиноси маъруф М.И.Боголюбов, ки ҳар ду дӯст мисли ду мағз дар як пӯст буданд, ба уҳда гирифтанд.

Мо аз чунин вазъияти матлубу мусоид, ки ҳар ду дар таҳти роҳбарии чунин олимони номӣ мавзӯъҳои илмии худро тадқиқ менамоем, шоду мамнун будем. Ин ҳолат ба мо қувваи наву рӯҳи тоза бахшида буд. Мо медонистем, ки як тири мо ба ду нишон равона шуд. Аз як тараф, бо роҳбарии ин

олимони номӣ рисолаи илмӣ навишта, ба унвони шогирдии онҳо мушарраф шудан бошад, аз тарафи дигар, бо ин баҳона ҳафтае як бор бо онҳо вохӯрда, аз суҳбаташон бархурдор шудан барои мо як ҷаҳон самараи маънавӣ мебахшид.

Тобистони соли 1953 Н.Маъсумӣ рисолаи тадқиқотии худро ба охир расонд. Азбаски рисоларо ба забони тоҷикӣ навишта буд, оппоненти якуми забони тоҷикидон пайдо нашуд, ҳимояро ба Сталинобод гузаронидан маъқул донистанд. Банда як қисми рисолаи худро навишта будаму барои навиштани қисми дигараш камтар вақт лозим буд. Ҳар ду ба Сталинобод омадем. Баъд ман рисолаи худро то моҳи сентябр ба забони русӣ навишта, моҳи октябри соли 1953 ба Ленинград рафта, дастхати рисоларо ба роҳбарам супоридам. Кафедраи эроншиносӣ рисоларо муҳокима карда, ба ҳимоя пешниҳод кард. Феврали соли 1954 дар Совети факултети шарқшиносии университет рисолаамро ҳимоя кардам. Н. Маъсумӣ рисолаашро низ сентябри соли 1954 дар Университети давлатии Тоҷикистон бомуваффақият ҳимоя кард.

Н.Маъсумӣ баъди ҳимояи рисолаи номзадӣ барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос хеле хизмати шоиста кард. Бо роҳбарии бевоситаи ӯ зиёда аз 20 нафар ҷавонони боистеъдод аз забону адабиёти тоҷик мавзӯъҳои гуногунро аз назари илмӣ тадқиқ намуда, рисолаҳои номзадӣ ҳимоя карданд.

Н.Маъсумӣ аз соли 1959 ба вазифаи директори Институти забон ва адабиёти тоҷики ба номи А.Рӯдакии Академияи Фанҳои РСС Тоҷикистон таъйин шуд. Аз ҳамин солҳо сар карда фаъолияти илмӣ-эҷодӣ ва ҷамъиятиаш хеле васеъ шудан гирифт. Ӯ муовини Раиси Совети илмии УДТ ба номи В.И.Ленин барои додани унвони илмӣ, аъзои редколлегияи энсиклопедияи мухтасари адабӣ (Москва), инчунин, вай чандин солҳо аъзои ҳайати таҳририяи журнали «Мактаби

советӣ» буд. Ӯ аз соли 1960 сар карда ҳамчун ходими намоёни ҷамъияту илм, Депутати Совети Олии РСС Тоҷикистон (даъватҳои 6-8), раиси шуъбаи тоҷикистонии Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои мадании СССР бо Афғонистон, аъзои Шӯрои умумииттифоқӣ оид ба масъалаҳои лексикология ва лексикография ва ғайра буд. Ӯ бо ду ордени «Нишони Фахрӣ», бо медалҳо ва Грамотаҳои Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

Н.Маъсумӣ дар ҳайати таҳририяи бисёр нашриёҳои илмӣ-адабӣ ҳамкорӣ дошт, ба мисли Энсиклопедияи советии тоҷик, насри бадеии ривоятӣ, назми классикӣ ва ғайра. Ҳамчун аъзои Правления ва Президиуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва раиси шуъбаи танқиди он дар ҳаёти адабии республика саҳми бузурге гузоштааст. Сазовори қайд аст, ки кори устод Маъсумӣ дар вазифаи академик-котиби Шуъбаи ҷамъиятшиносии АФ Тоҷикистон на танҳо дар соҳаи филология, балки барои тараққиёти ҳамаи соҳаҳои илмҳои ҷамъиятӣ саҳми намоёне буд.

Соли 1965 Н.Маъсумӣ 50-сола шуд. Бо салоҳдиди Комитети марказӣ ва ҳукумати РСС Тоҷикистон ҷашни 50-солагии зодрӯз ва 30-солагии фаъолияти илмӣ, педагогӣ ва эҷодии олим, шоир ва Ходими хизматнишондодаи илм, дотсент Носирҷон Маъсумиро Академияи фанҳои Тоҷикистон бо ҳамкории Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва Институти педагогии ба номи Т.Г.Шевченко гузарониданд. Ҷашни Носирҷон барои аҳли илму адаб як воқеаи хеле гуворо буд. Ба унвони соҳибҷашн ба ин муносибат аз номи ташкилотҳои республикавӣ, муассисаҳои илмӣ, мактабҳои олии республика, олимони номии соҳаҳои эроншиносӣ ва филологияи тоҷик, ҳамкорон, шогирдон, ёру дӯстон, табрикҳои бисёр самимона омаданд. Дар ҳамаи он табрикномаҳо хизмати шоистаи Н.Маъсумӣ дар соҳаҳои гуногуни филологияи тоҷик, мақом ва ҷодаи соҳибҷашн дар ташкилу равнақи илми

филология ва тайёр кардани кадрҳои педагогӣ бо сипосгузорию миннатпазирӣ қайд карда шуда буд. Ба муносибати ҷашн оид ба ҳаёт ва фаъолияти педагогӣ, ҷамъиятӣ, илмӣ-эҷодии ӯ бисёр мақолаву очеркҳои сазовор низ чоп шуда баромад.

Инак, мақолаву очеркҳои беҳтаринро дида мебароем, ки онҳо ба қалами шогирдони содиқи устод Носирҷон Маъсумӣ - олимони барҷастаи соҳаи илми филология - Муҳаммадҷон Шукуров ва Абдураззоқ Ғаффоров тааллуқ доранд. Мақолаҳо дар газетаи «Тоҷикистони советӣ» дар зери рубрикаи «Соҳибҷашни мо» бо сарлавҳаи «Олим, шоир, муаллим» бо акси хеле марғуб, ки аз зуҳуроти ақлу фаросат ва фазилату донишмандии соҳибҷашн гувоҳӣ медод, чоп шуда буд. Муаллифон дар ин мақола ҳаёт ва эҷодиёти педагогӣ ва илмии устоди худ Носирҷон Маъсумиро мухтасар тасвир карда, ҷодаву мақоми ӯро дар инкишофи илми филологияи тоҷик ба сифати шоиру олиму педагоги намоён ва арбоби давлату илм муъҷазу возеҳ баён кардаанд.

Мақолаи дигар ба қалами адабиётшиноси маъруф ва яке аз дӯстони наздики соҳибҷашн Юрий Бобоев мансуб аст, ки дар «Газетаи маориф ва маданият» бо акси дигари соҳибҷашн, ки аснои ба фикру андешаи илмию эҷодӣ ғӯтавар будани олимро хотирнишон мекунад, бо сарлавҳаи «Некси-ришт ва некукор» (мусоҳиба бо соҳибҷашн) чоп шудааст. Дар ин мақолаи ба таври диалог навишташуда дар байни ду олими ба ҳам дӯст, шоиру арбоби илму маърифат ва мунаққиди адабиёт як суҳбати басо мароқовари хеле муфид, ки барои ошкор сохтани ҷода ва мақоми соҳибҷашн нигаронида шудааст, сурат гирифтааст. Дар ин суҳбат Ю. Бобоев ба Носирҷон саволҳое додаанд, ки ҷавобҳои он симои маънавӣ, истеъдоди фавқулоддаи олимро ба забони ҳол ошкор кардааст. Ин суҳбати дӯстон бо шоҳбайти зерини устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ хотима ёфтааст:

*«Дар амал то дер бозию дарозӣ мумкин аст,*
*Чун амал бодо туро умри дарозу дербоз»*

Мақолаи «Маҳбуби дилҳо» ба қалами яке аз шогирдони боистеъдоде, ки таҳсили аспирантурааш дар назди кафедраи адабиёти тоҷики Институти педагогӣ, бо роҳбарии адабиётшиноси намоён ва педагоги бомаҳорат Холиқ Мирзозода сурат гирифтааст, Валӣ Самад дахл дорад. Дар ин мақола муаллиф дар бораи устод Н.Маъсумӣ бо як эҳсосоти баланди шогирдона сухан рондааст. Ин мақола дар газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» чоп шудааст. Мақола бо сухани машҳури Ибни Синои бузург, ки дар бобати чӣ гуна будани шахсияти устод гуфтааст, сар мешавад: «Шахсеро устод гӯянд, ки он чӣ ба дигарон таълим диҳад, худ дар амал собит намояд. Ва шогирди хуб он аст, ки ҳар чӣ аз устод омӯхта бошад, ба кор бурда тавонад».

Муаллиф бештар ва мухтасар доир ба айёми ҷавонӣ, шоирӣ ва махсусан таҳсил дар институт ва муносибати Носирҷон Маъсумӣ ба устоди меҳрубону ғамхораш Лутфулло Бузургзода бо як эҳсосоти баланди шогирдона нақли дилпазир мекунад. Аз ҳар ҷумлаи мақола нисбат ба устод, Н.Маъсумӣ муҳаббати софи Валиҷон ҳис карда мешавад. Ин ҷавони он вақт аспиранту ҳоло адабиётшиноси боистеъдод - дар охири мақолаи худ як шоҳбайти дар ҳаққи устоди меҳрубону дӯсти ҷонӣ гуфтаи Хоҷа Ҳофизи ширинкаломро хотирнишон карда, баъди он суханро ба устоди соҳибҷашн Лутфулло Бузургзода, ки аз ин шодкомиҳои шогирдаш бенасиб шудааст, бахшида, ба суханаш хотима медиҳад. Он шоҳбайти ҷонфизои рӯҳпарвар ин аст:

*Баёни меҳр чӣ ҳоҷат, ки хаёли оташи дил,*
*Тавон шинохт зи сӯзе, ки дар сухан бошад.*

Бешубҳа, аз байн солҳо мегузарад, ин мақолаву очеркҳои ҳаҷман хурду мазмунан баланд, ки оид ба шахсияту фаъолияти илмию эҷодии Носирҷон Маъсумӣ дар асснои

ҷашни 50-солагиаш иншо шудааст, барои тадқиқ ва муайян намудани саҳми ӯ дар соҳаҳои гуногуни филологияи тоҷик дар қатори очерку асарҳои дигари доир ба эҷодиёти серсоҳаи ин олими барҷаста навишташуда чун як манбаи боэътимод хизмат хоҳад кард. Ин кор ба инкишофи илми филологияи тоҷик вобаста аст ва расидани он рӯзу ба воя расидани олимони тоҷик, ки мисли Носирҷон Маъсумӣ дар инкишофи илму маърифати халқи худ хизмат карда, ба қадри устодони худ мерасанд, арзи вуҷуд менамоянд ва онҳо ҳам ба ҷодаи устодӣ расида, шогирдони бисёре тайёр мекунанд.

29 январи соли 1966 дар маҷлисгоҳи Академия ҷашни бошукӯҳ бо нутқи муқаддимавии Президенти Академияи Фанҳои Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ барпо гардид. Оид ба фаъолияти илмӣ-педагогӣ ва ҷамъиятии соҳибҷашн нависандаи ин сатрҳо маърӯза кард. Бегоҳӣ барои меҳмонони ба ҷашн аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ омадагӣ ва ҳамкорону ёру дӯстон шаби хурсандӣ гузаронида шуд. Ана дар ҳамон чойнӯшӣ овози марғуладори Носирҷон дар матни шеърҳои шоирони классик ва советӣ танинандоз гардида буд...

Дар охири соли 1966 Н.Маъсумӣ ба сифати турист ба Эрону Афғонистон сафар карда, ба зиёрати мақбараи Ибни Сино, Хайём, Саъдӣ ва Ҳофиз мушарраф шудааст. Ин сафарҳо ҷаҳони маърифати Н.Маъсумиро бениҳоят бо обуранги тоза пурмазмун гардонида буд, ки мо шоҳиди нақлҳои аҷибу ғариби он сафарҳо будем ва аз он суҳбатҳои мухтасар як ҷаҳон баҳраҳо мебурдем.

Барои хизматҳои дар соҳаи таълиму тарбия тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси педагогӣ ба Н.Маъсумӣ соли 1960 унвони Ходими хизматнишондодаи илм дода шуд. Вай аз соли 1945 аъзои КПСС буд. Н.Маъсумӣ соли 1969 аъзокорреспонденти Академияи фанҳои Тоҷикистон интихоб шуд.

Фаъолияти илмӣ-эҷодии Н.Маъсумӣ паҳлуҳои бисёре

дорад. Устод барои ба дараҷаи баланди илмӣ чоп шудани бисёр асарҳои олимони ҷавон ва миёнсолон, маҷмӯаҳои илмӣ, асарҳои насрию назмии адибу шоирон бо таҳрир ё маслиҳату тақриз ёрии ҷиддӣ мерасонид. Хидматҳои муаллим барои баланд бардоштани арзиши илмии Луғати русӣ-тоҷикӣ, ки ба наздикӣ дар Москва нашр шуд, хеле калон аст. Дар муқаддима ва пешгуфтори бисёр асарҳое, ки оид ба филологияи тоҷик нашр гардидааст, ин хизмати устоди меҳрубону ғамхор бо изҳори меҳру муҳаббат ва ташаккуру миннатпазирӣ хотирнишон карда мешавад. Фаъолияти илмию эҷодии Н.Маъсумӣ дар масъалаҳои назариявӣ ва ҳам амалӣ баробар нашъунамо ёфтааст. Ӯ бештар диққати худро ба забони адабӣ, таърихи он, фолклор, адабиёти асри миёна (асри XVI-XIX) ва адабиёти советӣ равона кардааст. Инчунин вай бо як самимияти ба педагоги моҳир хос ба масъалаҳои таълими адабиёту забон низ ҳамчун методисти барҷаста эътибори ҷиддӣ додааст. Дастурҳои иншокардаи ӯ оид ба таълими дарсҳои адабиёт ва забон гувоҳи ин гуфтаҳои мо мебошад.

Н.Маъсумӣ аз соли 1936 сар карда шеъру мақола, китобҳои дарсӣ барои забон, адабиёти даҳонакии халқ, китобҳои дарсӣ оид ба адабиёти советӣ, барои мактабҳои миёна ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, оид ба асарҳои бадеӣ, монографияҳо чоп кардааст. Вай на танҳо дар тартиб додани китобҳои забону адабиёт хизмати шоиста кардааст, балки дар тартиб додани Барномаи фанҳои забону адабиёт, чи барои мактаби миёна ва чи олӣ, саҳми босазое низ гузоштааст.

Н.Маъсумӣ оид ба забону адабиёт зиёда аз 25 асари илмӣ ва 200 мақола чоп кардааст. Аз ҷумлаи асарҳои назариявии ӯ «Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ» (барои омӯзишгоҳҳои педагогӣ) соли 1949, «Фолклори тоҷик», (Курси конспективӣ барои ғоибхонҳои Институти пе-

дагогӣ), қисми I. Сталинобод, 1952, «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик», 1959, «Усули таълими адабиёт дар синфҳои 5-8», 1960, Муҳаммадҷон Раҳимӣ (монография) 1961, «Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX», соли 1962, «Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат», 1967, «Адабиёти советии тоҷик» китоби дарсӣ барои синфи X (бо ҳаммуаллифии Х.Мирзозода ва Ю.Бобоев), 1952 ва ғайра.

Н.Маъсумӣ яке аз муҳаррирони луғати эзоҳии «Фарҳанги забони тоҷикӣ» мебошад. Чоп шудани ин луғати бузурги эзоҳии пурқимат, ки тақрибан 45000 калима ва ибораро дар бар гирифтааст, барои аз худ кардани моҳияти мероси адабӣ-таърихии 1000-солаи халқи тоҷик басо аҳамияти бузург дорад. Дар чопи ин луғат коллективи шуъбаи луғати Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакӣ бо сарварии Н.Маъсумӣ хизмати босазое кардаанд. Н.Маъсумӣ соли 1964 «Мунтахаботи ашъор»-и Туғралро бо сарсухани хеле муфассал нашр кард. Ин мунтахабот барои муайян кардани мавқеи Туғрали ширинкалом дар таърихи адабиёти охири асри XIX ва аввали асри XX аҳамияти калон дорад. Н.Маъсумӣ сарсухани худро оид ба Туғрал ва эҷодиёти ӯ бо чунин суханҳо ҷамъбаст менамояд: «Мо Нақибхони Туғралро ҳамчун шоири «зарандуда» ба оташи таҳлилу танқид андохтем, ки зару миси вай аз ҳам ҷудо шаванд. Чизе, ки ба сифати мис аён гардид, нуқсонҳои эҷодиёти ӯст ва оқибатҳои тақлидкорист ва ҳар чӣ ки ба сифати зар ҷудо шуда бошад, ҳамчун ҳиссае ба адабиёти демократии замони шоир зам хоҳад шуд. (Туғрал, Мунтахаботи ашъор. – С.66). Шубҳае нест, ки сарсухани мазкур минбаъд барои ҳаматарафа аз назари илмӣ амиқ омӯхтани эҷодиёти Туғрал чун заминаи мусоиди боэътимод хизмат хоҳад кард.

Н.Маъсумӣ соли 1966 бо ҳамкории М.Холов «Намунаи фолклори халқҳои Афғонистон»-ро нашр кард. Ба ин «намуна» Н.Маъсумӣ сарсухан навишта, оид ба адабиёти на-

зми даҳанакии афғон чун фолклоршиноси нуқтасанҷ муҳокима ронда, роҷеъ ба жанрҳои он фикру мулоҳиза ва ақидаи худро чунин изҳор кардааст:

«Оре, назми халқии ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон ҳамин тавр пурасрор, дилбар ва шавқангез аст. Агар хондани он ба халқи дигар ба забони аслии он назм муяссар шавад, олами дигар аст. Он гоҳ на танҳо он назми сеҳрангез бо тамоми нафосат ва аҷоиботи санъати худ қувваи азими маънавии худро зоҳир менамояд, балки офарандаи соҳибистеъдоди худро низ бо маҳорату азамати эҷодӣ пеши назари ҳазорон хонандагони миллатҳои дигар меоварад. Халқи тоҷик аз як ҷиҳат бо мардуми афғон ҳамзабон аст ва адабиёти хаттӣ ва даҳанакии форсизабонони афғон барои ӯ комилан мафҳум ва дастрас мебошад». Бешубҳа, чоп шудани ин асари муфид барои равнақу ривоҷи робитаи дӯстии байни халқи тоҷику афғон, пурмазмун гардидани таъсири маънавӣ ба якдигар мавқеи муҳим мебозад.

Аз асарҳои адабиётшиносии Н.Маъсумӣ мехоҳам оид ба аввалин китоби дарсии фолклоршиносӣ барои студентони ғоибхони факултети филологияи тоҷики мактабҳои олии ҷумҳурӣ сухане чанд гӯям. Ин китоби дарсии муфидро шуъбаи ғоибонаи Институти педагогии ба номи Т.Г.Шевченко бо номи «Фолклори тоҷик» чоп кардааст. Дар аввали ин асар доир ба таъйинот ва моҳияти ин китоби дарсӣ Н.Маъсумӣ дар зери сарлавҳаи «Аз муаллиф» навиштааст: «Конспекти фолклори тоҷик (Қ.I), ки бо ҳуқуқи дастнавис барои истифодаи студентони шуъбаи ғоибона чун маълумоти мухтасари ибтидоӣ пешниҳод карда мешавад, як қатор масъалаҳои фолклоршиносиро дар бар мегирад. Аммо ҷараёнҳои фолклоршиносии умумӣ муваққатан дохил карда нашуданд.

Чанде аз масъалаҳое, ки ба фолклоршиносии тоҷик ва фолклори пешазинқилобии мо вобастаанд, ҳанӯз масъалаҳои пурра ҳалшуда намебошанд. Пурра ва ҳартарафа кор

карда шудани ҳамин фолклор кори бузурги дуру дарози ояндаи муассисаҳои илмӣ ва фолклоршиносҳои мо мебошад, ки онро сар кардаанд ва давом медиҳанд».

Китоби дарсии зикршуда аз 8 боби зерин иборат аст:

I. Масъалаҳои умумии эҷодиёти даҳанакии халқ.

II. Масъалаҳои оид ба таърихи фолклоршиносӣ ва дараҷаи омӯхта шудани фолклории тоҷик.

III. Фолклори маросими тоҷик.

IV. Жанрҳои асосии фолклори тоҷик.

V. Суруд ва таронаҳо.

VI. Зарбулмасал ва мақолҳо.

VII. Чистонҳо.

VIII. Драммаҳои халқӣ.

Китоби дарсии «Фолклори тоҷик» дар ҳаҷми 7 ҷузъи чопӣ 1000 нусха чоп шудааст. Дар ин асари худ Н.Маъсумӣ бори аввал масъалаҳои гуногуни фолклори халқи тоҷикро аз назари илмӣ дар асоси методологияи марксистӣ шарҳу эзоҳ дода, баробари он оид ба моҳият ва жанрҳои асосии он мулоҳизаҳои пурарзиш баён кардааст.

Доир ба аҳамият ва қимати ин асари аввалини фолклоршиносии тоҷик Муҳаммадҷон Шукуров ва Абдураззоқ Ғаффоров дар мақолаи бахшида ба 50-солагии ҷашни Н.Маъсумӣ навиштаашон баҳои баланд додаанд. «Ҳиссаи Н.Маъсумӣ дар соҳаи инкишофи фолклоршиносии тоҷик ҳам босазост. Рисолаи ӯ «Фолклори тоҷик» (1952) дар бобати омӯхтани эҷодиёти лафзии халқӣ нахустин асарест, ки дар он характеристикаи умумии фолклори тоҷикон дода мешавад. Н.Маъсумӣ дар ин асар аввалин бор таснифоти жанрҳои фолклори тоҷиконро ба миён гузошта, доир ба хусусиятҳои бадеии асарҳои халқӣ, алоқаи адабиёти классикӣ ва советии тоҷик бо фолклор маълумоти ҷолиби диққат додааст».

Чунон ки маълум аст, маводҳои асосии ин асари нахустини фолклоршиносӣ дар аснои экспедитсияи илмии ба во-

диҳои Қаротегину Ҳисор гузаронидаи худи муаллиф ҷамъоварӣ карда шудааст. Барои қисми дуввуми ин китоби дарсӣ низ Н.Маъсумӣ материали фаровон дошт, вале баъди ба тадқиқи повести «Марги судхӯр» машғул шудан ва ба корҳои роҳбарии Институти педагогӣ ва Институти забону адабиёти ба номи Рӯдакӣ гузаштан, хеле васеъ ва зиёд шудани фаъолияти илмию ҷамъиятии ӯ имконият надоданд, ки қисми дувуми ин китоби дарсиро нависад.

Соли 1966 китоби Н.Маъсумӣ «Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат» чоп шуда баромад. Ин китоб аз ду қисм иборат буда, сарлавҳаи умумии қисми якумаш «Чашмаи илҳом» ном дорад. Дар ин боб мақолаҳои назариявии муаллиф бахшида ба дастовардҳои назарраси адабиёти советии тоҷик навишташуда чоп шудааст. Дар боби дувуми китоб мушоҳидаҳои илмии ӯ роҷеъ ба масъалаҳои таърихи забони адабии тоҷик аз асри X то ибтидои асри XX, инчунин нақш ва мавқеи устод Айнӣ дар инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик баъди Инқилоби Октябр дарҷ шудааст.

Азбаски асарҳои дар қисми «Забон ва маҳорат» дохилшуда дар ҷилди II «Асарҳои мунтахаб»-и Н.Маъсумӣ (соли 1980) нисбатан ба шакли пурра чоп шудааст, таҳлили он асарҳоро мавқуф гузошта, ҳоло ҳамин қадар изҳори ақида намуданро зарур донистем, ки устод Маъсумӣ зиёда аз 20 сол то асной дақиқаҳои охирини ҳаёти худ дар канори фанҳои адабиёти асри XVI ва ибтидои асри XX дар Институти педагогӣ аз таърихи забони адабии тоҷик (аз асри X то ибтидои асри XX) лексия мехонд.

Мулоҳизаҳои назарии ӯ оид ба таърихи забони адабӣ барои донишҷӯёни курсҳои болои факултет аҳамияти калони маърифатӣ дошт. Таърихи забони адабии тоҷик аз рӯи коркарди устод Н.Маъсумӣ аз тарафи шогирдони ӯ дар шуъбаҳои шабона ва ғоибонаи Институти педагогӣ дарс дода мешуд. Аз ин рӯ, доир ба масъалаҳои таърихи забони адабӣ

инчунин диққати худро устод ба таърихи пайдоиши забони дарӣ-тоҷикӣ низ равона кард. Оид ба ин масъала дар қисми II «Асарҳои мунтахаб» дар зери сарлавҳаи «Муҳимтарин масъалаҳои тадқиқи тараққиёти забони адабии имрӯзаи тоҷик» мақолаи хеле пурарзиши устод чоп шудааст. Дар он пеш аз ҳама роҷеъ ба заминаи таърихии пайдоиши забони дарӣ-тоҷикӣ муфассал фикр ронда, хеле мулоҳизаҳои ҷолиб ва тозаеро баён кардааст.

Хулосаи он мулоҳизаҳо аз он иборат аст, ки забони дарӣ забоне буд, ки ҳанӯз дар аснои мавҷуд будани забонҳои суғдӣ, хоразмӣ, тохарӣ, помири, авестоӣ, паҳлавӣ ва ғайра забони дарӣ-тоҷикӣ рӯида, барои ҳамаи ин халқҳо як воситаи алоқаи тиҷорату мубодилаи афкор хизмат карда омадааст. Забони дарӣ ҳанӯз пеш аз омадани арабҳо ба Эрону Хуросону Осиёи Миёна чун забони гуфтугӯйии халқҳои гуногуни сулолаи Сосониҳо хизмат мекард. Дар ин бора баъзе мулоҳизаҳои тозае мавҷуд аст, ки дар ягон мавриди мусоид мубодилаи афкор кардан мумкин аст. Бояд гуфт, ки таҳлили асарҳои роҷеъ ба забоншиносӣ таълифкардаи устод Маъсумиро, ки дар ҷилди II «Асарҳои мунтахаб» чоп шудааст (1980) ва китобчаи «Забон ва услуби Аҳмади Дониш» (1976)-ро ба як фурсати мусоиди дигар мавқуф гузошта, ба таври хулоса гуфтан мехоҳам, ки меҳнати барҷастаи эҷодии Н.Маъсумӣ дар ганҷинаи филологияи тоҷик, чи адабиётшиносӣ ва чи забоншиносӣ, сахми пурарзише буда, шоистаи таҳқиқу таҳлил аст.

Н.Маъсумӣ дар соли 1972 барои қисми I китоби дарсии «Забони адабии тоҷик» (барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ) мавзӯи «Феъл»-ро дар ҳаҷми 6 ҷузъи чопӣ навишт. Устод Маъсумӣ ин асари худро дар асоси таҷрибаи чандинсолааш, ки дар рафти хондани курси забони адабии ҳозираи тоҷик дар Институти педагогӣ андухтааст ва анъанае, ки зиёда аз 60 сол боз дар мактабҳои миёна ва

Институти педагогии Душанбе дар таълими забони адабии тоҷик ба вуҷуд омада буд, иншо кардааст.

Таҳлили назарии ин асари хеле пурарзишро мавқуф гузошта, ҳоло фақат ҳамин қадар мегӯем, ки дар ин асар замони феълҳо берун аз сиғаҳои феъл дода шудааст. Маълум аст, ки дар китоби дарсии чопи якум замонҳои феъл дар дохили сиғаҳо дода шуда буд. Ба сохти феълҳо қариб эътиборе надода, фақат дар дохили кадом сиға ифода ёфтани замонҳои феъл моҳияти асосии дониши студентро нисбат ба феъл ифода мекард. Агар студент замони феълро гуфта, дар кадом сиға ифода ёфтани онро нагӯяд, ба дониши он баҳои пасттар дода мешуд. Дар айни замон аз кадом ҳиссаҳои феълӣ сохта шудани замон ва намудҳои феъл аз эътибор дур мемонд. Аз ин рӯ, аксари донишҷӯён дар имтиҳонҳои ҷорӣ ва давлатӣ доир ба феъл ва сохта шудани замонҳою намуди он дониши на чандон пухта зоҳир мекарданд.

Устод Маъсумӣ ҳамин вазъиятро ба эътибор гирифта, замонҳои феълро аз доираи сиға берун бароварда, мувофиқи анъана шарҳ дода, ба сохти замони феълҳо ва намудҳои он эътибори ҷиддӣ додааст. Дар натиҷа баъд аз чоп шуда баромадани ин асари устод масъалаи таълими замонҳои феъл боз ба роҳи дурусти методӣ қарор гирифт ва умед аст, ки ба шарофати ин асари барҷаста таълими боби «Феъл» дар мактабҳои олии мо натиҷаи мусбат хоҳад дод.

Аз ибтидои солҳои 50-ум дар факултети филологияи Институти педагогии Душанбе ба туфайли сар шудани тадқиқоти ҷиддии забону адабиёти тоҷик як мактаби адабӣ сурат гирифт. Шохаи забоншиносии ин мактаб ба номи Носирҷон Маъсумӣ зич марбут аст. Дар мактаби мазкур аз нимаи дувуми солҳои 40-ум сар карда, сохти грамматикии забони тоҷикӣ, махсусан, сохти синтаксисии он мавзӯи тадқиқу таҳлил қарор гирифт. Дар натиҷа даҳҳо ҷавонони боистеъ-

дод дар солҳои 50-60-ум якчанд рисолаҳои номзадӣ навиштанд.

Бояд гуфт, ки бо баъзе сабабҳо ҳимояи аксари ин рисолаҳои илмӣ дар Душанбею Боку ва Тбилиси баъди 10-12 соли ба итмом расиданашон ҳимоя гардиданд. Дар ин мактаби адабии адабиётшиносию забоншиносӣ устодон Х.Мирзозода, Н.Маъсумӣ, А.Эшонҷонов ва чанде дигарон ба сифати роҳбарони илмӣ мададгори аспирантҳо буданд. Аз ҷумлаи онҳое, ки дар ин мактаби адабӣ таҳсил карданд, ҳоло як зумра олимони маъруф ба воя расиданд: Муҳаммадҷон Шукуров, Отахон Сайфуллоев, Юрий Бобоев, Ҷонон Бобокалонова, Фарҳод Зикриёев, Валӣ Самадов, Сулаймон Анваров ва чанде дигарон.

Вақте ки мо дар бораи асосгузорони ин мактаб гап мезанем, наметавонем оид ба як хизмати дигари шоистаи ин мактаби эҷодӣ гап назанем. Факултети мазкур инчунин як манбаи ба воя расонидани шоирон ва адибони ҷавон буд. Дар муддати солҳои зикршуда аз байни донишҷӯён як зумра ҷавонони заковатманд дар маҳфили шоирону адибони ҷавон иштирок карда, истеъдоди шоирию адабии худро зоҳир мекарданд. Ба ин кори бошараф 3 нафар муаллими факултет роҳбарӣ мекарданд. Инҳо Н.Маъсумӣ, Боқӣ Раҳимзода ва Тилло Пулодӣ буданд. Маъсумӣ ва Тилло Пулодӣ ҳамкурс буда, Боқӣ Раҳимзода баъди хатми Институти муаллимии Тошкент, соли 1938 ба курси III факултети забону адабиёти тоҷики Институти педагогӣ дохил шуда, бо Н.Маъсумӣ ҳамкурс мешавад, соли 1940 ҳар се Институти педагогиро хатм мекунанд.

Боқӣ баъди хатми институт ва сар шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба сафи Армияи Сурх сафарбар шуда, баъд аз армия як муддат то ба кори Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон гузаштанаш дар факултет аз адабиёти советӣ дарс медод ва ҷавонони шеърдӯсту навқаламро бо ҳамроҳии

Н.Маъсумӣ ва Тилло Пулодӣ тарбия мекард. Дар ҳақиқат, устод Боқӣ ин вазифаи бошарафро дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бо ҳамроҳии дӯсти ҷониашон, устоди кулли шоирону адибони ҳозираи мо Мирзо Турсунзода бо камоли қаноатмандӣ ба ҷо меоваранд.

Аз байни донишҷӯёни солҳои 50-60-уми факултети филологияи Институти педагогӣ қариб 35-40 нафар шоирону адибони ҷавон ба воя расиданд. Мо дар ин ҷо мехоҳем, қисме аз онҳоеро, ки кайҳо чун шоирон ва адибони боистеъдод маъруф гаштаанд, ном барем. Аз ҷумлаи шоирон Файзулло Ансорӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Лоиқ Шералӣ, Ғаффор Мирзо, Убайд Раҷаб, Собир Султон, Қутбӣ Киром, Камол Насрулло, аз адибон Ӯрун Кӯҳзод, Бобо Насриддинов, аз адибони драматург Абдусалом Атобоев, Меҳмон Бахтӣ, аз адибони журналист Мақсуд Муллоҷонов ва чанде дигаронро ном бурдан айни муддаост.

Бояд гуфт, ки дар муваффақиятҳои ин мактаби адабӣ мавқеи Носирҷон Маъсумӣ шоёни таҳсину офарин мебошад. Аз ин рӯ, устод Н.Маъсумиро мо яке аз асосгузорони ин мактаби адабӣ меҳисобем.

Истеъдоди фавқулоддаи Н.Маъсумӣ ҳамчун педагог ва олими мумтоз дар солҳои 50, 60-70-ум то асної вафоташ (1974) хеле инкишоф ёфта буд. Ин солҳо камолоти педагогӣ, илмӣ-эҷодӣ ва ҷамъиятии ӯро дар бар мегирад. Лексияҳои ӯ дар Институти педагогӣ оид ба таърихи адабиёти асри XVI-XIX ва таърихи забон (асри X-XIX), дар ҳақиқат, барои донишҷӯён - муаллимони ояндаи забону адабиёти тоҷик як бозёфти хеле пурарзиши ҳаррӯза буд. Лексияҳои ӯ роҷеъ ба классикони адабиёти тоҷик Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Бедил, Зебуннисо, Фитрати Зардӯзии Самарқандӣ, Аҳмади Дониш, Абдулқодир Хоҷаи Савдо ва дигарон хеле пурмазмуну таъсирбахш буданд. Вай санъати суханронии ба худ хос дошт. Ҳамеша лексияҳои ӯро донишҷӯён, чунон ки дар

урфият мегӯянд, «ҳама тан гӯш шуда» мешуниданд. Банда ҳам ба лексияҳои ӯ иштирок карда, роҷеъ ба шоирони номбурда маълумоти кофӣ ҳосил кардаам. Аз ин рӯ, ман ба устоди худ Носирҷон Маъсумӣ ба қатори он донишҷӯёне, ки лексияҳои ӯро шунида, дониши пухта андухтаанд, миннатпазирам.

Н.Маъсумӣ нутқи хеле гуворо дошт. Овози марғуладори ӯ дар хондани сурудҳои мақоми классикӣ, ки дар асоси шеърҳои дилпазири Ҳилолӣ, Нозим, Бедил, Фузулӣ, Туғрал ва дигарон аз тарафи бастакорон ва ҳофизони шуҳратманди тоҷик Ҳоҷӣ Абдулазиз, Содирхон, Шоҳназар Соҳибов, Шариф Акрамови самарқандӣ ва дигарон эҷод шудаанд, дар гӯши ёру дӯстони Носирҷон Маъсумӣ танинандоз буданд. Дар аснои лексия ва нутқ кардан дар маҷлисҳо ва суҳбатҳои ҷамъиятию шахсӣ сухан аз қалби ӯ фаввора мезад. Одатан, дар аснои нутқ кардани ӯ ҳама бодиққат гӯш мекарданд. Дар ӯ сеҳри нутқ касб шуда буд, суҳбатҳои ҷамъиятӣ-шахсиро бо нақлҳои дилпазири худ оро медод, чунки дар ҷавонӣ тарбияи падару модари аҳли савод ва устодонаш Ҳайдар Ҳодизода, Лутфулло Бузургзода барин муаллимони донишманду ғамхорро гирифта буд.

Чунон ки Носирҷон нақл мекард, дар аснои донишҷӯ буданаш ҳамеша дар портфелаш як нусха асари бадеӣ ё аз адабиёти классикӣ ва ё советиро андохта мегаштааст. Агар якчанд дақиқаи холӣ пайдо шавад, як саҳифа ва ё чанд ҷумла мутолиа мекардааст...

Носирҷон Маъсумӣ дар айни камолоти эҷодӣ ногаҳон 16 августи соли 1974 бо ҳаёти пурҷӯшу хурӯши худ падруд гуфт. Марги бемаҳали Н.Маъсумӣ барои аҳли маърифати ҷамъияти мо як мусибати хеле вазнин буд. Аз арсаи илму маърифати халқи тоҷик баногоҳ дар дасти марги беамон талаф шудани чунин олими барҷаста, арбоби давлат, шахси фозилтарини соҳаи илми филология, марди хоксори ба

дилҳои ҳамкорон, шогирдону ёру дӯстони қарин, маҳбуби ҳамаи кормандони соҳаи илму адаб ва аҳли оилаи ӯ мусибати андаке набуд.

Дар андуҳномаи роҳбарони Партия ва Ҳукумати Тоҷикистон дар бораи вафоти новақти Н.Маъсумӣ гуфта шуда буд, ки «Илму адабиёти тоҷик талафи калон дод. 16 августи соли 1974 аъзои президиум, академик-котиби Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, аъзо-корреспонденти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, аъзои правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Носирҷон Асадович Маъсумӣ дар 60-умин соли умраш бемаҳал вафот кард. Фарзанди содиқи Партияи Коммунисту олими барҷаста, педагог, шоир, ташкилотчии калони илм, рафиқи мушфиқу меҳрубон аз ҳаёт чашм пӯшид. Вай то рӯзҳои охир машғули меҳнат буд. Дар некролог хизматҳои шоистаи дар назди Ватан адокардаи Носирҷони шодравон як ба як қайд шуда, таъзияномa бо суханҳои зерин хотима ёфтааст: «Хотираи дурахшони фарзанди содиқи Партияи Коммунистӣ, олиму педагоги барҷаста Носирҷон Асадович Маъсумӣ дар дили ҳамаи он касоне, ки ӯро медонистанд, абадӣ хоҳад монд».

Баъди вафоти бемаҳали устод Н.Маъсумӣ ду ҷилди асарҳои мунтахаботи ӯ, қисми I соли 1977, қисми II соли 1980 чоп шуда баромад. Ин мунтахабот бо пешгуфтори Президенти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, аъзо-корреспонденти АФ СССР Муҳаммад Осимӣ дар зери сарлавҳаи «Фарзанди бовафои халқ» оғоз ёфтааст. Дар ин пешгуфтор М.Осимӣ оид ба шароити таърихии ташаккули шахсият ва фаъолияти илмӣ-эҷодии устод Н.Маъсумӣ изҳори ақида намуда, чунин навиштаанд:

«Шароити таърихӣ ва ҳастии иҷтимоие, ки ба ташаккули шахсият ва фаъолияти яке аз сарбозони бовафои илми филологияи тоҷик, шоири ширинсухан ва ходими фаъоли ҷамъият Носирҷон Асадович Маъсумӣ таъсир овардааст,

дорои махсусиятҳои такрорношуданӣ, аломатҳои танҳо ба ҳамон давраи таърихӣ хосе буд. Ташаккули Н.Маъсумӣ чун шахс ва олим, шоир ва ходими ҷамъият ба марҳилаи пурҷӯшу хурӯши сохтмони маданияти сотсиалистӣ мувофиқ меояд. Носирҷон Маъсумӣ чун марди комил, фарзанди бовафои халқи тоҷик дар ин ҷавлонгоҳ монда нашуда хизмат кард. Писари деҳқони оҳангар ба омӯзиши ҳамаҷонибаи таҷрибаи адабии Айнӣ ва Лоҳутӣ пардохта ва худи ӯ низ, чунон ки Айнӣ ва Лоҳутиро хос буд, ба сифати муборизи ҷонфидои инқилоби маданӣ дар Тоҷикистон сабзида расид».

Сарвари олимони Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ дар ин пешгуфтори худ дар ҳаққи Н.Маъсумӣ бисёр суханҳои дилпазир гуфта, барҳақ ба шахсияту фаъолияти илмию ҷамъиятии ӯ баҳои сазовор дода, илова ба корҳои дар соҳаи филология кардаи ӯ, боз лаҳзаҳои хизмати шоистаи ӯро дар хориҷа низ хотирнишон намуданд, чунки вай чандин бор ба Афғонистон ва ба чанд мамлакатҳои араб аз номи мамлакати мо ба сифати намоянда сафар кардааст. Дар он мамлакатҳо дар суҳбату гуфтушунидҳои ҷамъиятию шахсӣ манфиату бартарии сохти сотсиалии Ватани муқаддаси моро боэътимод ҳимоя кардааст: «...чун Маъсумӣ бо тақозои ҳаёт ва бо амри виҷдони коммунистӣ зиндагӣ ва кор мекард, ҳастии ӯ мисли умри безавол аст. Ӯст, ки дар маъракаҳои ҷумҳуриявӣ ва умумииттифоқӣ аз шаъну шавкати рӯзгори сотсиалистӣ болида ва бо ифтихор сухан гуфт, у буд, ки дар ҷамъомад ва мулоқотҳои байналхалқӣ бо рафтори дилнишин ва гуфтори бас латифу ҳақиқатасоси худ теша бар решаи шубҳапарварони муваффақиятҳои мо зад. Сафарҳои якҷояамон ба Афғонистони ҳамсоя ба ёд мерасад. Баъзе нуқсонҳои забоние, ки дар органҳои матбуоти мо мушоҳида мешавад, баъзеҳоро дар хориҷа андаке забондароз карда буданд. Ин буд, ки дар мулоқотҳо бо муаллимон ва донишҷӯёни Университети Кобул саволҳои шубҳаангезе дар ху-

суси марҳилаи имрӯзаи инкишофи забони адабии тоҷик ба вуҷуд омаданд, Н.Маъсумӣ бо як тамкини ба ӯ хос ва тавассути мисолҳои конкрет ба саволҳо ҷавоб дод ва собит кард, ки забони тоҷикӣ боз ҳам бой шуда истодааст, зеботар гардидааст ва зери шубҳа гирифтани муваффақиятҳои он дар солҳои Ҳокимияти Советӣ аз рӯи инсоф нахоҳад буд».

Дар охири пешгуфтори худ Муҳаммад Осимӣ нисбат ба шахсият ва фаъолияти илмӣ-эҷодӣ, саҳми ба маърифати халқи тоҷик гузоштаи Н.Маъсумӣ бо як эҳсосоти пур аз меҳру муҳаббати инсонӣ ва ифтихору сарбаландӣ аз ин олими маҳбуби дили арбоби аҳли илму маърифати халқи тоҷик сухани худро ба охир расондаанд, ки зикраш айни матлаб мебошад:

«Шавқи дили ӯ, дониши фаровони вай ба хазинаи маданияти тоҷик дороиҳо афзуд, ҳар кореро, ки ӯ ба уҳда дошт, бо дили аз ишк саршоре анҷом дод, дар ҳалли онҳо маҳорати фавқулодда ва ҷаҳонбинии ҳамаҷонибаи васеъ зоҳир кард. Адабиётшиносӣ ва тадқиқи эҷодиёти даҳанакии халқ, забони адабии ҳозираи тоҷик ва луғатсозиву луғатшиносӣ, лаҳҷашиносӣ ва омӯзиши таърихи забон, шеъру шоирӣ аз хизматҳои ин марди дарёдил ба пояҳои нави инкишоф расидаанд. Ишқи зиндагӣ омили ҷавонии ӯ, муҳаббат ба кори халқ асоси безаволии ӯ гардидаанд ва ин байти Хоҷа Ҳофиз алҳақ ба ин олими сухансанҷ ва инсони пурмеҳр комилан мувофиқ гуфта шудааст:

*Ҳаргиз намирад он, ки дилаш зинда шуд ба ишқ,*
*Сабт аст дар чаридаи одам давоми мо!*

Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти илмӣ-эҷодию ҷамъиятии Н.Маъсумӣ дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» мақолаи шогирди боистеъдоди ӯ очерки мухтасари адабиётшинос А.Сайфуллоев чоп шудааст. Дар ин очерк роҳи пуршарафи тайкардаи устод Н.Маъсумӣ дар соҳаи филология, фаъолияти илмӣ-эҷодӣ ва ҷамъиятии ӯ хеле мухтасар вале муъ-

ҷазу возеҳ акс ёфтааст.

Ин очерки мухтасар барои дар оянда ҳаматарафа омӯхтани ҳаёт ва фаъолияти илмӣ-эҷодии устод Маъсумӣ ба сифати яке аз манбаъҳои боэътимод хизмат хоҳад кард .

Марги муфоҷоти Носирҷон Маъсумӣ дили ҳама ёру дӯстон, аҳли фазли маорифу маданияти халқи тоҷикро ғарқоби ғаму андуҳ гардонид. Дарду алами ин талафотро яке аз шогирдони Носирҷон Маъсумӣ, шоири боистеъдод Лоиқ Шералӣ дар шеъри «Ғазале ба ёдбуди Носирҷон Маъсумӣ» хеле муъҷазу пурэҳсос ифода карда, нақши неки устоди маҳбуби худро ба қалам додааст:

*Ту дил гум кардию аз кӯчаи дилдор бигзаштӣ,*
*Ту гул гум кардию аз гӯшаи гулзор бигзаштӣ.*
*Ду чашмонат ба роҳи ёр буд он шаб тамоми шаб,*
*Бо ёди рӯи субҳу соати дилдор бигзаштӣ.*

*Сухан-ногуфта, дил - накшода, ҷумла - нотамом, афсӯс,*
*Ба каф аз орзуҳо соғари саршор бигзаштӣ.*
*Ғазалхону сахитабъу суханпарварду базморо*
*Зи базми зиндагӣ вирди забон ашъор бигзаштӣ.*

*Агарчи хоби маргат бурду субҳе чашм накшодӣ,*
*Ту аз дунёи хоболуди мо бедор бигзаштӣ.*
*Дилат абрешимӣ буду садоят низ абрешим,*
*Чи беозор буд то чӣ беозор бигзаштӣ...*

Аҳли ҷамъияти илму адаби ҷумҳурии мо соли 1985 зодрӯзи 70-солагии Носирҷон Маъсумиро ҷашн гирифтанд. Мо ин рӯз дар бораи ҳаёти дурахшони фарзанди боистеъдоди халқи тоҷик Н.Маъсумӣ бо камоли қадршиносию сипосгузорӣ суханҳои нек мегӯем. Ӯро ба туфайли хизматҳои кардааш ёд намуда, ҷода, мавқеъ ва саҳми ӯро дар инкишофи филологияи тоҷик хотирнишон намудем.

Шахсият ва хотираи дурахшони Н.Маъсумӣ ба чунин ҳурмату эҳтиром сазовор аст ва мероси адабию-илмии ӯ дар ганҷинаи маърифати халқи тоҷик саҳми босазое дорад.

## НОСИРҶОН МАЪСУМӢ 50-СОЛА ШУД

Фаъолияти илмӣ-эҷодии Носирҷон Маъсумӣ гуногунсоҳа аст. Соҳибҷашни мо яке аз олимҳои ба назар намоён ва сермаҳсуле мебошад, ки истеъдоди фавқулоддаи худро ба тамоми соҳаи филологияи тоҷик ба кор бурда, чи дар соҳаи адабиётшиносӣ ва чи забоншиносӣ ба муваффақиятҳои шоёни таҳсин соҳиб гардидааст.

Носирҷон Маъсумӣ баъди бомуваффақият тамом кардани курси муаллимтайёркунии тоҷикии Самарқанд ба техникуми педагогии Панҷакент ба сифати муаллими забон ва адабиёти тоҷик таъйин мешавад. Дар ҳамин техникум истеъдоди адибӣ ва олимии ӯ зоҳир мегардад ва бо мақсади давом додани таҳсил ба пойтахти ҷумҳурӣ омада, ба факултети забон ва адабиёти Институти педагогӣ дохил мешавад. Баъди хатми бомуваффақияти институт соли 1940, дар кафедраи забон ва адабиёт ба сифати муаллим таъйин мешавад. Истеъдоди баланди Носирҷон Маъсумӣ барои зуҳуроти худ дар Институти педагогӣ ва дар байни ҷамъияти аҳли илму адаби пойтахти ҷумҳурӣ заминаи мувофиқ пайдо мекунад ва рӯз то рӯз, сол то сол ин истеъдод боло меравад.

Соҳибҷашни мо ҳамчун олим ҳам адабиётшинос ва ҳам забоншинос аст, ҳамчун педагог, пеш аз ҳама, муаллими адабиёти давраи классикӣ (асри XVI-XX), назарияи адабиёт, фолклор ва методисти барҷастаи таълими адабиёт мебошад. Ҳамчун олими адабиётшинос тартибдиҳандаи барнома, китобҳои дарсӣ, муаллифи асарҳои илмӣ доир ба адабиёт мебошанд. (Барномаи адабиёт барои мактабҳои олӣ ва миёна, китоби дарсии синфи X ва хрестоматияи он, дар

ҳайати коллективи рафиқон Мирзозода ва Бобоев). Илова бар ин Носирҷон Маъсумӣ яке аз фолклоршиносони ба назар намоён аст. Аввалин китоби дарсии фолклори тоҷик барои мактабҳои олӣ (1952) ба қалами соҳибҷашни мо тааллуқ дорад ва ин китоб то ҳол ягона китоби дарсие мебошад, ки оид ба фолклори тоҷик ва жанрҳои он маълумоти назариявӣ медиҳад. Бояд гуфт, ки дар фолклоршиносӣ ҳам фаъолияти соҳибҷашни мо дубаҳра аст. Ҳам тадқиқотчӣ, ҳам ҷамъкунанда (намунаи фолклори Афғонистон).

Соҳибҷашни мо Носирҷон Маъсумӣ ҳамчун забоншинос низ шуҳрати калон пайдо кардааст. Фаъолияти ӯ дар ин соҳа низ сермаҳсул аст. Ӯ дар Институти педагогӣ ҳамаи соҳаҳои адабиёту забонро баробар дарс медиҳад. Истеъдоди фавқулодда ба Носирҷон Маъсумӣ имконият додааст, ки қариб ҳамаи соҳаи филологияи тоҷикро аз худ намояд. Устод Маъсумӣ дар институт забони тоҷикиро дарс дода, курси муфассали фонетика ва морфологияи забони адабии тоҷикро кор карда баромад, ки аз рӯи он курс забони адабии тоҷик ба ҳамаи шуъбаҳои забону адабиёти институт таълим дода мешавад. Носирҷон чун олими забон китоби наҳви забони тоҷикиро барои омӯзишгоҳи педагогии ғоибона навиштааст (1949). Дар ин китоби дарсӣ бори аввал дар байни аъзоҳои пайрави ҷумла - объекту ҳол ҳудуди муайяни илмӣ гузошта шудааст. Ғайр аз ин устод Маъсумӣ курси таърихи забони адабиро кор кардааст, ки ҳоло он фан ҳам аз рӯи коркарди устод дар шуъбаҳои рӯзона, шабона ва ғоибонаи факултети забону адабиёт таълим дода мешавад. Дар тартиб додани нақшаи илмӣ ва барномаи забони адабии ҳозираи тоҷик барои факултетҳои забону адабиёти тоҷики институтҳои педагогии ҷумҳурӣ саҳми соҳибҷашни мо Носирҷон калон аст.

Соҳибҷашни мо муаллифи зиёда аз 20 номгуй асарҳои илмӣ, аз ҷумла монография, китобҳои дарсӣ, барномаҳо, очеркҳои тадқиқотӣ оид ба забон, адабиёт, фолклор, усули

таълими адабиёт ва ғайра мебошад, ки ҳаҷми умумии онҳо зиёда аз 170 ҷузъи чопиро ташкил мекунад.

Носирҷон Маъсумӣ дар солҳои 1952-1953 дар зери роҳбарии олими маъруфи адабиёти форсу тоҷик, профессор Александр Болдирев дар шаҳри Ленинград асари калони илмӣ-тадқиқотии худ «Забон ва услуби повести «Марги судхӯр»-ро навишт, соли 1954 он асарро бомуваффақият дар университети мо ҳимоя карда, сазовори номи номзади фанҳои филогогӣ гардид. Кори илмии мазкур дар соли 1959 бо номи «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» чоп шуда баромад. Чоп шуда баромадани ин асар дар филологияи тоҷик як ҳодисаи хеле гуворо буд, чунки дар ин асар муаллифи он ба ду соҳаи илми адабиётшиносию забоншиносӣ ибтидо гузоштааст: Якаш метод ва роҳи омӯхтани забони бадеӣ бошад, дигараш сар шудани ибтидои услубшиносии тоҷик мебошад.

Дар ин асар Носирҷон Маъсумӣ забон ва услуби устод Айниро дар асоси маводи повести «Марги судхӯр» таҳлил кардааст. Асари мазкур дар роҳи омӯхтани забони асари бадеӣ ва муайян намудани ҷиҳатҳои умумӣ ва фардии устод аввалин кори бузурги илмӣ-тадқиқотӣ аст. Дар «Очеркҳо» дар бобати истеъмоли калима ва ибораҳои халқӣ, адабӣ-китобатӣ, калимаҳои русӣ, идиома ва ибораҳои фразеологӣ, зарбулмасал ва мақолҳо маҳорати баланди устод Айнӣ ба хубӣ нишон дода шудааст. Устод Маъсумӣ бори аввал дар забоншиносии тоҷик дар ин асари тадқиқотии пурқимати худ мафҳуми ибораи сифати феълии ноқис (марги бо дӯстон)-ро муайян намуд, ки мо дар забонамон мавҷуд будани чунин ибораҳои феъли ҳолии ихтисоршударо низ мушоҳида намудем. Ин асари муҳими тадқиқотӣ дар оянда ҳам барои бисёр тадқиқотчиёни мо солҳои сол раҳнамун хоҳад шуд. Аз рӯзи чоп шуданаш сар карда ин асари монографӣ китоби рӯистолии муаллимони забону адабиёт, ас-

пирантҳо ва олимони мо гардидааст. Дар асарҳои илмии як гурӯҳ олимон ба «Очеркҳо»-и устод Маъсумӣ баҳои баланд дода шудааст. Аз нав чоп шудани ин асари пурқимат барои пешрафти филологияи тоҷик зарур ва матлуб аст.

Носирҷон дар соҳаи забону адабиёти тоҷик баробар бомуваффақият корҳои илмӣ мебарад, аз солҳои 40 сар карда, оид ба масъалаҳои забону адабиёти тоҷик зиёда аз 50 номгӯй мақолаҳои илмӣ дар саҳифаҳои журналу газетаҳои республикавӣ чоп кардааст. Дар ин мақолаҳо муаллиф оид ба масъалаҳои муҳими забону адабиёти тоҷик фикру мулоҳизаҳои худро баён карда дар ҳалли он проблемаҳои илмӣ саҳми худро гузоштааст.

Носирҷон чун шоир низ шуҳрат дорад. Ҳанӯз аз солҳои 1935 сар карда, шеърҳои аввалини шоири ҷавон, муаллими техникуми педагогӣ Н.Маъсумӣ дар газетаи «Коммунисти Панҷакент» чоп шудааст. Шеърҳои ӯ дар газетаҳои ҷумҳуриявӣ бошад, аз солҳои 1936 сар карда чоп шудан гирифтанд. Носирҷон чанд достон ва як силсила шеърҳои иҷтимоӣ ва лирикӣ эҷод кардааст. Чунон ки маълум аст, чанде аз онҳо ба оҳанг дароварда шуда, дилписанди мардуми кишвари мо гардидааст.

Носирҷон чун адиб мунаққид-тадқиқотчӣ аст, аъзои Иттифоқи нависандагон мебошад. Вай оид ба омӯхтани эҷодиёти нависандагону шоирон низ саҳми калоне гузоштааст. Очеркҳои тадқиқотии ӯ оид ба эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Ҳ.Юсуфӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ аҳамияти калони илмӣ доранд. Дар ин очеркҳо эҷодиёти шоирони маъруфи мо хело устодона таҳлил карда шудаанд. Дар очерки оид ба Туғрал навиштааш Носирҷон моҳияти бедилизми Осиёи Миёнаро ошкор карда, дар ин соҳа «мису зари» Туғралро дуруст нишон додааст.

Носирҷони мо дар байни аҳли маърифати ҷумҳурӣ ҳамчун муҳаррири нуктасанҷ низ шуҳрат дорад, зиёда аз 30

номгӯй асарҳои илмӣ-эҷодиро, ки аксари онҳо монографияҳои илмӣ, асарҳои бадеӣ, очеркҳои адабӣ ва маҷмӯаи шеърҳои шоирон мебошанд, бо диққати нуктасанҷона таҳрир намудааст, ки хонанда дар аснои мутолиаи он асарҳо фасоҳати забони адабии тоҷикро баръало ҳис мекунад ва лаззат мебарад. («Шоҳин ва эҷодиёти ӯ» - Мирзозода, «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона» - Ҳабибулло Назаров ва ғайра).

Таҳлили ҳаматарафаи асарҳои илмии устод Маъсумӣ вақти зиёдеро талаб мекунад, чунки асарҳои эҷодкардаи ӯ гуногунмавзӯъ буда, соҳаҳои васеи филологияи тоҷикро дар бар мегиранд. Маврид фақат ба номбар кардани шумораи онҳо мусоид асту халос.

Бо вуҷуди ин, дар ин ҷо мо дар бораи як асари тадқиқотии оид ба як даври торикмондаи адабиёти классикӣ бахшида навиштаи соҳибҷашн қадре таваққуф карданро бамаврид донистем. Гурӯҳи калони адабиётшиносон бо сардории устод Айнӣ аз солҳои 1940 сар карда, ба омӯхтани адабиёти классикии асрҳои XVI-XIX шурӯъ намуда, дар бобати равшан кардани роҳи тараққиёти адабиёти ин асрҳо ва муайян кардани намояндагони барҷастаи он муваффақиятҳои калоне ба даст даровАрданд. Вале адабиёти асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX аз назари тадқиқотчиён дур монда буд, ҳатто чунин фикре ҳам пеш ронда шуд, ки гӯё дар ин давра ҳеҷ гуна ҳаёти адабии пешқадам набуд ва ягон шоиру нависандае, ки пешбарандаи фикрҳои прогрессивӣ бошад, ба воя нарасидааст.

Ана ба муқобили ҳамин ақидаи на чандон дуруст кори илмии соҳибҷашни мо бо номи «Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX» равона карда шудааст. Дар асари мазкур дар асоси маъхазҳои бисёрӣ адабӣ лавҳаи ҳаёти адабии ин давра дар Бухорову Қӯқанд муайян ва равшан карда мешавад. Носирҷон Маъсумӣ баъд аз мушоҳида ва тадқиқи фактҳо ба чунин хулоса меояд, ки дар шароити таърихии асри

XVIII ва нимаи аввали асри XIX чароғи адабиёти классикиро хомӯшшуда шуморидан мумкин нест, адабиёти пешқадами демократӣ вуҷуд дошт, афкори иҷтимоии он бо намояндагонаш «Дар осмони пурғубору тираи аморати Бухоро ва Фарғона ҳамчун ситораи бахту умед медурахшиданд» (с. 90).

Дар ин асари пурқимати Носирҷон эҷодиёти намояндагони адабиёти пешқадами ин давра Мирзо Содиқи Муншӣ, Ҳозиқ, Гулханӣ, Махмур, Маъдан ва Ҳусайни Дониш бо камоли нуктасанҷӣ тадқиқ ва таҳлил шуда, мавқеи онҳо дар он ҳаёти адабӣ муайян карда шудааст. Дар ин китоб материалҳои нав, хулосаҳои нав оид ба ҳаёти адабии ин давра мавҷуд аст, ки онҳо барои адабиётшиносии мо аҳамияти калони илмӣ-амалӣ доранд. Давраи хело норавшану омӯхтанашудаи адабиёти моро ин асар равшан мегардонад, шарафи ин кори хайр ба соҳибҷашни мо тааллуқ дорад.

Н.Маъсумӣ дар Институти педагогӣ ба ғайр аз муаллими чанд сол пайи ҳам мудири кафедраҳои забон ва адабиёт ва солҳои 1956-59 ба вазифаи проректори Институти педагогӣ доир ба қисми илмӣ бомуваффақият кор кард.

Дар охирҳои соли 1959 соҳибҷашни мо ба вазифаи директории Институти забону адабиёти ба номи Рӯдакӣ таъйин мешавад. Ба ин вазифа таъйин шудани устод Маъсумӣ барои Институти ба номи Рӯдакӣ, мумкин гуфт, саршавии як даври нисбатан гардиш ба шумор меравад. Аз соли 1960 то ин ҷониб аз ходимони институт 23 нафар рафиқон ба мавзӯҳои гуногуни филологияи тоҷик диссертатсияи илмӣ ҳимоя карда, сазовори номзади фанҳо гардиданд, ки ин муваффақияти шоёни Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ аст. Қариб ҳамаи асарҳои илмии ин рафиқон баъзеашон таҳрир, қисмашон тақриз ва чанде дигарашон бо роҳи хонда маслиҳат додан шахсан аз назари Носирҷон гузаштаанд, ки бешубҳа, ин илтифоти бузург маҳзи ҳимоя ба муаллифони он асарҳо ёрӣи амалӣ бахшидааст.

Яке аз корҳои ба назар намоёни соҳибҷашни мо бо ҳамроҳии адабиётшиносу забоншиноси боистеъдоди мо Муҳаммадҷон Шукуров ва дигарон ба охир расонидани таҳрири луғати эзоҳии забони адабии тоҷик мебошад. Ин луғат самараи меҳнати коллективонаи шуъбаи луғатшиносони институт аст, ки дар асоси материали адабиёти форсу тоҷики асрҳои X-XIX ва аввали асри XX тартиб дода шуда, ҳоло дар Москва дар арафаи чоп мебошад. Ҳаҷми ин луғати дуҷилда 220 ҷузъи чопӣ аст. Бешубҳа, дар кори бомуваффақият анҷом ёфтани чунин кори бузурги коллективи институт аз забону адабиёт дониши пухтаву мукаммал доштан, дорои таҷрибаи бойи илмӣ-эҷодӣ будан ва қалами бақуввати муҳаррирӣ доштани соҷибҷашни мо ёрии амалӣ расонд, ки чунин кори бузург анҷом ёбад, қайд кардани ин факт дар чунин маврид зарур ва сазовори офарин аст. Устод Н.Маъсумӣ чун олими барҷаста чандин шогирдҳои баландихтисоси соҳаи гуногуни филологияи тоҷик низ тайёр карданд. Аз ҷумла, аз шогирдони соҳибҷашн Отахон Сайфуллоев (адабиёти советӣ), Абдураззоқ Ғаффаров (забон ва услуб), Асадулло Сӯфиев (фолклор) Авнер Аминов, (методикаи адабиёт) бомуваффақият диссертатсияҳои илмӣ ҳимоя карда, ба гирифтани унвони илмии номзади фанҳои филологӣ мушарраф гардиданд. Аз қабили шоирони боистеъдоди мо Ғаффор Мирзо, Файзулло Ансорӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Убайд Раҷаб, Лоиқ Шералӣ ва чанде дигарон дар Институти педагогӣ оид ба забону адабиёти тоҷик дарсҳои пурмазмуни устод Н.Маъсумиро шунидаанд ва он дарсҳои пурмазмун шавқу ҳаваси ин ҷавонони боистеъдодро ба сӯи назми баландпарвози халқи мо раҳнамун гардидаанд.

Дар 10-15 соли охир аз ҷумлаи ҷавононе, ки дар солҳои гуногун факултети забону адабиёти тоҷики Институти педагогии моро тамом кардаанд, зиёда аз 50 нафар рафиқон оид ба соҳаҳои гуногуни филологияи тоҷик дар зери роҳбарии

олимони маъруфи мо Александр Болдирев, Михаил Боголюбов, Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов, Холиқ Мирзозода, Шарифҷон Ҳусейнзода ва дигарон асардои илмӣ-тадқиқотӣ навишта сазовори унвони илмӣ - номзади фан гардиданд. Инҳо рафиқон Ҷонон Бобокалонова, Яҳё Исоев, Назаршо Бозидов, Додхудо Карамшоев, Нодир Карамхудоев, Пулод Қурбонов ва бисёр дигарон мебошанд, ки ҳоло дар мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмӣ бомуваффақият кор карда истодаанд. Бешубҳа, барои ҳавасу мароқи ин ҷавонони боистеъдодро ба суи қуллаҳои баланди илм равона карда, дар дили онҳо пайдо кардани завқи илмӣ ба қатори дигар муаллимони институти мо саҳми Носирҷон Маъсумӣ низ хеле калон аст.

Қайд кардан лозим аст, ки зиёда аз 100 нафар ҷавонони боистеъдод, ки дар солҳои гуногун факултети забону адабиёти тоҷикро хатм кардаанд, дар идораҳои илмӣ, институтҳо, газетаву журналҳои ҷумҳурӣ, нашриёт, радио ва телевизион ба сифати ходимони илмӣ, муҳаррирон ва ғайра садоқатмандона кор мекунанд. Дили онҳо ҳамеша нисбат ба яке аз устодони худ - устод Маъсумӣ пур аз меҳру муҳаббат мебошад.

Бояд гуфт, ки ҳоло чанде аз дастпарварони Институти педагогӣ, ки дар аснои таҳсили худ дар факултети забон ва адабиёти тоҷик, лексияҳои пурмазмуни устод Маъсумиро шунидаанд, ба дараҷаи олимони ба назар намоён сабзида расидаанд. Аз қабили ҳамингуна дастпарварони Институти педагогии мо рафиқон Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷон Шукуров, Раҷаб Амонов ва Низом Нурҷонов мебошанд, ки дар роҳи пешрафти соҳаҳои гуногуни маданияти халқи тоҷик монда нашуда кор мекунанд.

Содибҷашни мо коммунист Носирҷон Маъсумӣ дар солҳои охир ҳамчун арбоби давлат, олими маъруф ба эътирофи умум сазовор гардидааст. Соли 1960 хизматҳои дар соҳаи илму маърифат кардаи ӯро ба эътибор гирифта, Совети Олии Тоҷикистон ба ӯ номи Ходими хизматнишонҳо-

даи илмро дод. Носирҷон аз соли 1963 инҷониб депутати Совети Олии Тоҷикистон аст. Инчунин аъзои Ҷамъияти робитаҳои маданӣ бо мамлакатҳои хориҷа мебошад. Зиёда аз 20 сол аст, ки Носирҷон аъзои ҳайати таҳририяи журнали «Мактаби советӣ» аст. Вай аъзои «Энсиклопедияи мухтасари адабӣ» (Москва) мебошад, инчунин аъзои Комитети назорати халқии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон аст. Дар ҳамаи ин муассисаҳои илмӣ ва давлатӣ вазифаи ҷамъиятии худро садоқатмандона ба ҷо меорад. Соҳибҷашни мо дар кори пешрафти маърифати ҷумҳурӣ, пешрафти филологияи тоҷик, дар роҳи тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ-педагогӣ монда нашуда, хизмат мекунад. Вай соли 1940 чун шоир ба аъзогии Иттифоқи нависандагон қабул шудааст.

Носирҷон Маъсумӣ ҳамчун инсони баркамоли хоксори гузарост. Дар муносибат бо дӯстон, шогирдон, ҳамкасбон ва ҳамаи дигарон бо камоли одоб, рафтор ва муомила кардан фазилати наҷибонаи вай аст. Дар шах- сияти як кас ҷамъ омадани ин гуна фазилатҳои хуб ва дониши гуногунсоҳа ҳодисаи нисбатан нодир аст. Ба ҳамаи ин муваффақиятҳо соҳибҷашни мо дар натиҷаи меҳнати бисёру босадоқат ноил гардидааст. Ба ақидаи мо, ҳамаи ҳамин хислату хусусиятҳо ӯро дар байни дӯстон, ҳамкасбон, шогирдон ва шиносон соҳиби эҳтироми бузург гардонидаанд. Дар ҳақиқат, чунин шахс монанди Носирҷон Маъсумӣ наметавонад ҳусни таваҷҷуҳи дили аҳли маърифатро ба худ накашад!

Носирҷон Маъсумӣ дар маҷлисҳои расмӣ, дар суҳбатҳои шахсӣ ҳамеша бо фазилату заковати худ, ҳазлу шӯхӣ ва лутфҳои ширину дилпазири худ ородиҳандаи маҳфили дӯстон мебошад. Илова ба ин Носирҷони мо ҳофизи хушнавоест, ки шеърҳои Ҳилолию Навоӣ, Ҳофизу Камол ва Нозиму Туғралро бо савтҳои классикӣ фораму дилписанд месарояд ва аҳли суҳбатро мафтун мегардонад.

Чунон ки Рӯдакии бузург гуфтааст: «Дониш андар дил

чароғи равшан аст». Чунин чароғи равшан 30 сол муқаддам дар дили пурҷӯшу хурӯши Носирҷон даргирифта, дар роҳи маърифати халқи тоҷик партавфишонӣ мекунад. Дар ин муддат Носирҷон барои пешрафти маърифати халқи худ саҳми арзандае гузоштааст, ки аҳли ҷамъияти мо ба он саҳми бузург имрӯз баҳои сазовор дода истодааст.

Бояд гуфт, ки соҳибҷашни мо ба ҳамаи ин муваффақиятҳо ба шарофати Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр ва роҳбарии Партияи Ленини Кабир ноил гардидааст. Вагарна ба чунин муваффақияту шаъну шараф соҳиб шудани як деҳқонписари тоҷик дар хобу хаёл ҳам тасаввурнашаванда буд.

Рафиқон! Соҳибҷашни мо, Носирҷон, ҳоло дар айни камолоти эҷодӣ аст. Маърифати халқи мо аз истеъдоди баланди ин олими сермаҳсул боз умедҳои бисёре дорад. Аҳли ҷамъияти мо қадри олими барҷастаашро медонад, ба хизматҳои шоёни ӯ баҳои сазовор медиҳад. Бигузор, соҳибҷашни мо, Носирҷон Маъсумӣ, бардаму саломат бошад, дар хизмати илму маърифати ҷумҳурии мо монда нашуда кор кунад. Мо умедворем ва боварӣ дорем, ки Носирҷон Маъсумӣ боз дар оянда дар соҳаи забону адабиёти тоҷик асарҳои пурқимат эҷод мекунад ва шогирдони бисёре ба воя мерасонад ва барои пешрафти маданияти халқи худ ҳиссаи аз ин ҳам зиёдтар мегузорад.

*Январи соли 1966*

## АВВАЛИН АСАРИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ ДОИР БА ЗАБОНИ АСАРИ БАДЕӢ

Забони адабии тоҷик дар давоми зиёда аз ҳазорсолаи роҳи тайкардаи худ пояҳои гуногуни тараққиёти таърихиро аз сар гузаронида, аз ҷиҳати таркиби луғат ва сохти грамматикӣ инкишоф ва такмил ёфта, суфта гардида, ба шарофати Инқилоби Сотсиалистии Октябр ҳамчун муваффақияти бузурги маънавии халқи тоҷик ба дараҷаи забони миллӣ

расид. Маҳз ҳамин вобастагии таърихӣ характери инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик ва сохти грамматикии онро муайян кардааст.

Дар масъалаи содаву демократикунонидани забони тоҷикӣ дар охирҳои асри XIX қадамҳои аввалинро сарвари маорифпарварон Аҳмади Дониш ва пайравони он гузошта бошанд, дар ин соҳа амалиёти нисбатан ҷиддӣ ва шоёни таҳсинро дар аввалҳои асри XX устод Айнӣ ва як қисм зиёиёни дигари пешқадами ҳамон давр нишон додаанд.

Доир ба ин давраи вазъияти забони адабии тоҷик ва кӯшишҳои ба омма наздик кардану содаву демократӣ намудани он хизмати гурӯҳҳои пешқадами ҷамъияти ҳамонвақтаи халқи тоҷикро бо сарварии устод Айнӣ Н.Маъсумӣ ба ин тариқа шарҳ додааст: «Гурӯҳҳои пешқадами ҷамъиятӣ дар содаву демократикунонидани забони адабӣ ва услуби адабиёт манфиати оммаи халқро медиданд. Дар ибтидои асри XX дар кори содаву ба омма наздик кардани забони адабӣ хизмати Садриддин Айнӣ ниҳоят калон аст. Насри бадеӣ дар ибтидои асри XX хеле кам буд. Вазъияти наср аз рӯи китобҳои адабӣ, дарсӣ, рисолаҳои илмӣ таъйин карда мешавад. Аз ин ҷиҳат китоби дарсии С.Айнӣ «Таҳзиб-ус-сибён» дар масъалаи муайян кардани вазъияти забони адабӣ ва махсусан забони наср аҳамияти зиёде дорад. Забони ин китоб баъзе хислатҳои забони умумихалқии тоҷикро дарбар карда, ҳамчун як намунаи аввалини забони ҳозираи адабии тоҷик намоён мешавад» («Очеркҳо...» С. 7-8).

Баъди Инқилоби Сотсиалистии Октябр масъалаи чӣ гуна шакл гирифтани забони адабии тоҷик ва пурраю ҳарҷониба демократӣ кунонидани он, ҳамчун яке аз масъалаҳои сиёсӣ ва давлатӣ, дар маркази диққати қувваҳои пешбарандаи ҷамъияти нав меистод. Дар ин бора Н.Маъсумӣ менависад: «Сохти нави ҷамъиятӣ, шароити тамоман нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ нақши забони тоҷикиро торафт зиёд карда,

характери онро нисбат ба пешина тағйир додан гирифт» («Очеркҳо...» С.8). Забони тоҷик вобаста ба пешрафти инқилоби маданӣ инкишоф ва такомули ҷиддиро аз сар гузаронида, аз бисёр ҷиҳатҳо сифатҳои навро дарбар карда, ба асоси худ - забони умумихалқӣ хеле наздик шуд ва характери оммавӣ пайдо кард.

«Очеркҳо...» аз сарсухан ва бобҳои зерин иборат аст:

1. Рол ва мавқеи С.Айнӣ дар инкишофи забони адабии тоҷик баъд аз Инқилоби Октябр.

2. «Марги судхӯр» - асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ.

3. Хусусиятҳои луғавии повести «Марги судхӯр».

4. Ибораҳои халқӣ дар забони «Марги судхӯр».

5. Хусусиятҳои морфологии забони повести «Марги судхӯр».

6. Баъзе хусусиятҳои синтаксисии забони «Марги судхӯр».

Бобҳои номбаршуда ба эътибори масъалаҳои дарбар гирифтаи худ боз ба бобчаҳои алоҳида мувофиқи моҳияту ҳаҷми масъалаҳои таҳлилшуда тақсим шудаанд.

## I

Дар боби «Рол ва мавқеи С.Айнӣ дар инкишофи забони адабии тоҷик баъд аз Револютсияи Сотсиалистӣ» Н.Маъсумӣ ҷараёни инкишоф ва такомулоти забони адабиро бо камоли донишмандӣ ва заковати баланди илмӣ ба таври бояду шояд бо услуби илмии хеле фасеҳ, ки аз мутолиаи он манзараи таърихи гузаштаи халқи мо дар пеши назар чун дар оина ҷилвагар менамояд, бо як равшанӣ ва мантиқи амиқу услуби равони ҷозибанок ба қалам медиҳад. Оид ба шарҳи масъалаҳо бояд гуфт, ки зиёда аз Н.Маъсумӣ беҳтар ягон чиз гуфтан амри муҳол аст. Дар «Очеркҳо...» оид ба масъалаи чун забони сифатан нави адабӣ сурат гириф-

тани забони адабии ҳозираи тоҷик ва дар ин роҳ рол ва мавқеи шароити таърихӣ, тағйироти ҷамъиятии ба амал омада, инчунин роли матбуоту маориф ва нависандагонро муфассал шарҳу эзоҳ дода, махсусан хизмати бузурги устод Айниро ҳаққонӣ хотирнишон менамояд. Ӯ менависад: «Садриддин Айнӣ, ҳамчун асосгузори адабиёти советии тоҷик, олим ва устоди сухани бадеӣ, дар соҳаи тараққиёти забони адабии ҳозираи тоҷик, забон ва услуби насри советӣ нақши бузурги ҷамъиятӣ ва таърихӣ бозидааст. Муборизаи вай барои демократӣ кунонидан, нигоҳ доштани тозагӣ ва боигарии забони адабӣ аз ибтидои фаъолияти адабии ӯ сар карда бо мубориза барои такомулоти забон ва услуби адабиёти нави реалистӣ, бо мубориза барои инкишофи насри советии тоҷик сахт вобаста шуда омадааст» («Очеркҳо...». - С.9).

Н.Маъсумӣ баъд аз ин мулоҳизаҳо роҷеъ ба муборизаҳои устод Айнӣ дар ин роҳ муфассал сухан ронда, мавқеи китоби «Таҳзиб-ус-сибён», баъд аз Инқилоби Октябр офарида шудани нахустин повести советии тоҷик «Одина» ҳамчун бозёфти аввалини устод дар ин роҳ ва баъдҳо дар соҳаи суфташавӣ, оммавӣ кунонидан ва такомулоти забони насри бадеии тоҷик сабаб гардидани дигар асарҳои безаволи устодро аз қабили «Дохунда», «Ғуломон», «Ҷаллодони Бухоро», «Мактаби кӯҳна», «Марги судхӯр», «Ёддоштҳо» ва ғайраро номбар кардааст. Дар ҳақиқат, асарҳои номбурдаи устод на танҳо барои инкишофу такомули забони адабии тоҷик, балки барои маърифатнок шудани гурӯҳҳои гуногуни зиёиёни пешқадами халқи тоҷик низ хизмати босазое кардаанд.

Асари илмӣ-тадқиқотии Н.Маъсумӣ «Очеркҳо...» ба тадқиқоти асари барҷастаи устод Айнӣ «Марги судхӯр» бахшида шудааст. Асари «Марги судхӯр» дар эҷодиёти устод Айнӣ мақоми хос дорад ва беҳуда нест, ки барои тадқиқ ва рав-

шан намудани масъалаҳои инкишофу такомули забони адабӣ ҳамин асари адабӣ диққати олими нуктасанҷи гузаро ва соҳибистеъдоду адиби фозили моро ба худ кашидааст. Бо мақсади тадқиқ аз байни асарҳои устод Айнӣ повести «Марги судхӯр»-ро интихоб намуда, баъд аз қайди зарурат ва мувофиқи муддао будани интихоби асари мазкур чӣ тавр ҷомаи амал пӯшидани вазифаи дар назди худ гузоштаашро Н.Масъсумӣ ин тавр ба қалам додааст: «Мо дар таҳлили забони асар методи «тадқиқи яклухт» ё таҳлили умумиро пеш гирифта, забони повестро аз ҷиҳати луғат, фразеология (ибораҳо), морфология ва синтаксис дида баромадем, ки дар дар кадоме аз ин қисмҳо, дар мавриди худ, хусусияти забони тасвирии нависанда ва сухани персонажҳо, инчунин тарзи истеъмоли услубии сухани персонажҳо, инчунин тарзи истеъмоли услуби воситаҳои забон низ нишон дода мешавад» («Очеркҳо...». – С.11).

Дар охири сарсухани «Очеркҳо...» Н.Маъсумӣ доир ба чопи солҳои гуногуни «Марги судхӯр» таваққуф карда, хотирнишон менамояд, ки тадқиқу муайян намудани тағйиротҳои дохилшуда аз нуқтаи назари забон ва адабиёт мавзӯи кори алоҳида мебошад. Дар роҳи тадқиқи илмии асарҳои бадеӣ аз нуқтаи назари такомули инкишофи забони адабӣ ин кӯшиши худро таҷрибаи аввалин гуфта, бо камоли хоксорӣ ва фурӯтании ба худаш хос ин асари безаволи худро бенуқсон ва баркамол ҳисоб намекунад ва изҳори умедворӣ менамояд, ки асари мазкур ба аҳли ҷамъияти маърифатпарвари мо фоидае хоҳад расонд. Оид ба моҳияти ин асари илмии пурқимат мо мулоҳизаҳои худро баъд аз таҳлили ҳамаи бобҳои асар дар охир мухтасар баён хоҳем кард.

Асари тадқиқотии «Очеркҳо...»-ро Н.Масъсумӣ дар солҳои 1952-1953 дар Ленинград навишта ба итмом расонид. Дар навиштан ва муҳокимаю мутолиаи он олимони номии Ленинград бо сарварии муаллиму мураббии аксарият оли-

мони соҳаи филологияи тоҷик, олими номии эроншиноси советӣ, ходими хизматнишонҳодаи РСС Тоҷикистон, профессор А.Н.Болдирев кумаку ёриро дареғ надошта буданд, ки ба ин лаҳза худи Н.Маъсумӣ дар охири сарсухани китобаш ишора кардааст. Хушбахтона, бояд қайд кард, ки ҳамон солҳо нависандаи ин сатрҳо ҳам дар Ленинград будаму дар як ҳавлии назди қасри Смолный истиқомат доштем ва аз суҳбати якдигар шоду аз муваффақиятҳои эҷодӣ ва бозёфтҳои илмии якдигар баҳраманду комёб будем. Он вақтҳо Н.Маъсумӣ, махсусан, барои ман дар тадқиқи мавзӯи илмиам кумаки ҷиддӣ мерасонд.

## II

Дар боби «Марги судхӯр»-асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ» Н.Маъсумӣ роҷеъ ба роли адабӣ-эҷодии устод С.Айнӣ ишора карда, повестҳо ва романҳои ӯро номбар намуда, дар ин роҳ мавқеъ ва роли таърихии устодро шарҳ дода менависад, ки повесту романҳои устод... «бо моҳияти худ дар хазинаи маданияти шаклан миллию мазмунан сотсиалистии тоҷик гузориши гаронбаҳои эҷодиёт, ба фонди умумиадабиёти сермиллати советӣ дохил шуда, мақоми санъаткори бузург - Айниро ба дараҷаи баланд бардоштанд» («Очеркҳо...». – С.39).

Дар ин боб оид ба мавқеи таърихии асарҳои устод Айнӣ сухан ронда, ба ҳар кадоми он повест ва романҳо баҳои сазовор дода, аз байни онҳо сабаби чун объекти тадқиқ интихоб намудани повести «Марги судхӯр»-ро ин тавр шарҳ додааст: «Дар повести «Марги судхӯр» истибдод ва ҷаҳолатпарастӣ, зулму истисмор ва ғоратгарӣ, бетартибӣ ва бесару сомонии дунёи кӯҳна ниҳоят зинда ва пурқувват тасвир ёфтааст... Дар ин ҷо реализми Айнӣ бо қувваю хислатҳои нави баркамоли худ зоҳир гардида, аҳамияти бадеӣ, сиёсӣ, таърихӣ ва маърифатбахшандаи асарро чанд дараҷа боло

мебардорад» («Очеркҳо...». – С.42).

Дар маркази диққат дар повест ҳаёт ва амалиёти судхӯри гузарои Бухоро Қорӣ-Ишкамба меистод. Устод Айнӣ ба ин муносибат тамоми хислатҳои мудҳиши дунёи феодалии охири асри XIX ва аввали асри XX Бухорои «Шариф»-ро дар образи мумсики гузаро Қорӣ-Ишкамба ва дигар персонажҳои манфии «Марги судхӯр» пурра ва ҳаматарафа таҷассум кардаанд.

Н.Маъсумӣ нишон медиҳад, ки устод Айнӣ бо камоли маҳорат ба воситаи ин повест пардаи пур аз разолати ҳаёти феодалии аморати Бухороро медаронад ва бо қалами шамшермонанди ҳаҷв фисқу фасоди зиндагии ба ҳалокат дучоршудаи он давраро бо як устодии беназир фош менамояд. Оид ба ин боб, ки бештар ба ҷиҳати моддияти адабию таърихии асар тааллуқ дорад, таваққуф намуданро зарур надониста, дар охир бо суханони худи муаллиф иктифо мекунем: «Повести «Марги судхӯр» натиҷаи меҳнати зиёди эҷодкоронаи санъаткори бузург С.Айнӣ ва нишондиҳандаи пояи нави инкишофи адабиёти реализми сотсиалистӣ мебошад. Айнӣ дар намунаи ин асар исбот кард, ки дар натиҷаи бо ҳам омехтани анъанаҳои бехтарини адабиёти классикӣ ва халқии тоҷик, бо таҷрибаҳои адабиёти классикӣ ва советии рус, дар натиҷаи мустаҳкам истодан дар роҳи реализми сотсиалистӣ, дар асоси дуруст ва эҷодкорона истифода намудани боигарии забонӣ ва услубии забони адабӣ ва забони зиндаи халқ асарҳои бомаҳорати оригиналӣ ба вуҷуд овардан мумкин аст... санъати бузурги реалистии С.Айнӣ дар повести «Марги судхӯр» далели барҷастаи ин гуна меҳнати пурсамари эҷодӣ мебошад» («Очеркҳо...». – С.5-54).

## III

Дар боби хусусиятҳои лексикии повест маҳорати баланди камолоти нависандагӣ ва барои пурра ва равшан акс кар-

дани воқеаю ҳодисаҳои тасвиршаванда, инчунин хеле барҷаста ошкор намудани симои қаҳрамонҳои асосии «Марги судхӯр» аз калимаву ибораҳои таърихӣ-архаистӣ бо камоли маҳорат истифода намудани устод Айниро қайд карда, калимаҳоро вобаста ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти давраи феодалии аморати Бухоро ба 8 гурӯҳ тақсим намуда, нуктасанҷона аз назар гузаронида, зарурияту моҳияти истифодаи онҳоро ба таври возеҳ шарҳу эзоҳ додааст. Вақте ки хонанда шарҳи мавриди истифодаи калимаҳои таърихӣ-архаистиро дар «Очеркҳо...» мутолиа мекунад, ба назар ду шахси донандаи ҳаёти иҷтимоии давраи тираву тори феодалии Бухоро ба назар ҷилвагар менамояд. Аз як тараф, устод Айнӣ, ки ҳамаи он калимаҳои мансуби он давраро бо маҳорати баланди бадеиёт барои дар пеши назари хонанда пурраву равшан тасвир намудани ҳаёти он давра ва кушодани характеру хислати қаҳрамонҳои асар бо майдатарин ҷузъиёташ истифода карда, ба ҳадаф расонида бошанд, аз тарафи дигар, нависанда он калимаҳоро бо кадом мақсаду муддао истифода кардааст, аз назари адабиётшиносӣ ва забондонӣ шарҳу эзоҳ додани Н.Маъсумиро мутолиа карда, дар хонанда таассуроте пайдо мешаванд, ки ба чи андоза ин олими нуктасанҷ аз замири дили нависанда огоҳ асту аз назари илмӣ тири ба ҳадаф расидаи нависандаро бо муҳру имзои илмӣ тасдиқ карда истода, ба истеъдоди баланду маҳорати нависандагии устод Айнӣ бо камоли қадршиносӣ баҳои сазовор медиҳад.

Дар ин боб, пеш аз ҳама, Н.Маъсумӣ қайд мекунад, ки калимаҳои ҳоло аз истеъмол баромада, дар «Марги судхӯр» барои он кор фармуда шудаанд, ки он калимаҳо ба андозаи муайян бо характер ва мазмуни ҳодиса ва воқеаҳои тасвиршавандаи асар зич алоқаманд мебошанд. Калимаҳои кӯҳнашуда ва таърихии дар асар истифодашуда ҳамчун воҳидҳои ягонаи ифодакунандаи сохти давлатӣ, маъмурӣ ва муноси-

батҳои ҷамъиятии феодалии Осиёи Миёнаи охири асри XIX ва аввали асри XX-ро чун оина нишон медиҳад. Ҳамаи калимаҳои кӯҳнашуда ва таърихии асар ба 8 гурӯҳ ҷудо карда шуда, аз назари илмӣ шарҳу эзоҳ ёфтаанд:

1. Гурӯҳи калима ва ибораҳое, ки бевосита сохти ҳукумати амирӣ ва системаи аппарати давлати вайро ифода мекунад: амир, қушбегӣ, миршаб, қозӣ, қозикалон, раис, мулозим, даҳбошӣ, оқсаққол, арбоб, амин, сарбоз, кафкоз, навкар, фидоӣ, галаботур ва ғайра. Н.Маъсумӣ қайд мекунад, ки истифодаи калимаҳои зикршуда қариб барои ҳамаи асарҳои устод характерноканд, чунки хизмати бузурги устод ҳам дар соҳаи тасвири бадеии ҳаёти гузашта ва ҳам имрӯза баробар мавқеи бузурги маърифатию таърихӣ дорад. Албатта истифодаи ин калимаҳо дар ҳар асар ба мавриду ба мароми муддаои услубӣ ва тасвири воқеа ва ҳодисаҳои умумию фардӣ зич вобастагии мантиқӣ дорад. Калимаҳои кӯҳна ва таърихии зикршуда барои дар хонанда пайдо кардани эҳсосоти реалӣ ва барои хонандаро ба ҳамон олами тасвиршаванда дохил кардан, ҳосил шудани муддаои тасвири воқеа ва ба ҳадаф бехато расидани тири эҷодӣ дар асар ба кор бурда мешавад. Аз ҷумла, калимаи «Кафкоз» дар асар истифода шудааст ва шарҳи он калима ба қалами худи устод тааллуқ дорад, ки инро Н.Маъсумӣ ишора кардааст: «Як гурӯҳ аскарони савораи амирро «кафказ» мегуфтанд. Устод ин калимаро дар «Ёддоштҳо» чунин шарҳ додаанд: «Дӯхти либосҳояшон, умуман, бо шакли либосҳои мардуми Доғистон ва шимолии Кафказ буд» (С.Айнӣ, Ёддоштҳо. – қисми 1. – С.149).

Хулоса, зиёда аз 40 калимаи доир ба сохти давлатдории аморати Бухоро шарҳу эзоҳ ёфтааст, ки аз бисёр ҷиҳатҳо мақсаду мароми истифодаи онҳо дар услуби эҷодии устод мақоми муайяне доранд ва шарҳи онҳо ба таври бояду шояд аз назари илмӣ дар «Очеркҳо...» маънидод шудаанд.

2. Дар повест гурӯҳи дигари калимаҳои кӯҳнашуда истеъмол шудаанд, ки он калимаҳо мафҳумҳои гуногуни иҷтимоиро дарбар гирифта, ҳаёти маданӣ ва мактабу маориф, тарзи зиндагии мадраса ва номгӯи унвону дараҷаи мақомоти дар ин соҳа доштаи мардумро мефаҳмонад. Калимаҳои домулло, иҷтимоона, ифтитоҳона, ҷузъиёт, орият, ҳалвоӣ, мударрис, муллобача, қории ҷамоа, домуллои кунҷакӣ, вақф, вақфи авлод, халифа, дарсхона, ҳуҷраи зархарид ва ғайра аз ҳамин қабиланд. Ин калимаҳо моҳиятан ба мақсаду мароми воқеа ва ҳодисаҳои тасвиршаванда мувофиқ истифода шуда, барои реалистона маънидод шудани воқеаҳо ба нависанда бевосита ёрӣ расондаанд.

3. Дар повест як гурӯҳ калимаҳои кӯҳнаи таърихӣ истеъмол шудааст, ки онҳо ҳаёти табақаи бо корҳои савдою савдогарӣ шуғлдоштаро фаҳмонда, ба нависанда чун воситаҳои тасвири реалӣ хизмат кардаанд. Калимаҳои аттор, баззоз, вофурӯш, дӯкон, дӯкондор, доруфурӯш, ошхонадор, корвонбошӣ, заркафил, савдогар, майдадӯкондор, баққол ва ғайра аз ҳамин қабиланд. Ҳамаи ин калимаҳо дар услуби нависанда ба кадом мақсаду муддао истифода шудаанд, дар «Очеркҳо...» ба таври фасеҳ аз назари илмӣ шарҳ ёфтаанд.

4. Дар повест чанде аз калимаҳои таърихӣ-архаистӣ ба сифати номгӯи ҳодисаҳо, муносибати иҷтимоӣ, урфу одат ва ҳуҷҷатҳо истифода шудаанд, ба монанди маснавихон, мурофиа, муҳрона, санад, васиқа, мазҳар, вексел, хатти ибро, хатти иршод ва ғайра. Ҳамаи ин мафҳумҳои ҳоло куҳнашуда дар «Очеркҳо» равшану возеҳ шарҳ ёфтаанд.

5. Дар «Очеркҳо...» якчанд калимаҳои дар ҳаёти ҳамонвақта истифодашуда шарҳ ёфтааст: лифофа, фӯта, дандонҳилол, мисқолӣ, фарҳангӣ, кимхоб, кундал, йиртиш ва ғайра аз ҳамин қабиланд, ки ин калимаҳо барои равшан кардани ягон сифати предмети тасвир хизмат кардаанд ва дар «Очеркҳо...» аз назари забоншиносӣ ва услубшиносӣ возеҳ

шарҳ дода шудаанд.

6. Дар повест барои тасвири тақсимоти маъмурӣ ва ҷуғрофии қаламрави аморати Бухоро калимаву ибораҳои куҳна истифода шудааст: туман, ҷиреб, раста, тим, гузару маҳаллаҳои Бухоро, ки номҳои гуногуни аҷоибу ғароиб ва гоҳо нисбат ба ном ва ҳунари мардуми онҷо гузошта шудааст, ки шарҳи ҳаматарафаи онҳо батафсил дар «Очеркҳо...» дида шудааст: гузари Кемухтгарон, гузари «Почоқулхочӣ», «Пасткӯчаи шонатарошӣ», «тоқи Хоҷа Муҳаммади паррон», «Лаби ҳавзи Девонбегӣ» «Сарои ҷаннатмаконӣ» ва ғайра.

7. Дар повест номи моҳҳо ва солҳои пешина барои типикӣ кунонидани замони воқеа ва ҳодисаҳои тасвиршаванда истифода шудаанд. Аз қабили соли шамсӣ, моҳи ҳамал, моҳи муҳаррам, моҳи раҷаб, сайри наврӯз ва ғайра, оид ба ин мафҳумҳо дар очерк шарҳи батафсил дода шудааст.

8. Дар охири ин боб истеъмоли калимаҳои санг, фарсах, нимча, чойрек, қадоқ, мисқол ва ғайра, ки мафҳуми масофаю ченаки вазни предметҳоро нишон медиҳанд, шарҳу эзоҳ ёфтаанд.

Хулоса, дар ин боб таркиби лексикии повест аз ҷиҳати калимаву ибораҳои куҳнашудаи таърихӣ аз назари илмӣ ба таври бояду шояд возеҳ ва дилхоҳ шарҳу эзоҳ ёфтааст «Очеркҳо...». – С.5-81).

Дар «Очеркҳо...» аз байни лексикаи повест як гурӯҳ калимаҳои адабӣ-китобатӣ ҷудо карда шуда, мавриди шарҳу эзоҳ гардидаанд. Калимаҳои иштибоҳ, бим, таваҳҳум, масолеҳ, ангоштан, густурдан, собит шудан, мамнӯъ будан, тамкин, виқор ва ғайра аз ҳамин қабиланд, ки дар забони гуфтугӯӣ истеъмол намешаванду дар забони адабӣ камистеъмоланд. Истеъмоли калимаҳои зикршуда гоҳ-гоҳ дар повест дучор мешаванд. Н.Маъсумӣ мақсади услубии истеъмоли ин калимаҳоро мухтасар, вале мувофиқи матлаб шарҳ додааст («Очеркҳо...». – С.81-82).

Дар охири боби «Инъикоси ҳаёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX» ба сифати хулоса Н.Маъсумӣ менависад: «Муборизаи С.Айнӣ барои бой гардонидани забони адабии ҳозираи тоҷик, хусусан забони насри бадеӣ, агар ба таври амалӣ ба ҳисоб гирифта шавад, таркиби луғавии забони асарҳои ӯро ҳамчун сарчашмаи бои забони ҳозираи адабӣ ва натиҷаи меҳнати эҷодкоронаи ин устоди бузурги сухан дуруст ва пурра тасаввур кардан даркор аст» («Очеркҳо...». – С.88).

Оид ба истеъмоли калимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ дар забони повест алоҳида таваққуф намуда, пеш аз номбар кардани он калимаҳо дар ин роҳ роҷеъ ба вазифаҳои дар назди нависандагон истода ишора карда, Н.Маъсумӣ чунин навиштааст: «Ба ин муносибат дар назди нависандаи советӣ на танҳо пурра ва ҳаматарафа аз худ карда шудани мероси бои забони куҳна ва китобӣ як вазифаи муҳим шуда меистод, балки барои такмил додани забони ҳозираи адабӣ ва минбаъда бой гардонидану тараққӣ додани таркиби луғавӣ ва сохти қоидаҳои грамматикии он мубориза бурдан низ вазифаи ҳатмии эҷодӣ ва ҷамъиятии ӯ мебошад». Фикри худро давом дода, ба тарзи иҷрои ин вазифа низ ишора мекунад. «Нависанда ин вазифаро, - менависад Н.Маъсумӣ, - ба воситаи эҷодиёти адабии худ бо роҳи кор карда баромадани тамоми боигарии забон, ба таври эҷодӣ аз худ кардани захираи луғавии забони зиндаи умумихалқӣ, чуқур донистани тарзи баёну ифода ва услубҳои забони миллӣ ва гуфтугӯӣ дар амал татбиқ карда метавонад («Очеркҳо...». – С.89). Чунон ки маълум аст, устод С.Айнӣ дар бобати аз захираи забони умумихалқӣ калимаҳои даркориро чида гирифтан, дар лабораторияи эҷодии худ кор карда, дар асарҳои адабиашон истифода бурдан барои ҳамаи нависандагон роҳбалад ва намунаи ибрат буданд. Н.Маъсумӣ таъкид менамояд, ки «сухани халқ бо самимияти худ пур аз фикру

ҳисси ҳаётӣ, пур аз тобишҳои нозуки маъноӣ мебошад. Вай ба асари бадеӣ дохил шуда, ба асар қувваи фавқулоддаи зиндаи ҳаётӣ ва табиӣ мебахшад».

Истифодаи калимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ дар повести «Марги судхӯр» хеле равшан мушоҳида мешавад, чунки ин ҳодиса вобаста ба характери ҳаҷвӣ ва услубии ин асар воқеъ гардидааст. Дар «Очеркҳо...» қайд шудааст, ки устод Айнӣ барои такрор нашудани калимаҳои гуфтугӯӣ онҳоро бо муродифҳояшон истифода кардаанд: поку - теғ, алав - оташ, бурда - пора, порча, маҷолҳолат, чақ-чақ - суҳбат, шатта - лат, қашшоқӣ - камбағалӣ ва ғайраҳо. Як қатор калимаҳои мафҳуми предметӣ дошта низ истифода шудаанд: чилбур, зағома, лаълӣ, деггардиш, сарандоз ва ғайра, ки дар «Очеркҳо...» маврид ва зарурияти истифодаи онҳо ва шарҳи семантикиашон ба тафсил хотирнишон шудааст. На танҳо истеъмоли ин қабил калимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ, балки сохти морфологии чанде аз онҳо, монанди шавшулак, кулӯхшудгор, чакка, дилпурӣ, чақ-чақ, шатта, чилла, шаққа, исқит, мурданӣ, кӯрсавод, ҳарина, шӯрапушт, даҳанкалон, ғалатӣ шарҳ дода шудааст.

Хулоса, даҳҳо калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйии дар повест истифодашударо Н.Маъсумӣ аз назари илмӣ шарҳ дода, дар интихоб ва истифодаи онҳо рол ва мавқеи устод Айниро хотирнишон кардааст. Аз забони умумихалқӣ бисёр калимаҳои ба воситаи асосҳои феълӣ ва феълҳои ёрӣдиҳанда сохташуда, ки ба таркиби луғати забони ҳозира фаровон дохил шудаанд, чун калимаи мураккаб ва ё масдари таркибӣ ба сифати ҳодисаи мусбат қайд шудааст: монугир, даррав, пастурасо, ҳазлкаш, ақсум шудан, ҷӯра шудан, яла кардан, вохӯрӣ кардан, пеш кардан, тақ-тақ, кардан, пӯписа кардан, ҳаво додан (партофтан), сар кардан, сар додан ва даҳҳо дигар калимаҳо, ки ҳоло дар забони адабӣ дар мавриди истифодаанд, номбар шудаанд.

Дар повест як гурӯҳ калимаҳои ӯзбекӣ истифода шудааст, ки зарурияти таърихӣ-ҳаётӣ доштани онҳо ба ҳеч кас пӯшида нест. Аз қабили калимаҳои қушбегӣ, оқсақол, йиртиш, қазӣ, бӯрдоқӣ, терлик, милтиқ, яроқ, қамчин, қаравул, тумшуқ, пайт, шӯтқарӣ, қишлоқ, ялангӣ ва ғайра. Дар «Очеркҳо...» мавриду мақсади истифодаи услубии калимаҳои зикршуда аз назари илмӣ муфассал шарҳ ёфтааст.

Дар повест як гурӯҳ калимаҳои русӣ ва аз забонҳои европоӣ, ки мувофиқи шароит ва зарурияти таърихии нимаи асри XIX ва аввали асри XX ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд, мулоҳизаи худро Н.Маъсумӣ нисбат ба он калимаҳо баён кардааст: аз ҷумла, калимаҳои лампа, вексил, контора, аптека, биржа, пассажир, Бухоро, газета, пароход, банкир, консерт, адрес, километр, банкет ва ғайра аз назари услуб ва тасвир ба таври возеҳ шарҳ дода шудааст. Дар повест боз як гурӯҳ калимаҳои русии онвақтҳо камистеъмол низ хотирнишон шудааст, монанди катлет, жарко, капиталист, империалист, фашист, тип, компания, мужик, закун, импратур, асфалт, поезд ва ғайра. Хулоса, Н.Маъсумӣ дар интихоб ва истеъмоли калимаҳои русӣ дар забони повести «Марги судхӯр» танҳо аз нуқтаи назари дуруст ва ба мақсад мувофиқ истифодабарии воситаҳои забон ва шаклу тарзҳои ифода аҳамияти махсус додани устод Айниро қайд кардааст.

## IV

Н.Маъсумӣ зимни дар повести «Марги судхӯр» аз тарафи устод Айнӣ истифода шудани ибораҳои халқӣ таваққуф намуда, дар ин маврид роҷеъ ба аҳамияти дар асари бадеӣ кор фармуда шудани ибораҳои халқӣ ва вазифаи нависандагон ин тавр ишора кардааст: «Вақте ки мо дар бораи халқӣ будани забони нависанда ва асари ӯ гап мезанем, ғайр аз боигарии луғавӣ чӣ тавр ва чӣ андоза истифода бурда шу-

дани боигарии фразеологии забони халқҳоро ҳам дар назар дорем, зеро забони зиндаи халқ, симои халқии забони нависандаро ташкил медиҳад. Дар ин масъала С.Айнӣ устоди моҳир аст ва эҷодиёти ӯ хазинаи суханҳои пурмазмуни халқӣ ҳисоб меёбад. Инро дар асарҳои вай аз «Одина» то «Ёддоштҳо» равшан мушоҳида кардан мумкин аст, ки як далели муҷассами он повести «Марги судхӯр» мебошад («Очеркҳо...». – С.144).

Чунон ки маълум, устод Айнӣ дар повести «Марги судхӯр» иборaҳои халқии ба идиомаҳо монандро фаровон истифода бурда, ба асари худ хусусияти оригиналии халқӣ ва ҷозибанокию мароқовариро бахшидаанд, иборaҳои халқӣ ба туфайли маънои маҷозии худ як андоза характери идиомавӣ ва фразеологӣ пайдо карда, таъсири сухани бадеиро пурзӯр менамоянд. Н.Маъсумӣ дар повест истеъмоли бисёр иборaҳои халқӣ-идиома ва фразеологизмҳоро қайд карда, мавриди ва моҳияти истифодаи услубии онҳоро ба таври муфассал аз назари илми филология шарҳу эзоҳ додааст. Дар повест як гурӯҳ таъбирҳои идиоматикӣ дар шакли феълҳои мураккаби номӣ сохташуда истифода шудаанд. Таъбирҳои чашм дӯхтан, назар дӯхтан, чашм андохтан, чашм кандан, туҳмат бoридан, гӯш тофтан ва ғайра. Ин таъбирҳо барои ба хонанда пуртаъсир гардидани забони асар дар повест дар мавридҳои мусоид устодона истифода шудаанд ва шарҳи илмии онҳо дар «Очеркҳо...» хеле равшану амиқ дода шудааст.

Таъбири «мурч хӯрдан» (фиреб хӯрдан), ки шояд ин идиома дар Бухоро шуҳрат дошта бошад, хеле возеҳ шарҳ ёфтааст. Монанди ҳамин иборaҳои халқии калло-балло гуфтан, нимчаканӣ кардан, шаҳд рафтан низ ба қатори идиомаҳо шарҳ дода шудааст, ки ин таъбирҳо маҳз барои кушодани характери образҳо ва персонажҳои асар истифода шудаанд. Баъзан феълҳои муқаррарӣ низ дар мавриди му-

айян чун идиома истифода шудаанд: танбӯр навохтан (танбӯр навохтани шикам - гурусна мондан). Ин қабил ибораҳои халқӣ дар повест дар шакли масдари таркибӣ ва ё ибораи масдарӣ омада, аз ду ва зиёда калимаҳо низ сохта шуда, дар таркиби онҳо ҷузъҳояшон бо ёрӣи воситаҳои грамматикӣ сурат ёфта меоянд: дугӯштаву оринҷшор кардан, ба таги бинӣ задан, ба коми худ задан, кафшро монда патакро пӯшидан, дар пӯст нағунҷидан, дар курта нағунҷидан, аз хок гирифта ба лой задан, аз борон гурехта ба барф дучор шудан ва ғайра. Мароми истифодаи услубии ибораҳои халқии зикршударо Н.Маъсумӣ дар «Очеркҳо...» хеле амиқ ва равшан таҳлил кардааст. Ин гуна ибораҳо дар шакли ҷумлаи сода низ истифода шудаанд: Иштиҳо кӯр шуд. Дар зери коса нимкоса ҳаст ва ғайра.

Як қатор идиомаҳои халқӣ, ки барои кушодани моҳияти воқеа ва симои образу персонажҳои повест ба нависанда ёрӣ додааст, дар «Очеркҳо...» шарҳи батафсили худро ёфтаанд ва ин аз истеъдоди баланддараҷаи устод Айнӣ дарак дода, дар ҳақиқат, ганҷинаи гаронбаҳои забони халқ будани асарҳои устод Айниро исбот менамояд. Ибораҳои халқии зерин, ки шаклан мутобиқи ибораи масдарианд, аз ҳамин қабил мебошанд: хона сӯхтан, дандон халидан, об карда хӯрдан, паси сар хоридан, ба дил оби хунук задан, лингро аз осмон овардан, имою-бурут кардан ва ғайра. Дар «Очеркҳо...» ибораҳои синонимии дар «Марги судхӯр» истифодашуда аз қабили ёру ҷӯра, зебу зинат, шӯру ғавғо, амру фармон, ҷангу ҷидол, каҷу килеб, рагу пай ва ибораҳои халқии таркибашон гуногун мисли хору-мол кардан, тавбаву тазаррӯъ (кардан), ҳисобу китоб (кардан) дегу дуд (кардан) қайд шудааст. Баъзан ин ибораҳо дар шакли исмҳои чида низ омада, якҷоя як мафҳуми мураккаби ҳаётиро ифода менамояд: Ихлосу халос, одаму ақл, чӯбу либос ва ғайра. Чунин ибораҳо дар повест дар шакли таркибҳои

изофӣ низ истифода шудаанд: бори накав, салмаи сақат, ҳотами даврон, ҳиндуи салланок, масъалаҳои нӯгирӯмолӣ ва ғайра.

Дар «Очеркҳо...» Н.Маъсумӣ роҷеъ ба истифодаи зарбулмасалу мақолҳо дар «Марги судхӯр» тавақкуф намуда, баъди он ки ролу мавқеи онҳоро дар эҷодиёти адабӣ баён кардааст, мавриди истифодаи онҳоро дар повест қайд карда, дар эҷодиёти устод Айнӣ вазни хеле калон доштани мақоми зарбулмасалҳоро гуфта, дар ин бора ба мақолаи академик А.Мирзоев ишора намуда, дар «Марги судхӯр» қариб 20 адад истифода шудани мақолу зарбулмасалро хотирнишон кардааст. Дар повест мавриди истифода шудани мақолу зарбулмасалҳои зеринро нишон дода, аз назари илмӣ таҳлили муфассали онҳоро дода, мароми услубию маҳорати баланду халқияти эҷодиёти адабии устод Айниро бо як дақиқназарию нуктасанҷӣ ва маҳорати педагогию олимӣ возеҳ шарҳ додааст, ки хонанда гумон мекунад, ки роҷеъ ба «Марги судхӯр» гӯё «Очерки илмӣ-бадеӣ» навишта шуда бошад. Бешубҳа, «Очеркҳо...» маҳсули истеъдод ва камолоти баланди илмию эҷодии Н.Маъсумӣ мебошад.

Дар повест истифодаи зарбулмасал ва мақолҳои зерин қайд шудааст: шавад обӣ нашавад лалмӣ, то омадани табар кунда меосояд. Аробаи равған карданашуда ҳаракат намекунад, аз борон гурехта, ба новдон афтодан (аз борон гурехта, ба сел вохӯрдан) арбобро бину деҳро тоз. Баъзе зарбулмасалҳо ба тағйироти эҷодии устод низ дучор шудаанд: Забони гургонро гургон медонанд ва ғайра. Оид ба сарфакории судхӯронаю хасисона; муфтхӯрии беҳаёёна, пурхӯрӣ ва баднафсии Қорӣ-Ишкамба истифода шудани мақолҳои зеринро муаллифи «Очеркҳо...» ишора карда, дар истифодаи услуби устод Айнӣ моҳияти бадеии мақолҳоро возеҳ баён кардааст: сарфагари сари оташдон савдогари Ҳиндустон, ҷон хонаи мардум, на ғами об, на ғами ҳезум,

гову гӯсфанд бо хӯрдан фарбеҳ мешавад. Аз ин ҷо ронда, аз он ҷо монда ва ғайра. Ингуна мақолҳо дар повест дар шакли ҷумлаи мураккаб низ вомехӯрад: То реша дар об аст, умеди самар аст, то бад нагӯӣ, нек намешавад ва ҳоказо. Дар охири ин фасл Н.Маъсумӣ дар повест оид ба истифодаи маъмули ин мақолҳо хулосаҳо бароварда қайд кардааст, ки устод Айнӣ бо роҳи эҷодӣ низ ба сохтани чанде аз таъбирҳои афоризммонанд ҷидду ҷаҳде карда, барои пурзӯр кардани обуранги тасвири бадеии асар ва ба ин муносибат бой кардани таркиби луғавии забони адабии тоҷик саҳми босазое гузоштаанд.

## V

Дар боби «Хусусиятҳои морфологии забони повести «Марги судхӯр» (С.172-228) Н.Масъсумӣ роҷеъ ба масъалаи дар забони асари бадеӣ дуруст, пурра ва ҳаматарафа инъикос ёфтани тамоми боигарии грамматикии забони адабиро хотирнишон карда, бомуваффақият мувофиқи мақсад ҷомаи амал пӯшидани ин матлабҳоро ба дараҷаи забондонию маҳорати эҷодии нависанда вобаста менамояд. Муҳокимаи худро давом дода, доир ба маҳорати баркамоли нависандагони бузург, ки барои сурат гирифтану ҷило ёфтани забони адабӣ саҳми бузурге гузоштаанд, бо камоли эҳтирому қадршиносӣ сухан рондааст: «Нависандаи бузург, - менависад Н.Маъсумӣ, - устоди сухан, ки қонунҳои забони худро аз ҳама бештар ва чуқуртар медонад, тобишҳои гуногуни морфологӣ ва синтаксисии вайро равшантар ҳис мекунад, ҷараёни инкишофи умумии забон ва ҳодисаҳои ҷудогонаи онро дуруст ба ҳисоб мегирад, забони асарҳои вай ҳамчун инъикоскунандаи тенденсияи инкишофи умумии забон ва дарбаргирандаи ҳама гуна боигарии забон барои ҳама ибратбахш ва барои инкишофи минбаъдаи забони адабӣ як восита ва намунае ба шумор меравад. Дар забони адабии

ҳозираи тоҷик забони С.Айнӣ маҳз ҳамин гуна мавқеъро ишғол менамояд» («Очеркҳо...». – С.172). Баъд аз ин муҳокима оид ба хусусиятҳои морфологии повест нисбат ба асарҳои дигари устод Айнӣ таваққуф намуда, қариб оид ба ҳамаи ҳиссаҳои нутқ ҷиҳатҳои фардияти эҷодӣ ва услубии истифода ва такомули ҳодисаҳои морфологии сохти грамматикии забони адабиро дар «Марги судхӯр» мухтасар, вале ҷолиби диққат, шарҳу эзоҳ додааст.

Дар бобати исм доир ба истифодаи шаклҳои ҷамъбандии «ҳо» (ва «-о») «-он» ва намудҳои дигари вай «-гон», «-ён» сухан ронда, таъкид кардааст, ки «он» ва намудҳои вай нисбат ба «ҳо» мавқеи дувумдараҷагӣ дорад. Дар ҷамъбандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳамчун ҳодисаи прогрессивӣ истифодаи суффикси «-ҳо» мавқеи зӯр пайдо кардааст. Ин ҳодиса ба таъсири пурқуввати адабиёти бадеӣ ва устодони сухан зич вобастагӣ дорад. Шакли ҷамъбандии «-о» ба забони адабӣ роҳ наёфта, истеъмолаш дар доираи лаҳҷаҳо ва забони персонажҳои асарҳои бадеӣ маҳдуд мемонад (Коро читу?).

Дар повест суффиксҳои ҷамъбандии тоҷикӣ дар аксари калимаҳои арабисохт риоя карда шудааст, чунки дар асарҳои давраҳои аввали эҷодиёти устод Айнӣ, махсусан, дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод ба андозаи хеле равшан риоя карда шудани хусусиятҳои ҷамъбандии арабиро Н.Маъсумӣ бо мисолҳои сершумор нишон додааст: авқот-вақтҳо, афъол-феълҳо, абёт-байтҳо, удабо-адибон, далоил-далелҳо, авроқ-варақҳо ва ғайра. Маълум аст, ки калимаҳои иқтибосӣ ба таъсири сохти грамматикии забонӣ дохилшуда дучор шуда, чун «моли худӣ» бо зинати тозае, яъне дар либоси нав, зоҳир гашта «ҳамранги замона» шуда, вазифаи худро адо мекунанд.

Н.Маъсумӣ дар повест бахшида ба истифодаи мафҳуми номуайянӣ дар забони тоҷикӣ таваққуф намуда, аз ҳисоби

забони гуфтугӯӣ васеъ шудани тарзи ифодаи мафҳуми номуайянии исмҳоро қайд карда, хотирнишон менамояд, ки илова ба суффикси анъанавии «е» боз калимаҳои «як» ва варианти он «ягон» ба таври фаровон мавриди истифода қарор гирифтааст. Агар истеъмоли ин аломат дар аввалҳои давраи забони адабии ҳозираи тоҷик як андоза ба асоси қоидаи анъанавӣ мутобиқат дошта бошад, баъдҳо ба куллӣ ба таъсири қоидаи имрӯзаи забони тоҷикӣ тобеъ гардида, мувофиқат кардааст: «... пайдоиши шахси донишманд», акнун «пайдоиши шахси донишманде» ва ғайра.

Дар повест таркиби ибораи бо «яке аз» сохташаванда муфассал таҳлил шудааст. Инчунин бо мақсади таъкиди номуайянӣ бо роҳи муштарак истифодаи як-е ва ягон-е низ бо мисолҳои равшан шарҳу эзоҳ дода шудаанд: «Қорӣ Ишкамба ном як касе ҳаст». «Магар шумо ба ман ягон коре доштед» ва ғайра. Ҳамаи ин воситаҳои нави ифодаи номуайянӣ аз забони гуфтугӯӣ ба воситаи асарҳои бадеии устод Айнӣ ва шогирдони боистеъдоди устод ба забони адабӣ роҳ ёфта, ба меъёрӣ он дохил шуданду ба таври васеъ ҳоло дар мавриди истифодаанд.

Дар «Очеркҳо...» доир ба истеъмоли сифатҳои бо ёрии суффиксҳои ӣ-гӣ фаровон сохташуда сухан рафтааст. Дар ин соҳа навоварии устодро хеле бо мисолҳои шоёни диққат муаллифи «Очеркҳо» хотирнишон кардааст. Устод Айнӣ бо ёрии суффиксҳои зикршуда хеле калимаҳои навшакли ихчамсохтро рӯёндаанд. Дар «Очеркҳо...» ибораҳои «ҷомаи боронӣ, ҷӯйҳои сарироҳӣ, касони пасидарвозагӣ» равшану возеҳ аз ҷиҳати илмӣ шарҳ ёфтааст. Ибораи изофии ҷомаи боронӣ - ҷомаи дар вақтҳои боронӣ мепӯшидагӣ, ҷӯйҳои сарироҳӣ - ҷӯйҳои дар сари роҳ буда, касони пасидарвозагӣ - касони дар паси дарвоза будагӣ ва ғайра. Бояд гуфт ки, оид ба ибораҳои сифати феълӣ дар боби сифати феълӣ сухан хоҳад рафт.

Устод Айнӣ дар истифодаи суффикси -гӣ низ навоварии хеле ҷолиби диққат кашф кардаанд. Агар сифати нисбӣ ба макону маҳал тааллуқдор бошад, ба ҷои-ӣ қариб ҳамеша «гӣ»-ро истифода мебаранд: ба ҷои ғурури ғиждувонӣ-ғиждувонигӣ ва ғайра. Ин ҳолат танҳо пас аз суффикси «-ӣ» ба амал меояд. Калимаҳои дар охирашон овози садонок дошта, сифати ба макону мафҳумҳои гуногун тааллуқ дошта, ба қоидаи маълуми калимасозӣ мутобиқат дорад: фарғонагӣ, ӯротеппагӣ, хонагӣ ва ғайра.

Дар повест доир ба истеъмоли суффикси «-она» чун воситаи грамматикии сифатсоз таваққуф карда, дар ибораи «бо оҳанги тамасхуркунона» ба туфайли калимаи «тамасхуркунона» ҳамчун ҳоли тарзи амал ба эътибор гирифта шудани ин ибора қайд шудааст. Ба ин восита дар калимасозӣ сервазифа будани суффикси «-она» хотирнишон гардидааст. (Дӯғзанона гуфт, ҳазиломезона пичинг кард, оташинона дӯғ зад ва ғайра). Дар охир ба воситаи суффикси «-она» сохтани сифатҳои аз ҷиҳати мазмун ба амалиёту рафтори образҳои манфии асар мутобиқан сохтани сифатҳои тасвирии ба эҷоди устод тааллуқдошта низ қайд шудааст: муомилаи сагона, аспона ва ғайра, ки моҳияти услубии чунин навоварӣ ба таври возеҳ дар «Очеркҳо...» шарҳ ёфтааст. Н.Маъсумӣ қайд кардааст, ки устод Айнӣ бо ин роҳ барои умумӣ кардани шаклҳои ифодаи гуфтугӯӣ кӯшиш кардаанду бо шаклҳои ифодаи ба услуби худ хосбуда забони адабиро бой гардонидаанд.

Дар «Очеркҳо...» дар масъалаи ҷамъбандӣ ва истифодаи мавридҳои гуногуни ҷонишини «шумо», ҷонишини нафсии «худ» ва лаҳзаҳои истифодаи суффиксҳои ҷамъбандию бандакҳои соҳибӣ муфассал таваққуф карда шудааст: бештарин худошон мегуфтанд, гапошонро гуфтанд ва ғайра. Ба ҳар ҳол бояд гуфт, ки чунин ҳолат ҳоло дар доираи лаҳҷа ва шеваҳои алоҳидаи забони тоҷикӣ маҳдуд шуда монда,

ба меъёри забони адабӣ дохил нашудааст ва дар оянда ба доираи шаклҳои морфологӣ баробарҳуқуқӣ пайдо кардани чунин ҳолатҳо ба равияи умумии пешрафту такомулоти сохти грамматикии забони адабии ҳозираи тоҷик вобаста аст. Бояд гуфт, ки кӯшиши риояи қоидаҳои меъёри забони адабӣ, ки принсипи морфологии имло талаб мекунад, бештар қувват пайдо карда истодааст: худҳошон, гапҳошон ва ғайра. Тағйирот ва ихтисор танҳо дар бандакҳои соҳибӣ мушоҳида мешавад, вале дар ин маврид ҳам аксарият қисми номии чунин калимаҳоро дар шакли танҳо оварда, шакли ҷамъи бандакҳоро кофӣ мешуморанд, ки ба қоидаи асосии грамматика мувофиқ мебошад: худашон, гапашон ва ғайра.

Дар «Очеркҳо» доир ба истеъмоли феълҳо таваққуф намуда, пеш аз ҳама, аз якҷоя ба ҳисоб гирифтани анъанаҳои умумии забони гуфтугӯӣ ва адабӣ, инчунин вобаста ба хусусиятҳои услубии фардии худи нависанда истифода шудани воситаҳои грамматикиро дар «Марги судхӯр» Н.Маъсумӣ қайд кардааст. Сухан дар ин бобат аз феълҳои бо ёрии префиксҳои бар-, дар-, боз-, фур- (фуруд) ва ғайра сохташаванда сар шудааст. Дар забони адабии ҳозира нисбат ба давраи пешина хеле осону сода ва аз ҷиҳати талаффуз сабук шудани феълҳои сохтаро хотирнишон кардааст: даррафтан (рафтан) даргузаштан (гузаштан) даргузаронидан (гузаронидан) барчидан (чидан) садо дардодан (садо баровардан) ва ғайра. Дар повест бо пешванди «би-»-и зинат ба ҳадди кам сохта шудани феълҳо хотирнишон шудааст. Ба ҷои бандаки феъли шахси дувуми ҷамъи эҳтиромии «-ед» истеъмоли шакли «-етон» ҳамчун аломати барҷастаи элементи морфологии феълҳо қайд шудааст:... оштӣ шаветон, якдигарро мешуносетон ва ғайра. Аммо шакли ифодаи гуфтугӯӣ, ки дар охири феълҳо истеъмоли калимаҳои даркор, лозим махсусан дар шеваҳои шимолии забони тоҷикӣ бо таъсири забони ӯзбекӣ фаровон истифода мешавад, дар

забони «Марги судхӯр» ва умуман дар забони устод Айнӣ ин тарзи феълсозӣ мушоҳида намешавад.

Дар «Очеркҳо...» дар хусуси ба воситаи феълҳои ёридиҳандаи гуногун сохта шудани феълҳои таркибии гуногунсохт қайд шуда, қариб 17 то феълҳои забони тоҷикӣ номбар шудааст, ки онҳо дар мавридҳои гуногун чун феълҳои ёридиҳанда ба феълҳои таркибӣ тобишҳои рангоранг мебахшанд ва ин тарзҳои ифодаи феълҳо қариб ҳама аз забони гуфтугӯӣ ба забони адабӣ ба воситаи асарҳои бадеии устодони каломи бадеъ роҳ ёфта, ҳуқуқи умумишавӣ пайдо кардаанд. Феълҳои нишастан (мунтазир шуда нишастан), гаштан (саёҳат карда гаштан), гузаштан (як қадар зиёдтар истода гузаштан), шудан (тарошида шудан), рафтан (лағжида рафт), омадан (як соли дароз хурда омадааст), баромадан (монда баромадан), гирифтан (расида гирифтан) ва феълҳои додан, будан, дидан, партофтан, овардан, расидан, сар додан, фиристодан (гуфта фиристод) ва ғайра дар повест ҳамчун феълҳои ёридиҳанда шарҳ ёфтаанд.

Н.Маъсумӣ дар повест доир ба истеъмоли услубии феъли ҳол ишора карда, бо ёрии суффиксҳои -а ва -он аз ду асоси феълӣ сохта шудани онро бо мисолҳои барҷастаи повест нишон додааст: «Дар забони Айнӣ, -  менависад Н.Маъсумӣ - ин ҳар ду намуди феъли ҳол ба таври васеъ истифода бурда мешавад».

Дар китобҳои дарсии мактаби миёна, дар «Очеркҳо...»-и мазкур, асарҳои илмии оид ба мафъулу ҳолҳо ва дар як қатор асарҳои оид ба диалектология навишташуда бо ёрии ду суффикс -«а», «-он» сохта шудани феъли ҳол эътироф карда мешавад. Гурӯҳи дигари олимон ҳастанд, ки феъли ҳоли бо ёрии суффикси «-а» сохташударо дар ҳама маврид сифати феълӣ меноманд.

Маълум аст ки, на танҳо таркиби луғати забон бо мурури замон ба тағйирот дучор мешавад, аз он калимаҳо куҳна

шуда, аз истеъмол мебароянду ба ҷои онҳо калимаҳои нав мерӯянд, балки сохти грамматикии забон ҳам бо оҳистагӣ ба тағйирот дучор мешавад, баъзе шаклҳои грамматикӣ ба худ вазифаҳои нав касб менамоянд. Бо ду мисоли хеле оддӣ исбот кардан мумкин аст, ки шакли феълии бо суффикси «-а» сохташуда дар як маврид феъли ҳолу дар дигар мавриди грамматикӣ сифати феълӣ аст: Бача ба модараш табассум карда салом дод. Дар ин ҷумла таркиби морфологии «табассум карда» феъли ҳол буда, дар ҷумла аз ҷиҳати синтаксисӣ ҳоли ҳолат мешавад, ки ҳолати рӯҳии субъекти ҷумла - бачаро шарҳ медиҳад. Ҳамин шакл айнан дар мавриди дигар, яъне дар таркиби изофӣ омаданаш, ҳамчун сифати феълӣ ба эътибор гирифта мешавад: Бачаи табассумкардаистода (гӣ) талабаи аълохон аст. Дар ин ҷумла «табассум кардаистода (гӣ)» сифати феълӣ буда, мавсуфи он бача мебошад, ки бо ёрии бандаки изофӣ сифати феълиро ба худ тобеъ кардааст ва ин сифати феълӣ-табассум кардаистода (гӣ) дар ҷумла муайянкунанда ба шумор меравад. Ин факти грамматикӣ на танҳо ба қисми аксари забоншиносони тоҷик, муаллимони мактабҳо, ҳатто ба талабаҳои мактабҳои миёна ва донишҷӯёни мактабҳои олии педагогӣ ба воситаи асарҳои илмӣ ва китобҳои дарсӣ маълуму фаҳмо мебошад.

Оид ба истеъмоли сифати феълӣ Н.Маъсумӣ қайд кардааст, ки дар «Марги судхӯр» нисбати кор фармуда шудани ду шакли сифати феълӣ дар повест қатъи назар аз таркиби ибораҳои сифати феълӣ истеъмоли сифатҳои феълии бо суффикси «а» ва «гӣ» сохташуда як хел нест. Аз ҷиҳати таносуб сифатҳои феълии истифодашуда дар ин асар 75% бо суффикси «а» ва 25% бо суффикси «гӣ» сохта шудааст. Устод Айнӣ дар ин асари худ шакли адабӣ-китобатии сифати феълиро бештар истифода кардаанд. Ҳарчанд дар асарҳои дигари устод шакли «гӣ» бештар кор фармуда шуда,

боиси характери умумӣ пайдо кардани сифати феълии шакли «гӣ» гардида бошад, дар ин асар, ки ба ҳаёти пешазреволютсионӣ бахшида шудааст, шакли якуми онро барои риояи тасвири реалӣ бештар истифода кардаанд.

Дар «Очеркҳо...» аз ҷиҳати истифодаи ҳиссачаҳо мухтасар сухан ронда, доир ба ҳиссачаҳои мустақил (магар, ҳатто, ҳам...) ва ҳиссачаҳои шаклсоз (ку, дия, чӣ, мӣ...) таваққуф намуда, дар забони устод Айнӣ роҷеъ ба ҳиссачаҳо якҷоя кардани анъанаи китобат ва гуфтугӯӣ ишора шудааст. Дар повест мавриди истифодаи ҳиссачаҳои оё (магар), эҳтимол, ҳам, ҳатто, низ, боз, ҳар чӣ ва шаклсозӣ -мӣ, -чӣ, -ку, -дия, маълумот дода, дар истифодаи услубии устод Айнӣ мавқеи муҳим бозидани онҳоро бояду шояд аз назари илмӣ возеҳ шарҳ дода шудааст («Очеркҳо...». – С. 222-228).

Н.Маъсумӣ пеш аз он ки доир ба таҳлили сохти синтаксисии повест таваққуф намояд, роҷеъ ба сохти синтаксисии «Марги судхӯр» менависад: «...хислати муҳими тарзи баёни нависанда дар «Марги судхӯр» аз аввал то ба охир дар ҳамаи ҳолат ва мавридҳо ба таври принсипиалӣ риоя карда шудани содагӣ ва равонии сохти синтаксисии сухани персонажҳо ва забони тасвирии муаллиф мебошад. Ҷумлаҳои кӯтоҳи равшанмаъно ва ботаъсир, содагӣ ва равонии иборaҳои синтаксисӣ, боигарӣ, пуробутобии мундариҷавии сухан дар асоси кӯтоҳбаёнӣ, мавҷуд набудани (серкаломӣ) пургӯӣ дар тасвир, нормаи қатъии тартиби калимаю иборaҳо дар ҷумла, ба таври махсус фоида бурдани инверсия-ҳамаи онҳо сифатҳои барҷастаи забони «Марги судхӯр» буда, онро дар системаи умумии забони асарҳои бадеии С. Айнӣ фарқ мекунонад» («Очеркҳо...». – С.230-231).

Доир ба сохти ҷумлаҳои сода дар повест истеъмоли ҷумлаҳои содаи хуллас ва тафсилиро қайд карда, бо мақсади кӯтоҳбаёнӣ истифодаи чунин ҷумлаҳо: «Ман розӣ шудам. Ош омад. Рӯз сафед шуд», дар асар хеле фаровон кор фар-

муда шудаанд. Масъалаҳои тарзи ифодаи сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумла аз назари илми забоншиносӣ шарҳ ёфтааст. Барои таъсирнокии сухан аксар аз задаи мантиқӣ истифода карда, мубтадои ҷумла ҳампаҳлуи хабар оварда шудааст:... туро... ман фиристодам..., дастархон ва ошро... ман мебаровардам... туро мо фиристодем» ва ғайра.

Хабарҳои феълии шакли пешояндлор «дар хӯрдан буд» - мехӯрд, бо объекту ҳол тавсиф ёфтани хабарҳои феълӣ-гузарони роҳ мешудам, аз роҳ мегузаштам, машғули барфбозӣ буданд-ба барфбозӣ машғул буданд ва ғайра. Дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст такрор нашудани хабарҳои феълии якхела: «Ман ба даруни дӯкон ҷойгир шудам ва аспам ба саисхона» «Қорӣ ба роҳ даромад, ман аз думболаш» ва ғайра. Дар повест ин шакл дар мақолҳо низ мушоҳида мешавад, ки ҳиссачаи инкории «на» низ дар ин маврид истифода мешавад: «На сих сӯзад на кабоб». Баъзан дар ҷумлаҳои чидааъзо танҳо хабарҳо чида мешаванд. «Тақ-тақ, кардам, ҷеғ задам, фарёд кашидам, аммо ба ғайр аз ханда чизи дигаре нашунидам» (М.С.) Дар повест бо мақсади пуртаъсир кардани тасвир аз муайянкунандаҳо хеле моҳирона истифода бурдани устод Айниро Н.Маъсумӣ бо шарҳу эзоҳи возеҳ баён кардааст («Очеркҳо...». – С.239-247).

Дар таҳлили боби мафъул-пуркунандаҳо бо бандакҳои соҳибӣ ифода шудани объектҳо ишора шудааст:

...ба ман оварда супоридаш,... ҳавли калонро нишонам доданд..., аммо ин муяссараш нашуд. (Ӯро, ба ман, ба ӯ)... ба заминашон меғелонанд» (онҳоро) ва ғайра. Дар бобати ҳолҳо дар «Очеркҳо...» Н.Маъсумӣ роҳ ва воситаҳои шаклгирӣ ва ифодаи ҳоли қиёсро, ки бо истилоҳи ҳолшарҳкунандаи қиёсӣ-ташбеҳӣ ном бурдааст, хеле муфассал шарҳ дода, дар ин маврид бори аввал оид ба зарфи қиёс каловавор, камандвор сухан ронда, бо як калима ифода шудани ҳоли қиёс - яъне асоси морфологии онро 25-26 сол пеш хо-

тирнишон кардааст. Маълум аст, ки ҳоло зарфи қиёс (монандӣ) тадқиқ шуда, воситаҳои калимасози он-вор, -сон, -сифат, -ваш, -она, инчунин дар вақтҳои охир боз дар ин бобат мушоҳидаҳои тоза доир ба сохти морфологии зарфи қиёс - суффиксҳои -монанд, -шакл, -о, -аво, -ан ва ғайра (шермонанд, шағолшакл, булбулово, (таърихӣ) нисбатан, қиёсан муайян шудаанд.

Н.Маъсумӣ дар бобати тарзи ифодаи ҳол дар «Марги судхӯр» як факти хеле ҷолиби диққатро мушоҳида карда, дар «Очеркҳо...» хеле равшан шарҳ дода, доир ба он ҳодисаи грамматикӣ аз назари илмӣ фикри шоистаи забондонӣ ва истеъдоди баланди худро дар соҳаи дарк кардани ҳодисаҳои нодири забони адабии ҳозираи тоҷик зоҳир кардааст. Ин ҳодиса аз маънои худ дур рафта, ба сифати як воситаи синтаксисӣ истифода шудани феъли ҳоли «нигоҳ карда» мебошад.

Ин феъли ҳол дар повест ба ғайр аз вазифаи асосии худ чун феъли ҳол боз инчунин ба сифати ёридиҳандаи синтаксисӣ низ истифода шудааст. Н.Маъсумӣ доир ба ин ҳодисаи грамматикӣ менависад: «...аспро рост аз миёнаҷои шудгор ба тарафи шимол нигоҳ карда ронданӣ шудам» (М.С.) Дар ин ҷумла феъли ҳоли «нигоҳ карда» бо ҳоли макон омада, ба ҷумла оҳанг ва хусусияти гуфтугӯӣ бахшидааст. Дар ин сурат феъли ҳоли мазкур аз вазифаи аслии худ дур рафта, ба сифати ёридиҳандаи наҳвӣ истифода шудааст. Ҳамин мушоҳидаи илмии Н.Маъсумиро мо дар аснои тадқиқи мавзӯи ҳолҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик роҷеъ ба боби ҳоли макон дар мавриди бо ёрии ду воситаи грамматикӣ, ҳам пешоянду ҳам пасояндҳо, сурат ёфтани ҳоли макон истифода бурдем.

Бояд гуфт, ки феъли ҳоли «нигаҳ карда» чун воситаи суратёбии ҳоли мутобиқат низ дар забони гуфтугӯӣ ва адабӣ истифода мешавад: Ба кӯрпаат нигоҳ карда пой дароз кун

(мақол) - мувофиқи кӯрпаат пой дароз кун, Ба рафти об нигоҳ карда шино мекард - мувофиқи рафти об шино мекард ва ғайра. Маълум аст, ки шакли манфии феъли ҳол - «нигоҳ накарда» низ ба сифати воситаи грамматикии синтаксисӣ - ба сифати пасоянд дар сурат ёфтани ҳоли хилоф истифода мешавад... ба норозигии модараш нигоҳ накарда (бо вуҷуди норозӣ будани модараш...).

Хулоса, дар асоси таҳлили забону услуби повести «Марги судхӯр» кашфи масъалаи чун воситаи наҳвӣ истифода шудани феъли ҳоли «нигоҳ карда» бори аввал ба қалами Н.Маъсумӣ тааллуқ дорад ва ин ҳодиса яке аз бозёфтҳои муҳими забоншиносии тоҷик ба шумор меравад. Дар «Очеркҳо...» доир ба баёнияҳои истиснои повести «Марги судхӯр», ки дар натиҷаи маҳорати баланди услуби тасвирии устод Айнӣ сар задааст, хеле муфассал сухан ронда шудааст, ин ҳолат дар мавриди худ барои тадқиқи мавзӯи баёнияҳо дар забони адабии тоҷик ҳамчун заминаи мусоид ёрӣ расонида буд. Кашфи истилоҳи «баёнияи истисноӣ» ба Н.Маъсумӣ мансуб аст.

Дар «Очеркҳо...» ҷумлаҳои мураккаб ва тарзи таркибёбии онҳо дар повест аз назари илмӣ таҳлил шудааст. Нисбати истеъмоли онҳо назар ба ҷумлаҳои сода қиёсан шарҳ дода шудааст. Таносуби истеъмоли ҷумлаҳои пайвасту тобеъ қариб баробар аст, вале тарзи сохташавиашон гуногунхел мебошанд. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз ҷумлаҳои содаи хеле сохташон муъҷаз таркиб ёфтаанд: Танбӯрро соз кардам. Насруллобой доираро гирифта, усулро нигоҳ медошту мехонд ва ман менавохтам («Марги судхӯр»). Дар қатори пайвандакҳои паиҳами ҷумлаи мураккаби пайваст доир ба пайвандаки феълии «бошад», ки аз феъли «будан» рӯида, аз рӯи вазифа ба пайвандакҳои хилофии аммо, вале, лекин муродифат дорад, муфассал таваққуф карда, моҳияти гуфтугӯӣ дошта, ба воситаи асарҳои бадеӣ кам-кам ва ё

оҳиста-оҳиста ба нормаи адабӣ дохил шуда, гоҳ чун пайвандак ва гоҳ чун ҳиссачаи таъкидӣ дар забони повест истифодаи ин пайвандак-ҳиссачаро Н.Маъсумӣ аз назари илмӣ дуруст шарҳ додааст. Мавриди истифодаи дурусти онро хотирнишон карда, ба истифодаи хатои он низ ишора кардааст.

Доир ба ҷумлаҳои тобеъ, ки дар повест истифода шудааст, дар «Очеркҳо...» аз ҳама бештар бахшида ба ҷумлаҳои пайрави ҳоли қиёс, замон ва хилоф муфассал сухан рондаасті, дар бобати воситаҳои грамматикӣ-пайвандакҳои тобеъкунандаи ҷумлаи пайрави ҳоли қиёс - чӣ тавре ки, гӯё ки (гӯё), чунон ки ва ғайра ба тафсил сухан рафтааст. Дар ҳамин масъала роҷеъ ба ҷудо кардани таркиби ҷумлаҳои пайрави «ташбеҳӣ-қиёсӣ» аз сарҷумлаҳо як иштибоҳ дар асnoи навиштан ва ба чоп тайёр кардани «Очеркҳо...» рӯй дода будааст. «Қорӣ... фарёд мекашад ва монанди бачае, ки бозичаашро аз дасташ базӯр гиранд, ҳунгос зада гиря кард» («Марги судхӯр). Дар ҷумлаи мазкур ҷумлаи пайрави муқоисавӣ-ташбеҳиро (ҷумлаи пайрави қиёсро) ба курсив «монанди бачае, ки бозичаашро аз дасташ базӯр гирифта бошанд» нишон дода шудааст. Баъдҳо ҳамин иштибоҳ ба асари баъзе олимон низ роҳ ёфт. Бояд гуфт, ки дар солҳои 60-ум ин иштибоҳи рӯйдода аз тарафи шогирди боистеъдоди Н.Маъсумӣ Фарҳод Зикриёев дар асnoи тадқиқи мавзӯи ҷумлаи пайрави ҳоли тарзи амал ва хелҳои он бо салоҳдиди худи Н.Маъсумӣ ислоҳ карда шуд. Гап дар ин ҷо буд, ки ҷумлаи пайрави «бозичаашро аз дасташ базӯр гирифта бошанд» пайрави муайянкунанда буда, бо аломати вергул дуруст ҷудо карда шуда, барои шарҳи ҳоли қиёси «монанди бачае» омадааст.

Дар «Очеркҳо...» оид ба истифодаи пайвандаки «бе он ки» мушоҳида баён шуда, ба андозае таъсири забони пешина будани истеъмоли ин пайвандак қайд шудааст. Н.Маъ-

сумӣ ба ибораҳои феъли ҳолии бо феъли ҳоли манфӣ сохташуда муродифат доштани ҷумлаҳои мазкурро қайд кардааст: «Аммо Қорӣ, бе он ки аз роҳ бозистад, ё ба тарафе нигоҳ кунад... бо қадамҳои кушод аз назар ғоиб шуд». (М.С.). Ҷумлаҳои пайрави мазкур ба ибораҳои феъли ҳолии бо феъли ҳоли шакли манфӣ сохташуда муродифат дорад: Аммо Қорӣ аз роҳ наистода ва ё (ба тарафе нигоҳ накарда... бо қадамҳои кушод (калон-калон қадам монда) аз назар ғоиб шуд. Аз ҷиҳати моҳияти грамматикӣ, ба фикри мо, ин қабил ҷумлаи пайрав ба ҷумлаи пайрави ҳоли ҳолат баробар аст: Аммо Қорӣ, дар ҳолате ки аз роҳ наистод ва ё ба тарафе нигоҳ накард, бо қадамҳои кушод аз назар ғоиб шуд.

Дар «Очеркҳо...» Н.Маъсумӣ оид ба воситаҳои грамматикии ҷумлаи пайрави хилоф хеле муфассал таваққуф намуда, дар як вақт бо воситаи грамматикии муштарак ба сарҷумла тобеъ шудани онро возеҳ шарҳ додааст: Ҳарчанд таку дав кунам ҳам, ба зудӣ ҳуҷра ба дастам надаромад. (С.А.) Баъзан пайвандаки агарчи, агарчанде дар ҷумлаи пайрави шарт бо ҳиссачаи таъкидии ҳам меояд, гӯё дар назари аввал аз ҷиҳати шакл ба пайрави хилоф монандӣ пайдо мекунад, вале ин тавр нест: Агар гап занад ҳам, гапҳои ҷиддинамо мезад. (С.А.). Калимаи «ҳам» дар ин ҷумла бояд чун ҳиссачаи таъкид ба ҳисоб гирифта шавад. «Хулоса, дар тарзи ифодаи ҷумлаи пайрави хилофӣ, - менависад Н.Маъсумӣ, - нормаи забони гуфтугӯиро ба асос гирифтааст, ки ин низ аломати боз ҳам пурратар шудани қоидаҳои синтаксисии забони ҳозираи адабии тоҷик аст». Умуман, ба андозае сода будани синтаксиси забони повест аз тарафи муаллифи «Очеркҳо...» оид ба ҷумлаҳои мураккаби сертаркиба сухан ронда шуда, тадқиқи он мавзӯи алоҳида шуда метавонад, гуфта, қайд кардааст муаллиф.

Дар охири «Очеркҳо...» доир ба истифодаи ибораҳои сифати феълӣ ва масдарӣ дар повести «Марги судхӯр» Н.Маъ-

сумӣ мухтасар тавaққуф карда, ба воситаи ибораҳои мазкур барои ба таври муъҷаз тасвир намудани воқеа ва ҳодисаҳо, ба ҷои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷумлаҳои содаи баъзе аъзоҳояшон бо ибораи сифати феълӣ ва масдарӣ ифодашударо кор фармудани устод Айниро қайд кардааст. Чунон ки маълум аст, ибораҳои феълӣ (сифати феълӣ, масдарӣ ва феъли ҳолӣ) эквиваленти ҷумлаҳои пайрави гуногун буда, дар иҷрои вазифаи грамматикӣ бо ҷумалоти пайрав муродиф мебошанд.

Дар «Марги судхӯр» бисёртар кор фармуда шудани чунин ибораҳо ба андозае содагии сохти синтаксиси забони повестро ва хусусияти услуби фардии устод Айниро нишон медиҳад. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда бо ибораи сифати феълӣ муносибати муродифӣ дошта, онҳо ба ҳамдигар бадал мешаванд. Дар повест ибораҳои сифати феълӣ-«чизи ба гарав диҳанда, маснавии баъд аз намоз хондашаванда, шарикони пештар омада» ва ғайра фаровон истифода шудааст. Ин ибораҳо барои он сифати феълӣ номида мешаванд, ки ба туфайли сифати феълӣ дар таркиби ибора як гурӯҳ аъзоҳои пайрав меоянд ва аз ин рӯ ба ҷумлаи пайрав бадал шудани он имконпазир мегардад... Онҳо дар ҳавлие, ки рӯяш сангфарш карда шуда буд, истиқомат мекарданд, онҳо дар ҳавлии рӯяш сангфарш кардашуда (гӣ) истиқомат мекарданд.

Н.Маъсумӣ дар повести «Марги судхӯр» вобаста ба истифодаи ибораҳои сифати феълӣ ду ҷиҳати хоси услуби эҷодии устодро дар масъалаи сохти ибораи мазкур қайд кардааст. Якаш, дар шакли ихтисор истифода шудани ибораи сифати феълӣ (Марги бо дӯстон тӯй аст) ва дигараш, дар ин гуна ибораҳо мавҷуд набудани мавсуф ва ба исм бадал шуда, суффикси ҷамъбандӣ қабул карда, бо ёрии ягон воситаи грамматикӣ иҷро кардани ин ё он вазифаи аъзои пайрави ҷумла мебошад: «...ояндагони аз тарафи Когон»-ро

шакли аслии ин ибораҳо: Марги бо дӯстон воқеъшаванда тӯй аст. Одамони аз тарафи Когон ояндаро аз назар мегузаронид. Шакли дувумаш, ба фикри мо, бештар хоси услуби устод Айнӣ аст, шакли аввалаш «Марги бо дӯстон» - ибораи ноқиси сифати феълӣ буда, ба сохти грамматикии забони адабии ҳозираи мо мутобиқат дорад ва барои рӯидан ва фаровон истеъмолшавии он дар забони тоҷикӣ заминаи мусоид мавҷуд аст: «..ба болои як мурофиаи бо деҳқонон... Қорӣ Ишкамбаро... иштирок кунонад...» «ба ошхӯрии аз хонаи қарздорон ва ҳуҷранишинонаш сарф кунад» «...даромади аз қарздорони шаҳриаш...».

Азбаски оид ба ин тарзи иборасозӣ, яъне аз ихтисори ибораи сифати феълӣ, сухан рафт, мухтасар карда гуфтан лозим аст, ки забоншиносоне, ки аз истилоҳи ибораи сифати феълӣ даст кашида, онро ба туфайли мавсуфи ибора, ки исм аст, ибораи исмӣ ба қалам медиҳанд, аз рӯи инсоф намебошад. Ибораи сифати феълӣ дар асарҳои диалектологии В.С.Расторгуева, дар дигар асарҳои илмии ба мавзӯҳои синтаксис тааллуқдор ба таври васеъ шарҳ дода шудаанд. Аз ивази истилоҳ моҳияти вазифаи наҳвии калимаву ибораҳо дигар намешавад. Ҳоло як гурӯҳ забоншиносон аз баҳри истилоҳи ибораи сифати феълӣ гузаштанианд. Тағйири истилоҳ кашфиёти илмӣ нест. Кӣ намедонад, ки истилоҳ шартан қабул шуда, ба моҳияту вазифаи воҳидҳои грамматикӣ мутобиқати нисбӣ дорад.

Ибораи ноқиси сифати феълӣ дар забони тоҷикӣ фаровон истеъмол меёбад: Марги бо дӯстон тӯй аст. Ҷомаи бомаслиҳат танг намеояд. Одами ақлаш расо аз корҳои ношоиста парҳез мекунад ва ғайра. Аз таркиби ин ибораҳо сифатҳои феълии воқеъшаванда, дӯхташуда ва буда афтодааст. Ин ҳодисаи грамматикӣ ба туфайли муъҷазбаёнии забони гуфтугӯӣ рӯида, ба забони адабии китобат роҳ ёфтааст. Агар иборашиносони мо асарҳои худро бо такя ба аса-

рҳои илмии дар асоси қоидаву қонунҳои хоси табиати забони тоҷикӣ навишташуда эҷод мекарданд ва аз асарҳои дигари адабӣ-бадеии устод Айнӣ ва шогирдони он кас як ҷаҳон ибораҳои навсохту тозамаъно пайдо карда метавонистанд ва онҳоро чун устод Маъсумӣ шарҳ медоданд, бешубҳа, забоншиносии тоҷик бештар бархурдор мегардид.

Ибораи феъли ҳолӣ низ шакли ноқис дорад. Дар ҷумлаи «мӯйсафед дар кӯча дар даст асо оҳиста-оҳиста мерафт». Таркиби «дар даст асо» дар ин ҷумла ибораи ноқиси феъли ҳолӣ буда, аз таркиби он феъли ҳоли «дошта» ё «гирифта» афтодааст, ки ин шакли муъҷази ифодаи халқӣ-классикӣ мебошад. Худи ибораи «дар даст асо» дар ҷумла чун аъзои пайрави «ҳоли ҳолат» буда, ба хабари феълии ҷумла тобеъ набуда, ҳолати зоҳирии субъекти ҷумла - мӯйсафедро шарҳу эзоҳ медиҳад. Ин мафҳумро ба воситаи ҷумлаи пайрави ҳоли ҳолат, ки бо ёрии пайвандаки «дар ҳолате ки» ба сарҷумла тобеъ мешавад, ифода кардан мумкин аст: Мӯйсафед дар кӯча, дар ҳолате ки дар даст асо дошт, оҳиста-оҳиста мерафт, Гуфтан лозим аст, ки қисми аксари асарҳои илмии оид ба сохти синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик навишташуда мунтазири чопи худ мебошанд.

Бояд гуфт, ки дар талқини бисёр масъалаҳои сохти грамматикии забонамон ҳараҷу мараҷ тез-тез сар зада меистад. Мутаассифона, баъзеҳо аз асарҳои чопшуда ҳам дуруст истифода намебаранд ва ё тақозои иззати нафсашон монеъ мешавад, ки аз асарҳои илмии чопшуда беғаразона барои пешрафти илми забоншиносии тоҷик истифода намоянду ишора диҳанд. Баъзан истифода карда, ишора намедиҳанд, кашфиёти дигаронро чун «моли худ» пешкаш менамоянд.

Н.Маъсумӣ қайд кардааст, ки дар повести «Марги судхӯр» монанди ибораи сифати феълӣ ниҳоят дараҷа зиёд кор фармуда шудани ибораи масдарӣ ҳам як нишонаи содагии сох-

ти синтаксисии забони ин асар аст. Дар забони устод Айнӣ иборасозии масдарӣ характернок аст. Ибораи масдарӣ, чунон ки маълум аст, қариб бо аксари ҷумлаҳои пайрав нисбати муродифӣ дорад. Аз ин рӯ, вай дар таркиби ҷумлаҳои сода чун як аъзои тафсилии ҷумла ба ҳисоб гирифта мешавад: Вазифаи мо роҳнишинон барои дар роҳ афтодамондагон ва сармогирифтагон хизмат кардан аст. (С.А.) Ибораи масдарӣ ба вазифаи сараъзо ва аъзоҳои пайрави гуногуни ҷумла бо ёрии воситаҳои грамматикии матлуб сурат ёфта меояд: Дар вақти ҷудо шуданам аз дӯкони аттор дидам, ки Қорӣ Ишкамба... як ишорати тааҷҷубкоронае кард»..., бо гирифтани усто лунгиро аз гарданаш..., баъд аз гузаштанам аз пули Меҳтарқосим..., баъд аз хестанам аз сари суфачаи дари «Ҷаннатмаконӣ» ва ғайра.

Ҳарчанд бисёр ҷиҳатҳои ибораҳои феълии забони тоҷикӣ, ки аз ибораҳои сифати феълӣ, масдарӣ ва феъли ҳолӣ иборат аст, дар асарҳои оид ба грамматика ва, махсусан, синтаксис, инчунин дар асарҳои тадқиқотӣ-илмии доир ба «Марги судхӯр», «Одамони ҷовид», «Духтари оташ» ва ғайра навишташуда шарҳ ёфта бошад ҳам, боз ҳаматарафа тадқиқ ва таҳлили ибораҳои мазкур аз ҷиҳати сохту таркиби наҳвӣ, вазифаи грамматикӣ ва лаҳзаҳои услубии онҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба тадқиқи амиқи илмӣ эҳтиёҷ дорад, зеро ки дар дохили ин қабил ибораҳои феълӣ калимаҳои бисёре омада, бо роҳҳои гуногун вазифаи субъекту предикат ва субъекту объектҳои мантиқию ҳолҳои гуногунро адо мекунанд, ҳамаи ин хислатҳо аз муродифи ҷумлаҳои пайрав будани онҳо сар мезанад.

Н.Маъсумӣ дар охири «Очеркҳо...» натиҷаи тадқиқоти худро оид ба повест дар якуним саҳифа ҷамъбаст кардааст. Азбаски ҷамъбаст хеле мухтасар ва муъҷаз навишта шудааст, мо бо қадре ихтисор бо гуфтори худи муаллиф ба мутолиа ва диққати хонандагони муҳтарам пешкаш мена-

моем: «Хулоса, повести «Марги судхӯр» яке аз барҷастатарин асарҳои Айнӣ буда, бо моҳияти адабии худ дар қатори беҳтарин асарҳои адабиёти реализми сотсиалистӣ меистад. Тезутундии забон ва услуби ҳаҷвии С.Айнӣ дар «Марги судхӯр», пеш аз ҳама, аз устодона кор фармуда шудани усулҳои киноя, истеҳзо, тамасхур, тасвири аҷоибу ғароиб, муболиға ва ташбеҳҳои ҳаҷвӣ мебошад. Повест ...ба материали бои забони умумихалқӣ такя карда навишта шудааст. Кӯтоҳбаёнӣ яке аз хислатҳои фарққунандаи услуби ин асар аст... Айнӣ забони халқро «анбори холинашаванда» номида, барои пурра истифода кардани боигарии он, намунаи эҷодкорона фоида бурдани онро амалан нишон додааст.

...С.Айнӣ ҳамчун устоди сухан, тамоми боигарии грамматикии забони тоҷикӣ ва гуногуннамудии шаклҳои ифодаи онро ба кор мебарад ва дар баробари ин дар масъалаи каму зиёд кор фармудани шаклу тарзҳои грамматикӣ майли индивидуалии худро низ зоҳир менамояд... Таҳлили хусусиятҳои забонӣ ва услубии повест... аз як тараф, ягонагии системаи забони асарҳои С.Айниро муайян кунад, аз тарафи дигар, равияи махсуси дар повести «Марги судхӯр» пешгирифтаи нависандаро муқаррар менамояд. Хусусиятҳои махсуси ин асар вобаста ба маҷмӯи идеяҳои асар, шароит, характери одамон ва ҳодисаҳо, вобаста ба мақсадҳои бадеии нависанда фаҳмида ва шарҳ дода мешавад. С.Айнӣ инкишофи умумии забони тоҷикро дар асарҳои худ пурра ва дуруст акс кунонида, қоида ва шаклҳои умумишавандаи онро ба нормаи адабӣ даровварда, бо иловаи хусусиятҳои махсуси забони худ забони адабии тоҷик, насри бадеӣ ва услубҳои онро инкишоф ва такмил медиҳад. Аз ин ҷиҳат повести «Марги судхӯр» як манбаи пурра инъикоскунандаи вазъият ва ҷараёни тараққиёти забони миллии адабии тоҷик мебошад» «Очеркҳо».... – С.293-294).

Мехоҳам дар охир роҷеъ ба мавқею моҳияти илмии ин асари барҷастаи тадқиқотӣ ва муаллифи он, олими нуктасанҷу адиби забоншиноси намоёни халқи тоҷик, Н.Маъсумӣ баъзе мулоҳизаҳои худро ба диққати хонандагон пешкаш намоям.

Н.Маъсумӣ дар «Очеркҳо»-и худ асари барҷастаи устод Айнӣ «Марги судхӯр»-ро аз назари илми забоншиносии марксистӣ бо камоли нуктасанҷӣ аз ҷиҳати услубу забон тадқиқ карда, дар мисоли материали ин асар истифодаи боигарии забони халқу забони китобат ва дар ин роҳ мавқеъ ва роли устод Айниро возеҳ шарҳ дода, лаҳзаҳои инкишофу такомули забони адабии ҳозираи тоҷикро бо услуби илмии хеле ҷолиби диққат васеъ шарҳ додааст. Бояд гуфт, ки «Очеркҳо...»-и мазкур оид ба таҳлили забони асари бадеии нависандагони мо, аз ҷумла, забони устод Айнӣ, якумин асари амиқи илмӣ мебошад, ки бо навишта шудани ин асар дар солҳои 50-ум дар Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ ибтидои тадқиқи амиқи илмии асарҳои бадеӣ оғоз ёфт ва ба илми услубшиносии тоҷик, ки бо таҳлили грамматикӣ пайвастагӣ ва омезиш ёфтааст, ибтидо гузошта шуд.

Ин асар барои тадқиқи услубу забони асарҳои бадеии нависандагони мо ба сифати намунаи ибрат хизмат кард ва дар оянда низ хизмати ин асар давом ходад ёфт. «Очеркҳо...» на танҳо барои тадқиқотчиён, балки барои адибон, олимони ҷавони забоншинос, аспирантони филолог, донишҷӯёни курсҳои болои факултетҳои филологияи институтҳо, муаллимони забону адабиёти мактабҳои олӣ ва миёна ҳамчун асари илмии қиматбаҳои рӯимизӣ мавриди истифода бояд бошад. Аз чопи аввалаш 25 сол гузаштааст. Онро ҳарчи тезтар аз нав чоп кардан лозим.

Доир ба забони «Очеркҳо...» ва муаллифи он Н.Маъсумӣ гуфтан лозим аст, ки доираи дониши васеъ, маҳорати баланди забондонӣ, истеъдоду заковати фавқулодда, дони-

ши васеи илмӣ, меҳнатдӯстию сифатҳои наҷиби инсонӣ дар симои ин олими хоксори тоҷик якҷоя таҷаллӣ ёфта буд. Мо чунин фикр мекунем, ки ҳар касе дар Институти педагогии Душанбе лексияҳои Н.Маъсумиро оид ба курси забони адабии ҳозираи тоҷик, таърихи забони адабии тоҷик асри X-XIX, таърихи адабиёти асри XVI-XIX-и тоҷик ва ғайраро шунида бошад ва, махсусан, бо ин олими нуктасанҷи ба дараҷаи камолоти хоксорӣ расида, якҷоя дар як коллектив кор карда бошад, ҳеҷ гоҳ ӯро аз хотир намебарорад ва дили дӯстон ва ҳамкорони беғаразн Н.Маъсумӣ ҷавлонгоҳи муҳаббати саршори абадии ин олими бемаҳал дар айни камолоти эҷодӣ аз олам чашм пӯшидаи мо мебошад.

«Очеркҳо...» аз ҷиҳати моҳияти худ қимати баланди илмӣ дорад ва барои муайян намудани хизмати устод Айнӣ ва муборизаи он кас барои шакл гирифтани забони адабии ҳозираи тоҷик яке аз далелҳои барҷастае мебошад, ки ба мо мақом ва ҷодаи устод Айниро равшану возеҳ мефаҳмонад. Чунин рисолаҳо роҷеъ ба таҳлили ҳамаи асарҳои устод Айнӣ бояд навишта шавад. Мо ҳоло дар ин соҳа дар назди хизмати бузург ва хотираи дурахшони Устод Айнӣ кори чандон ба таъриф арзандае накардаем, ин вазъият филологҳои тоҷикро вазифадор мекунад, ки диққати худро ба давом додани ташаббуси барҷаста ва шоистаи Н.Маъсумӣ равона карда, «Дохунда», «Ғуломон» ва «Ёддоштҳо»-ро аз ҷиҳати услубу забон омӯхта, исбот кунем, ки устод Айнӣ на танҳо барои ба забони халқӣ наздик кардани забони адабии ҳозира корнамоӣ нишон додаанд, балки устод Айнӣ дар ин роҳ ба муқобили равияҳои гуногуни зараровар мубориза бурда, бо мақола ва асарҳои илмӣ ва бадеии худ барои забони адабии ҳозираи тоҷик хизмати бузург карданд. Аз ин рӯ, сазовори иззату эҳтиром ва намунаи ибрат мебошанд.

Бо сарварӣ ва тарбияи бевоситаи устод як гурӯҳ адибо-

ни номӣ ба воя расидаанд, ки имрӯз аксарашон дар ҷодаи устодӣ мебошанд, бо асарҳои насрию назмии худ дар роҳи шакл гирифтан ва инкишофу такомули забони адабии мо ҳиссаи сазовор мегузоранд. Дар ин ҷо бо камоли ифтихор номи шогирдони устод адибон Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, А.Деҳотӣ, С.Улуғзода, Р.Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, Ф.Муҳаммадиев ва чанде дигаронро ном гирифтан ҷоиз аст, ки бо асарҳои эҷодкардаи худ дар инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик ҳиссаи босазое гузоштанд.

Ба воситаи ин асар Н.Маъсумӣ ба услубшиносии тоҷик асос гузошт. Вай ин асари тадқиқотиашро ба хотираи дурахшони устод Айнӣ бахшидааст. Дар ҳақиқат, устод Айнӣ дар роҳи шакл гирифтан ва инкишофи забони адабии миллии ҳозираи тоҷик бо мубориза ва асарҳои сершумори бадеӣ, илмӣ ва таърихии худ хизмати шоистае карданд ва бояд гуфт, ки услубшиносону иборашиносон доир ба дигар асарҳои устод Айнӣ чунин асарҳои илмӣ навишта, услубшиносии моро бештар инкишоф дода, рол ва мақоми устод Айниро дар инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик беш аз пеш возеҳу равшан мегардонанд. Умед аст, ки ин кори бошараф аз диққати забоншиносону услубшиносон дур нахоҳад монд.

## ХОТИРАҲО ДАР БОРАИ НОСИРҶОН МАЪСУМӢ

Августи соли 1933 аз Самарқанд ба қатори як гурӯҳ ҷавонони курси таълим-тарбияи муаллимонро хатм карда, бо даъвати Вазорати маорифи Тоҷикистон ба Душанбе омадем.

Вазорати маориф аз байни мо ду нафарро: ману Б.Аминовро ба собиқ райони Ҳоити вилояти Ғарм фиристод. Баҳром Аминов дар Ҳоит чанд гоҳ муаллим буд, баъд мудири маорифи районӣ шуда кор кард. Ӯ тамоми умр муаллимӣ кард. Ӯ Муаллими Хизматнишондодаи ҷумҳурӣ, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, аз нафақаи хоси ҷумҳуриявӣ бархурдор буд.

Баъд аз 4 соли муаллим ва корманди маорифи районӣ шуда кор кардан Вазорати маориф маро бо чанд нафар ҷавонон соли 1937 ба Тошкент, ба Институти муаллимии тоҷикӣ, барои хондан фиристод. Дар шуъбаи забону адабиёти тоҷик қабул шуда, онро июли соли 1939 хатм кардам.

Дар ҳамин институт, дар шуъбаи математика, аз Панҷакент, аз ҷамоаи Кулолӣ, қишлоқи Рӯдак, Насрулло Усмонов ном суғдиписар, ки омӯзишгоҳи педагогии Панҷакентро хатм карда буд, низ мехонд. Мо ҳар ду ба навбат аввал ман, баъд ӯ котиби комитети комсомоли институт шуда кор кардем. Ба ҳамин сабаб мо ба якдигар унс гирифтем. Моро корҳои комсомолии институт ба ҳам наздик карда буд.

Баъзан дар рӯзҳои истироҳат ба шаҳрбоғҳои Тошкент рафта, вақт мегузаронидем, бо ҳамдигар бештар шинос мешудем. Дар аснои суҳбат чанд бор шариктаҳсилам дар бораи таҳсили худ дар омӯзишгоҳи Панҷакент ва муаллимони аз Самарқанд омадаи омӯзишгоҳ, аз ҷумла, дар бораи Носирҷон Маъсумӣ, Ҳамид Бақозода, Ҳайдар Ҳодизода бо эҳтироми калон гап мезад. Махсусан, дар бораи маҳорати муаллимӣ, шоирӣ, маданияти баланду одоби ибратбахши муаллимаш Носирҷон Маъсумӣ бо меҳру муҳаббати шогирдӣ гаштаву баргашта нақл мекард.

Ана ҳамин ҷӯраам - Насрулло Усмонов, ки ҳоло дар мактаби миёнаи ба номи Абдусалом Деҳотӣ, ки дар деҳаи Ғусари райони Панҷакент воқеъ аст, ба сифати муаллими калони физика ва математика кор мекунад, ҳусни тавачҷуҳи маро ғоибона ба Н.Маъсумӣ ҷалб кард. Дар охир гуфт, ки чӣ мешавад, ки баъди хатми институт бо ҳамроҳии ман ба кор Панҷакент биёед. Ин таклиф барои ман айни муддао буд. Кайҳо ин орзу дар дили ман пайдо шуда ва ин орзу маро гоҳо хаёлан ба тасаввури тамошои Панҷакенти бостонӣ ва ҷӯраи ғоибона Носирҷон Маъсумӣ банд мекард. Ман ба даъвати ҷӯраам Насрулло Усмонов изҳори ризоят намудам.

Баъди хатми институт, августи соли 1939 ба омӯзишгоҳи педагогии Панҷакент хати таъйинот гирифта, ба он ҷо бо ҳамроҳии Н.Усмонов ва Михаил Калонтаров, ки дар Институти тоҷикии Тошкент шарикдарсам буд, омадам. Аммо аз ду орзу якаш ҷомаи мурод напӯшид. Сентябри соли 1936 Носирҷон барои хондан ба Душанбе омада, ба Институти педагогӣ даромадааст. Ман дар омӯзишгоҳ як сол муаллими забон ва адабиёти тоҷик шуда кор кардам.

Агарчанде орзуи дар Панҷакент ба Носирҷон дучор шудан бароям муяссар нашуд, аммо дар он ҷо ман ба як шахси фозили дигар вохӯрдам, ки аз он вохӯрии тасодуфи дилпазир то охири умр изҳори шодмонӣ дорам. Ин шахси фозил Абдуҷаббор Шарифзодаи исфарагӣ буданд, ки ҳама он касро Домулло Шарифзода мегуфтанд. Шарифзода он вақт соли 1939 дар яке аз мактабҳои миёнаи нопурраи шаҳри Панҷакент муаллими забону адабиёти тоҷик шуда кор мекарданд.

Соли 1938, аз мо як сол пештар, Қосимов ном як ҷавони конибодомӣ шуъбаи таърихи Институти муаллимии Тошкентро хатм карда, ба Панҷакент омада, дар мактаби миёнаи нопурраи Шарифзода кор мекардагӣ аз фанни таърих дарс медодааст ва бо ҳамроҳии Шарифзода дар меҳмонхонаи ҳавлие ба сифати иҷорашин истиқомат мекардаанд. Ин ҷавони бамаърифати меҳрубон баъд аз сар шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба сафи Армияи Сурх сафарбар шуда, барои мудофиаи Ватанӣ азиз, дар ҷангҳои шадиди остонаи Москва, чунон ки баъдҳо аз Домулло Шарифзода шунидам, қурбон гардидааст. Шараф ба чунин ҷавонони диловари шодравон, ки шаҳиди ҷанги беамон гардида буданд.

Ба туфайли ҳамин ҷавони диловар ман бо Домулло Шарифзода шиносоӣ пайдо карда, дар тӯли як соли корам дар омӯзишгоҳи Панҷакент унс гирифтам. Дӯстӣ ва рафоқати мо аз рӯзи аввал хеле дар вазъияти мусоид ва самимият сурат

гирифта, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъди он то рӯзи охири ҳаёти устод Шарифзода муттасил давом дошт.

Ман дар омӯзишгоҳ ба сифати муаллими забону адабиёти тоҷик, дӯстам Насрулло Усмонов муаллими математика шуда кор мекардем. Ҳарду дар меҳмонхонаи усто Олим ном дуредгари Самарқандии мутаваттин дар Панҷакент истиқомат мекардем. Усто аҳли савод буда, ҳамчун устои гулдаст ва инсони шариф дар байни аҳолии Панҷакент маълум буданд. Қариб ҳар шаб мо ҳар чаҳор - ману Усмонов ва Шарифзодаю Қосимов то поси шаб суҳбат мекардем. Мавзӯи суҳбат оид ба забону адабиёти классикӣ ва советии тоҷик буд.

Баъди як соли кор дар омӯзишгоҳ ман бо мақсади давом додани хондан ба Институти педагогии шабонаи Самарқанд, ба курси III, ба факултети забону адабиёт дохил шуда, рӯзона дар мактаби миёнаи ба номи Алишер Навоӣ ба сифати мудири илмӣ кор карда, аз забону адабиёти тоҷик дар синфҳои 10 дарс медодам. Баъди сар шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба сафи армия сафарбар шудам.

Азбаски шахсияти устод Шарифзода сазовори он аст, ки дар ҳаққи он кас сухане чанд гуфта шавад, ман аз ин фурсати мусоид истифода карда, қарзи дӯстӣ ва метавон гуфт ҳам қарзи шогирдии худро нисбат ба ин шахси фозил адо намоям, шояд ба ин восита он хизмати шоистаи устодро, ки хеле шогирдони бисёре доранд ва як зумраи онҳо ҳоло дар соҳаи илму маърифати халқи тоҷик хеле хизмати назаррас карда истодаанд, ба хотир орему рӯҳи шодравон устод Шарифзодаро шодмон гардонем.

Устод Шарифзода саргузашти хеле аҷиб ва ибратбахш доранд. Дар аввали солҳои 50-ум устод Маъсумӣ ба воситаи банда ва шогирдони дигарашон бо Шарифзода шиносоӣ пайдо карда, бо ҳам хеле унс гирифта, дар байнашон рафоқати маънавию маърифатӣ сурат гирифта буд. Устод

Маъсумӣ ҳар гоҳ Самарқанд раванд, албатта ба Панҷакент барои дидани дӯстонашон рафта, аз ҷумла, бо устод Шарифзода 2-3 рӯз суҳбатҳои рӯҳафзое карда, аз дидори ҳамдигар шодмон бармегаштанд.

Шодравон Абдуҷаббор Шарифзода соли 1899 дар деҳаи Навгилеми райони Исфара дар оилаи деҳқони миёнаҳол таваллуд шуда, то солҳои 1920 дар мактабҳои куҳна ва мадрасаҳои шаҳри Исфара ва Қӯқанд таҳсили илм намудаанд. Аз соли 1921 сар карда, аввал ба корҳои маъмурӣ ва баъд ба муаллимӣ машғул шудаанд. Домулло Шарифзода шахсест, ки дар Исфара аввалин мактаби советиро ташкил кардаанд. Соли 1922 барои хондан ба курси муаллимтайёркунӣ, ба шаҳри Бухоро фиристода мешаванд. Баъди итмоми курси муаллимӣ то соли 1925 ба сифати муаллим дар Исфара ва Конибодом кор мекунанд. Аз охирҳои соли 1925 сар карда, ба ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии районҳои Исфараю Конибодом фаъолона иштирок намуда, аввал раиси комитети инқилобӣ, баъдҳо ба кори роҳбарии идораҳои советӣ, хоҷагӣ, хулоса, ба вазифаҳои масъули гуногун кор мекунанд. Шарифзода дар ин солҳо дар районҳои номбурда дар роҳи мустаҳкам кардани сохти советӣ, ташкили мактабу муассисаҳои маданӣ, маҳв намудани бесаводӣ, барои озодии занон, мубориза ба муқобили душманони сохти советӣ хизмати шоистае кардаанд.

Соли 1938 ба Панҷакент омада, аввал дар мактаби миёна, баъд то соли 1968 дар омӯзишгоҳи шаҳри Панҷакент аз фанни забону адабиёти тоҷик дарс медиҳанд.

Меҳнати бошарафи устод Шарифзода дар мактаби миёна ва омӯзишгоҳи педагогии Панҷакент дар тӯли 21 соли пурсамар хеле назаррас буда, як зумра ҷавонони боистеъдоди ин солҳо дар мактабҳои миёна ва омӯзишгоҳ таҳсил карда, аз устод Шарифзода дониш омӯхтаанд ва як қисмашон ҳоло дар соҳаи гуногуни илми филологияи тоҷик ба

сифати олим, шоир, нависанда ва кормандони хуби соҳаи маорифу маданият хизмат мекунанд.

Аз байни ҷавононе, ки дар омӯзишгоҳи Панҷакент таҳсил кардаанду забону адабиёти тоҷикро аз устод Шарифзода таълим гирифтанд, як зумра аҳли фазлу адаб ба воя расиданд. Аз ҷумлаи олимони забону адабиёт рафиқон докторони филология Бозор Тилавов, Абдунабӣ Сатторов, шоиру нависандагон Файзулло Ансорӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Шералӣ Лоиқ, Шералӣ Мастон, Бобо Насриддинов, Сорбон, Убайд Раҷаб, Бобо Худойдодов ва чанде дигарон мебошанд, ки ҳамеша дар ҳар маврид нақши неки устоди худро бо сипосгузорӣ ёдоварӣ мекунанд.

Алҳол дар омӯзишгоҳи педагогии Панҷакент кори устод Шарифзодаро яке аз шогирдони боистеъдоди он кас Х.Муҳаммадиев, ки факултети филологияи Институти педагогии шаҳри Душанберо бомуваффақият хатм кардааст, давом дода истодааст.

Партия ва ҳукумат хизматҳои шоистаи устод Шарифзодаро қадр карда, соли 1955 бо ордени Ленин мукофотониданд. Устод аз соли 1959 то аснои вафоташон (1969) дорои нафақаи шахсии дараҷаи республикавӣ буда, нашъаи давлати пириро осуда гузарониданд... Сентябри соли 1941 ман ҳам ба сафи Армияи Сурх сафарбар шудам. Округи Осиёи Миёна маро бо ҳамроҳи 20 нафар коркунони сиёсӣ барои дар қисмҳои ҳарбӣ корҳои сиёсӣ-тарбиявиро адо кардан ба Эрон, ба шаҳри Гургон (Астаробод), фиристод. Ман ба сифати капитан-политрук то августа соли 1943, дар ин ҷо хизмат кардам. Охирҳои моҳи августи соли 1943 дар асоси нишондоди сарфармондеҳи фронт, ки дар он аз армия ба ақибгоҳ ҷавоб дода шудани муаллимон, агрономҳо ва донишҷӯён қайд шуда буд, аз Эрон ба Тошкент омада, аз хизмат ҷавоб шуда, 30 август ба Душанбе омада, ба курси IV факултети забон ва адабиёт дохил шудам.

Институти педагогӣ он вақт дар бинои ҳозираи Вазорати маориф дар кӯчаи Куйбишев буд. Аввалин лексия фолклори тоҷик буд, дар ҷадвали дарс номи муаллим Н.Маъсумӣ навишта шуда буд. Мо дар курси IV чор нафар донишҷӯ будем. Ба ғайр аз ман 3 нафар духтарони аз Ленинград эвакуатсия шуда омада дар Институти педагогӣ таҳсили худро давом медоданд. Инҳо Ванда Яблонская, Казакевич ва Люба буданд, ки дар шуъбаи форсии факултети шарқшиносии Университети ба номи А.А.Жданов мехондаанд.

Тахмин ин духтарон дар курси III ҳам таҳсил карда буданду лексияи курси фолклор дар курси IV давом доштааст. Мавзӯи дарс суруд ва таронаҳо буд. Сухан дар бораи бадеҳагӯӣ рафту мисраи чоруми банди бадеҳаи тарафайн бо такрори мисраи... Гар бӯса хоҳӣ, зар бидеҳ» ба охир мерасид. Аз духтарон Казакевичи нозанин аз муаллим маънои калимаи «бӯса»-ро пурсид. Ин саволро шунида ману Н.Маъсумӣ бо табассум ба ҳамдигар нигоҳ кардем.

Бори аввал ман ба Носирҷон на ҳамчун ҳамкасб, балки ба сифати муаллими худ, шахси аз худ чандин гардан боло дар аснои лексия хондани ӯ дучор шудам. Аз лексияи пурмазмуни аввалини Носирҷон ба ман таассуроти хеле баланд ҳосил шуд: Забони фасеҳ, овози форам, диксияи таъсирбахш, тарзи хондани ба худ хоси байту мисраҳои адабиёти даҳонакии халқ, рубоӣ ва қитъаҳои пурмазмун, илова ба ин симои дилкаши Носирҷон ва тарзи оромона суханронии он ҳусну таваҷҷуҳи маро нисбат ба ин шахси кайҳо боз орзуи диданаш дар дили ман маъво гузошта на дучанд, балки даҳчанд гардонид.

Н.Маъсумӣ ба мо аз курси синтаксиси забони адабӣ лексия хонд ва дарси амалии забонро низ аз ӯ омӯхтем.

Баъди хатми институт, августи соли 1944, ман бо салоҳдиди устод Ш.Ҳусейнзода ва Н.Маъсумӣ ва Ориф Шукуров, ки он вақт ректори институт буданд, ба сифати муаллими

забон ба кор таъйин шудам. Азбаски аз ин пеш чанд муддат дар мактаби ибтидоӣ, миёнаи нопурра ва омӯзишгоҳ кор карда, андаке бошад ҳам, дар кори педагогӣ таҷриба андӯхта будам ва дар таълими забони тоҷикӣ малака доштам, аз рӯзҳои аввал сар карда, дарсҳои худро ба андозае дилпурона мегузаронидам. Аввалин дарсҳои ман аз забон дар курсҳои IV факултет рост омад, зеро Н.Маъсумӣ дар мактаби партиявии республикавӣ дарс медоданду дар институт аз адабиётшиносӣ ва адабиёти асри XVI-XIX лексия мехонданд. Ҳамон вақтҳо, хушбахтона, як зумра ҷавонони боистеъдод дар курси IV институт таҳсил мекарданд. Инҳо Раҷаб Амонов, Маҳмадҷон Шукуров, Низом Нурҷонов, Шавкат Ниёзӣ (додари Фотеҳ Ниёзӣ), Азиз Каримов ва чанде дигарон буданд, ки ҳоло камолоту фазилати ин рафиқон ба ҳама маълум аст.

Аз солҳои 1945 устод Шарифҷон Ҳусейнзода ва Носирҷон Маъсумӣ ба Институти забон ва адабиёти АФ Тоҷикистон ба кор даъват шуданд, вале дар институти педагогӣ ҳам кори худро давом медоданд. Н.Маъсумӣ он вақтҳо ниҳоят серкор буд. Бояд гуфт, ки вай то охири умр бо кори эҷодӣ ва ҷамъиятӣ банд буд. Ман ҳам аз ӯ ибрат гирифта, вақти худро ба кори фоиданок сарф мекардам. Носирҷон диққати маро ба аъзои пайрави ҷумла - ба мафъул (пуркунанда) ҷалб кард. Баъд гоҳ-гоҳ оид ба моҳият, роҳҳои ифодаю суратёбии мафъул суҳбат мекардем. Ман баъзе чизҳоро оид ба мафъул аз ӯ пурсида мегирифтам. Рӯзе ҳавасу мароқи маро нисбат ба мафъул дида ба ман гуфт, ки чӣ мешавад, ки шумо дар конференсияи илмии муаллимон (баҳори соли 1945) оид ба «Мафъул-пуркунандаҳо», як маърӯза кунед. Ҳамин аъзои пайрав дар забони тоҷикӣ аз назари илмӣ беш аз пеш ба тадқиқ эдтиёҷ дорад. Розӣ шуда, маърӯза кардам, хулосаи он бо кумаки ӯ дар маҷаллаи «Мактаби советӣ», соли 1947, рақами 4 чоп шуд. Ин аввалин мақолаи

шогирдонаи ман буд, ки бо ташаббусу роҳбаладии устод манзури аҳли кор гардид.

Рафоқат ва ҳамкории мо рӯз то рӯз ривоҷ меёфт. Баъд мо ба ҳамдигар хеле унс гирифтем. Азбаски ман мутолиаи насри бадеии адабиёти классикиро дӯст медоштам, гоҳ нақлу ҳикояро аз он китобҳо сар мекардам. Бодиққат гӯш карда, дар охир, ҳамроҳ шуда аз ман беҳтар матлаби нақлу ҳикояи маро гуфта медод. Баъд фаҳмидам, ки ҳамаи он насри бадеӣ, ки ман хондаам, ӯ кайхо хондааст ва ман нахондагӣ бисёр асарҳоро хондааст: «Чор дарвеш», «Баҳори дониш», «Анвори Суҳайлӣ», «Ҳазору як шаб», чандин достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун», «Сафарнома»-и Носири Хисрав, «Сафарнома»-и Мирзо Сироҷ - «Туҳфаи аҳли Бухоро», «Тӯтинома»-и Зиё Нахшабӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ ва ғайраро мутолиа кардааст ва ин китобҳо ба шахсияти Н.Маъсумӣ таъсири рӯҳпарвар гузоштаанд.

Эҷодиёти аввали вай аз назм сар задааст. Вай табиатан истеъдоди хуби шоирӣ дошт. Завқи бадеӣ ӯро низ ҳофизи хушхон кардааст. Дарсҳои забону адабиёти вай донишҷӯёнро чунон мусаххар мекард, ки аксар занги танаффус ба гӯшашон расад, изҳор мекарданд, ки «Муаллим, ин занг хато зада шуд», вале занг дар вақташ зада мешуд. Вақт агар ба фоида гузарад, мурураш ноаён аст. Донишҷӯёне, ки лексияҳои ӯро доир ба адабиёти асри XVI-XIX шунидаанд, аз ин фанҳо дониши пухта ҳосил кардаанд ва ҳеҷ гоҳ симои меҳрангези устоди худ Носирҷон Маъсумиро фаромуш нахоҳанд кард. Вай маҳбуби ҳамкорон ва шогирдонаш буд.

Дар мобайни соли 1956 ман аз сабаби серкорӣ аз сиҳатии худ бехабар монда, сахт ранҷур шудам. Дар хона дар ҳолати хеле вазнин, бо таби баланд мехобидам, ки Носирҷон омада дид. Дарҳол бо устод Ш.Ҳусейнзода маслиҳат карда, бо мошинаи сабукрави академия маро ба клиникаи як духтури хеле шуҳратманди республика бурда, касалии

маро муайян карданд. Ба аёдатам ба касалхона то сиҳат шуданам Носирҷон, Боқӣ Раҳимзода, ки мо ҳамроҳ дар Институти муаллимии Тошкент таҳсил карда, ёру бародари қарин шуда будем, тез-тез меомаданд.

Абдусамеъ Абдувосиев, ки факултети биологияи Университети Тошкентро хатм карда, хеле шахси бомаърифат, адабиётдӯст, забони адабии тоҷикро хеле фасеҳ медонистанду китобҳои биологияи мактаби миёнаро аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума мекарданд ва дар Институти тиббии ба номи Ибни Сино муаллими физиология шуда кор мекарданд, низ аз аҳволи ман хабар мегирифтанд. Ба ин муносибат аз он касу аз завҷаашон миннатпазирам. Духтурони ғамхор маро дар муддати се моҳ муолиҷа карда, дар аввали соли 1947 ба по хезонданд. Лозим омад, ки ҳамон сол корро камтару бештар аз паси барқарор кардани саломатӣ бошам.

Аз аввали соли таҳсили 1948-1949 маро ба Институти муаллимии Кӯлоб ба кор фиристоданд. Дар ин вақт боз курси забони адабиро дар Институти педагогӣ Н.Маъсумӣ хонд. Ман аз Кӯлоб моҳи октябри соли 1951 баргашта, боз ба Институти педагогӣ омадам, то ки кори илмиро давом диҳам.

Дар аввали соли таҳсили 1952-1953 ҳар ду барои навишта ҳимоя кардани рисолаи номзадӣ ба Университети Ленинград фиристода шудем. Ба Ленинград Носирҷон бо завҷаи меҳрубонашон Вера Осмакова рафтанд, баъдтар, дар охирҳои моҳи ноябри соли 1952, ман ҳам рафтам. Мо ҳар дуро ба сифати унвонҷӯ ба диссертантураи назди факултети шарқшиносии Университети ба номи А.А.Жданов қабул карданд. Роҳбарии моро ду олими номии эроншинос, лутфан, қабул карданд. Роҳбарии Носирҷонро мудири кафедраи эроншиносӣ Александр Николаевич Болдирев ва роҳбарии маро суғдшиноси маъруф Михаил Александрович Боголю-

бов ба уҳда гирифтанд.

Мо ҳарду чунон ки мегӯянд, сара луч карда ба кор сар кардем. Истиқоматамон дар ошёнаҳои гуногуни як хона буд. Аз аҳволи якдигар ҳамеша бохабар, дар кори илмӣ-эҷодиамон аз ҳамдигар бархурдор будем. Бешубҳа, ман аз маслиҳату дониши пухтаю таҷрибаи бои Носирҷон бештар баҳра мебурдам. Саводи алифбои арабӣ, дониши адабиёти классикию таҷрибаи кори педагогии Носирҷон нисбат ба ман чанд поя баланд буд.

Дар вақти ба Ленинград рафтан мо ҳар ду адабиёти ба мавзӯҳои худ даркориро бурда будем. Бинобар ин, имконияти кор нисбатан мусоид буд. Мо ҳар ҳафта як бор барои бо роҳбарони илмии худ вохӯрдан ба университет мерафтем.

Хулоса, таҳсилу машғулияти эҷодии мо дар Ленинград ба таври дилхоҳи мо ҷомаи мурод пӯшид. Мо аз лутфу марҳамати роҳбарони илмии худ, аз маҷлисҳои кафедраи эроншиносӣ, аз суҳбатҳову кумакҳои аъзои кафедра олимон А.П-.Тоҳирҷонов, Анна Зиновевна, С.Н.Соколов ва, махсусан, аз илтифоти ғамхории лаборанти кафедра шоира Яна Часова хеле миннатпазир будем. Мо ҳар ду аз ин сафари худ ба шаҳри гаҳвораи револютсия яке аз шаҳрҳои машҳур ба манбаи илму дониши ҷаҳон як олам баҳра бурдем.

Пеш аз ҳама, аз роҳбарони илмии худ моҳияти чӣ будан ва чи тавр сурат гирифтани дӯстии инсониро фаҳмидем. Устод А.Н.Болдирев ва М.А.Боголюбов ба таъбири Саъдии бузург мисли ду мағзи ширин дар як пӯст буданд. Ҳурмату эҳтироми нисбат ба якдигар доштаи онҳо моро ба дараҷае мусаххар карда буд, ки тез-тез дар ин бора гап зада, ба мо ҳам ҳамин тавр, дӯстии олиҷаноб то охири умр насиб шавад, гуфта орзу мекардем.

Дар Ленинград кори мо дар тадқиқи мавзӯҳоямон ба ҳам зич пайваста буд. Мавзӯи Носирҷон ба тадқиқи забону ус-

луби асари барҷастаи устод Айнӣ повести «Марги судхӯр» вобаста буд. Азони ман ба синтаксиси забони адабии тоҷик, ба тадқиқи категорияи «пуркунандаҳо» тааллуқ дошт, ки бисёр ҷиҳатҳои назарии ин мавзӯъ бо мисолҳои аз повести «Марги судхӯр» иқтибос шуда асоснок карда мешуд. Аз ин рӯ, мо дар таҳлили баъзе фактҳо дар як вақт ба як хулосаи илмӣ меомадем. Ин гуна хулосаҳои илмии ягонаро мо гоҳ мустақилона ва ё гоҳ бо мубодилаи афкор мебаровардем. Беҳтарин дақиқаҳои хурсандии мо аз он иборат буд, ки ҳар ду оид ба ягон масъалаи то имрӯзҳо кашфнашудаи моҳияти ин ё он воҳиди грамматикии забони адабии тоҷик аз назари илмӣ ба хулосаи муайяне меомадему ин бозёфтҳо бо роҳбарони илмии мо манзур шуда, эътироф мегардид.

Мо дар Ленинград аз Тоҷикистон ягона набудем, боз аз шахсони ба мо шинос якчанд рафиқон ба диссертантураи университет барои навишта ҳимоя кардани рисолаҳои номзадии худ аз Душанбе он ҷо омада буданд. Аз ҷумла, Воҳид Асрорӣ бо завҷаашон, Камол Айнӣ, Низом Нурҷонов, Баҳрулло Нарзуллоев, Муҳтарама Хонсуварова ва чанде дигарон. М.Хонсуварова, ки соли 1936 аз Самарқанд ба пойтахти Тоҷикистон омада, факултети таърихи Институти педагогиро соли 1940 хатм кардааст, бо ҳамроҳии Н.Маъсумӣ дар корҳои ташкилоти комсомолӣ ва маҳфили санои нафисаи институт фаъолона иштирок мекард. Аз ин рӯ, онҳо дар институт дар байни донишҷӯён ангуштнамо буданд. Дар омади гап гуфтан лозим аст, ки истеъдоди сурудхонии Н.Маъсумӣ ба туфайли ҳамин маҳфили санои нафиса инкишоф ёфтааст. Аъзои ин маҳфил дар муддати 4 сол бо рақсу суруд, инссенировкаи хурд дар тарбияи завқи бадеӣ ва ахлоқи хуби донишҷӯёни институти педагогӣ мавқеи муҳим бозида буд.

Мавзӯи илмии М.Хонсуварова «Иштироки занҳои Тоҷи-

кистон дар мубориза барои иҷрои плани панҷсолаи якум» (солҳои 1928-1933) буд. Хонсуварова рисолаи номзадии худро дар таҳти роҳбарии олими маъруфи таърихшинос, этнографи тоҷикшинос, шодравон Николай Андреевич Кисляков, ҳамсари лаҳҷашиноси маъруфи тоҷик Анна Зиновевна, дар охири соли 1953 дар Институти этнографияи ба номи Н.Н.Миклухо- Маклаи АФ СССР бомуваффақият ҳимоя кард. Ӯ аз занҳои пешқадами Тоҷикистон аввалин касе буд, ки унвони илмии номзади фанҳои таърих насибаш гардид.

Дар Ленинград мо идҳои Октябр, Соли Нав ва иди Майро ҳамроҳ қайд карда, аз пешрафти илмии якдигар огоҳ мешудем ва шод мегардидем. Ҷойҳои таърихии ин шаҳри оламшумулро дар рӯзҳои истироҳат якҷоя тамошо мекардем ва ҳар лаҳза аз ин дақиқаҳои фараҳбахши умри худ болида, аз сохти ҳаёти нави ҷамъиятамон изҳори хушнудӣ менамудем, аз партияю давлати тавонои Ватани худ фахр мекардему миннатназир будем.

Хулоса, ҳамаи орзуҳои мо оид ба ҷустуҷӯи илму дониш бо ҳимояи нависандаи ин сатрҳо дар Ленинград ва ҳимояи Носирҷон дар Сталннобод соли 1954 ҷомаи мурод пӯшонду ҳарду ба дараҷаи илмии номзади фанҳои филологӣ шарафманд гардидем. Маълум аст, ки ин муваффақияти мо аксарияти ёру дӯстон, шогирдону ҳамкорони содиқро шоду хуррам гардонда буд. Мо низ фараҳманду шодмон будем. Аз ин рӯ, аз устодони худ А. Н. Болдирев ва М. Н. Боголюбов ва инчунин аз касоне, ки ба кори дифои мо кумак расониданд, миннатпазир будем.

Азбаски Носирҷон айёми ҷавонӣ ва аввалин таҳсили худро дар Самарқанд гузарондааст, ҳамеша орзуи тез-тез ба он ҷо сафар кардан, аз обу ҳавои форам ва меваҳои шаҳду шакари Самарқанди чу қанд баҳравар шудан, овони ҷавонии худро ба ёд оварда, ҷойҳои таърихии ин шаҳри кадими бостониро гаштаю баргашта дидан дар дили ӯ маскан гу-

зошта буд. Дар аснои кораш дар академия бо аҳли маърифати Самарқанд ба туфайли робитаи илмӣ ва тайёр кардани шогирдони баландихтисос ба Самарқанд тез-тез мерафт. Ин равуой охир ба меъёри муътадил сурат гирифт.

Ҳар дафъа, албатта, ба боздиди муаллими аввалинаш, ки истеъдоди Носирҷонро пай бурда, дар дили ӯ чароғи илмомӯзиро даргиронда, ӯро ба сӯи куллаҳои баланди дониш равона кардагӣ устоди худ, яке аз муаллимони содибэҳтироми Самарқанд, Хайдар Ходизода мерафт ва ба меҳмонии он кас шуда, як-ду рӯз аз суҳбаташон баҳра мебардошт. Он кас аз ташрифи шогирди номии худ бениҳоят шодмон мегардиданд. Гоҳо он кас ба Душанбе оянд, Носирҷонро надида ва ё ба хонааш меҳмон нашуда, ба Самарқанд намерафтанд.

Носирҷон ба хонаҳои эҷодии Иттифоқи Нависандагони СССР, Литва ва Қрим, бо ҳамроҳи ҳамсараш рафта истироҳат кардааст. Вай дар ин истироҳатҳояш чу як тиру ду нишон истироҳатро бо кори фоиданок пайваста истифода мебурд. Ҳамсараш Вера дар кори илмӣ-эҷодии ӯ мададгори беҳамто буд. Вера баъди тақдири худро бо Носирҷон пайваста кардан, соли 1944, дар андак фурсат ба забони тоҷикӣ балад шуда, корҳои илмии ӯро ба мошинка чоп мекард. Аз ин рӯ, ҳам ба Самарқанд ва ҳам ба Қриму соҳили баҳри Балтик Вера бо «асбоби кумакрасонии худ» сафар мекард. Дар Ленинград ҳам аҳвол ҳамин тавр буд. Аз ин мададкорӣ ва дастгирии завҷааш Носирҷон доимо миннатпазир буд.

Носирҷон Маъсумӣ дар суҳбатҳои шахсӣ, вақте ки гап дар бораи қадру қимати аҳли фазлу адабу устодон мерафт, ҳамеша бо як эхтироми хос дар ҳаққи устодони худ Ҳайдар Ҳодизода ва махсусан Лутфулло Бузургзода суханҳои нек гуфта, нисбат ба онҳо аз таҳти дил изҳори сипосгузорӣ мекард. Чунон ки дар боби аввал ишора рафт, дар китоби «Ҷовидонӣ» мақолаи хеле пурмазмуни Носирҷон бахшида

ба шахсияту фаъолияти педагогӣ, илмӣ ва эҷодии олими барҷастаи халқи тоҷик Лутфулло Бузургзода, ки бо ҳамроҳии педагоги моҳир ва забоншинос Баҳром Ҳоҷизода, адабиётшинос Холиқ Мирзозода Университети Самарқандро соли 1935 хатм карда, ба Душанбе меояд, аввал дар филиали академия кор мекунад ва баъди вафоти бемаҳали Баҳром Ҳоҷизода курси грамматикаи забони адабиро дар курсҳои IV Институти педагогӣ Лутфулло Бузургзода мехонд. «Ба мо, студентон, рӯзе ӯро дар чойхонаи институт, - навиштааст Н. Маъсумӣ, донишҷӯи курси IV Абдуҷаббор Ашӯров, ки дар рабфаки институт забон ва адабиёти тоҷикро дарс медод, шинос кард. Л. Бузургзода бо як гурӯҳ муаллимони институт, ки бо ҳам шоҳмотбозӣ мекарданд, нишаста буд. Вақте ки бозии шоҳмот ба охир расид ва муаллимон аз ҷой хеста рафтанӣ шуданд, мо ӯро дидем. Вай қомати аз миёна баландтар дошта, хушсарулибос буд, чашмонаш равшану меҳрангез метофт. Ба мо чунин намуд, ки ин одам ҷиддӣ ва каммехандидагӣ аст.

Муаллим Л. Бузургзода одами хуштабъ ва заковатманд баромад. Дарҳол таваҷҷуҳ ва муҳаббати шогирдонашро ба худ ҷалб кард. Баъд аз як ҳафта мо лексияи ӯро шунида, дар вақти берун аз дарс бо ӯ суҳбат мекардагӣ шудем. Вай дониши пухта дошт ва предмети худро дӯст медошт. Дар аудитория вай дар вақти лексия диққати донишҷӯёнро мисли магнит ба мавзӯи дарс мекашид».

Н. Маъсумӣ дар ҳамин мақолааш нақли худро оид ба устодаш Л. Бузургзода давом дода, мегӯяд, ки «Вай ба шогирдони худ кори мустақил, маҳорати педагогӣ, маданияти рафтору одоб, маданиятн нутқро омӯхт, ба онҳо ба таври илмӣ фикр карданро ёд дод. Вай кори таълимро бо тарбия зич пайваста мебурд. Ин хислати ӯ муҳаббати донишҷӯёнро нисбат ба ӯ дучанд мегардонид. Маҳз Лутфулло Бузургзода маҳорати педагогӣ ва иштиёқи забондониро ба донишҷӯён

ҷӯёни солҳои 1938-1940 дар факултети забону адабиёт бедор кард. Вай донишҷӯёнро ба омӯхтани ҳаёт ҳамеша даъват карда, байти машҳури устод Рӯдакиро батакрор ба донишҷӯён гӯшрас мекард:

*Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.*

Баъд дар ин мақола оид ба тартиб додани китоби «Фонетика», китобҳои дарсии морфология ва синтаксис барои мактабҳои миёна ва олӣ, мақолаҳои илмии оид ба лаҳҷаи мардуми Исфараю тоҷикони водии Фарғона навиштаи он фикри худро баён кардааст. Дар ин мақола боз дар бобати корҳои илмии доир ба Носири Хусрав ва бо Иттифоқи нависандагон Точикистон алоқаи зич доштани онро қайд карда, мегӯяд, ки «вай олими сермаҳсули забоншинос, адабиётшинос ва мунаққиди адабӣ буд».

Баъди сар шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳимояи Ватан вазифаи муқаддаси ҳар як гражданини ватанпарвари советӣ буд. Ҳамин вазифаи муқаддаси гражданӣ олим ва мубориз Л. Бузургзодаро ба сафи пеши мудофиаи Ватани муқаддас будан ва ба муқобили фашизми Германия барои озодии Ватани советӣ ҷонфидоӣ кардан даъват мекард. Дар аввали соли 1942 мо, мегӯяд Носирҷон «Л. Бузургзодаро ба сафи армия гусел кардем. Дар бораи он дар дили мо хотираи дурахшоне боқӣ монд. Вай зинда. Вай дар асарҳояш, кори шогирдонаш, дар кори ғалабаҳои мо ба сӯии коммунизм зинда аст!».

Ин буд қадршиносии Н. Маъсумӣ дар ҳаққи хотираи дурахшони устодаш, олими барҷастаи тоҷик Лутфулло Бузургзода! Ҳақ бар ҷониби шогирди боистеъдоди Холик Мирзозода - Валӣ Самад, ки Носирҷон Маъсумиро низ устоди меҳрубону мададгори худ мешуморад, дар охири мақолаи ба 50-солагии ӯ бахшидааш менависад: «Агар Лутфулло Бузургзода зинда мебуд, чӣ кадар хурсанд мешуд, ба курта-

аш намеғунчид. Дар ин рӯзи саиди шумо мегуфт: «Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро».

Ман аз сентябри соли 1963 то октябри соли 1965 барои тадқиқи мавзӯи аъзои пайрави ҷумла - ҳолҳои забони тоҷикӣ ба рухсатии илмӣ-эҷодӣ баромадам. Оид ба ин мавзӯъ ба туфайли тадқиқи мафъул (пуркунанда) бисёр мушоҳидаву мулоҳизаҳо кайҳо инҷониб пайдо шуда, зарурати ҳалли илмии он мавзӯъ дар забоншиносии тоҷик як кори хеле муҳим ва таъхирнопазир буд. Дар интихоби ин мавзӯъ ва тадқиқи он ташвиқу тарғиби Носирҷон барои ман мавқеи муҳим дошт, зеро Носирҷон Маъсумӣ аҳамияти муҳими таҳқиқу тадқиқ намудани мавзӯи ҳолҳои забони тоҷикиро нағз мефаҳмид. Дар давоми 2 соли рухсатии эҷодӣ қариб ҳар моҳ як бор-ду бор мо бо ҳамдигар дар хонаи Н. Маъсумӣ вохӯрда, доир ба ин ё он воҳидҳои наҳвии ба ҳолҳои гуногун дахлдор мубодилаи афкор менамудем.

Мо дар ҳамин вохӯрӣ ва машваратҳои худ роҷеъ ба истилоҳҳои наву тозаи ҳолҳои аз нав кашфшуда ба як қарор меомадем. Аз мушоҳида ва мулоҳизаи нави доир ба ҳолҳо ба амал омада ҳар ду лаззати маънавӣ мебурдем. Мувофиқи салоҳдиди тарафайн бисёр хулосаҳо ва истилоҳҳои наву тоза мутобиқи табиати грамматикии мавзӯъ муайян ва муқаррар мегардид. Мубодилаи афкор оид ба муқаррар карда шудани воситаҳои грамматикии суратёбии ҳолҳои анъанавию тоза, хусусан ба сифати пасояндҳо истифода шудани феълҳои ҳолӣ нигоҳ карда, нигоҳ накарда, шуда, шуда истода, карда, гуфта (гӯён) сар карда, кашида, гирифта ва пасояндҳои номии инҷониб, интараф, эътиборан ва ғайра, ки дар асарҳои бадеии адабиёти советии тоҷик дар мавридҳои муайян чун воситаи ёрирасони грамматикӣ истифода шудаанд, маслиҳат ва изҳори ҳамфикрӣ намудани Н. Маъсумӣ барои ман хеле кумаки муҳим ва дастгирии пурарзиш буд.

Ҳар кас дар зиндагӣ барои аз баёни ёру дӯстони ҷонӣ, устодони меҳрубону ғамхор ва ё аз байни шахсони баэътибори давраш - як касро барои худ ҳамчун идеал ва ё намунаи ибрат пайдо карда, дили худро барои ҳурмату эъзози он шахс маъво мегардонад, хулоса карда гӯем, беҳтарин орзуҳои ӯ ба туфайли тақлид ба он кас ва ё бевосита ба сабаби мадади он шахс ҷомаи мурод мепӯшад.

Дарвоқеъ, нисбати устодии Носирҷону шогирдии ман рафта-рафта ба туфайли ҳам кори дар соҳаи таълиму тарбияи донишҷӯён, корҳои илмию эҷодӣ ва рафоқати зиёда аз 30 соли умри азиз ба дараҷае расид, ки мо ҳамеша ба якдигар маслиҳатгузор будем. Аз муваффақияти эҷодию илмии ҳамдигар шодмону бархурдор будем.

Мадади дӯстони ҷонӣ дар кори фоиданоки ҷамъиятию шахсии ҳар як кас гарави муваффақият аст. Дар ин маврид як шоҳбайти Саъдии бузургро ба хотир овардан мувофиқи матлаб аст:

*Як гули мақсуд дар ин бустон,*
*Чида нашуд бе мадади дӯстон!*

Яке аз хислатҳои неки Н. Маъсумӣ иборат аз он буд, ки дар ҳар мавриди мусоид, рӯзҳои ҷашни воқеаҳои бузурги фараҳбахши Ватани пуршаъну шарафи мо, иди Якуми Май, иди Октябри аъзам, Соли нав ва ғайра қисми аксари ёру дӯстони қаринашро табрику таҳният гуфта, ба онҳо саломатӣ, умри дарозу хотири ҷамъ, инчунин муваффақияти кор орзу мекард. Хислати наҷибонаи дигари ӯ ин буд, ки асари наваш чоп шуда барояд, дар соядасташ дар ҳаққи дӯсту ҳамкораш суханҳои неки аз садоқати инсонӣ саршор гуфта, аксар байти зеринро менавишт:

*Барги сабз аст туҳфаи ёрон,*
*Туҳфае бахри дӯст аз дилу ҷон!*

Бо ифтихор бояд гуфт, ки қариб ҳамаи асарҳои чопшудаи худро, ки дар тӯли солҳои 50-70 нашр шудааст, бо су-

ханҳои меҳрпарвар соядасташро оро дода, тақдими банда намудааст, ин туҳфаҳо барои ман беҳтарин воситаест, ки дар ҳар лаҳза муҷассама ва хотираи дурахшони ӯро ёдовар бошам. Агар дар соҳаи тарбия ва таълими кадрҳои педагогӣ ва инкишофи илми забоншиносии тоҷик ба қадри ҳол саҳми ночизе гузошта бошам, ин, пеш аз ҳама, ба туфайли кумак ва мадади Н. Маъсумии шодравон зич пайвастааст. Маи дар назди нақши ҷовидонаи он қарзи шогирдӣ дорам. Сари таъзим ба хотираи неки ӯ фурӯ меорам. Садҳо шогирдони вай ба ин миннатпазирии ман ҳамроҳ мебошанд, ба ин ман боварии қавӣ дорам.

Н. Маъсумӣ дар 10-12 соли охир дар факултети филологияи тоҷик дар вақти кораш дар академия аз курси таърихи забони адабӣ дарс медод. Вай лексия мехонду ман дарси амалии онро мебурдам. Аз ин рӯ, вобаста ба мавзӯҳои матлуб, ба лексияҳои вай иштирок мекардам. Дар яке аз сафарҳояш ба Афғонистон ба ман аз он ҷо, аз бозори китоби Кобул, як туҳфа бо номи «Китоби сад ҳикояти форсӣ» оварда, дар машғулияти курси таърихи забон истифода намудани онро тавсия кард. Китоби мазкур аз тарафи мударриси забонҳои арабию форсии коллеҷи шаҳри Бомбайи Ҳиндустон Мавлоно Мавлавӣ Саид Абдулфаттоҳ маъруф ба Саид Ашраф Алӣ барои донишҷӯёни донишкадаи мазкур таълиф шуда, дар соли 1903 мелодӣ чоп гардидааст. Дар ин китоби дарсӣ сад ҳикояти пурмазмун, ки оид ба шарафи илм, поквиҷдонӣ, меҳнати зиёд сарф кардан барои ҳосили илму ҳунар, ба қадри падару модару устод расидан, иҷтиноб аз корҳои ношоиста, нисбат ба одамони ошнову бегона чӣ тавр рафтор кардан, кори паст будани гадоӣ ва касе, ки як бор шарбати гадоиро чашад, то мурдан аз коми ӯ нарафтани лаззати шарбати заҳри қотили ин шуғли пастӣ ва ба бисёр ҷиҳатҳои дигари ҳаёти одамон дахлдор мебошад, дарҷ шудааст.

Мо аз он китоб ҳикоятҳои мувофиқашро ба дарсҳои амалии таърихи забони адабӣ бо ду мақсад истифода мекардем. Якаш, барои фарқи сохти грамматикии забони тоҷикии пешина ва ҳозираро нишон додан бошад, дигараш, аз мазмуни ҳаётӣ ва тарбиявии баъзе ҳикоятҳои он китоб истифода мебурдем. Аз он китоб шакли ҳикояти дувум айни муддаост:

«Искандари румиро чун мулки дунё ва ақли бино ба даст афтод, Арастутолис - устоди худро вазири мухтор сохт ва ба таъзими ӯ бияфзуд. Гуфтанд чаро чунин кардӣ? Гуфт, падар маро гӯё аз осмон бар замин овард ва ин хирадомӯз маро аз замин ба осмон бардошт, яъне падар бозуи вуҷуди писар аст ва хирадомӯз муҷиби зуҳури ақлу маърифат. Ҳосили матлаб: қуввати маърифати илму адаб дар рӯҳ пайдо меояд ва он аз қуввати ҷисмӣ бартар аст». Таҳлили ғоявӣ ва ҷиҳатҳои тафовути грамматикии матни чунин ҳикоятҳои ин китоб дороии моро хеле пурмаҳсул мегардонид.

Январи соли 1966 ҷашни 50-солагии Носирҷон Маъсумӣ гузаронида шуд. Ин ҷашн барои ҳамкорону шогирдони Носирҷон ба иди илму адаб мубаддал шуд. Дар газетаву журналҳои ҷумҳуриявӣ ва газетаҳои чопии мактабҳои олии ҷумҳурӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти ин олими нуктасанҷ очерку мақолаҳои сершуморе чоп шуд. Маҷлиси ҷашн дар маҷлисгоҳи президиуми АФ Тоҷикистон баргузор гардид. Маҷлиси ҷашнро бо сухани муқаддимавӣ президенти академия Муҳаммад Осимӣ кушода, дар ҳаққи соҳибҷашн суханҳои сазовор гуфта, ӯро бо синни муборакн қуллаи тавоноии кору эҷод табрику таҳният гуфтанд. Баъд оид ба ҳаёту фаъолияти педагогию илмӣ-ҷамъиятии соҳибҷашн маърӯзаи нависандаи ин сатрҳо шунида шуд. Ба соҳибҷашн табрики КМ партия ва ҳукумати Тоҷикистон, инчунин мукофоти давлатӣ - Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон супурда шуд. Баъд аз он табрикномаҳои академия, муасси-

саҳои илмию мактабҳои олӣ, ташкилотҳои ҷумҳуриявию шаҳрӣ низ тақдим шуд.

Маҷлиси ҷашни Носирҷон Маъсумӣ дар Институти педагогӣ баъди чанд рӯзи маҷлиси ҷашни дар академия барпошуда гузашт. Ба маҷлиси ҷашн ба ғайр аз муаллимону донишҷӯёни факултети филология боз чандин шогирдони корманди идораву муассисахои илмии пойтахт ва аъзои Иттифоқи нависандагон ҳузур доштанд. Оид ба фаъолияти илмӣ-эҷодӣ ва ҷамъиятии соҳибҷашн яке аз дӯстони наздики Носирҷон адабиётшинос, дотсент Ю. Бобоев маърӯза карданд, баъд аз хондани маърӯза, ки бо қарсакзаниҳо мақбули аҳли маҷлис шуда буд, табрикномаи институт ва факултетҳои он хонда шуд. Баъд аз он сухан барои табрики соҳибҷашн ба ҳамкорон, шогирдон дода шуд. Аз ҳамкорон Мирзозода, Тилло Пулодӣ ва чанде дигарон дар ҳаққи Носирҷон суханҳои хуб ва баъзе лаҳзаҳои ҳамкории худро бо соҳибҷашн нақл карда, ӯро бо ҷашни муборак табрик карданд.

Дар маҷлиси ҷашн Шоири халқии Тоҷикистон, яке аз дӯстони ҷавонию ҷонии Носирҷон Боқӣ Раҳимзода ҳузур доштанд. Он кас бо Н. Маъсумӣ дар солҳои 1928-30 дар Самарқанд, дар курси таълиму тарбия, ҳамроҳ таҳсил кардаанд, аз ин рӯ дӯстии онҳо бо хотираҳои айёми ҷавонӣ зич пайваста буд. Онҳо ҳамроҳ дар Институти педагогӣ низ таҳсил кардаанд ва баъд дар ин донишкада кор карданд. Дар Иттифоқи нависандагон ҳамкорӣ доштанд. Аз пешрафти эҷодии якдигар шод мегардиданд. Дар экспедитсияҳои фолклории кӯҳистони Қаротегин бо ҳам буданд. Боқӣ Раҳимзода дар бораи дӯстии айёми ҷавонии ҳарду баъзе нақлҳои аҷиб карда, аҳли маҷлиси ҷашнро хуб хандонданд.

Аз донишҷӯёни факултети филология 6-7 нафар донишҷӯён соҳибҷашнро табрик карданд ва чанде аз онҳо шеърҳои ба устод Маъсумӣ бахшидаи худро хонда доданд. Дар охир педагоги моҳир ва адабиётшиноси боистеъдод яке аз

шогирдони соҳибҷашн Ҷонон Бобокалонова телеграммаҳои ба номи соҳибҷашн аз олимон, ҳамкорону шогирдон, аз ёру дӯстонаш ки аз шаҳрҳои Ленинград, Москва, Тбилиси, Боку, Самарқанд, Тошкент ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурии офтобрӯяи мо расида буданд, хонда дода, чанд сухани нек дар ҳаққи устоди азизу меҳрубонаш гуфт.

Дар охири маҷлиси ҷашн ба Носирҷон сухан дода шуд. Ӯ ба шахсони ӯро табрику таҳният гуфта изҳори миннатпазирӣ намуда, гуфт, ки барои ӯ ин суханҳои нек ва қадршиносӣ манбаи илҳоми корҳои илмӣ-эҷодӣ ва ҷамъиятист. Ба воя расида, дар соҳаи илму маърифат андаке бошад ҳам, саҳм гузоштан ин натиҷаи ба амал ҷорӣ шудани сиёсати миллии Партияи Коммунистӣ аст, вагарна ман барин як деҳқонписар хонда, ба воя расида, ба чунин табрикҳо лоиқ мегардид! Ба ҳамаи ҳозирони маҷлис ташаккури самимӣ гуфта, ба онҳо саломатӣ, барори кору ба таҳсилашон муваффақиятҳо орзу намуд.

Ба ҷашни ин устоди забардасти забону адабиёти тоҷик бахшида газетаи чопии институт «Педагоги ҷавон» 31 январи соли 1966 нашр гардид. Дар газетаи мазкур дар зери рубрикаи «Носирҷон Маъсумӣ олим, педагог ва шоир» табрику мақолаю шеърҳои ба соҳибҷашн бахшидашуда чоп шуда буд ва байта зерини машҳур чун афоризм дар ҳаққи омӯзгор дарҷ шуда аст:

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

Дар саҳифаи дувуми ин газета як лаҳзаи кори устод акс ёфтааст. Табрики як гурӯҳ ҳамкоронаш, ки дар факултети филология чандин солхо боз бо соҳибҷашн ҳамроҳ дар роҳи таълиму тарбияи муаллимони забону адабиёти тоҷик ён ба ён истода хизмат мекунанд ва ҳамеша аз маърифати баланду маданияти баркамоли ӯ бархурдор буданд, бо сарлавҳаи «Дӯсти азиз, Носирҷон!» чоп шуда, дар он соҳибҷ-

ашнро бо суханҳои самимонаи аз қалб ҷӯшзада баромада табрику таҳният гуфта, ба ӯ саломатӣ, саодатмандӣ ва муваффақияти илмию эҷодӣ хостаанд.

Дар маҷлиси ҷашн шодравон Тилло Пулодӣ табрики худро бо шеъри зерин, ки сарлавҳааш «Мо аз ту бар хурему ту аз умр бар хурӣ» буд, ифода намуд:

*Наҳли умеди боғи муродат чу гул шукуфт,*
*Аз бешумори меҳнати ту дар баҳори умр.*
*Панҷоҳ сол умри азизат нарафта муфт,*
*Ҳар як китоби хуби ту шуд ифтихори умр.*
*Ишқат чу баҳр ҷӯш зад, эй ошиқи ҳаёт,*
*Пайваста илми ту ба амал ошкор шуд.*
*Бар аҳли шаҳру мардуми меҳнаткаши деҳот,*
*Ҷашни умедбахши ту овозадор шуд.*
*Имрӯз аҳли шаҳр ба ҷашни ту омадаст,*
*Ҳар кас туро ба хуррамӣ табрик мекунад.*
*Бинҳода ханда бар лабу гирифта гул ба даст,*
*Табриккунӣ содиқи тоҷик мекунад.*
*Дар ҷабҳаи ҳаёт чу шахси баҳодурӣ,*
*Хизмат намо ба мардуми хушрӯзгори мо.*
*Мо аз ту бар хурему ту аз умр бар хурӣ,*
*Бигзор, умри Саъдӣ муяссар шавад туро.*

Дар ҳамин газетаи «Педагоги ҷавон» бо сарлавҳаи «Олими номӣ ва муаллими киромӣ» мақолаи ба ҳаёт ва эҷодиёти соҳибҷашн бахшидаи шогирдони Носирҷон А. Аминов ва Ю. Сафаров чоп шудааст. Дар ин мақолаи пурмазмун роҳи ҳаёт ва эҷодиёти соҳибҷашн мухтасар, вале муъҷазу равшан ифода ёфтааст. Хулоса, ҷашни Носирҷон барои тамоми олимон ва донишҷӯёни Институти педагогӣ иди забону адабиёти тоҷик буд.

Аз сари солҳои 40-ум то охири солҳои 60-ум дар маҳаллаи шаҳрчаи мактабӣ ки онро дар вақташ Сариосиё, баъдҳо ҳама «школьный городок» мегуфтанду ҳоло ҳам гоҳ-

гоҳ бо чунин ном зикр мекунанд, як гурӯҳ ҳамсинну соли аҳли адаб дар ҳавлиҳои шахсӣ ва ё мансуб ба муассисаи ҷои корашон истиқомат мекарданд. Аз ҷумлаи онҳо шодравонҳо Абдусамеъ Абдувосиев, Абдусалом Деҳотӣ, Мирзо Турсунзода, Носирҷон Маъсумӣ, Боқӣ Раҳимзода буданд, ки ҳамаашон бемаҳал дар айни камолоти илмию эҷодӣ аз ҳаёт чашм пӯшида, хоки ҳасрату алами ҷудоӣ дар дили ёру дӯстонашон монда рафтанд.

Дар маҳаллаи мазкур инчунин Холиқ Мирзозода, Зиёдулло Шаҳидӣ, Ҳикматулло Раҳматуллоев истиқомат мекарданд. Нависандаи ин сатрҳо низ дар ҳамин маҳалла истиқомат дошт. Азбаски ҳама ба якдигар шинос, ҳамкасбу кор буданд, бо тақозои рафоқати ҳамкасбию ҳамсоягӣ байнашон рафтуои дӯстона тез-тез ба туфайли ягон воқеаи хуш, идҳои муқаррарӣ ва ё баҳорон дар айёми Наврӯз ба амал меомад. Суҳбатҳо бо навбат аксар дар хонаи Х. Мирзозода ва ё дар хонаи Н. Маъсумӣ ва ё дар хонаи дигарон низ воқеъ мегардид. Мавзӯи суҳбат албатта бештар ба вазъияти пешрафти илму маърифати халқи тоҷик, шеъру шоирӣ, забону адабиёти тоҷик, таълими он дар мактабҳои миёнаву олӣ, доир ба тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, аз факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ баромадани шоирону нависандагони ҷавон ва дигар масъалаҳои муҳими ҳаёти мадании ҷумҳурӣ дахлдор ҷараён мееёфт.

Дар навбати худ дар ин суҳбатҳои фозилона нақлу ҳикояҳо, латифаҳои ширин ва ҳазлу мутоибаҳон фараҳбахш низ гуфта мешуд, ки сабаби хандаҳои дилхушкунанда мегардид. Маълум аст, ки дар ин гуна мутоибаҳо лаҷоми ханда дар дасти Боқӣ Раҳимзода буд. Устод Мирзо Турсунзода паиҳам ба Боқӣ ҳодиса ва воқеаҳои бо ҳам гузаронидаашонро гӯшрас мекарданду устод Боқӣ он воқеаҳоро обуранг дода ҳикоя мекарданд. Аксар ин гуна суҳбатҳои дӯстонаи фозилона то дери шаб, ё ин ки агар бегоҳи истироҳат, яъне

рӯзи шанбе бошад, то баромадани офтоби пагоҳии якшанбе давом мекард. Вақте ки нури офтоби пагоҳӣ баромада, аз тиреза ба хона медаромад, устод Мирзо Турсунзода ҳазл карда мегуфтанд, ки «гиретон, ош хунук нашавад».

Дар ин суҳбатҳо бо иҷтимои дӯстон Носирҷон Маъсумӣ сурудҳои бо мақомҳои классикӣ, ки аз рӯи ғазалҳои лирикии Ҳофизу Ҷомӣ, Ҳилолию Бедил, Сайидову Шоҳин бастакорон суруди дилпазир офаридаанд, хонда, дили аҳли суҳбатро фараҳманд мегардонду худаш ба таҳсину офарини аҳли суҳбат сазовор мегардид. Дар сиришти Носирҷон завқи сурудхонӣ аз табиати шоирии ӯ ҳанӯз дар айёми ҷавони пайдо шуда, то охири умраш ин одат ҳамсафари ӯ буд ва ин ҳам як ҷиҳати соҳиби истеъдоди фавқулода, табъи баланди санъатдӯстӣ, мафтуни олами зебоӣ ва ошиқи ҳаёт будани ӯро нишон медод.

Устод Н. Маъсумӣ табиатан ҳам аз ҷиҳати ботин ва ҳам аз ҷиҳати зоҳир мутобиқи тахаллуси худ буд. Чунон ки устод Айнӣ гуфтаанд, тахаллус он гоҳ ба шоир мезебад ва шоир бо он ба тахаллусаш машҳур мешавад, ки агар он шоир ба мазмуни тахаллуси худ ҳам ботинан ва ҳам зоҳиран мутобиқат дошта бошад. Ин мулоҳизаи устод дар интихоби тахаллуси худашон ва шоир Ҳайрат ифода ёфтааст.

Дар ин суҳбатҳо аксар шеръхонӣ мешуд. Ҳар кӣ бояд як рубоӣ ва ё байти дилпазире аз шоирони классик ва ё аз шоирони советии тоҷик хонда медод. Азбаски аксар шоиру адиб буданд, қитъа, байту рубоию маснавиҳои баландмазмун мехонданд. Як-ду порчаи шеърие, ки дар он суҳбатҳо хонда шуда буд, зикрашро лозим донистам:

*Суҳбати ёрон ғанимат дон, ки нақди зиндагӣ,*
*Хос аз баҳри нисори суҳбати ёрон хуш аст.*
*Хуш бувад баҳри тамошо гулшани умри азиз,*
*В-он тамошо ҳам ба дидори ҳаводорон хуш аст.*

*(Ҳофиз)*

Шоире гуфтааст:

*Касеро гӯӣ дар гетӣ хирадманд,*
*Ки дил бар нукта дорад, гӯш бар панд.*
*Сухан гавҳар шуду гӯянда ғаввос,*
*Ба сахтӣ дар каф ояд гавҳари хос.*
*Дар ин мушкин садафҳои ниҳонӣ,*
*Басе дурҳо, ки ёбӣ аз маонӣ.*

Дар ҳақиқат аҳли ин суҳбат ҳама суханвар, ширинкалом, суҳбаторо, аҳли фазл ва дӯстони ба ҳам мушфиқ, ҳамкору қариб ҳама ҳамсол буданд. Ин суҳбатҳо ба ҳамаи аҳли нишаст гуворо ва муфид буд. Аз ин нақлу ҳикояҳои дар ин суҳбатҳо мешудагӣ шахсан ман манфиати бисёре ҳосил мекардам. Махсусан, нақлҳои Мирзо Турсунзода, ки зиёда аз ними ҷаҳонро саёҳат карда буданд, хеле мароқовар буд. Рӯзе дар суҳбат дар як ҷазираи Океани Ҳинд дар аснои сафари Ҳиндустон барои «об нӯшидани Симурғ» фуромаданашонро ҳикоя карданд. Баъди аз самолёт фаромадан кулоҳи дар сари олими маъруфи гурҷӣ, профессор Ахвледиани бударо бурдани шамол ва ба посбони Англия асир афтодани он кулоҳро чунон нақл карданд, ки аз мо баъзеҳо аз ханда беҳол шуданд. Дар ин нақл мо ба расму русуми мустамликачиёни англисӣ ва тарсидани онҳо аз одамони советӣ, ҳатто аз кулоҳи онҳо, хандидем.

Ин гуна нақлҳои наҷибро мо аз сафарҳои хориҷии Н. Маъсумӣ низ борҳо шунидаем.

Идомаи ин суҳбатҳо баъд аз вафоти Абдусалом Деҳотӣ ва ба хонаҳои дигар кӯчидани Мирзо Турсунзода ва Н. Маъсумӣ хотима ёфтанд.

Дар хотирам ҳаст, ки дар суҳбатҳо ҳамеша Н. Маъсумӣ хеле табъи чоқ дошт, дар фосилаи суҳбат суруд мехонд. Устод Мирзо Турсунзода баъди нақлу ҳикояҳо «Якта аз Бедил шавад» гуфта, ба Носирҷон ишора карданд. Носирҷон дарҳол асбоби мусиқиаш - табакчаро гирифта, рубоии

зерини Бедилро бо оҳанги хеле муассири классикӣ мехонд:

*Аз рӯи ту барқ бар ниқоб афтодааст.*
*Аз чашми ту шуъла дар шароб афтодааст.*
*Бар сози шикаст чун напечад зулфат?*
*К-ин соя зи боми офтоб афтодааст...*

Боз овози «ҷуфт шавад»-и аҳли суҳбат баланд мешуд. Ин дафъа ба ҳамин мақом аз тазали Сайидо як суруди дигарро хонд, ки байти аввалаш чунин оғоз меёфт:

*Дил ба доми кокули он дилрабо афтодааст,*
*Ин фусунгар дар даҳони аждаҳо афтодааст.*

Магар худаш ба ваҷд омад, ки аз Ҳилолӣ низ боз ду суруд хонд, он сурудҳо бо ин мисраҳо оғоз меёфт. Якаш:

*Ҷон хуш аст, аммо намехоҳам, ки ҷон гӯям туро,*

Дигараш:

*Пушту паноҳи ман буд, девори дилбари ман.*

*(ниг. ба иловаи 114)*

Ба ин воқеа бахшида устод Мирзо Турсунзода «Кулоҳи профессор Ахвледиани» ном шеъре навиштаанд.

Соли 1970, моҳи август, пагоҳии рӯзи шанбе ба Носирҷон Маъсумӣ телефон кардам, ки аз саломатию аҳволашон пурсон шавам, завҷаашон гуфтанд, ки «Носирҷон дирӯз бегоҳӣ, магар ягон мақола ё тақризи нотамоммондаро ба охир расонданӣ буд, ки «кори зарур дорам, рӯзи Душанбе чоп кардан лозим» гуфта ба дачаи нависандагон (Чорбед) рафт».

Ман рӯзи якшанбе аз бозор як харбузаи мирзочӯлӣ гирифта, барои дидан ва каме суҳбат карда, ғубори дилро ба дидори дӯсту суҳбати ҷонфизои вай бартараф кардан ба он ҷо рафтам. Баъд аз салому мулоқоти боқиёна хушҳолона дарҳол гуфт, ки дар газетаи «Маориф ва маданият» 7 марти соли 1970 дар зери рубрикаи «Пандномаи бузургон» чанде аз суханҳои ҳикматомез чоп шуда буд, ки сарлавҳааш «Ақл рӯзгорро бандаи ту месозад» аст ва ин намунае аз хирвори хазинаи маърифати бобоёни мо аст. Шояд хонда

бошед, гуфта аз ман пурсид. Хушбахтона, ман онро хонда, аз он бисёр суханҳои ҳикматомези ба ҷавонону замони мо мутобиқашро дар аснои дарси амалии забон мавриди таҳлил қарор дода будам. Он дарсҳои амалии забон барои донишҷӯён як тиру ду нишон буд.

Ман ба саволаш «Ҳа, хонда будам» гуфта ҷавоб додаму «чӣ буд?» гуфта густохона пурсидам. Имрӯз омадед, нағз. Як кори зарур доштам, дирӯз то дери шаб нишаста, тамом кардам. Пагоҳӣ барвақт хеста, баъди физкултураву нӯшидани чой аз байни китобу газетаҳои барои мутолиа мавқуф гузошташуда ҳамон газетае, ки «панднома» чоп шуда буд, ба назарам расид. Имрӯз ҳарду хонда, дар атрофи ҳамин пандҳои бузургонамон суҳбати хосса мекунем. Гуфтам: «айни муддаост».

Пеш аз он ки хондани он пандномаро сар кунем, пурсиданд, ки шумо ҳозиркунандаи чопи ин пандномаро мешиносед. Гуфтам, мешиносам. Абдуғаффор Ҳасанов яке аз муаллимони хеле маъруфи шаҳри Хуҷанд буда, ҷои таваллуди он кас деҳаи серодаму донишдӯсти Қистакӯз аст. Он кас аз давраҳои аввали сохти советӣ ба хизмати бошарафи муаллимӣ машғуланд ва дар фосилаи ин солҳо дар Конибодом ва Панҷакент кор кардаанд. Аз Панҷакент бисёр дӯстони ҷонӣ пайдо карда буданд, ки чандин солҳо бо онҳо робитаи дӯстиро давом додаанд. Дӯстони панҷакентиашон ҳам мисли худи Абдуғаффор Ҳасанов одамони маълуми водии Зарафшон буда, дар органҳои советию маорифи халқ хизмати шоиста кардаанд. Инҳо мулло Нуралӣ Розиқов, Исо Бозоров, Бобо Раҷабзода ва дигарон буданд, ки ба туфайли хизматҳои наҷибашон дар байни мардуми водии Зарафшон нақши некномӣ гузоштаанд. Ҳоло Абдуғаффор Ҳасанов нафақахӯранд ва ба туфайли хизмати шоистаашон дар роҳи равнақу ривоҷи маорифу таълиму тарбияи ҷавонон ба номи Муаллими Хизматнишондодаи ҷумҳурӣ шарафманд

гардидаанд.

Баъд аз ин ба хондани «Пандномa» сар кардем. Ин «Панднома» иқтибосе буд, ки А.Ҳасанов аз «Лаъл-ул-макнун» ном китоби аз тарафи Мир Атоҳочаи Мираконӣ солҳои 1855-66 милодӣ китобат шуда, дар он суханҳои пандомези бисёре гирд оварда шудааст. Аз он «Панднома» дар ин газета 47 суханҳои ҳикматомез, ки аҳамияти тарбиявии худро то имрӯз нигоҳ доштаанд, дарҷ шудааст. Хондани матнро ба ман супорида, худашон сомеъ шуданд. Ҳақиқатан ҳам қимати суханҳои пандомез якаш аз дигараш баланд буд. Чанде аз онҳоро дар ин ҷо мехоҳам ёдоварӣ намоям. То ки мохияти он суҳбати ҷонфизо равшан шавад:

Зинати мард фасоҳати забони ӯст, на дар либоси ӯ.

Ҳар кӣ бо доно машварат намояд, пушаймонӣ набинад.

Аблаҳтарини одамон он аст, ки аз ёри ноозмуда ҳазар накунад.

Ҳар киро рӯзгор доно накунад, ҳеҷ доно ӯро доно натавонад сохт.

Ҳар кӣ ба бадҳолии касе шодӣ кунад, ӯро ҳамон ҳол ба пеш ояд.

Ду кас тавонгаранд, ки ҳаргиз дарвеш нагарданд: аввал олим, дувум қонеъ.

Шарафи ақл бар нафс он аст: ақл рӯзгорро бандаи ту месозад ва нафс туро бандаи рӯзгор мегардонад.

Азизи дилҳо он аст, ки аз худбинӣ ва худпарастӣ вораҳад.

Ҳиммат аз ҳамаи баландиҳо баландтар аст.

Ҷое, ки сухани хубро қадр набошад, дар он макон хомӯшӣ беҳ аз гуфтор аст.

Ҳар кӣ бо некон нишинад, дар ӯ ҷавҳари рӯҳи сафо пайдо шавад.

Виқору тамкин ва муҳаббат бо мардумон писандидатарин ахлоқи инсон аст.

Хулосаи калом, оид ба ҳар яки он суханҳои пандомез, ки чанд намуна дар боло зикр шуд, мубодилаи афкор намудем, суҳбат хеле тафсид. Дар омади гап ман гуфтам, ки нисбат ба ҳар як кас тамкину изҳори муҳаббат лозим бошад-мӣ? Ба одамон аз нуктаи назари камолоти шахсияту инсонпарварӣ, некфарҷомии онҳо рафтор кардан лозим будагист. Носирҷон гуфт, ки бешубҳа, дар як фард мавқеи худро дар ҷамъияти мо, пеш аз ҳама, мутобиқи феълу атвораш муайян мекунад. Дар ин асос муносибати ҳамдигарии одамон сурат мегирад.

Дар ҳақиқат, Носирҷон Маъсумӣ бисёр хислати олиҷаноб дошт, дар суҳбатҳо кам гап мезад, ҳеҷ вақт сухани ҳамсуҳбаташро нотамом мононда, гап сар намекард. Вай аз шоирони классик ва советии тоҷик бисёр шеър медонист. Аз Ҳилолию Бедилу Сайидо ҳамеша дар суҳбатҳо мувофиқи мароми суҳбат байтҳо мехонд. Ин хислат ба Носирҷон аз туфайли табиати шоирии ӯ пайдо шуда буд.

Баъд аз ин дар рафти суҳбат дар ҳақиқат аз пояи инсоф дур будани рафтори баъзе касонро дар назар дошта, байти зеринро, ки дар китоби «Маҳфилоро» сабт ёфтааст, хонда дод:

*Синаи вай ҳадафи тири маломат гардад,*
*Ҳар кӣ аз кишвари инсоф бигардонад рӯй.*

Носирҷон маро ба сабру тоқат даъват карда, ба зудӣ ҷомаи мурод пӯшидани орзуям умедвор мекард. Ҳамон рӯз мо аз ҳар бобат як суҳбати ҷонфизои рӯҳафзо байни ҳамдигар доштем. Ҳамон ҷо ба ман гуфт, ки иборат аз се саҳифаи мошиннавис аз рӯи автореферати докторӣ ба рисолаатон тақриз навишта, ба чопи мошинка додааст. Метавонед ба Институти ба номи Рӯдакӣ рафта гиред. Ман барои имрӯза суҳбати хеле муфид ташаккур гуфта, ба сӯи Душанбе раҳсипор гардидам. Баъди ду рӯз рафта, тақризро гирифтам. Нахонда миинатдорӣ изҳор кардам. «Аввал хонед, баъд

чӣ хоҳед, гӯед» гуфт.

Носирҷон Маъсумӣ дар тақризи худ ба рисолаи ман, ки оид ба «Ҳолҳо ва хелҳои он дар забони адабии ҳозираи тоҷик» бахшида шуда буд, хеле баҳои баланд дода, сазовори номи матлуб буданамро эътироф кардааст. Ин барои ман як ҷаҳон дастгирӣ буд, ки маро Шӯрои дифоъ ба сӯи пойтахти дӯстони гурҷӣ раҳсипор карда буд.

Носирҷон Маъсумӣ ба қуллаҳои баланди одамӣ расида, ба сифати инсони поквиҷдон, шоир, педагог, олими забону адабиёти тоҷик, арбоби илму давлат, устоди ғамхору меҳрубони шогирдон, шахси фозилу инсони хоксори гузаро, суҳбаторову ҳофизи хушхон, табиатан зебопараст, санъатдӯст, нисбат ба ёру дӯстони дилпазираш содиқ, ёрӣ ҷонӣ ва ба аҳли оилаю хешу таборонаш ғамхор буд.

Банда ба Носирҷон нисбати шогирдӣ доштам. Аз фазилати вай баҳраҳои бисёре бурдам. Вай аз дунё хеле барвақт чашм пӯшид. Гули бисёр орзуҳои вай нашукуфта монданд. Марги бемаҳали вай дили аҳли адаби тоҷикро решреш кард. Вафоти ногаҳонии ӯ талафоти бузурги филологияи тоҷик буд. Вай на танҳо дар байни халқи худ чун олими нуктасанҷ маъруфу маълум буд, балки дар ҷумҳуриҳои бародарӣ, дар Афғонистону Эрон низ маълум буд. Вай дипломати маорифу маданияти мо буд.

Симои ба дили аҳли адаб марғуби ӯ ҳамеша дар пеши назари ёру дӯстонаш ва шогирдонаш ҷилвагар аст. Дар Тоҷикистон дар ҳамаи мактабҳои миёна ва олии педагогӣ, дар институтҳои илмӣ-тадқиқотии ба филология ва таърих тааллуқдор, дар нашриёту редаксияҳои журналу газетаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ, муассаҳои телевизиону радио, ташкилотҳои комсомолию партиявии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳияҳо, инчунин дар мактабҳои тоҷикии Самарқанд, Бухоро, водии Фарғона, Сурхандарё шогирдони сершуморе, ки факултети филологияи тоҷики Институти педа-

гогии Душанберо хатм карда, забону адабиёти тоҷикро даре медиҳанд, дар тарбия ва ба воя расидани онҳо саҳми устод Носирҷон Маъсумӣ калон аст.

Носирҷон Маъсумӣ то дақиқаи охирини ҳаёти худ машғули кори фоидабахш буд. Қалами маърифатбораш ҳамеша барои равнақу ривоҷи филологияи тоҷик гуҳаррез буд. Вай ҳамон шаби видоъ бо ҳаёт то соати дуи шаб мақолаи оид ба ҷамъбасти роҳи таърихии тайкардаи 50-солаи филологияи тоҷикро навишта буд. Мақола нотамом монду нури чароғи ҳаёти муаллифи он ба охир расид, вале равшании чароғҳои дар зиндагии пурсамараш даргирондаи ӯ дар дили фарзандони матини миллатпарвари халқи тоҷик солҳои сол рӯшноӣ хоҳад дод.

Дили пурэҳсоси шогирдону дӯстони ҷонии Н. Маъсумӣ ҷавлонгоҳи муҳаббати ин шахси бузургманиш аст. Онҳо устоди нуктасанчи меҳрубон Носирҷонро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунанд. Номи неки ин марди фозил дар дили дӯстону шогирдонаш нақши некномии ҷовид гузоштааст ва ҳеҷ гоҳ аз хотирҳо фаромӯш нахоҳад шуд. Номаш бо корҳои наҷибаш, бо мероси гаронбаҳояш дар таърихи филологияи тоҷик бо хати заррин нақш баста, мисли устод Мирзо Турсунзода, Лоиқ зиндаву ҷовид аст.

Мехоҳам хотираҳои мухтасари худро доир ба устоди нуктасанҷи соҳаи филологияи тоҷик, арбоби илму маданият Носирҷон Маъсумӣ бо байти шоире ҷамъбаст намоям:

*Онро, ки камоли маърифат шуд ҳосил,*
*Ҳам мӯниси ҷон бошаду ҳам марҳами дил.*

*Ш.Душанбе, октябри соли 1984.*

ВЕРА ОСМАКОВА-МАЪСУМӢ

# Ҷаҳонам ҳуснафрӯз аст

## (Қисса дар бораи Носирҷон Маъсумӣ)

### САДБАРГҲОИ ДАРУНИ ҚУТТӢ

Моҳи майи соли 1944 буд. Айёми барои мамлакати мо ниҳоят душвор, айёми ҷанг. Вале баҳор! Баҳори умед!... Нурҳои гарми офтоб ба кас ҳаловат мебахшид.

Он вақтҳо ман дар вазифаи инструктори кумитаи ҳизбии ноҳияи Душанбе кор мекардам. Рӯзе ба идораи мо шахсе омад, ки бо як дидан диққати касро ба худ ҷалб мекард: қаддаш аз миёна баландтар, лоғар, сиёҳчурда, хаста ва шояд бемор ҳам бошад, - аз дил гузаронда будам ман.

Ниҳоят хушмуомила буд. Мӯи сиёҳи ҷингилааш чунин менамуд, ки гӯё махсус ҳалқа задаву хобонда бошад, дар тан пероҳани сафед ва шими сиёҳ дошт, чашмонаш меҳрбор буданду медурахшиданд.

Аввалин дидори Носирҷон Маъсумӣ дар лавҳи дилу хотири ман чунин нақш бастааст.

Котиби кумитаи ноҳиявии ҳизб Х.Комарова ӯро бо хушнудӣ истиқбол карду ба ман шиносонд:

- Вера! Ин кас муаллими ман Носирҷон Маъсумиянд. Муҳлати шиносномаашон андак гузаштааст... Ҳамроҳашон ба идораи милиса раведу...

Он солҳо шахсони таҳлияшуда бисёр буданд. Дар идораҳо одамон навбат мепоиданд. Ман ҳамроҳи Маъсумӣ ба идораи милиса рафтаму мушкилоташро осон намудам. Баъди берун баромадан шиносномаашро ба дасташ супурдам.

Баъди ду рӯз Маъсумӣ боз ба кумитаи ноҳиявӣ омад,

самимона ҳолпурсӣ кард. Дар даст қуттичае дошт, ки ба қоғази сафед печонда шуда буд. Ман аз қабули туҳфа қатъан эътироз намудам. Маъсумӣ дар ҳоле, ки мехост қуттичаро рӯи миз гузорад, эҳтиёткорона бозгирифт, узр хост, кӯтоҳакак хайру маъзур намуд ва фавран бадар рафт...

Дар кӯчаи Путовский (ҳоло кӯчаи Исмоили Сомонӣ) дӯсти ниҳоят қарини худ Боқӣ Раҳимзодаро вохӯрд. Маъсумӣ аз дидори ӯ шод шуд, вале натавонист ҳолати пурҳаяҷони худро аз чашми ӯ пинҳон кунад. Боқӣ аз ӯ меҳрубонона ҳол пурсид ва чун дид, ки Носир димоғсӯхта аст, пурсид, ки аз куҷо меояд.

Носир ба ҷои ҷавоб қуттичаро, гӯё амонати касе бошад, эҳтиёткорона ба ӯ дароз кард ва хоҳиш намуд, ки онро кушояду дороияшро бубинад.

Ёд дорам, ки Боқӣ Раҳимзода шахси фарбеҳ, вале ниҳоят ситорагарм буд. Қоматбаланд, оромтабиат, ботамкин, шӯх, зарофатгӯ, одамшинос ва аҳли дил буд. Кулчарӯ буд, чашмони калони симобиранг ва мижгонҳои дароз дошт, мӯяш тунук буду сараш ба тосӣ майл мекард.

Боқӣ қуттичаро аз дасти Носир гирифту рӯи кафи дасти худ гузошт. Табассум мекард, чунон бо карашма абрувонашро мепаронд, ки танҳо ӯ метавонист ва гӯё мехост Носирро мазоҳ кунаду ғашашро биёварад, бо ниҳояти оҳистагӣ ба боз кардани қоғази рӯи қуттӣ шурӯъ намуд. Сипас бо ҳамон оҳистагии истеҳзоомез қуттиро кушода, ба даруназ нигарист ва бо ҳайрат пурсид:

- Носирҷон, чаро ту ин садбаргҳои зеборо даруни қутти пинҳон кардаӣ?

Носир парешонҳолона ба ӯ нигаристу канда-канда ҷавоб дод:

- Дӯсти азиз, охир ба ту гуфта будам-ку, ба Вера дил бохтаам. Ана ба худ тасаввур кардам, ки ӯ ҳамин тавр аввал коғаз, баъд қуттичаро мекушояд, гулҳоро мебинад ва ҳамаашро мефаҳмад. Вай бошад, ранҷид! Шояд кори бад

карда бошам... Акнун дигар ҷои умед ҳам намонд...

Раҳимзода бо тараҳҳум ба ӯ менигаристу бо оҳистагӣ гулҳои садбаргро аз даруни қуттӣ берун мекашид. Сипас ду гули садбаргро яктоӣ ба бехи гӯшҳояш халонду бо оҳанги катъӣ гуфт:

- Носирҷони азиз, ин корро ба ман вогузор!

То ҳол бахт ба рӯи ман ҳеҷ гоҳ нахандида буд, мехоҳам ба ту як маслиҳат диҳам: гулро даруни қуттича пинҳон кардан лозим нест, онро ошкоро бояд тақдим кард.

Онҳо ба ҳамдигар табассум намуданд ва бо табъи хуш худоҳофизӣ карданд. Аз дӯши Носир гӯё бори гаронеро бардошта буданд.

Рӯзи дигар ман ба ҷои кор омадаму дар рӯи мизам дастагули садбаргеро дидам. Чанд рӯз ин ҳолат такрор мешуд. Ман намедонистам, бароям ин гулҳои зеборо кӣ меоварда бошад? Аз фаррошзан мепурсидам, вай табассум мекарду чизе намегуфт. Тасмим гирифтам, ки ба ҷои кор барвақттар биёям, то оварандаи гулҳоро бубинам.

Рӯзи дигар ҳамин тавр низ кардам. Дар рӯи миз гул набуд. Вуҷудамро ҳаяҷон фаро гирифт. Яъне имрӯз гул нахоҳад буд. Ногаҳ аз роҳрав садои пой ба гӯшам расид. Дари утоқи корам боз шуд. Дар рӯбарӯям Маъсумӣ бо дастагули калони садбаргҳои сурху сафед меистод! Вай худро ноҳинҷор ҳис кард. Ман чашмони ӯро дидам! Аз он чашмон дурахши нур, шодӣ, меҳр ва умед ҳувайдо буд. Ғайри ихтиёр аз курсӣ хестам, наздаш рафтам ва бо мамнуният аз дастонаш дастагули садбаргро гирифтам. Хоҳиш кардам, ки биншинад ва гуфтам, ки баҳор фасли дӯстдоштатарини ман аст ва гул ин фаслро зеботару оростатар мегардонад. Маъсумӣ ба тақвияти ин суханони ман аз баҳор, аз гулу булбул ва фасли ишқу зебоӣ чанд сухани канда-канда гуфт ва гӯё аз асари гуфтаҳояш ба ман қонеъ нашуд, ки илова намуд:

- Медонед, классикони шеъри мо он қадар баҳор ва гулу

булбулро тавсиф кардаанд, ки ҳар чи дар ин мавзӯъ бигӯӣ, гӯё гуфтаҳои ононро такрор мекунӣ. Ва воқеан ҳам онҳо барои ҳамаи ҳолатҳои зиндагӣ чунон шеърҳои зебову дилнишин гуфтаанд, ки гумон мекунӣ ҷои сухан ҳам намондааст. Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ҳазор сол қабл аз ин гуфта буд, ки «Сухан гуфта шуд, гуфтанӣ ҳам намонд». Вале шоирони бузург дар ин ҳазор сол чунон суханони гуфтание ёфтаанд, ки аксар ҳолгӯи мову шумост. Масалан, Ҳофиз дар ғазале мегӯяд:

*Саҳар булбул ҳикоят бо сабо кард,*
*Ки ишқи рӯи гул бо мо чиҳо кард.*
*Аз он ранги рухам хун дар дил андохт*
*В-аз он гулшан ба хорам мубтало кард.*
*Ғуломи ҳиммати он нозанинам,*
*Ки кори хайр бе рӯю риё кард.*
*Ман аз бегонагон дигар нанолам,*
*Ки бо ман ҳар чи кард, он ошно кард,*
*Гар аз султон тамаъ кардам, хато буд*
*В-ар аз дилбар вафо ҷустам, ҷафо кард.*
*Хушаш бод он насими субҳгоҳӣ,*
*Ки дарди шабнишинонро даво кард...*

Ман бори аввал шеъри зебову дилнишини Ҳофизро аз забони ӯ шунидам ва ҳамин ғазале, ки Носир қироат кард, ба рӯи дили ман даричаеро ба боғи зебову муаттари шеъри классикии тоҷик боз намуд. Ман забони тоҷикиро намедонистам, ӯ мазмуни шеърро бароям тарҷума мекард. Шеърро зебо мехонд, овозаш дилангез ва лаҳнаш гӯшнавоз буд. Зарбҳо, зеру бам, таъкиду истҳо дар хониши ӯ чунон гуё буданд, ки кас саропо гӯшу ҳуш мешуд. Ба ман чунин менамуд, ки навои дилрабое мерезад. Оҳангу лаҳни забони тоҷикӣ ба тавассути сухани Маъсумӣ қалби маро тасхир кард.

Субҳи рӯзи дигар Носир боз гул овард. Баъди андак нишастан ӯ аз ҷой хесту гуфт, ки пас аз ним соат дар Дониш-

гоҳи омӯзгорӣ дарс дорад ва, мутаассифона, бояд биравад. Зимни хайру маъзур маро ба кино даъват кард.

Шоми ҳамон рӯз мо дар назди кинотеатри «Ситораи сурх» вохӯрдем. Он шом филми «Ду ҷанговар»-ро нишон медоданд. Баъд аз тамошои филм маро то хонаам гусел кард. Ҳавои шом форам ва фазоро бӯи гули дарахти аҳоқиё фаро гирифта буд. Дил аз шодӣ меболид. Мо аз ҳар хусус суҳбат мекардем: аз обу ҳаво, аз китоб ва, албатта, аз хусуси воқеаҳои ҷанг, ки тамоми халқи шӯравиро ба изтироб андохта буд.

Ба дари ҳавлӣи мо расидем ва Носир пас аз андаке истодану суҳбат кардан ногоҳ ба ман изҳори муҳаббат намуд ва хоҳиш кард, ки барои ҳамсари ӯ шудан ризоят диҳам. Ин изҳороту пешниҳод ниҳоят ғайричашмдошт буд. Аҷабо, ҳамин ҳозир ризоят бидиҳам, ки ҳамсари ӯ мешавам?! Вуҷуди маро ҳаяҷон фаро гирифт, ҷавобе надодам, узр хостаму ба ҳавлӣ даромадам.

Субҳи рӯзи дигар ӯ ба кумитаи ҳизби ноҳия омад. Салому алейк кард, гулро рӯи миз гузошт ва ба назди котиб даромад, сипас боз назди ман омаду хоҳиш кард, ки шом вохӯрем. Вохӯрдем. Аввал хомӯш будем. Баъд ман гуфтам:

— Носир, шумо мегӯед, ки ниятатон ҷиддӣ аст? Охир мо дар бораи ҳамдигар чизе намедонем-ку?

Ҷавоби ин суолро аз ӯ мунтазир нашуда, беихтиёр аз саргузашти худам ба қисса кардан даромадам. Ба шавҳар баромада будам, духтарчае дорам. Ману шавҳарам абадан аз ҳам ҷудо шудем... Ҳаёти оилавии мо ҷӯр нашуд. Дар хонаи падару модарам зиндагӣ мекунам, аз дувумбора ба шавҳар баромадан метарсам.

Баъди андаке таваққуф гуфтам:

- Агар мумкин бошад, дар бораи шумо ҳам мехостам чизе дониста бошам.

Мо оҳиста роҳ мерафтем. Маълум буд, ки Носир ҳолати

асабонӣ дошт, зуд-зуд тамоку мекашид. Хеле фикр кард, сипас ба гап даромад:

— Ман дар бораи шумо хеле маълумот дорам, акнун дар бораи худам чанд сухан гӯям. Ман институти омӯзгории Сталинободро хатм кардаам, ҳоло дар ҳамон ҷо муаллимам. Ман ҳам зан доштам. Воқеан, ӯ ҳоло ҳаст, вале ману вай тақрибан ҳамеша ҷудо аз ҳам зиндагӣ дорем. Мо як писарча ҳам дорем, аммо ҳаёти оилавиамон ҳеҷ ҷӯр намешавад... Имрӯз не фардо билохира рӯзе мерасад, ки мо аз ҳам ҷудо мешавем. Ман на ҳоло ҳозир ба ин қарор омадам. Ҳар кадоме аз мо худашро, ҷои худашро ҳам дар ҷамъият ва ҳам дар оила бояд дарёбад...

Ман ба Носир зеҳн мондам. Вай як ҳолати тараҳҳумангез дошт, лоғар буд ва ҳамеша асабонӣ мешуд. Муаммое, ки ҳоло пеши ҳардуи мо бархост, мураккабу ҷиддӣ буд ва ба якборагӣ наметавонист ҳал шавад. Ман аз вай хоҳиш кардам, ки дигар аз ин хусус даҳон накушояд. Ва мо хайру маъзур кардем.

Ба хона омадаму ба ҷойгаҳ дароз кашидам, вале хобам намебурд. Ба гирдоби андешаҳо фурӯ рафтам: «Бахт? Он чӣ гуна аст? Ва умуман ҳаст ё не? Бахт ҳам мисли зебоӣ мафҳуми нисбист. Дар дунё чи қадар инсон бошад, ҳар кас онро ба таври худ мефаҳмад. Оила барои ман муқаддас буд. Шавҳарамро аз ҷабҳа интизор будам. Мардуми бисёр шахсони маҳбуби худро аз даст доданд, вале шавҳари ман соли 1943 сиҳату саломат ва коршоям баргашт. Зарбу лати сару баданаш зуд сиҳат шуд ва осоре аз онҳо намонд. Вале пояи оилаи мо такон хӯрд. Мегӯянд, ки барои фарзандон бояд зист. Фарзанд азизтарин пайванд аст, тарбияи фарзанд меҳнати беҳисоб мехоҳад. Лекин агар дар оила муҳити оилавӣ набошад, муносибати хуб набошад, ташаккули шахсияти кӯдак чӣ тавр сурат мегирад?

Ман то нимаҳои шаб гирифтори ин андешаҳо будам. Си-

пас ноаён хобам бурд ва ба хулосае наомадаму натиҷае ҳам нагирифтам. Шоми рӯзи дигар аз бинои кумитаи ҳизб баромадаму дар роҳи пиёдагарди кӯча Носирро дидам. Ӯ интизори ман буд. Аз пайдо шуданаш ҳайрон нашудам. Аммо байни мо девори баланде қад афрохта буд.

Мо салому алейк кардем. Носир маро то хонаамон гуселонид. Дар назди хона истодем ва ман аз ӯ хохиш кардам, ки дигар наояд. Бигзор ҷиддитар биандешад, ки аз худаш низ гуноҳеву хатое гузашта ё на. Магар имкони ба занаш гузашт кардан, барои ҳамдигарро фаҳмидан кӯшише ба харҷ додан ва ба ҳар ҳол оиларо аз вайронӣ нигоҳ доштан ҳаст ё не?

Мо хайру маъзур кардему аз ҳам ҷудо шудем.

Ман аз вохӯрдан бо ӯ мегурехтам, ба занги телефонаш ҷавоб намедодам. Ин  ҳолат хеле давом кард.

Маро ба кумитаи ҳизбии шаҳри Душанбе ба кор гузарониданд. Инструктори ин кумита будам. Маъсумӣ баъди чанд рӯз шомгоҳон назди идораи мо пайдо шуд ва маро ба хона гусел кард. Шомҳои дигар низ мураттаб меомаду мегуселонид. Мо аз ҳар хусус суҳбатҳои тӯлонӣ мекардем, андешаҳоямонро ба ҳамдигар мегуфтем, вале зиндагиамон тағйир намепазируфт.

Дар солҳои ҷанг Маъсумӣ дар Мактаби ҷумҳуриявии ҳизбӣ низ дарс мегуфт. Бисёр кормандони ҳизб дар назди вай дарс хонда буданд ва ӯро хуб мешинохтанд, ҳамчун муаллиму мураббии олиҷаноб ва инсони мушфиқ тавсифаш мекарданд. Дӯстонам мегуфтанд, ки ҳақ ҷониби ман нест ва ташвиқам мекарданд, ки нисбат ба ӯ меҳрубонтар бошам.

Боре Маъсумӣ телефон карду бо ҳаяҷон гуфт, ки мехоҳад бо ман вохӯрад. Мулоқот ба соати нуҳи бегоҳ таъйин шуд. Ман омадам, вале ӯ набуд. Дақиқае чанд интизор шудам. Наомад. Ранҷидаму рафтам.

Рӯзи дигар аз кор баромадаму дар назди бинои кумитаи

ҳизбии шаҳр Боқӣ Раҳимзода ва Носирро дидам. Саломуалейк кардем. Роҳравон аз ҳар хусус суҳбат мекардем, вале маълум буд, ки Маъсумӣ мехост чараёни суҳбатро ба мавзӯи асосӣ баргардонад. Раҳимзода бо ҳаракати чашмон ба ӯ ким-чӣ хел ишораҳо мекард. Носир аз он ки рӯзи гузашта ба мулоқот дер монд, маъзарат хост, шарҳ дод, ки дар Ҳисор дар меҳмонӣ будаасту аз он ҷо ба ман телефон кардааст, ҳамин ки ризояти маро ба вохӯрӣ шунидааст, фавран роҳи Душанберо пеш гирифтааст. Нақлиёте ба ҷониби шаҳр набуда ва ӯ қад-қади роҳи оҳан пиёда омада, бинобар ҳамин ҳам ба мулоқот дер мондааст. Ӯ чунон самимонаву бо таассуф сухан мегуфт, ки аз ранҷиши ман осоре боқӣ намонд. Носиру Боқӣ бо ман то боғчаи кӯдакон рафтанд, аз он ҷо духтарчаи маро гирифтем ва ҳарду моро то хонаамон гуселониданд. Мо бо табъи хушу рӯҳи болида хайру маъзур кардем.

Рӯзҳо мегузаштанд. Маъсумӣ ҳар рӯз баъди кор маро истиқбол мекард ва мо якҷоя Лораҷонро аз боғча мегирифтем. Духтарчаам моро одатан назди тавораи чӯбини ҳавлии боғча мунтазир мешуд. Боре баробари дидани мо ба истиқболамон давид. Медавиду ким-чиҳо мегуфт ва ҳангоме ки ба назди мо расид, худро ба оғӯши Носир андохт. Вай дасту по гум карда, қариб буд духтарчаро ғалтонад. Сипас ӯро аз замин бардошту рӯи дастонаш шинонд. Лариса дастони хурдакакашро ба гардани Маъсумӣ ҳалқа зад, сарашро ба китфони ӯ гузошту ором шуд.

Ин лаҳза барои ҳардуи мо ҳам ногаҳонӣ буд. Ӯ роҳ мерафту метарсид, ки мабодо осоиши духтарчаро халалдор намояд. Маълум буд, ки на камтар аз ман ҳаяҷонзада аст ва баъди чанде гуфт:

- Дидӣ, вай хурдакак бошад ҳам, фаҳмид, ки ман падараш ҳастам! Ҳозир ба хонаатон мераваму эълон мекунам, ки мо занушӯ мешавем!

Ман ба ҳар ҳол хоҳиш кардам, ки ҳоло аз ниятҳояш ягон гап назанад, бо вуҷуди ин Носирро бо падару модарам шиносонидам.

Дар хона падару модарам танҳо буданд. Ману модарам дар ошхона ҷунбуҷӯл мекардем, Носир дар утоқи дигар бо падарам суҳбат дошт.

То дер нашистанд, сипас ман ӯро гуселонидам. Оҳиста мерафтем ва ӯ зери лаб шеър мехонд:

*Ман ошиқам ба рӯят, эй моҳи оламоро,*
*Афтодаам ба кӯят, меҳри ту дар дилам ҷо,*
*То кай зи ман рамидан, ҳоли маро надидан,*
*Тори вафо буридан бо теғи ишва, ҷоно?!*

Он вақт ман забони тоҷикиро дуруст нафаҳмам ҳам, лаҳни хондани Носир шеърро ба мусиқие табдил медод, ки барои фаҳмиданаш шунида тавонистани садои дил кофӣ буд.

Баъди чанд рӯз Маъсумӣ ба хонаи мо ҳамроҳи хоҳараш Мусаллам омад. Моро ба ҳам шиносониданд. Дар хона модарам, падарам ва ҳарду хоҳарам - Нина ва Люба ҳузур доштанд. Мо зуд дастархон оростем. Баъди андаке нишастан Носир эълон кард, ки мо қарор додем тақдирамонро ба ҳам бипайвандем. Ба Нина ӯ маъқул нашуд, Люба ба ман гуфт, ки: «Ин кори туст». Ба муқобили Носир ӯ чизе нагуфт. Ба падарам бошад, вай бисёр хуш омад. Падарам суханони ӯро бо диққати тамом гӯш карду гуфт:

- Носир, бояд бидонед, ки на шумо, на Вера дигар ба хато кардан ҳақ надоред.

Ва ӯ филҳол моро аз таҳти дил табрик кард.

Носир дилбохтаи шеъри классикӣ буд, Саъдиро бисёр дӯст медошт ва иқтибос мекард. Байтеро аз Саъдӣ дар ҳолатҳои гуворову ҳаловатбахш борҳо хондааст, ки ба хотирам мондааст. Ва бори аввал ин байтро аз ӯ ҳамон шом шунидам, ки бо рӯҳи болида хонда буд:

*Маҷлиси мо дигар имрӯз ба бустон монад,*
*Айши хилват ба тамошои гулистон монад.*

Моҳи феврали соли 1945 мо хати никоҳ гирифтем. Зиёфате оростем, ки дар он хешони ман, хоҳари ӯ Мусаллам ва бародараш Ҳайдар ҳузур доштанд. Ҳайдарро як муддат дар ҷанг ҳалокшуда меҳисобиданд. Носир ҳатто хабари марги ӯро гирифта буд ва бисёр азият мекашид. Маълум шуд, ки Ҳайдар сахт маҷрӯҳ шуда, муддати зиёд дар беморхона хобида будааст. Баъди табобат духтурон ӯро ногирон ҳисобидаанд ва ӯ ба хона баргашт.

Пас аз чанд рӯз ману Лариса ба хонаи Маъсумӣ кӯчидем. Носир дар хобгоҳи Институти педагогӣ - дар бинои чӯбини дуошёна зиндагӣ мекард. Ҷиҳози утоқи мо иборат буд аз кати аскарӣ, мизи хурдакак, ҷевонча, ҷевони либос ва чанд курсӣ. Дар кунҷи утоқ инчунин ҷевони калони китоб меистод, ки дарунаш, боло ва пасаш пур аз ҷилдҳои китоб буд. Китоб сарвати асосии ин манзил буд. Аз он тарафи роҳрав як утоқи аз ин ҳам хурдтар воқеъ буд, ки дар он Ҳайдар мезист. Манзиламон орӣ аз ҳама гуна шоистагӣ буд.

Саломатии Ҳайдар беҳ намешуд. Дасти рости маҷрӯҳаш ӯро азоб медод, дуруст ҳаракат намекард, ангуштонаш базӯр меҷунбиданд, як ангушташ сармозада буд. Ҳайдар бо дасти чап навиштанро машқ мекард ва ҳамзамон пайваста дасти росташро машқ медод. Дар натиҷа бо ҳарду даст як хел менавиштагӣ шуд, ба факултаи физикаву математикаи Институти педагогӣ дохил гардид, аъло мехонд, сабукпулии сталинӣ мегирифт.

Мо дӯстона зиндагӣ мекардем. Ҳар кас ба кори худ машғул буд. Ларисаро ба боғчаи дигар гузаронидем, ки ба хонаамон наздиктар буд.

Соли 1948 ба Носир дӯстонаш хабар доданд, ки Фарҳоди ӯ дар хонаи бобояш аст ва мӯйсафед хоҳиш кардааст ба Маъсумӣ бирасонанд, ки писарашро гирифта барад, зеро

аз сабаби пириву дармондагӣ наметавонад ба тарбияи бача машғул шавад. Модари Фарҳод писаракро дар хонаи падараш Юнус Қобилҷонов монда буд ва Фарҳод дар давоми ду сол бе модар ба воя мерасид.

Бо чунин хабарҳо дар бораи писараш Носир ба хона омад ва пурсид, ки чӣ бояд кард? Ман гуфтам:

- Дар ҷое, ки ду кӯдак тарбият меёбанд, сеюмаш ҳам ба воя мерасад.

Он вақт аллакай писари ману Носир Фаррух ба дунё омада буд.

Маслиҳат шуд, ки агар писаракро овардан зарур бошад, бояд зуд барои овардани ӯ рафт. Мо ба ҳар ҳол ташвиш доштем, ки оё кӯдакро модарҷудо кардаву ба мо медода бошанд. Охир модараш метавонист ӯро ба хонаи худ бубараду ба мо надиҳад. Тамоми қонунҳо ба ҷониби вай буд. Вале ҳамаи хавотириҳои мо беҳуда будааст. Ҳеҷ мамониате пеш наомад. Ҳуҷҷатҳоро дуруст кардем ва падар писарашро бо худ гирифта овард.

Маъсумӣ дар Панҷакат бо шоири он вақт хеле ҷавон Убайд Раҷаб вохӯрдааст. Онҳо ҳамроҳи Фарҳод секаса бо ҳавопаймо ба Душанбе парида омаданд.

Ба назарам чунин намуд, ки Фарҳод он қадар сиҳат нест. Баръало маълум буд, ки гирифтори бемории рахит аст, дандонҳояш дард мекарданд, вараҷаву табларза дошт. Лозим буд, ки фавран аз муоинаи тиббӣ гузарад. Вақте ки Фарҳодро аз муоинаи тиббӣ мегузарондем, ҳар як духтур вазифаи худ медонист, ки маро сарзаниш бикунад:

«Очаҷонаш, охир шумо чӣ хел тавонистед, ки ба бачаи худ ин қадар бепарво бошед?!»

Ман духтурҳоро босаброна гӯш мекардам ва ҳамаи таъйиноти онҳоро иҷро менамудам. Маълум буд, ки Фарҳод ҳеҷ гоҳ табобат надида ва доруе нахӯрдааст. Вай талаб мекард, ки ман доруи чашмро аввал ба чашмони худ бичаконам,

акрихинро (доруи табларза) аввал худам бихӯрам ва танҳо пас аз он розӣ мешуд, ки амалиёти лозимиро нисбат ба ӯ анҷом бидиҳам.

Чанд муддат Фарҳод ба ман ҳеҷ гуна муроҷиат намекард. Боре ба назди хобгоҳи мо барои таъмир рег оварданд. Бачаҳо регбозӣ мекарданд ва касе Фарҳодро ранҷонд. Вай гирякунон дод зад «оча!» Аз ҳамон вақт муносибати табории мо муқаррар шуд.

## МУАЛЛИМИ МАҲБУБ, УСТОД

Ҷанг тамом шуд. Дилҳои ғамзадаи мардуми шӯравиро эҳсоси шодӣ пур кард. Рӯзи нуҳуми май офтобӣ буд. Аз ҳамон рӯз натанҳо дилҳои мо лабрез аз сурур шуд, балки ҳисси масъулиятамон барои худ ва дигарон, барои халқу мамлакат афзуд. Мо худро солортар ҳис намудем. Бо дили гарм меҳнат мекардем. Маъсумӣ вобаста ба саломатиаш дар армия хизмат накардаву дар фронт набудааст. Вале бисёр кор мекард: дар Институти педагогӣ ва мактаби ҳизбии ҷумҳурӣ дарс медод.

Ӯ соли 1940 факултаи забон ва адабиёти Институти педагогии Сталинободро хатм карда буд. Дар он ҷо мехонду ҳамзамон дар мактаби № 7 (№ 3) муаллимӣ мекард, гуфтан мумкин аст, он ҷо таҷрибаи омӯзгорӣ меомӯхт. Вай тамоми умр институт ва муаллиму устоди худ Лутфулло Бузургзодаро бо некиву сипосгузорӣ ёд мекард.

Дар китоби «Ҷовидонӣ» ёддоштҳои Маъсумӣ таҳти унвони «Ман ӯро чунин ёд дорам...» нашр шуда буд. Аз он ёддошт пораеро ин ҷо иқтибос кардан мехоҳам, то хонандаро бо чеҳраи муаллими соҳибистеъдоде ошно намоям, ки ҳам дар таълиму тарбияи Носир чи нақше гузоштани ӯро андаке равшан созам ва ҳам бикӯшам, ки намунаи ибрати муносибати шогирдро ба устод нишон дода бошам:

«Институти омӯзгории Душанбе он солҳо биноҳои таъ-

лимии бисёре надошт, чунон ки имрӯз дорад. Дарсҳо дар ду бинои якошёна мегузаштанд. Дар шафати ин биноҳо чойхонае воқеъ буд, ки баъди дарс донишҷӯён ва муаллимон ҷамъ меомаданд, дам мегирифтанд, мубодилаи афкор мекарданд, мусоҳиба меоростанд. Маҳз ҳамон ҷо ман бори аввал дар бораи Бузургзода маълумот шунидам.

- Ба наздикӣ дар гурӯҳи мо таълими грамматикаи илмии забони тоҷикӣ сар мешавад, - гуфт боре ба рафиқони шарикдарсаш донишҷӯи соли чорум Абдуҷаббор Ашӯров, ки ҳамзамон дар факултаи коргарон аз забон ва адабиёти тоҷик дарс мегуфт.

Мо хурсанд шудем. Грамматикаи илмӣ...

- Сабр кунед, охир Баҳром Хоҷизода вафот кард... Баъди ӯ ... кӣ ин фанро таълим медода бошад?... - мағал бардоштанд донишҷӯён.

- Хотирҷамъ бошед, - ором кард моро Ашӯров. - Баҳром Ҳоҷизода вокеан педагоги бузурги забоншинос буданд, вале дар ин соҳа танҳо набуданд. Масалан, Лутфулло Бузургзода метавонад ба ҷои ӯ дарс гӯяд. Ҳардуи онҳо муаллимони соҳибтаҷрибаанд, ҳардуяшон дар Самарқанд, дар Университети давлатии Ӯзбекистон хондаанд ва соли 1935 баъди хатми университет якҷоя ба ин ҷо ба кор омадаанд. Бузургзода ҳам як муаллими аҷиби забоншинос аст. Вай дар Базаи тоҷикистонии Академияи фанҳои СССР кор мекунад.

- Вай чӣ хел одам аст?

- Ҳо ана, марҳамат, нигоҳ кунед.

Мо гӯё фармонеро иҷро мекарда бошем, ҳама якбора ҷониби майдончае нигаристем, ки дар сояи дарахт ду ҷавонмард дар ҳалқаи чанд муаллим шоҳмот мебозиданд.

Дере нагузашта бозингарон бозиро тамом карданду аз ҷой бархостанд ва мо Бузургзодаро бо тамоми қадду басташ дидем. Вай мавзунқомат буд, либосаш дар танаш хуб менишаст, чашмонаш пурҷило менамуду чеҳрааш андеша-

манд. Ба назари мо чунин менамуд, ки ӯ шояд хеле кам табассум мекардагист.

Баъди як ҳафта мо дарсҳои ӯро гӯш мекардему дар танаффусҳо ва баъди дарс ба суҳбатҳояш мушарраф мешудем. Муаллим шахси як андоза хушчақчақ ва хеле зарофатгӯ будааст. Доираи донишаш ниҳоят васеъ буд, фанни худро хеле хуб медонист ва бисёр дӯст медошт. Дар синфхонаҳо ӯ мисли оҳанрабо диққати шунавандагонро ҷалб мекард. Бузургзода танҳо «дарсдеҳ» будан намехост. Вай ба шогирдонаш кори мустақилона, маҳорати омӯзгорӣ, маданияти рафтор ва маданияти суханро ёд медод, завқи онҳоро ба тафаккури илмӣ моил мекард. Моҳе ду-се шом ӯ дар хобгоҳи донишҷӯён пайдо мешуд: ба ҳуҷраҳо медаромад, мавзӯҳоро шарҳу эзоҳ медод, аз эҳтиёҷоти донишчӯён пурсон мешуд, маслиҳатҳояшро дареғ намедошт. Ӯ бо камоли майл бо донишҷӯён суҳбатҳо меорост, онҳоро ба кори омӯзгорӣ ҳидоят менамуд. Маҳорати пайваста тавонистани фаъолияти омӯзгориву тарбиявӣ ӯро воқеан ҳам маҳбуби донишҷӯёну муаллимон гардонида буд.

Маҳз Лутфулло Бузургзода меҳру муҳаббати донишҷӯёни факулта филологияро ба кори муаллимӣ ва таҳқиқи забон бедор кард. Инро тамоми хатмкардагони солҳои 1938, 1939 ва 1940 ба ёд доранд. Вале ин муаллими хоксору маданӣ чунин мешуморид, ки аз алифбои илми филология ӯ ба шогирдони худ имкон дорад фақат ҳарфи аввалро биёмӯзонад, омӯхтани дигар ҳарфҳо ба таҳсили мустақилона ва пайвастаи онҳо аз мактаби зиндагӣ вобаста аст. Бузургзода ба шогирдонаш мукаррараран хондани байти Рӯдакиро дӯст медошт:

*Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.*

Соли 1939 вақте ки Бузургзода таълими бахши «Грамматикаи илмии забони тоҷикӣ»-ро ба итмом расонд, мо ба ӯ

туҳфаи ғайричашмдоште пешниҳод кардем.

- Муаллими азиз, хоҳишмандем ин туҳфаи моро, ки ба номи Шумо алоқаманд аст, бипазиред, - муроҷиат кардам ман ба ӯ ва қоғазпечи сафедро сӯяш дароз намудам.

- Не, не! Шумо чиҳо мегӯед?!... Шумо маро ба ҳолати ногувор мегузоред! - ранги рӯяш сурх шуда ва ҳатто андаке қаҳролудона рад кард Бузургзода.

- Мо бисёр хоҳиш мекунем! - ҳамроҳ шуданд донишҷӯён.

- То нагӯетон, ки ин чист, ман аз кабули ин туҳфа худдорӣ мекунам,— андак нарм шуда гуфт Бузургзода.

Ман қоғазпечро кушодам. Дар он китобчае буд, ки дастӣ дӯхта ва саҳҳофӣ шуда буд. Дар рӯи муқова «Фонетикаи забони ҳозираи тоҷик. Курси мухтасари конспектҳо аз рӯи дарсҳои Лутфулло Бузургзода. Таҳияи адабии Н. Маъсумӣ, суратгир А. Муҳаммадҷонов, с. 1939».

Он солҳо ҳанӯз китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои мактабҳои олии ҷумҳурӣ набуданд; умуман адабиёти илмии оид ба забони тоҷикӣ низ вуҷуд надошт. Қисми фонетикаи курси «Забони ҳозираи тоҷик», ки Л.Бузургзода хонда буд, нисбат ба дигар қисмҳо душвортар намуд. Ва мо бо хоҳиши донишҷӯён ин курси конспектҳоро ба сифати воситаи таълими забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни факултаи филология ба миқдори 15 адад таҳия кардем. Яке аз он нусхаҳо то ҳол дар бойгонии ман чун хотираи нек аз муаллимам Л. Бузургзода ва дӯстам А.Муҳаммадҷонов, ки дар ҷабҳаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок гардиданд, нигоҳ дошта мешавад.

Муаллим навиштаи рӯи муқоваи «китоб»-ро хонду қаноатманд шуд. Лабонаш ба табассум майл намуданд.

- Ин гапи дигар. Ин хел туҳфаро рад кардан маънии инкор намудани ақидаҳои худ ва қадршиносии меҳнати шумоёнро дорад. Ташаккури зиёд, дӯстони азиз! - бо ҳаяҷон гуфт Бузургзода ва илова намуд: - Курси фонетикаро ман ба чоп

омода мекунам. Баъди чанд вақт шумо онро хоҳед хонд. Он китоб ҳаҷман аз «сураткитоб»-и шумо калонтар аст. Аммо ба ҳар ҳол шумо аз ман пешдастӣ кардед!...

## ДАР ҶОДАИ ИЛМ

Маъсумӣ дар Донишкадаи омӯзгорӣ кор мекарду пандҳои муаллимони маҳбуби худро ба хотир дошт, ки ӯро ба оянда ҳидоят менамуданд. Вай медонист, ки барои таълими донишҷӯён, барои дониш андӯхтани онҳо дар ибтидои солҳои сӣ муаллимон чӣ заҳматҳоеро ба худ раво донистаанд.

Носир дар хусуси он айёми таҳсилу кораш бисёр ёдоварӣ мекард. Мегуфт, ки таҳсил дар донишкада душвор буд. Набудану нарасидани китобҳои дарсӣ онро боз ҳам душвортар мегардонд. Фанҳое мисли «Забоншиносӣ», «Таърихи педагогика», «Адабиёти рус», «Адабиётшиносии умумӣ» ва як қатор фанҳои дигар ба забони русӣ ба воситаи тарҷумон таълим дода мешуданд.

Дар солҳои аввали баъди ҷанг масъалаи навиштани китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълим барои мактабҳои оливу миёна пеш омад. Барои ин масъаларо ҳал кардан осори классикон ва адибони муосири тоҷикро бо диққат хондан, инчунин мероси адибони асрҳои XIX-XX русро омӯхтан лозим буд.

Дар солҳои ҷанг ва баъди ҷанг бисёр чизҳо камёфт буданд, аз ҷумла коғаз низ. Аксари вақтҳо барои навиштани конспект плакатҳо мехаридем ва онҳоро ба як қолаб мебуридем. Барои навиштан ҳама гуна коғази тозаро истифода мекардем. Маъсумӣ конспектҳоро аз фанни ҳам адабиёт ва ҳам забон ба диққати тамом менавишт. Конспектҳои ӯ аз «Таърихи адабиёти классикии тоҷик», «Таърихи адабиёти асрҳои XV-XVI-и тоҷик», «Адабиёти асри XVII ва ибтидои асри XVIII», «Реализми сотсиалистӣ», «Абулқосим Лоҳутӣ», «Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Турсунзода», «Вазифаҳои тадқиқи

адабиёт», «Методикаи таълим дар мактаби миёна», «Ҷумлаҳои мураккаби пайваст», «Забони тоҷикӣ», «Таърихи забони тоҷикӣ», «Материалҳо оид ба забоншиносӣ», «Материалҳо оид ба омӯзиши фолклор» ва ғ. то ҳанӯз дар бойгониаш маҳфузанд.

Муаллимони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик М.Исматуллоев, А.Эшонҷонов, А.Юсуфӣ, Х.Мирзозода, Я.Хахомов, Ю.Бобоев бо ҳамроҳии ӯ оид ба забон, фолклор, методикаи таълими фанҳои филологӣ, назарияи адабиёт, забони ҳозираи тоҷик ва фолклори тоҷик программаҳои таълимӣ тартиб доданд. Зарурати ба вуҷуд овардани китобҳои дарсӣ барои мактабҳои олӣ пеш омада буд. Маъсумӣ дар ҳаммуаллифӣ бо Х.Мирзозода ва Ю.Бобоев барои мактабҳо як силсила китобҳои дарсии адабиётро таълиф намуданд.

Ин ҷо лозим медонам чанд асари илмӣ ва таълимиву методии Маъсумиро ном барам, ки аз фаъолият ва дониши бисёрпаҳлуи ӯ шаҳодат медиҳанд: «Оид ба масъалаи инкишофи назми советии тоҷик», «Адабиёти тоҷик дар давраи пас аз ҷанг», «Адабиёти асрҳои XVI-XIX», «Масъалаҳои инкишофи забони миллии тоҷик дар асоси таълимоти классикони марксизм-ленинизм», «Вазъи забони наср то асри XIX», «Ҳаёт ва эҷодиёти М. Раҳимӣ», «Мирзо Турсунзода», «Туғрал ва муҳити адабии ӯ», «Саидалӣ Вализода ва эҷодиёти ӯ», «Горкийи ҷовидони мо», «Машқҳои методӣ аз забони модарӣ», «Синтаксис», «Феъл», «Инъикоси ҳаёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар забони асари С. Айнӣ «Марги судхӯр», «Очеркҳои инкишофи забони адабии тоҷик», «Забон ва услуби Аҳмади Дониш» ва ғ.

Носирҷон Маъсумӣ забони русиро хуб омӯхта буд, босаводона менавишт. Бисёр асарҳояшро ба забони русӣ таълиф кардааст, аз ҷумла: «О развитии филологии в Таджикистане», «Помощ братских ученых в развитии общественных наук в Таджикистане», «К вопросу об историческом контакте

арабов Средней Азии и Афганистана», «Жизнь и творчество С. Айнӣ», «Таджикские анекдоты и их образы» ва ғ.

## НОСИРҶОН МАЪСУМӢ ВА БОҚӢ РАҲИМЗОДА ДАР ҶУСТУҶӮИ ҲИКМАТҲОИ ХАЛҚ

Дар назди муаллимони донишкада муаммоҳои зиёде буданд, ки ҳаллашон заҳмату кӯшишҳои беандозаро тақозо менамуданд. Олимон аз аҳамияти саҳми Маъсумӣ дар омӯзиши забон ва адабиёти тоҷик минбаъд ҳам на як бору ду бор сухан хоҳанд гуфт. Ман бошам, ин ҷо мехоҳам аз он сухан гӯям, ки Маъсумӣ дар навиштани конспектҳо, тартиб додани программаҳо, дар таълифи китобу мақолаҳои илмӣ то чи андоза аз худ сарсупурдагӣ зоҳир менамуд.

Носирҷон донишҷӯёнро дӯст медошт ва ҳангоми кор бо онҳо масъулияти махсус ҳис мекард. Вай мекӯшид, ки маводи дарсро ба онҳо ҳатталимкон пурра, возеҳ ва пурмазмун пешниҳод бикунад, барои аз уҳдаи чунин кор баромадан лозим буд, ки дониши худро мунтазам ғанӣ гардонаду такмил бидиҳад.

Оид ба фолклор ягон маводи дарсӣ набуд. Соли 1947 Маъсумӣ ҳамроҳи Боқӣ Раҳимзода, ки он вақт дар донишкадаи омӯзгорӣ муаллимӣ мекард, барои ҷамъ овардани маводи фолклор ба Ғарм раҳсипор шуданд. Онҳо бо худ яктоӣ борхалтаи сафарӣ ва яктоӣ ҷомадони хурдакак гирифтанд. Маъсумӣ бо худ инчунин як даста қоғаз ва дастнависи кори нотамомашро гирифт. Либосҳои сафарӣ пӯшиданд. Намудашон мисли куҳнавардон буд. То Ғарм танҳо бо мошини раҳгузар расидан мумкин буд. Аз хона пагоҳӣ баромаданд, вале танҳо рӯзи дигар тавонистанд роҳӣ шаванд. Шабро дар чойхона рӯз кардаанд. Субҳи дигар Маъсумӣ ва Раҳимзода ба мошини боркаше нишастанд ва бо ду нафар марди ришсафед, ки ҳамсафарашон буданду одамони бад наменамуданд, ошно шуданд. Дилашон, ки аз ду марди сол-

хӯрдаву ришсафед пур буд, борхалтаҳоро зери сар гузоштанду хобашон бурд. Вақте ки бедор шуданд, дар мошин на ришсафедони муҳтарам буданду на ҷомадонҳояшон.

Маъсумӣ аз ронанда хоҳиш кард, ки мошинро нигаҳ дорад. Ҳарду аз мошин фуромаданду ба ақиб равон шуданд. Хеле роҳ рафтанд ва ногаҳ дар замини шолӣ, ки хокаш ҳанӯз он қадар хушк ҳам набуд, коғазҳову китобҳои парешонро диданд. Ҳар чи ки ёфтанд, гирд оварданд. Носир тавонист дастнависашро барқарор бикунад. Баъзе саҳифаҳо хеле тар шуда буданд ва Носир барои хушконидан онҳоро дар канори роҳ паҳн карда ба рӯи чор гӯшаашон сангчаҳо гузошт, то ки шамол набарадашон.

Корҳояшонро саранҷом карданду аз захираҳои худ қути лоямуте хӯрданд. Дере нагузашта мошини боркаш омад, савор шуданд ва қариби нисфирӯз ба Ғарм расиданд. Барои кӯфтагии роҳро баровардан ҳарду ҷониби чойхона равон шуданд.

Ба чойхона наздикшавон Абдусалом Деҳотиро диданд, ки риш метарошид. Вай оиначаеро ба танаи дарахт часпонда, пушт ба онҳо меистод. Дар оина акси дӯстонашро дид, ки ҷониби ӯ меомаданд. Бо чеҳраи собунзада ба истиқболи онҳо давид. Ин вохӯрии ғайричашмдошт ниҳоят хурсандибахш буд. Ҳамдигарро оғӯш мекарданд, гӯё гӯштин мегирифта бошанд, сипас ором шуданд ва Деҳотӣ риши нимтарошашро то охир тарошид. Дӯстон хӯроку чой фармуданд. Маъсумиву Раҳимзода сухани якдигарро бурида, бо завқ саргузашти роҳро ба Деҳотӣ нақл мекарданду механдиданд. Сипас андаке дам гирифтанду аз пайи корҳояшон рафтанд.

Ман Абдусалом Деҳотиро хуб ба ёд дорам. Шоири нуктасанҷ, олими пухтакор ва муҳаррири сахтгир буд ӯ. Андоми дилкаш дошт, қадбаланд ва сергӯшт буд. Мӯи мошу биринҷи каме ҷингилатобаш чеҳраашро нуронитар менамуд. Инсони поктинат ва нозуктабиат буд. Маданияти баланд

дошт, дар суҳбат оддӣ буд, то метавонист ба атрофиёнаш хайрхоҳӣ мекард. Табиатан андешаманд, пурташвиш ва меҳрубон буд, оромонаву ботамкин сухан мегуфт, ҳамсуҳбати дилрабо, ҳикматомӯз ва хайрхоҳ буд.

Бегоҳии ҳамон рӯз дӯстон боз дар чойхона ҷамъ шуданд, Машғули суҳбат, хӯрокхӯрӣ ва чойнӯши буданд ва аввал пай набурданд, ки ба чойхона аз ҳар тараф мардум гирд меоянд. Ҳар кадом бо худ хӯрдание меовард. Онҳо чойхонаро аз чор тараф печонида гирифтанд. Менишастанд суҳбат мекарданд, аз дастовези ҳамдигар мечашиданд ва чизеро интизор буданд.

Боқӣ Раҳимзода аввалин шуда пай бурд, ки ин қадар мардум ба чӣ хотир ҷамъ омадаанд.

- Дӯстон! Ин ҷо ҳозир шояд аҷобате рух диҳад.

Маъсумӣ ва Деҳотӣ ҳайрон-ҳайрон ба ҳамдигар нигаристанд ва низ нигарони он шуданд, ки чӣ аҷобате рух дода бошад.

Муддате гузашт ва тоқати ҷамъомадагон тоқ шуд. Касе аз онҳо назди Боқӣ омаду пурсид: «Кай сар мекунед?»

Боқӣ аз ин савол гаранг шуд ва бо савол ҷавоб гардонд: «Мо чиро бояд сар кунем?»

- Чӣ хел, магар шумо паҳлавонҳо нестед? Охир мо интизорем, ки кай гӯштин сар мешавад!

Дӯстон қоҳ-қоҳзанон хандиданд. Хусусан Маъсумӣ зарраe ба паҳлавон монанд набуд. Вале дид, ки тарбузи ҷамъомадагон аз бағалҳояшон афтид, аз ҷой хест, рӯи суфа баромад ва худашонро шиносонид:

- Мо шоиронему муаллимонем, гӯштин намешавад, аммо намоиш мешавад.

Табақчаеро ба даст гирифта, ба як параи рӯяш наздик овард ва ба хондани суруди классикӣ пардохт.

Дертар ӯ ин воқеаро ба хотир оварда мегуфт:

- Ман чунон хондам, ки ба худам ҳам маъқул шуд!

Нишастагон тамом гӯшу ҳуш шуда буданд. Боқӣ гоҳ-гоҳ ҳамовоз мешуд. Деҳотӣ рӯи суфа менишасту ҳаловат мебурд ва ба оҳанги суруд сар меҷунбонд.

Ин вохӯрӣ ба ҳозирин таъсири бузург дошт. Онҳо ба меҳмонон ташаккур мегуфтанд. Мардум якбора худро дар муҳити идона ҳис карданд. Охир аксари онҳо ҳеҷ гоҳ шоиреро надида буданд, ҳоло бошад, якбора се шоири зинда дар пеши назарашон.

Маъсумӣ ва ҳамсафаронаш гармии дили шунавандагони худро ҳис мекарданд. Мардум дар бевақтии шом пароканда шуданд. Дӯстон шабро дар чойхона рӯз карданд. Ва минбаъд ҳар гоҳе ки онҳо ба ин ҷо меомаданд, мардум ҷамъ мешуданд ва меҳмонон чун ба ошноёни дерини худ муносибат мекарданд. Се шоири зиндадил боз ба онҳо суруд мехонданд, шеърҳои худ ва классикони адабиёти тоҷикро қироат мекарданд.

Дар чойхона ҳамчунин оид ба мавзӯҳои гуногун суҳбатҳо гузаронида мешуданд. Бо ҷӯяндагони ҳикмати халқ саволу ҷавобҳои шавқангез баргузор мегардиданд. Байни мардуми Ғарм ва ин се тан адиб риштаҳои дӯстӣ пайваста шуд. Баъди муддате Деҳотӣ ба Душанбе баргашт. Хидмати мусофираташ ба охир расид. Маъсумӣ ва Боқӣ як моҳи дигарро дар Ғарм бо заҳмату истироҳат ба сар бурданд, аз байни мардум ҳофизон, шоирони халқӣ, гӯяндагони соҳибистеъдодро кашф намуданд. Ин ҳунармандони халқӣ, гӯё бо ду адиби пойтахт мусобиқа мекарда бошанд, бо суҳбату вохӯриҳо бо дутору доираҳояшон меомаданд, шеъру таронаҳо мехонданд. Аксаран таронаҳои халқиро якҷоя месуруданд. Маъсумӣ бо шавқу ваҷди тамом аз ҳунар ва истеъдоди мардуми ин маҳал ҳикоятҳо мекард.

Маъсумӣ ва Боқӣ деҳа ба деҳа мегаштанд ва маводи фаровони фолклориву этнографӣ ҷамъ оварданд. Ҳар ду аз Ғарм бо як олам эҳсосоти қаноатмандӣ баргаштанд.

Ҳамон вақт ман бори аввалину охирин шавҳари худро фарбеҳшуда дидам. Дар Ғарм мӯйлаб монда буд ва ман дар аввалин лаҳзаи дидор ӯро қариб нашинохтам.

Аз ин сафар Носир таассуроти аҷибе бардошта буд. Мардуми меҳмоннавозу донишдӯст ва иқлими рӯҳафзои Ғармро бо ҳавас ёд мекард. Ҳамчунон аз бошандагони он маҳал фолклори ғание гирд оварда буд.

Акнун лозим буд, ки маводи гирдовардаашро тасниф бикунад. Мақсади ниҳоии ин сафар низ ба вуҷуд овардани китоби «Фолклори тоҷик» буд. Дастнависи ин китобро Носир омода кард, вале имконе набуд, ки дастнависро касе дар мошинка чоп бикунад. Духтарону занони мошиннавис хеле кам буданд. Онҳое, ки ихтисоси мошиннависӣ доштанд. ниҳоят серкор буданд ва барои кореро бо онҳо анҷом додан зориву тавалоҳои бисёр кардан лозим меомад. Хулласи калом, ин асар бо душвориҳо ва харҷи калон мошиннавис карда шуд. Нашри аввали китоби «Фолклори тоҷик» соли 1952 ва нашри дувуми он соли 1960 аз чоп баромад. Пештар низ Маъсумӣ оид ба фолклор як қатор асарҳои хурду калон таълиф карда буд, ки «Луғати фолклор» (1944), «Шӯриши Восеъ ва сурудҳои таърихӣ» (1950) аз ҳамин ҷумлаанд. Асари «Намунаи фолклори халкҳои Афғонистон. Рубоиёт ва сурудҳо» (1965, бо ҳамроҳии М.Холов) низ ба саъйу эҳтимом ва муқаддимаву тавзеҳоти ӯ нашр шуда буд. Маъсумӣ ба ҷамъ овардан ва таҳқиқи фолклор, дарёфтани қонуниятҳои эҷодиёти халқ ва махсусиятҳои осори шифоҳӣ хеле мекӯшид ва ин кӯшиши ӯ дар тӯли тамоми фаъолияти илмиаш ба назар мерасид.

Ман медидам, ки Маъсумӣ барои корҳои техникӣ вақти бисёре сарф мекунад. Бар замми ин ки маводи даркориро ҷудо карда ба карточкаҳо менавишт, мошиннависи худӣ лозим буд. Зеро баъди мошиннависии дигарон ӯ аксаран кори бадсифатро мегирифт, ислоҳҳои бисёр медаровард ва

баъзан аз нав ба чоп медод. Ман ҳамеша дар фикри он будам, ки чӣ тавр ба вай ёрӣ диҳам. Забони тоҷикиро хуб намедонистам, як вактҳо дар мактаби Тошканд забони ӯзбекӣ омӯхта будам. Аз бозе, ки дар Тоҷикистон мезистам, танҳо забони суҳбатро бо мардум ёд гирифтам, на бештар аз ин. Ва инак қарор додам ба худ, ки забони тоҷикиро биёмӯзам, то ёвари шавҳарам бошам.

Тасмим гирифтам, ки бо ӯ маслиҳат бикунам. Пурсидамаш:

- Ман чӣ ёрие ба кори ту метавонам карда бошам? Чопи мошинкаро ёд гирифтан душвор нест, вале ман забони тоҷикиро хуб намедонам.

- Гумон мекунам, - гуфт Носир, — хуб мешуд, агар ту аз кор биравӣ, бақия ҳама худ ба худ ба даст меояд. Туро лозим меояд, ки заҳмат бикашӣ. Шабу рӯз бо ман менишиниву меомӯзӣ, пушаймон нахоҳӣ шуд.

Ман он қадар равшан тасаввур намекардам, ки ин иқдом чӣ тавр сурат мегирад, вале меҳнатдӯстии ӯро медидаму мехостам, ки андаке ба вай монанд бошам ва боз ҳам бештар мехостам ёвараш бошам.

Пешниҳоди ӯ дар хусуси аз кор рафтан пазируфта шуд. Ман аз кор рафтам. Носир ба ман дарс меомӯхт. Китоби Я.Р.Хахомов «Забони тоҷикӣ барои мактабҳои русӣ»-ро овард. Вазифаро месупурд, тафтиш мекард ва хоҳиш менамуд, ки ман ҳар рӯз ба забони тоҷикӣ китоби бадеӣ бихонам. Ин забон бароям писанд омад ва ман онро зуд ёд гирифтам. Сипас мо мошинкаи чопии «Олимпия» харидем, ҳарфҳояшро чунон тағйир додем, ки ҳам ба тоҷикиву ҳам ба русӣ чоп кардан мумкин буд. Аввал ман хеле суст чоп мекардам, вале андак-андак суръати чопам афзуд. Маъсумӣ хати зебо дошт ва ин зебоӣ шавқи маро ба кор зиёда мекард.

Кор бисёр буд, вале шавқи мо бештар.

Миёни солҳои панҷоҳум, метавон гуфт, дар оилаи мо нафаре зам шуд. Ин воқеа моро музтариб не, балки, баръакс, шод гардонд: Бародари хурдии Носир Асадович - Ҳайдархонро хонадор карданӣ шудем. Ӯ Муҳайёи соҳибҷамолро рафиқи ҳаётии худ интихоб намуд. Ташвишу тараддуди тӯи арӯсӣ оғоз ёфт.

Бо вуҷуди серкорӣ Носир ба ташкили маъракаи арӯсӣ камари ғайратро мустаҳкам баста, дӯстонро низ ба ёрӣ даъват кард. Ҳама ба иҷрои «вазифаи пурмасъул»-ашон пардохтанд: яке овардани самовору дегу табақ, дигаре мизу курсӣ ва дастархону қошуқу чангча, сеюмӣ даъватнома, чорумӣ аз бозор овардани чорво ва маҳсулоти заруриро ба уҳда гирифт.

Як бегоҳ шавҳари Мусаллам (хоҳари Носир) Бадриддин ҳамроҳи як ҷавони мавзунқомати лоғарандом, кушодарӯи ситорагарм омад. Ӯро бори аввал медидам. Аз Носир пурсидам, ки ин ҷавон кист? Гуфт, ки дар куҷое дидагӣ барин. Баъд маълум шуд, ки ӯ аз деҳаи Шоҳони ноҳияи Ҳисор - зодгоҳи хешовандони Носир будааст. Носир ӯро дар деҳаашон дида, падарашро низ мешинохтааст.

Ҷавон бо камоли ғайрат хизмат мекард, гӯё мондашавиро намедонист. Супоришҳоро бо майли тамом ба ҷо меовард. Як ҳодисаи рухдода моро нисбат ба ин ҷавон, ки номаш Собир будааст, ихлосманд кард. Носир як даста пулро ба яке аз хешовандонаш дода ҳамроҳи ӯ ҳамин ҷавонро барои харидани меваю сабзавот, чаккаву дигар маводи дархӯрди тӯй фиристод. Баъди чанд муддат ҳар ду ҷавон бо бори бисёр ба хона баргаштанд. Носир онҳоро пешвоз гирифта, ба фуровардану кашонидани бор ёрӣ расонд. Вале баъди аз назар гузаронидани маҳсулот табъаш хира шуда, хешшавандаашро мазаммат кард ва боз пул дода, ба бозори дигар фиристоданӣ шуд. Собир хоҳиш кард, ки ин дафъа як худаш рафта аз бозор маҳсулот меорад. Дар воқеъ, аз

бозор бисёр маҳсулоти хушсифат овард, ки хеле хурсанд шудем. Сипас як қабза пулро ба Носир дароз карда:

- Ин бақияи пулатон, - гуфт.

Носир пиндошт, ки ӯ аз худаш пул илова кардааст. Вагарна дафъаи аввал ду баробар зиёд пул дода буд. Вале маҳсулоти камтару бадсифат оварданд. Собир барои ростии лафзаш савганд хӯрда, пулро ба Носир дод.

Вай дар он тӯи арӯсӣ, чунон ки мегӯянд, хизмати шоиста кард. Натанҳо ба ману Носир, балки ба модарам, фарзандонамон ва соири хешовандон маъқул шуд. Вай то анҷоми кору бори ҳавлӣ дар хонаи мо истод. Вақти ба хонаашон гуселонидан ману Носир хоҳиш кардем, ки акнун ӯ ба хонаи мо рафтуо намояд. Бо вуҷуди ваъда доданаш ӯ чанд муддат наомад. Як рӯз мо ба хонаи Бадриддин (шавҳари Мусаллам) рафтем. Собир дар хонаи апааш (баъд донистем, ки духтарамакаш будааст) ки ҳамдеҳа ва дар айни ҳол ҳамсояи Бадриддин буд, истиқомат доштааст.

Ӯро ёфта таъкид кардем, ки фардо ба хонаи мо ояд, зеро мо ба курорт рафтанӣ. Агар майлу имкон дошта бошад, то омаданамон дар ҳавлӣи мо истад. Кӯдакон хурданду бибиҷон (модари маро бачаҳо ҳамин тавр меномиданд) танҳо. Ба кору бори рӯзгор ва харида овардани мавод аз бозор кумак расонад. Вай розӣ шуд. Мо ба курорт рафтем. Баъди баргаштан аз истироҳат аз ҳамон мизе, ки Собир дарс тайёр мекард, як дастаи заёмҳоро баровარда тафтиш кардам. Хушбахтона, ба дутои он панҷсадсӯмӣ бурд баромад. (Ба нархи онвақта ҳазор сӯм пули хеле калон буд). Носир бардурӯғ ӯро мазаммат кард, ки чаро заёмҳоро тафтиш накардааст. Охир вақташ гузашта, сӯхтанаш мумкин буд. Ҷавон шармгинона ҷавоб дод, ки болои миз китобҳои шавқовар буданд. Ҳамаашонро хонда ҳаловат бурдам, вале заём пул аст. Ба пул бе иҷозати соҳибаш даст задан мумкин нест.

Ин ҷавоб моро хуш омад. Баъди рафтани Собир Носир

гуфт, ки чунин ҷавонони хушахлоқу боодоб ва чашмсеру поквиҷдон умеди ҷомеаи мо, тарбияи онҳо амри воҷиб аст.

Як мушкилот ӯро азият медод ва моро низ ба ташвиш андохта буд. Дар омӯзишгоҳ дарсҳо ба забони русӣ мегузаштанд. Ӯ русиро намедонист, китоби русиро хонда намефаҳмид. Калимаҳои мураккаб, ё дар таркибашон ҳарфи «ы»-доштаро талаффуз карда наметавонист. Ба ӯ ёрӣ расондан лозим буд. Ин вазифаи пурмасъулиятро бибиҷон ба уҳда гирифт. Бибиҷон ҳамроҳи Собир соатҳо талаффузи калимаҳоро машқ мекард. Ману шавҳарам вазифаи тарҷумониро ба ҷо меовардем. Меҳнати ҳамагон барабас нарафт. Ба шарофати зеҳни тез, иштиёқи калони забономӯзӣ ва бо мадади бибиҷон баъди чанд муддат ӯ бо баҳои хубу аъло мехондагӣ шуд, забондониаш низ беш аз пеш мукаммал мегардид...

Як хислати Собир шавҳарамро мутаваҷҷеҳ месохт. Вай он вақтҳо муҳассили омӯзишгоҳи савдои шӯравӣ буд. Вале ба адабиёт шавқи калон дошта, аз баъзе донишҷӯёни факултаи филологияи донишкадаи омӯзгорӣ бештар шеър медонист. Инро Носир борҳо имтиҳон кард. Ёд дорам, ки дар хонаи як хешованди Носир меҳмон будем. Писари ӯ ва писари ҳамсояашон дар донишкада таҳсил мекарданд. Носир тибқи одаташ таклиф кард, ки аввал ба навбат суруд мехонем, сипас ба мушоара мегузарем. Аҳли суҳбат розӣ шуданд.

Дар сабқати ҷавонон Собири муҳассили омӯзишгоҳи савдо бар он ду ҷавони «адабиётшинос» ғолиб баромад.

Як шомгоҳи гарми тобистон Собир бо чеҳраи хандон ва хотири болида аз дари мо даромад. Гумон бурдем, ки ширакайф аст. Вале намедонистем, ки ӯ машрубот наменӯшад. Ба ҳаяҷон аз ҷайбаш дипломро бароварда, ба Носир дароз кард. Ҳамсарам дипломро кушода, баҳоҳоро як-як аз назар гузаронид. Аз ғояти шодӣ бо чашмони дурахшон ба ман рӯ

оварда гуфт:

- Хушхабарат мерасонам, Вераҷон, писари мо дипломи аъло гирифта аст. Вазъи молиявӣ ва шароити зиндагии ӯ ба ту маълум. Бубин, агар кас майлу иштиёқи илму ҳунаромӯзӣ дошта бошад, бемуттакову бетағо ҳам ба мақсадаш ноил мегардад.

Ҳамин тавр, Собир дар пеши назари мо ба камол мерасид. Мо ӯро ҳамчун як узви хонадони худ пазируфта, ба тақдири оянда ва таҳсилу кораш бетараф набудем.

Собир баъди хатми омӯзишгоҳи савдо дар Универмаги марказӣ ба ҳайси молфурӯши дараҷаи аввал (барои дипломи аъло доштанаш) кор мекард. Ҳар бор ки ба хона ояд, Носир хавотиромез мепурсид:

- Корат чӣ тавр, камбудие надорӣ? Ҳодисае рух надодааст, ба ягон кори дигар гузарӣ-чӣ?

Азбаски Собир ба адабиёт шавқ дошт, таҳсили минбаъдаашро дар шуъбаи шабонаи факултаи филологияи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе, бидуни супоридани имтиҳоноти қабул, давом дод. Росташ, интихоби ин роҳ Носирро қаноатманд гардонд. Ӯ ҷавонони донишдӯсту меҳнатқарин, мухлиси шеъру адаб, хушфаҳму поквиҷдонро бағоят дӯст медошт. Зеро худи ӯ низ дорои чунин хислатҳо буд. Носир ба таҳсили Собир мароқ зоҳир намуда, дар омӯхтани дониш маслиҳат медоду кумак мерасонид, китобу васоити таълим даркор шавад, аз китобхонаи шахсиаш ёфта медод ва умуман дари китобхонаи мо ба рӯи ӯ кушода буд.

Аз ҷои зисташ то донишкада роҳ хеле дур буд. Баъди кор тахсили шабона осон нест. Ба хусус шабҳои сармои зимистон ва боронҳои паёпайи баҳорон, либосҳои тунук ҷавонро азоб медод. Албатта, ин манзара аз лавҳи хотири мо дур намешуд. Аз ин лиҳоз, қарор додем, ки то хатми донишкада дар хонаи мо истиқомат кунад. Зеро ин ҷо ҳам ба донишкада наздик ва ҳам асбоби таълим муҳайёст. Собир

тирамоҳи соли 1959 ба хонаи мо кӯчид. Ин вақт ӯ аллакай дар нашриёт мусаҳҳеҳ шуда кор мекард. Вай дар як муддати кӯтоҳ то ба вазифаи муҳаррири нашриёт расид. Аз ҳар муваффақияти ӯ, хусусан дар кори эҷодӣ шод мешудем.

Ду лаҳзаи ҷолиб аз хотирам намебарояд. Бори аввал ӯ китобе оварда ба устодаш туҳфа кард, ки он «Чор фасл» ном дошта, мураттиб ва муаллифи сарсухан Собир буд. Носир китобро варақ зада, хеле шод гардид ва барои боз ҳам хушсифату пурмазмун баромадани китобҳои минбаъдааш маслиҳатҳо дод.

Бори дигар ӯ боз китоб овард. Ин дафъа муаллифи асар, ки худи Носир буду он рисола «Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX» ном дошт, ба шогирдаш туҳфа кард. Ин рисола ва заҳмати тӯлонии муаллифро ман нағз медонистам. Маъсумӣ аз ғояти шодӣ қарорашро гум кард ва борҳо шукрона менамуд, ки молфурӯши дирӯза акнун бо адабиёт ва нашри китоб сару кор дорад. Ӯ чандон барои китоб не, балки бештар аз он хурсандӣ дошт, ки муҳаррири нашриёт ва муҳаррири китобаш шогирди худи ӯ Собир буд.

Ба ин минвол ӯ ба камол расида, ҳамчун ходими болаёқати соҳаи нашру табъи китобҳо ва ҷавони эҷодкор - шоиру носир, мутарҷими босалиқа ва рӯзноманигори бомаҳорат ташаккул меёфт. Мо ӯро ҳамчун фарзанди худ медонистем ва аз ҳар як пешрафту барори кораш шод мегардидем.

Имрӯз ҳар гоҳ китобҳои шеъру ҳикоя ва очерку мақолаҳои Собири Шоҳонӣ ва ӯ барин шогирдони содиқи Маъсумиро мебинаму мехонам, симои ҷовидонии шавҳарам, орзую ормони ҳамешагии ӯ перомуни рушду камолоти маънавӣ, сатҳи баланди донишу фарҳанги фарзандони миллат, ободии мулк ва накуаҳволии мардум пеши назарам меояд. Ва бо итминони комил мегӯям:

- Маъсумӣ ва кору эҷоди ӯ зинда аст!

## ҚИССАИ ЗАНГИРИИ БОҚӢ

Ба хонаи мо Боқӣ зуд-зуд меомад. Мо ӯро узви хонаводаи худ меҳисобидем. Ҳар омаданаш хонаи моро пур аз шодӣ мекард. Баъзан воқеъ мешуд, ки вай чанд рӯз ба хонаи мо намеомад. Мо ба ташвиш меафтодем ва хабари куҷо буданашро меҷустему чи ҳол доштанашро.

Дар яке аз шомҳои тирамоҳи заррин Боқӣ ба хонаи мо омад. Аз ваҷоҳаташ кайфияти рӯҳии ӯро муайян кардан душвор буд. Ба гумони манн, ӯ ҳамеша кайфияти хуш дошт.

Носир ба истиқболи ӯ баромад. Онҳо ҳол пурсиданду ба хона даромаданд. Боқӣ бо овози пичирросӣ ва асроромез аз хусусе ҳикоят мекард. Ман фаҳмидам, ки суҳбаташон соф мардона аст, аз пайи кори худ ба ошхона рафтам. Онҳо чизе менавиштанд. навиштаашонро гаштаву баргашта мехонданд, маслиҳат мекарданд ва вақте ки корашонро анҷом доданд, Носир барои Боқӣ варақи тозае овард. Вай бо диққати тамом матнро рӯнавис мекард.

Носир ба ошхона назди ман омаду гуфт:

- Вера то тайёр шудани хӯрок, хоҳиш мекунам, барои мо дар халтачаҳо тухм бипазӣ.

Хайр фикр кардам, дар халтача бошад; дар халтача мепазем. Ба хонаи дигар даромада, аз матои сафед чор халтача дӯхтам, ки ба андозаи тухм буданд. Ба ҳар халта яктоӣ тухм андохтаму обпаз кардам. Сипас тухмҳои пухтаро аз халтачаҳо бароварда, поку хушк кардам, ба табақчаҳо гузоштаму ба Боқиву Носир бурдам. Худ ба худ фикр мекардам, ки чаро тухмҳоро дар халтачаҳо пухтам, сирре бояд ин ҷо ниҳон бошад. Ҳамин ки табақчаҳоро ба наздашон гузоштам, чашмони Боқӣ гӯё аз косахонаҳояшон баромаданд. Ӯ табассумкунон бо кафи дастон рӯи табақчаро пӯшида, бо овози ҳаросолуд пурсид:

- Верахон, ин чист?

Ман ҷавоб додам: «Тухм».

Носир табақчаро наздиктар ба Боқӣ тела доду гуфт:

- Бихӯр, ҷӯра! Тухмҳои халтапаз бисёр фоиданоканд.

Ман ҳайрон будам: тухмҳои муқаррарӣ. Аммо чизе табъи дили Носир набуд.

Ман аз хона баромадам, аз пасам Боқӣ ба ошхона омад. Табақча дар дасташ буд, узр хосту гуфт, ки вай аслан тухм намехӯрад, ҳоло бошад, бо ҳавас хӯрокро интизор мешавад. Носир тухмеро аз табақчаи худ гирифту бо эхтиёт ба шикастан сар кард. Тухм бисёр сахт пухта буд:

- Вера, ман хоҳиш карда будам, ки тухмро дар халтача бипазӣ!

- Ман дар халтача пухта будам. Ана халтачаҳо!

Ҳар ду баробар қаҳқос заданд. Хеле хандиданд, сипас ором шуданду Носир боз ба навиштан шурӯъ кард. Навиштаашро таҳрир мекарданд ва ниҳоят «шоҳасарашон» тамом шуду ҳар ду қаноатмандона оҳи сабук кашиданд.

Даме ки Боқӣ «шоҳасар»-ро тозанавис мекард, Носир ба ошхона омаду ба ман ёрӣ мерасонд. Ҳар лаҳза зери бинӣ қиқирос зада механдид. Дар чунин ҳолатҳо ӯ кӯдакеро мемонд, ки аз чизе завқ мебараду худро аз ханда боздошта наметавонад. Аз ин хандаҳои асроромези ӯ ман андак ранҷидахотир ҳам шудам ва пурсидам:

- Худаш чӣ гап? Чаро механдӣ?

- Эҳ Вераҷон, охир Боқӣ аз тухм қимоб аст, хусусан агар тухм дар халтача бошад, зеро халта ҳам ишораест ба шиками ӯ.

Инро гуфту боз хандид ва ман ҳам беихтиёр ба хандаи ӯ ҳамроҳ шудам. Боқӣ тозанависро тамом карду ба ошхона омад. Ман аз хиҷолат сурх шудам, вале вай чунон табъи болида дошт, ки аз ҳоли ман пай ҳам набурд:

- Оббо Носир-е, ту балоӣ, офарин! Акнун кор панҷ шуд, бемалол хӯрок хӯрдан ҳам мумкин!

Ман ҳис кардам, ки аз «шоҳасарашон» хеле қаноатманданд...

Баъди тановули хӯрок Боқӣ зуд ба хонааш шитофт. Носир ба гусели ӯ рафт ва вақте ки баргашт, гуфт:

Вера, Боқиҷони мо ошиқ шудааст!

Ман ҷавоб додам:

- Бисёр хуб. Ӯ кайҳо бояд зан мегирифт!

- Медонӣ, мо ҳоло чӣ навиштем? Вай ба духтари рус, ба ҳамсоядухтари худ ошиқ шудааст. Аз ман хоҳиш кард, ки ба он духтар аз хусуси ҳиссиёти ӯ номае бинависам.

Носир гӯё худро гунаҳгор ҳис мекард:

- Мефаҳмӣ, ӯ гуфт, ки забони русиро хуб намедонад ва наметавонад ба ин забон ҳиссиёташро ба таври зебо ифода бикунад. Боқӣ чунин мешуморад, ки ман забони русиро аз вай беҳтар медонам, ҳам дар ишқу ошиқӣ нисбат ба ӯ таҷрибаи зиёдтар дорам.

Ман ҳайрон шудам:

— Ту чӣ хел тавонистӣ аз хусуси ҳиссиёти ӯ нисбат ба духтари дӯстдоштаи ӯ нома бинависӣ? Онҳо ҳамсояанд ва касе барояшон халал намерасонад, ки муносибатҳояшонро муайян кунанд. Беҳтар мебуд, агар муносибатҳояшонро худашон равшан намоянд, бидуни ёрии ту. Хайр, умед мебандем, ки ҳамааш хуб анҷом меёбад.

Боқӣ баъдтар ҳикоят карда буд, ки он рӯз аз хонаи мо баромада, ба сӯи хонааш гӯё намерафт, балки мепарид. Вай бисёр мехостааст «шоҳасар»-и таҳриру тасҳеҳхӯрдаро ҳарчи зудтар ба ҳамсоядухтар бирасонад. Раҳравон номаро такрор ба такрор хонда, то расидан ба хона қариб азёд кардааст. Аз мазмуни олии нома ниҳоят қаноатманд будааст. Баъди расидан ба хона Боқӣ зуд ба утоқи худ даромада, саропо гӯш шуда, интизорӣ мекашидааст, ки ҳамсоядухтар кай аз утоқи худ берун меояд. Ниҳоят садои пои ӯро шунидааст, ки аз роҳрав сӯи ошхона мерафтааст. Боқӣ аз

утоқаш баромада, эҳтиромона салом карда, номаи муборакро ба ӯ додаасту зуд ба утоқи худ даромадааст. Баъдан ба мо чунин ҳикоят мекард:

- Ман чӣ қадар азоб мекашидам, дар ҳолати изтироб будам, хобам намебурд. Чеҳраи дилкаши ӯро пеши назар меовардаму лаззат мебурдам ва ниҳоят бо ҳамин хаёли гуворо хобам бурдааст. Субҳи барвақт аз хоб хестам, пероҳани нав пӯшидам, худро оро додам. Ва боз лаҳзаи пуризтироби интизорӣ фаро расид. Ман аз ӯ лутфу карам умедвор будам, ба худ тасаввур мекардам, ки ӯ номаи марову хоҳишҳоямро бо табассум ва меҳрубонӣ мепазирад. Интизорӣ мекашидам, ки кай аз утоқаш мебарояд. Ниҳоят ӯ ба ошхона баромад. Ман зуд аз утоқам бадар омадаму ба ошхона рафтам ва дар остона мисли ҳайкал, нафас ҳам нагирифта рост истодам, ҳукмро мунтазир будам. Ҳамсоядухтар баробари омаданамро ҳис карданаш ба ман рӯй овард. Вай мисоли паланги хашмгин буд, абрувонаш дарҳам кашида шуданд, аз чашмони зебояш тирҳои оташин мебориданд. Ниҳоят ӯ гуфт: «Ҳа, Боқӣ, ин чӣ номае буд, ки навиштед?! Дар охири нома «Ман шуморо дӯст медорам - ин кори маъмулӣ» навишта боз се нуқта монданатон чӣ маънӣ дорад? Шумо маро кӣ гумон кардед?» Ман қариб буд, ки аз ҳуш равам, дар назарам гӯё фарш фурӯ мерафт, мисли кӯдаке будам, ки чизеро намефаҳмидаму барои рафтори ноҷоям танбеҳам медоданд. Ҳатто ба ёдам нест, ки чӣ тавр ба утоқи худ расидам...

Ҳамаи инро Боқӣ баъдтар нақл мекард. Вале шоми он рӯз ӯ ба хонаи мо омад, салом ҳам накарду пурсид: «Носир куҷост?» Ман ҷавоб додам, ки вай ҳозир меояд ва аз Боқӣ хоҳиш кардам, ки гузашта шинаду интизор шавад.

Пас аз чанд дақиқа Носир омад. Боқӣ аз курсӣ хест, муштҳояшро гиреҳ зад ва чун хурӯси ҷангӣ ба Носир дарафтод, ӯро ба фарш афтонд ва оғоз шуд афтохези ду марди каппа-

калон.

Боқӣ ба овози баланд мепурсид:

- Носир, ту чиҳо навиштӣ, а?!

Ман маҷбур шудам дахолат кунам:

- Рафиқон, ман метавонам бифаҳмам, ки чӣ воқеае рӯй додааст?

Онҳо рӯи фарш нишастанду андак-андак хунук мешуданд. Боқӣ ҳеҷ ба худ намеомад ва мудом мепурсид:

- Ба ту чӣ лозим буд, ки «ин кори маъмулӣ» нависӣ ва боз се нуқта гузорӣ?

Маълум буд, ки ӯ ҷавоби рад гирифтааст.

Мо ҳар се хуб хандидем. Онҳо аз ҷой хестанд. Боқӣ оҳи вазнине кашиду якбора ба хондани суруди «Иди зафар» шурӯъ кард. Носир зери лаб ба ӯ ҳамовозӣ менамуд. Чун ҳамеша ман онҳоро ба сари миз хондам. Мо оромона суҳбат мекардем ва ман дар омади гап ба Боқӣ хотиррасон кардам, ки вай як вақтҳо ба дӯсти худ маслиҳатҳои хуб дода буд, ки гулро ба маҳбубааш на дар қуттича, балки ошкоро тақдим намояд.

- Инак, ман ҳам ба шумо мехоҳам маслиҳат диҳам, ка дафъаи оянда агар ошиқ шавед, номаро худатон нависед, на ба ҷӯраатон супоред!

Баъди чанд вақт - моҳи феврали 1949 - Боқӣ ба хонаи мо омаду филҳол на ба Носир, балки ба ман муроҷиат карду гуфт:

- Верахон, дар кӯчаи Пионерон як духтар зиндагӣ мекунад, номаш Соро! Аз шумо бисёр хоҳиш мекунам, ки як ба он ҷо равед. Лекин худи ҳозир! Ӯро бинеду фикратонро ба ман бигӯед!

Ман баҳона пеш овардам, ки ҳоло рӯз торик мешавад. Он вақтҳо бисёр кӯчаҳо асфалтпӯш набуданд, лой то зону меомад. Ҳавои бад буд, барфи боронолуд meборид, кӯчаҳо торик буданд. Ба замми ин ман бо кадом баҳона ба хонаи

одамони ношинос мераваму чӣ мегӯям?

Ҳамон лаҳза ба хотирам расид, ки ба хонаи мо ташвиқгари интихобот ба Шӯрои Олии Тоҷикистон омада буд. Интихобот бояд моҳи март сурат мегирифт. Бесабрии Боқиро ба инобат гирифтаму розӣ шудам, ки худи ҳозир, ҳанӯз тамоман торик нашуда ба хонаи он духтар меравам... Хусусан ки кӯчаи Пионерон аз хонаи мо он қадар ҳам дур набуд. Ба Боқӣ нигаристаму гуфтам:

- Агар вай ба ман хуш наояд-чӣ?

- Верахон, шумо вақтро беҳуда мегузаронед! Чашмони шумо - чашмони ман, чашмони ман - чашмони шумоянд!

Ман варақаи номзади депутат, дафтару қаламро гирифта ба ҷустуҷӯи хонае рафтам, ки нишонаашро Боқӣ дода буд.

Дарвозаро кӯфтам, Дарро ҷавонзане кушод. Вай аз нигоҳи аввал ба ман маъқул нашуд. Ман худро чун ташвиқгар шиносонидам ва гуфтам, ки мехоҳам интихобкунандагони хонаро ба рӯйхат гирам. Ҷавонзан гуфт, ки ташвиқгар омада, ҳамаи ононеро, ки овоз медиҳанд, ба рӯйхат гирифта рафт. Ман фаҳмондам, ки рӯйхатро бояд аниқ бикунам. Вай маро ба ҳавлӣ даъват кард. Ҳавлӣ калон набуд, зеб надошт, чанд дарахти калон ҳавои онро мефишурданд. Аз кулбаи похсагин пиразане баромад, чӯтур буд ва хеле меҳмоннавозӣ зоҳир намуд. Ман ба кулба надаромадаму ному номи падари интихобкунандагонро пурсидам. Ин пиразан модари хонавода буд. Ҷавонзан номи худро гуфт, ин Соро набуд. Ман пурсидам, ки дар хона боз кӣ истиқомат мекунад. Ӯ ҷавоб дод, ки хоҳараш Соро, ҳоло бояд биёяд.

Рӯз ба зудӣ торик мешуд. Ман аз ҳавлӣ баромадаму Сороро вохӯрдам. Ҷавонзан маро ба ӯ шиносонд. Мо хайру маъзур кардем. Ман аз онҳо хоҳиш кардам, ки ба интихобот барвақттар биёянд.

Дар торикӣ аз он тангкӯча базӯр баромадам. Ба хонаа-

мон расидаму дарҳол надаромадам, калӯшҳоямро шустам. Ба даҳлез даромада, оҳиста палтоямро кашидам. Мардҳо бетоқатона интизорӣ мекашиданд. Ниҳоят Боқӣ тоқат карда натавонист:

- Хайр?!?

Ба ӯ назар афкандаму гуфтам:

- Боқӣ, хонадор шавед! Ҳоло ё ҳеҷ гоҳ! Духтарак ба ман бисёр писанд омад!

Ман ба ошхона баромадам, карасинкаро даргирондам, бояд хӯрокро гарм мекардам. Дӯстон болидарӯҳ буданд. Боқӣ он шом хурсанд рафт ва чанд рӯз пайдо нашуд. Сипас бародари ӯ ба хонаи мо омаду гуфт:

- Ману хоҳарам аз Ғарм омадем барои Боқӣ ба хостгорӣ равем. Ташвишҳои тӯйро худатон медонед…

Моҳи июн тӯйи хоксоронаи Боқӣ ва Соро баргузор шуд, тӯй дар ҳавлӣи Сороино гузашт.

Арӯс ҷавонакак, мавзунқомат ва сиёҳҷурда буд. Рухсорааш он шом, шояд аз шарм бошад, ранги арғувонӣ дошт, шафтолуи сурхро мемонд. Дандонҳои сафедаш мисоли садаф ҷило медоданд. Либосаш барои он замон хеле фасон буд – пероҳани крепдишин ба бар дошт, ба сар рӯймоли сафеди шилшиладор пӯшида буд, ки чеҳраашро боз зеботар менамуд.

Боқиву Соро паҳлуи ҳам менишастанду худро нороҳат ҳис мекарданд. Боқӣ гоҳ сурх мешуду гоҳ сафед. Рӯи курсӣ нимпаҳлу менишасту дуздона ба арӯсаш менигарист. Гумон мекунам, ӯ бисёр мехост, ки ин маросими тӯйи арӯсӣ зудтар поён ёбад.

Баъд аз тӯй Боқӣ ба ҳавлии Сороино кӯчид. Зиндагиашон хуш мегузашт. Боқӣ бисёр мехост писардор шавад. Вале Соро пайи ҳам се духтари нозанин таваллуд кард ва танҳо соли 1972 писарашон Сино ба дунё омад. Ману Носир аз бахти дӯстамон меболидем.

Он вақтҳо мо ҳанӯз дар хобгоҳ зиндагӣ мекардем. Сохтмон дар он замон он қадар авҷе надошт, ки баъдтар дар солҳои 60-70-80 сурат гирифт. Оилаи калони мо дар ду утоқи хурди хобгоҳ роҳатеву фароғате надошт.

Абдусалом Деҳотӣ барои оилаи худ сохтмони хонаро оғоз кард ва ба Маъсумӣ ҳам маслиҳат дод, ки барои сохтани хона замин бигирад. Бисёр мехостем, ки дар ҳамсоягии Боқӣ ва муаллими дӯстдоштаи Маъсумӣ - Шарифҷон Ҳусейнзода зиндагӣ бикунем. Аммо қисмат ҳамаи моро ба гӯшаҳои гуногуни шаҳр ҷой дод.

Хонаи Деҳотӣ қариб тайёр мешуд. Ӯ акнун таҷрибаи «сохтмончигӣ» дошт ва маслиҳатгари мо шуд. Мирзо Турсунзода низ бо оилааш дар хобгоҳ истиқомат мекард. Вай ҳам ба сохтмони хона камар баст. Чунин воқеъ гашт, ки мо ҳамсоя шудем. Деҳотии шоир ва олим, Турсунзодаи шоир ва олим, Суҳайлӣи шоир, Шаҳидӣ ва Солиеви оҳангсоз, мо ҳама таҷрибаи сохтмончигӣ касб мекардем. Ба хонаи ҳамдигар мерафтем, маслиҳатҳо медодему мегирифтем, табдили маводи сохтмон мекардем. Хонаи Мирзо Турсунзода ва ҳавлии Зиёдулло Шаҳидӣ ҳоло ба музейҳо табдил ёфтаанд.

Соли 1949 мо сохтмони хонаро анҷом додем. Соҳиби ҳавлӣ гаштем. Аз зиндагиамон розӣ будам. Ҳар нафар утоқи худро дошт. Падару модари пиронсоли ман ба хонаи мо кӯчиданд. Ман бо ҷидду ҷаҳди тамом ба Носир ёрӣ мерасонидам. Вақте ки зарур мешуд, шабҳо низ навиштаҳои ӯро чоп мекардам, ӯ бошад, бисёр вақт то ними шаб кор мекард. Боре ба ӯ гуфтам:

Носир, ту ниҳоят бисёр кор мекунӣ. Кас дар як шабонарӯз бояд 8-9 соат хоб равад. Ту бошӣ ҳеҷ гоҳ аз хоб сер намешавӣ!

Вай ҷавоб дод:

- Вера, ҳар писар бояд орзуи худро дошта бошад. Орзуи ман пайваста меҳнат кардан ва ҳамеша дар ҷустуҷӯи нав

будан аст. Ҳис мекунам, ки кори заруриро анҷом медиҳам. Ман худро дар муносибат бо одамон, дар эҳтирому эътирофи тарафайн беҳтар мешиносам ва аз ин қаноатмандам. Яъне, дар пеш кори бисёре мунтазири мост.

Фарзандон калон мешуданд, ҳар кадом завқ ва ҳадафи худро дошт. Носир онҳоро бисёр дӯст медошт. Ба онҳо дӯст доштани китоб, эҳтиёткорӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳамдигарро эҳтиром карданро талқин менамуд. Аз таҳсили онҳо дар мактаб ҳамеша бохабар буд, ба маҷлисҳои падару модарон мерафт.

Фарзандони мо ҳар кадом роҳи худро мустақилона интихоб кард... Дар интихоби касб ба ҳеҷ кадоми онҳо тазйиқ наовардем. Лариса қимиёгари дорушинос шуд, дар Ленинград маълумоти олӣ гирифт. Фарҳод Донишкадаи омӯзгории Душанберо хатм карда, номзади илми физикаву математика шуд. Фаррух Институти энергетикии Москваро тамом кард, инжинер ва олим аст.

Носир аз дониш ва коршоямии онҳо хурсанд мешуд, шод буд, ки ҳар кадоми онҳо роҳи худро ёфтанд, соҳиби касб шуданд. Вале ба ҳар ҳол бисёр афсӯс мехӯрд, ки касе аз фарзандони мо филолог нашуд. Аз фарзандон ифтихор дошт, аз бахти онҳо меболид, ба онҳо менигаристу айёми талхи кӯдакӣ ва наврасии худро ба ёд меовард.

## БАЧАГӢ ВА НАВРАСИИ МАЪСУМӢ

Ӯ соли 1915 дар деҳаи Қаратоғи ноҳияи Ҳисор (собиқ амлокдории Қаратоғи бекии Ҳисори Бухорои Шарқӣ) ба дунё омадааст. Падараш усто Маҳмуд деҳқони оҳангар буд ва ҳамон соле, ки Носир ба дунё омад, аз олам чашм пӯшид. Дар оилаи онҳо ба ғайр аз модараш, бибӣ ва хоҳари калони Носир монданд.

Инак, манзараи айёми кӯдакӣ ва наврасии Носирро аз рӯи ҳикоятҳои худаш кӯшиш мекунам пеши назар биоварам.

Аз байни деҳаи онҳо рӯди кӯҳии Қаратоғ мегузарад. Ду тарафи дарёро пули чӯбин мепайваст, ки ҳар гоҳ онро ҳангоми обхезӣ сел мебурд. Дарё гулмоҳӣ фаровон дошт ва ризқу рӯзии мардуми деҳаро то андозае таъмин мекард. Хонаҳои мардум асосан похсагин буданд. Тирезаҳои тамоми хонаҳо аз ҷониби ҳавлӣ буданд ва ҳавливу боғҳо пур аз дарахтони мева, токзорҳо ва гулҳо. Гули садбарг қариб ҳамаи ҳавлиҳоро оро медод.

Қаратоғ хусусан дар фасли баҳор бисёр зебост: лоласурхакҳо, тугмагулҳо, қоқу ва дигар анвои гул гӯё дар рӯи қолии сабз мешукуфта бошанд.

Аз тарафи чапи дарё оҳангарон ва дигар косибон мезистанд, аз тарафи рост - бофандагон ва гилкорону кулолон.

Кулбае, ки Носир дар он мезист, дар соҳили чапи дарё, дар ёнаи теппа воқеъ буд, аз болои теппа роҳ мегузашт. Деҳа хомӯш буд, танҳо як кӯча қад-қади дарё мегузашт.

Тамоми аҳли оила дастнигари тағои Носир - Зулфиқор Норов буд. Вай ба Панҷакенту Самарқанд ба корҳои мавсимӣ мерафт. Хоҳари калонии Носир бармаҳал аз олам даргузашт ва онҳо аксар вақт се кас танҳо мемонданд: бибӣ, модар ва ӯ. Модараш тоқӣ медӯхт, кӯрпа медӯхт, камзӯлу курта медӯхт. Ин сарчашмаи асосии рӯзгор буд. Бибиаш бибихалифа буд, ба духтарон аз асосҳои дин дарс мегуфт ва хату савод меомӯзонд. Хати арабиро медонист ва ба духтараш ҳам ёд дода буд. Онҳо дар вақтҳои холӣ Қуръон мехонданд. Баъзан аз одамон китобҳои дигарро низ ба орият гирифта мутолиа мекарданд. Ҳамакаса дар гирди дастархон ҷамъ меомаданд, қиссаҳо мешуниданд, шеъру рубоиҳо мехонданд. Бибӣ ҳам, модар ҳам агар зарур ва омӯзанда шуморанд, ба ҳикояту афсонаҳо ҷо-ҷо аз худ иловаҳо дохил мекарданд. Бибихалифа дар деҳа шахси муҳтарам ва муътабар буд. Вай кӯдаконро дӯст медошт. Дар кулбаи мо як навъи мактаб амал мекард. Дар кулба кӯдако-

ну калонсолон - ҳар касе, ки мехост, ҷамъ мешуданд. Бибӣ ба онҳо хондану навиштанро ёд медод, афсонаву ривоятҳо нақл мекард. Бачаҳо ӯро ниҳоят дӯст медоштанд, худашон ба вай майл менамуданд. Ҳангоми дарс қиёфааш ҷиддӣ ва табъаш гирифта буд, сахтгирӣ мекард, барои шӯхиҳои беҷо сахт танбеҳ медод, вале аслан раҳмдил буд. Баъди тамом шудани дарс бибӣ талабагонашро ҳатман бо хӯрдание мехмон мекард. Ҳам бибӣ, ҳам модар ба Носир пеш аз хоб афсонаҳои аҷоибу ғариб мегуфтанд, баъзан худашон афсона мебофтанд.

Як пагоҳ Носир аз хоб бедор шуду дид, ки дар ҳавлӣ мардуми бисёр ҷамъ омадааст, занон гиря мекунанд. Дид, ки худаш ҳам дар утоқи дигар хобидааст. Маълум шуд, ки шаб бибиаш фавтидааст ва Носири хобро ба утоқи дигар гузарондаанд. Он вақт ӯ панҷсола буд.

Писарак ҳамроҳи модараш монд. Модараш Гавҳар Норова ном дошт. Соли 1887 таваллуд ёфта буд. Писараш Носирро аз ҷонаш бештар дӯст медошт. Дар дили кӯдак тухми некӣ, меҳнатдӯстӣ ва муҳаббат мекишт. Носир ба ёд меовард:

- Модарам зани зебо буд, миёнақад, сиёҳҷурда буд, мӯйҳои дароз дошт, қомати росту мавзунаш ба сумоташ ғурури махсус мебахшид. Шӯхтабиат буд ӯ, суруд мехонд, дутор менавохт. Ман метавонистам соатҳо биншинаму овози форами ӯро гӯш кунам. Садояш чун садои ҷӯбори кӯҳӣ беғаш, пурнавозиш ва чун шафақи субҳ софу беғубор буд. Вай гоҳ сурудҳои шӯхоҳангу сабук ва гоҳи дигар сурудҳои ҳазину ғамангез мехонд. Дар рӯзгор часпон ва чаққон буд. Меҳмонпазириро дӯст медошт. Ба ҳар кас то тавонистанаш ёрӣ медод. Вақте ки синнам ба ҳафт расид, модарам ба ман хондану навиштани хати арабиро омӯзонд. Рӯзгорамон ором ва бо хушӣ мегузашт. Баъзан ба деҳаи Шоҳон, ки аз Қаратоғ он қадар дур нест, ба хонаи шиноси ҳамсоямон ба меҳ-

монӣ мерафтем. Дар он деҳа хоҳари хурдии модарам Саида Норова низ истиқомат мекард. Ӯ маро хеле дӯст медошт, шӯхиҳоямро меписандид. Модарам бо нигоҳи навозишомез ба хоҳараш менигаристу ба нишони таҳайюр сар меҷунбонд.

Вале баъдтар, чунон ки Носир ҳикоят мекард, зиндагӣ андак-андак тағйир ёфт. Оғози солҳои бист барои тамоми аҳли Қаратоғ хеле вазнин омад. Ба ҳаёти мардум босмачиён тазйиқ меоварданд.

Вақте ки дар Тоҷикистон ҳокимияти Шӯроҳо тасаллут ёфт, ӯ ҳаштсола буд. Ин ҳокимият дар Қаратоғ низ ҷорӣ шуд.

Носир ҳикоят мекард:

- Ман чизеро намефаҳмидам, вале лаҳзаҳоеро, ки босмачиён ҳуҷум мекарданд, бисёр хуб ба ёд дорам. Онҳо мардумро ғорат мекарданд, мекуштанд. Мо дар ҳолати тарсу ваҳми доимӣ рӯз мегузаронидем. Кулбаи мо қариб дар сари роҳ меистод ва ҳангоме ки ҳаёҳуйи одамон ва садои суми аспҳоро мешунидем, медонистем, ки дере нагузашта босмачиён ба Қаратоғ меоянд. Дар хоҷагии мо ва умуман аҳли деҳа тақрибан чизе намонда буд. Босмачиён ҳама чизро мебурданд ва агар касе кӯшиши муқовимат бикунад, ӯро мекуштанд. Модарам дар як рӯймолча хӯрока мебаст, як кӯзаро пури об мекарду дар даҳлез мегузошт. Вақте ки аз босмачиён гурехтан лозим мешуд, модарам он хӯрокаи рӯймолбастаро ба ман медод, кӯзаро худаш мегирифт ва мо ҳар ду ба қабристон мегурехтем ва дар гӯрҳои фурӯрехта паноҳ мебурдем.

Баъди ҳар омадурафти босмачиён одамони ғоратзада гирёну нолон мемонданд. Дар ҳамаи хонаводаҳо ғаму андӯҳ ҳукмфармо буд. Ман аз модарам мепурсидам:

- Чӣ воқеа рӯй дод? Чаро ғорат мекунанду мекушанд?

Модарам ҷавоб медод:

- Писарам, замона чунин шуд, ки камбағалон мехоҳанд зиндагиашонро тағйир диҳанд, якҷоя кор кунанд. Ин ба ода-

мони бой маъқул нест. Бинобар ин, онҳо аз мо қасос мегиранд. Аз дасти ману ту чӣ ҳам меомад, магар мо худамонро метавонем ҳимоя бикунем?

Пас аз чанд вақт аз Самарқанд тағоям Зулфиқор омад. Оилаи вай дар Қаратоғ буд. Тағоям, модарам ва холаам Зулфия маслиҳат оростанд ва ба чунин хулоса омаданд, ки ману модарам бояд ба деҳаи Бахшитеппаи ноҳияи Юқоридарғом ба хонаи кадом як хеши дурамон биравем. Ин деҳа дар қарибиҳои Самарқанд буд. То ин дам холаам Зулфияро фотеҳа карда буданд ва ӯ бояд дар Душанбе мезист.

Агар чанорҳои чандсадсолае, ки ҳоло низ дар маркази деҳаи Қаратоғ чун ҳайкалҳо истодаанд, забон медоштанд, ба мардум ҳамаи он даҳшатҳоеро ҳикоят мекарданд, ки аҳолии Қаратоғ он солҳо аз сар гузаронда буд.

Модарам як чиз-ним чизи доштаамонро ҷамъ кард. Ҳар кадоми мо бори худро мебурдем. Мо бо раҳбаладии тағоям Зулфиқор ба Самарқанд аввали баҳори соли 1923 пои пиёда равон шудем. Пеш аз роҳ ба лаби суфа нишастем, аз зодгоҳ аз ҳамдеҳагон, аз рӯди ризқбахш дил кандан барояамон ниҳоят душвор буд. Вақте ки ба роҳ даромадем, ман то нопадид шудани деҳа ҳар замон ба қафо менигаристам ва дили кӯчакам реш-реш мешуд. Ба сӯи номаълумӣ мерафтем. То Самарқанд чи қадар роҳ гаштанамонро намедонам, лекин ин фосила барои ман абадият менамуд. Бо роҳи санглох мерафтем, аз ағбаҳо мегузаштем. Ҳаво гоҳ гарму гаҳи дигар сард буд. Побараҳна мерафтем, пойҳоямон хуншор шуда буд. Модарам калӯш дошт, вале намепӯшид, эҳтиёт мекард. Танҳо дар ҳолатҳое мепӯшид, ки пояш аз ҳад зиёд дардманд мешуд. Дар пойҳои тағои Зулфиқор мукӣ буд, ки зуд дарид. Вале ӯ ба ин роҳҳо одат карда буд. Модарам дар хона худрову моро аз ҳар гуна бемориҳо бо равғани суғур табобат мекард. Вай ҳамеша ин равғанро бо худ гирифта мегашт. Вақте ки ба замин пой монданамон ниҳоят пуразоб

шуд, пошнаву ангӯштҳои поямон кафиданд, модарам ба пойҳои ману худаш аз ин равған молид.

Бо эҳтиёт роҳ мерафтем, то ки ба босмачиён рӯбарӯ нашавем. Аз деҳаҳои сари роҳ мегузаштем. Зиндагии аҳолии ин деҳаҳо аз рӯзгори мардуми деҳаи мо беҳтар набуд, вале бо вуҷуди ин одамон бароямон паноҳгоҳ медоданд. Мо мекӯшидем ба мардуме, ки паноҳгоҳамон медоданд, дар корҳои хоҷагиашон ёрӣ диҳем. Андак дам мегирифтему боз ба роҳ медаромадем. Роҳ дароз буду пуразоб. Тағоям пуртоқат буд, вале ману модарам тамоман аз қувват мондем, фикр мекардем, ки ин роҳ охир надорад.

Ниҳоят ба Самарқанде, ки дар орзуяш будем, расидем. Тағоям субҳи барвақт моро ба шаҳри куҳна бурд, мардум акнун аз хоб мехестанд. Дар даромади шаҳр мо то ҷое, ки метавонистем, худро ба тартиб овардем. Модарам ба ҳар ҳол ба пойҳои дардмандаш калӯшҳояшро пӯшид. Тағоям Зулфиқор шукри худо мекард, ки мо ба ин шаҳри муқаддас расидем. Ӯ моро дар наздикии Регистон, дар зери дарахти серсоя ҷой кард. Аз паҳлуи дарахт ҷӯи пуроб мегузашт. Мо ҷой гирифтему оҳи сабук кашидем. Тағоям нон харид, чой овард. Баъди андак дам гирифтану чойи кабуди ҷонбахшро нӯшидан ман ба атроф нигаристам ва ба назарам чунин намуд, ки гӯё дар олами афсона воқеъ шуда бошам! Кӯчае, ки аз Регистон нишеб мешуд, ба ҷӯш меомад, тоҷирон пайдо мешуданд, мағозаву дӯконҳояшонро мекушоданд. Тиҷорати пурғавғое шурӯъ шуд. Дар чойхонаҳо мардум чой мехӯрданд. Нонҳои гуногун ва шириниҳои бисёр ҳуши маро рабуда буданд. Тағоям ҳолати ҳайратзадагии маро дида, аз дастам гирифту бо тамошои Регистон бурд. Пойҳоям дардманд буданд, мелангидам, вале мерафтам.

Регистонро аз се тараф биноҳои боҳашамат иҳота кардаанд: Мадрасаҳои Улуғбек, Шердор ва Тиллокорӣ. Як гунбади калони мадрасаи Улуғбек сахт каҷ шуда буд ва ба

назари ман чунин намуд, ки вай ҳоло ҳозир меғалтад. Дар майдони Регистон низ дӯкончаҳои хурд воқеъ буданд ва дар ҳамаи онҳо чизе мефурӯхтанд. Тасаввури кӯдаконаи маро ҳашамати меъмории Регистон, омезиши рангҳо ба ҳайрат оварданд ва ҳамон таассурот то ҳол аз хотиру дили ман ситурда нашудааст! Аз ҳайрату тааҷҷуб даҳонам боз монд. Тағоям нон ва ширинӣ хариду маро ба бозор бурд, Манзараеро, ки дидам, ҳеҷ ба худ тасаввур карда наметавонистам. Бозори болопӯшидае буд, ки як шаҳри махсусро мемонд, рӯи бомро гунбадҳо оро медоданд. Растаҳои бисёре паҳлуи ҳам воқеъ шуда буданд. Тағоям роҳбаладӣ мекарду мегуфт: «Ин растаи орд, ин растаи биринҷ, ана инаш растаи тоқӣ...». Ба деворҳои растаи тоқӣ мехҳои бисёре кӯфта, ба онҳо тоқиҳо овехта шуда буданд. Тоқиҳо дар якҷоягӣ қолинеро мемонданд. Ман дар ин бозор матоҳои бисёр ва ғановати мануфактураро дидам, растаи кишмиш бо анвои гуногуни ин меваи хушк ҳуши маро бурд. Ман ҳеҷ гоҳ ба ин миқдор ва ба ин гуногунӣ зардолуи хушк, мағз ва бодомро надида будам. Аз ҳамаи дида ва аз ғавғои шунидаам ман хеле хаста шудам. Тағоям гуфт: «Хайр, акнун рафтем!» Модарам моро мунтазир буд. Тағоям барракабоб ва чой овард, шикамҳоямонро сер кардем. Нону шириниҳоеро, ки тағоям харида буд, модарам ба рӯймолча баст. Қариби шом мо роҳи деҳаи Бахшитеппаро пеш гирифтем. Ин дафъа корамон омад кард. Ба ҳамон самте, ки мо мерафтем, як қӯқанароба низ мерафт. Аробакашро ба гап даровардем, ки моро ба аробааш савор кунад. Ӯ марди раҳмдил ва хушсуҳбат будааст. Роҳ пурчанг ва пургардиш буд. Аз байни деҳаҳо мерафтем, аккоси сагон ба гӯш мерасид. Дар назди яке аз деҳаҳо аробакаш аспро нигоҳ дошт ва гуфт, ки бояд ба роҳи дигар биравад. Як қисми роҳро пиёда тай кардем. Тағоям Зулфиқор роҳро хуб медонист.

Ба деҳа мо нимаҳои шаб расидем. Тағоям дареро кӯфт.

Дарро кушоданд. Маълум буд, ки ӯ дар ин хона одами худист. Моро хуш пазируфтанд. Шаб аз ним гузашта буд. Модарам аз соҳибхоназан хоҳиш кард, ки ташвиш накашад, вале он зан дастархон кушод, нону чой овард. Модарам ба ӯ рӯймолчаеро, ки нону ширинӣ баста буд, дод. Як пиёлагӣ чой нӯшидем. Баъд барои мо дар кулба як хоначаи хурдакак ҷудо карданд. Дертар мо фаҳмидем, ки ин хоначаи тағоям Зулфиқор будааст. Дар ин хонача тамоми чизи зарурӣ муҳайё буд. Мо хотирҷамъ шудем ва мурда барин хоб рафтем. Модарам субҳи барвақт хестааст, ману тағоям то дер хоб рафтем. Вақте ки бедор шудем, офтоб як қади сафедор баромада буд. Тағояму модарам ба хешони дурамон аз хусуси дигаргуниҳову навигариҳои Қаратоғ, аз саргузашти талхамон ҳикоят мекарданд. Мо хеле раҳкӯфта будем. Аммо ба ҳар ҳол дар ин хона мо худро осуда ҳис менамудем, дам гирифтем ва баъди се-чор рӯз бо хоҳиши модарам тағои Зулфиқорам ба Самарқанд рафт.

Вай аз он ҷо риштаву матоҳои лозимӣ ва ангӯштпона харида овард. Ин ҳама барои кори модарам зарур буд. Мо дар ин хонача муқим шудем. Ҳамсояҳо одамони хуб ва дилсӯз буданд, мо бо онҳо дӯстона зиндагӣ мекардем. Як порча замини ҳавлӣ пур аз кишт буд. Дарахтони мева месабзиданд, як токи на он қадар калон ҳам буд.

Тағоям чанд рӯз бо мо монд, ба ҷойгир шуданамон ёрӣ дод, сипас ба Панҷакент рафт. Тағоям мардикор буд. Меҳнатдӯст буд ва аз ҳеҷ коре наметарсид. Модарам низ ба кор сар кард: курта медӯхт, тоқиву ҷелак медӯхт ва ба ин васила музди рӯзгузаронӣ мегирифт. Тағоям Зулфиқор марди наҷибу ҳалим буд, ғами моро мехӯрд ва то соли 1928 пуштибониямон мекард.

Андак-андак вазъи моддии мо беҳтар мешуд. Модарам ба ҳолати пештараи худ баргашт, ки ман ҳангоми дар Қаратоғ буданамон ёд доштам: хушҳол буд, суруд мехонд, шӯхӣ

мекард, гӯшт гирифт ва боз мисли пештара зебо шуд. Ба ман хати арабӣ ёд медод. Баъзан аз куҷое китобе меёфту шомҳо бароям мехонд. Худаш афсонаҳои нав ба нав мебофт, ки яке беҳтар аз дигаре буд. Ӯро гӯш кардан ба кас ҳаловат мебахшид.

Ман калон мешудам ва бояд таҳсил мекардам. Модарам фаҳмид, ки дар деҳаи Бахшитеппа мактаб ҳаст ва тирамоҳи соли 1923 маро ба он мактаб ба хондан дод. Пеш аз мактабравӣ ҳар рӯз маро идона мепӯшонд. Дар мактаби ин деҳа ман то соли 1928 хондам. Бинои мактаб похсагин буд. Дар як синфхона ҳамаи синфҳо - аз синфи як то чор дарс мехонданд. Хондан барои ман осон буд. Муаллим дар бораиояндаи хушбахтонаи бачаҳо ҳикоятҳои аҷиб мекард, рағбати моро ба хондан ва ба оянда меангехт. Ман тамоми донишҳоеро, ки ӯ медод, чун обу ҳаво фурӯ мебурдам. Муаллим бароям китобҳо меовард ва ман онҳоро ҳарисона мехондам. Ман ба модарам аз хусуси мактаб ва аз рафти таҳсилам бо шавқ нақл мекардам. Вай аз шавқу муҳаббати ман ба дониш курта-курта гӯшт мегирифт ва муаллимамро дуо мекард. Муаллим медид, ки ман ба хондан кӯшишу рағбати зиёд дорам, мегуфт: «Ту ҳам қобилият дориву ҳам хоҳиш, дар муддати кӯтоҳ программаи калонро аз худ кардӣ. Агар дар оянда дониши гирифтаатро аз даст надиҳӣ ва кӯшиши афзудани он кунӣ, тавфиқ хоҳӣ ёфт». Ин панди муаллимро ман ҳеч гоҳ фаромӯш накардам. Модарам орзу мекард, ки ман ягон вақт муаллим шавам. Вай ин орзуҳояшро ба ман мегуфт ва бо шавқи тамом ҳикоят мекард, киояндаи ман чӣ гуна бояд шавад. Ба ман меҳрубонӣ мекард, навозишам менамуд ва рӯҳамро мебардошт.

Модарам зани ситорагарм, мавзунқомат ва меҳнатдӯст буд, маданияти баланди модарзодӣ дошт. Тирамоҳи соли 1923 ӯро ба Махсум Асадов хостгорӣ карданд. Он мард модар ва панҷ писар дошт: се нафарашон дар дигар шаҳр ва

ду писараш - Саид ва Малла дар Бахшитеппа зиндагӣ мекарданд. Модарамро дуру дароз ба гап медаровmarданд, вай чанд вақт розигӣ надод, вале баъд розӣ шуд, тасмим гирифт қисмати худро бо марде бипайвандад, ки аз ӯ қариб бист сол калон буд. Падарандарам шахси камгап, ботамкин, хаёлолуд, ҳамеша серташвиш ва, аз афташ, сустирода буд. Хӯҷаини хона модари ӯ буд. Падарандарам бисёр кор мекард, ба боғбонӣ машғул мешуд ва вақти мавсим ба дигар шаҳрҳо мардикорӣ мерафт.

Баъдҳо Носир дар бораи ҳаёти худ дар хонаи падарандараш бо алам ёд мекард:

- Ҳавлӣ калон буд: боғ, дарахтони мева, ток. Як порчаи заминро юнучқа ишғол мекард. Падарандарам гулро ниҳоят дӯст медошт. Дар як тарафи ҳавлӣ дар кулбае модари ӯ бо набераҳояш Саид ва Малла истиқомат мекард, дар кулбаи дигар мо мезистем. Ҳар кулба аз ду-се хона ва анборчаву ганҷиначаҳо иборат буд. Хонаҳо пастакак, фаршашон заминӣ буда, аз таг бӯрё ва аз рӯи он палосҳои пашмин андохта шуда буданд. Зимистон ҳама дар атрофи сандалӣ менишастем. Модари падарандарам бадҷаҳл, серҷоғ ва ҳамеша аз ҳама норозӣ буд. Ман ӯро ба шақшақамор монанд мекардам. Дар ин оила модарамро хуш напазируфтанд, маро чашми дидан надоштанд. Писарони падарандарам дафтарҳоямро кашида мегирифтанду медаронданд, бе ҳеҷ сабаб мезаданд ва намегузоштанд, ки китоб хонам. Ба ман лозим меомад, ки дарсҳоямро аз онҳо пинҳонӣ тайёр кунам. Вақте ки падарандарам дар хона мебуд, онҳо ба ман кордор намешуданд, танҳо кампир бидирос мезаду аз мо шикоятҳо мекард. Падарандарам ӯро гӯш мекарду хомӯшона ба коре машғул мешуд.

Тирамоҳи соли 1924 додарам Ҳайдар ва баъди се сол хоҳарам Мусаллам таваллуд шуданд. Ташвиши хона хеле зиёд шуд. Модарам аз ҳама барвақт аз хоб мехесту аз ҳама

дер мехобид. Ман қадпаст, хароб, сияҳпӯст ва мисли модарам ҷингиламӯй будам.

Вақте ки падарандарам дар хона намебуд, ба ману модарам иҷозат набуд, ки сари дастархон нишинему бо кампиру наберагонаш хӯрок хӯрем. Кампир ҷои нишасти моро нишон медод - дами дар. Модарам бо вуҷуди ин ҳарфе намезад, хӯрок мепухту шиками онҳоро сер мекард.

Азобҳое, ки аз фарзандони падарандарам дидаем, ҳеҷ аз ёдам намеравад. Гӯштро мехӯрданду устухонҳои лублучро ба мо мепартофтанд. Кампир қаноатмандона механдид. Дар чунин мавридҳо ман ба модарам менигаристам. Дар назди ӯ Ҳайдари хурдакак менишаст ва як дасти модарам ӯро нигоҳ медошт. Чашмонаш пуроб мешуданд, вале модарам ин заҳрҳои талхро хомӯшона фурӯ мебурд. Ман ба ӯ ҷафс мешудам, кафи дастамро ба тахтапушти модарам мегузоштам. Мо пуртоқат будем, мекӯшидем ба онҳо аҳамият надиҳем, вале дил мехост, ки гурезему гурезем, то ранги рӯи онҳоро набинем.

Вақте ки падарандарам дар хона мебуд, ҳамеша моро ба сари дастархон менишонд. Кампир ғурунгос мезад, ба мо чашмонашро ало карда мепесонд. Модарам беҷуръатона ба хӯрок даст дароз мекард, аз тарси он ки кампир дод назанад, ба назди ману додаракам луқма мегузошт, худаш бошад, порае нон мешикасту вонамуд мекард, ки гӯё хӯрок мехӯрда бошад.

Барои мо дар шароити таҳқири доимӣ ва беҳуқуқии мутлақ зистан ниҳоят душвор буд. Падарандарам ба бемории асаб гирифтор шуд, дар таъмини оила сахт азоб мекашид, зеро музди доимии кор надошт. Ҳарчанд ӯ камгапу номеҳрубон буд, ман кӯшиш мекардам, ки дар паҳлуяш бошам. Ӯ ба ман натанҳо бо табиат сари кор доштан, балки онро дӯст доштанро талқин менамуд. Дар бораи рустаниҳо ҳикоятҳои шавқангез мекард, ба дарахтон ва гулу садбарг чӣ хел ва

дар кадом мавсим пайванд карданро нишон медод. Мо навдаҳои токро бо ҳам мебуридем, тирамоҳ таги хок мекардем, ӯ ба ман касби дуредгариро низ омӯзонд.

Боре тобистон падарандарам ба кучоe рафт. Модарам барои мо дар ҳавлӣ, рӯи кат, дар зери сояи дарахт ҷои хоб андохт. Моро хобонд. Ман он вақт сездаҳро пур карда, ба чордаҳ қадам ниҳода будам, Ҳайдар чорсола ва Мусаллам чандмоҳа буд. Мо ҳама дар хоби гарон будем, ки ними шаб аз зарбаи сахт ба кат бедор шудем. Маълум шуд, ки писари падарандарам Малла ба мо санг андохтааст, хайрият касеро накушт. Санг ба шафати сари модарам афтид. Ману додарам сахт тарсидем ва ба модарам ҷафс шудем, Малла бошад, аз паси дарахтон тамошо мекард. Тарсидани моро дида, қоҳ-қоҳ хандид ва рафта хоб кард. Дере нагузашта ману додарамро низ хоб бурд, фақат модарам то саҳар нишаста, хоби моро посбонӣ менамуд. Субҳ ӯ мисли ҳарвақта барвақт хеста, ширчой тайёр кард, гӯё ҳодисае рух надода бошад. Фақат ман ҳис кардам, ки аз гиря чашмонаш супсурх шудаанд. Субҳ кампиру писарони падарандарам ба ношта омаданд ва худро чунон вонамуданд, ки гӯё шаб воқеае нашуда бошад. Касе набуд, ки шикоят кунем, ҷое набуд, ки биравем. Дар ин хона гӯши суханшунаву дидаи эътибор набуд.

Модарам ҳеҷ гоҳ ба серӣ намехӯрд, аз хоб сер намешуд.

Ояндаи бачаҳо ва бечорагӣ ӯро азоб медод. Ғам мехӯрд, бемор шуд ва торафт бештар месулфид. Табибзане омада, ӯро бо ким-чӣ хел алафҳо табобат мекард, вале дарди модарам сабук намешуд.

Ман кайҳо хандаи модарамро намешунидам, ӯ шӯхӣ намекард, суруд намехонд. Ба мо торафт камтар ҳикоят мекардагӣ шуд. Дилам бисёр мехост, ки хандаи маҳину ширадори ӯро бишнавам, ба афсонаҳои аҷибу ғарибаш гӯш диҳам. Ман бемадорӣ, хастагӣ, хомӯшӣ ва ташвиши модарам-

ро барои як луқма нони мо медидам, вале нигоҳҳои меҳрубононаву пурнавозишашро низ ҳамвора ҳис мекардам, гӯё ҳозир буд ки ба мо, фарзандонаш, ҷону дили худро бубахшад! Баъзан ӯ мегуфт: «Оҳ, чи хел мехоҳам, ки шумоён сиҳату бардам калон шаветон, хонетон!» Вай орзу дошт, ки моро хушбахту баробарҳуқуқ бубинад, мехост, ки дар замини дили мо тухми равшаноӣ, некӣ ва саодат кошта бошад. Ҳарчанд шароити худаш ниҳоят вазнин буд, моро ба роҳи некӣ ҳидоят менамуд.

Ман бисёр мехостам, ки зудтар калон шаваму ба оила ёрӣ расонам. Ман дар бораи чӣ тавр зистан торафт бештар фикр мекардагӣ шудам. Аз дасти ман чӣ ҳам меомад? Ҳоло ҳозир фақат метавонистам юнучқа бидаравам, ба хар бор карда ба Самарқанд бурда фурӯшам ва ба пулаш хӯроквории модарам фармударо харида биёварам. Ӯ меҳнати вазнини маро медиду ҳузномезона сар то поямро синча мекард, гоҳе сарамро бо дастони аз кор шахшулшудааш сила менамуд. Маро бо оҳи вазнин, хомӯшона мегуселонид ва ҳамчунон хомӯшона ба корҳои хона машғул мешуд.

Пагоҳии яке аз рӯзҳои тобистони соли 1928 ману падарандарам ба дарави юнучқа баромадем. Нурҳои аввалини офтоб атрофро рангинтару зеботар менамуд: юнучқаи сабз шабнами рӯи баргҳо, бӯи хуши алафҳо - ин ҳама назаррабо ва дилфиреб буд. Дар пеши назар ҳамаи мавҷудот ҷон мегирифт, тортанакҳо моҳирона тор метаниданд. Хониши гунҷишкакон маро мафтун мекард!

Ман шайдову масти зебоии табиат будаму лаҳзае фаромӯш кардам, ки бояд юнучқа бидаравам. Падарандарам дид, ки ман кор намекунам, хашмгин шуд ва доси дар даст доштаашро ҷониби ман ҳаво дод, дос ба поям бархӯрд. Аввал сӯзе ҳис кардаму баъд дарди ҷонкоҳе. Аз ҷароҳат хун фаввора зад. Ман дод гуфтам, суст шудам ва афтидам. Ба додам модарам давида омад. Вай ҳамроҳи ман мегирист.

Зуд рӯймоли сарашро гирифта, поямро маҳкам баст ва маро рӯи дастон бардошту ба хона бурд. Табибзан омад, ҷароҳатро шуста, чизе ба он молид. Зери поям кӯрпача гузоштанд, ки хун наравад. Падарандар ҳамаро партофту ба Самарқанд рафт. Рӯзи дигар ба хона баргашт, барои ман ширинихоҳи миллӣ овард: ҳалво, конфетҳои дарози худсохт, ки ба коғазҳои рангин печонида буданд. Ба назди ман менишасту гунаҳкорона сӯям менигарист ва ҳар замон сарамро сила мекард.

Табам баланд шуд, бофтаҳои нарми поям зарар дида буданд. Модарам дар наздам менишаст, ҳар замон оҳи вазнин мекашид, хоҳиш мекард, ки бинӯшаму бихӯрам. Ман андак-андак сиҳат мешудаму қувват мегирифтам. Дар ҳавлӣ оромӣ ҳукмфармо буд. Танҳо баъзан писарони падарандар пинҳон-пинҳон ба ҳоли ман механдиданд. Баъди чанд рӯз падарандар дид, ки ҳоли ман беҳ мешавад, таскин ёфт.

Тирамоҳ омад. Кампир вафот кард, Мо ба кулбаи ӯ кӯчидем, зеро кулбаи мо тамоман валангор шуда буд.

Тирамоҳон падарандарам ҳамеша барои мардикорӣ ба Самарқанду Панҷакент мерафт. Ва ба модарам гуфт, ки вақти рафтан расид ва рафт. Ман, ки худро хеле беҳтар ҳис мекардам, ба модарам ёрӣ медодам.

Баъди чанд рӯзи рафтани падарандар модарамро яке аз ҳамдеҳагон ба меҳмонӣ даъват кард. Деҳа бо тамоми мавҷудоташ мисли рӯи каф буд, ҳама якдигарро мешинохтанд ва дар бораи ҳар кас ҳама чизро медонистанд. Модарам дер боз ба ҷое нарафта буд ва ҳоло бо камоли хушнудӣ барои рафтан ба меҳмонӣ омодагӣ медид. Нон пухта бо меваҳои хушк ба дастархон баст, моро идона пӯшонд, худашро андак оро дод ва мо ҳама ба меҳмонӣ рафтем. Модарам Мусалламро бардошта мебурд, Ҳайдар ба панҷ қадам гузошта буд, худаш мерафт, ман дастархонро мебурдам. Меҳмонии хубе буд, модарам рӯҳ гирифт, худро ба қатори мардум

ҳис кард. Суҳбати гарме барпо гардид, ҳис мекардам, ки модарам пазмони суҳбат шудааст ва ҳоло дам мегирад.

Чанд соат ба ҳамин минвол гузашт, мо озими хона шуданӣ будем, ки ба ҳавлӣ писари ҳамсоя давон даромаду хабар расонд, ки хонаи мо месӯзад. Мо саросема шудем. Ба хона наздик шуда, ҳамсояҳоро дидем. Мардон сӯхтор хомӯш мекарданд, аз кулба кӯрпаву кӯрпачаҳоро ба берун ҳаво медоданд. Чизу чораи мо кам буд ва қариб ҳамааш ҳамроҳи кулба ба коми оташ рафт. Модарам ба рӯи чизҳои наҷотдида нишаст. Моро ба оғӯш кашиду талх гирист.

Гӯё андӯҳи ӯро ҳадде набуд!

Вале дунё аз одамони нек холӣ нест. Ҳамсояҳо моро ба хонаи худ хонданд. Рӯзи дигар мӯйсафедони деҳа ҷамъ омаданду тасмим гирифтанд, ки ҳашар ташкил мекунанду барои мо кулба месозанд. Дар гармогармии ҳодиса касе аҳамият надод, ки писарони падарандар дар деҳа набуданд. Маълум шуд, ки онҳо аз набудани мо дар хона ва пеш аз он ки тамоман деҳаро тарк кунанд, кулбаро оташ задаанд...

Ҳаво ҳанӯз гарм буд, ҳамдеҳагон аҳлона корро сар карданд. Занон хӯрок мепухтанд. Ману модарам то ҷое, ки метавонистем, ёрӣ медодем. Дар давоми чанд рӯз кулбаи пахсагине тайёр шуд, ки аз кулбаи пештараамон беҳтар буд. Мо дар он кулба ҷойгир шудем. Модарам ба кор шурӯъ кард: дӯхту дӯз мекард. Пас аз чанде ба мо хабар оварданд, ки падарандар вафот кардааст. Писарони ӯ дигар ба деҳа барнагаштанд...

Оилаи мо такягоҳе надошт. Модарам гӯё аз хоби гароне бедор шуд. Аз тақдир буд магар, ин қуввату ғайрате дар вуҷуди ӯ пайдо гардид. Тамоми бори рӯзгори мо ба сари танҳои ӯ ҳамл шуд. Вай бароиояндаи мо масъули ягона шуду монд. Ҳайдару Мусаллам ҳанӯз хурд буданд, вале ман сенздаҳро пур карда, ба чордаҳ қадам мемондам. Мактаби деҳаро тамом карда будам ва бояд шуғле медоштам.

Модарам ба назди муаллим рафта маслиҳат пурсид, ки ман бо чӣ коре машғул шавам. Ӯ ҷавоби яклухт додаст: «Писари шумо бояд хонданро давом диҳад. Дар Самарқанд курсҳои тоҷикии муаллимии дусола ҳаст».

Моҳи сентябри соли 1928 ман ба Самарқанд равон шудам. Курсҳои муаллимӣ дар бинои мадрасаи Шайбонихон будааст, ки дар шаҳри куҳна воқеъ буд. Шаҳри куҳнаро ман хуб медонистам. Ба бинои Шайбонихон даромадам, ба назди яке аз муаллимон рафтаму пурсидам: «Ман чӣ хел метавонам ба ин курсҳо дохил шавам?» Ӯ ба ман нигоҳе афканду ҷавоб дод: «Ту барои дар ин ҷо хондан ҳоло хурд ҳастӣ. Бояд андак калонтар шавӣ». Ман ба ӯ фаҳмондам, ки навиштану хондану шумурданро медонам, чор синфи мактаби деҳаамонро хатм кардам. Вай ба ҳар ҳол маслиҳат дод, ки ба хона баргардам. Ман барнагаштам. Шабро рӯи яке аз харакҳои Шайбонихон рӯз кардам. Вақте ки муаллимон ба кор меомаданд, ман аллакай дар дами дари мудири курсҳо менишастам.

Маълум шуд, ки муаллими дирӯза мудири курсҳо будааст ва баробари дидани ман пурсид: «Ту боз омадӣ»? Ман ҷавоб додам: «Ман ба ҳеҷ куҷо нарафтаам ва намеравам! Хондан мехоҳам!» Ӯ беихтиёр хандид: «Хайр, дарс сар шавад, мебинӣ, ки дар курсҳои мо киҳо таҳсил мекунанд Ва агар хондан хоҳӣ, мо туро ба шарти як моҳи санҷиш қабул мекунем!»

Мудир бовар дошт, ки ман аз ин санҷиш намегузарам. Дарс шурӯъ шуд. Ӯ ба ваъдаи худ вафо кард. Маро ба синф овард, ҷои нишастро нишон дод ва дарсро оғоз кард. Ман ба ҷоям нишастаму оҳиста ба атроф назар афкандам. Дар синф талабагони синну солашон гуногун буданд. Ман аз ҳама хурд будам.

Ман бисёр мехостам таҳсил кунам ва яке аз беҳтарини талабагон шудам. Баъдтар маро сардори синф интихоб кар-

данд. Дар курсҳои муаллимон кружокҳои драммавӣ ва мусиқӣ ташкил карда шуданд. Ман дар онҳо фаъолона ширкат менамудам.

Курси якумро тамом кардаму барои гузаронидани таътили тобистонӣ ба хонаамон рафтам. Модарам бо додару хоҳарчаам оромона зиндагӣ мекарданд. Тағоям Зулфиқор зудзуд аз мо хабар мегирифт. Модарам ҳар замон бемор мешуд. Ба кори хона машғул буд, ба коркарди замин зӯраш намерасид. Ману додарам ҳатталимкон ба ӯ дар корҳои хоҷагӣ ёрӣ медодем. Сабақҳои падарандар дар боғдорӣ бароям бефоида набуд. Тирамоҳи соли 1929 ман боз ба Самарқанд барои таҳсил дар курси дувум рафтам. Дар курсҳои педагогӣ муаллимони донишманде буданд, ки тамоми донишу малакаашонро ба талабагон меомӯзонданд. Дар ин ҷо ман бори аввал бо муаллим Ҳайдархон Ҳодизода вохӯрдам. Вай шахси ниҳоят хушмуомила буд ва ман ба ӯ унс гирифтем. Ҳодизода маро ба хонааш даъват мекард. Завҷаи ӯ Уламо Ҳодиева маро чун писари худ мепазируфт. Ҳайдархон Ҳодизода кӯшишу ғайрати маро ба хондан пай бурда буд ва ба ман бисёр меҳрубонона ва бо эҳтиёт муносибат мекард. Дониши худро бароям талқин менамуд, дар ташаккули ман ҳамчун инсон ва гражданин нақш мегузошт. Оилаи ӯ ниҳоят меҳмондӯст ва шарафманд буд. Ман дар ҳалқаи онон худро озод ҳис мекардам, аз суҳбаташон лаззат мебурдам.

Соли 1930 курсҳои педагогиро хатм намудам. Дар хона модарам маро бо хушнудӣ истиқбол кард. Меҳмон даъват намуд, лаҳни суханонаш ифтихоромез буд.

Ҳамон вақтҳо маъракаи коллективонӣ шурӯъ мешуд. Модарам яке аз аввалинҳо буд, ки ба колхози «Сотсиализм» аъзо шуданд. Ниҳоят ӯ худро озод ва баробарҳуқуқ ҳис мекард. Яке аз колхозчиёни пешқадам шуд. Навакак ба рӯзҳои нек расида буд, ки умр бақо накард, бемориаш шид-

дат гирифт ва ӯ соли 1939 аз олам даргузашт.

Фаъолияти меҳнатии Носир аз понздаҳсолагиаш сар шудааст. Баъди хатми курсҳои педагогӣ ӯро ба Панҷакент ҳамчун муаллими забон ва адабиёти тоҷик дар техникуми педагогӣ равон карданд.

- Дар техникуми педагогӣ, - ҳикоят мекард Носир, - моро хуш пазируфтанд. Ман бо тамоми шавқи ҷавонӣ ба кор шурӯъ кардам. Ҳам муаллимӣ мекардаму ҳам сарпионервожатий будам.

Коллективи техникум бисёр аҳл буд. Ба ман муяссар шуд, ки бо муаллимоне мисли А. Бақозода ва Б. Ҳодизода ҳамкор шавам. Соли 1932 ба Панҷакент барои кор Ҳайдархон Ҳодизода бо ҳамсарашон Уламо Ҳодиева омаданд. Онҳо коллективи моро рӯҳу тавони тоза бахшиданд. Ҳар яке аз муаллимон мекӯшид ба ман андаке ҳам бошад, дониши ва таҷрибаи муаллимии худро илқо намояд. Онҳо ҳам ба кор ва ҳам бо маслиҳатҳояшон ба ман ёрӣ медоданд.

Носир борҳо ба ман аз рӯзгори аҷибу пурҷӯши ҷавонони он солҳо ҳикоятҳо мекард. Ҷойҳоеро, ки барояш аз ҷиҳате азиз буданд, ба хотир меовард. Вақте ки боре дар Панҷакент будем, маро ба соҳили дарёи Зарафшон бурд ва нақл мекард, ки ҳангоми муаллимиаш дар омӯзишгоҳи педагогӣ ӯ бо дӯстонаш бисёр вақт дар ин ҷо ҷамъ омада, нақшаҳои ҳамдигарро муҳокима менамудаанд. Ҳатто баъзан маҷлисҳои комсомолиро дар ҳамин лаби дарё мегузаронидаанд. Пионервожатийҳои онвақта баъдтар муаллимон ва арбобони ҷамъиятии машҳури ҷумҳурӣ шуданд. Абдулаҳад Қаҳҳоров, Юнус Бобоев, Камол Ғаффоров аз ҳамон зумраанд. Носирҷон Маъсумӣ низ аз қабили онҳо буд.

- Дар Панҷакент, - ёдовар мешуд Носир, ман дар як хоначаи похсагине зиндагӣ мекардам, ки тирезаи хурдакак дошт, фаршаш заминӣ буд. Зимистон хонаро бо печкаи чӯянӣ гарм мекардам, худам аз тахта кат ва миз сохта будам. Хуллас,

зиндагии мустақилонаи ман аз ҳамон ҷо оғоз ёфт. Соли 1935 ба назди ман ба Панҷакент додарам Ҳайдар омад. Дар деҳаи Бахшитеппа вай синфҳои яку дуро хатм карда буд. Омаду дар назди ман монд, Ба мактаби ибтидоии намунавӣ рафт ва дар як сол синфҳои се ва чорро тамом кард. Соли 1939 ба курсҳои тайёрии техникум дохил шуд.

Муаллими ман Ҳайдархон Ҳодизода, ки истеъдоду кӯшишҳои маро пайваста мушоҳида мекард, маслиҳат дод, ки хонданро идома бидиҳам. Ба ман тавсия намуд, ки ба Душанбе раваму ба институти омӯзгорӣ дохил шавам. Чиҳати моддии зиндагиамон хуб набуд. Бо модарам маслиҳат кардам. Вай аз ман хоҳиш намуд, ки ҷиҳати моддиро фикр накунам. Ман аз сиҳатии ӯ хавотир будам, вале ӯ қотеона гуфт: «Писарҷон, ин орзуи мо буд, ки ту бояд бихонӣ».

Соли 1936 ман ба Институти омӯзгории Душанбе дохил шудам. Соли 1937 додарам Ҳайдар низ ба назди ман омад ва ба рабфаки ҳамин институт дохил шуд. Мо хоксорона дар хобгоҳ зиндагӣ мекардем. Соли 1940 дар институт факултаи физикаву математика таъсис шуд ва Ҳайдар донишҷӯи курси якуми он гардид. Баъдҳо вай муаллими шоистаи ҷумҳурӣ шуд.

Носир институти омӯзгориро хатм карда, дар ҳамон ҷо ба кори муаллимӣ монд. Муаллимӣ кардан дар институт омӯзиши доимӣ ва такмили донишро тақозо менамуд. Маъсумӣ чун шахси ҳаматарафа донишманд ташаккул меёфт. Вай муаллим буду забоншинос, адабиётшинос буду фолклоршинос, яъне ба маънои томаш филолог буд. Носири шоир дар айни замон олими муҳаққиқ буд.

## РӮЗГОР ВА КОР ДАР ЛЕНИНГРАД

Соли 1951 имконияте фароҳам омад, ки Носир ба аспирантураи Университети ба номи Ждanови Ленинград дохил шавад. Моҳи октябр мо ӯро гусел кардем. Бори аввал буд,

ки мо ба муддати дароз аз ҳам ҷудо мешудем. Дар Ленинград ӯ бо аспирантҳои душанбегӣ вохӯрд. Инҳо К.Айнӣ, Н.Нурҷонов, В.Асрорӣ бо ҳамсараш Қамбарнисо буданд. Баъдтар М.Ф.Исматуллоев ва М.Хонсуворова низ ба Ленинград омаданд. Ба Носир хобгоҳ пешниҳод карданд, вале он аз университет дур буд. Низом Нурҷонов, ки иҷоранишин буд, ӯро ба наздаш даъват кард. Носир чанд рӯз дар хонаи вай истиқомат намуд. Сипас Нурҷонов барои ӯ аз қарибиҳои Смолний хоначае барои иҷора пайдо кард. Оилае, ки Носир иҷоранишинашон буд, ленинградиҳои таҳҷоӣ ва мардуми зиёӣ буданд.

Носир баъди дар аспирантура ҷой гирифтан, манзил ёфтан ва аз суҳбати Александр Николаевич Болдирев гузаштанаш 21 ноябри соли 1951 ба ман навишта буд: «Бо ӯ аз хусуси мавзӯъ ва раҳбари илмӣ маслиҳат кардем. Худат медонӣ, ки мавзӯи ман соф лингвистӣ буд. Бинобар ин ман маҷбур шудам ба забоншиносон муроҷиат бикунам. Бо профессорон Фрейман ва Зарубин мулоқотҳо доштам. Ҳарду мӯйсафед ҳам арз намуданд, ки беморанд ва наметавонанд раҳбариро ба уҳда бигиранд. Онҳо маслиҳат доданд, ки мавзӯъро аз забони нависанда интихоб бикунам. Баъди ин ман қарор додам, ки забони С.Айниро таҳқиқ бикунам. Акнун мавзӯи ман чунин ном дорад: «Забони повести С.Айнӣ «Марги судхӯр» (оид ба масъалаи инкишофи забони адабии насри бадеии ҳозираи тоҷик)». Нақшаи кор омода аст, раҳбар маъқул донист. Ба қарибӣ ба кафедра барои муҳокима пешниҳод мекунем. Роҳбари илмии ман А.Н.Болдирев аст... Мавзӯъ акнун хусусияти филологӣ дорад, яъне дар бораи ҳам забон ва ҳам адабиёт. Рафти кор: ман бояд як муддат адабиёт бихонам, маводро биомӯзам. Сипас бояд маводи омӯхтаро тасниф бикунам ва баъд ба навиштан шурӯъ намоям.

Боби якуми рисола то андозае бо мақолаи чопкардаам

мувофиқат дорад. Ҳоло мавсими хондан аст: «Мактаби кӯҳна», «Аҳмади девбанд», «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ ва як қатор манбаҳои илмиро мутолиа кардам.

Китоб торафт бисёр мешавад (баъди як сол ба мо ҷевонҳои дигар лозим мешаванд). Ҳоло ҳозир ба дарсҳои А. З. Розенфелд меравам. Дар маҷлисҳо иштирок мекунам 9-уми ноябр Шӯрои илмии академия баргузор шуд. Китоби академик Мешанинов «Аъзоҳои ҷумла ва ҳиссаҳои нутқро»-ро муҳокима карданд. Аввал академик Виноградов баромад кард, сипас дигарон. Дар охир худи Мешанинов сухан ронд. Мешанинови маррчиро хуб танқид карданд».

Гумон мекунам, ки дигар мактубҳои аз Ленинград ба ман навиштаи Маъсумӣ низ аз аҳамият холӣ нестанд. Масалан, дар номааш аз 15 декабри соли 1951 ӯ навишта буд:

«…Ман асосан дар хона кор мекунам. Хоначаам гарм аст. Шабу рӯз бо чароғи электрикӣ кор мекунам. Ин ҷо ҳамеша ҳаво гирифта аст: зуд-зуд рӯзҳо ҳам мисли ҳангоми говгум мешаванд, ҳамеша борон ё барф меборад...

Азизи ман, банда ҳоло ҳам ба мутолиаи манбаҳои илмӣ машғулам, то имрӯз танҳо чилу панҷ манбаъҳои гуногунро аз худ кардам, аксарашон ба забони русиянд. Ман ҳадди ақалли картотекаи сарчашмаҳоро тартиб додам; иқтибосҳо як қуттичаи дигарро ташкил медиҳад. Хона, чун ҳамеша, пур аз китобу коғаз аст».

Номаи ӯ аз 21 декабри соли 1951:

«Ту дар хусуси ақидаи дӯстони ман, аз ҷумла Мирзозода, навишта будӣ, ки ман метавонам корамро дар давоми се-чор моҳ анҷом бидиҳам. Хурсандам, ки дӯстон ба муваффақияти ман бовар доранд. Вале, аз тарафи дигар, онҳо ба қудрати рафиқи худ аз будаш зиёд баҳо медиҳанд ва мехоҳанд ҳам марову ҳам туро дилбардорӣ кунанд. Дар ҳақиқат ҳам шояд таълиф зуд анҷом ёбад. Омӯзиши мавод чӣ? Оид ба ин мавзӯи тамоман нав, ки ҳама маводро меом-

ӯзаду гирд меоварад?... Охир дар филологияи тоҷики мо ба ин монанд ягон коре нест, ки ба он такя бикуниву аз он биомӯзӣ. Ин ҷо ман бояд аз аввал то охир сухани худро бигӯям».

Мактуби Маъсумӣ аз таърихи 6 январи 1952:

«Азизам, агар медонистӣ, ки ту ҳоло чӣ андоза ба ман даркорӣ. Фикр мекунам зарурате ҳаст, ки ту ба Ленинград на дар моҳи июн, балки барвақттар биёӣ то 1-уми Майро якҷоя истиқбол кунем. Охири моҳи апрел қисми кори ман дар кафедра муҳокима хоҳад шуд. Бераҷон, ба воситаи бандерол зуд ин номгӯйро бифирист...»

Маъсумӣ дар поёни нома як рӯйхати ниҳоят калони китобҳои заруриро оварда буд.

Нома аз санаи 15 январи 1952:

«..Мактуби туро, ки дар он рӯйхати мақолаҳо оварда шудааст, гирифтам. Ташаккур. Ман аллакай ними ин мақолаҳоро кор кардам. Вале ба ту хоҳиши муҳим дорам, инчунин ба А. Эшонҷонов зуд ба воситаи бандерол маҷаллаи «Раҳбари дониш» (1928, № 4, 5, 11, 12) ва рӯзномаи «Овози тоҷик» (1929, феврал, № 309)-ро бифирист. Ин вазъи маро сабуктар мекунад. Он вақт ман ҳар рӯз ба китобхона намедавам: даводав вақти бисёрро мегирад. Китобҳоеро, ки аз ту хоҳиш карда будам, интизорам...

Ҳоло дар китобхонаи Институти шарқшиносӣ кор мекунам, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Донишро мехонам. Имрӯз, масалан, ба ҷое расидам, ки Дониш Қасри зимистонаи асри 19-ро тасвир мекунад.

...Ҳамроҳи маҷаллаҳои мазкур китоби дарсии забони тоҷикӣ, қ. II, «Синтаксис», нашри 1951-ро низ бифирист... Ман бо худ гирифтани китобамро (синтаксис) гӯё фаромуш кардам, хоҳишмандам бифирист...»

Мактуб аз таърихи 3 феврали 1952:

«Рисола ба забони тоҷикӣ навишта мешавад. Аммо раҳ-

бари илмиам мегӯяд, ки барои навиштани ба русӣ кӯшиш карда бинам: агар аз уҳдааш бароям, давом медиҳам, ва-гарна ба тоҷикӣ хоҳам навишт. Ба фикрам, ба забони русӣ навиштан мумкин ва лозим аст, вале вақти бисёрро мегирад. Ҳоло ҳозир ба тоҷикӣ навиштанро сар кардам».

Нома аз санам 14 марти 1952:

«Рисолаамро менависам. Ҳоло танҳо қисми муқаддимаашро тамом кардам. Вақт меравад, аммо кор истодааст, аз ҷой намеҷунбад. Ва ҳатто дар чунин вазъият дишаб хоб дидам, ки гӯё корамро тамом ва дифоъ кардаам...»

Мактуб аз таърихи 28 марти 1952:

«..Ман ба раҳбарам ваъда додам, ки қисми таълифшудаи рисоларо ба ӯ дар шакли чопӣ пешниҳод мекунам Ин чунин маънӣ дорад, ки ману рисола туро бесаброна интизорем».

Ва боз рӯйхати адабиёте, ки бояд ба Ленинград бифиристам.

Ман тамоми чизҳои заруриро фиристодам, хоҳиши ӯро иҷро  кардам ва ба омода шудан ба роҳ шурӯъ намудам. Дар охири моҳи апрел ба роҳ баромадам.

Ба Москва наздик мешудаму вуҷудамро ҳаяҷон фаро мегирифт. Мехостам ба театр равам, музейҳоро бубинам. Дилам бисёр чизҳоро мехост. Инак ман бори аввал Москваро дидам. Дар перрон маро дӯсти Носир - Рустам Юсуфбеков истиқбол кард. Он вақт ӯ дар Академияи илмҳои ҷамъиятшиносӣ таҳсил менамуд.

Баъди андак дам гирифтан Рустам таклиф кард, ки ба Мавзолей биравем, вале он баста буд. Ман бори аввал аз Майдони сурх кадам ниҳодам. Ба музейи Ленин даромадем. Чанд истгоҳи Метроро тамошо кардем. Рустам гӯё ҳис мекард, ки ман бисёр мехоҳам ба театр биравам, пешакӣ ба Театри калон билет харида буд, вале тамоми рӯз ман чунон хаста шуда будам, ки аз рафтани театр саркашӣ намудам.

Ман хоҳиш кардам, ки бароям билет бихараду бо поезди аввалин ба Ленинград равонам кунад. Дар Ленинград маро рӯзи боронӣ ва ҳавои гирифта истиқбол намуд. Дар вокзал Носир мунтазирам буд.

Дар муддати чанд моҳе, ки ӯ дар Ленинград мезист, рангаш хеле паридааст. Пурсидам, ки оё сиҳат аст? Барои чӣ ин қадар рангпарида менамояд? Ӯ шӯхиомезона ҷавоб дод: «Ин рангпаридагии ашрофона, лекин ман ҳар рӯз як истакони оби помидор мехӯрам, гумон мекунам, дар рӯзҳои наздик рангам сурх мешавад!» Таксисавор ба иқоматгоҳи ӯ расидем. Соҳибхонаҳо моро меҳрубонона пешвоз гирифтанд. Дар ин хона маро интизор будаанд. Дастархон оростанд. Мо шинос шудем, суҳбат кардем. Андрей Иванович Гуреев ҳуқуқшинос, ҳамсараш Елизавета Парфёновна ходими илмии Институти этнография буд, духтараш Маргарита дар синфи ҳаштум мехонд.

Мо бисёр дӯстона зиндагӣ мекардем, хешу табор шудем. Хоначае, ки ба мо ҷудо карда буданд, хеле хурд буд ва дар он танҳо як кат ва мизи кории Носир ҷой мегирифт. Вай мунтазам китобҳои нав мехарид, таҳмони тирезаи калон аз онҳо пур буд. Китобҳоеро, ки дар таҳмони тиреза ҷой намегирифтанд, мо ба кунҷи хона таҳ карда, ба рӯяшон қуттиҳои карточкаҳоро мегузоштем. Носир бисёр тамоку мекашид, хонаи бе ин ҳам торик пур аз дуд мешуд. Ӯ маҷбур буд шабу рӯз бо чароғи электрикӣ кор кунад. Ман дар ошхона чоп мекардам, дар назди тирезаи ошхона хуб ҷой гирифтам.

Бо омадани ман кори Носир зудтар пеш мерафт. Мо нашрҳои гуногуни осори Айниро муқоиса кардем. Носир ҷойҳои даркориро ишора мекард, ман ба карточкаҳо мекӯчондам. Ҳар рӯз корамон ба ҳамин минвол буд.

Барои тамошои кино, театр, музейҳо вақт ҷудо мекардем бо шаҳр ошно шудем. Маъсумӣ дар китобхона бисёр кор мекард. Ба китоби Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ»

саргарм шуд, «Таҳзиб-ус-сибён»-и Айниро ҳиҷҷӣ карда хонд. Китобхона пур аз китобҳои аҷибу марғуб буд ва ӯ ба олами китоб фурӯ рафт. Барояш ҳамаи онҳо лозим ва зарур менамуданд. Маводи ниҳоят ғанӣ гирд овард. Чунон саргарм шуд, ки рисолаи номзадиро дар ҳаҷми бештар аз панҷсад саҳифа навишт. Ҳикоят мекард, ки ҳангоми муҳокима аъзоёни кафедра кори бузурги илмиву тадқиқӣ анҷом додани Маъсумиро махсус таъкид намудаанд ва дар айни замон гуфтанд, ки рисоларо бояд ихтисор кард. Маъсумӣ як фасли рисоларо ба тадқиқи забон ва услуби Аҳмади Дониш бахшида буд, бо ин ҳаҷм дар рисола ҷой гирифтани ин мавзӯъ ба нақшаи кор дохил намешуд.

Баъдтар ин тадқиқи Маъсумӣ дар шакли китоби алоҳидаи «Баъзе масъалаҳои забони тоҷикии охири асри XIX-авали асри XX» чоп шуд ва соли 1976 китоби ӯ «Забон ва услуби Аҳмади Дониш» нашр гардид. Аз тадқиқи забон ва услуби осори Айнӣ низ лозим омад, ки чанд фаслро кӯтоҳ кунад. Баъдан ҳар қисме, ки аз рисола кӯтоҳ гардид, дар шакли китобчаҳо ва ё мақолаҳои муфассал нашр карда шуданд. Рисолаи номзадӣ мувофиқи талаботи қоида омода гардид. Ва бо ин рисола дар илми филологияи тоҷик асоси тадқиқи услуби насри муосир гузошта шуд.

Дар давоми ду сол Маъсумӣ воқеан корномаеро анҷом дод. Мавзӯъ, чунон ки ишора рафт, дар Ленинград муайян шуд. Дар ҳамон ҷо мавод низ ҷамъоварӣ ва омӯхта шуд, рисолаву автореферат таълиф гардид. Муҳлати аспирантура тамом шуд ва моҳи майи 1953 мо ба Душанбе баргаштем. Дифои рисола дар Душанбе моҳи ноябри 1954 бо муваффақият сурат гирифт.

Аз Ленинград ва дӯстон ҷудо шудан ҳузнангез буд. Ба ману Носир хушбахтие насиб шуд, ки бо олимони ленинградӣ Н.А.Кисляков ва ҳамсари ӯ А.З.Розенфелд вохӯрем ва солиёни дароз рафтуомади оилавӣ дошта бошем. Ман би-

сёр мехоҳам, ки дар бораи ҳаёти аҷибу қаҳрамононаи онҳо ҳикоят бикунам.

Ҳардуи онҳо фаъолияти меҳнатиашонро аввали солҳои сӣ дар Тоҷикистон, ки ҳанӯз Ҳокимияти Шӯроӣ дар инкишофи хоҷагии халқ, маориф ва фарҳанг аввалин қадамҳои худро мегузошт, оғоз карданд. Дар ин солҳо дастаҳои босмачиён мекӯшиданд, ки тамоми ташаббусҳои ҷумҳурии ҷавонро барҳам бизананд.

Николай Андреевич Кисляков ва Анна Зиновевна Роэенфелд, ки он солҳо ҷавон буданд, тамоми қувва ва дониши худро дареғ намедоштанд, ки ба халқ ҳақиқати ҳолро бифаҳмонанд, дар инкишофи хоҷагии халқ ва маориф фаъолона ширкат меварзиданд.

Бисёр муаллимони фаъол аз дасти босмачиён кушта шуданд. Н.А.Кисляков ва А.З.Розенфелд дар ҷумҳурии навтаъсиси Тоҷикистон аз тарғибгарони нотарс буданд. М.М.Бозорбоева дар китобаш «Муаллимони сурх» («Маориф», 1978) овардааст:

- И.А.Кисляков аз соли 1922 фаъолияти муаллимиашро оғоз кард, Солҳои сӣ дар Тоҷикистон дар системаи маорифи халқ кор мекард. Иштирокчии муборизаи зидди босмачиён ва ташкилотчии маорифи халк, дар Қаротегин буд. Баъдан яке аз олимони маъруф гардид, доктори илми таърих шуд.

А.З.Розенфелд аз соли 1932 дар Тоҷикистон муаллимӣ мекард. Иштирокчии фаъолияти тарғиби занон ба мактаб ва маҳви бесаводии онҳо буд. Ҳамзамон бо фаъолияти илмӣ машғул мешуд. Баъдан доктори илми филология, профессор шуд.

Н.А.Кисляков ба насли якуми олимони шӯравӣ тааллуқ дорад. Доираи тадқиқоти илмии Николай Андреевич бисёр васеъ буд, вале қисми зиёди ҳаёти худро ӯ ба омӯзиши этнографияи тоҷикон, таърихи иҷтимоӣ ва фарҳанги маъна-

вии онон харҷ кард.

Оғози фаъолияти меҳнатии ӯ ба таърихи маориф дар ҷумҳурии сотсиалистии Тоҷикистон сахт вобаста аст. Соли 1930 ӯ донишҷӯи соли севуми гурӯҳи этнографияи факултаи ҷуғрофияи Донишгоҳи давлатии Ленинград буд ва ҳашт сол собиқаи кори муаллимӣ дошт, ки барои таҷрибаомӯзӣ ба Тоҷикистон омад. Як сол пеш аз омадани ӯ вилояти Ғарм мавриди тохтутози дастаи босмачиёни Фузайл-махсум қарор гирифт ва тамоми воқеаҳо ҳанӯз дар ёди мардум зинда буданд. Дар маҷаллаи «Просвещение» (1929, № 11) дар чорхатаи сиёҳи мотами зери сарлавҳаи «Ғарм» дар саҳифаи аввал чунин сатрҳо чоп шуда буданд:

«Дар сарҳади ҷанубу шарқи СССР дар оилаи умумии ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ба тавассути меҳнати фидоронаи оммаи васеи Тоҷикистони Шӯравӣ амалан вазифаҳои панҷсолаи сохтмони сотсиалистиро ҳал мекунад. Камтар касе ҳаст, ки ҳолати иқтисодӣ ва фарҳангии ин ҷумҳуриро ба худ тасаввур карда тавонад, шаҳрчаи Ғарми вилояти Ғарм, ки дар сарҳади Афғонистон воқеъ аст, аз ин ҳам камтар маълум аст. Шароити кори маорифчиёни Тоҷикистон ғайримуқаррарист. Аз сарҳад зуд-зуд садои тири душманон ба гӯш мерасад. Дастаҳои босмачиён, ки аз ҷониби бойҳову муллоҳо, собиқ амалдорони аморат таҳриқ ва бо аслиҳаи англисҳо таъмин карда мешаванд, ҳар замон сарҳадро вайрон карда мегузаранд».

Дар ҳамин мақолаҳои мотамӣ аз кушта шудани ҳаждаҳ муаллим, аз ҷумла чор нафар комсомолмуаллимаҳо сухан мерафт.

Н. А. Кисляков баъди як соли воқеаҳои тасвиршуда ба Душанбе омад ва ҳаракат мекард, ки ба дурдасттарин ноҳияи вилояти Ғарм таъйин шавад. Дере нагузашта муваффақ шуд, ки ӯро ба ноҳияи Тавилдара ба кор фиристоданд. Ин ҷо ӯ аввал инстуктор, сипас мудири маорифи ноҳия шуд.

Дар як муддати кӯтоҳ Николай Андреевич тамоми деҳаҳои Сангворро гашт ва дар деҳаи Язғонд, ки дар ҳашт километр аз Тавилдара воқеъ аст, таваққуф намуд. Дар Язғонд моҳи майи соли 1931 муаллимони ноҳия барои машварат гирд омаданд. Курсҳои такмили ихтисоси муаллимон низ дар ҳамин деҳа воқеъ буд ва Н. А. Кисляков ба ин курсҳо роҳбарӣ мекард.

19 апрели соли 1931 қӯрбошӣ Иброҳимбек аз сарҳади Афғонистон гузашта, дастае таъсис дод, ки ба он унсурҳои душмани Ҳокимияти Шӯроҳо дохил шуданд. Дар байни онҳо Аъзам ном ҷинояткори аз маҳбас гурехта низ буд. Ӯ бо дастаи авбошони худ ба ноҳияи Тавилдара рафта, ба деҳаҳои Чилдара ва Язғонд ҳамла овард. Николай Андреевич роҳбарии отряди муаллимон ва фаъолонро ба уҳда гирифт. Отряд силоҳ надошт, муаллимон ба калтаку санг мусаллаҳ шуданд. Ба ёрии онҳо аз Тавилдара отряди Соболев омада, бо отряди Кисляков ҳамроҳ гардид. Аъзам ақиб нишаст ва бе ҷанг ба Ҷиргатол рафт. Он ҷо ҳамроҳи се нафар каллабуронаш кушта шуд.

Н.А. Кисляков тамоми ҳаёти баъдинаи худро ба илм бахшид ва Тоҷикистону тоҷикон ҳамеша дар маркази диққати ӯ қарор дошт. Соли 1954 яке аз аввалин асарҳои этнографӣ дар СССР «Маданият ва маишати деҳқони колхозии тоҷик» аз чоп баромад, ки ба деҳоти колхозӣ бахшида шуда, муҳаррираш Н.А. Кисляков буд. Дар ин китоб ду боби калон ба қалами ӯ тааллуқ дошт: «Таърихи деҳот ва колхоз», «Либос». Н.А.Кисляков дар бисёре аз китобҳое, ки дар силсилаи «Халқҳои ҷаҳон», «Халқҳои Осиёи пеш», «Халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон» нашр шудаанд, муаллифи бобҳои калон ва муҳаррири ҷилдҳо мебошад. Ин олими пуркор ва инсони наҷиб 8 октябри соли 1973 вафот кард ва асари ӯ оид ба эътиқоди қадимии тоҷикони кӯҳистон нотамом монд.

А.З. Розенфелд низ соли 1930 дар ҳайати донишҷӯёни

таҷрибаомӯзи Институти фалсафа, забоншиносӣ ва таърихи Ленинград ба Ғарм омада буд. Анна Зиновевна духтараки сиёҳчашм, мавзунқомат, хушгуфтор ва ситорагарм буд Аҳолии маҳаллӣ ӯро хуш пазируфтанд, лаҳни нарми гуфтори тоҷикиашро писандиданд ва «одами худӣ» медонистандаш. Номи Аннаро ҳам зуд ба шакли тоҷикӣ даровварда, Анияҷонаш мегуфтанд.

Донишҷӯён ба кори шумурдану рӯйхат кардани чорво ҷалб гардиданд. Анияҷон ҳисобчӣ шуд. Духтарак бо муҳит ошно шуда, табиат ва мардуми ин диёрро дӯст дошта монд, ба забони тоҷикӣ дил баст, ба фарҳанги ин халқ мароқ пайдо кард. Як сол пас Анна Зиновевнаро ба хоҳиши худаш ректорати донишгоҳ барои таҷрибаомӯзӣ боз ба Тоҷикистон фиристод.

Дар он рӯзҳо халқи тоҷик ғалабаи худро ба дастаи босмачиёни Иброҳимбек ид мекард. Вале ин ид дер давом накард, зеро ба майдонҳои пахтаи водии Вахш ва Кӯлоб аз Афғонистон малахи харобиовар ҳуҷум кард. Тамоми колхозчиён ба мубориза‌и зидди ин ҳашарот бархостанд, Анна низ шабу рӯз бо колхозчиён паҳлу ба паҳлу кор мекард. Хоҷагиҳо ба зудӣ аз малах раҳо ёфтанд ва ба ғунучини пахта хуб тайёр шуданд.

Дар он замон ба кори колхоз ва ба мактаб ҷалб намудани тоҷикдухтарону занон вазифаи ниҳоят муҳим ба шумор мерафт. Рӯзномаҳо ҳар замон аз хусуси занону духтароне, ки бори аввал ба даст китоб, дафтар, қалам мегирифтанд ва ё ба саҳро ба кор мебаромаданд, хабару мақолаҳои ташвиқӣ чоп мекарданд.

Соли 1932 А.З. Розенфелд донишгоҳи Ленинградро хатм намуда, дар ҳайати экспедитсияи комплексии АИ СССР ба Тоҷикистон омад. Вай дар тадқиқу омӯзиши ноҳияҳои вилояти Ғарм - Ғарм, Тавилдара, Қалъаи Хум - иштирок кард. Аз рӯи мавзӯҳои «Кор ва рӯзгори занони кӯҳистони Тоҷикис-

тон» ва «Сохтмони колхозҳо» тадқиқот мебурд. Моҳи сентябри ҳамон сол ӯ вобаста ба шароити оилавӣ ба Сангвор рафта, ҳамроҳи шавҳараш Н.А. Кисляков тамоми соли таҳсил он ҷо кор кард.

Дар Сангвор Н.А. Кисляков ва А.З. Розенфелд аввалин мактабро таъсис доданд, дар он худашон дарс мегуфтанд ва аз Тавилдара муаллимонро даъват мекарданд. Анна Зиновевна дар синфҳои ибтидоӣ аз забони тоҷикӣ дарс мегуфт, бо занону духтарон кори маърифатӣ мебурд, барои занону духтарон дар таъсиси артели қолинбофӣ дар Сангвор кумак мекард, корҳои фирқаи комсомолиро ба роҳ мемонд, варақаҳои деворӣ мебароварданд - хулоса, барои маҳви бесаводӣ ва маърифати занону духтарон тамоми донишу қувваашро харҷ мекард. Зимни ҳамаи ин корҳо ӯ тадқиқоти худро идома медод ва дар мавзӯи «Кор ва рӯзгори занони Тоҷикистон» рисолаи илмӣ навишт. Аммо рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Лаҳҷаҳои Қаротегин» дифоъ кард, баъдтар рисолаи доктириро дар мавзӯи «Системаи феъл дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ-шарқии Тоҷикистон» ҳимоя намуд.

Н.А.Кисляков ва А.З.Розенфелд олимони бузурги соҳаи забон ва этнографияи халқи тоҷик буданд. Онҳо ба илм ва маорифи Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштанд. Бисёр олимони тоҷик таҳти роҳбарӣ ва сарпарастии онҳо рисолаҳои номзадиву докторӣ дифоъ намуданд, олимони барҷаста шуданд. Р.Амонов, Н. Нурҷонов, В. Асрорӣ, М. Хонсуварова, Н. Маъсумӣ ва чанд тани дигар аз ҳамин ҷумлаанд.

Бо Н.А. Кисляков ва А.З. Розенфельд мо соли 1951, вақте ки Маъсумӣ ба Ленинград ба аспирантура рафт, ошно шудем. Тамоми забоншиносону этнографҳоеро, ки аз Тоҷикистон мерафтанд, онҳо чун хешу табор ва наздикони дерошнои худ мепазируфтанд. Суҳбаташон бо онҳо қӯр мегирифт, зеро мавзӯҳои барои тарафайн мароқангез бисёр буданд.

Н. А. Кисляков инсони ором, қоматбаланд ва малламӯй буд, оҳиста гап мезад. Нигоҳаш меҳрубонона, маънидор ва хайрхоҳона буд. Зиёии воқеӣ буд. Аз ҳузури ӯ мо лаззат мебурдем; баҳс мекардем, суҳбатҳо мёоростем.

Анна Зиновевна зани бозаковат, серҳаракат, андак пурмағал, хушчақчақ ва ниҳоят самимӣ буд. Аксаран ҳангоми мулоқот баҳс ба миён меомад. Носир дар ақидаи худ исрор мекард. Баҳс то ҷое мерасид, ки Анна Зиновьевна барои исботи фикри худ аз рафҳо китоб мекофт ва ҳатман китоби даркорӣ ва саҳифаи даркориро меёфт. Як лаҳза хомӯшӣ ҳукмфармо мешуд. Сипас, боз ягон масъалаҳои баҳснок ба миён меомад. Мо дар хонаи онҳо то дер менишастем ва ба ҳар ҳол Анна Зиновевна ҳамеша дар баҳсҳо ғолиб мебаромад.

Соли 1971 мо бо Маъсумӣ охирин бор дар Ленинград будем. Чун ҳамеша ба аёдати дӯстонамон рафтем. Анна Зиновевна аз омадани мо хабар ёфт, медонист, ки мо ҳар дафъа ба дидани музейҳову намоишҳои бадеӣ мерафтем, рафтани моро ба Павловск, ба қасри музей ташкил кард. «Волга»-и шахсии касеро барои бурдану овард462 намон киро карда буд.

Қасри Павловск нав аз таъмири олиҷаноб баромада буд. Мо аз муъҷизаи дасти инсон ангушти ҳайрат мегазидем. Сипас дар боғ қадамгоҳҳои Пушкинро зиёрат кардем, аз пайкараҳои хурди мармарин завқ мебурдем, кӯлҳои хурд-хурд дар он фасл бисёр зебо менамуданд ва ҳусни боғро ба маротиб меафзуданд.

Ману Носир ба хонаи ин ду инсони наҷиб бисёр мерафтем, вақте ки Носир аспирант буд ва баъдҳо вақте ки ба Ленинград мерафтем, тобистонҳо ба фароғатгоҳашон дар Ковголово рафта дам мегирифтем. Дӯстии мо дар сатҳи хешу таборӣ буд.

Анна Зиновевна дар ёддоштҳояш оид ба Носирҷон Маъ-

сумӣ чунин менависад:

«Соли 1951 ба кафедраи филологияи Эрони факултаи шарқшиносии Донишгоҳи Ленинград барои таҳсил дар аспирантура муаллими ҷавони Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе Носирҷон Маъсумӣ омад. Ана ҳамон вақт шиносоии мо бо ин марди миёнақадди лоғарандом сурат гирифт, ки мӯи сиёҳи ғафсу ҷингила, чашмони сиёҳи ҷаззоб дошт. Носир дар китобхонаҳои Ленинград кор мекард, бо адабиёти илмӣ ошно мешуд, ба маҷлисҳои кафедра меомад, ҳамроҳи донишҷӯён дар дарсҳо иштирок мекард, ҳарчанд он вақт худи ӯ аллакай дар Донишкадаи омӯзгорӣ аз забон, адабиёт ва фолклори тоҷик дарс медод. Дар ҳамон солҳо дар Ленинград Низом Нурҷонов, Раҷаб Амонов, Воҳид Асрорӣ низ дар аспирантура таҳсил мекарданд. Ҷавонмардоне, ки дирӯзакак аз ҷанг баргашта буданд, дар ҷодаи илм аввалин қадамҳои худро мегузоштанд. Баъдтар ҳамаи онҳо докторҳои илм ва олимони машҳури тоҷик шуданд.

Дар Ленинград Носирҷон Маъсумӣ бо ҳамсар ва ёрдамчии худ Вера Пантелеймоновна дар хонаи корманди шуъбаи Осиёи Миёна ва Эрони Институти антропотология ва этнографияи АФ СССР Елизавета Пармёновна Николаичева иқомат мекарданд. Ин ду оила бисёр ба ҳам дӯст шуданд ва ин дӯстӣ то солҳои охирини умри Н. Маъсумӣ ва Е.П.Николаеичева давом ёфт. Он солҳо Маъсумӣ бо ҳамсараш зуд-зуд ба хонаи ману Н. А. Кисляков низ меомаданд. Шавҳарам Носирҷонро хеле дӯст медошт. Ӯ роҳбари илмии Н. Нурҷонов, инчунин муқарризи расмии рисолаҳои номзадии Р. Амонов ва В. Асрорӣ буд.

Роҳбари илмии Н. Маъсумӣ, Р. Амонов ва В. Асрорӣ мудири кафедраи филологияи Эрон, баъдтар Ходими шоистаи илми Тоҷикистон А.Н.Болдирев буд.

Вақте ки Маъсумӣ ба Ленинград омад, нақшаҳои бисёр калону васеъ дошт, ба ӯ чунин менамуд, ки ҳар қадар беш-

тар маводро фаро бигирад, ҳар қадар зиёдтар давраҳои таърихи забон ва услубро ба доираи тадқиқ бикашад, кори ӯ ҳамон қадар муҳимтар хоҳад буд. Биноан, таърихи забони тоҷикиро аз асри XVIII то имрӯз мавзӯи рисолаи худ интихоб кард. Вале он солҳо барои гузориши масъала дар ин андоза мавод ва асоси кофии илмӣ вуҷуд надошт, даврабандии таърихи худи забони адабии тоҷикӣ сурат нагирифта буд, лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дуруст тадқиқ нашуда буданд, оид ба забони муаллифони ҷудогона тадқиқот бурда намешуд Танҳо баъди мубоҳисаҳои тӯлонӣ, мулоҳизаву калавишҳо Маъсумӣ розӣ шуд, ки мавзӯи худро тағйир медиҳад ва тадқиқро аз таҳлили як асари С. Айнӣ «Марги судхӯр» шурӯъ мекунад. Ин рисола, баъди он ки соли 1954 дар Душанбе дифоъ шуд, ба як силсила тадқиқоти оид ба таърихи забони адабии тоҷик, хусусан забони тоҷикии асри XIX, асос гузошт.

Доираи шавқу рағбати Маъсумӣ васеъ ва бисёрҷиҳата буд. Вай забоншинос, муаррихи адабиёти тоҷик, фолклоршинос ва шоир буд. Шахси ниҳоят хайрхоҳ ва меҳрубон буд, ки мислаш кам аст. Носир Асадович ҳамеша тайёр буд ба касоне, ки муҳтоҷи дастгирии ӯянд, ёрӣ расонад. Дӯстон ва шогирдони ӯ бисёр буданд. Ва ба ман низ дар тафсири шеърҳои тоҷикӣ ёрӣ мерасонид. Бисёр хушсуҳбат буд, гуфтораш аз суханони ҳадафхӯр, мақолҳо ва шеърҳо саршор буд. Шеърҳои худаш ва шоирони дигарро ба маврид иқтибос мекард. Бо ӯ суҳбат кардан ҳамеша осон ва гуворо буд. Дурӯягиву дуруштӣ барояш бегона буд, шӯхиҳояш дилписанд буданд.

Солҳои охир Маъсумӣ оид ба таърихи забони тоҷикӣ дар асри XIX — ибтидои асри XX тадқиқоти ҷиддӣ мебурд. Вай хусусиятҳои забониву услубии насри пешазинқилобии тоҷикро меомӯхт, дар ин кор ба осори Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ бештар такя мекард. «Очеркҳои инкишофи

забони ҳозираи тоҷик»-и ӯ китоби рӯимизии ҳар тоҷикшинос гардид, вале афсӯс, ки ин асар то ҳол ба забони русӣ баргардонида нашудааст.

Ҳар дафъа вақте ки ба мусофирати хидмати илмӣ ё ба сифати роҳбари таҷрибаомӯзӣ ба Душанбе меомадем, мо бо донишҷӯён ҳатман ба кабинети Носир Асадович мерафтем. Вай солиёни дароз роҳбари Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи улуми Тоҷикистон буд ва моро бо хушнудӣ истиқбол мекард. Маъсумӣ ба донишҷӯён оид ба корҳои илмӣ ва мавзӯҳои асосии институт, бахшҳову шуъбаҳо ва таърихи ин муассисаи муътабари илмӣ нақлҳои шавқовар мекард, ба мавзӯъ ва корҳои донишҷӯён мароқ зоҳир менамуд.

Ман борҳо дар хонаи Носир Асадович меҳмон шудам. Вай ниҳоят меҳмондӯст, хушсуҳбат буд, зимни суҳбат шӯхиҳо мекард, латифаҳо мегуфт, порчаҳои шеърӣ мехонд. Чунин ҳам иттифоқ меафтод, ки дар сари дастархон байни мо баҳсҳо ба вуҷуд меомаданд, вале заковат ва зарофати соҳибхона сари вақт алангаи мусоҳибаро хомӯш мекард.

Солҳои 60 Маъсумӣ дуҷилдаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ»-ро таҳрир мекард. Вақтҳои ба Душанбе омаданам Маъсумиро дар сари мутолиаву муқоисаи картотекаҳо медидам. Лоиҳаи ин фарҳангро дар вақташ мо дар кафедраи филологияи Эрон муҳокима карда будем.

Бори охир ман Маъсумиро дар бемористон дида будам. Ба аёдаташ рафта будам. Ӯ мекӯшид бемор буданашро зоҳир накунад, мисли ҳамеша шӯхӣ мекард, аз оилаи ман, дӯстони умумии ленинградиамон мепурсид, аз нақшаҳои худ нақл мекард. Нияту нақшаҳои бисёре дошт. Вай ҳамеша ба хондану таҳрир кардани корҳои дигарон машғул мешуд, барои машварат наздаш бисёр меомаданд, вақти зиёдашро корҳои маъмурӣ мегирифт. Ҳазорон афсӯс, ки нияту нақшаҳои аҷиби ӯ нотамом монданд. 24.02.1978, шаҳри Ленин-

град».

Маъсумӣ то охирин лаҳзаҳои умраш бо Я.А.Часова корманди кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи давлатии Ленинград, тарҷумон ва шоира мукотиба ва мулоқотҳо дошт. Я.А.Часова низ мисли Анна Зиновевна бо донишҷӯёни таҷрибаомӯз ба Душанбе меомад. Маъсумӣ ӯро бо донишҷӯён дар институт қабул мекард ва сипас ҳамаашонро ба хонаамон даъват менамуд. Ин вохӯриву нишастҳо бисёр аҷиб мегузаштанд.

Донишҷӯёни хушқареҳаву кунҷков аслан аз гӯшаву канори гуногуни Иттиҳоди Шӯравӣ буданд. Тоҷикистон, таърих ва анъанаҳои миллии тоҷиконро мехостанд ҳарчи бештар бидонанд, суолҳои бисёре медоданд, худро дар хонаи мо озод ҳис мекарданд.

Вақтҳое ки мо ба Ленинград сафар мекардем, ҳатман дар хонаи Я.А.Часова меҳмон мешудем, аёдати модари ӯ ва писараки хурдсолаш бароямон зарур менамуд. А. Я. Часова дар ёддоштҳояш оид ба Маъсумӣ чунин менависад:

«Чунин инсонҳо зиндагиро зеб медиҳанд! Ӯ инсони воқеан равшанзамир, хоксор ва масъулиятшинос буд - ҳар касе, ки Носир Асадовичро мешинохт, бо ӯ ҳамчун бо олим, нависанда, мунаққид, педагог, ходими ҷамъиятӣ ва инсони хокӣ сари кор дошт, ин сифатҳои ӯро ҳатман таъкид мекунад. Наҷобати инсонӣ муҳимтарин хислати шахсияти Маъсумӣ буд...

Маъсумӣ шахси ниҳоят боинтизом ва ботамиз буд. Ҳар ҳаракат, ҳар сухан ва ҳар рафтораш ба худаш мезебид, боиси малоли хотири касе намешуд. Ба одамон ниҳоят хайрхоҳ буд. Ҳатто чунин воқеъ мешуд, ки Маъсумӣ одамони пурғараз, ҳасуд ва бадхоҳ будани баъзеҳоро медонист, ҳатто бадхоҳиву бадгӯиҳоеро дар баъзе мавридҳои расмӣ медиду мешунид, вале ранҷиш зоҳир намекард, дарун-дарун месӯхт, вале ба чунин касон баробар намешуд, ҳамла

намеовард. яъне дар вуҷуди ӯ барои қасос ҷой набуд.

Шояд ин чунон ки мегӯянд, муносибати файласуфона ба зиндагӣ буд, ё фаҳмиши амиқи «сустиҳои инсон» ва ё назарияи «бахшояндагии тамом». Вале ӯ на танҳо қасос намегирифт аз чунин касон, балки кӯшиш мекард, ки ба бадиҳо бо некӣ ҷавоб гӯяд. Ҳамин хислатҳои воқеан инсонӣ ӯро аз дигарон тавофут медод, аз бисёриҳо боло мегузошт. Чунин инсонҳо зиндагиро зеб медиҳанд!»

***

Маъсумӣ пештар низ бо Садриддин Айнӣ мулоқотҳо дошт. Тобистони соли 1950 ба ман ҳам муяссар шуд, ки дидори ин марди бузургро бубинам. Рӯзе Абдусалом Деҳотӣ ба хонаи мо занг зада, хоҳиш кард, ки ҳамроҳи Маъсумӣ ба манзилашон биравем. Дар охири суҳбати телефонӣ ӯ таъкид намуд: «Палав тайёр аст!» Мо зуд рахт бастему ба хонаи эшон рафтем. Моро худи Деҳотӣ истиқбол карду хабар дод, ки дар хона аҳли оилаи ӯ нестанд, онҳо ба Самарқанд рафтанд. Моро аз зал гузаронида, ба айвони калону барҳаво раҳнамоӣ кард. Он ҷо диван, мизи ғизохӯрӣ ва чанд курсӣ меистоданд. Ва мо дар ҳамин айвон Садриддин Айниро дидем. Вай рӯи диван менишас - бисёр ситорагарму нуронӣ буд, риши на он қадар калони сафед ва мӯйлаби сап-сафед дошт, сафедпӯст буд, рухсорааш андак сурхӣ мекард, чашмонаш наҷобату ғурури махсусе доштанд, нигоҳаш тез ва муассир буд, дар сар тоқӣ ва дар бар камзӯли сафедранги карбосӣ дошт.

Мо салому алейк кардем. Деҳотӣ маро муаррифӣ намуд. С. Айнӣ бо ишораи даст маро даъват кард, ки дар бараш нишинам. Аз ногаҳонии ин вохӯрӣ ва аз таассуроти ин ки Айниро мебинам, ман ҳаяҷонзада будаму худро ноҳинҷор ҳис мекардам. С. Айнӣ мепурсид, ки ман ба чӣ кор машғулам, мо чанд фарзанд дорем ва ғайраву ҳоказо.

Палавро худи Деҳотӣ дар ошхонаи тобистонӣ мепухт ва

баъди шинондани мо ба он ҷо рафт. Ман узр хостаму ба ёрии ӯ шитофтам. Зуд газакҳоро омода кардем ва чанде пас ҳамроҳи Деҳотӣ бо тантана палавро гирифта даромадем.

Баъди соате, шояд аз он ҳам камтар вақт гузашта бошад, ронанда омад ва С. Айнӣ тараддуди рафтан кард. Мо ба гуселаш баромадем. Дар назди дарвозаи Деҳотӣ мошини «Победа» меистод.

Мо ба устод Айнӣ хайру маъзур кардем ва ҳар се афсӯс мехурдем, ки фурсати суҳбат андак буд.

Деҳотӣ ва Маъсумӣ дӯстдорони гул буданд, хусусан гули садбаргро бисёр дӯст медоштанд. Мо гулзори Деҳотиро тамошо кардем. Вай навъҳои тозаи гули садбаргро бо шавқ нишон медоду тавсиф менамуд ва чанд бутта аз онҳо ба мо дод, ки тирамоҳ дар ҳавлӣи худ шинондем. Ин гулҳоро мо «Деҳотӣ» ном гузоштем.

Рӯзе аз охирҳои моҳи июни 1954 Маъсумӣ бо хотири парешон ба хона омад. Ман аз ҳолаташ пурсидам. Вай даме хомӯш монду сипас гуфт: «Ман ба аёдати устод Айнӣ рафта будам, сахт бемор аст. Ба рисолаи ман мароқ зоҳир намуд, хусусан ба қисме, ки оид ба таҳаввули забони адабии тоҷик аст. Ман, то ҷое ки метавонистам, муҳтавои ин қисмро мухтасар ҳикоят кардам. Вай хоҳиш намуд, ки автореферати рисоларо барояш барам. Барои ман шунидани эродҳои устод шарафи бузург мебуд. Вале ӯ чунон хаставу бемор аст, ки раҳми кас меояд. Бо вуҷуди ин мехоҳад аз ҳама чиз воқиф бошад... Дар суҳбат рӯҳ мегирад...».

Маъсумӣ натавонист автореферати рисолаашро ба ӯ бубарад. 15 июли соли 1954 устод Айнӣ аз олам даргузашт.

Маъсумӣ рисолаи худ «Забони повести С. Айнӣ «Марги судхӯр» (оид ба инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик)»-ро ба хотираи устод Садриддин Саидмуродзодаи Айнӣ бахшид. Нусхаи якуми мошинкаи рисола дар музейхонаи Айнӣ маҳфуз аст.

***

Баъди баргаштан аз Ленинград фаъолияти Маъсумӣ бо инкишофи илми филология, мактабҳои олии ҷумҳурӣ, ташкил, тарбия ва ташаккули мутахассисони илмиву педагогӣ сахт марбут буд. Вай дар Институти давлатии омӯзгории Душанбе дар вазифаҳои мудири кафедраи адабиёти тоҷик ва муовини ректори институт оид ба илм кор кард. Аз соли 1959 то соли 1972, яъне то интихоб шудан ба вазифаи академик — котиби шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон, дар вазифаи директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ кор мекард. Соли 1959 ба Маъсумӣ унвони дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик, соли 1960 унвони ифтихории «Ходими хизматнишондодаи илми Тоҷикистон» дода шуд. Вай чанд бор намояндаи халқи Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб гардида, узви Раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон буд. Маъсумӣ ҳамзамон раиси шуъбаи ҷумҳурии Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангӣ бо Афғонистон, узви Кумитаи Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ, муовини раиси шӯрои илмии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон оид ба додани унвонҳои илмии соҳаи улуми иҷтимоӣ, узви шӯрои илмии шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии АИ Тоҷикистон, узви ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Мактаби советӣ», сармуҳаррири «Ахбороти АФ Тоҷикистон» оид ба шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, узви ҳайати таҳририяи Энсиклопедияи мухтасари адабӣ (Москва) ва узви ҳайати таҳририяи Сарредакцияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик буд.

Маъсумӣ дар доираи васеи забон, адабиёт ва фолклор корҳои тадқиқӣ мебурд. Бештар аз сад асари илмӣ, аз ҷумла оид ба таърих, назария ва ҷараёни имрӯзаи адабиёт, таърихи забони адабии тоҷик, лаҳҷашиносӣ, луғату луғатшиносӣ ва фолклор чандин рисола таълиф кард. Таҳрири илмиву махсуси бештар аз сӣ асари илмӣ ба қалами ӯ тааллуқ дорад.

Дар фаъолияти илмиву педагогии Маъсумӣ фолклор мақоми махсус дошт. Вай китоби дарсии «Фолклори тоҷик»-ро навишт, маҷмӯаи «Сурудҳои халқӣ ва рубоиҳои Афғонистон»-ро тартиб дод, мақолаи «Шӯриши Восеъ ва сурудҳои таърихӣ»-ро навишт, ба китобҳои Ҳ. Назаров оид ба Карим-Девона таҳти унвони «Шоири боистеъдоди халқ» сарсухан навишт.

Ба хонаи мо шоири халқ Саидалӣ Вализода зуд-зуд меомад, шеърҳояшро мехонд ва Маъсумӣ он шеърҳоро навишта мегирифт. Баъдтар ин шеърҳоро таҳрир карда, китоби ашъори Саидалӣ Вализодаро тартиб дод, ки бо номи «Тарона» чоп шуд. Сарсухани ин китоб «Вализода ва эҷодиёти ӯ» як тадқиқоти муҳиме буд. Китоби Маъсумӣ «Фолклори тоҷик дар сӣ сол» низ аҳамияти илмиву таърихии калонро дорост.

Соли 1968 дар Душанбе конфронси илмии «Амали мутақобилаи адабиёт ва фолклори халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон» баргузор гардид. Баъдан маҷмӯаи маводи конфронси илмӣ соли 1974 нашр шуд, ки сармуҳаррири он Маъсумӣ буд.

Маъсумӣ шеърро бисёр дӯст медошт. Аз классикони тоҷик, ӯзбек ва рус шеъру достонҳои зиёдеро азёд медонист. Худаш шоир ва ноқиди шеър буд. Ашъораш аз соли 1935 чоп мешуданд, соли 1940 ба узвияти Иттифоқи нависандагони СССР қабул гардид. Борҳо воқеъ шудааст, ки Маъсумӣ маро нимаҳои шаб аз хоб бедор мекард, то ин ки шеъри тозаиншокардаашро хонда дихад. Вай ба шунавандае, ки фавран баъди иншои шеър ҳузур дошта бошад, эҳтиёҷманд буд. Ман хоболуд шеърҳои ӯро гӯш мекардам, вале субҳ ҳатман хоҳиш менамудам, ки бори дигар бароям бихонад. Вай ҳолдонона ба ман менигарист, табассум мекард ва бо мамнуният шеърро такроран мехонд.

## ДАР ОЛАМИ КИТОБ

Дар оилаи мо китоб мақоми махсус дошт. Маъсумиро мо қариб ҳамеша дар сари кор ва мутолиаи китоб медидем. Китобхонаи мо бештар аз ҳашт ҳазор ҷилд китоб дошт. Китобҳое интихобан харидорӣ мешуданд, ки барои кори тадқиқии ӯ дар соҳаҳои забон, адабиёт, таърих, фалсафа зарур буданд, ҳамчунин китобҳои бадеӣ низ зиёд буданд.

Дар китобхонае, ки ӯ гирд оварда буд, китобҳои пурбаҳову нодири арабулҳуруф бисёранд. Ёд дорам, ки дар солҳои баъд аз ҷанг боре ба ӯ гуфтам:

— Носир, дигар шавҳарҳо ба ҳар ҳол ба занҳояшон ёрӣ медиҳанд, баъзан ҳамроҳ ба бозор мераванд.

Маъсумӣ маро фаҳмид, дарҳол розӣ шуд ва гуфт:

— Бале, бозорравӣ барои ту, албатта, душвор аст, нақлиёт ҳам мунтазам намегардад. Минбаъд ман кӯшиш мекунам, ки ба ту ёрӣ диҳам.

Ва дар яке аз рӯзҳои истироҳат Носир лутф карду ҳамроҳи ман ба бозор рафт. Ба бозори Путовский расидем. То даме ман фикр мекардам, ки харидро аз чӣ оғоз кунем, Носир ба куҷое ғайб зад. Ба ҷои харид кардан ӯро меҷустам. Ва ногоҳ ба худ андешидам, ки ӯ бояд дар назди китобфурӯшон бошад. Ва рафтаму дидам: китобҳои фурӯшанда дар рӯи замин паҳн карда шуда буданд ва Маъсумӣ ба по нишаста онҳоро ба навбат аз назар мегузаронду саҳифа мегардонд. Аз бозор фаромӯш карда буд. Ба ӯ наздик шудаму пурсидам:

- Носир, ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

Ӯ ба ҷои ҷавоб гуфт:

- Вера, дусад сӯм даркор!

Ман тамоми пули доштагиамро ба ӯ додам. Вай ду ҷилд китоб харид ва ба китобфурӯш адреси хонаи моро дод, то ин ки ӯ китобҳои барои Маъсумӣ зарурро ба хона биёварад.

Мо ба хона бо халтаҳои холӣ баргаштем. Ҳар гоҳ, ки ба

Самарқанд ё Бухоро гузорамон меафтод, Маъсумӣ фавран аз пайи ҷустуҷӯи китобфурӯшон мешуд. Аз Эрону Афғонистон низ китоб меовард. Дар китобхонаамон худи ӯ китобҳоро ба тартиб мегузошт ва вақте ки бе иҷозати ӯ ҷои китобҳоро касе тағйир медод, нохуш мегашт.

Маъсумӣ ба оҳистагӣ китоб мехонд, сари ҳар порча фикр мекард. Барои он ки бештар китоби бадеӣ хонда бошад, аз ман хоҳиш менамуд, ки барояш бо овози баланд китобҳои русиро мутолиа бикунам. Мо ҳамроҳ осори адабиёти классикии рус, ҷаҳон, асарҳои оид ба шахсиятҳои барҷаста, адабиёти таърихиву бадеӣ, илмӣ ва сиёсиро мутолиа мекардем. Китобҳои рӯимизии ӯ осори С. Айнӣ ва М. Горкий буданд.

Маъсумӣ ба осори В.И Ленин бисёр муроҷиат мекард. Адабиёти оид ба ҳаёт ва эҷодиёти адибон, оҳангсозон, рассомон ва ҳунармандонро зиёд мехонд.

Боре Маъсумӣ аз Эрон як идда китобҳои нодир овард. Онҳоро дар як ҷевони ҷудогона ҷой кард, бо муҳаббат ба сӯи ҷевон нигаристу гуфт:

- Кай ҳамаи инҳоро мехонда бошам?

Китобҳои чопи форсиро баъзан коллективона мехонданд, баъзан дар хонаи мо, баъзан дар хонаҳои дӯстон - М. Исматуллоев, А. Эшонҷонов, А. Юсуфӣ, Х. Мирзозода ва дигарон.

Ба ҷаҳонбинии Маъсумӣ забон ва адабиёти русӣ таъсири калон дошт. Вай мехост забони русиро аз он сатҳе, ки медонист, беҳтар дониста бошад Адабиёти ба забони русиро оҳиста мехонд, ба услуб ва тобишҳои маъноӣ диққат медод, ҷойҳои барояш заруриро рӯйнавис мекард. Ҳангоми хондан ва гуфтор Маъсумӣ ба тозагӣ ва маданияти сухан аҳамият медод. Ҳангоми суҳбат баъзан чунин воқеъ мешуд, ки дафтарчаи хотираашро мебароварду ҷумла ва калимаҳои ҷудогонаро барои худ менавишт. Баъзе рафиқон ин одат ва завқи ӯро медонистанд ва ҳангоми суҳбат бо ӯ мекӯшиданд

ҳатталимкон ба забони фасеҳ сухан гӯянд. Муҳаббат ва муносибати эҳтиёткорона ба китобро аз Маъсумӣ на танҳо фарзандон, балки наберагони мо низ мерос гирифтаанд.

Маъсумӣ ҷавононро дӯст медошт. Ба суҳбати донишҷӯён, олимони ҷавон, муаллимон ва мактабиён бисёр мерафт. Вай пионери ифтихории мактаби № 53-и шаҳри Душанбе буд. Боре Маъсумӣ дар сафороии ҳарсолаи пионерони мактаб иштирок карда, сипас бо димоғи чоқ ба хона омаду гуфт:

- Имрӯз бо мактабиён ва пионерон мулоқоти аҷибе шуд. Ман аз хусуси вазифаҳои созмони пионерон, худидоракунии мактабиён сухан гуфтам. Ба ақидаи ман, бачаҳо шавқи хондану омӯхтанро бояд дар вуҷуди худ тарбия кунанд, муаллимон дар ин кор мушовири онҳо бошанд. Муҳимтарин масъалаҳои мактабро худи бачаҳо бояд муҳокима бикунанд, ақоиду назари худро татбиқ намоянд, дониши худро такмил бидиҳанд. Аз талабагон пурсидам. ки оё онҳо маршҳои пионерӣ месароянд? Маълум шуд, ки намесурудаанд. Ва ман аз Панҷакент, аз корҳои пионерии худ ёд кардам. Сипас барояшон «Марши пионерон»-и Пайрав Сулаймониро хондам...

Носир бо муаллимони ҷумҳурӣ зуд-зуд мулоқот мекард. Дар Университети давлатии Самарқанд, Институти педагогии Ленинобод аз ӯ хоҳиш мекарданд, ки аз забон ва таърихи адабиёт курсҳои махсус гузарад. Вай бо қаноатмандӣ ин хоҳишҳоро қабул мекард. Дар ин гуна сафарҳо бо донишҷӯёну муаллимон вохӯриҳо ташкил карда мешуданд.

Мехоҳам ин ҷо, порае аз хотироти собиқ муовини вазири маорифи ҷумҳурӣ М. М. Бозорбоеваро биёрам, ки хеле ҷолиб аст:

«...Як лаҳзае, ки ба шавҳари шумо, шахси барои ҳамаамон азиз, олими муътабар ва муаллими беҳамто, Ходими шоистаи илм Носирҷон Асадович Маъсумӣ вобаста аст, зудзуд аз хотирам мегузарад...

Соли 1969 ба ман муяссар шуд, ки Носирҷон Асадович-ро ба иштирок дар семинари машваратии роҳбарони шуъбаҳои маорифи халқи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар мавзӯи «Замон ва шеър» розӣ бикунонам. Маъсумӣ хоҳиши моро бо камоли майл ва хоксории ба худаш хос пазируфт.

...Дар маҷлисгоҳи Институти марказии такмили ихтисоси муаллимон мудирони шуъбаҳои маорифи халқи шаҳру ноҳияҳо, кормандони идораи вазорат, методистҳо ва ходимони илмии Институти тадқиқотии илмҳои педагогӣ ва Институти такмили ихтисоси муаллимон ҷамъ омаданд. Муаллим Маъсумӣ дар мавзӯи «Замон ва шеър» суханронӣ карданд.

Он рӯз ҳеҷ гоҳ аз ёдам намеравад. Суханронии Маъсумӣ чунон пурмаънӣ ва серҳангез буд, ки бозгуфта наметавонам!...

Ӯ аввал чанд шеъри ҳузнангези шоирони тоинқилобӣ, баъд ашъори пурҳарорати инқилобии Айниро қироат кард, сипас ногаҳон ба сурудан оғоз кард. Шеърҳои Айниро, сипас ғазалиёти Лоҳутиро ҳам қироат мекарду ҳам ба оҳанг месуруд. Мо ҳама аз зебоии ин лаҳза, аз овози форами ширадори муаллим, аз ҳунару маҳорати ӯ мот шуда будем.

Маъсумӣ дар ҷараёни ду соат дар бораи шеъри гузаштагон, ашъори инқилобӣ ва рӯҳи бунёдгарии шеър чунон суҳбати дилангезе кард, ки касе аз гузари вақт дарак ҳам наёфт. Мо, аҳли маориф, бори дигар бовар ҳосил намудем, ки Маъсумӣ ба чӣ андоза наттоқи соҳибистеъдод, олими пурдону муаллими мавридшинос будаанд.

Шахсан ман он дарси муаллимро бо ҳаяҷон ва шукргузорӣ ёд мекунам. Ман дар умрам дигар дарсе ба ин марғубӣ нашунидаам. То ҳол афсӯс мехурам, ки сабти он дарси оличанобро ташкил накарда будем».

Он рӯз Носир баъди дарс ба хона омаду гуфт:

- Медонӣ, ман имрӯз дарси шеъру суруд гузаронидам. Ду

соат мисли лаҳзае гузашт. Аз устодон Айниву Лоҳутӣ шеър қироат мекардаму суруд мехондам. Муаллимон мисли ашхоси ҷодузада гӯш мекарданд. Баъди дарс пароканда шудан намехостанд, хоҳиш менамуданд, ки дарсро идома диҳам, вале рӯз гарм, хаста шудам. Ба онҳо ваъда додам, ки соли оянда ҳатман давоми дарсро хоҳам гузашт.

То имрӯз касеро аз он муаллимон вохӯрам, ҳатман аз он дарси фаромӯшношуданӣ ёд мекунанд.

Маъсумӣ шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта буд, аз ҷумла истеъдоди сарояндагӣ ва мусиқифаҳмии фавқулода дошт. Мусиқии классикии «Шашмақом»-ро ниҳоят дӯст медошт ва ба бисёре аз мақомҳо суруд мехонд. Овозаш марғуладори лирикӣ буд, озод, бидуни зӯр задан месуруд, ҳар садои овозаш равшан шунида мешуд. Зарурати ӯро хоҳиш кардан, ки суруд бихонад, пеш намеомад, вақташ хуш бошад, худ ба хондан мепардохт. Дар маъракаву ҳалқаи дӯстон сурудҳои Маъсумиро меписандиданд, аҳли нишаст, ҳар кас ба қадри имкони худ, ба ӯ ҳамовоз мешуд, ҷавононро худи Носир ба ҳамовозӣ ташвиқ мекард.

Оҳангсози маъруфи тоҷик Зиёдулло Шаҳидӣ баъдтар ба ёд оварда буд:

- Суруди Маъсумӣ як хусусияти ҷолиб дошт. Вақте ки ӯ месуруд, ҳозирон беихтиёр ба вай ҳамовоз мешуданд. Ба ин ҳамовозӣ ӯ мардумро на бо ҳаракати даст, на бо ишораи чашму абру, балки бо зебоии лаҳну овоз ва марғубии матни суруд ҷалб менамуд.

## ДАР ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ УЛУМИ ТОҶИКИСТОН

Маъсумӣ аз соли 1965 дар Институти омӯзгории Душанбе ба вазифаи проректори соҳаи илм кор мекард. Ректори институт инсони бисёр шариф Ҳ. Солеҳбоев буд. Аз ҳамкорӣ бо он шахс Маъсумӣ изҳори қаноатмандӣ мекарду ме-

гуфт:

- Ман аз ин раҳбари пуртаҷриба бисёр омӯхтам. Ҳ. Солеҳбоев шахси принсипнок, серталаб, дар байни муаллимону донишҷӯён обрӯву эътибори баланд дорад, аз касе ёрии худро дареғ намедорад, бо ӯ масъала ҳал кардан осон аст.

Маъсумӣ дар бораи Ҳ. Солеҳбоев бо муҳаббат гап мезад.

Соли 1959 Маъсумиро директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ таъйин карданд. Аз оғози кори нав Носир бо душвориҳои муайян рӯ ба рӯ омад. Рӯзҳои аввал ба хона дер меомад, нохуш менамуд. Ман ба пурсидан ҷуръат намекардам. Боре худи ӯ, чунон ки мегӯянд, кафид:

- Медонӣ, чанд рӯз гузашту ман ҳанӯз коре накардаам. Аз рӯзи аввали корам ба кабинети ман як нафар корманди институт медарояд, на худаш кор мекунад, на мегузорад, ки ман машғули кор шавам. Имрӯз ман аз ӯ пурсидам:

- Шумо ба ман коре доред? Марҳамат, гӯшам ба шумо.

Он корманд бо виқор ва худхоҳона гуфт:

- Медонед, Носирҷон Асадович, ман кори ин институтро бисёр хуб медонам. Шумо метавонед ба ман такя кунед ва аз ман истифода намоед.

Ман ҳеҷ наметавонистам тасаввур кунам, ки касе хизмати хирсонаи худро ба ин тарз пешниҳод намояд. Ба худ омадаму гуфтам:

- Институти мо коллективи калон дорад, ба кӣ такя кардану аз кӣ истифода намудан ёфт мешавад. Ба шумо ташаккур. Агар зарурат пеш ояд, ман бо камоли майл аз маслиҳати шумо бархурдор хоҳам шуд. Ҳоло ман бояд ба Президиуми академия биравам, шумо ҳам шояд дар шуъба кори бисёр доштагистед.

Носир андаке таваққуф карду ба суханаш идома дод:

- Дар институт ким-чи хел рӯҳияи хараҷу мараҷ ҳукмфар-

мост. Аз чӣ сабаб бошад, ҳама чунин мешуморанд, ки тамоми масъалаҳоро ман бояд ҳал бикунам. Дар коллектив як навъ рӯҳияи нобоварӣ эҳсос мешавад. Охир ҳар кас доираи вазифаҳои худро дорад, маҳсули кор ва шавқмандӣ ба кор бояд дошта бошад. Ҳама ба такрори кори ҳамдигар машғул буда наметавонанд. Кормандони илмӣ бояд қобилияти эҷодии худро ошкор намоянд, бо дилгармӣ кор кунанд.

Маъсумӣ ҳамеша ба одамон бовар мекард, ба инсон, новобаста ба вазифаи ӯ, бо эҳтироми баланд муносибат менамуд. Вай медонист, ки боварӣ ба кас масъулияти он касро дар иҷрои кор баланд мебардорад, интизоми ӯро мустаҳкам мекунад, шахсияташро ташаккул медиҳад.

Маъсумӣ солҳои дароз директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи улуми Тоҷикистон буд. То охирин рӯзҳои умраш ба ин институт дилбаста буд, ба коллективи он меҳри хоса дошт. Дар институт олимони маъруф Раҳим Хошим, Р.Л.Неменова, Б.Н.Ниёзмуҳаммадов, С.Ҷ. Арзуманов, М.Ф. Фозилов, Т. Зеҳнӣ ва як зумра олимони ҷавони лаёқатманд кор мекарданд. Маъсумӣ бо ин коллектив бо шавқу рағбати тамом кор мекард, ӯ ба муовини худ оид ба корҳои илмӣ А.М. Маниёзов эҳтироми хоса дошт. Аз ин хусус ба ман гуфта буд:

- Агар ду кас ҳамдигарро фаҳманд, кор кардан бисёр осон аст, Хусусан хадафҳои ҳарду ба ҳам мувофиқ оянд. Маниёзовро барои ақли расояш ҳурмат мекунам. Вай бисёр инсони масъулиятшинос ва ҳалолкор аст. Дар суҳбат ва кор бо ӯ ҳамеша қаноатмандам. Илова ба ин Абдуқодир шеърро хуб мефаҳмад ва хеле марғуб мехонад. Шеърро бо лаҳни гуворо ва ниҳоят зебо мехонад, ки ин насиби ҳар кас намешавад.

Маъсумӣ ӯро меҳрубонона «Арӯзӣ» ном карда буд. Бисёр воқеъ мешуд, ки Маъсумӣ ба мусофиратҳои хидматӣ

мерафт, ба ҷояш, ки А.Маниёзов мемонд, дилаш аз кори институт пур буд. Вақтҳое ки Маъсумӣ аз анҷоми коре қаноатманд мешуд ва ё фикру мулоҳизаи хубе ба дилаш роҳ меёфт, барои ба ҳам дидани эҳсоси хуб ва мулоҳизаи марғуб бо А.Маниёзов шитоб мекард. Дар ҳар соати шаб ё рӯз ба хонаи А. Маниёзов занг мезад. Ман баъзан мегуфтам:

- Носир! Охир ҳоло шаб аст, мардум хобанд, чаро ташвиш медиҳӣ?

Вай ҷавоб медод:

- Ба дӯст ҳар лаҳзаи шабу рӯз занг задан мумкин аст.

Охири солҳои шаст Маъсумиро ба Шӯрои вазирон даъват карданд, суҳбат оростанду вазифаи вазири фарҳанги Тоҷикистонро пешниҳодаш намуданд. Ӯ аз ин хусус баъди омадан ба хона нақл кард. Он рӯз димоғсӯхта буд. Кас гумон мекард, ки гӯё ӯро аз кор озод карда бошанд, на ин ки вазифаи вазириро пешниҳодаш намудаанд! Асли воқеаро ки фаҳмидам, пурсидамаш:

- Хуб, дар ин хусус чӣ фикр дорӣ? Ҷавоб гуфтӣ ё ҳанӯз барои фикр кардан вақт ҳаст?

Носир гуфт:

- Ман ҷавобамро гуфтам. Бисёр хоҳиш намудам, ки маро ба ин вазифаи баланд пешниҳод накунанд.

- Хайр? - пурсидам  ман.

Дар Шӯрои вазирон рафиқон хуб хандиданд ва гуфтанд, ки ин аввалин  воқеаест, ки касе вазифаи вазириро рад карда бошад!

Соли 1972 Маъсумӣ академик-котиби Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи улуми Тоҷикистон интихоб шуд. Баъди интихобот ба хона ҳамроҳи дӯсташ Рустамбек Юсуфбеков омад. Димоғаш сӯхтаву табъаш гирифта буд, аз ҳеҷ хусус сухан гуфтан намехост. Мо мекӯшидем табъи ӯро чоқ кунем, аз ҳолати маҳзунӣ бароремаш, вале нашуд. Вақте ки Юсуфбеков ба хонааш рафт, ман аз Носир пурсидам:

- Барои чӣ ту таъйиноти нави худро ин қадар бо димоғи сӯхта истиқбол мекунӣ? Охир академик-котиб интихоб шуданат боиси ифтихор аст. Ин вазифа пурмасъулият аст ва аз илм ҳам туро дур намекунад?!

- Ба ту чӣ хел фаҳмонам? - гуфт ӯ. - Ман Институти забон ва адабиётро бо тамоми коллективаш дӯст медорам! Агар маро он ҷо ба вазифаи ходими қатории илм мемонданд. хушбахт мебудам! Охир нақшаҳои нотамом чунон бисёранд. Институтро ба кӣ ҳам месупорам? Ба дасти кӣ? Маниёзовро муовини Сармуҳаррири илмии Энсиклопедияи тоҷик таъйин карданд. Кори нав кормандонро интихоб кардану ҷо ба ҷо гузоштан, нашри ҷашни якҷилдаи Энсиклопедияро тайёр кардан лозим аст. Вай он ҷо мисли мӯри боркаш кор мекунад, аввалин қадамҳоро мегузорад. Ҳамаи инро ман мефаҳмам. Лекин вазъи институт ноҷӯр аст. Ин як муассисаи калони илмист ва маҳз мисли ӯ як каси таҷрибадор ҳоло ба роҳбарияти институт лозим аст. Кору муаммоҳои Институти забон ва адабиётро хуб медонад ва ман аз ӯ номзади беҳтареро ба вазифаи директори институтамон намебинам.

Маъсумӣ бештар аз як сол вазифаи ҳам директори Иститути забон ва адабиёт, ҳам академик-котибро иҷро мекард. Ниҳоят ӯ тавонист президенти академияро розӣ гардонад, ки Маниёзовро директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ таъйин кунанд. Танҳо ҳамон вақт Носир ором ва хотирҷамъ шуд.

Аз ёддоштҳои Абдуқодир Маниёзов:

«Ман аввалин бор номи Маъсумиро дар овони донишҷӯӣ шунидам. Маънои калимаи «маъсум»-ро медонистам, бинобар ин номи муаллим ба ман бисёр хуш омад, хусусан ки тахаллуси адабӣ низ будааст. Баъдтар, вақте ки бо ин шахси аҷибу наҷиб шинос шудам, дарёфтам ва шод гаштам, ки ин тахаллус ба табиати шоиронаи ӯ комилан мувофиқ аст.

Дар ибтидои солҳои панҷоҳ, вакте ки ман дар бахши хо-

риҷии радиои Тоҷикистон наттоқ будам, борҳо аз радио суруди оҳангсоз Амон Ҳамдамро бар матни Маъсумӣ «Дӯстдорат гаштаам» эълон кардаам. Ин ошноии ғоибона буд, вале ман мехостам ӯро рӯбарӯ бубинам.

Шонздаҳуми ноябри соли 1959 ман аз директори навтаъйиншудаи институтамон Х. Мирзозода базӯр харҷи мусофират рӯёндаму ба Москва рафтам. Ман бояд рисолаамро ба ҳимоя омода ва ба роҳбари илмиам узви вобастаи Академияи улуми Тоҷикистон И.С. Брагинский пешниҳод мекардам. Ман метавонистам ин корро дар муддати якуним - ду моҳ анҷом бидиҳам, аммо Иосиф Самуилович тавсия намуд, ки як боби на он қадар калонро дар мавзӯи «Мавқеи эҷодиёти С. Айнӣ дар адабиёти инқилобии Шарқи Наздик» илова кунам. Ин кор вақти муайяни иловагӣ мехост. Муҳлати мусофирати хидматӣ (16 декабр) зуд гузашт. 15 декабр ман телеграмма фиристода хоҳиш намудам, ки муҳлати мусофиратамро барои анҷом додани рисолаам дароз кунанд.

Хеле интизор шудам. Панҷ рӯз гузашт, Ҳар хел гумонҳо ба дилам роҳ меёфтанд. Худро рӯҳан ба гирифтани ҷавоби рад омода мекардам..

Шоми бисту якуми декабр ба ин мазмун телеграмма гирифтам: «Муҳлати будани шумо дар Москва то охири моҳи январ тамдид шуд. Бо салом Маъсумӣ».

Телеграммаро хондаму ҳайрон шудам - барои чӣ директорамон неву Маъсумӣ? Ӯ чӣ кор дорад? Шояд котиби илмии нав бошад? Ҷавоби саволҳоямро намедонистам. Хаёлан ба сари телеграмма баргаштам: суханони гарму самимӣ ва муҳимтар аз ҳама - хайрхоҳона.

Баъдтар воқиф шудам, ки Х. Мирзозода ба кори дигар рафтаанд ва Маъсумӣ директори нави мост. Котиби илмии институтро низ иваз кардаанд.

Баъд аз он ман чанд бори дигар ба Маъсумӣ телеграмма

фиристода ҳамеша ҷавоби мусбат мегирифтам. 23 май рисолаамро дифоъ карда, 9 июн ба Душанбе баргаштам. Бо бесабрии тамом мулоқотро бо Носирҷон Асадович интизор будам. Субҳи 9 июн ба ҷои кор омадам ва қариби соатҳои 2 муяссарам шуд, ки ба утоқи кори директор дароям.

Дар паси миз шахси мавзунқомати ҷингиламӯе нишаста буд, ки пешонии васеъ, чашмони зебо ва нигоҳи ҳалимона дошт. Носирҷон Асадович машғули мутолиа буд, маро диду зуд аз ҷой бархост ва ба истиқболам чанд қадам монд, сахт ба оғӯшам кашид ва бӯсид. Ман андак хиҷолатзада шудам, вале фурсате нагузашта ӯ чунин муҳите фароҳам овард, ки ман худро шахси ба ӯ бисёр наздик ҳис кардам.

Вай аз сиҳатиам, аз ҷараёни дифои рисолаам, аз аҳволи Б. Ғафуров, И. С. Брагинский ва дигар устодон пурсон шуд. Ман дар ҳузури ӯ ҳамагӣ даҳ дақиқа будам, вале ин дақиқаҳо чунон пурмазмун буданд, ки ҳеҷ гоҳ аз ёдам намераванд.

Баъдҳо ман бо Н.А. Маъсумӣ солҳои зиёд ба сифати муовини директори Институти забон ва адабиёт кор кардам.

Аз хислатҳои одамӣ беш аз ҳама некиро меписандам. Некӣ аз ақлу фаросат ва қудрати ботинии инсон башорат медиҳад. Ҳангоме ки мо аз одамият, аз хислатҳои хуби инсонӣ сухан меронем, ба ҷои аввал муҳимтарини хислатҳои инсони хуб — некӣ меистад. Барҷастатарин таҷассуми некиро ман дар симои Маъсумӣ дидаам. Ӯ маҳз бо ҳамин хислаташ дили мардум, хусусан ҷавононро тасхир мекард. Ман ҳам агар нектар аз будам шуда бошам, аз файзи дидори ҳамарӯзаи Носирҷон Асадович медонам.

Ман хушбахтам, ки Маъсумӣ аз худ на танҳо ном, балки ному кори нек мерос гузошт ва таъсири некуии ӯ ба наслҳо идома меёбад. Афсӯс мехӯрам, ки дар зиндагӣ инсонҳои аз некӣ маҳрум низ бисёранд. Агар умри Маъсумӣ дарозтар мебуд, шояд сафи ин гуна касон камтар мешуд.

Носирҷон Маъсумӣ ба сифати роҳбар ба тарбияи кад-

рҳо аҳамияти калон медод. Дар ҳар ҷавоне, ки тақдири худро ба илм, ба кори эҷодӣ мепайваст, хоҳ лаборант ё аспирант ва хоҳ ходими илмӣ бошад, ӯ мекӯшид, пеш аз ҳама, сифатҳои мусбатеро кашф кунад. Кордонӣ, истеъдод, қобилияти ҷавонро қадр мекард, агар хислатҳои бади ӯро пай бубарад, мекӯшид, ки дар ҷараёни кор ба тарзи номаълумона хислатҳоро ислоҳ бикунад. Тамоми корҳои хуби институти моро ба номи Маъсумӣ вобаста кардан ба ҳукми анъана даромадааст ва ин, ба ақидаи ман, дуруст аст».

***

Тобистони соли 1969 ману Носирҷон Асадович барои истироҳат ба Ялта, ба хонаи эҷодиёти нависандагон омодагӣ медидем. Касе ба хонаи мо занг зад. Аз сухбати телефонӣ маълум буд, ки Носир касеро тасаллӣ медиҳад.

Ба фурудгоҳ расидему он ҷо Ҳ. Шодиқуловро дидем, ки барои гуселонидани мо омада буд. Бо мо саломуалейк кард, нигоҳаш ба Носир илтиҷоомез буд. Ниҳоят котиби илмии ҷавон гуфт:

- Носирҷон Асадович, раҳбарии институтро муваққатан ба ҳар ҳол ба ягон каси дигар, ба яке аз ходимони номдор вогузоштан лозим буд.

Носир оромона, бо табассуми хайрхоҳонаи ба худ хос гуфт:

- Ҳамааш нағз мешавад. Охир касе ҳам бояд кори раҳбариро ёд гирад.

Дид, ки Ҳ. Шодиқулов ҳаяҷонзада аст, давом дод:

- Вақташ расидааст, ки аз ҳаяҷонҳои беҳуда худдорӣ карданро ёд гиред.

Вақте ки мо аз Душанбе парвоз кардему дар ҳавопаймо худро ба хушиҳои истироҳати Ялта рӯҳан омода месохтем, ба ҳар ҳол аз Носир пурсидам:

- Барои чӣ Шодиқулов дар ҳаяҷон аст?

Носир бо таассуф гуфт:

- Абдуқодир Маниёзовро ба ҳар ҳол муовини сармуҳаррири илмии Энсиклопедияи тоҷик таъйин карданд ва ӯ пурра ба кори нав андармон шуд, ҳоло ҳозир институт муовини директор надорад. Ҳамроқул Шодиқулов ҷавони хушсалиқа, масъулиятшинос аст, аз таҳти дил кор мекунад. Вай ба наздикӣ аз Москва баргашт, коромӯзи Институт адабиёти ҷаҳонӣ ба номи Горкий буд. Ҳоло унвони дараҷаи илмӣ надорад, аммо кордон аст. Ман бо фармон ӯро ба вақти набуданам иҷрокунандаи вазифаи директор таъйин кардам Ҳаяҷони ӯ маълум аст. Яъне масъулияти корро ҳис намудааст. Аз уҳдааш мебарояд! Бигзор кам-кам ёд гирад.

Дар ҷараёни истироҳат боре ҳам нашунидам, ки Носир аз ҳаяҷон Шодиқулову аз кори институт ҳарф зада бошад. Ӯ дар Ялта барои рӯзномаи «Маориф ва маданият» оид ба «Шашмақом» мақолае навишт. Гурӯҳе аз шашмақомхонон ба гирифтани Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ пешниҳод шуда буданд. Мақола ба ҳамин муносибат навишта шуд. Носир мақоларо ба Шодиқулов фиристод ва аз ӯ хоҳиш намуд, ки онро дар мошинка чоп карда ба идораи рӯзнома бирасонад. Мактубе, ки ба Шодиқулов навишта буд, бо сатрҳои зерин хотима меёфт: «Ман комилан бовар дорам, ки корҳои институт хубанд, шумо ҳам андак-андак ба иҷрои вазифаи пурмасъулияти худ одат мекунед».

Аввалҳои соли 1970 буд. Як рӯз Носир ба хона бо димоқи чоқ омад. Ман аз ин кайфияти ӯ хурсанд будам. Носир табассумкунон гуфт:

- Дар институти мо дигар котиби илмӣ нест. Шодиқуловро бошад, муовини директор оид ба илм таъйин кардем. Фаъолони институт ва мудирони бахшҳо ба номзади котиби илмӣ чанд нафарро пешниҳод намуданд. Ман рӯйхати номзадҳоро ба Шодиқулов додам. Охир, ӯро лозим меояд, ки бо котиби илмӣ ҳамарӯза кор кунад.

Ба ҳамин тариқ соли 1970 ба ҳайати маъмурияти инсти-

тут Санавбар Холматова ҳамроҳ шуд.

Вақтҳое ки Маъсумӣ бемор мешуд ё дар хона кор мекард, ҳам Ҳ. Шодиқулов ва ҳам С. Холматова ҳар гоҳе ки лозим шавад, бо корҳои таъхирнопазир наздаш меомаданд. Боре занги телефон садо дод. Носир телефонӣ суҳбат кард, гӯшакро гузошт ва гуфт:

- Ҳоло ба хонаи мо Санавбарҷон меояд!

Набераи панҷсолаамон Икром ба бозии худ машғул буд ва гӯё чизеро нашунид, вале вақте садои занги дар баланд шуд, Икром давон рафта, дарро кушоду ҳайрон шуд:

- Охир ин хола-ку, ман гумон кардам, ки Санавбарҷон омадааст.

Мо ҳама хандидем. Ба ӯ фаҳмондем, ки ҳамин холаҷон Санавбарҷон аст. Икром ҳамоно ҳайратзада монд...

Носирҷон Маъсумӣ дар вазифаи академик-котиб кор мекард. Ӯ робитаи худро аз Институти забон ва адабиёт нameканд, агар рӯзе ба он ҷо рафта натавонад, ҳатман занг мезад. Маъсумӣ то охири умр худро аз коллективи ин муассисаи илмиву тадқиқотӣ ҷудо ҳисоб намекард.

* * *

Маъсумӣ касби худ ва одамони касби худро ниҳоят дӯст медошт. Вай ба тарбияи кормандони илмӣ аҳамияти калон медод, донишу таҷрибаи худро ба олимони ҷавон меомӯзонд. Аз комёбии ҳар олими ҷавон хурсанд мешуд, хусусан ба ҷавонони соҳибистеъдод ва меҳнатдӯст меҳрубонӣ менамуд. Ӯ онҳоро бо диққат гӯш мекард ва агар лозим шавад, бо эҳсосоти пурҳарорат ва бисёр табиӣ фикрҳои онҳоро вусъат мебахшид. Вохӯриву суҳбатҳо бо ҷавонон ба ӯ рӯҳи тоза ато мекарданд. Баъзан баъди чунин суҳбатҳо ба ваҷд меомаду мегуфт:

- Аҷаб ҷавонони донову соҳибистеъдод дорем! Ҷавонон аз он ки мо мепиндорем, хеле боақлтар, ҷиддитар ва мақ-

саднoктаранд. Бо онҳо суҳбат мекуниву лаззат мебарӣ! Балоянд онҳо! Баъди ҳар суҳбат худи кас аз онҳо бисёр чиз меомӯзад. Ман бо онҳо худро ҷавонтар ҳис мекунам!

Маъсумӣ барои тақдири ҳар аспиранташ худро масъул ҳисоб мекард. Агар касе аз онҳо тафаккури хос дошт, мекӯшид, ки ин тафаккур вусъат ёбад ва агар кадоме дар роҳи кори илмӣ дармемонд, ҳаракат мекард, ки ба иззати нафси ӯ нарасида, дасти ёрӣ дароз намояд. Ӯ ба кори илмии аспирантҳои Институти забон ва адабиёт, институтҳои педагогии Душанбе, Ленинобод ва Самарқанд роҳбарӣ мекард. Бисёр шогирдони ӯ олимони намоён - докторони илм, профессорон, аъзои вобаста ва пайвастаи Академияи улуми Тоҷикистон шуданд.

Ба хонаи мо олимони ҷавон, муаллимон ва адибони бисёр омаду рафт доштанд, ки А. Маниёзов, М. Шукуров, А. Сайфуллоев, Р. Ғаффоров, Ҳ. Шодиқулов, А. Сӯфиев, Ю. Бобоев, Р. Ҳодизода, Ф. Зикриёев, Н. Раҳматов аз ҷумлаи онҳоянд. Онҳо бо Маъсумӣ маслиҳат мекарданд, баҳсу мунозира менамуданд, шӯхӣ мекарданд, нақшаву махсусиятҳои кори илмии худро ба муҳокима мегузоштанд. Муҳити хонаи мо ҳамеша тазйиқнопазир буд. Ҳама худро баробар, озод ва дар хонаи худ ҳис мекарданд.

Аспиранти якуми Маъсумӣ Атахон Сайфуллоев буд. Ӯ шиносоӣ ва ҳамкорияшро бо устоди худ чунин ёдовар шудааст:

« -Ман аз овони донишҷӯи Институти педагогии Ленинобод буданам, Маъсумиро ғоибона мешинохтам. Баъди хатм кардани институт маро дар ҳамон ҷо ба кор мононданд. Шеърҳо, мақолаҳои илмиву танқидӣ ва китобҳои Маъсумиро гаштаву баргашта мехондам. Бо чунин шахсияти пурдон орзуи  шинос шуданро дар дил мепарваридам.

Соли 1955 ман ба аспирантураи Институти педагогии Душанбе дохил шудам. Ба ман гуфтанд, ки бояд бо Носир-

ҷон Маъсумӣ вохӯрам - ӯ мудири кафедраи адабиёти тоҷик буд. Маро ду ҳиссиёти муттазод - ҳам шодӣ ва ҳам тарс - фаро гирифт. Аз он шодӣ мекардам, ки ниҳоят бо чунин инсони донишманд вомехӯрам. Тарсам аз он буд, ки оё бо ӯ ҳамсуҳбат шуда ва ба суолҳояш ҷавоб гуфта метавониста бошам? Оё аз санҷиши Маъсумӣ барин олими забардасти соҳаҳои забон, адабиёт ва фолклор, шоир, мунаққид ва муаллим гузашта метавониста бошам? Маъсумӣ дар тасаввури ман як қомуси зинда ва бароям дастнорас менамуд.

Аммо аз аввалин дидор ман дар ӯ хислатҳоеро дарёфтам, ки аз хусуси онҳо фикр ҳам накарда будам: хоксории фавқулода, меҳрубонӣ ва эҳтироми тамом нисбат ба ҳамсуҳбати худ. Вай муфассал пурсид, ки ман дар куҷо хондаам, дар куҷо кор мекунам, дар хондану кор чӣ комёбиҳое доштам ва ниҳоят, бо чӣ мақсад ба назди ӯ омадаам. Ман ҷавоб додам, ки мехоҳам аспиранти ӯ шавам ва ӯ раҳбарии маро ба уҳда бигирад.

Меҳрубониву эҳтироми Маъсумиро нисбат ба олимони ҷавон ман ҳангоми дохил шудан ба аспирантура равшан ҳис кардам. Дар рӯзнома ба ихтисоси адабиёти тоҷик танҳо як ҷой эълон шуда буд, лекин мо ду нафар имтиҳон месупоридем ва ҳарду бо муваффақият супурдем. Носирҷон Асадович муваффақ шуд, ки ҳардуи мо ба аспирантура қабул шавем.

Ӯ кӯшиш мекард, ки шогирдаш дар соҳаи илм аз аввалин қадамҳо ба роҳи дуруст равад. Аз ман суол кард:

- Кадом соҳаи адабиёт ба шумо писандидатар аст, адабиёти классикӣ ё шӯравӣ? Бо наср машғул мешавед ё бо назм?

Ман гуфтам:

- Ҳам насррову ҳам назмро дӯст медорам.

Ӯ классиконро ба забон овард, сипас аз адибони муосир Айнӣ, Лоҳутӣ ва Турсунзодаро ном гирифт.

Ман медонистам, ки худи Маъсумӣ эҷодиёти Айниро тадқиқ кардаанд, забон ва услуби повести «Марги судхӯр»-ро омӯхтаанд. Дар мавриди ман ҳам сари эҷодиёти устод Айнӣ таваққуф намудем. Баъди як ҳафта ман ба кафедра бо номи тайёри мавзӯи рисолаи номзадӣ омадам: «Проблемаи ташаккули инсони нав дар насри С. Айни». Ӯ низ мавзӯро маъқул ёфт.

Носирҷон Маъсумӣ мехост, ки мутахассисони ҷавон ба омӯзиши доираи мавзӯи худ маҳдуд нашаванд, балки назари илмии худро вусъат диҳанд, эҷодиёти адиберо бо эҷодиёти адиби дигар муқоиса карда тавонанд ва осори адибони гуногунро ба риштаи тадқиқи типологӣ кашида тавонанд. Аз ин рӯ ӯ ба ман маслиҳат дод:

- Дар баробари эҷодиёти Айнӣ осори М.Горкий, К.Федин, М.Шолохов ва А.Фадеевро омӯзед. Аз адабиёти халқҳои бародар эҷодиёти М.Авезов, Ойбек ва Б. Карбобоевро бихонед. Агар шумо эҷодиёти ин адибонро ба тариқи муқоиса таҳлил карда тавонед, рисолаи шумо дар адабиётшиносии тоҷик қадами тоза хоҳад шуд.

Маъсумӣ мехост, ки аспирант фаъол бошад, ӯро ба чопи мақола ҳидоят мекард. Боре маро ба хонаашон даъват кард. Ӯ ва ҳамсараш маро хуш пазируфтанд. Муаллим шӯрборо дӯст медоштанд. Мо ҳамроҳ хӯрок хӯрдем. Пеш аз рафтанам ба ман китоби Я.Налский «Народный поэт»-ро доданд, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти Бобоюнус Худойдодзода бахшида шуда буд. Муҳаррири ин китоби русӣ Носирҷон Асадович буд. Ӯ гуфт:

- Ота (ӯ маро меҳрубонона ҳамин тавр ном мегирифт), ин китобро хонеду мулоҳизаҳоятонро нависед, эродҳоятонро ҳам ҳатман қайд кунед.

Баъди ду ҳафта ман ба Маъсумӣ тақризамро оид ба ин китоб овардам. Баъди як рӯз ӯ маро даъват карду гуфт: - Ман тақризатонро хондам. Андак таҳрир ва ихтисор кардам.

Акнун метавонед онро ба редаксия баред.

Мақола дар рӯзнома чоп шуд. Ин аввалин мақолаи солҳои аспирантии ман буд. Маъсумӣ ба ҳамин тариқ шогирдони худро ба танқиди адабӣ ҷалб менамуд. Вай мехост, ки шогирдонаш зиндагиро на танҳо аз китобҳо омӯзанд, балки аз воқеият бидонанд. Бинобар ин дар сафарҳояш маро ҳамроҳ мегирифт. Мо ҳамроҳ ба Москва, Ленинград, Киев, Ленинобод, Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Боку сафар карда будем.

Ӯ ба ман мушоҳидакориро меомӯзонд. Диққатамро ба расму оини мардум, ба фарҳанг, адабиёт ва санъати халқҳо ҷалб мекард. Худи ӯ дипломати бузург буд, бо намояндагони халқҳои гуногун робитаи зич дошт.

Ман ҳамеша аз суҳбатҳои ӯ бо адибону олимони халқҳои бародар ба ваҷд меомадам. Ба фаросати олӣ, дониши амиқ ва маърифати баланди ӯ қоил мешудам, ӯро ҳар ҷое, ки мешинохтанд, эҳтиром мекарданд.

Носирҷон Асадович ба сифати роҳбари илмӣ ба шогирдонаш хеле ғамхор буд. Дар айни замон сахт ҳам мегирифт. Барои навиштани ҳар боби рисолаи ман муҳлат муқаррар карда буд. Ман қисмҳои тамомшудаи корамро сари вақт ба ӯ мерасонидам. Вай бо диққат мехонд. Дар ҳошияҳо эродҳояшро мухтасару пурмаънӣ менавишт, ба зери баъзе мисраъ ва таъбирҳо бо қалам хат мекашид, аломати суол мегузошт. Ин чунин маънӣ дошт, ки ман дар ин хусус бояд бори дигар фикр кунам, Баъзан аз ҷавобе, ки ӯ ба як-ду суол мегуфт, моҳияти як масъалаи илмӣ пурра равшан мешуд. Ба ҳамин тариқ, ман рисолаи номзадиро дар вақти муқарраршуда ба муаллим пешниҳод намудам ва ӯ дар муҳокимаву ҳимояи ин рисола маро дастгиру мададгор буд.

Солҳои шаст дар Душанбе оид ба дифои рисолаҳои номзадӣ танҳо як шӯро дар назди Донишгоҳи давлатӣ буд. Табиист, ки навбат ҳам калон буд. Носирҷон Асадович бо роҳ-

барияти Университети Самарқанд гуфтугӯ карда, муҳокимаву ҳимояи рисолаи маро соли 1962 дар он ҷо гузаронд. То ҳимоя лозим буд, ки мазмуни асосии рисола чоп шавад. Ман бо супориши Носирҷон Асадович китобчаи «Образҳои каҳрамонони мусбати мубориз дар насри С. Айнӣ»-ро дар ҳаҷми шаш ҷузъи чопӣ тайёр кардам. Маъсумӣ ин китобро таҳрир карданд ва он баъди шаш моҳ нашр шуд.

Ҳамин гуна меҳрубониҳои муаллимро ман баъдҳо низ бисёр дидаам. Вақте ки ӯ директори Институти забон ва адабиёту ман корманди илмии он муассиса будам, ба ман фармуд, ки оид ба романи «Дохунда»-и С. Айнӣ рисолае бинависам. Соли 1966 ин асарам бо муқаддимаи муфассали муаллим аз чоп баромад.

Зери роҳбарии Маъсумӣ ман дар таълифи «Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо» ширкат варзидам. Мутаассифона. ҷилди якуми ин асар, ки қисмати насри солҳои 20-ро ман навиштаам, баъди фавти муаллим рӯи чопро дид.

Бо маслиҳати Носирҷон Асадович фасли адабиёти тоҷикро барои ҷилди панҷуми «Таърихи адабиёти сермиллати советӣ» низ ман навишта будам. Ин китоб дар Москва чоп шуд ва Маъсумӣ аз дидани он чунон хурсанд шуданд, ки гӯё китоби худи он кас чоп шуда бошад. Маъсумӣ ба ҳамин минвол маро ба шоҳроҳи илм ҳидоят менамуд..».

Маъсумӣ ба шогирдаш А. Сайфуллоев бо эҳтироми тамом муносибат мекард. Боре як муаллими мактаби олӣ дар хонаамон аз Маъсумӣ пурсид:

- Домулло, Атахон Сайфуллоевро барои чӣ ин қадар дӯст медоред?

Дар лаҳни суоли ӯ як оҳанги ғашолуд эҳсос мешуд. Суол барои Маъсумӣ ногаҳонӣ буд. Ӯ андак сукут карду баъд ҷавоб дод:

- Бале, Атахон ҷавон аст, дуруст аст, ки тундмиҷозӣ до-

рад, вале ман ӯро барои дониши амиқ ва меҳнатдӯстиаш дӯст медорам. Ба чуннн олимони ҷавон ман бовар мекунам. Оянда аз они ҳаминҳост!

Яке аз дӯстдоштатарин шогирдони Маъсумӣ Мухаммад-ҷон Шукуров буд. Ӯ аввал донишҷӯ, сипас муаллими Донишкадаи омӯзгорӣ буд ва мо бо вай дар як хобгоҳ мезистем.

Маъсумӣ ба ӯ муносибати махсус дошт, гуфтан мумкин аст, падарона муносибат мекард, меҳрубон ва ҳалим буд. Рушди ӯро дар роҳи илм назорат менамуд. Аз ӯ маслиҳату ёрии худро дареғ намедошт, ҳидояташ мекард. Аз М. Шукуров Маъсумӣ воқеан ҳам умедҳои калон дошт. Ӯ мегуфт:

- Аз кор кардан бо Шукуров кас ҳаловат мебарад. Муҳаммадҷон боистеъдод, оқил ва меҳнатдӯст аст, шуғли худро дӯст медорад, ҳадафҳояш равшананд, андак-андак имконот ва ибтикороти эҷодиаш боз мешавад.

Дар оилаи мо ба Шукуров ҳамчун ба каси бисёр наздику муҳтарам муносибат мекарданд.

М. Шукуров ёдовар мешавад:

«- Ман домулло Маъсумиро аз давраҳои аввали донишҷӯиям, аз давраи ҷанг то охири умраш медонистам. Дар тамоми ин муддат шогирди ӯ будам. Ман аз ӯ дониш, маданият муносибат бо одамонро меомӯхтам ва ҳамеша маслиҳат мепурсидам.

Дар солҳои ҷанг ба мо аввал А. Мирзоев; Л. Бузургзода, Б. Ниёзмуҳаммадов, баъдтар профессор Аббос Алиев, Ш. Хусейнзода, Н. Маъсумӣ, М. Исматуллоев, Хоҷаев ва дигарон дарс мегуфтанд. Дарси домулло Маъсумӣ аз дарсҳои муаллимони дигар бисёр фарқ мекард. Домулло пеш аз ҳама донишҷӯёнро ба мустақилияти эҷодӣ ҷалб мекарданд. Баъзан пешниҳод менамуданд ки дар хусуси фаслҳои сол, манзараҳо чизе бинависанд ва ё барои маҳфили забони факулта маърӯза омода бикунанд.

Боре ба ман пешниҳод намуданд, ки оид ба «Саламон ва Абсол»-и Ҷомӣ чизе нависам. Ҳарчанд ки дарсҳо бисёр буданд ва ба замми ин ман шомҳо дар идораи рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» кор мекардам, ин пешниҳодро бо мамнуният пазируфтам. Ҳар чи пайдо карда тавонистам, хондам. Агар суолҳо пайдо мешуданд, бо домулло маслиҳат мекардам ва дар натиҷа як мақолаи калон пайдо шуд. Бо вуҷуди ин ки мақола аз илм хеле дур буд, домулло онро хонданд ва муфассал муҳокима карданд.

Домулло ҳар замон ба маҳфили адабии факулта нависандагонро даъват мекарданд. Адибон бо мо суҳбат меоростанд, моро бо асарҳои навашон ошно мекарданд, ба суолҳои мо ҷавоб мегуфтанд. Он мулоқотҳо дар дилу хотири мо нақши носутурданӣ гузоштанд.

Як ҷиҳати хоси фаъолияти педагогии домулло Маъсумӣ, ки барои мо, донишҷӯён, аҳамияти фавқулода дошт, ба маҷлисҳои Иттифоқи нависандагон роҳ ёфтан ва иштирок карданамон буд. Ба ин маҷлисҳо домулло қаблан барои иштироки мо аз роҳбарияти Иттифоқ иҷозат мегирифтанд, Мо аксаран дар муҳокимаҳои калони ҷараёни адабӣ ва асарҳои нав иштирок мекардем, маърӯзаву музокираҳоро мешунидем, маданияти сухан гуфтану мубоҳиса карданро меомӯхтем, аз муҳимтарин масъалаҳои адабиёти муосир огоҳ мешудем.

Ба шарофати домулло Маъсумӣ мо имкон ёфтем, ки адабиёти муосирро на танҳо аз дарсҳо омӯзем, балки андак-андак ва номаълумакак аз дохил бо ҷараёни адабиёти рӯз ва бо муҳити адабӣ ошно шавем. Ман ҳатто нафаҳмида мондам, ки чӣ хел мақоланависиро сар кардаму мунаққид шудам, вале аниқ медонам, ки як сабаби ба ҷодаи танқиди адабӣ рафтанам ҳамин ибтикорот ва ғамхориҳои устодонаи домулло Маъсумӣ буд.

Маъсумӣ баъзан ба ман меҳрубониҳои падарона зоҳир

мекарданд. Баъди хатми Донишкадаи омӯзгории Сталинобод маро маҳз бо кӯшиши домулло дар ҳамон ҷо ба кор монданд. Дар хобгоҳи муаллимони Донишкада мо бо домулло ҳамсояхона будем. Домулло ҳамеша аз зисту зиндагии ман мепурсиданд, ба хонаашон даъват мекарданд ва ман аксаран он ҷо шахсони маъруфу машҳурро дар меҳмонӣ медидам. Дар байни онҳо шахсиятҳое буданд мисли М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, З. Шаҳидӣ, М.Раҳимӣ.

Боре домулло Маъсумӣ маро шинонданду ба Деҳотӣ ишора карда, ба гӯшам гуфтанд:

- Шумо ин домуллоро мешиносед?

Ман гуфтам: мешиносам.

Маъсумӣ гуфтанд:

- Ба он кас бо диққат зеҳн монед: чӣ хел мешинад, чӣ хел суҳбат мекунад, чӣ хел хӯрок мехӯрад. Рафтору кирдору гуфтори нағзро аз Деҳотӣ ёд гиред.

Он шом ман аз домулло Деҳотӣ чашм намекандам. Барои муқоиса баъзан ба дигарон ҳам менигаристам. Воқеан ҳам рафтори Деҳотӣ аз дигарон гоҳ андак, гоҳи дигар хеле фарқ мекард. Ӯ ҳамеша ба ҷараёни суҳбат шарик буд, озод сухан мегуфт, ҳангоми сурудхонӣ гоҳе зери лаб ҷӯр мешуд, вале вақти суҳбат боре ҳам садояшро баланд намекард, баланд намехандид ва умуман гуфтору ҳаракати худро идора мекард. Тамоми шом ӯ ҷои худро дигар накард, чанд бор аз ҷояш хеста бошад, боз омада ба ҷои худ менишаст, ба ҷои каси дигар, агар холӣ ҳам бошад, нанишаст. Ва баъдан ман ҳамеша дар меҳмонӣ, дар маҷлисҳо, дар кӯча, дар ҷои кор - ба Деҳотӣ бо диққат зеҳн мемондам. Ӯ ҳамеша бароям намунаи ибрат буд. Тамоми рафтору кирдораш шоистаи омӯзиш буд.

Ман як умр аз Маъсумӣ миннатпазирам, ки борҳо бароям имконият фароҳам сохтаанд, ки аз дигарон одоби рафтор, некиву хайрхоҳӣ, одамият омӯзам. Худи домулло Маъсумӣ

намунаи олии таҷассуми маданият ва одамият буданд, бо ҳар рафтору гуфторашон ба мо, шогирдон. сабақ меомӯхтанд...

Носирҷон Маъсумӣ маслиҳатгӯи камназир буданд. Оид ба ҳамаи масъалаҳои адабиёт (чи классикӣ ва чи муосир), фолклор, забон, лаҳҷашиносӣ, услубшиносӣ, услуби таълим ва умуман оид ба муаммоҳои зиндагӣ ман аз домулло маслиҳат мепурсидам ва боре ҳам пушаймон нашудаам. Носирҷон Маъсумӣ дар илм, дар зиндагӣ ва дар муносибат бо одамон барои шогирдони худ намунаи ибрат буданд».

Дар хобгоҳи Донишкадаи омӯзгорӣ мо бо М. Исматуллоев низ ҳамсояхона будем. Ҳарчанд ки ӯ аз Маъсумӣ ба сол калонтар буд, вале худро аз шогирдони Маъсумӣ меҳисобид. Аз ин хусус дар ёддоштҳояш чунин менависад:

«Баъди аз сафи Армияи советӣ ҷавоб шудан соли 1943 ман ба курси чоруми факултаи филологияи Институти педагогии Душанбе барқарор гардидам. Дарси аввал аз эҷодиёти шифоҳии халқ - фолклор буд. Аз ҷадвал фаҳмидам, ки дарсро Носирҷон Маъсумӣ мегузарад. Дарс сар шуд ва ман нахустин бор Маъсумиро дидам. Вақте ки ҳанӯз дар Институти муаллимони Тошканд мехондам, ӯро ғоибона мешинохтам.

Дар курси чорум мо чор нафар дарс мехондем; ман, Ванда Яблонская, Казакевич ва боз як нафар духтари рус - онҳо ҳама аз Ленинград муҳоҷир шуда, таҳсилро дар Душанбе давом медоданд.

Н. Маъсумӣ ба ғайр аз фолклор аз забони адабии тоҷик дарсҳои умумӣ мегузашт. Соли 1944 мо ба ӯ имтиҳоноти давлатӣ супоридем. Бо тавсияи Маъсумӣ ва ризояти раҳбарияти институт ман дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Институти педагогии ба номи Т. Г. Шевченко ба кор мондам.

Маъсумӣ то охирин лаҳзаҳои умри худ ба наслҳои ҷавон

дониш меомӯхт. Мо дар давоми сиву як сол дар факултаи филологияи тоҷик бо ҳам кор мекардем. Мактаби забоншиносии тоҷик, ки дар Институти педагогӣ ташаккул ёфт, ба номи Маъсумӣ вобаста аст. Асарҳои шогирдони Маъсумӣ аз рушди ин мактаб шаҳодат медиҳанд. Дарсҳои устод Маъсумӣ барои донишҷӯён як ҷаҳон ҷустуҷӯҳои илмӣ ва бозёфтҳо буд. Барои ман ҳамкорӣ бо Маъсумӣ бузургтарин бозёфти маънавӣ ва илмӣ буд. Ман як умр аз устод Маъсумӣ миннатпазирам ва дар назди рӯҳи равшани ӯ сари таъзим фуруд меорам».

***

Бо Раззоқ Ғаффоров мо тобистони соли 1950 дар Самарқанд дар хонаи муаллим Қ. Асадов, ки ошноёнаш ва муаллимони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Институти омӯзгории Самарқандро ба меҳмонӣ даъват карда буд, шинос шудем. Ҳамон вақт байни Р. Ғаффоров ва Маъсумӣ суҳбате воқеъ шуд. Ғаффоров ба назари ман хеле шармгин намуд. Ӯ мегуфт:

— Ман дар маҷаллаҳои «Садои Шарқ» ва «Мактаби советӣ» мақолаҳоятонро хондаам, ҳамчунин асарҳоятонро оид ба адабиёти классикиву муосир, забони ҳозираи тоҷикӣ, таърихи забон ва услубшиносӣ мутолиа кардаам. Ман аз далелу муҳокимаҳои илмӣ, мантиқи баҳс, забону услуби фасеҳи ин асарҳо хеле қаноатмандам ва таъсир бардоштаам. Ният дорам, ки дар мавзӯи забони М. Турсунзода ё Раҳим Ҷалил тадқиқот нависам.

Маъсумӣ андаке андешиду гуфт:

-Ҳардуи мавзӯъ хуб ва барои илми мо муҳим аст. Вале, ба назари ман, эҷодиёти Раҳим Ҷалил аз ин хат хеле аҷиб менамояд, Ин ду сабаб дорад: аввалан, омӯхтани забони шеър зарур аст, зеро дар он воситаҳои забонӣ маҳдуданд. Воситаҳои ифода пеш аз ҳама анъанавиянд, доираи наср бошад, хеле васеътар буда, ба муҳаққиқ бештар мавод

медиҳад. Сониян, забон ва услуби Раҳим Ҷалил бисёр хусусиятҳои хоси худро дорад ва омӯхтани онҳо барои кушодани масъалаҳои чараёни инкишофи забон ва услуби насри кунунии тоҷикӣ мусоидат мекунад.

Андак таваққуф карду илова намуд:

Раҳим Ҷалил дар асарҳояш аз забони зиндаи халқ фаровон истифода намудааст. Муайян кардани воситаҳои тасвир, вазифаҳои услубии онҳо барои таҳлили маҳорати нависанда ва таъйини мақоми ӯ дар инкншофи забони адабии тоҷикӣ аҳамияти калони назарӣ ва амалӣ хоҳад дошт. Ин навъи тадқиқ хеле душвор аст. Касе, ки ба ин кор даст мезанад, бояд ҳам забоншинос ва ҳам адабиётшинос бошад.

Баъдҳо Р. Ғаффоров ба ёд овардааст:

«Ба сабаби бетаҷрибагӣ ман он вақт аҳамияти ин маслиҳатҳои устод Маъсумиро дуруст дарк накарда будаам, вале баъдтар фаҳмидам, ки ӯ вақти интихоби мавзӯи аспирантҳо, ҳамаи ҷиҳатҳоро ба ҳисоб мегирифт, аз ҷумла қобилияту имконоти воқеии аспирантҳоро. Инро ман баъдтар, вақте ки бо домулло дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ҳамкор будем, хеле равшан фаҳмидам.

Он вақт ман дар хусуси маслиҳатҳои Маъсумӣ ҷиддан фикр кардам ва барои рисолаи худ мавзӯи «Забон ва услуби романи Раҳим Ҷалил «Одамони ҷовид»-ро интихоб кардам. Домулло аз ин интихоб қаноатманд шуд ва ризоят дод, ки раҳбари илмии ман бошад.

Устод Маъсумӣ агарчи раҳбари муассисаи илмӣ буду дар ҳамаи риштаҳои илми филология дасти боло дошт, пеш аз он ки мавзӯи рисолаи аспиранташро тасдиқ кунад, онро бо ҳамкасбонаш муҳокима мекард, ақидаи онҳоро мешунавид ва танҳо баъд мавзӯҳоро ба тасдиқи шӯрои олимон мегузошт.

Домулло ба шогирдонаш ниҳоят ҷиддӣ муносибат мекард. Ба мо соати муайян таъйин мекард. Бештар мо дар

охири кор дар утоқи он кас вомехӯрдем. Агар бо сабабе вохӯриамон халал ёбад, маро бегоҳӣ ё рӯзҳои истироҳат ба хонаашон даъват мекарданд, Ман дар ин вохӯриҳо мақола қисмеро аз рисолаам қироат мекардам. Вале ҳангоми суҳбат бо ӯ даступо мехӯрдам, Маъсумӣ инро ҳис мекард ва ба тарзу усулҳои бисёр нозук маро аз чунин ҳолатҳо мераҳонид, ба ман имкон медод, ки худро ба даст гирам. Аз ҳамсараш хоҳиш мекард, ки бароямон чойи кабуд дам кунад.

Маъсумӣ бо шогирдонаш падарона муносибат мекард. Вай табиатан шахси ҳалим буд. Ман ҳеҷ гоҳ нашунидаам, ки ӯ бо садои баланд гап занад, вале тартибу низомеро, ки барои аспирантон муқаррар мекард, худ низ риоят менамуд: ин низоми кори моро таъмин мекард. Вақте ки бо сабабе ин низом халал меёфт, ӯ тарзе ба мо мефаҳмонд ки аз мо қонеъ нест, вақт танг аст.

Ман рисолаамро дар панҷ сол навиштам. Ҳаҷми рисола калон буд, бояд кӯтоҳ мекардам. Рисолаам як сол дар дасти Маъсумӣ монд ва дар ин муддат касе аз ҳардуи мо аз хусуси он ҳарфе назадем. Вақте ки ман автореферати чопшударо ба ӯ овардам ва ӯ санаи ҳимояро дид, гуфт:

- Ман ба назди И. Қ .Нарзиқулов (ноиб-президенти АФ) меравам ва хоҳиш мекунам, ки ба ман даҳ рӯз барои кор кардан дар хона иҷозат диҳад, то ки бо рисолаи шумо машғул шавам.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Мо даҳ рӯз бо ҳам кор кардем ва рисола дар муҳлати тайиншуда ба ҳимоя пешниҳод гардид.

Ман ифтихор мекунам ки таҳти роҳбарии Маъсумӣ рисолаамро навиштаму дифоъ кардам. Дар ҷараёни ҳамкории чандинсола ман аз ин устоди пурдон, шахси меҳрубон бисёр омӯхтам...».

Маъсумӣ Р. Ғаффоровро ҳамчун шогирди меҳнатдӯст, донишманд ва соҳибистеъдод хеле эҳтиром мекард. Боре тобистон ману Маъсумӣ ба Самарқанд рафтем. Моро Раҳи-

мҷон Муқимов профессори Университети Самарқанд ва Р. Ғаффоров пешвоз гирифтанд. Онҳо моро дар меҳмонхонаи «Регистон» ҷой карданд, сипас Р. Муқимов пешниҳод кард, ки ба мошини ӯ шинему барои шашлик хӯрдан берун аз шаҳр биравем. Аз кӯчаву тангкӯчаҳои Самарқанди қадим мегузаштем. Ҳама хонаҳо тақрибан болохона доштанд, тирезаҳо ба ҷониби ҳавлиҳо буданд. Ба назди яке аз ин гуна хонаҳо расидем, ки Р. Ғаффоров хоҳиш кард мошинро нигоҳ доранд ва гуфт:

- Ин ҷо хеши ман Сироҷиддин истиқомат мекунад. Агар дароем, бисёр хурсанд мешавад.

Мо он рӯз ба ҷое шитоб надоштем, аммо Муқимов хандиду эътироз кард:

- Ба ин хона дароӣ, зуд намебароӣ! Ман намедароям!

Ману Носир ба ҳам менигаристем, ба Ғаффоров ташаккур гуфтем ва хостем, ки мо бо Муқимов биравем. Дар ҳамин асно хӯҷаини хона Сироҷиддин суҳбати моро шунида аз дар баромад ва дигар узри моро қабул накард. Мизбони ниҳоят меҳмондӯст гуфт, ки ба ҳар яки мо танҳо якдонаӣ гули садбарг медиҳад ва дигар таманное аз мо надорад. Хулоса, мо маҷбур будем ба ҳавлӣ дароем, Муқимов табассуми маънидоре карду рафт.

Ҳавлӣ бисёр озода буд, садбарг ва дигар хел гулҳо мешукуфтанд, ҳаво муаттар буд. Дар боғчаи назди ҳавлӣ дарахтони мева ва чанд бех ток меруст, аз хавозаҳои ток хӯшаҳои ангур овезон буданд, зери яке аз ҳавозаҳо кати палоспӯш, дар рӯи он хонтахта меистод ва дастархони пурнеъмат ороста буд.

Мо баҳузур нишастем. Хӯҷаини хона Сироҷиддин ба ҳар яки мо якдонагӣ гули садбарг тақдим кард. Дере нагузашта ӯву ҳамсараш чой, ангур ва нони гарм оварданд. Баъди овардани хӯрок соҳибхона гуфт, ки дар фароғатгоҳи Қафқоз будаасту аз он ҷо ду шохи майнӯшӣ овардааст. Ба хона

даромада он ду шохро овард ва гуфт:

- Домулло, ҳамин шоххо қатӣ яктагӣ нӯшем.

Соҳибхонаи ҳимматбаланд мекӯшид, ки шоххоро аз коняк лабрез кунад. Мо ҳайрон шудем. Ҳамсараш ба ӯ мегуфт, ки худро ба даст гираду хоксоронатар рафтор кунад, вале шавҳараш ба суханони ӯ гӯш намедод. Ғаффоров аз рафтори хешаш дар хиҷолат монд, зуд ба хона рафту косаеро оварда зери хонтахта гузошт. Маъсумӣ номаълумакак конякро ба он коса мерехт, соҳибхона зуд маст шуд, боз шоххоро пур карду айни ҳамон суханонро такрор намуд:

- Ҳамин шоххо-катӣ яктагӣ нӯшем!

Маъсумӣ табассумкунон ба ӯ нигаристу гуфт:

- Мулло Сироҷ бас акнун, донистем, ки дута шохатон будааст.

Ба Сироҷиддин ин суханон бисёр хуш омад ва онҳоро такрор мекард:

- Ҳа, дута шохамон ҳаст!

Маъсумӣ аз «олиҳимматӣ»-и соҳибхона андак ранҷид. Мо узр хостему зуд хестем. Соҳибхоназан гаштаву баргашта узр мехост. Мо ба мизбонон ташаккур гуфтему ба ҳар ҳол бо табъи хира рафтем. Танҳо баъд фаҳмидем, ки Муқимов чаро механдиду ба ин хона надаромада буд.

Субҳи рӯзи дигар дари утоқи моро кӯфтанд. Ман зуд назди дар омада пурсидам, ки кист. Ба ҷои ҷавоб баосеро шунидам. Ман бори дигар пурсидам, дар ҷавоб шунидам:

- Соҳиби шох!

Дарро кушодам. Салому алейк кардем. Сироҷиддин хиҷолатзада буд. Маъсумиро диду ду ангушташро ба чаккаҳояш гузошта баос зад. Бори дигар узр хосту гуфт:

- Ману оилаам бисёр маъзарат мехоҳем ва илтимос мекунем, ки дар хусуси мо гумони бад надошта бошед. Хоҳишмандем, ки фардо соати чори рӯз меҳмони мо шавед.

Носир дар ҷавоб гуфт:

- Хайр, чунин ҳисоб мекунем, ки мо дар хонаи шумо набудем ва аз шиносоӣ бо оилаи шумо бисёр шод мешавем.

Сироҷиддин бо худ қаймоқу нон оварда буд. Ман чой дам кардам ва ҳарсеямон якҷоя ношто хӯрдем.

Рӯзи дигар мо бо Ғаффоров аз рӯи ваъда ба меҳмонӣ рафтем. Ин дафъа Сироҷиддинро шинохта намешуд. Вай ҳушёр ва ниҳоят меҳмондӯст буд. Аҳли оила воқеан ҳама аз омадани мо бисёр хурсанд буданд.

Ин дафъа моро ба болохона бурданд. Дар паси мизи мудавваре, ки рӯяшро дастархони оҳарии сап-сафед мепӯшонд, марди бисёр зебои қадбаланд, миёнсол ва зиёинамуд менишаст. Сироҷиддин ӯро муаррифи кард:

- Ин кас Шариф Акрамов.

Писарони соҳибхона нон, мева, чой ва хӯрокиву нӯшокиҳои гуногун оварданд. Асбоби айш муҳайё шуд. Баъди андак сархуш шудан суҳбат қӯр гирифт. Ва Носир бо овози паст ба замзамаи суруди «Пушту паноҳи ман буд…, ки матнаш аз Ҳилолист, шурӯъ кард. Шариф Акрамов суруди Маъсумиро бо диққат гӯш мекард, Ғаффоров ва Сироҷиддин бо табассум онҳоро наззора мекарданд. Вақте ки Маъсумӣ сурудро ба охир расонид, Акрамов аз ӯ пурсид:

- Шумо медонед, ки оҳанги ин суруд аз кист?

Маъсумӣ ҷавоб дод:

- Ин оҳанг ба ман бисёр маъқул аст ва ҳар вақт ки табъам чоқ бошад, ин сурудро мехонам.

Он вақт Акрамов гуфт:

— Ин оҳангро ман эҷод кардаам. Мехоҳам арз кунам, ки як зарбаи онро шумо нодуруст мехонед.

Ва ӯ ногаҳон аз ҷой хест, аз девор рубобро гирифт ва ҳамин ки ба нохун задан шурӯъ кард, оҳанги дилпазире садо дод ва ӯ хондани шеъри «Пушту паноҳи ман буд...»-ро оғоз намуд. Суруд мисли садои рӯд дар баҳорон резон мешуд, овози хуш бо садои рубоб комилан ҷур буд ва шунаванда-

ро мафтун мекард.

Мо нафас накашида гӯш мекардем. Носир ба овозхонии ӯ ҷӯр шуд ва ҳамзамон хатои худро ислоҳ мекард. Сипас онҳо якҷоя боз чанд суруди классикӣ хонданд.

Носир дар симои Шариф Акрамов на танҳо оҳангсозу овозхони мумтоз, инчунин донишманди адабиёти классикиро кашф намуд. Андак-андак онҳо ба мушоира гузаштанд... Ин шоми шеъру суруд, ки ғайри чашмдошти мо баргузор шуд, дар дилу хотири мо таассуроти гуворое боқӣ гузошт.

***

Маъсумӣ ҳоло дар ҳаёт нест, вале агар мебуд, аз дидану донистани чунин ҳақиқат, ки шогирдонаш қуллаҳои баланди илмро кашф кардаанду кори ӯро идома медиҳанд, меболид, курта-курта гӯшт мегирифт.

Барои ман солҳои зиёд ҳамроҳи Маъсумӣ будану зистан бахти баланд буд. Гуфтан мумкин аст, ки ӯ маънии ҳаёти ман буд, азизам медошту азизаш медоштам. Инсони комил буд ӯ. Ҳузурашу суҳбаташ сабуку гуворо, ба наздикону атрофиёнаш меҳрубон буд. Ором буд рафтораш, дар суҳбат ҳеҷ гоҳ садо баланд намекард, ҳамсуҳбаташро бо тамкину таҳаммул гӯш мекард, суханашро намебурид, фикрашро равшан ифода менамуд, рӯҳи касро метавонист моҳирона бубардорад, ёриву дастгириашро дареғ намедошт. Барои суҳбату маслиҳат, ёриву дастгирӣ ба ӯ бисёр касон мурочиат мекарданд, хусусан, ҷавонон. Ба кори дигарон ёрӣ мерасонд ва худаш кор карданро дӯст медошт.

Ӯ ҳарчанд солҳои дароз директори Институти забон ва адабиёт, академик-котиби шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи улум буд, вале пайваста дар Институти педагогии Душанбе дарс мегуфт. Ӯ донишҷӯёнро дӯст медошт ва дар байни онҳо буданро барои худ зарур медонист. Рӯзҳои шанбе ӯ ба Институти педагогӣ мешитофт, ҳеч гоҳ бесабаб ба дарс дер намекард.

Барои Маъсумӣ корҳои дараҷаи аввалу дувум вуҷуд надоштанд — ҳама муҳим буданд. Қариб ҳамеша банду машғул буд. Корҳои давлативу ҷамъиятии бисёр дошт: намояндаи  халқ, узви Раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон, раиси шуъбаи Тоҷикистони Ҷамъияти дӯстии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Афғонистон ва ғайраву ҳоказо. Бисёр китоб мехонд, дастнависҳои дигаронро боз бештар. Маҷлису машваратҳо, шӯроҳои илмӣ, суҳбатҳои дӯстон, мулоқотҳои расмӣ - ин ҳама вақти зиёд аз ӯ мехост. Бисёр сафар мекард. Ӯ қариб ба ҳамаи мамлакатҳои араб рафта буд, чанд бор ба Афғонистону Эрон мусофират дошт. Дар семинари байналхалқии оид ба тарҷума дар Афғонистон ширкат варзида буд.

Маъсумӣ вақте ки корро ба анҷом мерасонд, кӯдаквор шодӣ мекард. Вақте ки ба кор нуқтаи охиринро мегузошт - хоҳ рӯз бошад, хоҳ шаб - бо овози на он қадар баланд «ура!» мегуфт. Агар шаб бошад — аслан бештар ҳамин хел буд - Маъсумӣ дар ҳамаи утоқҳо чароғро дармегиронд, ба плита чой мегузошт ва мо шабона чой менӯшидем, оид ба кори анҷомёфта мубодилаи назар мекардем. Ман борҳо шунидам, ки ӯ мегуфт: «Аз кори карда қаноатманд будан хушбахтист!».

Чунин воқеъ мешуд, ки Маъсумӣ бояд субҳ мақолаеро ба идораи рӯзномае бубарад. Ӯ аз ман хоҳиш мекард, ки шабона чоп кунам, то ин ки барои хондани баъди мошинка фурсат дошта бошаду сипас дар вақти таъйиншуда ба рӯзнома барад. Ин хел корҳо қариби саҳар анҷом меёфтанд ва мо ҳарду ба айвон мебаромадему субҳро бо ҳам истиқбол менамудем. Хаста, вале хушбахт мебудем он лаҳзаҳо!

Вақте ки ба рухсатии меҳнатӣ мерафтем, ҳар яки мо ҷомадони худро дошт. Барои либос Дар ҷомадонҳо ҷой камӣ мекард. Носир ҷомадони худро бо рисолаҳои аспирантон, дастнависҳои илмӣ ё адабии касони дигар пур мекард. Китоб ва маводи барояш зарурро мегирифт. Ман ба ҷомадони

худ мошинкаи чопии дастиро меандохтам, ки ба алифбои тоҷикӣ мувофиқ кунонида шуда буд, китобу маводеро, ки ба ҷомадони Носир намеғунҷиданд, низ ба ҷомадони ман ҷой мекардем. Ҷомадонҳо ниҳоят вазнин мешуданд, ман ғур-ғур мекардам:

- Мо куҷо меравем? Охир ин рухсатии меҳнатӣ аст ё ба-дарғаи корӣ?

Ӯ ба ваҷд меомаду ҷавоб медод:

- Модом ки рухсатии меҳнатӣ бошад, бояд меҳнат кард!

Мо бисёр вақт ба Ялта мерафтем, ба Хонаи эҷодиёти ба номи А.П.Чехов. Дар баҳр оббозӣ мекардем, ба саёҳатҳо мерафтем, вале дар давоми рухсатӣ Маъсумӣ бисёр корҳо-ро низ анҷом медод: рисолаҳои аспирантонро мехонд, дас-тнависҳои касони дигаро таҳрир мекард, мақолаву рисолаҳо, менавишт. Масалан, дар давоми як отпуск мақолаи «Мирзо Турсунзода» навишта, мунтахаби ашъори Муҳаммадҷон Раҳимӣ таҳрир ва ба чоп омода карда, мунтахаби ашъори Туғрал аз ҳуруфи арабӣ ба кириллӣ гардонида, ба он му-қаддима навишта, ба чоп омода карда шуд.

Дар Ялта мо бо одамони наҷиб вохӯрдем. С.Я. Маршак, В.Б.Шкловский, антрополог М. М. Герасимов аз ҳамин ҷумла буданд.

## ҲАМКОРОН, ДӮСТОН, ШОГИРДОН

Вақте ки мо дар хобгоҳи Институти педагогӣ мезистем, ман бори аввал Шавкат Норович Ниёзиро дидам. Ӯ ходими намоёни маориф ва забоншиноси маъруф буд. Аз соли 1947 то охири умраш дар шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти АИ Тоҷикистон кор мекард.

Ниёзӣ яке аз фаъолони ба лотинӣ ва баъдтар аз лотинӣ ба кириллӣ баргардонидани алифбои тоҷикӣ, ҳамчунин яке аз муаллифони китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои мак-табҳои миёна ва олӣ буд. Ба қалами ӯ як қатор дастурҳои

методӣ ва таълимӣ навишта шудааст.

Шавкат Норович зуд-зуд ба хонаи мо меомад, бо Маъсумӣ соатҳо нишаста, масъалаҳои кор, шогирдон, китобҳо ва ғайраро ҷиддан муҳокима ва машварат мекарданд. Ӯро низ нарасидани дастурҳои методии таълим, барномаҳои таълим, китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ба изтироб меовард.

Ш. Ниёзӣ шахси воқеан зиёӣ буд. Қадди аз миёна болотар, мӯи андак ҷингила дошт, ҳамеша либоси озода мепӯшид, лоғарандом буд, нарм сухан мегуфт, ҳамсуҳбаташро бо диққати тамом гӯш мекард. Ҳангоми гап задан ангушт ба лаб мениҳод. Ӯ муаллим ва муҳаққиқи соҳибтаҷриба буд. Бо Маъсумӣ гӯё ҳамдигарро такмил медоданд. Бо шавқи тамом ҳамкорӣ мекарданд. Вақте ки ба онҳо менигаристам, ба назарам чунин менамуд, ки ба ҳамдигар монандие доранд, якдигарро сидқан эҳтиром мекарданд. Маъсумӣ аз таҷрибаи бузурги педагогии Ниёзӣ сабақ меомӯхт.

Боре Шавкат Ниёзӣ ба мо китоби дарсии касеро овард, ки мебоист субҳи рӯзи дигар дар коллегияи Вазорати маориф муҳокима мешуд ва ӯ аз серкорӣ онро хондаву тақриз навишта натавонистааст. Китобро дар нимаи дувуми рӯз овард ва то соати даҳи пагоҳии рӯзи дигар тақриз бояд омода мешуд. Носир ба ҳаҷми калонакаки китоб назар карду гуфт:

- Дар ин муддати кӯтоҳ ин китобро хондану ба он тақриз навиштан душвор, лекин кӯшиш мекунам...

Ш. Ниёзӣ умедвор шуду зуд рафт ва Маъсумӣ фавран сари кор нишаст. Ҳар замон аз ман хоҳиш мекард, ки чойи талхи фомилӣ биёрам. То субҳи рӯзи дигар Маъсумӣ китобро хонда, тақризро навишт. Сипас, китобро ба шакле, ки гирифта буд, хушрӯякак печонд ва ба ҳамон ҷое гузошт, ки Ниёзӣ монда рафта буд. Ором шуд, ки корро иҷро кард ва хандакунон гуфт:

- Ҳоло Ниёзӣ меояд, лекин ман намегӯям, ки корро иҷро

кардам.

Қариби соати нуҳ Ниёзӣ омад. Китоб дар ҳамон ҷое меистод, ки дирӯз гузошта буд. Носир гуфт:

- Ҳар қадар хостам, вале корро тамом карда натавонистам.

Ш. Ниёзӣ сурх шуд, узр хост, худро ноҳинҷор ҳис мекард, Носир бо табассум ба ӯ менигарист, сипас ба оғӯш кашиду гуфт:

- Ҳамааш дар ҷояш!

Ш. Ниёзӣ хурсанд шуд, корро гирифту зуд рафт.

Ман аз муносибати аҷиби дӯстона ва кории онҳо ҳаловат мебурдам.

***

Мо аз аввали баҳор то фуромадани аввалин хунукиҳои тирамоҳ рӯзҳои шанбеву якшанберо дар фароғатгоҳи Иттифоқи нависандагон, ки дар дараи Варзоб воқеъ аст, мегузаронидем. Дар он фароғатгоҳ Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Гулчеҳра Сулаймонова, Аминҷон Шукӯҳӣ, Абдумалик Баҳорӣ, Ҳоҷӣ Содиқ истироҳат ва кор мекарданд.

Баъзан чунин воқеъ мешуд, ки Носир саргарми кор мегашт ва аз фаро расидани субҳ бехабар мемонд ва баъде ки ба худ меомад, шӯхиомез мегуфт:

- Хайр вақти аз хоб хестан расидааст! ... Тарбияи баданро шурӯъ мекунем!..

Сигор дармегиронд ва дар ҳоле ки дар даҳонаш сигор буд, ба машқҳои ҷисмонӣ шурӯъ мекард. Ман меошуфтам:

- Носир! Аз ҳавои тоза нафас каш!

Ӯ сигорро аз даҳон ба даст мегирифту табассумкунон машқҳои ҷисмонии худро идома медод. Ӯ ҷисман қавӣ набуд, бисёр тамоку мекашид. Ман мекӯшидам, ки барояш зарари тамокуро исбот кунам, вале суханонам ба вай таъсир надоштанд. Ҳамин ки як сигорро кашида тамом мекард, фавран дигарашро дармегиронд. Ман илоҷе намеёфтам ва

аз алам мегуфтам:

- Кай ин кашандагии бузург тамом мешуда бошад?

Фароғатгоҳ муҳити хубу ором дошт: ҳавои тоза, сабзазор, дарахтону гулҳои гуногун, чашмаи шифобахш ва рӯди Варзоб. Носир пурмаҳсул кор мекард. Саҳаргоҳон булбулону мурғони хушнаво чаҳ-чаҳ мекарданд, Носир ба хониши онҳо гӯш медоду аз ман мепурсид:

- Вера, оё медонӣ, ки мурғи заргулдор чӣ мегӯяд?

- Намедонам.

- Гӯш кун, вай мегӯяд: «Духтари сӯфӣ, биё!».

Ӯ фароғатгоҳро дӯст медошт ва фаро расидани рӯзи шанберо интизор мешуд.

Маъсумӣ табиатро, мурғону ҳайвонотро дӯст медошт. Вақте ки мо дар ҳавлии худ зиндагӣ мекардем, қумриву саъба доштем. Маъсумӣ қафасе баландтар аз қадди одам фармуда созонда буд, ки дар даруни он тӯтиҳои рангоранг сайру гашт мекарданд. Дар ҳавлӣ чанд кабк озодона мегаштанд.

Рӯзе ман муддати зиёдтар дар хона набудам. Вақте ки омадаму дарвозаро боз кардам, хуш аз сарам канд: Носир меистоду тамоку мекашид, ором буду гӯё воқеае рух надодааст. Мани ҳайратзада пурсидам:

- Худаш чӣ гап? Чаро шишаи тирезаҳои айвон шикастаааст?

Рӯи ҳавлӣ пур аз шишапораҳо буд.

- Носир, оё заминҷунбӣ нашудааст? Дар хона ҳама сиҳатанд? Чӣ воқеа рух дод?

Ӯро ҳолати ҳайратзадаи ман ба ташвиш овард:

- Ҳеҷ гап нашудааст, ҳама сиҳат саломатанд. Дар хона ман танҳоям. Ту ғам нахӯр, шишаҳоро дуруст мекунанд. Ман ба рафиқам занг задам, вай ҳамроҳи устои шишамон меояд. Медонӣ, ба мо оҳубараи хурдакаку зебоякро туҳфа карданд! Вай ҳанӯз шох набаровардааст, лекин чунон зебост,

чашмонаш чунон дилрабо, чунон тездав аст, ки...

- Боз чӣ хел оҳубара?

Ба атроф нигаристаму фаҳмидам... худ ба худ гуфтам, ки агар шох барорад, аҳвол чӣ хел мешуда бошад?

- Куҷост вай? - пурсидам бо малол.

- Вайро дар ин ҷо нигоҳ доштан душвор шуд. Чунон ки мебинӣ, тамоми шишаи тирезаҳоро шикаст. Дар хона касе нест. Ман вайро базӯр ба ҷомашӯйхона бурдам, дари ваннахонаро бастам.

Аз рӯи шишапораҳо гузашта, ҳарду назди оҳубара рафтем. Ними болои дари ҷомашӯйхона шишабанд буд. Оҳубара ин ҷо низ шишаро шикастааст, вале парида натавонистааст. Вай воқеан зебо буд, вале аз тарс меларзид. Носир ба ман нигаристу гуфт:

- Медонӣ, ба мо боз ду мурғи ҳилол туҳфа карданд!

Ман тамоман гаранг шудам:

- Носир! Чӣ кор мекунем? Охир ин ҷонвараки зеборо дар бандагӣ нигоҳ дошта намешавад-ку, ба вай озодӣ даркор! Мурғони ҳилол чӣ мешаванд, охир он ҷо дар ин ҳавои гарм нафасгир хоҳанд шуд!

Ҳавли мо серсоя буд, аз байнаш ҷӯйчаи пур аз оби соф мегузашт, вале аз ин ҳоли мурғони ҳилол сабук намешуд. Маъсумӣ алаф канда, тарбузу харбуза пора карда, назди мурғон гузошт. Ба онҳо гандумдона, нонмайда дод, вале онҳо ба ғизо нигоҳ ҳам намекарданд. Оҳубара бошад, ҳамин ки моро медид, худро аз гӯша ба гӯшае мезад...

Носир ташвиши маро ҳис кард:

- Хавотир нашав, ман аллакай телефон кардам. Пагоҳ рафиқам бо устои шишамон меояд, вай тӯри калоне доштааст Мо якчоя маслиҳат мекунем, ки барои оҳубара қафасро чӣ хел созему дар куҷо монем.

Дигар илоҷ набуд. Мо якҷоя шишаҳоро ҷамъ кардем. Рӯзи дигар рафиқе омад, ки ман бори аввал медидам. Ҳамроҳаш

устои шишамонро ҳам овард. Шишаҳоро дар ҳамаи тирезаҳо барқарор карданд. Ҷои тӯрқафасро низ муайян намуданд. Рӯзи дигар тӯрро оварданд. Бегоҳӣ турқафас тайёр шуд ва оҳубараро даруни он сар доданд. Ҳолаш раҳмангез буд, озодӣ мехост, ғизо намехӯрд. Мурғони ҳилол дар назди девор худро ба соя кашида, ба ҳамдигар ҷафс шуда, дар лаби ҷӯй меистоданд. Ба ҳар ҳол ҳавои шаҳр ба мурғони кӯҳӣ гармӣ мекард. Мо чӣ кор карданамонро намедонистем. Носир рӯҳан азоб мекашид, вале илоҷе намеёфт.

Аз афташ Носир дар суҳбат бо Камол Айнӣ дар омади гап гуфтааст, ки мо оҳубара дорему дар куҷо нигоҳ доштанамонро намедонем. Камол Айнӣ гуфтааст, ки агар хоҳед оҳубараро ба ман диҳед, мо ҷой дорем. Маъсумӣ бо мамнуният ҷонваракро ба Камол Садриддинович туҳфа кард. Мурғони ҳилол ба ҳар ҳол баъди чанд рӯз ба гармӣ тоб оварда натавониста ҳалок шуданд.

Чанд сол гузашт. Боре бо К. Айнӣ дар кӯча вохӯрдем ва дар омади гап аз ӯ дар бораи оҳубара пурсидам.

Ӯ гуфт:

- Вай калон ва бисёр зебо шуд. Шохҳояш дарозу печон шуданд. Мо маҷбур шудем вайро ба боғи ҳайвонот супорем.

Ман ба ӯ маънидорона нигаристам, дар дилам хандидам, вале чизе нагуфтам.

Вақте ки мо дар курорти Сочи будем, Маъсумӣ аз магазини гулфурӯшӣ ду бутта сарвро дар гулдонҳо харид. Баъди баргаштанамон ба Душанбе онҳоро ба ҳавлӣ шинонд. Буттаҳои сарв дар ҳавлии мо сабз шуданд, вақте ки мо ҳавлиамонро ба давлат супоридему соли 1967 худ ба квартираи давлатӣ кӯчидем, Маъсумӣ аз директори музеи С. Айнӣ Мамедов хоҳиш кард, ки ин сарвҳоро аз ҳавлии мо кӯчонида ба ҳавлии музей шинонад. Мамедов дарахтонро кӯчонд, онҳо қад кашида, мавзуну зебо шуданд ва то ҳол сабзу хурраманд. Қафасро бо қумриву саъбаву тӯтиҳо Маъ-

сумӣ ба гӯшаи табиатшиносии мактаби № 53 тухфа кард.

Маъсумӣ дар ҳавлӣ кор мекарду дам мегирифт. Дар ҳавлии мо гулҳои садбарг бисёр буданд. Ӯ онҳоро пайванд мекард. Дар як бутта садбаргҳои гуногунранг мешукуфтанд: сафед, сафеди сабзранг, қирмизӣ, гулобӣ ва ғайра. Ба як дарахти себ чор навъи себро пайванд карда буд, ба дарахти биҳӣ, ки беҳосил буд, нок пайванд карда буд, ҳосили он калон-калон, сероб ва хушбӯй буд. Маъсумӣ аз кори деҳқонӣ воқеан дам мегирифт ва ҳеҷ монда намешуд.

* * *

Маъсумӣ нисбат ба худ серталаб буд, дар ҷои кор сахтгир буд, вале дар хона дасткушод, меҳмоннавоз ва хушсуҳбат буд. Дар хонаи мо М.Турсунзода, А. Деҳотӣ, Б. Раҳимзода, Суҳайлӣ, Ҳ. Назаров, И. Раҳматов, олимону адибони он вақтҳо ҷавон А. Маниёзов, А. Сайфуллоев, Р. Ғаффоров, М. Шукуров ва дигар дӯстон зуд-зуд ҷамъ меомаданд. Дар ин ҷамъомадҳо суҳбатҳои корӣ ва самимӣ баргузор мешуданд.

Дар ин гуна мавридҳо ба корҳои хоҷагии ман занони нозанини дӯстони мо ёрӣ мерасонданд. Н. С. Назарова, И. Л. Раҳматова, Л. Л. Бобоева ҳамроҳи ман кор мекарданд, мо хӯрок мепухтем, дастурхонро оро медодем, шӯхӣ мекардем, механдидем, хушбахт будем. Ёрдамчии якуми ошпаз ҳамеша Боқӣ Раҳимзода буд. Палавро мо одатан дар ошхонаи тобистона мепухтем. Боқӣ шӯхиомезона ба худ қиёфаи ошпази таҷрибадорро мегирифт. Барои зебаш, то он ки аз сари тоси Боқӣ мабодо мӯе ба дег афтад, ман ба рӯймолак сари ӯро мебастам, ба миёнаш пешдоман мебастам.

Одатан бандҳои пешдоман ба миёни ӯ намерасиданд, мо ба банде ришта мебастем ва ман дар ин мавридҳо мегуфтам:

- Боқӣ, охир кай шумо химчамиён мешавед?

- О, Верахон! Агар шумо медонистед, ки дар хидмати сар-

бозӣ чӣ азобҳое ман кашидаам!

- Канӣ, шунавем, — мегуфтам ман.

Боқӣ ҳикоятяти худро аз хидмати сарбозиаш оғоз мекард:

«Маро дар солҳои ҷанг ба хидмати ҳарбӣ даъват карданд Ба хотиратон бошад, тамоми чизҳоям ва ҳуҷҷатҳоямро дар хонаи шумоён монда будам... Дар қисме, ки моро оварданд, либосу пойафзоли андозаи ман набудааст. Коре карда ба ман сару либос пӯшонданд. Дар взвод ман дар ҷои дувуми саф меистодам. Командир фармон дод: «Рост шав! Баробар шав!» Ман ба сарбози якум баробар шудам, вале баъд фармони навро шунидам: «Раҳимзода, шикамро бардоред!» Дар рӯзҳои аввали хизмат пилоткаро аз болои тоқӣ ба сар мекашидам, шояд сарам ҳам ба назари мардум чоркунҷа менамуд. Баъди фармони «шикамро бардоред!» дасти чапамро рӯи сина мегузоштам, дасти ростамро ба чакка мебурдам, яъне итоатманд буданамро нишон медодам, танаамро ба пеш хам мекардаму «Хуб, хуб!» мегуфтам. Ҳама механдиданд. Командир сафи ноҳинҷорро медиду боз фармон медод: «Раҳимзода, баробар шав!» Бо ҷуссаи ман ба саф баробар шудан душвор буд. Ҳама ба ҳолам механдиданд, интизом вайрон мешуд. Ниҳоят худи командир ҳам тоқат карда наметавонист ва ба ханда ҳамроҳ мешуд, вале худро ба даст мегирифту фармон медод: «Гапу ханда бас карда шавад!» Сипас: «Раҳимзода, се қадам пеш баро!», ман бо дасти рост ба чаккаву дасти чап рӯи сина се қадамро шумурда пеш баромадам ва таъзимкунон «Хуб, хуб!» гуфтам. Боз ҳама механдиданд. Командир маро ба рӯи харак ва баъди тамом шудани дарс ба казарма мефиристод. Ин ҳол чанд рӯз давом мекард. Рӯзе маро командир ба наздаш хосту эълон кард, ки метавонам ба хона баргардам. Маро аз хизмат озод карданд ва корномаи ҳарбии ман хотима ёфт».

Ҳузури Боқӣ Раҳимзода ҳамеша хандаангез буд. Аз худи

остона ӯ сухани хандаоваре мегуфт, касе ба ӯ ҷавоби муносиб мегардонд. Садои ханда баланд мешуд ва фазои ҳавлиро пур мекард. Боқиро аз ҳолати мувозинат баровардан ҳеҷ мумкин нашуд. Ӯ ҳеҷ гоҳ ошуфта намешуд, ба шӯхӣ бо шӯхӣ ҷавоб мегардонд.

Суҳайлӣ Ҷавҳаризода инсони ниҳоят аҷиб буд. Андоми лоғар, қадди паст, чашмони танги ҳамеша дурахшон ва пурмеҳр дошт. Биниаш дароз ва лабонаш моили табассум буданд. Ба ӯ менигаристиву эҳсос мекардӣ, ки ҳар лаҳза барои кори хайре кардан ба касе омода аст. Ҳар гуна шӯхиро ҷиддан қабул мекард. Мо ҳамсоя будем ва зуд-зуд вомехӯрдем. Боре субҳ Суҳайлиро дидаму ҳайрон шудам. Либосаш аҷиб буд. Ба тан палтои бисёр зебои кабудранги дубара дошт. Палто чунон дароз буд, ки панҷаҳояш дар остин буданд. Тугмаҳои палто нагузаронда, барҳояш мисли барҳои ҷома ба ҳам кашида шуда буданд. Ба сар шляпаи фетр дошт, ки мисли телпак то пешонӣ фурӯ кашида буд, гӯшҳояшро пинҳон мекард, аз зери он чашмонаш базӯр менамуданд. Ба пой калӯшу маҳсӣ пӯшида буд.

Ба хона омадаму ба Маъсумӣ аз аҷобати либоси Суҳайлӣ ҳикоят кардам. Носир хандид:

- Суҳайлӣ ин шляпаи бисёр зеборо харидааст, вале ба сараш калон будааст. Касе шӯхӣ карда гуфтааст, ки агар айвони шляпаро бурида партояд, ба сараш мувофиқ хоҳад шуд.

Баъи чанд вақт Суҳайлӣ ба хонаи мо омад.

Носир пурсид:

- Домулло, чаро айвони шляпаро ин хел буридед?

Суҳайлӣ ҷавоб дод:

- Ман мехостам айвонашро кӯтоҳтар кунам, то шляпа тангтар шавад. Лекин ҳеҷ танг набуд ва лозим омад, ки ҳамаашро бурида партоям.

Вақтҳое ки Суҳайлӣ меҳмони мо мешуд, суҳбати рафи-

қонро бо диққат гӯш мекард, бо ҳама розӣ мешуд, ба ҳама» пурсишҳо ҷавоби мусбат медод.

Деҳотӣ низ ҳамсуҳбати худро бо диққати тамом гӯш мекард, вале на ҳамеша ба гуфтаҳои ӯ розӣ мешуд. Баъзан ҳамсуҳбаташро мавриди шӯхиву ҳазлҳои рафиқона қарор медод.

Деҳотӣ шунавоии мусиқӣ ва овози форами сурудхонӣ надошт. Боре зимистон Деҳотӣ ва Маъсумӣ дар хонаи мо луғати русӣ-тоҷикиро таҳрир мекарданд. Ман чанд бор ба зал, ки онҳо кор мекарданд, даромадам ва мешунидам, ки Деҳотӣ ҳар замон садое дар меорад, Мешинад-мешинаду якбора «у-у-у» мегӯяд.

Ба Носир нигаристаму дидам, ки ором нишастаасту ба ӯ аҳамият ҳам намедиҳад. Гумон кардам, ки Деҳотӣ нотоб аст. Аз Носир хоҳиш кардам, ки ба ошхона гузарад, сипас пурсидам:

- Ба Деҳотӣ чӣ шудааст? Шояд ба ӯ доруи сулфа диҳам?

Носир ҳайрон шуду ба ман нигаристу гуфт:

- Ӯ бемор нест!

- Пас чаро ҳар замон ким-чи хел садом аҷиб мебарорад?

Носир ҷавоб дод:

- Ин садо не, Деҳотӣ суруд мехонад.

- Чӣ хел? — ҳайрон шудам ман.

- Бале, суруд мехонад!

Ман қонеъ нашудам ва пурсидам:

- Чӣ суруде мехонад?

- «Овораамро»- ро мехонад.

Ман аз хандадаи худро базӯр нигоҳ доштам. Он рӯзҳо филми ҳиндии «Оворагард»-ро нишон медоданд. Дар он филм ҳамин хел суруд ҳаст ва оҳанги он Деҳотиро ором намегузошт.

* * *

Мирзо Турсунзода ва Носирҷон Маъсумӣ ҳамдеҳаанд.

Ҳарду аз Қаратоғанд. Кулбаҳояшон низ бари ҳам будааст. Носири хурдсол бо модару таго аз босмачиён гурехта, пиёда ба Самарқанд рафт, Мирзо Турсунзода баъди фавти модараш пиёда роҳи Душанберо пеш гирифт.

Дар миёнаҳои солҳои сӣ онҳо боз дар Душанбе вохӯрданд ва то охири умр ҳамнафас буданд.

Хонаҳои мо бар ба бар буданду мо зуд-зуд вомехӯрдем. Дӯстиамон оилавӣ буд, бачаҳоямон бо ҳам бозӣ мекарданд, дар як мактаб мехонданд.

Боре Турсунзода ба хонаи мо омад, саломү алейк карду рӯи диван нишаст. Маъсумӣ аз паҳлуи ӯ ҷой гирифт. Ман чой овардам ба пиёлаҳо рехтаму паси миз нишастам. Онҳо суҳбат мекарданду дар чеҳраашон аломати ҳасрат буд. Маълум шуд, ки аз овони кӯдакӣ ёд мекардаанд, аз Қаратоғу ҳамдеҳагон. Ҳар кадом айёми кӯдакиро ба таври худ ба ёд дошт. Мирзо Турсунович он айёмро бо алам ба хотир меоварду мегуфт:

- Баъди аз деҳа рафтан, албатта ҷаҳонбинии ман рӯз то рӯз тағйир меёфт. Бароям дар атроф ҳама чиз тоза менамуданд. Душвориҳо ҳам бисёр буданд. Дар хонаи бачагон хондану зистан осон набуд. Барои давом додани хондан ба Тошканд ҳам бо азоб рафтам. Чанд рӯз пиёдаву аробасавор то Тирмиз расидам, он ҷо бори аввал роҳи оҳанро дидам. Ҳоло ҳамин роҳи то Тирмиз паймудаамро ёд мекунам, лаҳзаҳои аҷибе ба хотирам меояд ва дар дилам орзуе пайдо шуд, ки достоне нависам бо номи «Ҳасани- аробакаш».

Мирзо Турсунзода аз кисааш дафтарчаеро баровард ва чанд байт аз достоне хонд, ки навакак ба навиштанаш шурӯъ карда буд. Аз хонаи мо дер рафт, дафтарчаашро фаромӯш карда монда рафт. Ман онро гирифта чунон бо эҳтиёт руст кардам, ки танҳо баъди чандин сол ҳангоми ба тартиб овардани бойгонии Маъсумӣ пайдо намудам. Ҳоло он дафтарча дар Институти забон ва адабиёти ба номи

Рӯдакӣ дар архиви Маъсумӣ маҳфуз аст.

Ману Маъсумӣ борҳо аввалин шунавандагони шеърҳои Турсунзода будаем. Ӯ шеърро бисёр табиӣ мехонд, ҳангоми шеърхонӣ абрувонаш андак боло мерафтанд, дасташ аз рӯи сина ба тарафе ҳаракат мекарду оҳанги шеър бо ин ҳаракат таъкид мегардид.

Турсунзода шахсияти барҷаста, инсони ниҳоят хайрхоҳ, сахтгир, ростқавл ва хоксор, дар суҳбат хеле фаъол буд.

Вақтҳое ки дар хонаи мо адибон ҷамъ меомаданд, ӯ гули сари сабади нишастҳо буд. Ба ӯ саволҳо медоданд, аз сафарҳояш мепурсиданд, Вай ҳамеша озодона суҳбат мекард. Шеърҳояшро мехонд ва фикру андешаҳои рафиқони ҳамқаламашро бо диққат гӯш мекард.

Баъзан чунин мешуд, ки то дер нишаста мемонданд. Дар ин мавридҳо Мирзо Турсунович аввалин шуда ба дерии вақт ишора мекард, аз ҷой мехест ва оши кайҳо хунукшударо нишон дода мегуфт:

- Гиретон, ош хунук нашавад!

Борҳо чунин воқеъ мешуд, ки то қариби саҳар менишастанд ва қарор мекарданд, ки ба теппа рафта, субҳдамро он ҷо пешвоз мегиранд.

Боре аз Носир пурсидам:

- Носир, шумоён борҳо ба истиқболи субҳ ба болои теппа рафтаед, хайр чӣ?

Ӯ ҷавоб дод:

- Олами табиатро дар ҳолати табдил дидан лаҳзаи нотакрор аст. Ҳар дафъа мо ҳолати наверо барои худ кашф мекунем. Дил мехоҳад, ки тамоми ин олами бекаронро ба оғӯш кашӣ.

Носир баъди чунин истиқболгириҳо ба ваҷд меомад, меҳраш ба зиндагӣ ва атрофиён даҳчанд меафзуд.

Соли 1968 мо ҳавлиамонро ба давлат супурда ба квартираи давлатӣ гузаштем, баъди андак вақт Турсунзода низ

аз ҳавлиаш ба бинои мо кӯчид, дар роҳрави мо як ошёна болотар квартира гирифт. Ва мо чун пештара рафтуомад мекардем.

Дар рӯзҳои гарми тобистон, вақте ки Турсунзода дар хонааш бошад, пеш аз хоб ӯву Маъсумӣ то дер сайругашт мекарданд, суҳбатҳояшон хеле тӯл мекашид. Ба ҳар ҳол тобистонро мо бештар дар фароғатгоҳи Иттифоқи нависандагон мегузаронидем. Хоначаи Мирзо Турсунзода дар фароғатгоҳ озодаву ороста ва дар чанд қадам аз рӯди Варзоб воқеъ буд. Аз хона ба лаби дарё зинаҳо мефуромаданд, дар тарафи дигари хонача айвони хушорои тобистона мавҷуд буд, ки нишастагоҳи дӯстдоштаи Мирзо Турсунзода ба ҳисоб мерафт. Ин айвон баъзан ба «хонаи адибон» табдил меёфт. Турсунзода зиндагиро, ҳатто, ба муддати кӯтоҳе, бе одамон тасаввур намекард. Ин ҷо, соҳили рӯди шӯхи пурмавҷ шоирон, нависандагон, мунаққидон, олимони наслҳои гуногун гирд меомаданд: М. Турсунзода, Н. Маъсумӣ, Боқӣ Раҳимзода, Ф. Ниёзи, Ҳоҷӣ Содиқ, А. Шукӯҳӣ ва дӯстони он вақтҳо ҷавону ҳоло машҳури мо Гулчеҳра, Муъмин Қаноат, А. Баҳорӣ, Убайд Раҷаб, А. Шарифӣ, Лоиқ, А. Маниёзов, М. Шукуров, А. Сайфуллоев, Р. Ғаффоров, Иброҳим Раҳматов ва дигарон зуд-зуд маҳфил меоростанд.

Боре ману Носир аз роҳрави марказии фароғатгоҳ, аз бари хоначаи Мирзо Турсунзода мегузаштему дидем, ки ӯ танҳо дар айвон паси миз нишастааст. Маҳзун менамуд. Мо наздаш рафтему салому алейк кардем. Ба нишастан таклиф намуд. Садои рӯд чунон баланд буд, ки лозим меомад баланд-баланд суҳбат кунем. Ман аз Турсунзода пурсидам:

- Шумо ин садои баланди дарёро чӣ хел таҳаммул мекунед?

Ӯ чунин ҷавоб дод:

- Аввалан, садои рӯд асабҳоямро ором мекунад, сониян, ман ба садои рӯд гӯш медиҳаму гӯё ҳамсуҳбаташ меша-

вам... Ин садо ба ман илҳом мебахшад ва ба эҷод кардан ҳидоят менамояд. Шояд чанд шеъре, ки дар мавзӯи рӯду дарёҳо навиштаам, маҳсули хамин лаҳзаҳо бошанд.

Ва ӯ шеъри «Рӯди кӯҳӣ»-ро қироат кард:

*Нишастам дар лаби дарёи кӯҳӣ,*
*Ба худ ман ёфтам маъвои кӯҳӣ.*
*Сараш бар санг мезад рӯди кӯҳӣ,*
*Ба доман чанг мезад рӯди кӯҳӣ.*
*Ба мисли шири навҷӯшидае буд,*
*Палангу бабри хуннӯшидае буд.*
*Дара аз ғурриши обаш садо дод,*
*Насимаш рӯҳро, ҷонро ғизо дод.*
*Нишастам дар канораш, шеър гуфтам,*
*Ҳамеша аз насимаш табъ суфтам.*
*Бад-ӯ гуфтам, ки рӯди равшан астӣ*
*Муроду мақсади ҳар гулшан астӣ.*
*Дилат пурҷӯш, рӯят нурбор аст,*
*Бар ҳар ҷое, ки рафтӣ, навбаҳор аст.*
*Ҳавои боғу бустон хуррам аз туст,*
*Замини Тоҷикистон хуррам аз туст...*

Вақтҳое ки Мирзо Турсунзода дар хонаи шаҳрияш мебуд, шомгоҳон ба хонаи мо медаромад. Носир каҳваро дӯст медошт ва хоҳиш мекард, ки каҳва тайёр кунам. Ман онҳоро танбеҳ медодам:

- Шумоён-ку бе ин ҳам кам хоб меравед, баъди каҳва то саҳар хобатон намебарад!

Онҳо бо лутф ба ман механдиданд, ман ғур-ғур мекардаму ба ҳар ҳол дар хурдтарин зарфакҳо барояшон қаҳва меовардам.

Турсунзодаву Маъсумӣ мисли бародарон буданд. Суҳбатҳояшон бисёр ширину самимӣ буд. Баъзан Мирзо Турсунзода ба Маъсумӣ эрод мегирифт, гоҳе гиламандона мегуфт:

- Носирҷон, чаро худи ту ба тадқиқи эҷодиёти ман ҷиддан машғул намешавӣ?

16 августи соли 1974 марги ногаҳонӣ Носирҷон Маъсумиро аз мо рабуд. Мирзо Турсунзода дарду андуҳи моро баҳам дид, тоқӣ ба сар гузошту ҳамроҳи дигарон Маъсумиро ба роҳи охират гуселонид ва кафи хоке ба рӯи гӯри ӯ партофт.

Турсунзода баъдан низ ба оилаи мо бетафовут набуд. Агар медид, ки дар хонаи мо то дер чароғ месӯзад, хавотир мешуду меомад. Ва мепурсид:

- Тинҷӣ аст?

- Тинҷӣ, - ҷавоб медодам ман. - Архиви Носирро саришта мекунам, ба папкаҳо тасниф карда мегузорам. Шояд ба идорае супурдан лозим бошад?

Ӯ гуфт:

- Вера, ҳамаашро ҷамъ кардан лозим, то ки саҳифае гум нашавад.

Баъдтар ман тамоми архив ва китобҳои Маъсумиро ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ супурдам.

Мирзо Турсунзода бисёр вазифаҳои масъули давлативу ҷамъиятиро ба уҳда дошт. Барояш кори дувумдараҷае мавҷуд набуд. Ба хонаи худ гоҳ-гоҳе, ӯ, чунон ки мо шӯхӣ мекардем, «ба меҳмонӣ» меомад, аз хонааш ба фурудгоҳ қариб ҳамеша субҳдам, вақте ки ҳама ҷо ором буд, мерафт. Ман чароғро дарнагиронда, аз тиреза бо нигоҳам ӯро мегуселондаму барояш роҳи сафед таманно мекардам.

Мирзо Турсунзода 27-уми сентябри соли 1977 баъди се соли фавти Маъсумӣ, аз олам даргузашт.

Баъди чанд сол ман ба фароғатгоҳи Иттифоқи нависандагон рафтам. Оромӣ ҳукмфармо буд. Ман тамоми боғро сайр кардам. Маҳзун будам. Дар айвони дерошно хеле вақт истодам. Рӯд ҳамоно меғуррид. Хаёлан овози ҳамаи адибонеро мешунидам, ки як вактҳо дар ин айвон суҳбатҳову му-

шоираҳо меоростанд.

Гумон мекунам, рӯзе мерасад, ки адибону олимони наслҳои гуногун дар ин фароғатгоҳи лаби Варзоб боз гирди ҳам меоянд, асарҳои тозаи худро мехонанд, мубоҳисаҳову суҳбатҳо мемороянд, боз ин фароғатгоҳ ба «хонаи адибон» табдил меёбад ва анъанаҳои Мирзо Турсунзода эҳё мешавад.

* * *

Носирҷон Маъсумӣ ва Ҳабибулло Назаровро дӯстиву ҳамкории эҷодии бисёрсола ба ҳамдигар ниҳоят қарин гардонида буд. Ҳ. Назаров шахси бисёр ситорагарм буд, қомати баланду мавзун, чашмони калони сиёҳ ва мӯи пахмоки ҷингила дошт. Ҳангоми вохӯрӣ, баъди салому алейки пурмағал, аз касе напурсида, ҳамаро фавран бо асари нави худ шинос карданӣ мешуд. Барояш фавран хондани асари нав мисли обу ҳаво зарурат дошт.

Ҳабибулло Назаров аз рӯи ихтисос ҳуқуқшинос, вале табъан шоир ва нависанда буд. Маҷмӯаҳои шеър («Барои сулҳ», «Қалами озод», «Саодати абадӣ») ва асарҳои адабиаш хеле машҳур буданд. Хусусан китобҳои «Мирзо Ризо», «Муҳосира», «Сафармахсум» (ба ҳамқаламии Ҷалол Икромӣ), «Юлдош-командир» ва «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона» шуҳрати хоса доштанд.

Ӯ эҷодиёти шифоҳии мардумро ниҳоят дӯст медошт. Китоби «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона» маҳсули ҳамин муҳаббат ва машаққатҳои беандозаи эҷодӣ буд. Боре ман аз ӯ пурсидам:

- Ҳабиб Назарович, Шумо ҳуқуқшиносед, солҳои зиёд вазири адлия будед, дар ихтиёратон архиви ниҳоят бой доред. Магар наметавонистед чанд асари шавқовари детективӣ бинависед?

Ӯ чунин ҷавоб дод:

- Не, Вера, ин ҷо шумо хато мекунед. Ман бо ҷинояткорон бисёр вохӯрдам, бо бадӣ як умр мубориза бурдаам.

Ҳаллу фасли масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки ба тақдири инсон вобаста аст, вазифаву виҷдони ман дар назди ҳар каси маҳкумшуда мебошад. Вале ман мехоҳам, ки асарҳоямро дар бораи инсонҳои наҷиб, меҳнаткашон ва корномаҳои халқамон бинависам.

Ҳ. Назаров шахси хушсуҳбат буд. Мусиқии халқиро дӯст медошт. Вақте ки дар хонааш дӯстон ҷамъ меомаданд аз девор дуторчаро мегирифту нохун мезад ва бо овози паст сурудҳои халқӣ мехонд. Вақте ки ба хонаи мо меомад, дуторчаашро ҳамроҳаш гирифта меовард. Ӯ оҳангҳои халқиро бо ин дуторча устодона менавохт. Тамоми ҳозирон ба сурудҳои вай ҳамовоз мешуданд. Ҷолиб буд, ки ӯ ҳангоми дутор навохтан ҳамзамон метавонист суҳбати ҳозиронро гӯш кунад ва ҳамаро наззора намояд. Ин гуна касро ман то ҳол вонахӯрдаам. Бисёр шӯх буд, баланду муассир механдид.

Мо бо Ҳ. Назаров ва оилаи ӯ зуд-зуд вомехӯрдем. Баъзан мо ба водии Ҳисор якҷоя сафар мекардем, ба Қалъаи Ҳисор, ба деҳаи Тӯда зодгоҳи ӯ мерафтем. Ҳар куҷое, ки мебудем, Ҳ. Назаров бо ҳикоятҳои шавқангезу пурмазмунаш табъи моро хуш медошт...

Андуҳи моро баъди фавти Маъсумӣ шодравон Ҳабиб Назарович ва ҳамсараш Нина Семёновна баҳам диданд. Онҳо чун пештара зуд-зуд ба хонаи мо меомаданд. Вақте ки дар ибтидои соли 1975 писари мо Фарҳод ба Сомалӣ барои кор мерафт, Ҳ. Назаров бо тамоми оилааш ба гуселониданӣ ӯ омаданд ва Ҳабиб Назарович ҳангоми хайрбод гуфт:

- Фарҳод, фаромӯш накун, ки ту он ҷо намояндаи мамлакати бузурги мо хоҳӣ буд ва ин масъулияти ниҳоят гарон аст. Ба ту тавфиқ мехоҳам.

Ҳабибулло Назаров то охирин дами зиндагиаш шеър эҷод мекард, ёддошт менавишт, қироат мекард, ба дардҳои беморӣ мардона тоб меовард. Ӯ ҳамчун ҳалиму зиндадил, меҳрубону ғамхор, меҳнатдӯсту қадршинос дар хотираи ман

нақш бастааст.

Муаллимони Институти педагогиро на танҳо кор муттаҳид мекард. Онҳо бо шавқ кор мекарданд ва метавонистанд муташаккилона истироҳат кунанд. Мо дар рӯзҳои истироҳат бо оилаҳо аз шаҳр берун мерафтем, дар нишастҳои дӯстона ҳамдигарро бештару беҳтар мешинохтем ва мефаҳмидем. Яке аз чунин оилаҳо оилаи адабиётшинос ва мунаққид Юрий Израилович Бобоев буд.

Ю. Бобоев муаллим ва олим буд. Беҳтарин асарҳояш ба тадқиқи эҷодиёти Мирзо Турсунзода бахшида шудааст. Ӯ сарояндаи хуб буд ва овози форами маҳин дошт. Бисёре аз асбобҳои мусиқиро нағз менавохт, мусиқии классикии тоҷикиро дӯст медошт. Мо ба хонаи онҳо мерафтем ва ӯ бо ҳамсараш Людмила Львовна ба хонаи мо меомад, бо худ танбӯрашро низ меовард. Бо Носирҷон Маъсумӣ сурудҳои классикиву муосир мехонданд, ҳам худашон лаззат мебурданду ҳам мо.

Ю. И. Бобоев дар хотираҳояшон чунин менависад:

«Маъсумӣ мисли оҳанрабо мардумро ба худ мекашид. Ба дидори ӯ ҳам насли калонсол ва ҳам ҷавонон рағбат доштанд. Ба назди ӯ бо дархост ё бидуни дархост мерафтанд, вай бо ҳар кадом бо эҳтиром ва самимият суҳбат мекард, ғаму ташвиши  мардумро хуб эҳсос менамуд, то метавонист ёрӣ мерасонд.

Носирҷон Асадович бо камоли майл ба дӯстон ва шогирдонаш маслиҳатҳои илмӣ медод. Мардум оид ба тамоми соҳаҳои филология - адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, луғат, фолклор, нақди адабӣ - аз ӯ маслиҳатҳои пурарзиш мегирифтанд.

Маъсумӣ самимона дӯстӣ мекард. Эҳтироми дӯстро ҳамеша ба ҷо меовард. Ҳамкории мо аз соли 1945 шурӯъ шуда, андак-андак ба дӯстии пурдавом табдил ёфт. Охири солҳои чил Маъсумӣ, Х. Мирзозода ва банда якҷоя аввалин

китоби дарсии адабиётро барои синфи даҳуми мактабҳои тоҷикӣ навиштем, ки аз соли 1952 то охири солҳои 89 бо унвони «Адабиёти советии тоҷик» нашр мешуд.

Ману Маъсумӣ маҷмӯаи «Ҳаёт ва адабиёт»-ро ҳамроҳ тартиб додем, таҳрир кардем ва аз муаллифони он будем. Соли 1957 дар Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Москва маърӯзаи шарикӣ кардем, дар давоми дувоздаҳ соли байни анҷуманҳои нависандагон (аз 1959 то 1971) ба бахши танқид ва адабиётшиносии Иттифоқи нависандагон якҷоя раҳбарӣ менамудем. Маъсумӣ раис ва ман котиб будем. Корҳои якҷояи мо бисёр буд.

Маъсумӣ табиатан шахси ором буд, бешитоб ҳаракат мекарду бешитоб сухан мегуфт. Вай кор мекард, гузари умрро пай намебурд, ба сиҳативу беморӣ нигоҳ накарда заҳмат мекашид, ба қавли худаш, «ғубори мондагиро» бо суруду мусиқӣ мебаровард. Муҳаббат ба оҳангҳои шашмақом риштаи дӯстии моро маҳкамтар мекард. Дар хондани суруд мо гӯё ҳамдигарро мукаммал мекардем, душвортарин ва пуравҷтарин оҳангҳоро иҷро менамудем. Баъзан аз шеърҳои Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Лоҳутӣ ва дигар шоирон дуэтҳо мехондем. Аз сурудҳои мо махсусан Муҳаммадҷон Раҳимӣ лаззат мебурд...».

* * *

Шоир Муҳаммадҷон Раҳимӣ қадди аз миёна пасттар дошту сафедпӯст буд. Ба сар ҳамеша тоқӣ мепӯшид. Тобистон ҷелаки одии аз катон дӯхташуда ба тан мекард. Кам механдид. Аксаран маҳзун буд.

Ба хонаи мо ӯ на он қадар бисёр меомад. Ба садои паст, оҳиста, вале бурро гап мезад. Носир чандин сол бо эҷодиёти ӯ машғул буд, шеърҳояшро якҷоя таҳрир мекарданд, ба чанд маҷмӯаи Раҳимӣ пешгуфтор навиштааст.

Вақтҳое ки Раҳимӣ ба хонаи мо меомад, ҳамеша худро нороҳат ҳис мекард. Аз чӣ сабаб бошад, ки зудтар рафтан

мехост, ман инро ҳис мекардам ва онҳоро ба ҳоли худ мегузоштам. Онҳо ҳамеша дар хусуси кор ва масъалаҳои мушаххас суҳбат мекарданд. Вақте ки корашонро анҷом медоданд, Раҳимӣ фавран мерафт ва аз чӣ сабаб бошад, бисёр узрхоҳӣ мекард.

Бори охир ӯ 1 майи соли 1968 ба хонаи мо омад. Китоби худ «Шарораи ҷовид»-ро овард. Ин китобро бо чунин соядаст ба Маъсумӣ тақдим намуд: «Муҳтарам Носирҷон Асадович Маъсумӣ! Шумо олими машҳури тоҷик ва фаъоли корҳои муҳими давлат ва дӯсти самимии худро, инчунин аҳли оилаатонро бо иди моҳи Май табрик менамоям! Ба шумо ҳаёти бардавом, саломатӣ ва муваффақиятҳои бағоят калони эҷодӣ мехоҳам. Ба ҳимояти шумо ва совети илмии институт барои нашри ин китоб раҳмат! Самиман Муҳаммадҷон Раҳимӣ. 1 майи с. 1968, ш. Душанбе».

Дар зиндагии мо дӯстӣ бо Иброҳим Раҳматов ва оилаи ӯ мавқеи бисёр калон дошт. Маъсумӣ бо И. Раҳматов аз соли 1936 ошно буд. Ҳарду дар як гурӯҳи факултаи филологияи Институти педагогии Душанбе таҳсил мекарданд. Адабиёт ва хусусан шеър онҳоро ба ҳам қаробат дод. Иброҳим Раҳматов ба адабиёти классикии тоҷик рағбат дошт, бисёр шеър медонист ва бамаврид мехонд, худ шеър менавишт, вале кам чоп мекунонд. Маҷмӯаҳои ашъори бачагонааш бо номҳои «Пои кӣ зебост?» «Гург ва рӯбоҳ», «Забони модар» чоп шудаанд.

Иброҳим Раҳматов забони русиро хуб медонист, тарҷумони олиҷаноб буд. Тарҷумаи матни як силсила филмҳо, асарҳои классикони адабиёти рус ва ҷаҳон, классикони марксизм-ленинизм ба қалами ӯ мансуб аст. Ӯ мутахассиси забон ва адабиёт буд, ҳамчунин аз бисёр соҳаҳои маърифат дониши мушаххас дошт; аз илми тиб, физика, математика, табиатшиносӣ ва химия хуб огоҳ буд.

Дар фаслҳои баҳор ва тобистон мо зуд-зуд аз шаҳр бе-

рун мерафтем. И. Раҳматов мехост ба алафзорҳо рафта рустаниҳои давобахш ҷамъ оварад. Алаф мечиду дар бораи хосиятҳои давоии ҳар як рустанӣ ҳикоятҳои аҷиб мегуфт. Худаш аз ин алафҳо доруҳои гуногун тайёр мекард.

И. Раҳматов бозии шоҳмотро дӯст медошт. Таърих ва назарияи шохмотро хуб медонист. Ба забони тоҷикӣ китоби «Таърихи шохмот»-ро менавишт, вале, мутаассифона, онро ба охир расонида натавонист. Асарҳои шавқангезро оид ба ҳамаи соҳаҳои илм дӯст медошт. Нақлу ҳикояҳояш чунон аҷиб буданд, ки кас моту маҳбут мешуд. Ҳисобдони бемисл буд, дар ёд чунон комбинацияҳоро анҷом медод, ки кас дар ҳайрат мемонд. Ӯ солҳои дароз котиби масъули Сарредакцияи илмии Қомуси тоҷик буд, истилоҳоти илмиро бо нозукиҳояш медонист, маколаҳоро устодона таҳрир мекард.

Бо оилаҳоямон зуд-зуд ё дар хонаи мо ва ё дар хонаи онҳо ҷамъ меомадем Ману Истад (ҳамсари Иброҳим Раҳматович) ба пухтупаз машғул мешудему мардон саргарми суҳбати худ: баҳс мекарданд, завқ мебурданд, луғатҳо ва китобҳои чопи арабиро кофтуков мекарданд. Суҳбатҳои Маъсумӣ ва Раҳматов то нимаҳои шаб тӯл мекашид.

Иброҳим Раҳматов марди воқеан зиёӣ, меҳнатдӯст, хоксор, хушсуҳбат буд, ҷаҳонбинии ниҳоят васеъ дошт. Баъди вафоти Маъсумӣ ӯ ва Истад ҳамеша аз ҳоли мо бохабар буданд. Иброҳим Раҳматович дар кори ба тартиб овардани архив ва китобхонаи Маъсумӣ ба ман хеле ёрӣ расонд.

* * *

Дар бораи нависанда Фазлиддин Муҳаммадиев бисёр шунида будам, вале ба дидораш ҳамагӣ ду бор мушарраф гардида будам. Ин дидор дар дилу хотирам нақши бисёр равшан гузаштааст ва мехоҳам таассуротам аз ин китоб берун намонад.

Носирҷон Маъсумӣ оид ба шахсияти инсонӣ ва ҳунари нависандагии Фазлиддин Муҳаммадиев ҳамеша ба оҳангу

мазмуни таҳсин сухан мегуфт. Ӯро ҳамчун нависандаи мумтоз, тарҷумони боистеъдод, инсони пурдону ҳалолкор эҳтиром мекард.

Ман бо Ф. Муҳаммадиев дар аввали соли 1986 вохӯрдам. 30-юми декабри соли 1985 Академияи улуми Тоҷикистон ҳафтодсолагии Носирҷон Маъсумиро ҷашн мегирифт. Дар он маҷлиси ҷашнӣ Ф. Муҳаммадиев низ ҳузур доштааст ва аз касе шунидааст, ки ман ёддоштҳоямро дар бораи Маъсумӣ ба шакли китоб навиштаам. 2-юми январи соли 1986 ӯ ба хонаи мо занг заду гуфт:

- Вера Пантелеймоновна, ман мехоҳам ёддоштҳоямро дар бораи Носирҷон Асадович бинависам. Мехостам бо китоби шумо шинос шавам.

Ман ҷавоб додам:

- Китоб ҳанӯз ба фурӯш набаромадааст, худи ман ҳам онро ба даст надорам, вале агар хоҳед, метавонам дастнависро ба шумо диҳам.

- Оё метавонам фардо онро бигирам?

- Марҳамат, - гуфтам ман.

Ф. Муҳаммадиев рӯзи 3-юми январи 1986 ба хонаи мо омад. Ман аз дидораш хеле шод шудам. Набераам Ғафур ба ӯ зуд унс гирифт, ӯро ба чою нону мева хӯрдан ҳидоят менамуд..

Вай дастнависи китобро бо худ гирифту ҳангоми рафтан гуфт:

- Дастнависро ман дер нигоҳ намедорам.

Рӯзи 5-уми январ телефон занг зад. Ф. Муҳаммадиев хабар дод, ки имрӯз метавонад дастнависро баргардонад. Ман аз чунин дақиқкорӣ хушнудона тааҷҷуб кардам. Ӯ қарибиҳои шом омад. Ману набераам ӯро чун ошнои дерин пазируфтем. Ф. Муҳаммадиев гуфт:

- Ман фикр карда будам, ки ёддоштҳои шуморо чанд рӯз мехондагистам, вале бояд иқрор кунам, ки дастнависро ба

як нафас хондам.

Ман хурсанд будам, ки китоб ба ӯ маъқул шудааст. Вай бо таассуф гуфт:

- Чаро ман пештар, вақте ки Маъсумӣ дар ҳаёт буданд, барои омадан ба хонаи шумо ҷуръат намекардам?

Андак таваққуф карду идома дод:

- Шояд баҳонае набуд... Ман афсӯс мехӯрам...

Ф. Муҳаммадиев дар бораи солҳое, ки ӯ дар Сарредаксияи илмии Қомуси тоҷик кор мекарду Маъсумиро ба сифати узви коллегияи Сарредаксияи илмӣ зуд-зуд медид, хеле ҳикоят кард.

Мо чун дӯстони наздик хайру маъзур кардем. Вақте ки ӯ рафт, ман хостам дастнависро ба ҷояш гузорам, вале беихтиёр папкаро кушодаму тақризи ӯро дидам. Ӯ навишта буд:

«Муҳтарама Вера Пантелеймоновна! Дастнависро бо камоли маммуният хондам хеле шавқангез, аҷиб, ҳақиқатнигорона, хуллас хуб навишта шудааст. Ба шумо ташаккур мегӯям, ҳарчанд навиштани ин китобро шумо вазифаи худ медонистед. Ба назарам, дар матн ду саҳв рафтааст:

Саҳифаи 54 - муаллим узви воқеъ ва кории Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик буд, на узви ифтихорӣ.

Саҳифаи 74 - садои сӯфидухтар ин тавр тафсир мешавад: «Духтари сӯфӣ, биё».

Шояд ман хато кунам. Барои нашрҳои оянда аниқ кардан лозим, 5.01.1986. Ф. Муҳаммадӣ».

Дар рӯзномаи «Газетаи муаллимон» 6-уми феврали ҳамон сол хотираҳои Фазлиддин Муҳаммадиев дар бораи Носирҷон Маъсумӣ таҳти унвони «Некном» нашр шуд. Дар ин ёддошт ӯ аз ҷумла чунин менавишт:

«Касе агар ихлосманди маърифат ва хайрхоҳи дигарон бошад, ҳатман инсони покниҳод мешавад Ин ҳақиқатест, ки аз қадимулайём устувор аст ва ба исботаш ҳоҷате нест...

Маъсумиро бори нахуст тақрибан бист сол муқаддам дар маъракаи шоир Бобо Ҳоҷӣ дидаам.... Ҳофизи хушҳон Боймуҳаммад Ниёзов дар хидмати ҳозирон буд. Устод Боқӣ Раҳимзода косагули давра ва Носирҷон Асадович «дасти рости» он кас буданд... муаллим Раҳимзода «ман фардо ба курорт меравам, бомдодон бояд дар парвозгоҳ бошам» - гӯён узр оварда бирафтанд...

Носирҷон Асадович бошанд, дар амал ба субут мерасониданд, ки воқеан, «дасти рост»-и соқии номдор ҳастанд.. инони дирижёриро ба даст бигирифтанд. Аз сарварӣ ба сурудхонии умум ҳаловат мебурданд шодравон. Худ овози нарму дилкаше доштанд. Муаллим, ба хаёлам боз аз он вачҳ ба ин кор майле доштанд, ки якҷоя тарона хондан одамонро муттаҳид ва муттафиқ месозад...

Аз ҳамон шаб ва ҷамъомадҳои баъдина дарёфтам, ки муаллим «репертуар»-и худро доранд. Азбаски номгӯи он ғазалҳо ва характер онон ба аёнтар шудани характери Носирҷон Асадович кумак мекунад, дар ин ҷо овардани бахше аз он рӯйхат ҷоиз дониста шуд: сурудҳои халқии «Чорбоғи боло», «Анор овардам», «Хуш он замон», сурудҳои машҳур бар ғазали Ҳилолӣ - «Дар ҳаваси руи ту бошам», «Акси он лабҳои майгун», «Пушту паноҳи ман буд девори дилбари ман», инчунин «Қӯшчинор» ба сухани Туғрал, «Дугоҳ» ба шеъри Хоҷу ва «Ёрӣ мастчоҳӣ»-и Абулқосим Лоҳутӣ...

Пас аз ин ҳар чиз аз таълифоти муаллим дастрас мегардид, бо ҳавас мехондам. Рисолаҳояшон доир ба адабиёти тоҷик дар давраи баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ, адабиёти асрҳои XVI-XIX, оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Туғрал, Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Саидалӣ Вализода Маъсумиро чун олими нуктасанҷ муаррифӣ мекарданд.

Аз мутолиаи осор иштиёқ ба суҳбатҳои худашон бештар меафзуд, аммо, мутаассифона, маро ба он ҷо роҳе набуд.

Ба рафиқони ҷавонтарам, аз қабили Атахон Сайфуллоеви мунаққид ва Абдураззоқ Ғаффорови забоншинос пинҳонӣ рашк мебурдам, ки ҳафтае камаш ду-се рӯз ҳамдами Носирҷон Асадович буданд. Ниҳоят, огоҳ шудам, ки Вера Пантелеймоновна рӯзҳои меҳмондорӣ ё ягон маъракаи серодам дар хонаашон барои кумак кардан ба ороиши дастархон ва таомпазӣ духтарони хешу табор ва шиносони наздикашонро даъват мекардаанд ва яке аз онон духтари ман Замира будааст, ки бо додарзодаи муаллим Сурайё аз синфи як то даҳум ҳамроҳ мехонд ва дугонаҳои қаринтарин бударду ҳастанд.

«Гар нур намерасад ба мо, нор бас аст» - таскиномез дар дилам такрор мекардам мисраи Хайёмро.

Солҳое, ки дар Сарредасцияи Энсиклопедияи советии тоҷик кор мекардам, муаллим Маъсумиро нисбатан бештар медидам, зеро яке аз беҳтарин шогирдон ва ёрдамчиёнашон Абдуқодир Маниёзов ва яке аз наздиктарин дӯстонашон Иброҳимҷон Раҳматов дар ин ҷо хидмат мекарданд...

Оре, истеъдоди рангине доштанд муаллим Маъсумӣ. Ба тарзи ноаёне муяссарашон мешуд, ки маҷлисеро ба мактаби суханронӣ, сабақгоҳи одоби муошират, ба таълимгоҳе табдил бидиҳанд, ки сомеъонашро фардо ба кӯи дониш дуртару амиқтар хидоят намояд ва дар ҳақиқат мактаби талқини меҳр ба шеъру суруд ва илму дониш, хулоса мактаби маърифат ва одоби ҳамида бошад...».

Ёддоштҳои Фазлиддин Муҳаммадиевро дар бораи Маъсуми хондаму он вохӯриҳои кӯтоҳакакам бо ин нависандаи забардаст, симои зоҳирану ботинан зебои ӯ, фарҳанги баланди инсониаш дар хотирам зинда шуд.

Воқеаи ногаҳонӣ ва ғайричашмдоште рух дод. Ман сухане намеёбам, ки дарду аламамро аз марги нобаҳангоми Фазлиддин Муҳаммадиев баён кунам. Ин фоҷеа 6-уми октябри соли 1986 сурат гирифт.

Ҳангоми дафни Ф. Муҳаммадиев сарвари намояндагони Иттифоқи нависандагони СССР Александр Боршаговский гӯё дарди дили ҳамаи моро ҳис мекард, ки гуфт:

- Шахси дар мардонагӣ камназир аз ҳаёт рафт. Ҳамчунон ки қалами ӯ дар баробари қувваҳои бадӣ хам намешуд, тоб намехӯрд ва ба хушомадгӯӣ майл наменамуд, ҳамчунин дар зиндагии муқаррарӣ дар муқовимат бо ҷинояткорони шабгард ӯ барои таҳқир дидани инсоният ва шахсияти худ роҳ надод ва ҷидол кард. Вай сазовор аст, ки ҳамаи мо, дӯстони ғамзадааш, бигӯем: ҷон нисор, кард, на фавтид - ҳар махлуқи зинда миранда аст, вале ҷон нисор кардан насиби танҳо сарбозон аст...».

## СОЛИ ОХИРИН

Ҳар сол ҳангоми мураххасии Носир Асадович мо кӯшиш мекардем, ки аз Душанбе ба ҷое биравем. Маъсумӣ оббозӣ карда наметавонист, вале баҳрро дӯст медошт. Бештар ба Ялта, ба Хонаи эҷодиёти ба номи А. П. Чехов мерафтем. Носир бо нависандагоне, ки истироҳат мекарданд, зуд унс мегирифт ва дамгирии мо хуб мегузашт.

Соли 1973 Маъсумӣ кори таъҷилие дошт ва истироҳати мо дар фароғатгоҳи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мегузашт. Ҳамзамон дар ин фароғатгоҳ М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ, А. Баҳорӣ, Гулчеҳра Сулаймонова истироҳат ва кор мекарданд. Шомгоҳон ҷамъ меомадем, чун як оила будем.

Адибон якҷоя гаштугузор мекарданд, асарҳои навашонро ба якдигар мехонданд, мусоҳибаву мубоҳисаҳо мееростанд, дар айвони хоначаи Мирзо Турсунзода шабнишиниҳо барпо менамуданд.

Моҳи август Маъсумӣ худро якбора бад ҳис кард. Мошин даъват намудем ва ба хона неву ба поликлиника рафтем. Баъди тафтишоти тиббӣ ӯро фавран ба статсионар хобонданд. Диагнозашро микроинфаркт муқаррар намуданд,

Дар беморхона ӯ хеле вақт хобид. Духтурон ба ӯ сафар карданро, хусусан бо самолёт, манъ карданд. Путёвкаҳоеро, ки мо қаблан ба Одесса гирифта будем, супурдем.

Ҳанӯз то хобидан дар беморхона Маъсумӣ дар фикри навиштани китоби дарсии «Феъл» барои мактабҳои олӣ буд. Адабиёти заруриро мехонд, андак-андак маводи лозимаро гирд меовард. Аз рӯи хоҳиши ӯ ман ба беморхона адабиёти заруриро меовардам. Вай мехонду ҷойҳои заруриро бо қалам хат мекашид, то ки ман ба карточкаҳо рӯйбардор кунам. Дар беморхона ба ҳар ҳол вазъи худро мефаҳмид, аз ҳад зиёд кор намекард. Вақте ки аз беморхона ҷавоб додана, ҳеҷ ба гардан намегирифт, ки бо тамоми қувва кор кардан, ба ҷое аз пайи кор рафтанаш мумкин нест. Вале, чунон ки мегӯянд, тарки одат амри маҳол аст. Вай ба худ тасаввур карда наметавонист, ки худро дар меҳнат бояд маҳдуд созад! Ба беморӣ ҳеҷ тан додан намехост. Дӯстону ҳамкорон моро хабар мегирифтанд, баъзан дар чунин ҳайат ҷамъ меомаданд, ки шӯрои илмӣ гузаронидан мумкин буд.

Ба ҳар ҳол баъди маслиҳату машваратҳо мо қарор доддем, ки ба муддати кӯтоҳ ҳам бошад, бо поезд ба Самарқанд биравем, Он ҷо моро дӯстон пешвоз гирифтанд. Дар меҳмонхонаи «Самарқанд» хуб ҷой гирифтем, дӯстон ба мо ниҳоят меҳрубон буданд. Маъсумӣ гӯё таскин ёфт. Китоб мехонду қайдҳо мекард ва ман ҷойҳои заруриро ба карточкаҳо мекӯчондам, шаклҳои феълро бо нишондоди ӯ тасниф мекардам. Чунин менамуд, ки ӯ барои ин муддат машғулияти худро муайян кардааст, вале рӯҳияаш шикаставу ҳаяҷономез буд.

Аз ӯ пурсидам:

- Носир, ҳолат чӣ тавр аст? Шояд бегоҳиҳо бештар дар ҳавои тоза гаштанамон лозим бошад?

Вай он вақт китоб мехонду тамоку мекашид. Каме фикр карду гуфт:

- Мо ҳатман ба деҳаи Бахшитеппа бояд биравем!

Шоми он рӯз муаллимони Институти педагогии Самарқанд омаданд ва ӯ ин нақшаи худро ба онҳо гуфт. Яке аз муаллимон мошини «Волга» доштааст ва розӣ шуд, ки моро он ҷо барад. Рӯзи дигар баъди субҳона мо ба он деҳа равон шудем.

То даме, ки аз кӯчаҳои шаҳри куҳна мерафтем, ҳама ҷо ошно буд Носир ҷойҳоеро нишон медод, ки дар бачагӣ юнучқа мефурӯхтааст. Вақте ки аз сарҳади шаҳр баромадем, дигар деҳаҳои пешинаро шинохтан барояш душворӣ мекард. Роҳи калон росту асфалтпӯш буд, аз он ҷониби ҳар деҳа роҳҳои на он қадар васеъ, вале асфалтпӯш ҷудо мешуд. Колхозчиён аз саҳроҳо ҳосил меғундоштанд. Ҳама чиз нав менамуд. Акнун муайян кардан мушкил буд, ки ба он деҳа бо кадом роҳ биравем. Маъсумӣ чанд бор мошинро нигоҳ доронда, аз раҳгузарон мепурсид, роҳро аниқ мекард. Вақте ки ба деҳа расидем, Носир ҷӯеро дид, ки дар борааш ба ман як замонҳо нақл карда буд ва гӯё ин ҷӯй он вақтҳо баҳри серобе будааст. Баробари, дидани ҷӯй ӯ бо садои баланд нидо кард:

- Ана, ана ҳамон ҷӯй!

Мо ба он ҷӯй нигаристему дидем, ки ҷӯйчаи танги тунуки камобест ва чунин менамуд, ки об базӯр ҳаракат мекунад. Вале Носир онро шинохт!

Ба деҳа даромадему Маъсумӣ хоҳиш намуд, ки мошинро нигоҳ доранд. Мо аз «Волга» баромадем. Ӯ пеш-пеши мо равон шуд Муаллим дар назди мошин монд. Носир ҷониби ҳавз равон шуд. Ман саросема нашуда аз паси Носир мерафтам. Вай ба рӯи суфа баромаду дуру дароз, андешамандона ба ҳавз менигарист. Ман ба наздаш рафтаму аз паҳлуяш ҷой гирифтам ва аз ӯ суоле накарда, низ ба ҳавз чашм дӯхтам. Ҳавз қариб, ки об надошт, дар қаъри он, дар сабзоби беҳаракат қурбоққаҳо ваққос мезаданд. Ман ба

Носир нигаристаму фаҳмидам: фикру хаёли ӯ ҳоло танҳо ба худаш маълум аст!

Дар гирди ҳавз чанорҳои чандсадсола месабзиданд. Маъсумӣ ба назди ҳар дарахт рафта, танаи ғафсу пурчанги чанорҳоро сила мекард. Сипас ҷониби масҷиди кӯҳна роҳ гирифт, ки дар қарибии ҳавз воқеъ буд. Он ҷо чанд дақиқа истоду баъд якбора бо ҳаяҷон нидо кард:

- Вера, ин ҷо биё!

Ман ҷониби ӯ шитофтам. Вай маро аз дастам гирифт, чунон ки дасти бачагони хурдсолро мегиранд, ба назди девор овард:

- Нигоҳ кун, Вера, дар ин гӯша нақшу нигори шифт боқӣ мондааст, бин чӣ қадар зебост!

Ман нигоҳ кардаму шифти пурсӯрохиу валангорро дидам, аз роғҳои шифт шуои офтоб зада мегузашт. Гӯшаякеро, ки Маъсумиро ба ваҷд оварда буд, дидам. Воқеан зебо буд.

Носир сутунҳои дари масҷидро навозиш мекард. Сутунҳо кандакориву гулкорӣ карда шуда, хеле зебову мунаққаш, вале аз гузашти замонҳо хеле пӯк шуда буданд. Бо вуҷуди ин аз дар нақшу нигор санъати усто ҳувайдо буд. Аввал ман ҳайрон шудам, ки чаро Носир ин қадар ба ваҷд меояд. Ва беихтиёр ба ҳолати ӯ таваҷҷуҳ намудам. Пай бурдам, ки вай бо азияти ботинӣ аз хусусе фикр мекунад ва фаҳмидам, ки ӯ гузаштаро мебинад. Зебоиро ба хотир меорад, ки як вақтҳо ӯро ба ваҷд меовард: мардум дар гирди ҳавз бемалол истироҳат мекарданд гӯё. Он вақтҳо ҳавз пур аз оби софу равон буд. Чанорҳои серсоя мардумро дар рӯзҳои тафсон аз гармо наҷот медоданд. Чӯбҳои сақф ва сутунҳои дари масҷид зебову мунаққаш буданд. Ҷӯи калон аз оби равон пур буд. Ин ҳама он вақтҳо тасаввури кӯдаконаи ӯро ба ваҷд меовард.

Ман аз паси ӯ мегаштаму хомӯширо халалдор намекардам. Маъсумӣ мӯйсафеди харсавореро аз роҳ боздошт,

номи касеро ба забон оварду пурсид, вале мӯйсафед гуфт, ки чунин касро ёд надорад. Пеш аз он ки ба мошин савор шавем, Носир бори дигар ба ҳавз назар андохт..

Ҳолати ҳузнангезе доштем. Ба мошин нишастем. Тамоми роҳ хомӯш будем. Намедонам, дар ин лаҳзаҳо Носир чӣ андешаҳое дошт, аммо барои ман ин ҳамаро бо чашмони ӯ дидан диққатовар буд. Ман фаҳмидам, ки ӯ бо бачагиаш вохӯрду хайрбод мекунад...

Сари роҳ мо ба чойхона даромадем ва ҳамчунон хомӯшона хӯрок хӯрдему баъд ба меҳмонхона омадем.

Он рӯз дигар ба ҷое нарафтем. Шомгоҳон ба наздамон дӯстон омаданд, чой нӯшидем. Моро ба ҷое ба меҳмонӣ даъват намуданд, вале хоҳиши ба ҷое рафтан надоштам.

Рӯзи дигар Маъсумӣ худро бад ҳис кард ва мо зуд ба Душанбе раҳсипор шудем.

Дар хона Носир то охири мураххасиаш китоби дарсии «Феъл»-ро ба итмом расонд. Дар назари ман чунин намуд, ки ӯ китобро хеле зуд тамом кард.

Баъди мураххасӣ Маъсумӣ ба кор шурӯъ намуду сиҳатии худро фаромӯш кард, ба корҳои ҳамарӯзаи худ банд шуд.

Як сол гузашт. Моҳи июли соли 1974 Маъсумӣ ба мураххасии навбатӣ баромад. Мо боз ба фароғатгоҳи Иттифоқи нависандагон рафтем. Чун ҳамеша истироҳат бо кори адабӣ омехта буд. Маъсумӣ бо худ барои хондан рисолаи номзадии Қаландаров ном олими ҷавони кӯлобиро гирифта буд, барои маҷаллаи «Садои Шарқ» мақолаи «Дар бораи инкишофи илми филологияи тоҷик»-ро менавишт.

Дар фароғатгоҳ ба аёдаташ дӯстон меомаданд. Асарҳои навашонро меоварданд, барои маслиҳат меомаданд, ҳузури суҳбаташро пазмон шуда меомаданд. А. Маниёзов, Ҳ. Шодиқулов, М. Шукуров, А. Ғаффоров зуд-зуд омада мерафтанд, кормандони шуъбаи луғат С. Ҷ. Арзуманов, В. А.

Капранов, Х. Рауфов, Раҳим Ҳошим, Т. Зеҳнӣ, А. Нуров бо ӯ қариб ҳар рӯз мулоқот доштанд. Носир он вақтҳо дар бораи асари муҳими «Луғати тоҷикӣ-русӣ» бисёр суҳбат мекард ва номи олими намоён, инсони аҷоиб Степан Ҷаводович Арзумановро зуд-зуд, ба як эҳтироми хос ба забон меовард. Дар чанд соли охири умри Маъсумӣ ба ман муяссар шуд, ки борҳо С. Ҷ. Арзумановро бубинаму ба суҳбатҳояш мушарраф гардам.

Он сол, маҳз дар фароғатгоҳ ман кормандони шуъбаи луғатро аз наздик ва беҳтар шинохтам. Ҳамаашои шахсони донишманд, хоксор ва ниҳоят маданӣ буданд. Кори худро хуб медонистанд, бо шавқ ва аҳлона кор мекарданд.

Бисёр асарҳои умдае, ки оид ба филологияи тоҷик дар солҳои 60-80 нашр шудаанд, аз ҷиҳате ба номи олими нуктасанҷ, инсони ҳалиму меҳрубон С. Ҷ. Арзуманов вобастагие дорад. Аз «Алифбои забони русӣ барои мактабҳои тоҷикӣ» сар карда то «Грамматикаи забони тоҷикӣ» (барои мактабҳои олӣ), китобҳои дигари дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ бо иштироку ташаббуси ӯ навишта шудаанд. С. Ҷ. Арзуманов муаллифи китоби дарсии забони тоҷикӣ барои русҳо ва яке аз мураттибони луғатҳои русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русӣ буд. Дар вақташ, замоне, ки ман забони тоҷикиро меомӯхтам, на танҳо аз китоби дарсии Я. Хахомов, инчунин аз луғатҳои мазкури дузабона истифода мекардам ва аминам, ки дар ин роҳ танҳо набудам.

Кормандони шуъбаи луғати Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ дар охирин рӯзи зиндагии Носирҷон Маъсумӣ низ дар фароғатгоҳ бо ӯ суҳбат доштанд. Онҳо оид ба ҳамкории худ бо Маъсумӣ ва хислатҳои инсонии ӯ ёддоштҳои ҷолибе доранд. Аз ҷумла В А. Капранов чунин навиштааст:

«Соли 1960 Носирҷон Асадович ҳамроҳи М. Шукуров ба таҳрири дуҷилдаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» оғоз намуданд.

Аввал М. Шукуров бо Н. Маъсумӣ дар кабинети директор нишаста, матнро баъди чопи мошинка мехонданд. Вале ин тарзи кор дер давом накард. Корҳои маъмуриву ҷамъиятӣ Маъсумиро аз ҳамкорӣ бо М. Шукуров бозмедоштанд. Биноан онҳо таҳрирро ҳар кадом дар алоҳидагӣ, дар хонаҳояшон идома доранд. Маъсумӣ ниҳоят серкор буд ва таҳрир барояш сарборие шуд. Бо вуҷуди ин ӯ корро метезонид ва қисмҳои таҳриркардаашро ҳарф ба ҳарф ба кормандони шуъбаи луғат, яъне ба мо, муаллифон медод. Корро аз ӯ асосан ман, ё Раҳим Мамедович ва ё домулло Зеҳнӣ қабул мекардем. Баъзан ӯ хоҳиш менамуд, ки мо дукаса ва ё секаса ба наздаш дароем. Ин чунин маънӣ дошт, ки баъзе масъалаҳоро мехоҳад фавран, дар ҳузури мо равшан намояд. Баъзан баҳсҳоямон хеле тӯл мекашид. Ба ҳар ҳол ҳаками асосии ҳалли мушкилоти мо домулло Маъсумӣ буданд...

Дар шуъбаи луғат барои тартиб додани «Луғати русӣ-тоҷикӣ» чандин сол меҳнат кардем. Маъсумӣ дар таҳрири бисёр ҳарфҳои ин луғат хеле фаъолона ширкат намуд. Чанд ҳарфро аз ҳисоби вақти хобу истироҳат худаш танҳо таҳрир кард... Ӯ ба ғайр аз ин баъди ҳар яки мо ҳамаи ҳарфҳоро мехонд ва танҳо баъди хондану ислоҳ кардани вай кор ба дасти сармуҳаррири луғат М. Осимӣ мерафт. Мутаассифона, Маъсумӣ нашри ин луғатро надид, зеро он танҳо соли 1985 аз чоп баромад…

Носир Асадович бо ғамхориву меҳрубониҳояш нисбат ба ҳар як корманд, бо иштироки бевоситаи худ дар таҳияву таҳрири «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва «Луғати русӣ-тоҷикӣ» ба рушду такомули илму фарҳанги тоҷикон саҳми бузург ва нақши носутурданӣ гузошт. Ин ду асар беҳтарин ёдгоранд аз Маъсумии луғатдону луғатшиносу луғатсоз.

Дар бораи хислатҳои инсонӣ ва раҳбарии Маъсумӣ бояд бигӯям, ки ӯ барои ҳар яки мо пеш аз ҳама рафиқ буд - ба-

рои аз худаш хурдсолҳо рафиқи бузург, барои ҳамсолонаш рафиқи баробар. Ба калонсолону мӯйсафедон, хусусан ба домулло Зеҳнӣ, Раҳим Ҳошим ва С.Ҷ. Арзуманов хеле мушфиқ ва меҳрубон буд...

Дӯст ва маслиҳатгар, инсони покдилу рӯҳшинос, муаллими пурдону меҳрубон, раҳбари мушфиқу масъулиятшинос буд домулло Маъсумӣ ва бо ҳамин сифатҳояш дар дилу хотири мо абадан нақш бастааст».

Луғатшиноси шинохта шодравон Ҳафиз Рауфов дар бораи ҳамкориҳои худ бо Маъсумӣ ёддоштҳои ҷолибе дорад. Аз ҷумла менависад:

«...Ёд дорам, ки боре яке аз мураттибони луғат ба таҳияи мақолаи луғавӣ сарсарӣ муносибат кард ва кори хомакие пешниҳод намуд. Носирҷон Асадович аз ин огоҳ шуданд, он рафиқро ба назди худ хонданду гуфтанд:

- Дӯсти азиз, ки корро ба ин зудӣ анҷомёфта ҳисобидан мумкин нест, зеро кори луғат, хусусан луғати тафсирии забони тоҷикӣ, ки дар асоси маводи адабиёти ҳазорсолаи мо сохта мешавад, корест мисли бо сӯзан чоҳ кофтан. Ва ҳар касе, ки душвориву масъулияти ин корро дарк намекунад, дар ин соҳа кор карда наметавонад...

Омодаву таҳрир кардани «Фарҳанги забони тоҷикӣ», албатта, кори дастҷамъӣ буд ва Носирҷон Асадович ҳам раҳбар ва ҳам яке аз аъзои кории ин коллектив ба ҳисоб мерафт. Боре ман тафсири калимаеро, ки дар ҳошияи рӯбарӯяш аломати савол меистод, ёфта натавониста, ба Маъсумӣ муроҷиат кардам, ки дар луғатҳои тафсирӣ шарҳи ин калимаро пайдо карда натавонистам. Носирҷон Асадович бо гармиву мутоибаи ба худ хос пурсиданд:

- Агар дар луғатҳо набошад, пас Рауф-ул-луғат чӣ мегӯяд?

Ман муддате чӣ гуфтанамро надонистам, сипас фикр кардаму чунин ҷавоб додам:

- Рауф-ул-луғат мегӯяд, ки бояд сабр кард, вақте ки Маъсумӣ-ул-луғат аз чоп барояд, ба он муроҷиат кардан лозим аст.

Носирҷон Асадович хандиданду гуфтанд:

- Азизам, бо умед бояд зист, рӯзе мерасад, ки мардум аз ин луғатҳо низ истифода мекунанд...

Асарҳо, шогирдон, хотираи неки мардум беҳтарин ёдгориҳое ҳастанд, ки аз устод Маъсумӣ боқӣ мондаанд».

* * *

Маъсумӣ Ҳамроқул Шодиқуловро дӯст медошт. Аз ӯ хоҳиш мекард, ки зуд-зуд хабар гирадаш. Онҳо ҳамроҳ дам мегирифтанд, маслиҳату машварат мекарданд. Вақтҳое ки ман дар фароғатгоҳ намебудам, Носир кӯшиш мекард, ки дӯстонашро худаш меҳмондорӣ кунад. Ӯ ба Шодиқулов тайёр кардани «тухмбирёни сабз»-ро ёд медод. Ин ягона таоме буд, ки ӯ пухта метавонист ва аз модари ман ёд гирифта буд. Ҷараёну тартиби тайёр кардани ин таомро бо тамоми ҷиддият ва бо завқ шарҳ медод: тухмро шикаста ба зарф меандозед, андак орд, гашнич, шибит, пиёзи сабзи резакарда, мурч, намак ҳамроҳ карда, ҳамаро дар рӯғани маска бирён мекунед. Тухмбирёни сабз бояд аз ду тараф бирён шавад...

Дар фароғатгоҳ бо Маъсумӣ сактаи дил рух дод. Шонздаҳуми августи соли 1974 ӯ аз олам даргузашт.

Ӯ ҳамеша пеш аз хоб китобе мехонд. Он шаб «Ҳафт ҷавҳар»-ро мехондааст. Китоб дар назди кат, рӯи ҷевонча мондааст, дар байни саҳифаҳояш қалам... Дар хокистардон сигори нимкашида. Китоб то охир нохонда ва мақолаи барои маҷаллаи «Садои Шарқ» то охир нонавишта мондаанд. Мақоларо дар ҳамон шакл чоп карданд.

Ӯ аз ин дунё рафт, вале ҷаҳони зебои ӯ бо ман монд.

***Мутарҷим***
***Абдураҳмони АБДУМАННОН***

РАЗЗОҚ ҒАФФОРОВ

# СУХАНСАНҶ ВА СУХАНВАР

*Зиндаву ҷовид монд ҳар кӣ накуном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*

Носирҷон Маъсумӣ аз ҷумлаи он арбобони маърифатест, ки тавассути меҳнати бедареғ паи пешрафт ва равнақи илму фарҳанги халқ номи худро дар саҳифаҳои таърихи тамаддун ҷовидонӣ сабт кардаанд. Ҷӯишҳои пайгирона, меҳнати пуршиддати муттасил, кӯшиш ва рағбати тамом барои омӯзиш ва таҳқиқи илму дониш боис шуда, ки ӯ бахшҳои асосии илми адабро фаро бигирад, дар чанде аз риштаҳои асосии он то ба мақом ва мартабаи устодӣ расад. Ба ин хотир, фаъолияти илмии Н. Маъсумӣ умдатарин соҳаҳои филологияи тоҷик - адабиёти қадим ва ҳозир, таърихи забон ва забони адабии кунунӣ, услубшиносӣ ва фолклоршиносиро ба худ мегирад. Дар мо одати баде пайдо шудааст, ки ягон олим аз рӯи зарурате берун аз соҳаи тахассуси худ тасодуфан як-ду мақола навишта бошад, ҳини баҳо ба эҷодиёти ӯ бемасъулиятона вайро аҳли ҳамин соҳа ба қалам медиҳанд. Н. Маъсумӣ аз ин идда олимон нест. Ӯ дар бештарин бахшҳои илми адаб, ки номбар кардем, мақола ва рисолаҳои муҳим офарида, мутахассиси комил ва баруманд будани худро дар ҳар яки онҳо ҳаққан ба субут расонидааст.

Қисматҳои илми забон мавҷуданд, ки аз навиштаҳои ин олими нозукадо ибтидо гирифта, ба туфайли кушиши минбаъдаи вай бо роҳи таълифи асарҳо ва тайёр кардани кадрҳои лоиқу хушихтисос пурра сурат бастаанд. Фолклоршиносӣ, усули таълими адабиёт дар мактаб ва услубшиносӣ аз ҷумлаи ҳамин риштаҳои илми филологияи тоҷик маҳсуб мешаванд. Қисме аз асарҳои Н. Маъсумӣ дар ин бахшҳои

илмӣ ба сифати китобҳои дарсӣ таълиф ёфтаанд. Ӯ бо ин роҳ эҳтиёҷи донишкадаҳои олиро ба васоити таълим таъмин намуда, ҷиҳати равнақи ҳаёти маънавии ҷумҳурии мо хизмати бузурги илмию ҷамъиятиро адо намудааст.

Н. Маъсумӣ олими фозил, пухтакор ва масъулиятшиносе буд. Барои расидан ба натиҷаҳои матлуб ҳеҷ гоҳ шитоб намекард, балки фикру андешаҳои илмии худро аз ибтидо то интиҳо муддатҳои мадид ягон-ягон дар майна пазонда, сипас, рӯи коғаз меовард. Тафаккури равшан, сабти мантиқ, фаровонии далел дар таҳқиқ ба тарзи баёни олими номвар нақши дурахшоне гузоштаанд: забони навиштаҳои ӯ бисёр сода буда, лангардор ва фасеҳ ва фориғ аз ороиши сунъӣ, дабдабаанд. Аз ин ҷост, ки асарҳои Н. Маъсумӣ дар баробари пешбурди афкори филологӣ, ҳамчунин, барои инкишофи забони адабӣ ва бахусус, такмили ҳусни услуби илмии он бетаъсир намондаанд.

Бештарини таълифоти Н. Маъсумӣ оид ба забоншиносӣ буда, масъалаҳои таърихи забони адабии ҳозира, услубшиносӣ, забоншиносии иҷтимоӣ ва ҳусни суханро дар бар мегиранд. Ӯ доир ба ҳар яки шохаҳои илми забон мақола ва асарҳои алоҳида офаридааст, ки дар забоншиносии тоҷик мавқеъ ва манзалати хосае доранд. Дар ин рисола ҳамин навиштаҳои ӯ мухтасаран мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

***

Ҳиссаи азими тадқиқоти забоншиносии Н. Маъсумиро мақола ва асарҳое ташкил менамоянд, ки ба масъалаҳои услуб ва услубшиносӣ бахшида шудаанд. Асарҳои ин забоншиноси пурдон дар ин боб бо хусусиятҳои ҳуҷастаи илмӣ барои дигарон намунаи ибрат шуданд, онҳоро барои омӯхтани забон ва услуби адибони гуногун ҳидоят намуданд. Н. Маъсумӣ, ки ба зиммаи касби олимӣ бо шоирӣ низ машғулӣ дошт, вазифа ва моҳияти суханро дар адабиёти бадеӣ бо ҳама паҳлу ва нозукиҳояш ба хубӣ дарк мекард.

Вай бинобар сермутолиагӣ аз адабиёте, ки доир ба ин мавзӯъ дар илм мавҷуд буд, пурра огоҳӣ дошт. Ин ҳама якҷоя бо меҳнати пуршиддат ва бурдборона, ки ин марди кор аз ҷавонӣ дар худ парварда буд, имкон доданд, ки ӯ дар соҳаи мазкур, соҳае, ки аз мушкилтарин бахшҳои илми забон аст, бо муваффақияти тамом қаламронӣ кунад.

Асарҳои Н. Маъсумӣ дар соҳаи услубшиносӣ асосан таҳлил ва тадқиқи забону услуби Аҳмади Дониш ва Садриддин Айниро дар бар мегиранд, ки беваҷҳ нест. Он ҳама пешрафт ва дигаргуниҳое, ки дар системаи меъёрҳои забони адабии тоҷик дар охирҳои асри XIX (хизматҳои Аҳмади Дониш ва пайравони он), аввали асри XX ва минбаъд (хизмати устод Айнӣ ва шогирдони вай) рух доданд, бо номи ин ду суханвари бузург сахт вобастагӣ доранд. Онҳо бо ақли расо ва фаросати ҷибиллӣ тамоюлҳои инкишофи забони адабии аҳди худро ба беҳтарин тарзе дар асарҳои эшон акс намуда, барои ривоҷи минбаъдаи забони адабӣ таъсири амиқ гузоштанд. Аҳмади Дониш услуби маънавиро далерона шикаст ва дар соҳаи сода кардани забони адабӣ қадами ҷиддие пеш гузошт. Навиштаҳои ӯ, хусусан, асари ҷомеи вай «Наводир-улвақоеъ», дар Айнӣ «инкишофи фикриро бедор карда», дар баробари ин, ба сараш «савдои насрнависиро ҳам андохтанд». С. Айнӣ иқдоми А. Донишро пеш аз Инқилоби Октябр бо оҳистагӣ, вале дар даврони шуравӣ бо ҳавсала ва рағбати тамом ривоҷ дод ва «он байрақи демократӣ кунонидани забони адабиро, ки А. Дониш баланд карда буд, ба марраи ғолибият расонид». Аз ин ҷиҳат, барои эҳсоси навиҳои забонию услубии асарҳои устод Айнӣ донистани он тозапардозиҳое, ки муаллими илҳомбахши ӯ А. Дониш дар ин боб содир кардааст, зарурати махсусе дорад.

Ақли донишсанҷии Н. Маъсумӣ ин ҳақиқати илмиро нағз дарк намуд. Бинобар ин, вай қабл аз шурӯъ ба таҳлил ва омӯзиши хусусиятҳои забону услуби устод Айнӣ тадқиқоти

доманадореро роҷеъ ба ин ҷиҳати асарҳои саромади маорифпарварони тоҷик анҷом дод.

Н. Маъсумӣ дар асарҳои А. Дониш ду ҷиҳати услубиро муқаррар кардааст: яке давоми анъана буда, дигаре услуби навин аст, ки назар ба сабки пешиниён содатар мебошад. Ин ду услуб дар ҳама асарҳои вай ба як ранг воқеъ нашуда, балки мавзӯъ ва мундариҷаи ҳар асар интихоби яке аз онҳоро тақозо доштааст. Чунончи, истеъмоли калимоти арабӣ, ки тайи солҳо муҷиби асосии мураккабӣ ва душворфаҳмии забони адабии мо шуда буд, дар ин ҷанбаи услубӣ ба ин тарз муқаррар гардидааст: «Агар масъалаҳои таърихӣ, илмӣ-философӣ ва динӣ муҳокима шаванд, элементҳои арабӣ ниҳоят зиёд дучор мешаванд. Маълум аст, ки нависанда истеъмоли онҳоро ҳамчун нормаи луғавӣ ва терминологии замонҳои гузашта ва давраи худ зарур ва лозим медонад... Забони ҳаҷв ва тасвири бадеии А. Дониш хеле равон ва сода аст. Ин аломати кам кор фармуда шудани элементҳои номафҳуми арабӣ ва равшанбаёнии махсуси нависанда мебошад».

Олими ҳақиқатбин чунин мешуморад, ки дар ҳамон порчаҳое ҳам, ки бо забони сода иншо шудаанд, калимаю ибораҳои зиёди арабӣ ва қисман тоҷикиҳои кӯҳна дучор мешаванд, ки нависанда онҳоро ба сифати меъёри роиҷи давраи худ кор фармудааст ва ин унсурҳо дар забони адабии имрӯза хусусияти умумӣ надоранд. Ба ин маънӣ, мувофиқи дарёфти Н. Маъсумӣ, содагии забон дар навиштаҳои А. Дониш маънои нисбӣ дорад. Онҳо назар ба асарҳои пешина ва қисме аз асарҳои замони муаллиф сода буда, вале аз нуқтаи назари забони адабии имрӯза душворфахм мебошанд.

Н. Маъсумӣ бар таъкиди ин маънӣ навиштааст: «Аз ҳамин нуқтаи назар забони асарҳои Аҳмади Дониш нисбат ба забон ва услуби баъзе нависандагони гузашта ва муосир сода ва осонфаҳмтар, аммо нисбат ба дараҷаи тараққиёти мин-

баъдаи забони адабӣ ба андозае мураккаб ва душворфаҳм аст».

Ин мулоҳизаи Н. Маъсумӣ ба чунин нишондоди устод Айнӣ, ки ба ҳамин масъала оид аст, мувофиқати пурра дорад. «Оре, фикри соданависӣ ҳам дар ман баъд аз шинос шуданам ба «Наводир-ул-вақоеъ» пайдо шуд, чунки забони ин китоб ба хонандагони замони ҳозира хеле душвор намояд ҳам ва дар ҳақиқат, хеле душвор ҳам ҳаст, дар он замонҳо, ки бо ин китоб ошно шудам, нисбат ба дигар китобҳо ва аз он чизҳо, ки нависандагони ҳамон замон менавиштанд, хеле осон буд».

Аз ин мебарояд, ки Аҳмади Дониш дар соҳаи сода кардани забон кӯшиши ҷиддӣ зоҳир намудааст. Бо вуҷуди ин, вай ба созмони меъёри анъана фақат тағйироти ҷузъӣ ворид оварда, дар асос ба он содиқ монд. Ба ин маънӣ, комилан ҳақ ба чониби Н. Маъсумист, ки мегӯяд: «Албатта, ба забон ва услуби А. Дониш ҳамчун як манзараи тамоман тағйирёфтаи забон ва услуб нигоҳ кардан мумкин нест. Дар ҳамин шароити таърихӣ Дониш ва пайравони ӯ барои содаву демократӣ кунонидани забон ва услуб мубориза бурда истода, ҳамаи элементҳо ва анъанаҳои кӯҳнашударо бароварда партофта наметавонистанд. Як қисми элементҳои луғавӣ, шаклҳои грамматикӣ ва анъанаҳои услубӣ, ки ҳоло кӯҳнашуда ҳисоб меёбанд, дар замони Дониш ҳанӯз зинда буданд».

Бинобар ин, аз навиштаҳои А. Дониш баъзе порчаҳои андак сода таҳриршударо ҷудо карда, онҳоро намунаи умумии тарзи баёни ӯ ҳамл кардан ҳаргиз дуруст нест. Н. Маъсумӣ зуҳури майли соданависиро «дар ҳаҷв ва тасвири бадеӣ»-и нависанда махсус дониста, ин нуқтаро таъкид намудааст, ки ҳатто, дар порчаҳои ба ин мавзӯъҳо таълифёфта ҳам, «калима ва ибораҳои зиёди арабӣ дучор мешаванд, ки нависанда онҳоро ҳамчун нормаи муқаррарии забони ада-

бии давраи худ кор фармудааст». Олими дақиқназар дар ҳамин ҷо барои исботи таваҷҷуҳи зиёди Аҳмади Дониш ба калимаю ибораҳои арабӣ ба сифати намуна порчаеро зикр кардааст, ки пури арабӣ буда, фаҳмидани он бе луғат на фақат ба зиёиёни одӣ, балки ба мутахассисони олирутбаи забону адабиёт низ басо душвор аст.

Пас, он ҳама дигаргуниҳое, ки Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ ба забони адабӣ дохил намудаанд, аз чӣ иборат аст? Асоси назарӣ ва кори бевоситаи амалии онҳоро дар боби ислоҳ ва демократӣ намудани забони адабии анъана кадом хислатҳо ташкил медиҳанд? Н.Маъсумӣ ба ин саволҳо ҷавоби возеҳ ва раднопазир додааст. Мувофиқи нишондоди ӯ, аввалин ҷиҳати ҷолиб дар навиштаҳои Аҳмади Дониш ин аст, ки вай ба муқобили муғлақбаёнӣ ва суханпардозии маҳз мубориза бурд ва сидқан сайъ намуд, ки ҳар чизро мувофиқи будаш ҳақиқатгирона ба қалам оварад. Аз ин рӯ, таълифоти ӯ аз пардоз ва такаллуфоти сухан орӣ буда, ҳама барои ифодаи маъниҳои муайян воқеӣ нигаронида шудаанд. Дигар ин, ки А. Дониш ба забони халқ ва асарҳои содазабон, ки ба қисме аз осори пешина хос буд, пайравӣ карда, дар навиштаҳои худ унсурҳои забони зиндаро бештар мавриди истеъмол қарор дод. Ин усули таҳрир дар раҳи таъмини реализми сухан ва наздик овардани он ба ҳақиқатнигорӣ, воқеан ҳам, кӯшиши ниҳоят ҷиддӣ ва далерона буд.

Н. Маъсумӣ барои исбот ҳуҷуми ҷасуронаи Аҳмади Дониш ба услуби насрнависии пуртакаллуф ва тумтароқи замонаш руҷӯи таърихӣ намуда, нишон додааст, ки насри тоҷик то ин дам дар ду услуб – услуби соданависӣ ва мураккабнависӣ воқеъ мешуд. Муаллиф муносибати ин услубҳо ва мавқеи онҳоро дар забони адабӣ мӯшикофона ошкор намуда, ин нуқтаро таъкид намудааст, ки дар насри классикии то Аҳмади Дониш услуби дуюм – мураккабнависӣ замон то замон нуфуз ва эътибори зиёдтареро касб карда,

дар аксарияти адабиёти хаттӣ ҷорӣ ва умумӣ шуда буд. Хулосаи зерини ӯ дар ин хусус бисёр қобили таваҷҷуҳ аст: «Вобаста ба шароитҳои муайяни таърихӣ, ҳаракатҳои адабӣ, майлу кӯшишҳои ба худ хоси ҷараёнҳо ва равияҳои адабӣ, характери маданият ва муносибатҳои истеҳсолӣ ва ҷамъиятии замони феодалӣ тарзи баён ва услуби тасвири мураккабу печ дар печи анъанавӣ ба тартиби муайян даромада, ҳамчун ҳислати хоси насри классикӣ расмият меёфт ва мустаҳкам мегардид, ки ҳатто, дар худи асри XV ба дараҷаи баланд расидани онро дар забону услуби асарҳои таърихӣ ҳам дидан мумкин аст. «Ва боз: «Ба ҳамин тариқ, тараққиёти умумии забони адабӣ ва забони насри бадеӣ то нимаи асри XIX асосан бо роҳи мураккабшавии тарзи ифода ва торафт вазниншавии таркиби луғавӣ воқеъ гардидааст. Дар наср аксар вақт мувофиқат надоштани шакли ифода бо мазмуни баёншаванда, ороиши аз ҳад зиёди маҷозии хиракунандаи фикр характернок шуда монд. Усули пургӯии барзиёд ва анъанаи сухансароии китобӣ ҳамчун аломати мураккаби тоқатфарсои ифода, дур шудан аз ҳаёти воқеӣ ва аз содаву равшанбаёнии оммафаҳм бисёр унсурҳои забони халқиро аз истеъмол дур кард ва аз нормаи забони адабӣ баровarда партофт. Дар адабиёти асрҳои XVIII – XIX пайдо шудани ҷараёни бедилизм ва расмият ёфтани услуби бедилӣ дар назму насри як қатор адибони тоҷик вазъияти мавҷудаи забону услуби адабии китобиро бадтар ва бори онро вазнинтар карда буд».

Н. Маъсумӣ ин мулоҳизаи худро бо овардани далелҳои шайъ – зикри порчаҳои намуна аз осори классикӣ – боварибахш ба субут расонидааст. Мӯшикофиҳое, ки ин олими пурдон дар ин соҳа кардааст, бо чунин баҳои донишмандонаи устод Айнӣ ба забони услуби иншоӣ, ки дар замони Аҳмади Дониш маъмул буд, комилан мувофиқат дорад: «Дар замонҳои охир насрнависӣ, гуфта мешавад, ба таҳри-

ри иншои мактубот махсус шуда монда буд. Беҳтарин муншӣ ва мактубнавис ҳамон кас ҳисоб мешуд, ки муддаоеро, ки бо як ҷумла ифода карданаш мумкин аст, дар ду саҳифа бо калимаҳои қофиядор печонад. Мактубҳо ва иншоҳо айнан мисли «Нукот»-и Бедил буданд. Фақат фарқ дар ин ҷо буд, ки Бедил дар ибораҳои мушкили худ маъноҳои фалсафии дақиқро (шояд барои он ки кушода гуфтани он чизҳо дар замони ӯ мумкин набуд) печонда ифода мекунад, аммо иншоҳои нукотмонанди замони мо тамоман бемаънӣ буд».

Аз ин гуфтаҳо чунин маънӣ бо тамоми возеҳӣ маълум мегардад. ки услуби Аҳмади Дониш, дар воқеъ ҳам «Зидди анъанаҳои насрнависии он замон буданд». Ин услуб ба тарзи баёни адибони дигар, вобаста ба ин ба меъёрҳои забони адабии давр нақши назаррасе гузошта, барои майлон ва ҷазби он ба таҳаввулоту пешрафти муайяне боис шуд. Ба ин ваҷҳ ақидае, ки гӯё асарҳои Аҳмади Дониш инъикосгари меъёрҳои забони адабии замонаш набошанд, асоси илмие надорад. Аҳмади Дониш, ки сарвари маърифатпарварони замони худ буд, бегумон, дар соҳаи забон низ роли роҳбариро дар уҳда дошт ва асарҳояшро мувофиқи меъёрҳои мустаъмал ва ҷорӣ иншо намуда, бо заковат ва обрӯи баланд ба тағйир ва инкишофи онҳо таъсир мерасонид ва барои ворид шудани унсурҳои нав дар созмони меъёри адабӣ далерона роҳ мекушод. Аз ин ҷост, ки гуфтаи зерини Н. Маъсумӣ дар ин хусус сад андар сад дуруст аст: «Дониш, аз як тараф, ба муқобили тарзи анъанавии «классикӣ» ва муғлақбаёнии тақлидӣ – бедилӣ мубориза бурда, ба истилоҳи забон ва услуби адабии давраи худ саъй кардааст, аз тарафи дигар, кӯшишҳои то як андоза стихиявии равшанфикрони замони худро оид ба соданависӣ ва истифодабарии забони халқ, бо тартибу қолиби муайяне андохтааст. Бо ин маънӣ, забони «Наводир-ул-вақоеъ» намунаи барҷа-

стаи забони адабӣ ва забони насри бадеии нимаи дуюми асри XIX мебошад,ки ин бо хусусиятҳои махсуси худ аз ҳолати пешина ва ҳозираи забони адабӣ ва забони насри бадеӣ фарқ карда меистад».

Мушоҳидаҳои илмии Н. Маъсумӣ дар хусуси забону услуби Аҳмади Дониш ва саҳми пурарзиши ӯ ба ҷараёни демократӣ кардани забони адабӣ на аз рӯи таҳлил ва муқобилан сатҳӣ, балки дар пояи таҳқиқоти илмӣ, амиқ омӯхтани асарҳои гуногуни нависанда, муқоисаи онҳо ба навиштаҳои пешиниён ва ҳамзамонони ӯ, ҳамчунин, дар заминаи назарияи пешқадами илми забон сурат гирифтаанд. Вай забони асарҳои Донишро аз бобати луғот, сарф ва наҳв ҷудо-ҷудо таҳлил ва баррасӣ намуда, фарқҳои алоҳидаи онҳоро аз нормаҳои анъанаи донишмандона нишон медиҳад ва аз ин таҳқиқоти доманадори худ ба чунин натиҷа меояд: «Аҳмади Дониш усули пургӯии каммазмун ва суханбозии бемазмунро маҳкум карда, адабиётро аз нав ба роҳи реализм даровард. Аммо вай вобаста ба шароити таърихии ҳамонвақта дар иҷрои мақсадҳои худ маҳдуд монда буд. Аз ин ҷиҳат, забон ва тарзи баёни ӯ ҳам бо андаке тағйироти сифатӣ, асосан, дар ҳолати забони насри классикӣ истодан гирифт».

Аҳмади Дониш бо ақидаҳои назарӣ ва навиштаҳои пурмазмуии худ ба адибони давраш, ҳамчунин, ба бисёр шоиру нависандагони дигар, ки баъдтар ба арсаи адабиёт омаданд, таъсири пурбаракате гузошт. Танқиди ошкорои иллатҳои замон, истифодаи унсурҳои забони зинда дар тасвири онҳо, талқини парҳез аз тарзи ифодаи муғлақ ва пуророиш қаламдастони равшанфикри замонро ба услуби сода ҳидоят намуда, обрӯ ва эътибори Аҳмади Донишро дар байни аҳли сухан муттасил зиёд мекарданд. Онҳо аз паи устоди худ рафта, асарҳояшонро боз ҳам сода ва оммафаҳмтар навиштанд. Ин шева на фақат дар назм, балки дар наср низ шавқманд ва пайравони фаровоне пайдо кард. Як қисми муҳимми таҳқи-

қоти Н. Маъсумӣ доир ба забон ва услуби Аҳмади Дониш ба ҳамин масъалаи муҳим бахшида шудааст.

Дар ин маврид, пеш аз ҳама, чунин як масъалаи муҳим, ки барои таъйин намудани тағйироти таърихии норма хеле аҳамият дорад, қобили диққат аст. Ин масъала ба инъикоси гуногуни сарват ва имконоти забон ба ду шохаи услуби бадеӣ – назм ва наср дахл дорад. Илми забоншиносӣ исбот кардааст, ки дар назм меъёри анъанавӣ, асосан, бетағйир, ба тарзи консервативӣ идома меёбад, вале наср аз рӯи васеии имкониятҳои худ ҳама шохаи забони адабиро фаро гирифта, ба просесси инкишофи таърихии забони адабӣ таъсири ҳалкунанда мегузорад. Н. Маъсумӣ ба ин маънӣ гуфтааст: «Одатан вазъияти умумии забони адабии давраро наср, асарҳои насрии дар ҳамон давраи таърихӣ офаридашуда муайян менамоянд, зеро, ки наср соҳаи ниҳоят васеъ аст ва ҳамаи хусусиятҳои забониро дар ҳолати табиӣ инъикос менамояд. Вай барои пурра нишон додани манзараи умумии забони адабӣ нисбат ба назм озодтар ва фарохмайдонтар аст».

Н. Маъсумӣ дар асоси ин принсипи забон осори манзум ва мансурро алоҳида-алоҳида аз назар мегузаронад. Ӯ исбот мекунад, ки забони шеъри то охири асри XIX бештарин тақлиди забони Бедил буда, аз охири ин аср дар он майл ба забони содаи оммафаҳм қувват гирифт ва ин равиш натиҷаи таъсири бевоситаи Аҳмади Дониш буд. Ин хулоса ба нишондодҳои устод Айнӣ, аз ҷумла, бо чунин гуфтаи ӯ мувофиқати пурра дорад: «Нависанда ва шоири мутафаккири асри XIX-и Бухоро - Аҳмади Дониш (вафоташ 1897) Бедилро бисёр дӯст медошт ва баъзе чизҳои душворфаҳми ӯро шарҳ мекард. Аммо худ на дар назм ва на дар наср услуби ӯро тақлид намекард ва ҳамсуҳбатони худро аз тақлид кардани ӯ манъ менамуд ва ба тарзи ҳазл мегуфт: «Бедил пайғамбар аст, мӯъҷизаро дар ихтиёри пайғамбар гузоштан дар-

кор аст. Шумо валӣ шуда, каромот нишон диҳед ҳам мешавад». Бояд аз таъсири ҳамин гуна суҳбат бошад, ки аз шоирони дар боло номбаршуда Сарир, Сират ва Исо баъд аз он, ки умри ҷавониашонро ба тақлиди Бедил сарф карданд, дар пирӣ шеъри худро сода карданд» .

Дар омади гап гуфтан лозим меояд, ки баъзе аз донишмандон чунин мепиндоранд, ки таъсири сабки Бедил ба забони адабии тоҷик чандон зиёд набуд ва ҳангоми баҳо додан ба вазъи он дар давраи то Инқилоби Октябр эътибор додан ба ин масъала нашояд. Ин фикр ҳаргиз қобили қабул нест. Бедил ва сабки он дар Осиёи Миёна шуҳрати тамом дошт. Шоирони бисёре дар тақлид ва пайравии ӯ асарҳо офариданд, баъзе аз онҳо бо таъсири Дониш аз қайди тақлид раҳо ёфта бошанд ҳам, баъзеи дигарашон (мисли Туғрал, Зуфархони Ҷавҳарӣ ва ғ.) то охир дар пайравии Бедил собит монданд. Дар мактабҳои куҳна аз адабиёти тоҷик дар қатори Хоҷа Ҳофиз асарҳои Бедилро низ мехонданд. Дар Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд дар ҷойҳои муайян, ҳатто, дар чойхонаҳо бедилхонӣ расм буд, ки бесаводон ба онҳо гӯш дода, ба қадри фаҳмашон фоида мебурданд. Ин ҳама, албатта, ба забон ва услуби аҳли қалам бе таъсир намемонд.

Н. Маъсумӣ дар хусуси вазъи забону услуби насри ин давра сухан ронда, онро ба ду навъ ҷудо кардааст: сода ва мураккаб. Сабки дуввум, мувофиқи нишондоди ӯ, дар баъзе соҳаҳо ҳамчунон давом дошт. Дар баробари ин, сабки якум сабки сода тарафдорони зиёдтаре пайдо намуда, беш аз пеш равнақ мегирифт ва ривоҷ меёфт. Ӯ сабаби инро ба талқини ғояҳои пешқадам дар байни мардум алоқаманд намуда, гуфтааст: «Ин аст, ки барои адибони ҷараёни прогрессивӣ танҳо дар рамкаи забон ва услуби куҳнаи адабӣ эҷодӣ маҳдуд мондан мумкин набуд. Онҳо ба забони зиндаи халқ муроҷиат намуда, таркиби луғавии асарҳои худро як андоза тағйир медоданд ва вобаста ба ақидаҳои пешрави худ

дар услуб ва тарзи ифода ислоҳоти муайяне дохил менамуданд».

Пурдонӣ ва салиқаи баланди забондонии Н. Маъсумӣ дар рисолаи ӯ «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» ниҳоят барҷаста таҷассум ёфтааст. Асос ва моҳияти ин асарро таҳлил ва тасвири забону услуби яке аз шоҳкориҳои устод Айнӣ – повести «Марги судхӯр» ташкил медиҳад. Н. Маъсумӣ ин мавзӯъро аввал ба сифати диссертассияи номзадӣ соли 1953 дифоъ намуда, баъдтар, қисми зиёди онро чун китоби алоҳида ба табъ расонид. Шакли пурраи рисола, ки дар шуъбаи мероси адабии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ маҳфуз аст, ҳаҷман хеле калон — 532 саҳифа буда, бо хати майдаи хоси таҳрири Н. Маъсумӣ навишта шудааст. Муаллифи ин сатрҳо ҳамроҳи ҳамсари олим В.П. Осмакова аз рӯи ҳамин дастхат нусхаи комили ин асарро ба чоп ҳозир намудааст.

Н. Маъсумӣ аз байни забоншиносони тоҷик аввалин шуда, ба омӯзиши мушкилтарин соҳаи илми филология — забон ва услуби адабиёти бадеӣ шурӯъ кардааст. Ин, албатта, бе сабаб набуд. Ӯ ба сифати яке аз олимони зариф хуб дарк карда буд, ки забони адабиёти бадеӣ дар роҳи таърихии инкишоф ба таърихи забони адабӣ сахт алоқамандӣ дошта, дар ҳар як марҳилаи таърихӣ вазъи умумии онро акс менамояд. Аз тарафи дигар, вай ин нуктаро низ нағз дарёфта буд, ки ташаккул ва инкишофи меъёрҳои умумии миллӣ бо ширкати бевоситаи адабиёти бадеӣ сурат мегиранд: нависандагони бузург дар баробари истифодаи сарвати забони модарӣ мувофиқи тамоюлҳои фаъоли инкишоф, ки забони адабӣ аз сар мегузаронад, ба он сахт таъсир расонида, луғат, сохти грамматикӣ ва имконоти услубиашро васеътар менамоянд. Ин маънӣ аз суханони зерини олим равшан падид меояд: «Адабиёти бадеӣ на танҳо сарчашмаи ҳартарафа инъикоскунандаи ҷараёни инкишофи забони адабӣ ва

мустаҳкамкунандаи нормаҳои вай аст, балки дар баробари ин, лабораторияи эҷодӣ ҳам мебошад. Устодони сухани бадеӣ ҳамаи имкониятҳои бойи забони гузашта ва ҳозираро ба таври эҷодӣ истифода бурда, дар баробари ин, навигариҳои махсуси худро дохил намуда, барои инкишофу такомулот ва бой гардонидани забони умумии адабӣ ва адабиёт сабаб мешаванд».

Тарафи дигари ҷолиб иборат аз он аст, ки Н. Маъсумӣ барои тадқиқ эҷодиёти асосгузори адабиёти советии тоҷик Садриддин Айниро интихоб намудааст, ки асарҳои ӯ дар роҳи инкишофи меъёрҳои миллии забони адабии мо роли асосӣ ва ҳалкунанда бозидаанд. Олими нозуксанҷ ба ин маънӣ гуфтааст: «С. Айнӣ ҳамчун асосгузорандаи адабиёти советии тоҷик дар таърихи тараққиёти забони ҳозираи умумиадабии миллии тоҷик роли асосии ташкилкунандагӣ ва саркардагиро бозидааст».

Ин асар боз як фазилати олиҷаноб дорад: Н.Маъсумӣ солҳои панҷоҳ, он солҳое, ки усули тадқиқи забони адабиёти бадеӣ чандон муайян набуд, усулеро пеш гирифт, ки солҳои шаст ба туфайли саъю кӯшиши олимони зиёд, махсусан, асарҳои ҷомеи алломаи илми забон В. В. Виноградов таъйин ва муқаррар гардид. Мувофиқи нишондоди ин олими шуҳратманд, истилоҳи «забон» дар нисбати адабиёти бадеӣ бо ду маънои фарққунанда истифода мешавад: 1) ба маънои акскунанда ё қисман таҷассумкунандаи системаи умумии ину он забони миллӣ (умумихалқӣ) ва 2) ба маънои «забони санъат», яъне, системаи ифодаи бадеӣ»[17] . Забоншинос вазифадор аст, ки ҳам муносибати нависандаро ба услуби умумии миллӣ ва ҳам хусусиятҳои фардии ӯро дар роҳи офаридани образҳои бадеӣ дар зимни истифодаи воситаҳои ин услуби умумӣ муқаррар намояд. Дар ин ҳол асоси таҳқиқоти забон ва услуби адабиёти бадеиро омӯхтани услуби фардии нависанда ташкил менамояд. В.В. Виногра-

дов моҳияти ин масъаларо батафсил шарҳ дода гуфтааст:

«...Забоншинос ёдгории адабӣ-бадеиро на танҳо ҳамчун материали таърихи забони умумиадабӣ ва услубҳои он, балки ба сифати ифодаи услуби фардӣ низ омӯзад».

В. В. Виноградов услуби фардиро ҷавҳари тадқиқи забону услуби осори бадеӣ қаламдод намуда, кӯшиш кардааст, ки хусусият ва моҳияти онро ҳартарафа ошкор намояд. Ӯ гуфтааст: «Услуби фардӣ системаи ба тарзи эстетикию эҷодӣ интихоб намудан, дарк кардан ва ҷо ба ҷо гузоштани унсурҳои мухталифи забон аст. Ин маънӣ дар гуфтаҳои зерини ин донишманди бузург боз ҳам равшантар акс ёфтааст: «Маркази проблемаи тадқиқи забони адабиёти бадеиро проблемаи «забон» («услуб»)-и адабиёти бадеӣ ва проблемаи «забон» («услуб»)-и нависанда ташкил менамояд. Ҳар ду проблема ба мафҳуми услуби фардӣ такя мекунад ва вобастаи он мебошад... Проблемам услуби фардии нависанда, қабл аз ҳама, проблемаи таърихи санъати бадеӣ, таърихи адабиёти бадеии миллист».

В. Виноградов мувофиқи ҳамин назарияи илмӣ изҳор намудааст, ки ба забоншинос шурӯъ намудан ба таҳқиқи масъалаҳои асосии адабиёти бадеӣ аз мафҳумҳо ва категорияҳои қарини худ табиӣ ва наздик аст».

Н. Маъсумӣ ҳам дар таҳлил ва тасвири забони повести «Марги судхӯр»-и Айнӣ аз ҳамин заминаи илмӣ амал намудааст. Вай дар асоси мушоҳидаҳои амиқ даставвал услуби фардии устод Айниро муқаррар сохта, дар ин поя ҳама воситаҳои забониеро, ки дар роҳи интихобот ва истеъмоли онҳо хусусиятҳои фардии тарзи баёни муаллиф зоҳир гаштаанд, ҷузъ-ҷузъ таҳқиқ ва маънидод кардааст. Аз рӯи дарёфти олим, ҷиҳати хосса дар забону услуби асарҳои устод Айнӣ чунин аст: «Айнӣ аз аввалҳои фаъолияти адабӣ-эҷодии худ сар карда, зарурати демократӣ кунонидани забони адабиро фаҳмида, дар эҷодиёти худ боигарии асосии забони ада-

бии мавҷударо пурра истифода намуда, ба ҷои элементҳои сифатан кӯҳнаи он тадриҷан элементҳои забони халқиро дохил карда, барои равону суфта ва ба оммаи халқ наздик шудани забони адабӣ ёрии амалӣ расонид. Ба ин маънӣ, С. Айнӣ боигарии забони адабиёти классикӣ ва забони умумихалқиро якҷоя карда, хусусиятҳои умумишавандаи забони гуфтугӯиро ба таври васеъ истифода бурда, забони ҳозираи адабии тоҷикро хеле бой кард ва забону тарзи баёни насри бадеиро бо сифатҳои нав пеш ронд».

С. Айнӣ суханвари мумтоз ва камназире буд. Ӯ забони адабии классикӣ ва забони зиндаи халқиро ба дараҷаи аъло медонист. Дар асарҳои вай имкониятҳои бепоёни ин ду манбаи муҳими инкишофи забони адабӣ бо маҳорати тамом истифода шудаанд. Ошкор кардани ҳунарнамоиҳои саррофонаи С. Айнӣ дар роҳи интихоб ва истеъмоли воситаҳои мухталифи сухан бо риояи тамоми ҷилоҳои маъноӣ ва хосияти услубияшон, бешак, тайёрии комили филологӣ, салиқа на ҳассосияти баланди сухансанҷӣ мехост. Хушбахтона, Н. Маъсумӣ ҳама ин фазилатҳоро молик буд. Вай дар натиҷаи навиштани китоб ва мақолаҳои зиёди илмӣ доир ба соҳаҳои гуногуни адабиёти бадеӣ, забони адабии пешинаю ҳозира дониш ва таҷрибаи фаровоне андӯхта, малакаи хуби тадқиқотӣ касб карда, дар адои ин гуна як таҳқиқоти ҷиддӣ омода шуда буд. Аз ин рӯ, ба ҳалли ин вазифаи душвор бо чирадастии тамом муваффақ гардид. Ба вуҷуд омадани «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» дар филологияи тоҷик рӯйдоди фавқулода муҳим ба маънои пурраи сухан, шугуне буд. Ин асар бо хусусиятҳои шоёни илмӣ ба тадқиқи қисмати нави забоншиносӣ-забон ва услуби адабиёти бадеӣ роҳ кушод, барои дигарон сармашқ ва намунаи ибрат қарор гирифт. Далели ин даъвоҳо ҳамин аст, ки дар ҳама он тадқиқоте, ки баъди таълифоти мазкури Н. Маъсумӣ ба майдон омадааст, усул ва равиши ӯ пурра пайравӣ

шудаанд.

«Очеркҳо...» таҳти унвони «Рол ва мавқеи Айнӣ дар инкишофи забони адабии тоҷик баъд аз револютсияи Октябр» боби муқаддимавие дорад, ки дар он хизматҳои таърихӣ ва бузургворонаи Айнӣ дар роҳи исботи мавҷудияти таърихӣ ва истиқлолияти миллии халқи тоҷик ва забони он тасвир ёфта, иғво ва туҳматгариҳои душманони ашаддии халқи мо – пантуркистон ва панэронистон дар ин хусус бо далелҳои қавию раднопазир фош карда шудаанд.

Олими маъруфи тоҷик, собиқ президенти АФ Тоҷикистон М. Осимӣ ҳиссаи шоистаи устод Айниро дар пешрафти адабиёт ва фарҳанги халқи худ тавсиф намуда, дар суҳбати шахсӣ боре гуфта буд: «С. Айнӣ дар олами адабиёт ва фарҳанги халқи тоҷик хидмати ниҳоят дараҷа бузург дорад. Саҳми вай дар соҳаи адабиёти советии тоҷик ҳар қадар азим бошад, дар боби забони адабии имрӯзаи мо низ ба ҳамон андоза калон аст». Дар ин суханони фишурда ва пурмаъно кори басо пуршиддат, муборизаҳои фидокоронаи устод С. Айнӣ дар боби забони адабии миллии тоҷик бисёр дуруст ва оқилона маънидод шудаанд. Асарҳое, ки Айнӣ доир ба адабиёт навиштааст, миқдоран хеле зиёданд. Онҳо бе шарҳу эзоҳи иловагӣ худ ба забони ҳол хоҳанд гуфт, ки хидмати муаллифашон дар ин соҳа шоистаи ҳама гуна тақдир ва таърифхост. Аммо адади навиштаҳои устод оид ба забони адабӣ ва роҳҳои инкишофи он чандон зиёд нест. Бо вуҷуди ин, С. Айнӣ дар ин ҷабҳа хидматеро ба харҷ дод, ки дар нозуктарин давра, дар он даврае, ки сарнавишти халқи мо ҳал мешуд, роли таърихии ҳалкунанда бозид.

Ин давра солҳои бист – замони тақсимоти ҳудуди миллии халқҳои Осиёи Миёна аст, ки мувофиқи он халқи мо дар қатори халқҳои дигари ин кишвар мебоист дар роҳи ҳастии таърихӣ хати қат – озоднома мегирифт. Ин амр ба пантуркистон, ки мақсадашон таъсиси давлати ягона – давлати

«Туркони Кабир» буд, комилан маъқул набуд. Ба ин ваҷҳ онҳо иғвогарона чунин ақидаи ботилеро ба ташвиқ даромаданд, ки «дар Осиёи Миёна тоҷик ном халқе нест, ононе, ки худро тоҷик меноманд, ҳамон ӯзбеконанд, ки бо таъсири Эрон ва мадраса забони худро гум кардаанд».

Дар ин шароит ниқоби ин иғвогаронро аз рӯй нагирифта, мақсадҳои разилонаи онҳоро фош ва маҳкум накарда, мавҷудиёти таърихӣ ва сукунати қадимии халқи тоҷикро дар сарзамини худ исбот кардан басо душвор буд. Барои ин бурҳони қотеъ, санаде лозим буд, ки аз хондан ва шунидани он муддаиёни курдил лол ва лаббанд шаванд. Ин корро он кас метавонист бо муваффақият ба иҷро расонад, ки аз таърихи халқи худ комилан огоҳ бошад. Таърих ба сифати ин гуна родмардони бузургвор Садриддин Айниро ба майдони мубориза овард. Вай бо навиштани чанд мақолаи ҷиддии илмию публисистӣ, махсусан, бо таълифи китоби ҷомеи худ «Намунаи адабиёти тоҷик» илман собит намуд, ки халқи тоҷик аз қадимтарин ва мутамаддинтарини халқҳои Осиёи Миёна буда, забони адабии мукаммал ва пурсарвате дорад, ки бо он дар арзи бештар аз даҳ қарн асарҳои сершумори илмию бадеӣ офарида шудаанд. Санад ва далелҳои қотеъи Айни лоҷавоб буданд. Онҳоро танҳо касони кӯрботин, ашхоси тиҳӣ аз ақли солим метавонистанд инкор намоянд. Устод Айнӣ дертар хизмати таърихии «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро дар ин ҷабҳа ба хотир оварда, бо ифтихор навишта буд: «Ин асар «Намунаи адабиёти тоҷик» - бо фактҳои таърих пардаи он иғвогаронро дарронид ва ба даҳони онҳо муҳри хомӯшӣ зад».

Н. Маъсумӣ ин ҳама мубориза ва кӯшишҳои фидокоронаи Айниро бо далелҳои фаровон исбот намуда, аз он чунин натиҷа гирифтааст: «С. Айнӣ дар соҳаи ҳал кардани масъалаҳои аввалиндараҷаи мероси адабӣ-мадании халқи тоҷик, масъалаҳои адабиёт ва забони ҳозираи тоҷик пешо-

ҳанги адибон ва домишмандони ҷавони мо гардида, ҳамчун адиб ва ходими ҷамъиятӣ ба кори давлат ва халқи худ ёрӣ медод. Дар ин бобат на танҳо эҷодиёти бадеии Айнӣ, балки асарҳои илмӣ ва публитсистии ӯ низ дар мубориза бар зидди душманон, барои пешрафти зиндагии нав ҳаёти мадании халқи тоҷик роли бузурге бозиданд».

Қисми дигари боби мазкур ба масъалаи роли С. Айнӣ дар ташаккул ва инкишофи асосҳои меъёри нави забони адабии тоҷик бахшида шудааст. Маълум аст, ки дар солҳои бист дар ин соҳа баҳсу муноқишаҳои тезу тунде ба амал омада буданд. Баъзе талаб мекарданд, ки дар замони нав, замони ба сари кор омадани аҳли меҳнат, барои мусоидат кардани забон ба завқ ва савияи мадании он дар асоси яке аз лаҳҷаҳои забони адабии наве дуруст карда шавад. Баъзеи дигар матбуоти тоҷикиро корандаи тухми инқилоб дар шарқи хориҷӣ дониста, таклиферо ба миён гузошта буданд, ки забони форсӣ чун асоси забони тоҷикӣ қабул карда шавад. Гурӯҳи сеюм тарафдори қабули забони содаи авоми тоҷик буданд.

С. Айнӣ дар ин мубоҳиса фаъолона иштирок дошт. Ҳам дар матбуот ва ҳам дар конференсияҳои илмӣ, ки ба ин масъала бахшида мешуданд, инони сухан ҳамеша дар дасти ӯ буд. Вай бо даҳои олӣ, ки молики он буд, масъаларо тамоман дуруст ҳал карда исбот намуд, ки дар адабиёти нав хостан ва ба кор бурдани «забони форсии сода», «забони зиндаи ҳақиқӣ» айни муддаост. Ин нукта ғолибан чунин маънӣ дошт, ки забони адабии пешина ба асоси забони халқ сода ва оммафаҳм карда шавад. Худи Айнӣ бо навиштаҳои илмӣ, публитсистӣ ва бадеӣ дар ин боб барои дигарон намуна шуд. Ҳама аз вай ибрат гирифтанд ва аз пайаш рафтанд.

Н. Маъсумӣ ин ҷиҳати фаъолияти илмӣ ва граждании С. Айниро дар асоси далелҳои бисёре шарҳу эзоҳ дода, мулоҳизаи худро чунин ҷамъбаст кардааст: «Баромадҳои С. Айнӣ

танҳо ба муқобили элементҳои эронпараст равона карда нашуда буд. Вай ба муқобили ҳама гуна гурӯҳҳои «забонҷӯяндагон» ва «забонсозандагон», бар зидди тенденсияи шаҳрчигӣ ва маҳалчигии оид ба забон ва лаҳҷаҳои маҳаллии вай муборизаи ҷиддӣ мебурд. Инчунин, устод Айнӣ дар мақолаҳои худ «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» ва «Забони тоҷикӣ» ба муқобили асоси забони адабии тоҷик қабул карда шудани забони тақрибан аз 60-70 фоизи калимаҳои арабӣ иборат будагӣ баромад карда ва асосан, ба забони зиндаи умумихалқӣ такя карда, боигарии забони классикиро дуруст фоида бурда, роҳи инкишофи забони ҳозираи тоҷикиро пешбинӣ намуд» .

Дар боби аввали асар, ҳамчунин, дар хусуси муборизаи устод Айнӣ барои нигоҳ доштани тозагӣ ва покизагии забони адабӣ батафсил сухан рафтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки С. Айнӣ сода кардани забони адабиёти классикии тоҷикро ба асоси забони зинда ва шохаҳои лаҳҷавии он талқин намуда, дар айни ҳол нодуруст ва бемавқеъ истифода бурдани унсурҳои архаистӣ ва лаҳҷавии маҳдуди маҳаллиро дар навиштаҳои ҷудогона низ донишмандона таъйин кардааст. Доираи чашмандози С. Айнӣ дар ин боб хеле васеъ буда, моҳияти асосии он дар мақолаи ӯ «Мактуби кушода ба рафиқ Толис» барҷаста ифода ёфтааст.

Н. Маъсумӣ дар асоси таҳлили муфассали ин мақола нишон додааст, ки Айнӣ дар масъалаи истифодаи унсурҳои лаҳҷавӣ дар адабиёти бадеӣ «Пайрав ва дар амал ҷорикунандаи таълимоти санъаткори бузург Горкий мебошад». М. Горкий, чунонки медонем, ба кор фармудани калимаҳои маҳдуди шевагӣ муқобил буд. Ин маънӣ дар гуфтаҳои зерини ӯ равшан ифода ёфтааст. «...Дар мо ҳар як губерния, ҳатто, бисёр уездҳо «лаҳҷаи» худ, калимаҳои худро доранд, аммо адиб бояд ба забони русӣ нависад, на ба тарзи дигар. ...Барои он ки одамон хуб ва зуд бифаҳманд, онҳо бояд бо

забони ягона гап зананд».

Н. Маъсумӣ гуфтаҳои устод Айниро доир ба истифодаи унсурҳои шевагӣ аз рӯи ҳамин дастури суханвари забардаст таҳлил ва маънидод карда, дар ин замина чунин фикри муҳимеро ба миён гузоштааст, ки истифодаи унсурҳои маҳдуди маҳаллӣ ба ҳеҷ ваҷҳ аломати халқӣ шудани забони адабиёти бадеӣ ба ҳисоб намеравад. Ӯ навиштааст: «Дар масъалаи халқияти сухани бадеӣ, мавқеъ ва зарурияти истеъмоли элементҳои забони зиндаи халқ баъзе нависандагонамон тасаввуроти нодурусте доранд, ки гӯё бо забони шевагии худ сухан кардани персонажҳои асар ва ё дар забони тасвирии нависанда бисёр кор фармуда шудани шаклҳои шевагӣ аломати «халқӣ» шудани забони адабӣ ва адабиёт аст».

Мувофиқи ақидаи Н. Маъсумӣ, унсурҳои шевагӣ назар ба ғанӣ кардани забон ба ифлос ва олуда намудани он қобилтаранд. Аз рӯи ин мулоҳиза вай фикреро талқин менамояд, ки дар шароити имрӯзаи беш аз пеш афзудани таъсири забони адабӣ ба лаҳҷаҳо сӯйистифодаи калимоти шевагӣ аломати пастии ҳусни сухани адиб аст.

Қисми дигари боби аввали «Очеркҳо...» таҳлил ва тарҷеҳи забон ва маҳорати адабиро ташкил медиҳад. Н. Маъсумӣ диди эстетикии Айниро дар ин хусус батафсил аз назар гузаронида, чунин фикри муҳимеро талқин менамояд, ки забон дар адабиёти бадеӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, зеро тамоми воқеа, характер, ҳиссу ҳаяҷон ва амалиёти иштироккунандагони асар бо ёрии воситаҳои забонӣ тасвир мешаванд. Ин аст, ки забони модарии худро нағз надониста, асари хуб офаридан муҳол аст. Ба ин маънӣ, донистани забони модарӣ, мавридшиносона истифода карда тавонистан аз имконияти бепоёни он ба маҳорати қаламкаш, ҳунари сухангустарии вай сахт марбут аст. Н. Маъсумӣ аз ин пояи назарӣ чунин натиҷа гирифтааст: «Забон, ба замми

мундариҷаи ғоявӣ, сифати асари бадеиро муайян менамояд. Дар навбати худ бе забони устодона кор кардашудаи адабӣ мундариҷаи ғоявӣ ҳам хира, беқувват ва бетаъсир шуда, таъсири бадеӣ ва ҷамъиятии худро гум мекунад».

Моҳияти ин нукта бештар аз ҳама ва хубтар аз ҳама ба устод Айнӣ маъқул буд. Аз ин сабаб, ӯ гаштаю баргашта таъкид мекард, ки нависанда бояд нахуст забонро омӯзад, барои дуруст ва баҳангом кор фармудани унсурҳои он, ки ҳар калом ҷой ва мавриди муайяни истеъмол дорад, беист ва бурдборона меҳнат кунад, ҳамеша дар паи ҷустуҷӯи он калима ва таъбире бошад, ки маъно ва мундариҷаи асари ӯро хубтар, таъсирбахштар ва осонфаҳмтар талқин менамоянд. Аз ин гузашта, нависанда устод ва бонии забон аст. Бинобар ин, лозим аст, ки вай барои роҳнамоии омма ба роҳи матлуб ба дурустии забони навиштаҳои худ эътибори ҷиддӣ диҳад. Н. Маъсумӣ талаб ва дархостҳои устод Айниро аз адибон дар соҳаи истифодаи воситаҳои сухан ба ҳамин маънӣ эзоҳ дода, фикри худро ба зикри чунин гуфтаи ин донишманди зуфунун ба исбот расонидааст: «Нависанда, ки устоди забон ҳисоб меёбад, бояд ӯ маънии суханҳоеро, ки дар асарҳояш кор мефармояд, пурра донад ва агар он сухан якчанд маънӣ дошта бошад, ҳамаи онро ба ҷои кор фармуда мешудагиашон ёд гирифта, баъд аз он кор фармояд, вагарна дар пеши хонандагон шарманда мешаванд».

Дигар аз масъалаҳои муҳиме, ки дар таълимоти бадеию эстетикии С. Айнӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд, масъалаи сарманшаи маҳорати сухангустарист. Устод дар ин боб ду манбаи омӯзиш – забони адабии классикӣ ва забони зиндаи халқиро нишон дода, аҳамияти сарчашмаи дуюмро батакрор зеҳннишин кардааст, ки бе ваҷҳ нест. «Дар нутқи халқ, - навишта буд Л. Н. Толстой, - қонуни тавлиди забон ҳамеша барҳаёт аст ва дар амал аст». Ин ҳол имкон медиҳад, ки ин шохаи забони миллӣ ҳамвора пеш равад, такмил

ёбад, дар хазинаи худ паёпай дурдонаҳои нав ба нав ҷамъ оварад. Мутаассифона, то Инқилоби Октябр ин дурдонаҳои гаронбаҳо бинобар бетағйир, ба тарзи анъанавӣ идома доштани меъёрҳои адабӣ, чунон ки бояду шояд, ҷалб нашуда буданд. Дар даврони Шӯравӣ алоқамандона ба тамоюли демократӣ шудани забони адабӣ дар ин боб тағйироти муҳиме ба амал омад: дари ин ганҷина ба рӯи ҳама васеъ боз шуд. Каси аввалин аз адибони советӣ, ки ба ин хазина ҳарисона муроҷиат карда, дурдонаҳои онро фаровон ба кор бурд, устод Айнӣ буд. Ӯ ба замми ин, ки унсурҳои пазирои забони зиндаро дар асарҳои адабиаш зиёда истифода намуд, дар луғати тартибдодааш ҳам ин қабил калимаҳоро бештар ҷо дод, то ин ки дастраси умум шуда, ҳуқуқи адабӣ касб кунанд. Устоди донишманд дар сарсухани ин луғат мақсади худро аз ин амал ба ин тарз шарҳ додааст:

«...Ман ба ин китоб як қисми луғатҳоеро ҷамъ кардам, ки онҳо барои фоида бурдан аз адабиёти классикӣ ёрӣ медиҳанд ва қисмеро даровардам, ки онҳо барои фаҳмида хондани адабиёти нафисаи имрӯза заруранд ва инчунин, як қисм луғатҳоеро ғун кардам, ки онҳо дар хазинаи забони зиндаи имрӯзаи тоҷик буда, то ба ҳол ба ҷое ғун нагардида ва дар навиштаҷоте кор фармуда нашудаанд, ё ин ки бисёр кам кор фармуда шудаанд. Ин қисм бештарин барои он касон лозим аст, ки ҳаваси нависандагӣ доранд, аммо забони зиндаро камтар медонанд».

С. Айнӣ забони зиндаи халқро сарчашмаи шойгон ва омӯзиши онро барои ҳар як қаламкаш амри ногузир дониста, дар айни замон ин маъниро низ хотирнишон кардааст, ки дар ин хазина баробари гавҳарҳои пок, чизҳои сақат, хармуҳраҳое низ ҳастанд, ки адиб бояд аз истифодаашон худдорӣ кунад, ё ҷиҳатҳои хоми онҳоро дар кураи ақл гудохта, пухта карда, баъд ба хонандаи васеъ манзур намояд. Н. Маъсумӣ ҳамаи ин масъалаҳоро бо далелҳои равшан со-

бит карда, хулосаи илмии худро ба воситаи чунин гуфтаи устод Айнӣ тақвият додааст:

«Бояд нависанда аз ҷиҳати забон дар ҷое истад, ки дасти халқ ба вай расад ва бо як ишорат ва ҳимояти ӯ халқ ба паҳлуи ӯ баромада тавонад. Нависанда аз забони халқ чӣ гуна бояд истифода кунад? Ба фикри вай ва таҷрибаи вай, забони халқ анбори холинашавандаи моли хом аст. Вазифаи нависанда он моли хомро ғундошта, боб ва дилкаш намуда, ба халқ додан аст».

Н. Маъсумӣ ақидаҳои илмию эстетикии Айниро аз рӯи масъалаҳои мазкури назарӣ бо диққати замон ягон-ягон таҳлил ва баррасӣ карда, онҳоро ба фаъолияти сухангустарии ӯ татбиқ намуда, ба чунин хулосаи ҳаққонӣ омадааст, ки ин суханвари бузург бо роҳи донишмандона омезиш додани ду сарманшаи муҳим – забони классикӣ ва забони зиндаи халқ барои инкишофи забони адабии тоҷик бо роҳи нав ба ҷамъи қаламдастони мо сарварӣ намуд ва навиштаҳои вай ба сифати намунаи хусусиятҳои тозаи ин забон ба ҳамаи аҳли савод «дар роҳи омӯхтани забони ҳозираи адабии тоҷик сармашқ» қарор гирифтанд.

Ҳамин тавр, дар боби аввали «Очеркҳо...», ки боби комилан назарист, диди эстетикии устод Айнӣ доир ба инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик, тарзи истифодаи воситаҳои мухталифи он дар адабиёти бадеӣ мувофиқи талаботи замон бисёр борик ва мӯшикофона таҳқиқ шудаанд. Аз ин ҷиҳат, онро метавон бунёди назарии тамоми бобҳои минбаъда номид.

Боби дуюми монография «Марги судхӯр» - асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ» ном дошта, дар он мундариҷаи ғоявӣ, образҳо ва сабки умумии ин шоҳасари асосгузори адабиёти советии тоҷик ба тарзи мухтасар, вале хело пурмаъно ба таҳлил ва таҳқиқ расидааст.

Олими зариф мавзӯъ, мундариҷаи ғоявӣ, образҳо ва при-

ёмҳои адабии нависандаро таҳлил ва баррасӣ намуда, зимнан ин нуктаро таъкид менамояд, ки воситаҳои забонӣ дар адабиёти бадеӣ ҳама бо мундариҷаи ғоявии асар бо мароми эҷодии офаридгори худ алоқаи ногусастанӣ доранд ва барои таъйин кардани моҳияти услубии онҳо ҳамеша дар назар доштани ин масъала шарти муҳими омӯзиши сухани бадеъ аст. Бобҳои минбаъдаи «Очеркҳо...», ки ба таҳлил ва тасвири воситаҳои луғавӣ ва грамматикии асар бахшида шудаанд, садоқати пайгиронаи муаллифро ба ин методологияи умумии таҳқиқи забон ва услуби адабиёти бадеӣ равшан собит менамояд.

Заковати бани одам барои ифодаи ҳама чиз - предметҳо, воқеа ва ҳодисаҳо, аломатҳои мухталиф, ҳиссу ҳаяҷон, хурсандиву шодӣ, ғаму андӯҳ, рангу бӯ ва мисли инҳо шаклҳои созгор- калимаҳои фаровоне офаридааст. Мардум вобаста ба тағйирот ва такомулоти зиндагии худ, ки ҳар рӯзу соат ба амал меояд, воҳидҳои луғавии нав офарида, захираи луғавии мавҷударо ҳамвора зиёд мекунанд. Ба ин ваҷҳ калимаҳо ҳамдам ва ҳамқалами доимии аҳли ҷамъият буда, вазъи зиндагии онҳоро чун оина дар худ мунъакис месозанд. Ин аст, ки ҳар адиб барои офаридани асар дар навбати аввал ба ҳамин қисмати системаи забон муроҷиат мекунад, аз байни анбӯҳи шаклҳои ҳаммаънои он беҳтарин ва созгортаринашонро хоста, мувофиқи иқтизои мароми эҷодӣ ба кор мебарад. Муваффақияти ӯ ба он вобаста хоҳад шуд, ки ҳар калимаро дар маънои асил – агар чанд маъно дошта бошад, бо риояи нозукиҳои маънои он – дар ҷойҳои услубан муносиб истифода намояд. Мунаққиди бузурги рус В. Г. Белинский ин нуктаро шарти асосии хушсифатии услуб ба қалам дода, дар назди устодони сухан чунин вазифа гузошта буд: «Ҳар як калима дар адабиёти бадеӣ бояд ҷомеи тақозои маънии асари комилро дар бар гирад, тарзе дар бар гирад, ки ҳис шавад: дар забон калимаи дигаре нест, ки дар

ин маврид онҳоро иваз карда тавонад».

Боби сеюми «Очеркҳо...», ки «Хусусиятҳои луғавии повести «Марги судхӯр» ном дорад, таҳлил ва тавсифи ҳамин қисмати забони асари мазкурро фаро мегирад. Дар фаслҳои гуногуни ин боб муаллиф қабатҳои мухталифи луғавии асар – калимаҳои куҳнашудаю таърихӣ, гуфтугӯи халқӣ, адабию китобӣ ва иқтибосии ӯзбекию русиро аз ду ҷиҳат – аз ҷиҳати муносибати онҳо ба системаи луғавии забони адабии ҳозира ва адои вазифаҳои услубӣ таҳлил кардааст. Инак, натиҷаҳое, ки ӯ доир ба ҳар яке аз категорияҳои мазкури луғавӣ ба даст даровардааст:

а) **Доир ба калимаҳои куҳнашуда ва таърихӣ:** «Дар истеъмоли калимаҳои ифодакунандаи ҳодисаҳои конкретии таърихӣ, характер ва урфу одатҳои махсуси давра ниҳоят бодиққат ва эҳтиёткор будан – як ҳислати барҷастаи Айнӣ шуда мондааст. ...Истеъмоли услубии ин гуна элементҳои луғавӣ ба ҳеҷ ваҷҳ забони асарро вазнин ва душворфаҳм намекунад, балки дар методи тасвир як навъ гуногунии услубӣ ва колорити (обу ранг) таърихӣ ба вуҷуд меорад. Дар ин маврид принсипи содагии тасвир иборат аз он аст, ки нависанда ба маънои моҳияти калимаҳо, предметҳо ва ҳодисаҳо баҳои ҳаққонӣ дода, ба ҷиҳати ифоданокӣ ва характернокии иҷтимоӣ-таърихии калима ва ибораҳо диққат дода, фосилаи замонаи лаҳҷаҳои тасвиршавандаро муайян кардааст».

б) **Оид ба калимаҳои адабии китобӣ**: «С. Айнӣ калимаҳои барои услуби китобӣ характернок бударо аз рӯи зарурати луғавӣ, маъноӣ ва услубӣ дар мавридҳои муайян истеъмол намуда, бо роҳи конкретонидани ҷиҳати услубӣ ва маъноии онҳо бо элементҳои камистеъмол характери умумиистеъмолӣ медиҳад».

в) **Роҷеъ ба калимаҳои гуфтугӯии халқӣ**: «Ҳар чизе, ки С. Айнӣ дар бораи зарурият ва тарзи истифодабарии хази-

наи забони зиндаи халқ гуфтааст, намунаи амалан татбиқ карда шудани онро дар эҷодиёти худи ӯ мебинем ва забони повести «Марги судхӯр» як мисоли барҷастаи он аст».

Натиҷаҳое, ки Н. Маъсумӣ аз таҳлил ва баррасии калимаҳои иқтибосии повести мазкур бардоштааст, низ ҳамин хел дақиқ, пурмаъно ва муҳиманд.

Дар фасли «Дар бораи хусусияти хоси забони адабӣ дар соҳаи истеъмоли калима», ки боби лексикаи «Очеркҳо...» бо он хотима меёбад, хусусияти фардии услуби устод дар боби васеъ намудани маънои калима бо роҳи истеъмоли он дар муҳити махсуси забонӣ, дар қолиби калимасозиҳои маъмул ба як тарзи ғайричашмдошт бунёд намудани калимаҳои нав, сохтани калимаҳои мураккаб аз ибораҳои мухталифи изофӣ таҳлил шудаанд.

Воҳидҳои фразеологӣ ба сифати муҳимтарин воситаҳои услубӣ барои пуробуранг ва таъсирбахш ифода кардани матлаб ёрии калон мерасонанд. Ҷиҳати асосии онҳо иборат аз он аст, ки монанди ибораҳои озоди синтаксисӣ дар ҷараёни нутқ сохта намешаванд, балки ҳамчун воситаи тайёр ба он тарзе, ки дар забон маъмул ва устувор гаштаанд, кор фармуда мешаванд. Устод Айнӣ, ки бо суханҳои образноки халқ таваҷҷуҳи зиёде дошт, дар асарҳои худ навъҳои мухталифи воҳидҳои фразеологиро фаровон ва донишмандона истифода намуда, аз ин ҳисоб фасоҳат, ғаномандӣ ва зебоии забони асарҳояшро ба дараҷот боло бардоштааст. Ин масъала дар боби чаҳорум - «Ибораҳои халқӣ дар забони повести «Марги судхӯр» мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Н.Маъсумӣ воҳидҳои фразеологиро ҷузъи таркибии халқияти адабиёти бадеӣ ба қалам дода, аз мушоҳидаи фразеологизмҳои повести «Марги судхӯр» ба чунин хулоса омадааст: «Вақте ки мо дар бораи халқӣ будани забони нависанда ва асари ӯ гап мезанем, ғайр аз боигарии луғавӣ, чӣ тавр ва чӣ андоза истифода бурда шудани бои-

гарии фразеологии забони халқиро ҳам дар назар дорем, зеро ки ин боигарии худро - воситаҳои оригиналии забони халқ симои халқии забони нависандаро ташкил медиҳад. Дар ин масъала Айнӣ устоди моҳир аст ва эҷодиёти ӯ хазинаи суханҳои пурмазмуну пуробуранги халқӣ ҳисоб меёбад».

Ин қисмати таҳқиқоти Н. Маъсумӣ фақат аз ҷиҳати шарҳи хелҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ, ошкор кардани моҳият ва вазифаҳои услубии онҳо дар «Марги судхӯр» арзишманд нест, балки аз лиҳози фаро гирифтани хеле аз масъалаҳои назарии фразеологизмҳо, ки шохаи алоҳидаи забоншиносист, низ пураҳамият аст. Н.Маъсумӣ дар хусуси воҳидҳои фразеологӣ вақте сухан ронда буд, ки хусусиятҳои онҳо дар забоншиносӣ акнун мавриди тадқиқ қарор мегирифт ва дар забоншиносии тоҷик ғайр аз ишораҳои алоҳида доир ба баъзе аз навъҳои он дигар чизе набуд. Ба ин маънӣ Н. Маъсумӣ аз аввалин забоншиносони тоҷик ба шумор меравад, ки бо таҳқиқоти худ барои ташаккули ин шуъбаи илми забон дар забоншиносии мо роли калон бозидааст. Чунончӣ, тақсими фразеологизмҳо аз бобати сохт ба гурӯҳҳои изофӣ ва феълӣ аввалин дафъа аз ҷониби ӯ ба амал омадааст. Мансубияти воҳидҳои фразеологӣ ба мавзӯъҳои гуногун, як хел набудани устувории калимаҳои таркиби онҳо низ аз кашфиётҳои ӯст.

Дар ҳамин боб хусусияти услубии зарбулмасал ва мақолҳо низ таҳлил шудааст. Н. Маъсумӣ аҳамияти ин воситаҳои суханро дар он дидааст, ки онҳо «ба забони нависанда дохил шуда, асари онро ҳам аз ҷиҳати шакли бадеӣ ва ҳам аз ҷиҳати мундариҷа ба дараҷаи ҳақиқатан халқӣ боло мебардоранд. «Мувофиқи ақидаи муҳаққиқ» дар адабиёти советии тоҷик кор фармуда шудани зармулмасал ва мақолҳо аз «Одина»-и Айнӣ сар шуда, баъдҳо тадриҷан ба таври умумӣ расмият пайдо кардааст».

Маъсумӣ зарбулмасал ва мақолҳои «Марги судхӯр»-ро

ҳаматарафа таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки онҳо «материали асосии забони персонажҳои повест мебошанд» ва аз ин ҷиҳат дар кушодани хислатҳои гуногуни онҳо роли муҳим бозидаанд.

Дар солҳои Ҳокимияти Советӣ дар қатори таркиби луғавӣ дар сохти грамматикии забони адабии тоҷик низ таҳаввулоти муҳим ба амал омад. Ин буд, ки адади қаринаҳо дар ҳама соҳа бо суръат афзуд, рақобати байни онҳо зиёд қувват гирифт. Ба ин ваҷҳ, таъйин намудани қаринаҳои қобил, баҳои дурусти ҷамъиятӣ додан ба онҳо, ба ин васила қоим ва мустаҳкам кардани мавқеи онҳо дар системаи меъёри умумии миллӣ аҳамияти калони назарӣ ва амалӣ касб намуд. Устод Айнӣ ин нуктаро пештар аз ҳама ва хубтар аз ҳама дарк кард. Вай мувозаҳои наверо, ки аз таъсири тамоюлҳои фаъоли инкишофи забони адабӣ ба амал омада буданд, диққаткорона, хоста ба кор бурд, барои маъмул ва умумӣ шудани онҳо роҳнамоӣ кард. Мувозаҳои грамматикии шоистае, ки Айнӣ мавридшиносона истифода намуд, якҷоя бо сарвати луғавӣ ва фразеологии навиштаҳояш, ки хеле лоиқ ва ибратомӯз буданд, муҳити забонии даврро ташкил доданд. Н. Маъсумӣ дар боби панҷум ва шашуми «Очеркҳо...» аз ҳамин хусус сухан ронда, муносибати Айниро ба муродиф ва қаринаҳои грамматикӣ муқаррар сохтааст. Ӯ дар асоси муқоиса ва муқобилаи муродифҳо ва қаринаҳои мухталиф собит намудааст, ки устод Айнӣ дар интихоби шаклҳои ҳаммаъно заковати олӣ зоҳир намуда, бо услуби фардии худ ба рафти инкишофи забони адабии кунунии мо нақши дурахшоне гузоштааст. Ӯ мегӯяд:

«С. Айнӣ, ҳамчун устоди сухан, дар асарҳои худ ҳамаи хусусиятҳои грамматикии мавҷударо бо тамоми гуногуншаклии онҳо инъикос мекунонад, дар масъалаи каму зиёд кор фармудани ин ё он шаклу тарзҳои грамматикӣ майли индивидуалии худро зоҳир менамояд. Дар баробари ҳамин дар

масъалаи истифодабарии баъзе аз шаклу тарзҳои грамматикӣ хусусиятҳои ба худ хосе ҳам дорад, ки ҳамчун аломатҳои муайянкунандаи фардияти забон ва тарзи баёни ӯ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ин хусусиятҳо дар забони нависандагони дигари мо характернок нестанд, ё ин ки бо таъсири Айнӣ акнун умумӣ шуда истодаанд».

Боби панҷуми «Очеркҳо...», ки «Хусусиятҳои морфологии повести «Марги судхӯр» ном дорад, таҳлили шаш ҳиссаи нутқ - исм, сифат, феъл, пешоянд ва ҳиссачаҳоро фаро мегирад. Олим дар китоби худ барои ҳар кадом аз ҳиссаҳои нутқ фаслҳои алоҳида кушода, шаклҳоеро таҳлил ва тадқиқ намудааст, ки дар истеъмоли онҳо хусусияти фардии услуби Айнӣ, муносибати ӯ ба муродиф ва қаринаҳо бештар ва сареҳтар акс ёфтаанд. Н. Маъсумӣ ҳар як ҳодисаро алоқамандона бо протсеси умумии инкишофи забони адабӣ аз назар мегузаронад ва дар ин зимн донишмандона нишон медиҳад, ки чаро устод Айнӣ аз байни шаклҳои ҳаммаъно яке ё чанде аз онҳоро афзалтар донистааст. Дастовардҳои муаллиф дар ин боб ба пешрафти афкори забоншиносии тоҷик таъсири амиқе расониданд. Ба ҳамин сабаб аст, ки хеле аз таҳқиқгарон дар шарҳу баррасии масъалаҳои ҷудогонаи грамматикаи забони адабии имрӯза ба ин асар истинод карда, муаллифи онро бо эҳтироми бузург ёдрас шудаанд. Ҳоло барои исботи фикр аз фаслҳои алоҳидаи китоб баъзе намунаҳо меорем.

1) Н. Маъсумӣ собит намудааст, ки таносуби истеъмоли суффиксҳои «-ҳо», «-он» (-гон – ён) дар асарҳои Айнӣ баробар аст. Суханвари бузург ба рафти демократӣ шудани забони адабӣ пурра риоя намуда, аз воситаҳои ҳаммаъно шакли ҷамъсозии тоҷикиро бештар, аммо варианти арабии онро ба нудрат истифода кардааст. Олими борикбин се мавриди истифодаи ҷамъсозии арабиро дар «Марги судхӯр» зикр кардааст, ки аз инҳо иборатанд: а) «нависан-

да танҳо як дафъа бо калимаи арабӣ («аҷзо») мафҳуми ҷамъро ифода мекунад; б) ҷамъи мукассари арабӣ бо суффикси ҷамъсозии тоҷикӣ ҷамъ карда мешавад: «алфозҳои қабеҳ»; в) калимаҳои тоҷикии «деҳа» ба суффикси арабии «-от» дар вақташ дар китобат монанди калимаи «боғот» ҳамчун ифодакунандаи мафҳуми ҷамъ ба ҳисоб гирифта шавад ҳам, дар забони халқ мафҳуми ҷомеъ дорад ва дар «Марги судхӯр» низ ба маънии ҷомеъ оварда шудааст».

2) С. Айнӣ барои ифодаи категорияи номуайянӣ дар қатори суффикси «-е» ҳаммаъноҳои он «як», «ягон»-ро низ фаровон ба кор бурдааст. Гоҳе бо як исм якҷоя омадани онҳо (бештар дар нутқи персонажҳо) низ мушоҳида мешавад. Хулосаи илмии муҳаққиқ дар ин хусус чунин шакл гирифтааст; «Ба ҳамин тариқ, маълум шуд, ки С. Айнӣ дар ифодаи категорияи номуайянӣ ҳама воситаҳои ифодаро фоида бурда, бо роҳи якҷоя кардани тарзҳои ифодаи адабӣ ва гуфтугӯӣ доираи грамматикии категорияи номуайяниро васеъ кардааст».

3) Дар бобати сифат диққати тадқиқгарро бисёр кор фармуда шудани сифатҳои нисбӣ бо суффиксҳои «-ӣ», «-чӣ», «-она» ҷалб намудааст. Дар асарҳои устод Айнӣ, мувофиқи нишондоди муҳаққиқ, сифатҳои нисбӣ бо суффиксҳои мазкур, ғайр аз барҷастагии маънои худ, як воситаи кӯтоҳбаёнӣ ҳам шудаанд. Н. Маъсумӣ барои исботи фикр ибораҳои «ҷомаи боронӣ», «ҷӯйҳои сарироҳӣ», «касони пасидарвозагӣ»-ро оварда нишон медиҳад, ки Айнӣ бо роҳи устодона фоида бурдан аз вазифаи грамматикии «-ӣ» онҳоро ба ибораҳои мураккаби «ҷомаи дар вақти борон мепӯшидагӣ», «ҷӯйҳои дар сари роҳ буда», «касони дар паси дарвоза будагӣ» сохтааст. «С. Айнӣ, - менависад муаллиф мушоҳидаи худро дар ин хусус ҷамъбаст карда, - аз хусусият ва қоидаҳои калимасозию иборасозии забони тоҷикӣ пурра фоида бурда, калимаю шаклҳои нав месозад ва бо худи

ҳамин барои калимасозии озодонаи ба қоидаҳои умумии забон мувофиқаткунанда роҳ мекушояд».

Н. Маъсумӣ суффикси «-она»-ро муштараквазифа дониста, ин нуктаро таъкид намудааст, ки сифату зарфҳои ба воситаи он сохташаванда аз як боб ба боби дигар гузашта метавонанд. Аммо хусусияти фардии С. Айнӣ, мувофиқи дарёфти муҳаққиқ, дар ин аст, ки ӯ калимаҳоеро ҳам бо суффикси «-она» ба тариқи сифат кор мефармояд, ки он шаклҳоро, одатан, ҳамчун зарф ба кор мебаранд ва асоси калима аксар вақт бе суффикси «-она» ҳам сифат шуда, асосан, мафҳуми шаклҳои бо суффикси «-она» омадаро ифода мекунад. Мисоли ин махсусияти услуби Айнӣ дар ин боб чунин аст: **оҳанги нофорамона, оҳанги нобоварона, оҳанги мулоимона, оҳанги дуғзанона** ва ғайра.

Н. Маъсумӣ ин сифатҳоро бо зарф ва феъли ҳол муқоиса намуда, ба чунин хулоса меояд, ки калимаҳои «нофорамона», «нобоварона», «дуғзанона» дар ибораҳои мазкур, ҳарчанд зоҳиран сифат бошанд ҳам, дар асл чун зарф падид омада, дар ҷумла ҳамчун ҳол воқеъ мешаванд. Дар ин асос вай чунин масъалаи муҳими назариро талқин менамояд: «Таҳлили ин масъала нишон медиҳад, ки дар ҷараёни таҳлили грамматикӣ ҳам қоидаи тағйири калимаҳо ва ҳам қоидаи ба ҳам пайвастшавии калимаҳо дар ҷумла ҳамеша бояд якҷоя ба ҳисоб гирифта шавад». Олими нуктасанҷ чунин навпардозиҳои грамматикии устод Айниро аз тақозои услуб дониста, моҳияти онро ба ин тариқ ошкор кардааст: «Мисолҳои дар боло овардашуда, ки аз ҷиҳати таркиб асосан аз **сифати -она** иборатанд, барои равшану барҷастатар ифода намудани оҳанги нисбӣ, дар айни ҳол нисбати ҳол, роли муҳим мебозанд. Зарурати услубии онҳо низ дар ҳамин аст».

Хусусияти сифатӣ касб намудани зарфҳои «нобоварона», «мулоимона» ва амсоли онҳо дар ибораҳои боло аз

маънои луғавии онҳо мебарояд: калимаҳои мазкур монанди ҳама гуна зарфҳои тарзи амал дорои тобиши аломат мебошанд, ки ин хусусият онҳоро бо сифат наздик месозад.

3) Дар қисмати ҷонишинҳо диққати олимро ҳамроҳ кардани суффикси ҷамъсозӣ ба ҷонишинҳои шахсии мо, шумо ва ҷонишини нафсии худ ҷалб кардааст. Н. Маъсумӣ дар ин бобат ду ҳолатро нишон медиҳад: а) С. Айнӣ, аз як тараф, мувофиқи анъана ҷонишинҳои шахси якум ва дуюми ҷамъро ба сурати холис истифода мебарад; б) аз ҷониби дигар, вай протсеси ҷории инкишофи забони адабиро ба ҳисоб гирифта, ҷонишинҳои мазкурро дар шакли ҷамъи бавосита (мо-моҳо, моён, шумо-шумоҳо, шумоён; худ-худҳо) кор мефармояд. Аз назари муҳаққиқ хосияти услубии ҳолати дуюм низ берун намондааст: вай тамоман дуруст муайян сохтааст, ки он «дар нутқ хусусияти махсуси гуфтугӯӣ пайдо мекунонад».

4) Хусусиятҳои услубӣ дар забони С. Айнӣ дар қисмати феъл, ки сершаклтарини ҳиссаҳои нутқ аст, барҷаста ифода ёфтааст. Инак, баъзе аз онҳо:

а) Айнӣ дар баробари шаклҳои маъмули феълҳои сохта, бо префиксҳои -бар, -боз, -дар, -фур ва ғ. шаклҳоеро низ истифода кардааст, ки пеш умумӣ буда, дар забони адабии ҳозира ранги оммавӣ надоранд, амсоли *бармеангезониданд, дардоданд*. Кор фармудани префикси «-би» низ қариб ба ҳамин тариқ аст.

б) Феълҳои дубаҳраи амсоли **хобидан – хоб кардан, нолидан – нола кардан, завқидан – завқ кардан** ҳам дар асарҳои Айнӣ, аз ҷумла, дар «Марги судхӯр», ба тарзи махсус истифода шудаанд. Н. Маъсумӣ аз таҳлили ин воҳидҳои забонӣ ба чунин хулоса омадааст, ки дар асари мазкур «истеъмоли шаклҳои содаи феълҳои дубаҳра бо шаклҳои мураккаби он қариб баробар давом мекунад». в) Феълҳои мураккаби ҳолӣ, чунонки маълум аст, ба се тарз сохта

мешавад: а) феъли асосӣ ба шакли ҳол ва феъли ёридиҳанда ба шаклҳои тасрифшаванда: **гуфта монед;** б) Ҳар ду қисм ба шаклҳои тасрифшавандаи якхела: **гуфтанд, монданд;** в) феъли асосӣ ба шаклҳои гуногуни тасрифӣ, аммо феъли ёридиҳанда фақат дар шакли замони гузашта: **мехонам, хонд.** Мувофиқи нишондоди Н. Маъсумӣ, дар асарҳои устод Айнӣ шакли сеюм тамоман истифода нагардидааст, тарзи якум аз ҳама зиёд, аммо тарзи дуюм танҳо дар чанд маврид истифода шудааст.

Муҳаққиқ дар баробари муқаррар кардани дараҷа ва тарзи истеъмоли шаклҳои мухталифи феълӣ маъно ва вазифаҳои гуногуни онҳоро низ ошкор намудааст. Масалан, ӯ фарқеро, ки миёни ду шакли аввали феълҳои мураккаби ҳолӣ мавҷуд аст, ба ин тарз муайян сохтааст: «Дар ҳақиқат ҳам, дар байни ин шаклҳо як тобиши ба душворӣ ҳисшавандаи услубӣ, ҳатто, баъзан маъноӣ мавҷуд аст, ки чигунагии онро фақат вобаста ба шакли ифода пай бурдан мумкин аст. Дар тарзи якум, ки феъли асосӣ дар шакли ҳол аст, феъли ёридиҳанда ҳамчун ҳиссаи бевоситаи таркибӣ бо тобиши нишондиҳандаи натиҷа ва маънои томи феълӣ меояд; дар тарзи дуюм, ки феъли асосӣ натиҷаи бевоситаи амалро мефаҳмонад, ёридиҳанда асосан бо тобиши таъкиди натиҷаи маълуми амал меояд, муқоиса карда шавад: **хатро хонда додам, хатро хондам додам**».

Ҳамин гуна мушоҳидаҳои дақиқро дар қисмати кушодани маъноҳои феълҳои ёвар дар феълҳои мураккаби ҳолӣ низ метавон дид.

г) Дар забони адабии ҳозира ҳар ду шакли сифати феълии замони гузашта – ҳам шакли якум (бо суффикси -а) ва ҳам шакли дуюм (бо суффикси -гӣ) дорои хусусияти нормативӣ мебошанд. Чунонки маълум аст, аз шаклҳои мазкур шакли дуюм рӯйдоди нав буда, ҳанӯз дар ибтидои асри XX дар забони адабӣ васеъ истифода мегардид. Н. Маъсумӣ

дараҷаи истеъмоли ду варианти мазкурро дар повести «Марги судхӯр» ба ин тарз муқаррар кардааст: шакли бо «-а» 75 фоиз, шакли бо «-гӣ» 25 фоизро ташкил менамояд.

Муҳаққиқ аз таҳлили муфассали системаи феъли «Марги судхӯр» доир ба истеъмоли шаклҳои феълӣ дар асарҳои устод Айнӣ чунин натиҷа гирифтааст: «Айнӣ шаклҳои кӯҳнашудаи грамматикии феълиро кор намефармояд; барои дар гуфтугӯи ҳаррӯза, дар забони гуфтугӯӣ умумият пайдо кардани шаклу тарзҳои умумии адабӣ-китобӣ кӯшиш мекунад, инкишофи умумии забони умумихалқиро дар асарҳои худ пурра акс кунонида, шаклҳои умумишавандаи феълиро ба нормаи адабӣ дароварда, дар адабиёт мустаҳкам кардааст».

5) Дар боби пешояндҳо ду масъала мавриди тадқиқ қарор гирифтааст: а) ҷойивазкунии вазифагӣ – маънои пешояндҳо; б) бе пешояндҳои аслӣ истифода шудани баъзе аз пешояндҳои номӣ. Дар ҳолати аввал - вазифаи ҳамдигарро адо намудани пешояндҳо чунин хусусиятҳо таҳлил шудаанд: ҳамвазифагии **дар-ба-аз; ба-дар-барои; бар дар-ба.** Хулосаи муҳаққиқ дар ин хусус ин аст, ки Айнӣ ҳарчанд дар истеъмоли пешояндҳои мазкур ба вазифаи ҳамдигар анъанаро давом додааст, дар баробари ин, протсеси инкишофи забони адабиро дар даврони нав ба эътибор гирифта, кӯшиш намудааст, ки вазифаи кунунии онҳоро риоя кунад. Эътимоди Н. Маъсумӣ бар ин аст, ки бе пешояндҳои аслӣ ба вазифаи пешоянд омадани калимаҳои «пеши», «паси» ва мисли инҳо «яке аз хислатҳои асосии забони гуфтугӯӣ ва шеваҳои вай мебошад». Ин ҳодиса, аз рӯи тафтиши тадқиқгар дар «Марги судхӯр» ҳам дар забони муаллиф ва ҳам дар нутқи персонажҳои асар баробар дучор мешавад. Хулосае, ки муҳаққиқ аз истеъмоли пешояндҳо дар повести мазкур ба даст даровардааст, чунин аст: «Дар боби истеъмоли пешояндҳо, ҷиҳати маъноӣ ва вазифаи синтак-

сисии онҳо, инчунин, дар масъалаи ихтисоркунии пешояндҳои таркибӣ ва бе пешоянд кор фармуда шудани иборaҳои пешояндддор Айнӣ равияи адабӣ ва гуфтугӯиро якҷоя кардааст».

6) Аз тадқиқи қисмати ҳиссачаҳо шарҳи ду калима ҷолиби диққат аст: 1) ҳиссачаи «-мӣ», ки Н. Маъсумӣ онро ҳамчун унсури меъёри умумӣ маънидод кардааст. Ин ҳиссача дар солҳои чил, ки «Марги судхӯр» эҷод мегардид, дар услуби публисистӣ ва адабиёти бадеӣ – ҳам дар сухани персонажҳо ва ҳам дар нутқ тасвирии нависандагон – як андоза серистеъмол буд. Таълифоти устод Айнӣ ҳам аз ин протсесси умумӣ ба канор намондааст. Бо вуҷуди ин Айнӣ онро ниҳоят кам истифода бурдааст. Аз рӯи шаҳодати Н. Маъсумӣ, дар «Марги судхӯр», «ҳамагӣ дар се ҷо дучор мешавад», ки «нисбат ба таносуби умумии истеъмоли шакли китобӣ танҳо 25%-ро ташкил медиҳад». Дар ду даҳсолаи охир доираи истеъмоли ҳиссачаи мазкур дар нутқи адабии хаттӣ бағоят маҳдуд шуд, ҳоло вай бештар дар нутқи шифоҳӣ мавриди истифода мебошад. Ба ин ваҷҳ, метавон ҳукм кард, ки ҳиссача хусусияти умумиистеъмолӣ надорад; 2) калимаи «ҳам»-ро ҳамчун ҳиссача ба қалам дода, барои тасдиқи ин вазифаи он ҷумлаҳоеро зикр кардааст, ки дар онҳо «ҳам» бидуни такрор, фақат як дафъа истифода шудааст: **ош ҳам доданд, дуо ҳам карданд**.

Натиҷае, ки Н. Маъсумӣ аз тадқиқи истеъмоли ҳиссачаҳо дар «Марги судхӯр» гирифтааст, низ бисёр муҳим мебошад. Ӯ гуфтааст: «Дар забони «Марги судхӯр» ҳиссачаҳои аз забони халқ гирифта кор фармуда, нисбат ба шаклҳои китобӣ зиёдтар аст. Айнӣ дар умумиадабӣ кунонидани онҳо роли калон бозидааст».

Тадқиқи обӯранги бадеии категорияҳои синтаксисӣ дар асар мавқеи зиёд надорад. Н. Маъсумӣ аз ин соҳа фақат баъзе масъалаҳоро ба мушоҳида гирифтааст, ки чанде аз

онҳоро ба ин тарз метавон нишон дод:

а) **Масъалаи инверсия.** Яке аз навъҳои ин ҳодисаи услубӣ пеш аз мубтадо овардани аъзоҳои пайрави ҷумла аст. Нависанда ба ин омили муҳими фасоҳати сухан вақте муроҷиат мекунад, ки аъзоҳои пайравро беаҳамият гузошта, вазни асосии суханро ба мубтадо вогузоштан лозим шавад: Туро ба пеши Қориишкамба магар ман фиристодам?

б) **Такрори аъзоҳои ҷумла.** Навъи муҳими ин воситаи услубӣ такроран ба кор бурдани хабар бо ҳар яке аз аъзоҳои ҷумла мебошад. Н. Маъсумӣ моҳияти такрорро дар адабиёти бадеӣ чунин шарҳ додааст: «Гӯянда ба роҳи алоҳида-алоҳида таъкид кардани ҳар як аъзои чида (пуркунанда) моҳияти масъаларо ба фаҳми шунаванда расондан мехоҳад. Дар ин бобат чизи муҳим на фақат таъкиди объекти сухан, балки натиҷаи амал ва ҳолати субъект ҳам мебошад: болшевикон банкҳоро гирифтанд, фабрик ва заводҳоро гирифтанд, оташаробаҳоро гирифтанд, дар дарё пароходҳоро гирифтанд».

3) Чун тавсиф воқеъ гаштани баъзе муайянкунандаҳо. Муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки дар «Марги судхӯр» муайянкунандаҳо ба замми иҷрои вазифаи мантиқӣ ду вазифаи муҳими эстетикиро ба уҳда гирифтаанд: вазифаи тасвирӣ, вазифаи баёнӣ. Тавсифҳо аз рӯи вазифаи аввал дар тасвири предметҳои ҷудогона, манзара ва портрет истифода шудаанд; онҳо дар вазифаи дуюм ҳамчун воситаи ифодаи муносибати нависанда ба предмети тасвир воқеъ гаштаанд.

Дар ташаккул ва инкишофи меъёрҳои забони адабӣ саҳми адибон басо бузург аст. Аммо ин нукта низ ба исбот расидааст, ки қоидаҳои забони адабиро на ҳамаи нависандагон комилан риоя мекунанд: дар таълифоти баъзе аз онҳо дур рафтан аз қоида ва қонуниятҳои мустаъмали забони адабӣ бидуни зарурати услубӣ низ мушоҳида мешавад.

Ҷоиз аст, ки ба ин муносибат яке аз мулоҳизаҳои академик Л. В. Шербаро, ки дар саволномаи муқаддимаи худ ба грамматикаи забони русӣ изҳор карда буд, ёдовар шавем. Олими суханшинос риояи ҳамаҷиҳатаи нормаҳои забони русиро дар навиштаҳои «классикони раднопазир» – М. Горкий, А. П. Чехов, В. Г. Кириленко, И. С. Тургенев, А. И. Гончаров марбут доништа, баъзе адибони дигар, масалан, Ф. М. Достоевский ва Л. Н. Толстойро ба ин рӯйхат дохил накардааст. Дар эзоҳи ин амали худ ӯ мегӯяд: «Ман бесабаб танҳо исми адибонро зикр накардаам, зеро ки нормаро маҳз дар асарҳои онҳо бояд ҷуст. Дар навиштаҳои бисёр адибони дигар – мумкин аст, ҳатто, адиби бузург бошанд - ақибнишинӣ аз норма мушоҳида мешавад, дурравие ҳаст, ки ҳамеша мундариҷа ба он ҳуқуқ медиҳад... Бояд пурра аз бар кардани ягон забони адабӣ, ҳатто, забони модарии худ, бояд бисёр хонд, пеш аз ҳама, асарҳои муаллифонеро бояд хонд, ки аз норма нисбатан камтар ақибнишинӣ кардаанд (муаллифоне, ки аз норма мутлақо пасравӣ накарда бошанд, вуҷуд надоранд, дар акси ҳол онҳо ниҳоят дараҷа бамалолат мешуданд)».

Вақте ки аз рӯи ин қоида ва талаботи умумӣ ба адибони худамон баҳо медиҳем, номи устод Айнӣ ҳамеша ҷои аввалро ишғол мекунад. Ин сухансарои забардаст дар навиштаҳои худ на фақат қоидаҳои анъанавии забони адабии моро бисёр донишмандона риоя карда, балки «андӯхтаҳои бепоёни забони адабии асрҳои гузашта ва забони зиндаи халқро... хеле табиӣ ба ҳам созгор оварда, як сифати нави оличанобӣ имрӯза ҳосил намуд, ки ба талаботи замони нав ҷавоб мегуфт». Ин сифати нав, ки нормаҳои кунунии забони адабиро акс менамуд, барои дигар қаламдастон намунаи ибрат шуд ва ҳама ба вай пайравӣ карданд. Имрӯз ҳам мо барои таъйин намудани қоидаҳои забони адабӣ ба таълифоти Айнӣ такя мекунем, аз он санадҳо меорем. Дар

ҳама китобҳои грамматика – аз китобҳои дарсии мактабӣ то Грамматикаи академӣ аввалин мисолҳои намуна ва навиштаҳои Айнӣ интихоб ва сабт шудаанд. Забони асарҳои Айнӣ аз бобати дурустию саҳеҳият, аз ҷиҳати мутобиқати комил ба нормаҳои адабӣ, аз лиҳози фасоҳат ва балоғати олӣ барои ҷомеи адибон ва забоншиносони тоҷик сарчашмаи ибрат ва маҳаки санҷиш буд, ҳаст ва ҳамин тавр ҳам хоҳад монд. Н. Маъсумӣ суханофаринии Айниро дар соҳаи сохти синтаксисӣ, муносибати ӯро дар ин боб ба меъёрҳои забони адабӣ дар ҳамин пояи илмӣ ба мушоҳида гирифта, диққати асосиро ба таҳлил ва тасвири он воҳидҳои синтаксисӣ равона мекунад, ки дар забони насрнависони дигар камтар дучор мешаванд ва комилан махсуси услуби Айнӣ мебошанд. Инак, чанд далел:

1) Ҷумлаҳои чидааъзо бо пайвандаки на... на* дар асарҳои устод Айнӣ дар ду шакл дучор мешаванд: а) ҳангоми ба воситаи хабар аз дигар дур кардани аъзоҳои чида ҳиссаи чидаи дуюм бе хабар ифода мегардад. Дар ин ҳол хабари умумии байни ду аъзои чида ба ҳар дуи онҳо баробар дахл дорад: Аммо Қорӣ-ишкамба на ба чинифурӯш нигоҳ карду на ба нонфурӯш; б) агар аъзои ҷумла ба як хабар алоқаманд буда, ба воситаи пайвандаки **на... на** ифода ёбанд, хабари ҷумла дар охир танҳо ба сурати манфӣ воқеъ мегардад: ...на ман ва на Арбобрӯзӣ ба ту бадӣ накарда будем**.

Н. Маъсумӣ ҳолати аввалро давоми анъана ба қалам дода, тафовути онро дар асарҳои Айнӣ дар он дидааст, ки ӯ

---

*Азбаски пайвандаки на…на аз ҳиссачаи на ташкил ёфтааст, Н. Маъсумӣ дар вазъи алоҳидагӣ онро ҳиссача, дар ҳолати такрор пайвандак номида, «дар ҷумлаи чидааъзо ба вазифаи пайвандак» омаданашро махсус таъкид кардааст. С. 236.

**Мутаассифона, ин қоидаи муҳим дар матбуоти имрӯза гоҳо риоя намешавад.

ин шакли ифодаро ҳам дар асарҳои бадеӣ ва ҳам дар навиштаҳои публитсистии худ фаровон истифода бурдааст. Олими дақиқназар дар тарзи ифодаи дуюм, бар хилофи тарзи ифодаи аввал, мавҷуд будани маънои инкори дусӯяро ошкор сохта, фарқияти услуби устод Айниро дар истеъмоли он ба ин тарз шарҳ додааст: «Дар забони адабӣ чунин шакли инкори дурӯя ба тартиби муайян даромада, ҳамчун нормаи адабии ифодаи синтаксисӣ воқеъ мегардад» . Мувофиқи қоида будани ҳодисаи мазкурро худи устод ба муносибате чунин маънидод карда буд: «Ҳар гоҳ исм бо ҳарфи нафӣ такрор ёбад, дар хабар ба тарзи таъкид такрор ёфтани ҳарфи нафӣ лозим аст».

2). Дар повести «Марги судхӯр» пуркунандаҳои бавоситае дучор меоянд, ки ҳамчун давоми анъана ба воситаи пасоянди «-ро» сурат ёфтаанд: акнун маро ҷавоб диҳед; аммо ӯро маҷоли роҳ рафтан набуд.

3). С. Айнӣ барои ифодаи пуркунандаҳо – ҳам пуркунандаҳои бавосита ва ҳам бевосита – ҷонишинҳои пайваста низ зиёда истифода кардааст: ҳавлии калонеро нишон доданд; ба ман оварда супоредаш.

4). Истифодаи таркибҳои «нигоҳ карда», «рӯ овардан» ба ҳолҳои маконе, ки сӯи ҳаракатро ифода мекунанд: Қорӣишкамба ба тарафи давраи мо нигоҳ карда, қадам партофт. Н. Маъсумӣ махсуси забони гуфтугӯ будани чунин тарзи ифодаи хоси маконро баён намуда, ду хусусияти грамматикию услубии онро муқаррар сохтааст: «пеш аз ҳама, кор фармудани он ба сухан оҳанг ва хусусияти гуфтугӯӣ пайдо мекунонад: сониян, ҳамчун ҳиссаи ёридиҳандаи синтаксисӣ воқеъ мегардад ва ба ҳиссаҳои дар пасу пеши худ будагӣ оҳанги таъйинӣ мебахшад».

5). Айнӣ дар ҷумлаҳои пайвастаи хилофӣ дар қатори пайвандакҳои умумиистеъмолии «аммо», «лекин», «вале» пайвандаки «набошад»-ро низ истифода бурдааст, ки дар осо-

ри классикӣ ба қудрат кор фармуда шуда, аммо дар забони зинда хеле бисёр дучор мешавад. Н. Маъсумӣ аз феъли «будан» ҳосил шудани ин пайвандакро исбот намуда, муайян кардааст, ки ба замми вазифаи грамматикӣ – алоқаманд кардани ҷумлаҳои сода – вазифаи услубӣ – таъкиди воҳиди хилофиро низ адо мекунад. Ӯ аз вазифаи дугонаи ин калима чунин натиҷа гирифтааст, ки онро «пайвандак-ҳиссача» номидан мувофиқтар аст».

6). Дар асарҳои Айнӣ, аз ҷумла, дар повести «Марги судхӯр», истифодаи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави ҳоли истисноии тарзи амал, ки ба воситаи пайвандаки «бе он ки» сурат мегирад, бисёр мушоҳида мегардад. Н. Маъсумӣ ба чунин хулоса омадааст, ки ин тарзи ифода «танҳо ба забони адабӣ хос аст».

7). Калимаи «чун» дар адабиёти классикӣ аз воситаҳои серистеъмоли синтаксисӣ дар ташкили ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави замон ба шумор меравад. Айнӣ комилан ин анъанаро риоя кардааст. Хулосаи Н. Маъсумӣ дар ин боб чунин аст: «...Дар забони адабӣ ба таври фаровон кор фармуда шудани пайвандаки «чун» як хислати фарқкунандаи ҷузъии забони нависанда шуда метавонад. …Ҳамчун пайвандак барои алоқаи сарҷумла бо пайрави замон кор фармуда шудани «чун» асосан ба забони тасвирии муаллиф дахл дорад. ...Дар забони персонажҳои асар ба ҷои «чун» асосан пайвандаки «вақте ки» кор фармуда мешавад».

8). Ҷумлаҳои пайрави хилофӣ бо сарҷумла ба воситаи ду гурӯҳ пайвандакҳо алоқаманд мешаванд: а) пайвандакҳои анъанавӣ ва умумиистеъмолӣ «агарчи-гарчи», «гарчанд-гарчанде-гарчанде ки», «ҳарчанд» - ҳарчанде ки, «бо вуҷуди он ки», «сарфи назар аз он ки», «қатъи назар аз он ки», «ба ҷои он ки» ва ғайра; б) ҳиссача-пайвандаки «ҳам», ки аз ҳодисаҳои навбунёди грамматикӣ буда, бо таъсири забони зинда солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ хусусияти умумӣ касб на-

мудааст. Устод Айнӣ дар қатори пайвандакҳои маъмули анъанавӣ ҳиссача-пайвандаки «ҳам»-ро низ фаровон истифода намудааст. Н. Маъсумӣ бо тақозои услуби умумии «Марги судхӯр» дар он «қариб 90% мавриди истеъмолро» ташкил додани ин воситаи алоқаи ҷумлаи пайрави хилофиро бо сарҷумла таъкид намуда, дар хулоса гуфтааст: «Вай ба воситаи забони адабӣ ба нормаи забони умумиадабии тоҷик дохил шуда, дар грамматикаи мактабии мо, нопурра ва ноқис бошад ҳам, қайд гардидааст».

9). Пайвандаки «ки» ба сифати яке аз серистеъмолтарин ва сервазифатарин пайвандакҳои забони тоҷикӣ дар ташкили хелҳои мухталифи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ иштирок мекунад. Ин ҳама хусусиятҳои он, дар асарҳои устод Айнӣ пурра акс ёфтаанд. Дар навиштаҳои Айнӣ порчаҳое дучор мешаванд, ки пайвандаки мазкур то 5-6 дафъа такрор ёфтааст. Ин гуна ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб дар «Марги судхӯр» низ кор фармуда шудаанд, ки Н. Маъсумӣ онҳоро чӣ вобаста ба услуби фардии Айнӣ ва чӣ алоқамандона бо услуби повести «Марги судхӯр» аз назар гузаронидааст.

10). Дар асарҳои С. Айнӣ як навъи ибораҳои номҳое дучор меоянд, ки алоқаи ҳиссаҳои онҳо, бар акси қоидаи маъмул, на ба як воситаи грамматикӣ, балки бо ду восита – изофат ва пешоянди аслӣ сурат гирифтааст: **мурофиаи бо деҳқонон, зараррасонандаи ба одам.** Н. Маъсумӣ чунин мешуморад, ки дар қолиби якуми ин ибораҳо сифати феълӣ тарк шудааст: мурофиаи бо деҳқонон – мурофиаи бо деҳқонон воқеъшаванда. Дар қолиби дуюм исми ибора фурӯгузор гашта, сифати феълӣ, ки муайянкунанда аст, бо гузаштан ба исм вазифаи онро адо мекунад: зараррасонандаи ба одам – чизи ба одам зараррасонанда. Олими бориксанҷ тарзи ташкили ин ибораҳо ва махсуси услуби фардии устод Айнӣ будани онҳоро ба муоина гирифта, дар хулоса гуфтааст: «Дар забони ҳозираи адабӣ, ин гуна тарзҳои ифода ҳанӯз

умумият наёфтаанд ва аз ин рӯ, дар ҳеҷ кадом кори илмии оид ба синтаксиси забони тоҷикӣ қайд нашудаанд. Онҳо ҳамчун як намуди махсуси тарзи ифодаи зарурият ва қоидаи махсусе доранд. Аз ин ҷиҳат, бо воситаи забони адабӣ минбаъд инкишоф ва интишор ёфтани он имконпазир ва ҷолиби диққат аст» (с.289).

Тахмини олим дуруст баромад. Қолибҳои ибораҳои мазкури номӣ ҳоло беш аз пеш серистеъмол шуда истодаанд.

Аз он чӣ гуфтем, аён намоён аст, ки Н. Маъсумӣ унсурҳои синтаксисии «Марги судхӯр»-ро ҳам аз рӯи муносибати онҳо ба нормаи ҷории забони адабӣ ва ҳам аз бобати хосияти услубӣ ба мушоҳида гирифтааст. Ҷолиби қайд аст, ки ин усули омӯзиш на ҷудо аз якдигар, балки дар ҳамбастагии зич сурат гирифтааст. Олими амиқфикр бо ин восита дар таҳлили воҳидҳои синтаксисӣ ба яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои услубшиносӣ – услубшиносии лингвистӣ роҳ кушод, ки мувофиқи эътирофи аҳли кор, дар он масъалаҳои синтаксисӣ ва услубшиносӣ бо ҳам алоқаи қавӣ доранд.

Дар забоншиносӣ ҳоло ин нуқта пурра ба исбот расидааст, ки синтаксис дар қатори ду шуъба – ибора ва ҷумла шуъбаи сеюм – воҳидҳои яклухти синтаксисиро низ дар бар мегирад. «Ба ҳама ин доира ва муҳити грамматикӣ – навишта буд. В. В. Виноградов назарияи марбут ба калима, ибора ва ҷумларо дар назар дошта, - сатҳи тамоман тадқиқношудаи синтаксиси услубӣ барпо мешавад, ки дар маркази он проблемаи сохтмони воҳидҳои мураккаби синтаксисӣ қарор хоҳанд гирифт».

Воҳидҳои яклухти синтаксисӣ ду ва ё зиёда ҷумлаҳои мустақилеро фаро мегиранд, ки шаклан ва мазмунан алоқаманди ҳамдигар буда, дар матни марбут вазифаи муайяни қисматбандӣ ва услубиро адо мекунанд. Алоқаи синтаксисӣ дар байни аъзоҳои воҳидҳои синтаксисӣ, бар акси алоқаи аъзоҳои ҷумла ё ҷумлаҳои таркибӣ ҷумлаҳои му-

раккаб, на зич ва муттасил, балки канда-канда, ба тарзи фосилавӣ ва номунтазам сурат мегирад. Исти давомноке, ки дар байни ҳиссаҳои воҳидҳои яклухти синтаксисӣ ҳаст, ба воситаи оҳанги махсус ифода мегардад. Ҷудо кардани ҳиссаҳои ҷумлаҳои сода ва ё ҷузъи ҷумлаҳои мураккаб ба ҷумлаи алоҳидаи мустақил, талаффузи онҳо бо оҳанги махсус боиси равшантар ифода ёфтани маънӣ ва қавитар талқин ёфтани матлаб хоҳад шуд. Аз ин ҷост, ки вазифаи яклухтиҳои синтаксисӣ бо услуби «нутқ сахт алоқаманд аст: «Онҳо ба оҳангнокии нутқи муаллиф, мундариҷаи идеявию тематикии қисмати матн, мароми эҷодии нависанда таъсир мерасонанд». Академик В. В. Виноградов ин маъниро таъкид намуда, навишта буд, ки «дар системаи синтаксисӣ услуби назарияи оид ба синтагма ва таълимоти марбут ба сохтмони воҳидҳои мураккаби синтаксисӣ узван муттаҳид мегарданд».

Ин нуқтаҳои назарӣ тадқиқ ва баррасии хусусиятҳои грамматикӣ ва услубии воҳидҳои яклухти синтаксисиро ба сифати яке аз вазифаҳои муҳими илми забон ва услуб пеш меронанд. Онҳо дар баробари ин мартабаи «Очеркҳо...»-и Н. Маъсумиро ба зинаи баландтаре боло мебардоранд, ки аз забоншиносони тоҷик аввалин шуда, ба ин масъала эътибор дод ва дар зимни тавсифи хусусиятҳои услубии устод Айнӣ дар ин боб баъзе масъалаҳои умумии назариро низ баён намуд, ки дар пешрафти афкори забоншиносии тоҷик аҳамияти калон доранд.

Дар солҳое, ки Н. Маъсумӣ «Очеркҳо...»-ро таълиф мекарданд, илми забон чандон шоеъ нашуда буд. Бинобар ин, ӯ воҳидҳои синтаксисии марбути ин масъаларо зимни истилоҳи «бандҳои синтаксисӣ», ки низ яке аз муҳимтарин категорияҳои услубиёти синтаксисиянд, таҳлил намуда, махсус таъкид мекунад, ки «ин тарафи масъала ҳанӯз дар грамматикаҳои забони тоҷикӣ ба ҳисоб гирифта нашудааст».

Суханшиноси закӣ «бандҳои синтаксисӣ»-и повести «Марги судхӯр»-ро ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст: а) бандҳое, ки аз ҷумлаҳои мураккаби пайваст ба амал омадаанд; б) бандҳое, ки аз ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бунёд гирифтаанд. Дар ҳолати аввал пеш аз пайвандакҳои пайвастаи **ва, аммо, вале, лекин** ва мисли онҳо, дар ҳолати дуюм қабл аз пайвандакҳои тобеи зеро, **чунки,** бинобар ин ва амсоли инҳо бар хилофи қоидаи маъмули грамматика, на вергул, балки аломати нуқта гузошта мешавад. Баъзе забоншиносони мо ин ҳодисаро «хатои дағалтарин» ба қалам дода, берун аз қоида ҳамл карда буданд. Н. Маъсумӣ ин иддаоро яктарафа медонад ва бо далелҳои барҷаста собит менамояд, ки ҷудо кардани ҳиссаҳои ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ дар мавридҳои алоҳида ба воситаи нуқта ва ба онҳо додани мустақилияти шаклию грамматикӣ аз талаби услуб ба амал меояд, ки ҳис накардани он боиси рӯй додани ғалатҳои ҷиддии илмӣ мегардад. Ӯ ин ақидаи худро дар мисоли навиштаҳои бузургтарин устоди сухани тоҷикӣ Айнӣ исбот намуда, мулоҳизаҳои худро доир ба гузошта шудани аломати нуқта пеш аз пайвандакҳои **зеро, чунки, бинобар ин** дар асарҳои Айнӣ ин тавр ҷамъбаст кардааст:

«Мақсади нависанда дар ин бобат худи ҳамон аст, ки оид ба истеъмоли пайвандакҳои «аммо», «лекин» баён карда шуд: бо роҳи аз ҳам ҷудо кардани ҳиссаҳои таркибии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар сохти синтаксисӣ принсипи содагии баёнро риоя карда, чигунагии оҳангу тобиши суханро муайян мекунад; ...Аз ҳамин ҷиҳат, аксар бандҳои калони сертаркибаи синтаксисиро таркибан аз ҳам ҷудо кардани нависанда... вазнинии сохти синтаксисии ҷумлаҳо ва бандҳоро як андоза сабуктар ва равонтар мекунад».

Н. Маъсумӣ чунин ақидаи комилан дурустеро талқин менамояд, ки дар дохили бандҳои синтаксисӣ пеш аз пайвандакҳои пайваст ва тобеъкунандаи ҷудогона гузошта шуда-

ни нуқта ба ҷои вергул, дар сурати нигоҳ доштани талаби услуби баён, моҳиятан хилофи қоидаи грамматика нест, балки барои такмили минбаъдаи он кӯмак мекунад. Ӯ мегуяд: «Ин гуна ба воситаи нуқта азҳамҷудокунии ҷумла ва ҷумлаҳои пайрав, дар сурате ки вобаста ба ниятҳои махсуси услубӣ рӯй медиҳад, ба қоидаи умумии грамматика муқобил намеистад, балки онро пурра мекунад».

Н. Маъсумӣ бандҳои синтаксисиро аз бобати сохт, ҳамчунин аз лиҳози ҷудо кардани ҳиссаҳои ҷумлаҳои мураккаб, ба воситаи нуқта дар роҳи таъмини содагии тарзи баён дақиқ таҳлил намуда, аммо кушодани моҳияти муассирии онҳо, тавсифи онҳоро дар талқини мароми эҷодии Айнӣ сарфи назар кардааст. Дар услубиёти синтаксисӣ ба ҳисоб гирифтани ин ҷиҳати масъала бисёр муҳим, балки аз вазифаҳои асосист. Ба ин муносибат ба хотир овардани чунин гуфтаҳои Н. Д. Дуринова бисёр бамаврид хоҳад буд.

«Албатта, дар як таркиботи парселлясионӣ аз ҷиҳати ин, ки аз бобати сохт ҷудо ва аз лиҳози маъно мустақил ба қалам омадааст, худ аз худ воҳиди хушифода ба шумор меравад. Аммо ин на хушифодагии хосаи услубӣ, балки хушифодагии созмонию грамматикӣ ба шумор меравад. Хушифодагии услубӣ вақте ба амал меояд, ки рӯйдоди грамматикӣ ҷудо ва бо мароми эҷодии муаллиф алоқаманд карда шуда бошад. Зимни мароми эҷодии муаллиф чунин маънӣ дарк мешавад, ки падидаҳои мазкур ба тамоми матни асар дохил карда шаванд. Дар ин маврид ҳодисаи грамматикӣ воситаи иловагии тавсифи персонаж ва шароит қарор хоҳад гирифт».

Бо ин ҳама, мулоҳизаҳои Н. Маъсумӣ доир ба бандҳои синтаксисӣ дорои аҳамияти калонест: вай бори аввал дар забоншиносии тоҷик баъзе хусусиятҳои грамматикӣ ва услубии ин ҷанбаи синтаксис ва услубшиносиро дар мисоли навиштаҳои бузургтарин нависандаи мо ба тадқиқ гирифт.

Воҳидҳои яклухти синтаксисӣ, матн, бандҳои синтаксисӣ аз ҷумлаи он соҳаҳои синтаксис ба шумор мераванд, ки солҳои охир дар забоншиносии ҷаҳон яке аз мавқеъҳои аввалинро ишғол карда истодаанд. Барои тасдиқи ин матлаб зикри чунин далелҳо кифояанд: дар библиографияе, ки Турсунов Б. Т. ва Облоқулова С. доир ба воҳидҳои яклухти синтаксисӣ тартиб додаанд, 498 номгӯй тадқиқоти илмӣ нишон дода шудааст». Золотова Г. овардааст, ки аҳли кор дар хусуси матн феҳристи 700 навиштаҷоти илмиро ба қайд гирифтаанд. Агар мо дар қиёси ин таҳқиқоти зиёд ба вазъи забоншиносии худамон нигоҳ кунем, хоҳем дид, ки дар ин бобат қариб коре накардаем. Бинобар ин, давом додани он амри неке, ки Н. Маъсумӣ оғоз карда буд, дар баробари ин омӯхтани бисёр масъалаҳои марбут ба матн ва воҳидҳои яклухти синтаксисӣ аз муҳимтарин вазифаҳои забоншиносии мост.

Он чӣ дар тавсифи «Очеркҳо...» гуфта шуд, нишон медиҳад, ки тадқиқоти Н. Маъсумӣ доир ба забону услуби повести «Марги судхӯр» хеле доманадор, амиқ ва пурмаъност. Н. Маъсумӣ бо таълифи ин асар нафақат услуби фардии Айниро ошкор сохт, балки хизмати бузургворонаи ӯро дар инкишофи забони адабии мо низ ба исбот расонид. Акад. В. В. Виноградов нишон дода буд, ки «услуби фардӣ метавонад, ки асоси услуби як мактаби адабии пурра қарор бигирад». Услуби фардии устод Айнӣ ҳам, ки аз ҳама ҷиҳат пухта, қавӣ ва намунавор буд, дар адабиёти советии тоҷик асос гузошт, барои ба тарзи нав истифода бурдани захираҳои забони миллӣ дар он роҳ кушод. Н. Маъсумӣ аз мушоҳидаҳои тӯлонӣ доир ба навиштаҳои Айнӣ бо ҳамин хулосаи ҳаққонӣ омада, фармудааст: «Азбаски забон ва тарзи баёни Айнӣ дар «Таҳсиб-ус-сибиён» бо вуҷуди ба савияи бачагони мактабӣ мувофиқ буданаш, хусусиятҳои асосии забони умумихалқии миллии тоҷикро барҷаста инъикос меку-

над, китоби мазкурро яке аз нахустин намунаҳои хаттии забони ҳозираи адабӣ-миллии тоҷик шуморидан мумкин аст». Аз ин ҷиҳат, ки Айнӣ «асосгузори услуби нав дар забони ҳозираи адабии тоҷик ҳисоб меёбад, ки инкишофи минбаъдаи он бо фаъолияти илмӣ ва адабии худи Айнӣ вобастааст». Агар ба ҳисоб, гирем, ки асоси услуб, ҷони онро забон ташкил медиҳад ва ҳастии услуб ба таври воқеӣ дар забон падид меояд, ин суханони Н. Маъсумӣ ба забони навиштаҳои устод Айнӣ муносибати мустақим пайдо мекунанд. Воқеан, устод Айнӣ аз аввал барои ташкили «забони содаи оммафаҳм» мубориза бурда, зарурати корбасти онро аз ҷиҳати назарӣ пайгирона исбот кард, бо асарҳои илмию бадеии худ хубтарин намунаи онро манзури умум намуд, ки писанди омма ва маҳалли пайравони қаламбадастони дигар қарор гирифтанд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, чанд тан аз аҳли кор Айниро асосгузори забони адабии ҳозира номидаанд. Ин нуқта, албатта, чунин маънӣ надорад, ки устод Айнӣ қоидаҳои мавҷудаи забони адабиро тағйир дода, ба ҷои онҳо қоидаҳои дигар вазъ карда бошад. Ҳаргиз чунин нест, С. Айнӣ тавассути даҳои ҳайратовари худ ба тамоюли нави инкишофи забони адабӣ – демократӣ шудани он дар заминаи забони зинда хирадмандона роҳнамоӣ кард, бо воситаи навиштаҳои намунавори хеш барои тағйири меъёрҳои анъанавӣ ва ҷорӣ гаштани меъёрҳои тоза, ки давраи нави инкишофи забони адабӣ тақозо мекард, ибрат нишон дод ва дар ин амри савоб дигаронро аз пайи худ бурд. Аҳли назар бинобар чунин хизмати бузургворона Айниро асосгузори ҳамин равиш ва ба ҳамин маънӣ асосгузори забони адабии ҳозираи тоҷик шуморидаанд, ки айни муддаост.

Вале бо таассуф бояд зикр намуд, ки равиши Айнӣ баъдтар халал ёфт. Ҷои соданависиро одинигории маҳз ишғол намуд. Ҳарчанд дар солҳои ҳаштод ин иллат ҳис шуда, ба ислоҳи он кӯшиши фаровоне сарф шуд, аммо бо айби баъ-

зе қаламдастони тақлидкор корбасти унсурҳои кухна ва мурдаи арабӣ зиёда қувват ёфт ва амри мазкур, чунон ки бояд, сомон нагирифт. Хушбахтона, ҳоло чунин майли носолим бартараф шуда, забони адабӣ аз нав ба маҷрои дурусти тараққӣ дохил мешавад. Устод Айнӣ мегуфт: «нависанда ба дараҷае сода ва оммафаҳм нависад, ки ҳар хонанда гуфтаҳои ӯро равшан фаҳмад. Ва дар айни замон навиштаҳои ӯ мувофиқи қоидаҳои забон буда, дилчасп ва шавқангез бароянд».

Н. Маъсумӣ дар тадқиқоти худ зарурати ҷорӣ шудани чунин забони адабиро собитқадамона ба исбот расонид. Бинобар ин, забоншиносони моро лозим аст, ки дар чунин амри хайр пайравӣ ва давомдиҳандаи фаъолияти ин олими нодиракор бошанд.

Асарҳои Н. Маъсумӣ оид ба услубшиносӣ аз рӯи усули тадқиқ ба талабҳои ин шохаи илми забоншиносӣ комилан мувофиқанд. Вай бо таълифоти худ пояҳои илмию назарии услубшиносиро дар забоншиносии тоҷик устувор намуд, ба он асоси мустаҳкам гузошт.

Як қисми тадқиқоти Н. Маъсумиро масъалаҳои таърихи ташаккул ва тағйиру такмили забони адабии тоҷик фаро мегиранд. Ӯ солҳои зиёд дар шуъбаи филологияи тоҷики Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе аз таърихи забони адабии тоҷик дарс гуфтааст. Устод дар суҳбатҳои шахсӣ борҳо изҳор дошт, ки ният дорад, конструксияи худро дар ин хусус пухта ва васеътар намуда, ба сифати китоби дарсӣ ба табъ мерасонад. Вале умр вафоӣ накард, вай аз таълифоти худ фақат ҳиссаи камеро чоп карда тавонист. Аксари андеша ва бозёфтҳояш дар навиштаҳои пароканда ва варақпораҳои ҷудогона ба ёдгор монданд. Чизҳое, ки Н. Маъсумӣ ҳангоми ҳаёт нашр кунонда буд, иборат аз инҳост: «Баъзе тағйиротҳо дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик», «Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX», «Хисла-

тҳои асосии инкишофи забони адабии тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX», «Баъзе мулоҳизаҳо оид ба забон ва услуби Аҳмади Дониш». Чанде аз ин навиштаҳо дар ду китоб, ки ӯ худ ба чоп муҳайё карда буд, ҷамъ омадаанд»[72]. Мақолаҳои «Муҳимтарин масъалаҳои таҳқиқи забони адабии имрӯзаи тоҷик», «Доир ба таърихи забони адабии тоҷик», ки дар ҷилди дуюми «Асарҳои мунтахаб»-и муаллиф ҷо гирифтаанд, аз ҷониби мураттибон, яъне, банда ва ҳамсари Н. Маъсумӣ аз рӯи дастхат ба нашр омода шуда буд.

Чунон ки мебинем, домани тадқиқоти Н. Маъсумӣ оиди таърихи забон фарох ва мавзӯъҳои он гуногун аст. Ин асарҳо, пеш аз ҳама, аз ин ҷиҳат ҷозиб ва пурарзишанд, ки соҳаҳои тамоман нав, соҳаҳоеро, ки аз назари забоншиносони дигари мо берун мондаанд, фаро мегиранд. Н. Маъсумӣ, ки баробари таърихи забон дар соҳаи таърихи адабиёти тоҷик низ мутахассиси хубе буд, аз сабку ҷараёнҳои мухталифи адабиёти классикии мо ва акси онҳо дар забони адабӣ вуқуфи комил дошт. Ин имкон дод, ки ӯ тағйир ва такомулоти созмони меъёрҳои забони адабиро дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ ба хубӣ дарк намояд, онҳоро соҳа ба соҳа мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор диҳад ва асарҳое офарад, ки барои таълифи китоби дарсии таърихии забони адабии тоҷик бунёди мустаҳкам гузоранд.

Аҳли тадқиқ ба чунин хулоса омаданд, ки навиштани китоби дарсӣ доир ба таърихи забон аз душвортарин амрҳои забоншиносӣ ба шумор меравад. Зеро дар ин маврид лозим меояд, ки ҳам давраи қадимеро (2.500 сол), ки таърихи хаттии забони тоҷикӣ фаро гирифтааст, ҳам таърихи тағйири интишори онро дар давраҳои гуногун, ҳам фаровонии ёдгориҳои мухталиф, ки бо алифбои гуногуни барои забони тоҷикӣ начандон мувофиқ навишта шудаанд, ҳам тадқиқи ғайриқаноатбахши ин ёдгориҳо, ҳам осори сершумори илмию бадеӣ ва дигар ҷиҳатҳо ба ҳисоб гирифта шаванд.

Баъд аз баҳси илмии забоншиносии соли 1950 масъалаи беҳтар кардани сифати китобҳои дарсии мактаб ва донишкадаҳои олӣ аз масъалаҳои бисёр мубрами таълими забони модарӣ қарор гирифт. Он рӯзҳо органи афкори маркази забоншиносии шӯравӣ маҷаллаи «Вопросы языкознания», таҳти унвони «Дар бораи маълумоти олии лингвистӣ ва тайёр кардани кадрҳои илмии соҳаи забоншиносӣ» мақолаҳои махсусе чоп кунонида, вазифа гузошт, ки забоншиносон барои таълими хубтари забони модарӣ ҷиҳати тартиб додани китобҳои дарсӣ ҷиддӣ машғул шаванд. Н. Маъсумӣ дар роҳи иҷрои ин талаб аввал ба тадқиқи масъалаҳои мухталифи таърихи забони адабии тоҷик камари ҳиммат баст, то ба ин восита барои таълифи китобҳои дарсӣ маводи зарур тайёр намояд. Ҳамзамон, вай вазифа, ҳаҷм ва проблемаҳои курси таърихи забони адабии тоҷикро муайян сохт, ки моҳияти он дар мақолаи ӯ «Доир ба таърихи забони адабии тоҷик» равшан ифода ёфтааст.

Дар ин мақола, ки ғолибан мадхали курси «Таърихи забони адабии тоҷик» ба шумор меравад, чандин масъалаи муҳими назарии марбут ба ин фан, аз ҷумла, ташкили таълимоти файласуфони бузург асоси назарӣ ва методологии ин фанро, аҳамияти забони адабии тоҷик дар таърихи илму фарҳанги мо, асари ин забон ба забонҳои эронӣ ва туркӣ, даврабандии забони адабии тоҷик, муносибати забони адабӣ ба забони умумихалқӣ ва шохаҳои шевагии он, умумият ва фарқи забони адабӣ ва забони адабиёти бадеӣ, вазифаҳо ва аҳамияти омӯхтани таърихи забони адабии тоҷик ва ғайра мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Чашмандози Н. Маъсумӣ доир ба ҳар яки ин масъалаҳо хеле васеъ ва дақиқ аст. Чунончи ӯ дар фасли аввал ба чунин нуқтаи муҳим диққат ҷалб карда аст, ки забон ҳодисаи иҷтимоӣ ва умумиҷамъиятӣ буда, инкишофи он ба инкишофи ҷамъият ва тараққиёти фикрии офарандагони неъма-

тҳои моддӣ мустақиман алоқаманд аст. Дар ин поя олим яке аз вазифаҳои илми таърихи забонро ба ин тарз муқаррар кардааст: «Вазифаҳои омӯхтани таърихи забони адабӣ аз муайян кардани характери тараққиёту тағйироти забони адабии тоҷик вобаста ба характери тараққиёти ҷамъият, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва мадании давраҳо иборат мебошад»[73]. Дар ин ақидаи Н. Маъсумӣ чунин ҳақиқати илмӣ барҷаста таъкид шудааст, ки омили хориҷӣ – иҷтимоӣ асоси муайянкунандаи инкишофи забон аст, он боисест, ки қоидаҳои дохилии тараққиёти забонро ба ҳаракат оварда, тамоюлҳои минбаъдаи тағйир ва такомули забонро таъмин менамояд.

Ташаккули забони адабӣ олитарин дастоварди ҳар халқ дар таърихи тамаддуни ӯст. Аҳли қалам тавассути он асарҳои илмию бадеӣ офарида, ҷамъиятро пеш мебаранд, фарҳанги умумии халқи худро боло мебардоранд, дониш ва муваффақиятҳои фикрии замонро дар як ҷо фароҳам оварда, ба сифати мероси гаронмоя аз як насл ба насли дигар интиқол медиҳанд. Хушбахтона, ин гуна як комёбии бузурги маданӣ барои халқи мо хеле бармаҳал дар қарнҳои IX-X насиб гардид. Н. Маъсумӣ дар фасли дуюм - «Забони адабии тоҷик ва аҳамияти он дар таърихи маданияти халқи тоҷик» аз ҳамин хусус сухан ронда, он роли бузургеро, ки забони адабии тоҷик дар роҳи истиқлоли миллӣ, пешрафти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадании халқи тоҷик бозидааст, бо ифтихор ва мамнунияти тамом таъкид мекунад. Баҳое, ки олими фозил дар ин хусус ба ин сарвати бебаҳои мадании мо додааст, аз ҳар ҷиҳат сазовори ёдоварӣ аст. Ӯ фармудааст: «Забони адабии тоҷик дар байни забонҳои дигари Шарқи мусулмонӣ мавқеи муҳиме пайдо карда, як асоси истиқлолияти халқи тоҷик дар тараққиёти маданият, тарбияи одамон, илму фан ва адабиёти оламшумули он гардидааст. Беҳтарин фикру ҳис ва муваффақияти эҷодии халқи мо ба воситаи он дар ҳазорҳо китобҳо нақш бастааст. Бе ҳамин

гуна забони адабӣ ин гуна маданият бой ҳам шуда наметавонист».

Дар фасли сеюми муқаддимаи мазкур, ки «Забони адабии тоҷик ва таъсири он ба забонҳои эронӣ ва туркӣ» ном дорад, дар бораи он сухан рафтааст, ки забони адабии тоҷик дар сайри таърихии инкишоф баробар баҳрамандӣ ва файзёбӣ аз чандин забонҳо, аз ҷумла, аз забонҳои юнонӣ, ҳиндӣ, форсии қадим, суғдӣ, арабӣ, ӯзбекӣ, русӣ, ба ин забонҳо низ – ба яке камтар, ба дигаре бештар – таъсир кардааст. Н. Маъсумӣ таъсири забони тоҷикиро ба забони ӯзбекӣ, озарбойҷонӣ ва ҳиндӣ ба факти таърихии пешрафти беназири илму адабиёт ба ин забон дар асрҳои IX-X вобаста намуда, моҳияти онро ба ин тарз шарҳ додааст: 1) Азбаски забони тоҷикӣ ба таври васеъ инкишоф ёфта буд, шакли адабии китобии он характери умумӣ пайдо кард. Аз ин ҷиҳат адабиёти бадеӣ, илмӣ, таърихӣ, дидактикӣ ва этникию философии ба ин забон офаридашуда дастраси намояндагони халқҳои гуногуни Шарқ мегардид ва ба ин восита ба забон ва маданиятӣ он халқҳо таъсири муайяне мегузошт (ӯзбекон, озарбойҷониҳо, афғонҳо, форсҳо, ҳиндуҳо); 2) бо сабабҳои муайяни таърихӣ давраи адабии Озарбойҷон дар вилояти Шервон ҳанӯз дар асри XI-XII ба забони тоҷикӣ кор мебурд ва нашъунамо меёфт. Шоирон бо кӯшиш ва ташвиқи тамом забони тоҷикии дариро меомӯхтанд ва устоди бузурги забони тоҷикӣ шудаанд (Низомӣ, Ҳоқонӣ, Фалакӣ ва ғ.). Ба воситаи ин кор дар хазинаи маданияти халқи Озарбойҷон дурдонаҳои гаронбаҳое дохил шуд ва бо хусусиятҳои бисёре забон ва маданияти онро бой кард; 3) Дар Ҳиндустон ба вуҷуд омадани адабиёт ва забони тоҷикӣ ва таъсири он ба адабиёти ҳиндӣ».

Ҳар таҳаввулоте, ки дар системаи забон бо иқтизои ҷамъият рух медиҳад, ҳатман дар созмони меъёрҳои он акс меёбад. Барои ҳамин ҳам, инкишофи забон моҳиятан ташак-

кул, тараққӣ ва такомулоти меъёрҳои он аст, ки вобаста ба талаби ҷамъият ва қонунияти инкишофи забон ба амал меояд. Ин хусусият боиси он мегардад, ки давраҳои муайяни таърихӣ ба мафҳуми меъёр мазмуни худро ворид оваранд. Проф. Р. А. Будагов ба ҳамин маънӣ навишта буд: «Дар хусуси меъёр нафақат дар ҷанбаи синхронӣ сухан рондан мумкин аст. Меъёр дар синхрония низ дарҷ меёбад». Ақидаи Н. Маъсумӣ низ дар ин масъала айнан ҳамин хел аст. Ӯ тараққиёти таърихии меъёрро таъкид намуда, навиштааст: «Нормаҳои забони адабӣ мувофиқи характери давра, ҷамъият ва истеъмолкунандагони забони адабӣ муайян ва муқаррар карда мешавад».

Н. Маъсумӣ зимни баҳодиҳӣ ба инкишофи забони адабии тоҷик дар арзи бештар аз даҳ аср аз ин дидгоҳ онро ба ду давраи калон – давраи пеш аз Инқилоби Октябр ва баъди он ҷудо менамояд. Давраи якум дар навбати худ боз ба чанд марҳалаи хурдтаре тақсим шудааст. Муаллиф хусусияти ҳар давраро борикбинона кашф намуда, моҳияти онро ба ин тарз тавҷеҳ додааст: «Давраи якум инкишофи забони адабӣ дар давраи феодалӣ. Вобаста ба ин мо «Забони адабиёти классикӣ» ва «Забони адабиёти пешина» мегӯем. Характери махсуси он: душворӣ ва мураккабии таркиби луғавӣ, мавҷудияти баъзе шаклҳои грамматикӣ, фарқи услубӣ. Ҳамаи ин хусусияти махсуси китобии забони адабиро таъкид мекард. Мафҳуми «Забони адабӣ» бо характери ҳамон давра мувофиқат менамуд. Нормаҳои китобии дур аз забони зинда. Марҳилаҳо: асрҳои XI-XI, XII-XIX, нимаи асри XIX ва аввали асри XX. Давраи дуюм – забони адабии давраи советӣ. Хусусиятҳои асосии он содаву оммафаҳмии таркиби луғавӣ, бо қоидаҳои нав пурра шудани сохти грамматикӣ, содагӣ ва равонии услуб мувофиқати шакл бо мазмун. Бо забони зиндаи умумихалқӣ наздик будани забони адабӣ. Вобаста ба ин мо «забони адабии ҳозираи тоҷикӣ» мегӯем.

Мафҳуми «забони адабӣ» дар ин давра дигар шуд, вай характери оммавӣ ва нормативӣ гирифт».

Мулоҳизаҳое, ки Н. Маъсумӣ дар мадхали курси таърихи забон доир ба муносибати забони адабӣ ба забони зинда ва шохаҳои шевагии он изҳор намудааст, низ аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққатанд. Н. Маъсумӣ ин ҷо забони адабиро ҳамчун шакли аз тарафи устодони сухан кор кардашудаи забони халқӣ ба қалам дода, ин маъниро таъкид менамояд, ки муносибати забони адабӣ дар ҳама тӯли инкишофи таърихии он нисбат ба лаҳҷаҳо якранг набуд. Дар ибтидои ташкил забони адабӣ аз забони гуфтугӯӣ ва шеваҳо бештар бархурдор мегардид ва ба ин сабаб ба онҳо наздик буд, аммо аз асрҳои XII бинобар парокандагии феодалӣ шохаҳои шевагии забони тоҷикӣ афзуда, забони адабӣ басо равнақ гирифт, меъёрҳояш комилан ташаккул ёфтанд ва дар натиҷа баҳрамандии он аз забони зинда ва шеваҳо камтар гардид. Олими хушназар ба сари ин ақида аст, ки забони адабӣ аз асрҳои XII бештар роҳи такаллуфот ва мураккабшавиро паймуда, муносибаташ ба забони зинда назар ба ибтидои ташаккул сусттар шуд. Фикри зерини ӯ ин протсесси таърихиро ба хубӣ акс менамояд.

«Инкишофи забони адабӣ то замони револютсия асосан ба роҳи мураккабшавӣ воқеъ гардидааст. Ҷараёнҳо, равияҳои адабӣ ва муборизаи онҳо, характери адабиёт ва маданияти давраи феодалӣ, муносибати ҷамъиятӣ рафтарафта услубҳои махсуси забонро ба вуҷуд овард, ки дар асоси он муносибати байни забони адабӣ-китобатӣ ва забони зинда ба андозае суст шуд, чунин менамуд, ки забони адабӣ аз асоси худ канда шудааст» (1980, 51).

Мо дар поёнтар дар бораи баҳои Н. Маъсумӣ ба муносибати забони адабӣ ба забони зинда дар давраи пеш аз инқилоб боз таваққуф мекунем. Ин ҷо ин фикри ӯро шарҳ медиҳем, ки гуфтааст: «Чунин менамуд, ки забони адабӣ аз

асоси худ канда шудааст». Н. Маъсумӣ хуб медонист, ки забони адабӣ ҳеҷ гоҳ аз асоси худ – забони зинда канда нахоҳад шуд. Аммо бисёр аз содаҳои услубии забони адабии пешина, ки муайянгари меъёрҳои умумӣ ва мустаъмали забон буданд, бинобар майли бештаре ба парвоз ва такаллуфоти сухан аз забони зинда ба нудрат истифода намуданд. Дар баробари ин, дар ҳама давраҳои таърихӣ ҳам дар дохили як услуб ва ҳам дар услубҳои дигар, масалан, услуби асарҳои ривоятӣ, қаламдастоне буданд, ки бо баҳрамандӣ аз имконоти забони зинда сайъ мекарданд, ки забони адабӣ ба забони зинда қарин бошад. Гуфтаи зерини Н. Маъсумӣ дар тасдиқи ин нуқта далели муҷассамаест... «Аммо дар худи ҳамон вақтҳо ҳам намояндагони ҷараёни халқии маданият, бо вуҷуди риоя шудани нормаҳои умумии забон, кӯшиш мекарданд, ки забони адабиро ба забони умумихалқӣ наздик доранд ва онро аз ҳисоби забони халқ бой карда истанд, масалан, Сайидо.

Мадхали мазкур «Забони адабӣ ва забони адабиёти бадеӣ» ном фасле дорад, ки дар он доир ба умумият ва фарқи забони адабӣ ва яке аз муҳимтарин шохаҳои услубии он – забони адабиёти бадеӣ маълумоти мухтасар, вале хеле дуруст ва аниқ баён шудааст. Ин масъала аз масъалаҳои хеле мураккаб ва нозук буда, баҳсҳои ҷиддӣ дар атрофи он ҳамчунон идома доранд. Нуқтаи асосии ин баҳс аз он иборат аст, ки нависанда аз меъёри умумӣ чӣ тавр истифода мебарад, инҳирофи ӯ аз ин қоидаи ҳатмӣ ба чӣ андоза воқеӣ мешавад. Ҷавоби Н. Маъсумӣ ба ин саволҳо равшан ва мушаххас аст. Вай чунин мешуморад, ки забони адабӣ шакли умумӣ ва барои ҳамаи аъзои ҷамъият ягона ва асоси ҳамаи шохаҳои услубии китобӣ буда, забони адабиёти бадеӣ аз он ба системаи воситаҳои ифода ва тарзи ифодаи худ фарқ мекунад. Ин фарқ дар навбати аввал дар мавҷудияти воситаҳои тасвирӣ ва дар мавридҳои алоҳида омезиши ус-

лубҳои гуногуни забони адабии китобӣ ва гуфтугӯӣ ба зуҳур меояд. Бинобар ин, «дар забони адабиёт баъзан аз нормаи муқарраршуда берун рафтан дида мешавад, аммо ин умуман, аз сохти грамматикӣ берун рафтанро намефаҳмонад».

Чунонки мебинем, муқаддимае, ки Н. Маъсумӣ барои китоби дарсии таърихи забони адабии тоҷик навиштааст, пур аз нуқтаҳои муҳими назарист. Аз ин ҷиҳат, ин гуфтаҳо аҳамияти раҳнамоӣ доранд ва ба ҳисоб гирифта шуданашон дар таълифи китоби дарсӣ барои беҳтар шудани сифати он аз ҳар ҷиҳат кумак хоҳад кард. Худи Н. Маъсумӣ дар он мавзӯъҳое, ки барои ин китоб навиштааст, дар ин боб намунаи хубе нишон додааст.

Яке аз тадқиқотҳои муҳими Н. Маъсумӣ перомуни таърихи забони адабӣ рисолаи «Дар бораи вазъият ва баъзе тағйиротҳо дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асрҳои X-XIX ба шумор меравад, ки соли 1950 дар ду шумора – шумораҳои панҷум ва шашуми маҷаллаи «Шарқи сурх» чоп шуда буд. Дар мадхали рисола дар атрофи чаҳор масъала – якум, кам тадқиқ шудани бисёр соҳаҳои забони тоҷикӣ, дуюм, таъсири манфии таълимоти Н. Я. Марр дар ин соҳа, сеюм, асоси методологии забоншиносии шӯравӣ, аз ҷумла, забоншиносии тоҷикро, ташкил намудани таълимоти марксистӣ-ленинӣ, чаҳорум, давраҳои таърихии иикишофи забони адабии тоҷик сухан рафтааст. Муаллиф яке аз сабабҳои инкишофи сусти забоншиносии тоҷик ва маҳдуд мондани онро ба ҳалли масъалаҳои алоҳидаи забон ва грамматика дар он дидааст, ки таълимоти Н. Я. Марр ва пайравони вай, мисли он ки дар тамоми забоншиносии шӯравӣ буд, ба забоншиносии тоҷик низ асари бад расонида, барои инкишофи солими он халал расонидааст. Мувофиқи нишондоди Н. Маъсумӣ, забони адабии тоҷик, аз ҷумла, системаи луғавии он, ду давраро дар бар мегирад: давраи пеш аз

Инқилоби Октябр ва баъди он. Давраи якум дар навбати худ ба ду марҳилаи хурдтар – асрҳои VIII-X ва XI-XIX ҷудо мешавад. Асоси илмии ин навъ тақсимот аз он ҷо ба миён омадааст, ки тағйирот дар ин давраҳо «аз ҷиҳати маъно, сифат ва сабабҳои таърихӣ аз ҳамдигар фарқ мекунад».

Хусусияти луғавии забони адабӣ дар асри IX-X ба ин тарз муайян шудааст: забони адабии тоҷик дар ин давра таркиби луғавии ғанӣ ва мукаммале дошт, ки дар заминаи имконоти худӣ ва қисман таҳти таъсири забонҳои дигар ба амал омада, тадриҷан тарош хурда, ба шакли нормаи қатъӣ даромада буд. Мувофиқи нишондоди олим, маншаи калимаҳои иқтибосӣ басо гуногун аст ва дар байни онҳо калимаю ибораҳои арабӣ мавқеи зиёдтарро ишғол мекунанд. Ин ҳодиса – вуруди фаровони унсурҳои луғавии забони арабӣ сабаб ва зарурати зиёде дошт, ки Н. Маъсумӣ бо борикбинии тамом ҷамъи онҳоро як-як муқаррар кардааст. Чунончи, ӯ чаҳор сабаби ин ҳодисаро ошкор сохтааст, ки мазмуни мухтасари онҳо иборат аз инҳост: 1) забони давлатӣ қарор гирифтани забони арабӣ; 2) ҷорӣ гаштани дини ислом; 3) таълифи осори фаровонии илмию бадеӣ ба забони арабӣ; 4) ривоҷи босуръати кори тарҷума ва аз арабӣ ба тоҷикӣ баргардонидани як қатор асарҳои таърихию илмӣ.

Ғайр аз мӯҷиботи мазкур боз як омили дигаре мавҷуд буд, ки барои иқтибоси фаровони унсурҳои луғавии арабӣ ба тоҷикӣ роҳи васеъ боз намуд. Ин омил ба инкишоф, маданияти баланди забони арабӣ дахл дорад, ки дар он замон касб карда буд. Воқеан, забони арабӣ дар асрҳои VII-VIII дар натиҷаи тараққии дохилӣ ва таъсири омилҳои хориҷӣ, хусусан, тарҷумаи осори илмию фалсафии қадимиён аз забонҳои юнонӣ, суриёнӣ, лотинӣ, ҳиндӣ ва ғ. хеле равнақ гирифта, барои ифодаи муҳимтарин мафҳумҳои илмию фалсафии давр қодир ва омода шуда буд. С. Улуғзода ин ҳақиқати таърихиро таъкид намуда, барҳақ навиштааст: «Ко-

ри тарҷума аз миёнаҳои асри VIII мелодӣ дар аҳди халифаи дуввуми Аббосӣ Мансур шурӯъ шуда, дар давраи халифаи Маъмун, махсусан, авҷ гирифт. Маъмун бар хилофи бисёрии халифаҳои пешину пасини худ марде донишманд, илмдӯст буд: вай аз кишварҳои гуногуни исломӣ ва ҳатто, ғайриисломӣ олимон, файласуфон, нависандагонро дар Бағдод ба дарбори худ гирд оварда, ҳамаашонро ба сари тарҷума нишонд. Онҳо дар хонаи махсусе, ки «Доруттарҷума» номида мешуд, нишаста кор мекарданд: Маъмун бо номи «Байтулҳикмат» китобхонаи хоссае ташкил карда буд, ки дар олами ислом аз вай калонтар китобхонае набуд. Ҳорун-ар-Рашид «Доруттарҷума»-ро ба он китобхона пайваст. Мутарҷимон акнун дар кори худ аз луғатҳо, фарҳангҳо, ки дар китобхона буданд, ба майли хотир истифода намуда, китобҳоро аз юнонӣ, суриёнӣ, лотинӣ бо машварати ҳамдигар тарҷума мекарданд, котибони махсус тарҷумаҳоро покнавис ва нусхабардорӣ менамуданд. Дар «Доруттарҷума» аз Афлотун 8 китоб, аз Арасту (Аристотел); ба лафзи арабии он давр Арастотолис 19 китоб, аз Букрот (Гиппократ), Ҷолинус, (Гален) ва ҳакимони дагар 12 китоб дар илми тиб, 26 китоб дар риёзиёт, илми нуҷум, мусиқӣ ва ғайра ба арабӣ гардонида шуданд. Аз ҳиндӣ 12 китоб дар чандин илм тарҷума карда шуд. Ин тарҷумаҳои фаровон сабаб шуда, дар арабӣ истилоҳот-терминологияи илмию фалсафии арабӣ ба вуҷуд омад, забони илмию фалсафии арабӣ тараққӣ кард».

Ба иловаи сабабҳои мазкур худи забони тоҷикӣ боз эҳтиёҷ ва заруратҳои фаровоне дошт, ки ҷараёни дохил шудани воҳидҳои луғавӣ ва фразеологии арабиро ба тоҷикӣ бо сифати як амри ногузир талқин менамуданд. Дар рисолаи мавриди таҳлил ин зҳтиёҷот ва заруратҳо ба чаҳор даста ҷудо ва моҳияти онҳо ниҳоят мӯҷаз ва боварибахш баён шудааст. Мо барои дурусттар ҳувайдо шудани чашмандо-

зи муҳаққиқ дар ин хусус лозим донистем, ки ин қисмати навиштаи ӯро айнан зикр намоем:

«Пас, он эҳтиёҷ аз чӣ иборат буд?». Дар манбаъҳои хаттии то асри XI калима ва ибораҳои бисёри қадимаи тоҷикӣ ҳанӯз зинда ва дар истеъмолот бошанд ҳам, дар давоми се-чор аср як қисми он гуна калимаҳо ҳамчун шаклҳои кӯҳнашуда пай дар пай аз забони зинда, аз истеъмоли умумӣ баромада мерафтанд. Таърих ҳам аз нав зинда шудани онҳоро ҳодисаи зарурӣ ва ҳатмӣ нашуморидааст. Ба ин муносибат ҷои калимаҳои мурда рафтагиро аз як тараф, калима ва ибораҳои ба навӣ пайдошудаи тоҷикӣ ишғол карда бошанд, аз тарафи дигар, калимаҳои тайёр ва барои ифодаи маънӣ ва мақсад мувофиқи арабӣ ҳам қабул карда шуданд. Зарурати мубодилаи афкор ҳаминро талаб мекард.

2. Як гурӯҳ калимаҳои арабӣ, чунончи дар боло гуфта шуд, дар протсесси тарҷума ба забони тоҷикӣ гузашта монданд. Ин ҳодиса на танҳо ба масъалаи аз истеъмол баромада мондани як қатор калимаҳои кӯҳнаи тоҷикӣ вобастааст, балки ба масъалаи санъати тарҷума, ифодаи айнияти маънӣ ва мазмун ва тарзи баён ҳам сахт вобастагӣ дорад. Ҳар як забон дорои хусусиятҳои махсус, ибора ва ифодаҳои махсус, идиомаҳо, мақол ва зарбулмасалҳои махсуси худ мебошад, ки тарҷумон ва умуман, омӯзандаи он забонро ба эҷодкорӣ, тақлид ва иқтибос водор менамояд. Дар кори тарҷумонҳо ва умуман, донишмандони давраи то асри XI ҳам рӯй додани ин ҳодисаро факти бебаҳс шуморидан мумкин аст.

3. Ғайр аз ин, дар натиҷаи муносибатҳои бевоситаи ҷамъиятӣ ва истеҳсолӣ, ҷорӣ шудани тартибот ва расмияти динӣ бисёр калимаҳои арабӣ забонзада гардида, ба мардуми маҳаллӣ маълум ва мафҳум шуда монда буданд. Онҳо худ ба худ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ даромада монданд.

4. Кӯшишу хоҳиши аҳли санъатро ҳам қайд кардан лозим аст, ки онҳо барои ибораорой, тарзи махсуси баён ва

шаклҳои гуногуни ифода аксар аз пайи ҷустуҷӯи сухан мешаванду эҷодкорӣ мекунанд ва дар баробари ин, аз пайи иқтибос мешаванд. Мо дар осори адабӣ ва илмии таърихии асрҳои VIII-X натиҷаи ин гуна саъю кӯшишро ҳам дида метавонем» (Маъсумӣ, 1980, 92).

Н. Маъсумӣ таъсири забони арабиро ба таркиби луғавии забони адабии тоҷик ба ин тарз таҳлил ва тавзеҳ намуда, ин нуктаро низ хотирнишон кардааст, ки дар ин давра - асрҳои IX-X истифодаи калимаҳои арабӣ дар забони адабии тоҷикӣ чандон зиёд набуд. Омили муҳими иҷтимоӣ – мубориза бар зидди забони бегона ва боло бардоштани нуфуз ва эътибори забони модарӣ аҳли қаламро водор месохт, ки аз истифодаи унсурҳои арабӣ парҳез намоянд. Шарҳи Н. Маъсумӣ перомуни ин масъала бисёр қобили таваҷҷуҳ аст. Ӯ гуфтааст: «Ин масъала ба тенденсияи пешгирифтаи аксарияти донишмандон ва адибони асри X низ алоқаманд аст, ки онҳо барои тозагии забони модарии худ мубориза бурда, дар кори эҷодӣ-адабӣ ва илмии худ ба забони зиндаи халқ такя намуда, барои пурра истифода бурдан, нигоҳ доштан ва инкишоф додани фонди асосии луғавии забони тоҷикӣ ватандӯстона ва бо ҳисси ифтихор саъю кӯшиш доштанд. Дар ин мубориза ва фаъолияти эҷодии худ онҳо ба элементҳои арабипараст-рӯҳониёни реаксионии ислом, ки нуфузи зиёд пайдо кардан ва ҳукмрон гардидани забони Қуръонро тарафдорӣ мекарданд, инчунин, бар шоирони феодалию дарбории арабипараст забардастӣ доштанд. Забони асарҳои Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Абуалӣ Сино ва дигарҳо далели ин ҳол аст».

Худдории шуурона аз истеъмоли унсурҳои бегона – унсурҳои арабӣ боиси он шуд, ки забони адабӣ ба асоси халқии худ наздик бошад. Содагӣ ва оммафаҳмии забони асарҳои илмию бадеии ин давра аз ҳамин ҷо бармеояд. Бо ин ҳама дар навиштаҳои асрҳои IX-X як гурӯҳ калима ва шаклу

воситаҳои грамматикие мушоҳида мешаванд, ки барои хонандаи имрӯз фаҳмо ва дастрас нестанд. Назари борикбини Н. Маъсумӣ ин ҳолатро ба ин тарз кашф кардааст: «Яке, дар таркиби луғавии забони асри IX-X, ҳамчун калимаҳои дар он вақт зинда, ҳиссаи муайянеро ташкил намудани элементҳои забони қадимаи тоҷикӣ, ки баъдҳо, дар давоми зиёда аз ҳазор сол аз истеъмол баромада монданд; дигаре, баъзе хусусиятҳои махсуси грамматикӣ, услубӣ – тарзи баён ва синтаксиси ҷумлаҳо, ки бештар бо усули ҷумлабандии арабӣ сохта шудаанд». Аз чашми олим ин маънӣ ҳам нуҳуфта намондааст, ки вазъи охир «маҳз ба насри онзамона тааллуқ дорад».

Пешрафти минбаъдаи зиндагӣ шароити мухталифи ҳаёт, вусъати фаъолияти истеҳсолии одамон дар ҷамъият, таъсири муттасили вазъияти сиёсии мамлакат, тараққии савдо, ҳунармандӣ, меъморӣ, илм, маданият, санъат ва адабиёт ниҳоят дигар шудани диди эстетикии аҳли қалам ба забон ва услуб мафҳумҳои наверо ба вуҷуд меоваранд, ки забон ҳамаи онҳоро дар худ акс намуда, ҳамвора пеш мерафт, таркиби луғавии худро мукаммалтар, сохти грамматикиашро беҳтар ва муназзамтар менамуд. Н. Маъсумӣ аз рӯи мавзӯи мақола – тавсифи таркибии луғавии забони адабии тоҷик дар асрҳои X-XIX ин масъаларо вобаста ба як сатҳи системаи забон, яъне, сатҳи луғавӣ ба таҳқиқ гирифта, онро дар чунин ҷанбаҳо маънидод кардааст: а) куҳнашуда, соқит шудани қисме аз калимаҳо аз истеъмоли умум; б) маънои тоза касб кардани баъзе воҳидҳои луғавӣ; в) иқтибоси калимаҳои нав аз забонҳои дигар.

Н. Маъсумӣ ба масъалаи унсурҳои вомӣ ба забони тоҷикӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, манбаи онро, ки иборат аз нуфузи забони ӯзбекӣ ва забони арабист, нишон медиҳад. Маълум аст, ки равобит ва муносибатҳои иқтисодиву мадании халқҳои тоҷику ӯзбек аз давраҳои хеле қадим

шурӯъ шудааст. Олими машҳури тоҷик, академик Б. Ғафуров аз ин хусус батафсил сухан ронда, навишта буд: «Дар тамоми неҳзатҳои халқии асрҳои минбаъда (баъди асрҳои IX-X - Р. Ғ.) дар набардҳои қаҳрамононаи зидди истилогарони хориҷӣ мо тамоми намояндагони ниёгони халқҳои Осиёи Миёна, алалхусус, фарзандони ду халқи наздику ҳамсоя - халқҳои тоҷику ӯзбекро дар як саф паҳлу ба паҳлу, китф ба китф мебинем. Ҳар яке аз ин халқҳо ба ганҷинаи маданияти ҷаҳон дурдонаҳои бебаҳои худро гузошт, мо ин саҳми онҳоро тадқиқ менамоем ва дар айни ҳол изҳор медорем, ки онҳо ба ҳамдигар алоқаву робитаи зич доштанд ва бо ҳамдигар таъсир мерасонданд».

Ин ҳол ба забон, ки ба қавли М. Горкий, «ширеш нею ба ҳар чиз мечаспад», бе таъсир намонд. Натиҷа ҳамин шуд, ки баъзе луғатҳои ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ дохил ва ҳазм шуданд. Аммо дар ибтидо адади ин қабил калимаҳо ниҳоят маҳдуд буда, бештар ба соҳаи исмҳои хос (номҳои ҷой ва одамон), истилоҳҳои ҳарбӣ ва корҳои маъмурию давлатӣ дахл доштанд. Сонитар, «дар натиҷаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, иқтисодию истеҳсолӣ, маданию адабӣ ва инчунин, дар мактабҳои онвақта хонда шудани девони ашъори Навоӣ ва Фузулӣ, дар асрҳои XVIII-XIX авҷ гирифтани эҷодиёти адибони зуллисонайн (ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ)... миқдори калимаҳои ба забони адабии тоҷик дохилшудаи ӯзбекӣ... афзуд».

Бо ин ҳама, дар тамоми таърихи инкишофи забони адабии тоҷик таъсири забони ӯзбекӣ ба тоҷикӣ хеле ночиз ва заиф буд. Баръакс нуфузи забони тоҷикӣ ба ӯзбекӣ пай дар пай меафзуд ва бар хилофи хоҳиш ва сайи баъзе аз ҳукуматдорон ба сифати забони давлатӣ фаъолона амал мекард. Н. Маъсумӣ дар замони охирин давлати ӯзбекон, яъне, давраи манғитиҳо низ ба ҳамин нуфуз ва эътибор истифода шудани забони адабии тоҷикро дар ҳаёти сиёсӣ ва ма-

дании мамлакат таъкид намуда, гуфтааст: «Дар асрҳои XVIII-XIX, дар замони салтанати манғитиҳо, забони тоҷикӣ, бо вуҷуди он ки предмети махсуси омӯзиш шуда натавонист, грамматикаи он дар мактабҳо омӯхта намешуд ва дар мадрасаҳо забони дараҷаи дуюм, яъне, ёридиҳандаи забони арабӣ шуда монда буд, вай роли умумиҷамъиятӣ ва аҳамияти адабӣ-давлатии худро пурра нигоҳ дошта тавонист».

Дар асри XIX, вобаста ба ин, ки Осиёи Миёна мустамликаи ҳукумати подшоҳӣ қарор гирифт, ҷараёни вуруди калима ва истилоҳҳои русӣ-интернатсионалӣ ба забони тоҷикӣ оғоз ёфт. Дар ин давра дар он мавзеъҳое, ки комилан ба ихтиёри Россия гузашта буданд, усули ҳукуматдории аврупоӣ расм шуд, корхона ва муассисаҳои нав таъсис ёфтанд, муносибати савдо бо кишвари Россия қувват гирифт, кашф ва истихроҷи манбаъҳои зеризаминӣ ба роҳ монда шуд, кори якҷояи коргарони русу тоҷик ҳодисаи муқаррарӣ гардид, дар Осиёи Миёна мактабҳои русӣ таъсис ёфтанд, зиёиёни тоҷик зарурати омӯхтани забони русиро талқин намуданд ва ғ... Ин ҳама рӯйдодҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ иқтибоси калимоти русиро ба тоҷикӣ чун ҳукм ва иқтизои таърих ба миён овард. Н. Маъсумӣ дохил шудани калима ва истилоҳоти русӣ-интернатсионалиро ба забони тоҷикӣ дар асри XIX дар фурӯғи ҳамин воқеаҳои таърихӣ ба қалам гирифта, нишон додааст, ки дар аввалҳои кор вуруди калимаҳои русӣ ба забони адабии китобӣ миқдоран кам буд ва онҳо асосан дар насри таърихӣ дучор мешуданд, аммо дертар дар ибтидои асри XX, ин протсес бадараҷот қувват гирифт ва акнун на танҳо дар наср, балки дар назм ҳам кор фармудани калимаҳои русӣ, зарурати махсусе гирифт ва ҳамчун меъёри адабӣ қабул шуд».

Дигар аз сарчашмаҳои иқтибос забони арабӣ буд, ки дар ҳамаи давраҳои инкишофи таърихии забони адабии тоҷик, (махсусан, пас аз асри X, нузуфи вай ҳамвора меафзуд. Н.

Маъсумӣ сабабҳои гуногуни гузаштани калима ва ислоҳоти фаровони забони арабиро ба тоҷикӣ, аз ин ҳисоб душвору мураккаб гаштани забон ва услуби асарҳои илмиву бадеиро дар чанд модда баён намуда, дар айни ҳол ин нуқтаро низ ошкор сохтааст, ки сабки мазкур дар ҳама осори хаттӣ якранг воқеъ нашудааст. Агар қаламдастони берун аз дарбор аз мансуби равияҳои халқӣ содабаёнии анъанавиро идома дода, аз истеъмоли унсурҳои бегона худдорӣ карда бошанд, пас бештарини адибони дарбор барои мувофиқ кардани забон ва тарзи баёни худ ба завқ ва талаби аъёну ашроф ба истифодаи калима ва шаклу воситаҳои грамматикии арабӣ шавқу ҳаваси зиёдтаре зоҳир намудаанд.

Майли умумӣ ба иқтибоси унсурҳои арабӣ барои дабдабанок ва муҳташам ифода кардани мақсад тадриҷан ба тамоюли соданависӣ таъсир намуд ва меъёри идеалии замон қарор гирифт. Суханони зерини олими нуқтасанҷ ин нуктаро пурра фаро мегиранд. «Ин масъала (бо нияти болиғтар ва пуршукӯҳтар баён кардани фикр ҷалб намудани унсурҳои арабӣ - Р. Ғ.) баъд аз асри X расмият ёфтан гирифту анъанаи муайяни услубиро ба вуҷуд овард. Дар натиҷаи ҳамин, қатъи назар аз он ки захираи луғавии забони тоҷикӣ асосан нигоҳ дошта мешуд ва калимаю ибораҳои ба ҷои элементҳои забони арабӣ истеъмолшавандаи тоҷикӣ бисёр буданд, калима ва ибораҳои арабии дар ҳақиқат аз нормаи забони адабии миллӣ берун ва ба оммаи асосӣ номаҳфум беҳаду ҳисоб қабул ва истеъмол шудан гирифтанд. Ин ҳодиса рафта-рафта сабаби вазнинии забони адабӣ-китобӣ ва кор карда шудани услуби мураккаби классикӣ шуда монд».

То охири асри XIX дар бештарин қисми назму насри классикӣ аҳвол асосан ҳамин буд. Аммо аз охирҳои ҳамин қарн тадриҷан дигаргуниҳои муайяне падид омаданд. Ҳам тақлид ба услуби бедилӣ, ҳам кӯшиши такаллуфоти сухан беш аз пеш заиф шудан гирифт, майли сода кардани забон, бо

ин мақсад истифода намудани унсурҳои забони зинда беш аз пеш суръат ёфт. Ба ин муносибат айни маврид аст, ки суханони зерини устод Айниро ба хотир оварем: «Забони шеъри то охири асри XIX бештарин тақлиди забони Бедил бошад ҳам, аз охири ин аср сар карда, ҳаракати майлон ба забони омма — забони содаи ҳамафаҳм ба майдон омад. Шеърҳои охирини Шоҳин, Қозӣ Қурбонхон, Музтариб, Ҳайрат ва дигарҳо аз ҳамин қисми охиронанд. Дар замонҳои охир насрнависӣ, гуфта мешавад, ба таҳрири иншои мактуб махсус шуда монда буд. Беҳтарин муншӣ ва мактубнавис ҳамон кас ҳисоб меёфт, ки муддаоеро, ки ба як ҷумла ифода карданаш мумкин аст, дар ду саҳифа бо калимаҳои қофиядор печонад. Мактубҳо ва иншоҳо айнан мисли «Нукот»-и Бедил буд... Аввалин касе, ки ба ин услуби насрнависӣ ҳуҷум кард, Аҳмади Калла буд. «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Калла ҳарчанд ба хонандагони замони шуравӣ душворӣ кунад ҳам, дар замони ҷавонии мо бисёр сода ва зидди анъанаҳои насрнависони он замон буд. Баъд аз Аҳмади Калла Мирзо Азими Сомӣ ин шеваро дар наср ривоҷ дод ва нисбат ба Аҳмади Калла боз ҳам содатар навишт. Шарифҷон-махдум, ки аз иншонависони машҳури замони худ буд, аз мухлисони Аҳмади Калла ва Сомӣ буда, иншо, мактуб ва хотироти худро боз ҳам содатар ва оммафаҳмтар карда менавишт».

Н. Маъсумӣ ҳам дар ин масъала айнан ба ҳамин ақида аст. Вай ин андешаи худро дар мисоли таҳлили яке аз шеърҳои Шоҳин ба исбот расонида, дар хулоса ифодаи чунин суханони ҳаққониро муносиб дидааст: «Ин гуна хусусият, ки дар осори хаттии асрҳои 18-19 ва ибтидои асри 20, хусусан, дар эҷодиёти Савдо, Гулханӣ, Аҳмади Дониш, Шоҳин, Асирӣ ва амсоли инҳо мушоҳида карда мешаванд, нишон медиҳад, ки кӯшиши зиёиёни тараққипарвару ба халқ наздики замона барои андаке бошад ҳам, содатар кардани

забони адабӣ-китобӣ ва ба халқ наздик кардани он ба ҳар роҳ зоҳир мегардид».

Чунон ки аён гашт, дар мақолаи «Дар бораи вазъият ва баъзе тағйиротҳо дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асрҳои X—XIX» инкишофи таърихии лексика, ки аз тағйирпазиртарин соҳаҳои забони адабист, хеле ҳамаҷониба баррасӣ шудааст. Далелҳое, ки муаллиф барои тасдиқи фикр меорад, ҳама воқеӣ ва боварибахш буда, муддаои ӯро комилан собит месозанд. Охири асри XIX ва ибтидои асри XX аз он давраҳоест, ки анъанаи гузашта як дараҷа шикаст ва барои ҷорӣ гаштани меъёри нав – меъёри кунунии забони адабӣ тамоюли наве оғоз ёфт. Ин дигаргунӣ ва такомулот бо роҳҳои гуногун воқеъ гашт, ки тадқиқи пурра ва мудаққиқонаи он мавзӯи баҳси рисолаи дигари Н. Маъсумӣ — «Вазъияти забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX» қарор гирифтааст.

Оғози мақола тавсифи воқеаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маданиро дар бар мегирад, ки барои тағйири забони адабии тоҷик дар ин марҳалаи таърихӣ боис шудаанд. Муҳимтарин рӯйдоди сиёсии ин давра инқилоби соли 1905 буд, ки овозаи он монанди дигар канораҳои қаламрави ҳукумати подшоҳӣ ба Осиёи Миёна низ интишор ёфта, қувваҳои тараққипарвари мамлакатро ба ҷунбиш овард: Сар даровардани муносибатҳои капиталистӣ, ба вуҷуд омадани ҳаракати буржуазияи миллӣ, таъсиси матбуоти буржуазӣ, дастгоҳи чопи китоб дар Самарқанд, Когон, Хуҷанд ва Тошкент, кушода шудани мактабҳои русӣ ва бо асари ин ташкил ёфтани мактабҳои нави маҳаллӣ аз муҳимтарин воқеаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии ин давра ба шумор мераванд. Чунин рӯйдодҳои ҷиддии иҷтимоӣ ва маданӣ тақозо шуданд, ки услуби баён тағйир ёбад, тағйири услуби баён дар навбати худ тақозо мекард, ки маводи вай — забон хусусиятҳои нави замонӣ касб намояд. Ин буд, ки дар ин вақт майли демократӣ кар-

дани забон, ки дар охири асри XIX шурӯъ шуда буд, ба дараҷот қувват гирифт, зиддият ва рақобати вай бо услуби анъанавӣ вусъат ёфт. Услуби нав ба душворӣ ба худ роҳ мекушод, зеро бинобар барқарор будани омилҳои зарурии иҷтимоӣ мавқеи услуби куҳна ҳамчунон мустаҳкам буд.

Н. Маъсумӣ ин масъалаҳоро муфассал ва ботамкин таҳлил ва тадқиқ намуда, бо зикри чанд мисол хусусияти услуби куҳнаро бо ин тарз шарҳ медиҳад: «Тарзи ифодаи куҳна, усули суханпардозӣ ва лафзбозии тақлидӣ на танҳо дар назм, балки дар наср — дар забони асарҳои илмию адабии он давра ба тарзи анъанавӣ давом дошт, ки таъсири онро дар эҷодиёти намояндагони ҷараёнҳои гуногун низ дидан мумкин аст. Дар вақташ аз куҳнапарастӣ адибони пешқадами давра низ халосӣ надоштанд». Н. Маъсумӣ ки ҳолатро нақши шароити феодалӣ ва муносибатҳои хоси он дар забону услуби адабӣ дониста, таъкид месозад, ки «ин равия охирин марҳилаи дастӣ ва амалиёти худро аз сар мегузаронд». Бар акси он тарғиби ғояҳои маорифпарварӣ, ки қисме аз табақаҳои пешқадами ҷамъият пеш гирифта буданд, талаб менамуд, ки забони навиштаҳои онҳо сода ва дастраси умум бошад. «Адибони пешқадами ибтидои асри XIX, — менависад Н. Маъсумӣ ин нуктаро шарҳ дода, — ҳамчун маорифпарварони замони худ, ба олам бо ҷаҳонбинии нав назар андохта, тағйироти ҳаёти ҷамъиятиро муҳаққиқона дарк намуда, аз забон ба зиндагӣ дохил мешуданд. Онҳо барои нишон додани пешрафти ҷамъият, ҳақиқати ҳаёт, барои тарбияи омма ва ифода намудани фикру ақидаҳои демократии худ ба забон ҳамчун ба воқеияти бевоситаи фикр, ҳамчун қайдкунанда ва инъикоскунандаи ҳамаи ҷиҳатҳои зиндагӣ назар карда, ба такомулот, суфтаву равонӣ ва бомазмунии он аҳамият медоданд».

Чунон ки дар болотар иброз шуд, анъанаи душворбаёнии куҳна дар охири асри XIX аз ҷониби сарвари маориф-

парварони тоҷик Аҳмади Дониш вайрон карда шуд. Мутолиаи асари машҳури ин мутафаккири бузург «Наводир-улвақоеъ» дар Айнӣ инқилоби фикрӣ пайдо намуда, ӯро ба содабаёнӣ ҳидоят намуд. С. Айнӣ, ки дар назм тарафдори соданависӣ буда, «бештарин луғатҳо, ташбеҳҳо, истиораҳои халқиро кор мефармуд», дар наср ҳам соданависиро бо дилу ҷон пазируфт ва ин равияро собитқадамона давом ва инкишоф дод. Ин равиш дар нахустин асари дидактикӣ-педагогии устод «Таҳзиб-ус-сибён», ки ба сифати китоби хониш барои мактабҳои усули нав таълиф карда буд, ба тарзи барҷаста ва чашмгире зоҳир гашта, дар асарҳои баъдии вай пайваста ривоҷу равнақ гирифт. Бинобар ин, Н. Маъсумӣ забони ин асарро аввалин намунаи забони адабии ҳозираи мо ба қалам дода гуфтааст: «Забони насри ӯ — китоби дарсии «Таҳзиб-ус-сибён» нафақат ба дараҷаи содагии забони шеърҳои иҷтимоӣ ва дидактикии вай расидааст, балки зиёда аз ин хислатҳои асосии забони умумихалқии тоҷикро дар бар кардааст, ҳамчун як намунаи аввалини забони ҳозираи адабии тоҷик зоҳир мегардад».

Н. Маъсумӣ аз рӯи таҳлили асарҳои насрӣ, ки бо услуби нав тасниф ёфта буданд, ба чунин хулоса меояд, ки дар ибтидои асри XX забони адабии тоҷик ба давраи нави инкишоф дохил шуд. Агар пеш ин тағйирот бештарин бо таркиби луғавӣ маҳдуд монда бошад, дар ин асно сохти грамматикиро низ фаро гирифта, қариб дар ҳама боб таҳаввулоти муҳими сифатиро аз сар гузаронид. Инак, натиҷаи илмии муаллиф дар ин хусус: «Такомулоти забони адабӣ, ба андозае ба омма наздик шудани он на танҳо дар бобати таркиби луғавӣ, балки аз ҷиҳати грамматикӣ ҳам равшан мушоҳида карда мешавад». Олим ин мулоҳизаи худро бо зикри далелҳои фаровон аз категорияҳои мухталифи морфологӣ ва синтаксисӣ боварибахш ба исбот расонида, фарқи барҷастаи синтаксисиро дар байни забони адабии «қадим»

ва «нав» ба ин тарз муқаррар намудааст: «Дар забони адабии ин давра, агар услуби махсуси баъзе шаклҳои ҷудогонаро истисно шуморем, тарзи баёни печ дар печ ва вобаста ба ин ҷумласозии мураккаби душворфаҳм, ки ба пурра фаҳмидани фикр халал расонад, пешина барин ҳодисаи характернок намебошад. Иборасозиҳо, ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ аз рӯи усули муқаррар шудаистодаи соданависӣ торафт равону равшан шуда, ба хислатҳои услубии забони умумихалқӣ беш аз пеш наздикӣ пайдо мекард. Забоншиноси машҳур Р. А. Будагов дар хотимаи яке аз китобҳои худ - «Инкишоф ва такомулоти забон чист?» чунин фикри муҳимеро баён намуда буд: «Хусусияти махсуси забон дар ҳамбастагии он ба тафаккури одамон, дар алоқамандии он бо талаботи ҷамъият ва маданияти халқ зоҳир мегардад. Хосияти забонро на дар ҳолати ҷудо аз ҷамъияти замон, балки дар таъсири мутақобилаи забон ва ҷамъият бояд ҷуст. Дар он сурат проблемаи такмили забон вобаста ба инкишофи таърихии он низ равшан мегардад». Н. Маъсумӣ барои ошкор намудани вазъи забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX аз ҳамин мавқеи илмӣ амал намуда, бо ҳунармандии тамом собит кардааст, ки дигаргуниҳои ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар ин давра - ибтидои асри XX боиси ба амал омадани тағйироти чиддӣ дар сатҳҳои таркибии системаи забон ва созмони меъёрҳои адабии он гардиданд. Ба ин суханҳои ӯ диққат диҳед: «Сарфи назар аз мавҷудияти баъзе хусусиятҳои фарқкунандаи услубӣ, ин марҳилаи иикишофи забони адабӣ бо вазъият ва тағйироти умумии сифатии худ ба забони ҳозираи адабии тоҷик наздикии бевосита дорад. Ин - ҳалқаи пайвасткунандаи ду давраи асосии тараққиёти таърихии забони адабии тоҷик ва аввалин пояи нави такомулот ва инкишофоти забони миллии адабӣ — забони адабии ҳозираи тоҷик мебошад».

Аз таҳлил ва тавҷеҳи навиштаҳои Н. Маъсумӣ доир ба равиш ва тамоюлҳои инкишофи таърихии забони адабии тоҷик аз асри IX—X то ибтидои асри XX ин нуқта ба куллӣ равшан гардид, ки ӯ барои дуруст ҳал намудани мавзӯъ тибқи далелҳои шайъ ва асосҳои комилан илмӣ амал кардааст. Асоси методологии ин усул ношӣ аз таълимоти донишмандони забардаст мебошад, ки забонро муҳимтарин воситаи алоқаи одамон шуморида, дар ин поя ҳодисаи ҷамъиятӣ будани онро вазъ карданд. Забоншиносони закӣ дар партави ин дастур ҳақиқати баҳснопазиреро муқаррар намуданд, ки «вазифаи ҷамъиятии забон ба сохтори он фаъолона таъсир бахшида, аз бисёр ҷиҳат тамоюлоти инкишофи онро қаблан муайян месозад».

Н. Маъсумӣ дар тадқиқи қоида ва хусусияти забони адабии имрӯза ва усули таълимии онҳо дар мактаб ва донишкадаҳои олӣ низ фаъолона ширкат варзидааст. Яке аз аввалин китобҳои дарсӣ оид ба синтаксис ба қалами ӯ дахл дорад, вай солҳои дароз аз курси забони адабии ҳозираи тоҷик дар шуъбаи филологияи Донишгоҳи омӯзгории Душанбе дарс гуфта ва матни лексияҳои оид ба синтаксис пас аз вафоташ бо кӯшиши мураттибон дар ҷилди дуюми «Асарҳои мунтахаб»-аш (с. 288-301) дарҷ ёфт. Боби феъл, ки аз калонтарин ва душвортарин қисматҳои морфология мебошад, барои китоби дарсии мактабҳои олӣ аз ҷониби ӯ таълиф шудааст. Ин тадқиқоти олим баъдтар дар ҷилди дуюми китоби мазкур мавқеъ гирифт. Ду программаи забони адабии ҳозираи тоҷик барои донишкадаҳои олии республика (1956-1959) бо иштироки бевоситаи ӯ ба майдон омадааст. Ғайр аз ин, Н. Маъсумӣ доир ба соҳаҳои алоҳидаи забони адабии ҳозираи мо мақолаҳои зиёде навиштааст, ки дар зарфи бештар аз сӣ сол дар матбуот ба табъ расидаанд. Вай яке аз фаъолтарин муборизони беҳтар намудани сифати таълими забон дар мактаб ва донишкадаҳои олӣ

буд. Бисёре аз муаммоҳое, ки ӯ дар мақолаи худ «Таълими забон дар мактабҳои олӣ беҳтар карда шавад» ба миён гузоштааст, то кунун аҳамияти худро нигоҳ медоранд.

Медонем, ки байни китобҳои дарсии мактабӣ ва китобҳои дарсии донишкадаҳои олӣ аз забон дер муддат фарқи чандон зиёд мавҷуд набуд: дар донишкадаҳои олӣ низ монанди мактабҳои ҳаштсолаву миёна қисмати грамматика андак батафсилтар омӯхта шуда, масъалаҳои дигари забони адабӣ қариб бедахл мемонданд. Аммо Н. Маъсумӣ фарқҳои барҷастаи таълим ва тадриси забони тоҷикиро дар мактаб ва бахшҳои филологии донишкадаҳои олӣ муқаррар сохта, аҳли тахассусро даъват менамояд, ки дар таълифи китобҳои дарсӣ ин нуктаро ба эътибор гиранд. Дар муқаддимаи китоби дарсии донишкадаҳои олӣ маънии мазкур ба ин тарз шарҳ ёфтааст: «Грамматикаи мактабии нормативӣ танҳо элементҳои таҳлили илмиро дар бар гирифта, ба ҷиҳати амалӣ ва мақсадҳои саводомӯзӣ асос меёбад. Аммо курси забони адабӣ нисбат ба ҳаҷму вазифаи худ ба таҳлили илмии ҳодисаҳои забонӣ, сохти грамматикии ӯ асос меёбад».

Дар асоси ин мулоҳиза вай қисматҳои таркибии курси забони адабии тоҷикро ба ин тарз таъйин кардааст:

1) Муқаддима: - Маълумот дар бораи тараққиёти забон, рол, хусусият ва аҳамияти ҷамъиятии он. Хусусиятҳои грамматикии забони адабии тореволютсионии тоҷик.
2) Таркиби луғавии забони тоҷик.
3) Фонетика, қисмҳои вай ва ҳодисаҳои фонетикӣ дар забони тоҷикӣ.
4) Графика ва орфографияи забони тоҷикӣ, таърихи табаддулоти графика ва орфография. Приёмҳои орфографӣ.
5) Морфология, принсипҳои морфологӣ ва категорияҳои нутқ.
6) Синтаксис, қисмҳои асосии вай ва қонунҳои синтаксисӣ.

7) Тарзи баён дар забони ҳозираи адабии тоҷик (стилистика).

Китобҳои дарсие, ки баъд аз солҳои 60 дар Тоҷикистон таълиф ёфтаанд, ба ин нақша асосан мусоидат доранд. Аммо як фасли зарур - масъалаи хат ва имло то ҳол аз китобҳои дарсӣ берун мемонад, ки аз иллатҳои ҷиддист. Охир, дуруст омӯхтани забони адабӣ натанҳо саҳеҳ гап задан, балки дуруст ва беғалат навиштанро низ дар бар мегирад ва ба ин сабаб таълими масъалаҳои хат ва имло аҳамияти калони амалӣ дорад. Қисми охир - услубшиносӣ, ки Н. Маъсумӣ онро ҳамчун ҷузъи таркибии курси забони адабии ҳозираи тоҷик ба қалам медиҳад, то имрӯз дар ягон китоби дарсӣ дарҷ наёфтааст. Вай дар мактабҳои олӣ аз нимаи дуюми солҳои 60 ба сифати курси алоҳида, аммо аз аввали солҳои 80-ум ҳамчун як соҳаи муҳими фанни асосҳои маданияти сухан омӯзонида мешавад. Аз ин мебарояд, ки ба қисми курси забони адабии ҳозира дохил кардани услубшиносӣ, ки Н. Маъсумӣ мадди назар дошт, низ асоси мустаҳками илмӣ доштааст.

Аввалин кӯшиши ҷиддии Н. Маъсумӣ дар соҳаи навиштани китобҳои дарсӣ охири солҳои чил бо таълифи китоби «Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ» шурӯъ шуд, ки шомили синтаксис буда, назар ба гуфти муаллиф, барои синфҳои 3-4, омӯзишгоҳҳои педагогии ғоибона муқаррар шудааст. Қисми якуми ин китоб, ки ба масъалаҳои фонетика, орфография ва морфология дахл дорад, ба қалами Ш. Ниёзӣ мансуб аст. Бояд гуфт, ки таълифи нахустини китоби дарсӣ доир ба синтаксис соли 1941 аз тарафи муаллими Н. Маъсумӣ, яке аз адибони хушсалиқа ва донишманди тоҷик Лутфулло Бузургзода анҷом гирифта буд (1941). Н. Маъсумӣ ҳангоми навиштани китоби худ баробари баҳрамандӣ аз навиштаҳои устоди хеш, он дастовардҳои илмиеро ҳам, ки дар забоншиносии тоҷик ва дар

забоншиносии халқҳои собиқ Иттифоқи Шӯравӣ, дар навбати аввал дар забоншиносии рус, таи даҳ соли пас аз нашри асари мазкур ба майдон омада буданд, ба ҳисоб гирифтааст. Бинобар ин, дар зикри маводи забон баёни мавзӯъҳо ва савияи илмию назарии тавзеҳи онҳо байни ин ду китоби ҳаммавзӯъ ва ҳамвазифа фарқи зиёд ба назар мерасад.

«Нишондодҳо...» аз муқаддима ва ду қисм - синтаксиси ҷумлаҳои сода ва синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб иборат аст. «Муқаддима» чанд масъалаи муҳими назариро дар бар мегирад, ки баъзе аз онҳо, мутаассифона, дар китобҳои дарсии баъдӣ номазкур мондаанд. Пеш аз ҳама, таърифе, ки муаллиф ба синтаксис додааст, ҷолиби диққат аст. Ӯ навиштааст: «Синтаксис он қисми грамматика мебошад, ки дар бораи ҷумла, хел ва сохти он, дар бораи қонунияти сохта шудани ҷумлаҳо, ифода ёфтани ҳиссаҳои синтаксисӣ, дар бораи қонунияти нутқ сухан меронад». Чунонки мебинем, муаллиф синтаксисро ба се бахш - ҷумла, ҳиссаҳои синтаксисӣ, қонунияти нутқ ҷудо кардааст. Тааccуф, ки вай аз чӣ иборат будани «ҳиссаҳои синтаксисӣ» ва «қонуниятҳои нутқ»-ро эзоҳ надодааст. Дар саҳифаҳои минбаъдаи китоб низ ин масъалаҳо бе баҳс мондаанд. Зимни истилоҳи «ҳиссаҳои синтаксисӣ» яқин маводи ҷумла - ибора ва зимни истилоҳи «қонунияти нутқ» бандҳои синтаксисӣ дар назар дошта шудаанд. Агар чунин бошад, ақидаи Н. Маъсумӣ ба назарияи кунунии синтаксисӣ, ки синтаксисро ба се шуъба - ибора, ҷумла, матн ё воҳидҳои яклухти синтаксисӣ ҷудо мекунад, пурра мусоидат дорад. Аз ин ҷиҳат, таърифе, ки Н. Маъсумӣ ба синтаксис додааст, ҳам аз асарҳои пешина ва ҳам аз асарҳои пасина, ки дар онҳо аз ин хусус сухан рафтааст, фарқи ҷиддӣ дорад. Барои тасдиқи матлаб ба ду китоб - яке китоби Л.Бузургзода ва дигаре китоби Б. Ниёзмуҳаммадов муқоиса намудани он кифоя хоҳад буд. Л.Бузургзода навиштааст: «Синтаксис... дар бораи ҷумла ва сох-

ти он баҳс мекунад». Б. Ниёзмуҳаммадов овардааст: «Синтаксис дар бораи ибора, ҷумла ва қоидаи сохта шудани онҳо баҳс мекунад».

Дар қисмати хелҳои ҷумла аз бобати маъно ҷумлаҳои хабарӣ, саволӣ ва хитобӣ тавсиф ва маънидод шудаанд. Ин ҷо зиёдтар аз ҳама шарҳи навъҳои ҷумлаи саволӣ ва воситаҳои ифодагари он ҷолибанд. Муаллиф ҷумлаҳои саволиро аз лиҳози маъно ба ҷумлаҳои ифодакунандаи маъноҳои соф савол ва ифодакунандаи мафҳуми «тааҷҷуб, ҳайрат, шубҳа ва афсӯс» тақсим намуда, нишон медиҳад, ки онҳо ду роҳи ифода доранд: а) ба воситаи калима ва ёридиҳандаҳои саволӣ; б) ба воситаи интонатсия. Дар қисмати ёридиҳандаҳои саволӣ ҳиссачаҳои магар, оё, чӣ, -дия, -а, (я), -мӣ, пайвандакҳои ё, ё худ, ё ки ва пурсишҷонишинҳои кӣ, -чӣ, кадом, кай, чӣ хел, чанд, чӣ кадар, чаро, чандум, канӣ дохил шудаанд (1949, 8). Ғайр аз пайвандакҳо, ки муаллиф зикр намудаасту аз воситаҳои ташкилдиҳандаи ҷумлаҳои саволӣ нестанд, дигар ҳама тавсифи ӯ - чӣ шарҳи қоида ва чӣ роҳу воситаҳои ифодаи ҷумлаҳои саволӣ дар китобҳои дарсии баъдӣ ё айнан ва ё бо каме такмил боқӣ мондаанд.

Воҳиди аввалини синтаксис калима аст. Синтаксис калимаҳоро аз лиҳози ширкат дар ташкили ибора ва ҷумла меомӯзад. Калимаҳо барои адои хизмате дар ҳайати ибора ва ҷумла бо ҳам дар алоқа медароянд, ки тавассути воситаҳои махсуси грамматикӣ сурат мегирад. Н. Маъсумӣ ин маъниро аз вазифаҳои асосии фанни синтаксис дониста фармудааст: «Дар нутқ барои ифода кардани фикру мақсад калимаҳо аз рӯи қонунҳои муайян бо ҳам алоқаманд мешаванд». Олим барои ошкор намудани қоидаи робитаи калима ва воситаҳои ифодагари онҳо ду боби асари худро бахшидааст, ки яке «Хелҳои алоқаи синтаксисӣ», дигаре «Воситаҳои алоқаи синтаксисии калимаҳо» ном дорад.

Алоқаҳои синтаксисӣ дар китоб ба чунин хелҳо тақсим шудаанд: 1) алоқаи баёнӣ; 2) алоқаи таъйинӣ; 3) алоқаи пуркунандагӣ; 4) алоқаи ҳамҷинсӣ. Тавсифи ҳар яке аз ин навъҳои алоқа дар асар ба ин тарз воқеъ гаштааст: 1) алоқаи баёнӣ. Ин алоқаест, ки дар байни мубтадо ва хабар воқеъ мегардад; 2) алоқаи таъйинӣ. Он алоқаест, ки дар байни аъзоёни ҷумла воқеъ мегардаду як аъзои ҷумла дигареро аз ҷиҳати соҳибӣ, ё аз ҷиҳати сифат ва ё ҷиҳати нисбат муайян ва равшан мекунад; 3) алоқаи пуркунандагӣ. Ин дар байни алоқаи пайрав, ки мафъулро нишон медиҳад, ба вуҷуд меояд. Инчунин, алоқа дар байни аъзоҳои пайрав ва хабари ҷумла ҳам воқеъ мегардад; 4) алоқаи ҳамҷинсӣ. Он алоқаест, ки дар байни аъзоҳои ҳамҷинси ҷумла ва ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаб воқеъ мегардад» (с. .11-12).

Ҳамаи ин қоидаҳо дар асоси мисолҳои фаровон эзоҳ ёфта, асоснок карда шудаанд. Дар чаҳор истилоҳе, ки дар боло барои ифодаи навъҳои алоқаи синтаксисӣ истифода шудаанд, барои забоншиносии имрӯзаи тоҷик бегонаанд. Ин истилоҳҳо пештар аз китоби мазкури Н. Маъсумӣ аз ҷониби Б. Ниёзмуҳаммадов ва Л. Бузургзода истифода шуда буд.

Аз қоида ва мисолҳое, ки барои тасдиқи он зикр ёфтаанд, пай бурдан душвор нест, ки онҳо бо истилоҳоти ҷорӣ маънан мусоидат доранд. Чунончӣ, ба ин тарз **алоқаи баёнӣ - алоқаи мувофиқат, алоқаи таъйинӣ - алоқаи байни муайяншавандаю муайянкунанда, алоқаи пуркунандагӣ - алоқаи вобастагӣ, алоқаи пайваст - алоқаи ҳамҷинсӣ.** Истилоҳ фарқ кунад ҳам, мулоҳизаҳое, ки Н. Маъсумӣ зери онҳо ифода намудааст, аҳамияти илмии худро ҳамчунон нигоҳ медоранд. Ба ин муносибат як масъаларо алоҳида бояд қайд кард. Ин масъала ба «алоқаи баёнӣ» ё бо истилоҳи имрӯза ба алоқаи мувофиқат дахл дорад, ки дар байни хабар ва мубтадо ба амал меояд. Н.Маъсумӣ ду тарзи воқеъ гаштани ин алоқаро нишон додааст: дар яке мубтадо

дар кадом шахсу шумора омада бошад, хабар ҳам дар ҳамон шахсу шумора воқеъ шуда, ба мубтадо мувофиқат мекунад. Дигар ин ки агар предмети беҷон мубтадоро ифода намояд, хабар аз ҷиҳати шумора ба мубтадо мувофиқат накунад ҳам, дуруст ҳисоб мешавад. Ин хулоса, ки ба факти воқеии забон комилан мувофиқ аст, то имрӯз моҳияти илмии худро пурра нигоҳ медорад. Н. Маъсумӣ алоқаҳои мазкурро зери як истилоҳ дохил намуда, гуфтааст: «Ҳамаи ин алоқаҳо якҷоя калимабандӣ ё ки таркиб ном доранд» (1942, 12). Ин фикр, ки дар он аз пайванди калимаҳо ба амал омадани ҳар ду навъи алоқаи синтаксисӣ - ҳам алоқаи тобеъ ва ҳам алоқаи пайваст ба инобат гирифта шудааст, асоси мустаҳками илмӣ дорад. Дар ҳамин асос баъзе забоншиносон то имрӯз истилоҳи «словосочетание» (калимабандӣ)-ро ба ду гурӯҳ - гурӯҳи калимабандии пайваст ва тобеъ тақсим кардаанд (1977. 74-75). Аз аввалҳои соли 1950 дар забоншиносии рус мафҳуми анъанавии «словосочетание» андак тағйир ёфта, фақат ба он тарзи пайванди калимаҳо, ки дар заминаи алоқаи тобеъ сурат мегирад, махсус шуд. Бо таъсири забоншиносии рус ба ин маънӣ ҳоло дар забоншиносии тоҷик истилоҳи «ибора» ҷорӣ гаштааст.

Дар ин фасли асар Н. Маъсумӣ дар хусуси яке аз воҳидҳои муҳими нутқ, синтагма низ маълумот медиҳад ки ба ин тарз воқеъ шудааст: «Таркиби калимаҳои ба ҳам алоқаманд (зиёда аз як калима) синтагма ном дорад. Таҳлили синтаксис ба воситаи ба синтагмаҳо тақсим кардани ҷумла хеле осон ва равшан мешавад». Бо вуҷуди он ки ин ҷо моҳияти синтагма ба сифати воҳиди махсуси оҳанги нутқ пурра шарҳ наёфтааст, ба миён гузошта шудани худи мавзӯъ дар омӯзиши «таркиби калимаҳои ба ҳам алоқаманд» қобили диққат ва дастгирист. Ин масъалаи муҳим, ки дар роҳи баланд бардоштани маданияти нутқи шифоҳӣ аҳамияти зиёде дорад, минбаъд дар забоншиносии тоҷик на мавриди баррасӣ

қарор гирифт ва на мавриди таълим.

Н. Маъсумӣ дар фасли «Воситаҳои алоқаи синтаксисии калимаҳо» аз ин хусус сухан рондааст, ки муносибат ва алоқаи маънoии калимаҳо, ки барои ташкили воҳидҳои синтаксисӣ асос мешавад, ҳам бо ёрии шаклҳои гуногуни калима ва ёридиҳандаҳо ва ҳам бевосита бо кумаки воситаҳои дигари синтаксисӣ сурат мегирад. Ӯ се тарзи алоқаи калимаҳоро баён намудааст, ки ба тарзи зеранд: 1) Изофат ва бандакҷонишинҳо; 2) пешояндҳо, пасояндҳо ва пайвандакҳо; 3) ба воситаи гузориши калимаҳо дар ҷойҳои муқаррарӣ - тартиби калима. Тавассути ин омилҳои синтаксисӣ калимаҳо, аз як тараф, бо роҳи тобеъ, аз тарафи дигар, бо усули пайваст бо ҳам алоқа мебанданд. Бинобар ин, Н. Маъсумӣ алоқаҳои синтаксисиро ба ду алоқаи ғайритобеъ ва тобеъ тақсим кардааст. Дар қисмати алоқаи ғайритобеъ ӯ калимаҳои таркиби аъзоҳои чида ва калимаҳои ифодакунандаи сараъзоҳо - мубтадо ва хабарро мансуб дониста, моҳияти онҳоро ба ин тарз ошкор менамояд: дар алоқаи ғайритобеъ «калимаҳои дар ҷумла алоқамандшуда бо якдигар муносибат ва ҳуқуқи баробар доранд». Мувофиқи нишондоди ӯ алоқаи тобеъ бо роҳи тобеъ шудани як калима ба калимаи дигар ба амал меояд. Дар ин сурат калимаи тобеъшаванда, одатан тобеъкунандаи худро муайян ва пурра мекунад ва ё ҳолати онро равшан мекунад» (с. 13). Муаллиф ба гурӯҳи сеюми воситаҳои алоқаи синтаксисӣ ист (пауза) ва оҳанг (интонация)-ро нисбат дода, барои исботи фикр чанд мисол овардааст, ки яктоаш ба алоқаи калимаҳои чидаи бепайвандак, дутояш ба алоқаи ҳолшарҳкунанда бо хабар ва боз дутои дигараш ба ҳодисаи номазкур, монанди бандаки хабарӣ дар хабарҳои номӣ дахл дорад. Инак, он мисолҳо: Айнӣ нависанда; пиеса хеле шавқовар; Ман падар, модар, додар, бародар дорам; корҳо бомуваффақият анҷом ёфта истодаанд; Расул - ман.

Бояд гуфт, ки воситаҳои алоқаи синтаксисӣ ба ҳамон тарзе, ки Н. Маъсумӣ нишон додааст, дар асарҳои дигар (масалан, дар китоби Л. Бузургзода «Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ» с. 6) низ ба чашм мерасанд. Хизмати Н. Маъсумӣ дар ин бобат иборат аз он аст, ки аз як тараф, ин масъаларо хеле равшан ва мушаххасона баён сохта бошад, аз тарафи дигар, зимни вазифаҳои грамматикии воситаҳои синтаксисӣ дар забони тоҷикӣ мавҷуд будани ду навъ алоқа —алоқаи ғайритобеъ ва тобеъро муқаррар намудааст. Ин тақсимот дар китобҳои дарсӣ ва тадқиқоти илмии имрӯза асосан маҳфуз монда, фақат дар баъзе ҳолатҳо каме тағйир ва такмил дидааст.

Дар фасли «Сараъзоҳои ҷумла», ки дар он мубтадову хабар ва тарзи ифодаи онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, низ як қатор фикрҳои бикр ба назар мерасанд, ки дар инкишофи забоншиносии мо нақши дурахшоне дошта, аҳамияти худро ҳоло ҳам гум накардаанд. Дар боби мубтадо мулоҳизаҳои муаллиф роҷеъ ба мубтадоҳои таркибӣ қолиби таваҷҷуҳ аст. Қоидаи Н. Маъсумӣ дар ин хусус ба ин тарз мебошад: «Мубтадоҳои таркибӣ, одатан, ба воситаи таркиби изофӣ меоянд. Дар он сурат гарчи мубтадо аз як калима иборат аст, вале муайянкунандаи вай ҳам ба таври мантиқӣ якҷоя ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба ин тариқа мубтадо аз ҷиҳати маъно тафсил меёбад, равшан ва пурра мешавад». Барои тасдиқи фикр мисолҳои зерин зикр шудаанд: Армияи Советӣ мағлубнашаванда аст; Комитети Марказии ВКП(б) ба ҳама кори мо роҳбарӣ мекунад; Вазорати маориф кори мактабҳоро аз нав дида истодааст. Дар хусуси мисоли охирин эзоҳи зерин мавҷуд аст, ки ба мубтадои мисолҳои дигар низ дахл дорад. Дар ин мисол мубтадо «Вазорат» бошад ҳам, бо муайянкунандаи «маориф» якҷоя гирифта мешавад. «Ба қатори ҷумлаҳои боло мисоли дигаре низ оварда шудааст, ки мувофиқи нишондоди муаллиф ибо-

раи «корҳои оммавӣ-сиёсӣ» дар он вазифаи мубтадоро адо мекунад.

Ибораҳои изофие, ки дар ҷумлаҳои мазкур ҳастанд, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: а) ибораҳои устувор - **Армияи Сурх. Комитета марказии ВКП(б). Вазорати маориф:** б) ибораи озод: **корҳои оммавӣ-сиёсӣ.** Забоншиносон ҳама муттафиқанд, ки ибораҳои устувор ва як гурӯҳ ибораҳои дигаре, ки ба сурати яклухт бо хабар муносибати зичи грамматикӣ доранд, ба вазифаи мубтадо истифода мешаванд. Яқин ақидаи Н. Маъсумӣ низ, ҳамин будааст, ки ба ин қабил ибораҳо паёпай се мисол овардааст. Бо ибораҳои озод ифода ёфтани мубтадоро фақат баъзе аз забоншиносон тарафдорӣ мекунанд. Афти кор, имони Н. Маъсумӣ барои ин чандон комил набудааст, ки бо зикри як мисол қаноат кардаааст. Профессор М. Ф. Исматуллоев дар хотироти худ оид ба Н. Маъсумӣ ибораҳои «корҳои оммавӣ-сиёсӣ», «равшании бахти мо»-ро аз як шеър барои таҳлил овардаи ӯ мубтадои таркибӣ ба қалам дода, катъӣ ҳукм мекунад, ки Н. Маъсумӣ тарафдори ифодаи мубтадо бо ҳама гуна ибораҳо буд. Ӯ ҳамрайъии худро ба ин фикр хотирнишон намуда, иброз медорад, ки то имрӯз дар Институти педагогии ш. Душанбе, ки ӯ кор мекунад, мубтадоро ба ҳамин усул таълим медодаанд».

Чунон ки дидем, Н. Маъсумӣ тарафдори ифодаи мубтадо бо ибораҳои устувор аст. Агарчи ӯ дар як мисол ифодаи онро бо ибораи озод зикр намудааст, аз он набояд чунин натиҷа гирифт, ки гӯё вай ифодаи мубтадои таркибиро ба ҳама гуна ибора талқин мекарда бошад. Дигар ин ки Н. Маъсумӣ фикри мазкурро қариб панҷоҳ сол муқаддам изҳор карда буд, ки он замон бисёр забоншиносони дигар ба ҳамин ақида буданд. Аммо тадриҷан илм пеш рафт, ақидаи олимон тағйир ёфт. Аз рӯи ҳамин қонуни объективӣ, масалан, А. Мирзоев, Ш.Ниёзӣ ва М. Ғафуров агар дар нашри дуюми

китоби дарсии худ «дарёи шӯх» ва «боғи шаҳр»-ро якҷоя мубтадои таркибӣ маънидод карда бошанд, дар чопи дигари ин асар (1950 с. 11 - 12) ин ғалатро дигар накарданд.

Воқеан, мубтадо танҳо предмети суханро номбар мекунаду бас. Чигунагии он, одатан, ба воситаи категорияи дигари синтаксисӣ - муайянкунанда таъйин мешавад. Муайянкунанда аз лиҳози гурӯҳбандии аъзоҳои ҷумла ба гурӯҳи мубтадо дохил гардад ҳам, дар таҳлили синтаксисӣ чун аъзои алоҳидаи ҷумла маънидод хоҳад шуд. Онҳое, ки бар хилофи ин нуқта ҳама гуна муайянкунандаро қисми таркибии мубтадо мешуморанд, ба хатои ҷиддӣ роҳ медиҳанд. Набояд фаромӯш кард, ки ин масъала дар забоншиносӣ кайҳо ҳал шудааст. Масалан, яке аз мутахассисони нозуксанҷи забони русӣ А. А. Шахматов ин нуқтаро бо далелҳои қотеъ пурра ба исбот расонидааст. Ба ин муносибат ҷоиз аст, ки ин гуфтаи ӯро ба хотир орем: «Таҳлили грамматикии ҷумлаи дутаркиба, ба ин тариқа, на ба ҷудо кардани таркиби ҳоким ва тобеъ, дар он, ки ба вуҷуд доштани аъзои ҳоким ва тобеъ дар коммуникатсияи психологӣ мусоидат мекард, балки ба муайян намудани ду калима ё ибораи яклухт меорад, ки онҳо дар алоқаи грамматикие, ки дар он вобастагии грамматикии як калима ба калимаи дигар мушоҳида мешавад, вокеъ гаштаанд. Дар ҷумлаи **«Бачаи ҳамсояи мо бо мо дар боғ во**хӯрд (Мальчик нашего соседа встетился нами всаду) мубтадо бача аст, на **бачаи ҳамсояи мо**, хабар **вохӯрд**, на **ба мо дар боғ вохӯрд**».

Қоида ва шарҳу тавзеҳҳое, ки дар боби «Хабар»-и ин китоб баён ёфтаанд, низ аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат мебошанд. Н. Маъсумӣ барои раҳонидани омӯзандагони грамматикаи забони тоҷикӣ аз хато ва иштибоҳ, пеш аз ҳама, ин нуктаро таъкид намудааст, ки хабар нафақат бо феъл, балки ба ҳиссаҳои дигари нутқ низ ифода меёбад. Ӯ дар шарҳи ин маънӣ гуфтааст: «Баъзан гумон мекунанд, ки гуё муб-

тадо ҳамеша бо исм ва хабар бо феъл ифода меёбад. Албатта, кор ин тавр нест. Хабари ҷумла на танҳо бо феъл, балки бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ ҳам ифода карда мешавад. Шарти масъала он аст, ки калима дар ҷумла нисбат ба мубтадо ба тариқи ҳукм омада бошад, бо тамом шудани ягон қисм ҳодисаи муайян далолат кунад».

Ин мулоҳиза ба фикри зерини академик А. А. Шахматов қаробати тамом дорад: «Он таълимоте, ки феълро воситаи табиӣ ва ягонаи хабар мешуморад, ба назарам, ҳам аз рӯи моҳияти худ, ҳам аз рӯи ихтилофаш бо далели таърихи забон ғалат аст. Аз рӯи моҳияти худ барои он ғалат аст, ки дар як муносибати атрибутӣ метавонад, ба тарзи предикатӣ низ дарк шавад. Аммо мисли забони русӣ дар забонҳои дигар низ муносибати атрибутӣ, на танҳо бо сифати феълӣ, балки бо исм ва сифатҳои гуногун низ ифода меёбад; ин атрибутҳо ба предикат гузашта, ба феъл табдил намеёбанд, балки исм ва сифат шуда мондан мегиранд; аз ин ҷост, ки онҳо низ мисли феъл хабарҳои табиӣ ва ногузир мебошанд».

Мувофиқи ин ақидаи илмӣ, Н. Маъсумӣ хабарҳоро ба ду гурӯҳ - феъл ва номӣ тақсим намудааст. Ҳар ду хели мазкури хабар аз бобати сохт боз ба хабарҳои сода ва мураккаб ҷудо шудаанд. Муаллиф аз рӯи ақидаи ҳукмрони он солҳо хабарҳои феълии мураккабро на аз рӯи табиати синтаксисии воҳидҳои ифодакунандаи онҳо, балки мувофиқи сохти морфологии ин воҳидҳо шарҳ дода, гуфтааст, ки «хабарҳои феъли мураккаб бо шаклҳои мураккаби феъли замони гузашта, ҳозира ва оянда ифода мешаванд» (с. 19). Ин мулоҳиза дар забоншиносии мо то дер муддат ҳукмрон буд. Таҳқиқоти солҳои ҳафтод дар ин хусус дигаргунии муҳим ворид овард».

Дар қисмати хабарҳои номӣ мулоҳизаҳое, ки Н. Маъсумӣ доир ба хабарҳои номии таркибӣ (аз рӯи истилоҳи ӯ хабарҳои мураккаб) баён намудааст, сазовори диққатанд. Му-

аллиф иброз доштааст, ки ин қабил хабарҳо бо феълҳои ёридиҳандаи **ҳаст, будан** ва **шудан** аз ҳиссаҳои номии нутқ ташкил меёбанд. Ӯ фақат дар як замон - замонҳои ҳозира ва дар се замон - замонҳои гузашта, ҳозира ва оянда воқеъ гаштани ду феъли дигарро таъкид намуда, ҳамзамон, нишон медиҳад, ки «дар ҷумла ёридиҳандаи феълии будан ва шудан чун феъли мустақил ва асосӣ кор фармуда шавад, дар он сурат ӯро хабари ғайрифеълӣ не, балки хабари феълӣ мешуморем» (с. 20).

Ин мулоҳизаҳо ва чанд фикри дигаре, ки Н. Маъсумӣ дар хусуси хабарҳои номӣ гуфтааст, то имрӯз эътибори худро нигоҳ медоранд. Мутаассифона, дар асарҳои таҳқиқотӣ ва китобҳои дарсии пасин ин дастовардҳои илмӣ, чунонки бояд, ба ҳисоб гирифта нашуд. Масалан, академик Б. Ниёзмуҳаммадов, ки доири синтаксиси ҷумлаҳои сода диссертатсияи докторӣ навишта буд, ин нуктаҳоро то андозае сарфи назар карда, дар хусуси сохти хабарҳои номӣ фикри зидду нақиз ва дарҳамеро талқин менамояд. Ин маънӣ аз порчаи поён, ки зимни сарлавҳаи «Таркиби хабарҳои номӣ» дар «Асарҳои мунтахаб»-и ӯ мазкур аст, равшан дарк мешавад:

Хабарҳои номии сода бо калимаҳои мустақилмаъно ифода меёбанд, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва мафҳумҳои предметонидашуда иборатанд: Вай бисёр **нағз;** Шаб **торик;** Чашмони он кас **танг,** рӯяш **борик,** лабонаш **тунук.**

Хабарҳои номии сода дар ду шакл – бо бандак ва бо бандакҳои хабарӣ омада метавонанд: Ҳаво соф; Вай одам аст.

2. Хабарҳои номии таркибӣ аз ҳиссаҳои номӣ ва ёридиҳандаҳои феълӣ ташкил меёбанд: Ёдгор баргашта ба ҷои худ нишаста, ба падараш **нигоҳ кард,** вай юрист буд; Ҳама ҷомаҳоро пӯшида, миёнҳоро баста, тайёр шуданд; Таги дилаш **тип-торик** буд; Гулрӯ **сурх шуд;** Ҳар ду **ҳам хомӯш буданд;** Осмон кабуд ва **соф буд;** То аз ин ҷойҳо гум шуда рафтани онҳо ба назарашон нанамудан **беҳтар аст»**[144]

Чунон ки мебинем, дар мисолҳо на ҳамаи феълҳои ёридиҳандае, ки дар ташкили хабарҳои номӣ иштирок мекунанд, зикр ёфтаанд. Феълҳои ёридиҳандаи «шудан» ва «будан» номбар шуда бошанд ҳам, вуқӯи онҳо дар замонҳои гуногун сарфи назар шудааст. Ғайр аз ин, дар мисоли «...ба падараш нигоҳ кард» муаллиф «нигоҳ кард»-ро хабари номӣ ба қалам додааст ва ҳол он ки хабари феълист. Дар порчаи мазкур ихтилофи фикр низ мушоҳида мешавад: таркибҳои «одам аст» ва «беҳтар аст», ки ҳар ду ҳам ба воситаи бандаки хабарии «аст» ва ҳиссаҳои номии нутқ хабари номӣ сохтаанд, дар як маврид хабари сода, дар мавриди дигар, хабари таркибӣ қаламдод шудаанд:

Дар қисмати аъзоҳои пайрави ҷумла, ки Н. Маъсумӣ онро яз рӯи анъана ба се – пуркунанда, муайянкунанда ва ҳолшарҳкунанда тақсим намудааст, низ бисёр фикрҳои муҳим мавҷуданд, ки шарҳи баъзе аз онҳо аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Пуркунандаҳо дар асар ба гурӯҳи бевосита ва бавосита тақсим гардида, маъно ва тарзи ифодаи онҳо як-як аз назар гузаронида шудааст. Н. Маъсумӣ бо пасоянди – **ро** ва бе он сурат гирифтани пуркунандаҳои бевоситаро баён месозад ва монанди. Л. Бузургзода ақидаеро талқин менамояд, ки пуркунандаҳои бевосита ду роҳи ифода доранд: бо ро ва бе он. Аён аст, ки ин ҳол тасодуфӣ набуда, балки аз табиати забонамон, аз қоидаи грамматикие, ки барои ифодаи маънои муайян дар он амал мекунад, ба зуҳур омадааст. Ифодаи ин маънӣ, назар ба нишондоди Н. Маъсумӣ, чунин аст: «Агар предмети маълум ва муайянро нишон додан лозим бошад, ба пуркунанда бандаки – **ро** ҳамроҳ карда мешавад: «..Мо асарҳои Горкийро мехонем... Агар предмет ба таври умумӣ нишон дода шавад, яъне дар бораи предмет ба таври умумӣ сухан равад, – **ро** кор фар- муда намешавад:... Вай китоб хонда истодааст». Дар шарҳи масъалаи

мазкур ин ҳолати нозуки грамматикӣ низ аз назари муҳаққиқ пинҳон намондааст, ки пуркунандаҳо бе пешоянди – **ро** пеш аз хабар, дар қариби он воқеъ мегарданд, ба ин ваҷҳ «ин хели пуркунандаҳои бевосита агар аз паҳлуи хабар дур карда шаванд, бандаки – **ро қ**абул карда, аз маънои умумии номуайян ба маънои маълуми конкретӣ мегузаранд (с. 26).

Дар ин фасл шарҳҳое, ки Н. Маъсумӣ ба хусусияти услубии пасоянди – **ро** ва қаринҳои шевагии он додааст, низ қобили диққат аст. Муаллиф шакли ягона, ҳатмиро дар ин мавриди «-ро» донистааст, ки “бар хилофи ақидаҳои носолими солҳои чил буда, барои мустаҳкам намудани меъёри анъанӣ аҳамияти калон дошт. Дигар ин, ки вай мавриди истеъмоли ин пасояндро дар адабиёти бадеӣ таъмин карда, онро на махсуси гуфтори ҳамаи персонажҳо, балки табақаи авом ба қалам додааст, ки ин маънӣ аҳли қаламро ба риояи меъёри умумӣ водор менамуд. Ӯ мегӯяд: «Дар забони гуфтугӯ, дар фолклор ба ҷои «-ро» асосан шакли «-а», «- я» кор фармуда мешавад... Бинобар ин ҳам, нависандагон дар асарҳои худ баъзе персонажҳоро (қаҳрамони асарро) ба лаҳҷаи худашон ба гуфтугӯ медароранду барои типикӣ карда нишон додани забони персонаж дар қатори хусусиятҳои дигари лаҳҷавӣ ба кор фармуда шудани **а-я-ра** ҳам риоя мекунанд. Аммо дар забони умумии адабӣ ин хусусият характернок нест, ба ҷои он се шакл ҳамеша як шакл кор фармуда мешавад (с. 26).

Пуркунандаҳои бавосита дар асар аз рӯи пешояндҳо тавҷеҳ ёфта, вобаста ба ин чунин маъноҳои грамматикии онҳо таъмин шудааст: сӯи амал, ҳамроҳӣ ва ба воситаи чӣ иҷро шудани амал, муқоиса ва аз чӣ сохта шудани предмет, мавзӯи сухан, сабаб, моликият, мансубият, танҳоӣ ва истисноӣ ва ғ. Дар ин қисм ғайр аз баёни маънои мухталифи пуркунандаҳо бо пешояндҳои гуногун зикри ин ҷиҳат низ ҷолиби диққат аст, ки муаллиф ба масъалаи муродифоти синтак-

сисӣ аҳамият дода, ифодаи як маъниро бо шаклҳои мухталифи синтаксисӣ ба миён гузоштааст. Инак, мулоҳизаи ӯ: Ғайр аз ин, дигаргунии шаклии пешояндҳо ҳам ҳаст... Чунончӣ; пешоянди **аз** ба шакли **зи, з**, пешоянди **дар** ба шакли **андар**, ба ҷои **барои** шакли **баҳр** кор фармуда мешавад. Ин гуна тағйирот ва ҷойивазкунии пешоянд асосан дар нутқи манзум (назм) мавҷуд аст. Дар назму насри имрӯзаи адабии мо ҷойивазкунии **ба-бо, бар-ба, дар-ба** характернок аст.

Дар фасли пуркунандаҳо боз як масъалаи муҳим – табдили вазифа дар байни мубтадо ва пуркунанда диққати муаллифро ҷалб кардааст. Н. Маъсумӣ хусусият ва тарзи ифодаи ин ҳодисаи грамматикиро зимни сарлавҳаи «Тарзи актив ва пассиви ифода» батафсил ошкор сохта, дар хотима аҳамияти донистани ин қоидаи забонро дар амалияи гуфтор ва навишт низ хотирнишон кардааст. Яке аз ин қоидаҳо бе маврид истифода бурдани пасоянди «-ро» бо шакли маҷҳулӣ ифода мебошад, ки дар нутқи баъзе аз ашхос ба назар мерасад. Н. Маъсумӣ сахт ғалат будани ин ҳодисаро таъкид намуда, гуфтааст: «Баъзан дар нутқ дар ибораҳои пассив бандаки «ро» кор мефармоянд. Масалан, мегӯянд; илтимоси шуморо ба ҷо оварда мешавад. Ин китобро сар то по хонда шуд. Дода шуд ин справка (ё шаҳодатномаро)-ро ба рафиқ фалонӣ ва монанди инҳо. Ин тавр гуфтан мумкин нест, чунки калимаи **ро** илова карда шудагӣ (шуморо, китобро, справкаро) мубтадо ё қисми таркибии мубтадо аст. Мубтадо  на ба саволи киро? чиро?, балки ба саволи кӣ? чӣ? ҷавоб мешавад. Пас худ аз худ маълум аст, ки дар чунин маврид бандаки **ро** кор фармудан кори нодуруст, зидди грамматикӣ мебошад».

Дар фасли ҳол, пеш аз ҳама, ин нукта ҷолиби диққат мебошад, ки Н. Маъсумӣ хусусияти грамматикӣ, вобаста бо ин фарқи онро аз пуркунанда дуруст муайян намудааст. Дар

ин бобат андешаи Н. Маъсумӣ бо ақидаи муаллифони китоби дарсии мактабҳои ҳаштсола ва миёна мувофиқат намуда, аммо аз фикри Л.Бузургзода фарқи ҷиддӣ дорад. Агар Л. Бузургзода баъзе аз ҳолҳоро бо номи «пуркунандаи замон», «пуркунандаи интиҳо», «пуркунандаи сабабӣ-таъйин» дар фасли пуркунанда маънидод карда бошад, Н. Маъсумӣ онҳоро ҳамчун навъҳои ҳолшарҳкунанда ба қалам додааст. Аз ин ҷиҳат, агар баъзе ҳолҳоро (масалан, таркибҳои ҳолии **ба пеши дӯстон (омадан), бо ду даст (чидан)** ва мисли инҳоро) пуркунандаи сӯй ва ҳамроҳӣ номидани ӯ мустасно шавад, дар бештарин мавридҳои дигар мулоҳизаҳои вай комилан ҳақ буда, дар китобҳои дарсӣ ва тадқиқотӣ минбаъда ба ҳамин тарз дарҷ ёфтаанд.

Як боби калони «Нишондодҳо...» ба тавсифи сохти ҷумлаҳои сода бахшида шудааст. Муаллиф дар ин бобат назарияи ҷории забоншиносии тоҷикро, ки бо таъсири забоншиносии рус ба майдон омада буд, ба эътибор гирифта, ҷумлаҳои содаро аз ҷиҳати сохт ба чунии хелҳо тасниф кардааст; ғайритафсилӣ, тафсилӣ, нопурра, унвонӣ, бешахс, умумишахс, чидааъзо. Хусусият ва маънои грамматикии ҳар яки ин ҷумлаҳо донишмандона муайян ва барояшон қоидаҳои рехтаву шоиста ваъз гардида, ин қоидаҳо бо мисолҳои зиёду сазовор исбот ва мустаҳкам карда шудаанд. Барои тасдиқи иддао баъзе аз суханҳоеро, ки доир ба ҷумлаҳои бешахс ва чидааъзо изҳор шудаанд, метавон ба хотир овард.

Муаллиф хусусияти ҷумлаи бешахсро аз лиҳози шаклу маъно ба ин тарз муқаррар кардааст; «Мубтадои ин хел ҷумлаҳоро (ҷумлаҳои бешахсро) на аз ҷумлаҳои пеш омадааш пайдо кардан мумкин асту на ба воситаи шаклҳои феъли хабарӣ таъйин намудан мумкин аст. Хулоса, дар ин хел ҷумлаҳо аз тарафи кӣ ва кадом предмет ба вуҷуд омадани амал (таъсиру ҳаракат) маълум нест. Бинобар ин, ҷумлаҳое, ки мубтадо надоранд ва дар онҳо мубтадо тасаввур ҳам кар-

да намешавад, ҷумлаи бешахс номида мешаванд» (с. 48). Мувофиқи дарёфти ин олим, шакли синтаксисии ин қабил ҷумлаҳо ба сурати зайл аст; «дар ҷумлаҳои бешахс хабар, одатан, ба шакли мураккаб (таркибӣ) меояд. Хабар аз феъли асосӣ ва ёридиҳанда иборат мешавад. Феъли асосӣ ҳамеша ба шакли асосии феъли замон гузашта (замони гузаштаи наздик, шахси сеюми танҳо) меояд. Феъли ёридиҳанда аз шакли «бояд» ва «боист» иборат мешавад; Моҳ агар он ки духтаре зояд – номи он ситора бояд гуфт (Лоҳутӣ). Аз паси корҳои беҳуда набояд гашт. Умри азизро ба беҳудагӣ набояд гузаронид. Нақшаи кори фардоро имрӯз бояд кашид. Ҳамеша аз паи кори нек ва манфиати халқ бояд шуд. Ин суханони гаронбаҳоро на бояд аз хотир баровард» (с. 49).

Калимаи «бояд» ё «мебояд» дар таркиби хабари ҷумлаҳои мазкур дар ду маҳал воқеъ мешавад; дар шафати хабар ё дур аз он. Баъзеҳо ҳолати дуюмро далел оварда, ақидаеро талқин доранд, ки дар ин ҳол онро унсури хабар ҳисобидан дуруст нест. Аммо Н. Маъсумӣ гӯё барои равшании фикри ғалат гуфтааст: «Ёридиҳандаи феълии «бояд» мумкин аст, ки бевосита пеш аз феъли асосӣ ояд ва мумкин аст, ки аз феъли асосӣ дур бошад. Ин ба тарзи баён вобаста аст, маънои ҷумла дар ҳар ду сурат ҳам як хел мондан мегирад; Ин суханони гаронбаҳоро набояд аз хотир баровард. Ин суханони гаронбаҳоро аз хотир набояд баровард» (с. 49).

Н. Маъсумӣ дар хусуси таркиби хабарии бо феъли модалии «бояд» ин нуктаи муҳимро низ зикр намудааст, ки на ҳамаи ҷумлаҳое, ки ба ин қабил хабарҳо ифода меёбанд, бешахсанд. Вай барои тасдиқи матлаб ҷумлаи «**Плани истеҳсолиро бояд ба муносибати иди Октябр барзиёд иҷро кунем»**-ро оварда гуфтааст: «Ин ҷумла бешахс нест, чунки шакли феълӣ бо бандакҷонишини «ем» ба калимаи **мо** далолат мекунад. Пас, ин калима (мо) мубтадои ҷумлаи мазкур тасаввур мешавад» (с. 48).

Маълумоти доир ба аъзоҳои чида чунин ҷиҳатҳои ҷолиб дорад.

1) Муаллиф пайвандакҳоеро, ки бо аъзоҳои чидаи ҷумла барои ифодаи муносибатҳои гуногуни синтаксисӣ хизмат кардаанд, пурра зикр намудааст. Инак, манзараи умумии онҳо: а) пайвандакҳои паиҳамчинанда; ва, -ӯю, хоҳ, ҳам чӣ, на, на танҳо... балки, ҳар қадар... ҳамон қадар; б) пайвандакҳои хилофӣ: аммо, вале, лекин, фақат, танҳо; в) пайвандакҳои ё, ё худ, ё ки, гоҳ-гоҳ.

Ин рӯйхат, агар аз он калимаҳои фақат, танҳо, ки ҳисса-чаанд ва таркибҳои ҷонишинии **ҳар қадар... ҳамон қадар** истисно шаванд, ҳама хели пайвандакҳоеро, ки махсуси аъзоҳои чидаи ҷумла мебошанд, дуруст инъикос менамояд. Мисли профессор Ш. Рустамов забоншиносоне дорем, ки барои аз ҳайати мазкури пайвандакҳо соқит намудани **ҳам, на, чӣ, хоҳ, гоҳ, на танҳо... балки** (чанде аз инҳо ба сурати такрор воқеъ мешаванд) кӯшиш карда истодаанд. Нишондоди забоншиноси борикбин ва дақиқназаре чун Н. Маъсумӣ барои ислоҳи ин иллат кумак хоҳад кард.

2) Дар бисёр китобҳои дарсӣ ва асарҳои тадқиқотии забоншиносони тоҷик пайвандаки «-у» дар боби пайвандакҳои паиҳам ба сифати муродифи «ва» маънидод шуда, фарқи грамматикӣ ва услубии он аз ҳаммаънояш зикр наёфтааст. Вале Н. Маъсумӣ ин фикрҳоро равшан ва ҳартарафа муайян намуда буд. Инак, он фарқҳо; монанди таркиби изофии пай дар пай ё муайянкунандаи чидаи изофидор дар охири якчанд аъзои ҳамҷинс омада, таркиби ба ҳам алоқаманди аъзоҳои чидаро ба вуҷуд меорад: Ҳар саҳар мекунад маро фарёд – мактабу санъату клубу завод (Турсунзода); б) агар аъзоҳои чидаи ҳамҷинс зиёда аз сето бошанд, ба воситаи пайвандаки у-ю ҷуфти аъзоҳои якҷинсаи ҷумла ба вуҷуд меояд. Яъне аъзоҳои чида ба тариқи ҷуфт паи ҳам меоянд ва як таркибро ташкил медиҳанд. Ҳар як

ҷуфти аъзоҳо ба воситаи пайвандаки у-ю дорои алоқаи дохилӣ мебошад. Масалан: Республикаи мо хушмева аст. Дар ин ҷо себу ангур, анҷир, олую гелос, зардолую шафтолу, ноку биҳӣ, пистаю бодом, чормағзу тут барин меваҷот фаровон аст» (с. 56).

3) Баъзе аз забоншиносон чунин ақида доранд, ки муайянкунандаҳое, ки ба воситаи изофат сурат баста, ҳама якҷоя пас аз муайянкунанда воқеъ мегарданд, муайянкунандаҳои пай дар пай ба шумор меравaнд. Аммо Н. Маъсумӣ заковатмандона тафриқаи онҳоро муқаррар намудааст. Мувофиқи нишондоди ӯ, дар байни муайянкунандаҳои чида, ки бо изофат ташкил ёфтаанд, он воситаҳоеро мондан мумкин аст, ки байни аъзоҳои чидаи муқаррарӣ мегузоранд – яъне дар ин сурат ба ҷои изофат пайвандаки паиҳам ё вергул метавон гузошт ва ҳол он ки дар муайянкунандаҳои пай дар пай, ки яке дигареро муайян мекунад, ин корро кардан мумкин нест, чунки мазмун ва алоқаи синтаксисӣ вайрон мешавад (с. 54).

4) Бо пайвандаки такрории **на... на** хабари ҷумла ҳам ба сурати мусбат ва ҳам ба сурати манфӣ метавонад воқеъ шавад. Муаллиф барои тасдиқи ин хулосаи худ чанд мисол овардааст, ки намунааш ин аст: Аз ин роҳи пурпечутоби канори дарё на шофёр, на роҳбалади он, на савораҳои дигар наҳаросиданд; Қосим барои чӣ на менависад, на мехонад? Ин мулоҳиза барои ислоҳи чунин як ақидаи ғалат, ки ба сурати манфӣ омадани хабари ҷумларо бо аъзоҳои чидаи навъи мазкур хилофи қоида медонад, ёрӣ мерасонад.

Бо таассуф гуфтан мумкин аст, ки дастовардҳои мазкури Н. Маъсумӣ дар китобҳои дарсӣ ва асарҳои тадқиқотии ин соҳа, чунонки бояд, акс наёфтаанд.

Фаслҳои «Калимаҳои хулосакунанда», «Мухотаб», «Калима ва ибораҳои туфайлӣ» низ дорои чандин мушоҳидаҳои аҷиб буда, қурби илмии онҳо ҳамчунон боқист.

Қисми дуюми «Нишонҳодҳо...»-ро синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб ташкил менамояд. Маълумоте, ки дар ин бора зикр ёфтааст, хеле мухтасар буда, дараҷа ва ҳолати омӯзиши ин мавзӯъро дар солҳои чил дар бар мегирад. Н. Маъсумӣ хусусияти ҷумлаҳои мураккаб, фарқи онҳоро аз ҷумлаҳои сода дар ду аломати муҳим таъйин менамояд: ягонагии маъно ва оҳанги махсус. Ин ҷиҳат дар ҳар ду навъи ҷумлаҳои мураккаб як хел зоҳир намешавад. Дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст ҳар кадоме аз ҷумлаҳо мустақил ва баробарҳуқуқанд, аммо дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ «як ҷумла ба ҷумлаи дигар тобеъ шуда, аз ягон ҷиҳат мазмуни онро эзоҳ мекунад, равшан менамояд» (с.72). Ин таъриф бо он таърифе, ки мо имрӯз дар китобҳои дарсӣ дорем, пурра мувофиқат мекунад.

Дар «Нишондодҳо...» ҷумлаҳои мураккаб мувофиқи анъана ба ду гурӯҳи калон – ғайритобеъ ва тобеъ ҷудо карда шудаанд. Хусусияти грамматикӣ ва маъноии ҷумлаҳои мураккаби ғайритобеъро муаллиф вобаста ба ташкили онҳо бе пайвандак ё бо ёрии пайвандак, дар фаслҳои алоҳида аз назар гузаронидааст. Вай дар байни ҷузъҳои таркибии бепайвандак се муносибати маъноиро дарёфтааст, ки аз инҳо иборатанд: а) ҳамлаҳзагии ҳодисаҳо; б) паси ҳамдигар ба вуҷуд омадани воқеаҳо; в) ҳодисаҳои ба ҳамдигар муқобил. Ҳар кадоми ин муносибатҳо бо мисолҳои лоиқ исбот шудаанд.

Муаллиф се роҳи ташкили ҷумлаҳои мураккаби ғайритобеъро нишон додааст: а) ба воситаи пайвандакҳои пайиҳамчинандаи ва, -у, -ю, ҳам, на; б) пайвандакҳои хилофии аммо, лекин, вале, балки, ҳол он ки; в) пайвандакҳои ҷудоии ё, ё ки, ё ин ки, ва ё, ё худ. Ин тақсимот бо он тақсимоте, ки Л. Бузургзода ва муаллифони китоби дарсии мактабҳои ҳаштсола ва миёна пеш гирифтаанд, асосан мусоидат дорад. Андак фарқ аз китоби Л. Бузургзода дар он зоҳир шудааст, ки Н. Маъсумӣ баръакси муаллимаш **низ** ва **бошад**-ро ба

сифати воситаҳои грамматикии ташкилдиҳандаи ҷумлаҳои мураккаби пайваст номбар накардааст, инчунин, пайвандаки «ҳол он ки», ки ӯ зикр намудааст, дар асари Л. Бузургзода дида намешавад. Аз ин пайвандакҳо **ҳам** ва **на** дар китобҳои дарсии минбаъда низ баъзан зикр ёфта, аммо калимаҳои **фақат, танҳо** ба гурӯҳи ҳиссачаҳо дохил карда шуданд.

Дар зери сарлавҳаи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ» асоситарин хусусияти ин навъи ҷумлаҳои мураккаб баён шудааст. Муаллиф ба ду – сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ҷудо шудани ҷумлаҳои мураккаби тобеъро баён намуда, моҳият ва хусусиятҳои фарққунандаи ҷумлаи пайравро ин тавр таъйин менамояд: «Ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумлаи нафақат аз ҷиҳати мундариҷа, мазмун, балки аз ҷиҳати шакл ва сохти худ ҳам тобеъ мешаванд. Ғайр аз ин, дар як ҷумлаи мураккаби тобеъ ба якдигар тобеъ шуда омадани ҷумлаҳои пайрав низ мавҷуд аст. Ҷумлаҳои пайрав дар як ҷои ҷумлаҳои мураккаб не, дар ҳар ҷои он; дар аввал, дар мобайн ва дар охири сарҷумла омада метавонанд. Ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла асосан ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунанда пайваст ва алоқаманд мешаванд. Гоҳо дар мавридҳои ҷудогона, бе пайвандак ҳам ба сарҷумла пайванд шудани ҷумлаи пайрав дида мешавад» (с. 74).

Инҳо суханҳоеанд, ки гӯё на бештар аз чиҳилу панҷ сол қабл аз ин, балки ҳамин рӯзҳо гуфта шудаанд: дар китобҳои дарсии кунунӣ ҳам моҳияти ҷумлаҳои пайрав ба ҳамин маънӣ талқин меёбад.

Солҳои чил бо таъсири забоншиносии рус дар забоншиносии тоҷик ақидае пайдо шуда буд, ки мувофиқи он ҷумлаҳои пайрав ба аъзоҳои ҷумла комилан баробар ва монанд ба ҳисоб мерафт. Масалан, тақсими ҷумлаҳои пайрав ба гурӯҳи «ҷумлаҳои пайрави пуркунанда бевосита» ва «ҷумлаи пайрави пуркунанда бавосита», дар ин замина ҷудо кардани ин навъи ҷумлаҳои пайрав ба хелҳои: а) ҷумлаҳои пур-

кунандаи сӯй; б) ҷумлаҳои пуркунандаи баромад – ҷудоӣ; в) ҷумлаҳои пуркунандаи макон; г) ҷумлаҳои пуркунандаи замон; д) ҷумлаҳои пуркунандаи интиҳо; е) ҷумлаи пуркунандаи боргӣ; ё) ҷумлаи пуркунандаи сабаб; т) ҷумлаи пуркунандаи ҳамроҳӣ – восита; з) ҷумлаи пуркунандаи мақсад; и) ҷумлаи пуркунандаи натиҷа ва ғайра натиҷаи ҳамин тамоюл аст.

Аммо Н. Маъсумӣ ин равишро пайравӣ накард. Ӯ ба муносибати ҷумлаи пайрав ва сарҷумлаи дар пояи сохт ва тарзи алоқаи грамматикии онҳо баҳо дода, дар ин замина лозим донистааст, ки ҷумлаҳои пайравро мисли китоби дарсии мактабӣ ба чунин хелҳо тақсим намояд: ҷумлаи пайрави мубтадо ва хабар, ҷумлаи пайрави муайянкунанда, ҷумлаи пайрави пуркунанда, ҷумлаи пайрави ҳолшарҳкунанда. Хели охирин боз ба навъҳои зиёде ҷудо шудааст. Муаллиф ҳар кадоми ин ҷумлаҳоро алоҳида аз назар гузаронида, бо кадом пайвандакҳо воқеъ шудани онҳоро номбар менамояд. Тақсимоти Н. Маъсумӣ ва зикри пайвандакҳо ба ҷумлаҳои алоҳидаи тобеъ бо он маълумоте, ки дар китоби дарсии соли 1948 баён шудааст, асосан мувофиқат дорад. Дар баробари ин, Н. Маъсумӣ бо баъзе аз ҷумлаҳои пайрав пайвандакҳоеро зикр намудааст, ки натиҷаи мушоҳидаҳои худи ӯ ҳисоб меёбанд. Барои мисол ҷумлаи пайрави хилофиро мегирем. Дар китоби синтаксиси мактабӣ омадааст, ки ин ҷумлаҳои пайрав «ба сарҷумлаи ба воситаи пайвандаки **гарчанде ки, агарчи, қатъи назар аз он ки, ҳарчанд** ва дигарҳо пайванд мешаванд». Л. Бузургзода пайвандакҳои ин ҷумлаи пайравро ба ин тарз зикр кардааст: агарчи, гарчи, ҳарчанд, агар... ҳам, агарчи... ҳам, (1949. 51). Дар «Нишондодҳо...» таркиби «қатъи назар аз ин ки» чун пайвандак зикр наёфтааст. Н. Маъсумӣ дар қатори **гарчи, агарчи, ҳарчанд, гарчанде** ки таркиби «бошад ҳам»-ро низ чун пайвандак ба қалам дода, моҳияти онро чунин эзоҳ медиҳад:

«Баъзан бо ёрии пайвандаки **ҳам** шакли **бошад ҳам** ба вуҷуд меояд, ки вай ҳам фикри муқобил гузошташударо ифода мекунад.

Академик Б. Ниёзмуҳаммадов таркиби мазкурро пайвандак намешуморад. Ин аст, ки мувофиқи пиндори ӯ, ҷумлаи пайрави хилофии **Барф акнун боз истода бошад ҳам** ба сарҷумлаи худ **Сардии ҳаво шиддат карда буд** ба пайвандак тобеъ шудааст. Профессор Д. Тоҷиев аз ин таркиб фақат ҳиссаи «ҳам»-ро пайвандак меҳисобад ва иброз медорад, ки он «на танҳо ба шакли феълии аорист, балки бо дигар шаклҳои сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ҳам меояд» (1981. 166). Н. Маъсумӣ баъд аз чанд соли ифодаи фикри мазкур ба ин масъала боз бар гашта, кӯшиш кардааст, исбот намояд, ки таркиби «бошад ҳам» дар ҳайати ҷумлаи пайрави хилофӣ ду вазифаро адо мекунад: «вай ҳам хабари ҷумлаи пайрав мешавад ва ҳам вазифаи пайвандакро адо карда, алоқаи ҷумлаи пайрави хилофиро бо сарҷумла таъмин менамояд». (1982. 166). Ин мулоҳиза тадқиқи оянда мехоҳад: ҳам аъзои ҷумла, ҳам воситаи грамматикӣ шудани як таркиб масъалаи баҳсталаб аст.

Дар «Нишондодҳо...», ҳамчунин, дар бораи баёния, аъзоҳои истисноии ҷумла, ибораҳои сифати феълию масдарӣ, табдили ин ибораҳо ба ҷумлаҳои пайрав, нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда маълумоти мухтасар, аммо муҳим мазкур аст, ки барои худдорӣ аз тӯлкашии сухан тафсири онҳо сарфи назар мешавад. Аз таҳлил ва тавзеҳи андак ба тафсили асари мазкур пай бурдан душвор нест, ки дар он баробари комёбиҳои забоншиносии солҳои чил, бисёр мушоҳидаҳои илмии худи муаллиф низ акс ёфтаанд. Аз ин ҷост, ки «Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ» дар таърихи афкори забоншиносии мо аз ду ҷиҳат аҳамиятнок аст: вай ба сифати китоби дарсӣ дар роҳи омӯхтани қоида ва қонунҳои грамматикаи забони тоҷикӣ ва так-

мили маданияти сухан ба хонандагони мактаб, донишҷӯёни омӯзишгоҳ ва донишкадаҳои олӣ – умумӣ шавқмандони забони тоҷикӣ ёрии ҷиддӣ расонид; илми забоншиносии тоҷикро як қадам пеш бурд, дар таҳқиқи хусусияти категорияҳои синтаксисии ҳам ҷумлаҳои сода ва ҳам ҷумлаҳои мураккаб саҳми арзандае ҳамроҳ намуд.

Қисми дигари таълифоти Н. Маъсумиро доир ба грамматикаи забони адабии тоҷик таҳқиқи системаи феъл ташкил менамояд, ки аввал дар китоби дарсии мактабҳои олӣ[155], баъд дар ҷилди дуюми асарҳои мунтахаб вай ба табъ расонидааст. Ёд дорам, марҳум, академик Б.Ниёзмуҳаммадов ба сифати роҳбари гурӯҳи муаллифони китобҳои дарсии мазкур аз Н. Маъсумӣ, ки он солҳо сарпарастии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакиро дар уҳда дошт ва бо ин ваҷҳ хеле серкор буд, гаштаю баргашта хоҳиш мекард, ки навиштани феълро ба зимма бигирад. Ин бесабаб набуд: феъл аз инкишофёфтатарин ва мураккабтарин ҳиссаҳои нутқ ба шумор рафта, тавсифи созмон ва шарҳи маънои шаклҳои сершумори он, ки гоҳо дар сари мӯе нозукӣ доранд, аз забоншинос маҳорати таҳқиқ ва салиқаи хуби забонӣ талаб мекунад. Н. Маъсумӣ, ки таи солҳои зиёд ба туфайли таҳқиқоти пайгирона дар шохаҳои мухталифи грамматикаи забони тоҷикӣ ва омӯхтани забон ва услуби адибони ҷудогона дониш ва малакаи фаровоне андӯхта буд, метавонист, ки ин амри мушкилро бо муваффақияти тамом ба сомон расонад. Инро ҳам дар хотир дорам, ки устод баъди розӣ шудан барои иҷрои мавзӯи мазкур мақола ва асарҳои зиёдеро, ки муштамили вай буданд, мутолиа намуд, ҷиҳатҳои гуногуни онро хеле вақт худ ба худ фикран мулоҳиза ва муҳокима кард, ба ҳамкасбони худ, ки дар ин соҳа кам ё беш тахассус доштанд, суҳбат ва машваратҳо пардохт. Натиҷаи ин кӯшиши бурдборона ҳамин шуд, ки доир ба системаи феъли забони тоҷикӣ як асари мукаммал ва

шоистае ба миён омад, ки мувофиқи эътирофи аҳли кор, аз беҳтарин қисматҳои китоби дарсии мазкур ба шумор меравад. Ҳамин буд, ки ин асар бо тавсияи забоншиноси закӣ – В. С. Расторгуева баъди фавти Н. Маъсумӣ бе ҳеҷ тағйиру тасҳеҳ ба Грамматикаи академии забони тоҷикӣ дохил карда шуд.

Таҳлили батафсили асари мазкури Н. Маъсумӣ ва дар ин замина ошкор намудани дастовардҳои чашмгири ӯ ҷои бисёреро ишғол мекунад. Бинобар ин, ҳоло бо зикри намунаҳои алоҳида дар ин хусус иктифо мекунем.

1. Дар бисёр китобҳои дарсӣ гуфта шудааст, ки феъл амалу ҳолатро мефаҳмонад. Аммо Н. Маъсумӣ ин нуктаро возеҳтар карда гуфтааст: феъл амал, ҳолату вазъият ва муносибатро мефаҳмонад. Илова шудани лафзи «муносибат» дар ин ҳолат, албатта, бесабаб нест. Аз ин нуқтаи назар, таърифе, ки Н. Маъсумӣ ба феъл додааст, пурра ва комилан илмист.

2. Гурӯҳбандии қаторҳои табдили овозҳо дар асосҳои феълӣ пурра ва равшан сурат гирифтааст. Чунончи, дар китоби дарсии пешинаи мактабҳои олӣ ин масъала бисёр мухтасар ва умумӣ баён шуда буд. Аммо Н. Маъсумӣ дар натиҷаи дақиқтар омӯхтани табдили як овоз ба овози дигар дар асосҳои феъли замони ҳозира ва бо ин восита ба вуҷуд омадани асоси забони гузашта чанд навъи онҳоро муқаррар намудааст, ки иборат аз инҳоанд: **1)** ҳамсадои **з** ба **х - андоз -андохт, -андӯз -андӯхт;** 2) табдили ҳамсадоҳои гуногун: банд - баст, дор - дошт...; 3) садонок ба садонок: бар – бурд, супор – супурд...; 4) садонок ба садонок, ҳамсадо ба ҳамсадо: бош – буд, гӯй – гуфт…

3. Дар навишти Н. Маъсумӣ як ҷиҳати барҷастаи фарққунанда дар шарҳи тобишҳои махсуси шаклҳои тасрифӣ ва ифодаи шахсу шумораи феъл ба чашм мерасад. Олими борикбин дар ин қисмат чунин ҳафт ҳолатро муайян намудааст, ки донистани онҳо барои фарқ кардани тобишҳои

бахшҳои маъноӣ ва услубии шаклҳои шахсу шумораи феъл аҳамияти калон дорад. Инак, шарҳи мухтасари қоидаҳои мазкур: 1) гоҳо барои ифодаи тобиши услубии фурӯтанӣ ва сухан гуфтани боэҳтиромона бо феъли шахси якуми танҳо ба ҷои бандаки шахси якуми **-ам,** бандаки, **-ем** истифода мешавад. Ман медонам – Мо медонем; 2) ҳангоми изҳори эҳтиром ба ивази бандаки шахси дуюми танҳои -ӣ ба бандаки шахси дуюми ҷамъ -**ед** кор фармуда мешавад; Ту ҳанӯз ҷавон ҳастӣ – Шумо ҳанӯз ҷавонед; 3) бандаки шахси дуюми ҷамъ – **етон** асосан хоси нутқи гуфтугӯӣ буда, ба ҷонишинҳои **шумоён**, шумоҳо ва баъзан бо **шумо**, ки мубтадоро ифода мекунанд, мувофиқат карда, шумораи ҷамъро нишон медиҳад: Шумо равед – Шумоён раветон; 4) бандаки **-анд** бандаки шахси дуюми танҳо **-ед**-ро иваз мекунад, ки дар ин ҳол маънои ҳурмату эҳтиром ифода мешавад: Марҳамат кунанд, аз боло гузаранд; 5) бандаки феълии шахси сеюми ҷамъи **-анд** гоҳо барои эҳтиром ё ифодаи киноя, ҳазлу шӯхӣ нисбат ба шахси сеюми танҳо ба кор бурда мешавад: Саркор гапи ҳақро гуфтанд. Он кас даст ба даст намерасанд; 6) азбаски бандакҳои феълӣ шахсро далолат мекунанд, ҳангоми доро будани ҷумла ба феълҳои тасрифӣ зикри ҷонишин шарт нест: Шумо тасаввур кунед – Тасаввур кунед; 7) феълҳо бо бандакҳои шахси якуми танҳо (баъзан, шахси дуюми танҳо, гоҳо бе бандак), шахси сеюми танҳо ва ҷамъ дар ҷумлаҳои бешахс ва умумишахс, дар зарбулмасалу мақолҳо ва ибораҳои устувор бисёр кор фармуда мешаванд, аммо маънои шахсу шумораи онҳо конкрет нест, балки умумӣ аст: Дара задам – девор кафид; Ту дидӣ – ман надидам ва ғ.

Баъзе аз хусусиятҳои услубии бандакҳои феълӣ дар мақола ва китобҳои дарсию илмии ҷудогона зикр ёфта буданд, аммо чунон ки мо мепиндорем, онҳо ба ин мукаммалӣ ва пуррагӣ бори аввал аз ҷониби Н. Маъсумӣ қаламдод шудаанд.

4. Н. Маъсумӣ мавриди истеъмол ва хусусияти услу-

бии префикси **би-**ро мувофиқи тамоюлоти ҷории инкишофи забони адабӣ донишмандона муқаррар намудааст. Баъзе олимон фикреро изҳор намудаанд, ки префикси мазкур асосан махсуси нутқи манзум буда, фақат бо ду шакли феълӣ – сиғаи амрӣ ва аорист истифода мешавад. Н. Маъсумӣ дар атрофи ин масъала батафсил сухан меронад: Ӯ префикси мазкурро «префикси оҳангбахш» номида, пеш аз ҳама, ин нуқтаро муқаррар кардааст, ки вай дар тарзи ифодаи феъл як навъ тобиши оҳангнокии адабӣ-китобӣ мебахшад, ки он дар назм ба баъзе қоидаҳои бадеият ва дар наср ба оҳанги гуфтор вобаста аст. Дигар ин, ки Н. Маъсумӣ бо мисолҳои фаровон собит сохтааст, ки префикси **би-** нафақат ба шаклҳои сиғаи амрӣ ва аорист, балки бо сиғаи хабарӣ низ воқеъ мешавад. Боз як ҷиҳати ҷолиб, ки Н. Маъсумӣ оид ба ин префикс зикр намудааст, фарқи мавриди истеъмоли он дар забони адабии имрӯза ва пешина бо феълҳои дорои префикси **на-** ва **ме-** мебошад. Хулосаи муҳаққиқ дар ин хусус чунин аст: «Дар забони адабиёти классикӣ префикси **би-** бо ҳамаи феълҳо ва шаклҳои феълии префикси **на-** ва **ме-** медоштагӣ истеъмол мешуд. Аммо дар забони адабии ҳозираи тоҷик қоидаи истеъмоли он андаке тағйир ёфта, ҳудуди истеъмолаш маҳдудтар шудааст. Масалан, дар забони ҳозираи тоҷик феъле, ки бо префикси **би-** омадааст, префикси **на-** ва ме- қабул намекунад ва баръакс, феъли бо **на-** ва **ме**-омада префикси **би- н**амегирад».

5. Аҳли илм нишон додаанд, ки дар забони адабии тоҷик ду суффикси шаклсози феъл мавҷуд аст: **ӣ (-е)** ва -**о**. Н. Маъсумӣ ҳам маънои грамматикӣ ва ҳам маҳалли истеъмоли ин суффиксҳоро бо шаклҳои феълӣ равшан ва аниқ кардааст. Мувофиқи нишондоди ӯ, **-ӣ** (-е), одатан, бо шаклҳои тасрифии замони гузашта (асоси замони гузашта) омада, давомнокию мӯлкаратии амал, гоҳо шартӣ будани амалро мефаҳмонад. Суффикси **-о** бо феълҳои **гуфтан** ва **бу-**

**дан** кор фармуда мешавад ва унсури оҳангбахши феълӣ ба шумор меравад. Н. Маъсумӣ баробари таъйин намудани хусусияти грамматикӣ ва услубии ин суффиксҳои феълӣ ба онҳо аз нуқтаи назари меъёри имрӯзаи забони адабӣ низ баҳо дода, ин масъаларо низ таъкид кардааст, ки суффиксҳои мазкур хоси адабиёти классикӣ буда, ҳоло дар назм ва дар доираҳои хеле маҳдуд истифода мешаванд.

6. Дар нашри якуми китоби дарсии мактабҳои олӣ ҳамчун категорияи алоҳида ба гурӯҳи категорияҳои грамматикии феъл дохил карда нашудааст. Аммо дар поёнтар муаллифон, бо номи «Ифодаи намуд дар феълҳо» сарлавҳа кушода, ду намуди феъл ва тарзи ифодаи онҳоро иҷмолан маънидод кардаанд. Н. Маъсумӣ, аз як тараф, намудро чун аломати асосӣ дар қатори дигар категорияҳои феъли махсус зикр карда бошад, аз тарафи дигар, қоидаи дар як намуди феълиро пурраву равшан ва тарзи ифодаи онҳоро ҳамаҷониба ба қалам овардааст. Аз рӯи нишондоди ӯ, тобишҳои маъноии намудҳои феъл ба се роҳ: а) бо шаклҳои холиси феъл; б) ба ёрии аффиксҳо; в) ба воситаи феълҳои ёридиҳанда ифода меёбад. Дар асар сурат бастани намуди мутлақ ва давомдори феъл бо ҳар яки ин воситаҳо зимни мисолҳои фаровон исбот шудааст. Н. Маъсумӣ ба ҷуз ин феълҳои духӯраеро низ зикр кардааст, ки маънои конкретии онҳо дар ифодаи маънои мутлақ ё давомдор дар матн бо ёрии воситаҳои алоҳидаи лексикӣ ва оҳанги сухан муқаррар мегардад. Воситаҳое, ки барои ифодаи намудҳои феълӣ хизмат мекунанд, собит месозанд, ки категорияи намуд дар забони тоҷикӣ, чунонки баъзеҳо гумон мекунанд, ҳодисаи соф матнӣ нест, балки бисёр феълҳое ҳам ҳастанд, ки дар пояи шаклҳои алоҳида ҷуфтҳои намудиро ташкил медиданд.

Ташаккули категорияи намуд бо инкишофи таърихии забон алоқаи қавӣ дорад. Дар забони кунунии мо бо таъсири забони зинда баъзе унсурҳои нави ифодаи намудҳои феълӣ

ба амал омадааст. Ин масъалаи муҳим ҳам аз назари Н. Маъсумӣ ниҳон намондааст. Чунончӣ ӯ таркибҳои феъли **мегуфтагӣ шуд, мегузаштагӣ шуд, мегуфтагӣ шудааст, дӯст медоштагӣ мешавад, роҳ мегаштагӣ шудан, таъсир мекардагӣ шуд, дида наметавонистагӣ шудан**ро дар чанд ҷумла маҳз аз ҳамин дидгоҳи илмӣ маънидод кардааст. Умуман, мулоҳизаҳои Н. Маъсумӣ оид ба намудҳои феъл бисёр мудаққиқона буда, дар роҳи муайян намудани усулҳои ифодаи намудҳои феълӣ, ки аз соҳаи кам тараққиёфтаи системаи феълии забони тоҷикист, аҳамияти ниҳоят бузург доранд.

7. Таҳлил ва тавсифи фасли тарзҳои феълӣ низ бисёр васеъ ва батафсил воқеъ гаштааст. Ин ҷиҳат, махсусан, дар баёни шаклу воситаҳои ифодаи тарзи мафъули барҷаста ба назар мерасад: Муаллиф ин ҷо шаш роҳи ифодаи тарзи мафъулии феълро нишон додааст, ки аксарияти онҳо аз мушодиҳаи бевоситаи худи ӯ ба миён омадаанд. Як нуқтаи бисёр муҳим дар байни ин панҷ модда истифода шудан ё нашудани феъли кардан дар таркиби феълҳои таркибии номист. Н. Маъсумӣ истеъмоли онро дар ифодаи маънои мафъулии амал ҳодисаи услубӣ ба қалам дода, ин маъниро ошкор сохтааст, ки ба ин восита «таъкиди маънои мафъулияти амал» сурат мегирад. Дар сурати мавҷуд набудани чунин зарурат истифодаи калимаи мазкур дар таркиби феълҳои номӣ воҷиб нест. Инак, хулосаи ӯ дар ин хусус: «Мавҷудияти шаклҳои феълии бе ёридиҳандаи **кардан** ва истеъмоли амалии онҳо нишон медиҳад, ки дар ин гуна шаклҳо ҳам мафҳум ва тобиши маъноии мафъулияти феъл нигоҳ дошта мешавад. Аз ин ҷиҳат, шаклҳои **тайёр шудан** бо **тайёр карда шудан, таъйин шудан** бо таъин **карда шудан, ч**оп **шудан** бо **чоп карда шу**дан ва ғ. баробармаъно мебошанд».

Усули шашуми ифодаи тарзи мафъулӣ, ки Н. Маъсумӣ муқаррар намудааст, чӣ аз бобати грамматикӣ ва чӣ аз ли-

ҳози маданияти сухан бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Ин шакл феъли таркибии номиест, ки ҷузъи якумаш аз сифати феълии замони гузаштаи феъли гузаранда бо суффикси **-гӣ** ва ҷузъи дуюмаш аз шакли тасрифии феъли ёридиҳандаи **будан** иборат аст: **монда шудагӣ буд, дӯхта шудагӣ буд** ва амсоли инҳо. Н.Маъсумӣ шакли мазкури ифодаро «хоси забони гуфтугӯӣ» шуморидааст, ки бе ваҷҳ нест, зеро он дар забони адабиёти классикӣ дучор намешавад, балки бо таъсири шеваҳо дар забони гуфтугӯӣ ва аз он ба услуби бадеӣ (танҳо наср) ва қисман дар услуби публитсистӣ роҳ ёфта, аз доираи меъёри адабӣ берун аст.

Ин гуна фикрҳои бикр ва тоза дар фаслҳои дигари ин д**у** асар низ мавҷуданд, ки бинобар тангии ҳаҷми рисола таҳлили ҳамаи онҳо бо усули боло аз имкон берун аст. Дар хулосаи ин қисм, ҳамин қадар гуфтан мумкин аст, ки Н. Маъсумӣ дар баррасӣ ва тадқиқи мураккабтарин қисмати грамматикаи забони адабии тоҷик чун феъл заковати олӣ зоҳир намуда, комилан ба исбот расонид, ки забоншиноси басо болаёқат ва черадастест.

Н. Маъсумӣ барои муҳофизати тозагии забони адабии тоҷик, афзоиши қудрат ва матонати он низ пайгирона кӯшиш мекард. Ӯ дар мақола ва маърӯзаҳои илмии худ нуқсу иллатҳои ин соҳаро донишмандона ошкор намуда, ҷиҳати дафъи онҳо бисёр тавсияҳои хуб додааст, ки имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардаанд.

Мутахассиси ҳақиқӣ ва шоистаи забон рӯйдоди нодирест. Бо эътимоди тамом гуфтан мумкин аст, ки Н. Маъсумӣ дар забоншиносии тоҷик аз ҷумлаи забоншиносони камёб буд. Ӯ ҷанбаҳои мухталифи қоида ва қонунҳои забонамонро ҳар қадар дақиқ ва нозук дарк карда бошад, шарҳ ва тавсифи онҳоро ба ҳамон андоза бо забони фасеҳ ва шево ба риштаи таҳрир кашидааст: Бинобар ин, мақоми ӯ дар таърихи забоншиносии мо хеле волост.

Атахон САЙФУЛЛОЕВ

# Падари маънавии ман

## ЧӢ ТАВР ШОГИРДИ УСТОД МАЪСУМӢ ШУДАМ?

Орзуи таҳсили аспирантура дар дили ман дар соли сеюми таҳсил дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Хуҷанд (алъон Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) аввалин муғчаҳо ба ҳосил оварда буд. Ба мо, донишҷӯёни бахши забон ва адабиёти тоҷики факултаи таъриху филология, донишмандоне ҳамчун Файзулло Абдуллозода, Абдумуъмин Мирпочоев, Муъминҷон Турсунов, Обидҷон Орифӣ, Ҷалол Хоҷиев ва дигарҳо дарс медоданд. Мегуфтанд, ки Файзулло Абдуллозода аспирантураро дар Москва хатм кардаанд, Обидҷон Орифӣ дар Тошкент рисолаи илмӣ дифоъ намуда, аввалин номзади илмҳои филология дар Хуҷанд мебошанд. Рисолаи илмии Абдумуъмин Мирпочоев ва Ҷалол Хоҷиев низ дар арафаи ба поин расидан аст. Ба мо, ҷавонон, дар ҳангоми дарс аз таърихи забони тоҷикӣ, хусусан, дар фаслҳои пахтачинӣ устод Муъминҷон Турсунов оид ба таҳсили худ дар аспирантураи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.Ломоносов ҳикояҳои завқовар мегуфтанд. Он кас аспирантураро хатм ва рисолаи илмии худро ҳимоя карда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои суханшиносӣ гардида буданд. Нақлҳои Муъминҷон Турсунов дар бораи мусташриқони рус, ки забони тоҷикиро об карда хӯрдаанд, китобхониҳояшон дар китобхонаи марказии давлатии Москва ба номи В.И.Ленин, ҷустуҷӯҳои илмии эшон нияти маро оид ба таҳсил дар аспирантура тақвият медоданд.

Вақте ки ман донишкадаро хатм кардам (1954), роҳбари-

ят ва комиссияи тақсимоти мутахассисони ҷавон бо ташаббуси устоди азизам Абдумуъмин Мирпочоев маро ба сифати муаллими кафедраи забон ва адабиёти тоҷик дар худи донишгоҳ нигоҳ доштанд. Пас аз як соли хидмат мақсади ба Душанбе рафта, дар аспирантура давом додани таҳсилро ба устодам Абдумуъмин Мирпочоев арз намудам. Он кас нияти маро дастгирӣ карданд. Фармони директори донишкада низ интишор ёфт ва моҳи августи соли 1955 бо ҳидояти падари бузургворам ба Душанбе рафтем. Мо дар ҳавлии амакзодаи падарам шоири маъруфи тоҷик Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, ки дар кӯчаи Озодии занон воқеъ аст, қарор гирифтем. Азбаски ман бори аввал ба Душанбе омада будам, худи домулло Суҳайлӣ маро ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон гирифта бурданд. Суҳайлӣ яке аз дарҳои роҳбарияти донишгоҳро кушода даромаданд ва байте гуфтанд:

*Азми дидори ту дорад ҷони бар лаб омада,*
*Бозгардад ё барояд, чист фармони шумо?*

Мунаққиди варзида Соҳиб Табаров, ки ноиби ректори донишгоҳ оид ба илм будаанд, моро хуш пазируфтанд. Ман аз ин мулоқот хеле шоду мамнун гардидам, зеро китоби Соҳиб Табаров «Материалҳо оид ба таърихи адабиёти советии тоҷик» ва чанд мақолаи эшонро дар маҷаллаи «Шарқи сурх» аз назари мутолиа гузаронида будам. Агар дар ин бора суҳбат ба миён ояд, метавонистам бедушворӣ мубодилаи афкор намоям. Лекин ба ман навбат нарасид. Шоир ва мунаққид роҷеъ ба саёҳату истироҳати тобистонаи худ дар Ялта ва Сочи хеле суҳбат карданд. Ниҳоят, фурсате фаро расиду домулло Суҳайлӣ маро нишон дода гуфтанд:

- Ин рафиқи ҷавон аз хешовандони наздики камина аст, муаллими Донишкадаи давлатии омӯзгории Хуҷанд. Ният карда омадаанд, ки ба аспирантура дохил шаванд.

Устод Табаров бетаъхир ҷавоб доданд, ки дар аспирантураи мо ҷойҳо ҳама банд шудаанд. Шогирдони довталаби

худамон ҳуҷҷатҳояшонро супоридаанд.

- Беҳтараш ба академия равед, - маслиҳат доданд Соҳиб Шуҳратович, - Институти забон ва адабиёт қабули аспирантҳоро эълон карда буд.

Дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ моро директори он Муллоҷон Фозилов хеле хуб истиқбол карданд. Дар ин ҷо низ суҳбати забоншинос ва шоир авҷ гирифт. Дили маро гургон тала мекард, ки натиҷаи суҳбат чӣ мешуда бошад. Чун домулло Суҳайлӣ изҳори матлаб карданд, Муллоҷон Фозилов изҳор доданд, ки ба аспирантура лаборантҳои худамон дохил мешаванд ва мо аз берун ҳеҷ касро қабул намекунем. Тарбузи ман аз бағал афтод. Ман аз домулло Суҳайлӣ хиҷолат мекашидам, он кас аз ман. Чун берун баромадем, гуфтам:

- Амакпочо, заҳмат накашед, ман соли оянда барвақттар меоям.

Он кас маро тасаллӣ доданд, ки ҳаргиз ноумед нашавам, «як дари бастаю сад дари кушода» гуфтаанд. Ҳозир ба як ҷои дигар меравем.

Таксӣ моро ба Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе овард. Пиёда шудем. Ба саҳни гулфишони донишкада ворид гардидем, ки домулло Суҳайлӣ гуфтанд: Ана, он кас Мирмуллоев, директори донишкада. Чолокона пеш рафта, бо эшон одоби муоширатро ба ҷо овардем. Бар хилофи Соҳиб Табаров ва Муллоҷон Фозилов ин кас хунсард ва камгап буд. Зоҳиран Суҳайлӣ ва Мирмуллоев ҳамдигарро шиносанд ҳам, риштаи пайванди дӯстӣ надоштанд. Ҳамин ки домулло Суҳайлӣ аз нияти ба аспирантура дохил шудани ман сухан оғоз намуданд, Мирмуллоев корпуси чапи донишкадаро ишора карда гуфт:

- Аспирантура дар ошёнаи дувум воқеъ гардидааст. Мудираш Бенедиктов ном муаррих аст. Ҳуҷҷатҳоятонро бурда ба ӯ супоред ва ба имтиҳонҳо тайёрӣ бинед.

Дар дили ман шуои офтоб баромад. Зуд ба ошёни дувум баромадем ва ҳуҷҷатҳоямро ба Бенедиктов супоридам. Ӯ ҳуҷҷатҳои маро як-як аз назар гузаронду қонеъ гардид, сипас афзуд:

- Имтиҳоноти қабул моҳи сентябр барпо мешавад, ҳоло вақт ҳаст, аммо шумо бояд Носирҷон Асадовичро бубинед, розигии он касро гирифтан лозим аст, эшон мудири кафедраи адабиёти тоҷик мебошанд. Он кас дар мураххасӣ, ба институт намеоянд, агар ба курорт нарафта бошанд, аз хонаашон пайдо кардан мумкин аст.

Ба ҷои ман, шояд аз хурсандӣ бошад, домулло Суҳайлӣ ҷавоб доданд, ки рафиқ Маъсумӣ Носирҷон Асадовичро хуб мешиносанд, бо эшон муносибати дӯстӣ доранд ва ҳатман муаллимро мебинем.

Суҳбати мо анҷом ёфт ва шодона ба ҳавлӣ баргаштем. Ҳавлии Носирҷон Маъсумӣ аз манзили Суҳайлӣ Ҷавҳаризода чандон дур набудааст. Рӯзи дигар тақрибан соати 9 ман ба он ҷо - кӯчаи Карл Маркс, чақари Чапаев, 12 ба умеди дидори устод рафтам. Ба тақ-тақи дарвоза ҷуръат накарда, каме мунтазир шудам. Аз даруни ҳавлӣ садои гуфтугӯи марду зан мебаромад. Бо фаросат тахмин кардам, ки ин садои устод аст. Боз мунтазири берун омадани Носирҷон Асадович ё яке аз аъзои хонадони устод сабр пеша кардам. Ногаҳон дарвоза боз гардид ва як ҷавонмарди гандумгуни болобаланд, ҷингиламӯй ва ҷиддисимое берун шуд. Дар бар шими сиёҳ ва пероҳани сафеди украинӣ дошт. Ман устодро шинохтам, зеро аз расмашон, ки дар китоб дида будам, фарқ намекарданд. Бо салом сӯяшон чанд қадам гузоштам. Ҳар ду гарму ҷӯшон вохӯрдӣ кардем. Аз домулло Суҳайлӣ салом расонидам. Устод аз саломатиашон пурсон шуданд. Сипас, ман матлаби худро арз намудам. Хуш пазируфтанд. Носирҷон Асадович ба донишгоҳ мерафтанд. Ман ҳам ҳамроҳашон суҳбаткунон мерафтам. Аз куҷо бу-

данам, чӣ кор карданамро пурсиданд. Вақте гуфтам, ки донишкадаро бо баҳои аъло хатм кардам ва як сол дар худи ҳамин макони маърифат аз «Мадхали адабиётшиносӣ» ва «Адабиёти советии тоҷик» дарс додам, устод изҳори хурсандӣ карданд. Сипас, пурсиданд, ки реферат навиштаам ё на? Ҷавоб додам, ки дар ҳаҷми панҷоҳ саҳифа оид ба мавзӯи «Анъанаҳои Маяковский дар назми советии тоҷик» реферат навиштаам ва ҳамроҳи дигар ҳуҷҷатҳоям дар дасти мудири аспирантура мебошад.

Носирҷон Асадович фармуданд, ки онро гирифта мутолиа хоҳад кард. Аммо ман бояд дигар реферат бинависам.

- Бо эҷодиёти шоир Лутфӣ Обидхӯҷаев ошно ҳастед? - савол доданд устод.

- Каму беш,- ҷавоб додам, - достони «Салим-партизан»-ро хондаам.

- Хеле хуб, ана, ҳамин достонро таҳлил карда, ҳамчун реферати дувум пешниҳод кунед, - супориш доданд устод, - муҳлат даҳ рӯз. Ман дар кафедра ё дар хона мешавам.

Суҳбати якуми мо бо устод дар саҳни донишкада, ки он ҷо бо Мақсуд Мирмуллоев, директори ин кошонаи илму маърифат вохӯрда будем, анҷом ёфт. Ман устодро чун марди хоксор, меҳрубону ғамхор дарёфтам.

Ман ба Китобхонаи давлатии ба номи Фирдавсӣ рафтам. Дафтарча кушоданд, узви китобхона шудам. Ҳамон рӯз барои мутолиа ду китоб гирифтам. Яке достони Лутфӣ Обидхӯҷаев «Салим-партизан», дигаре асари В.Голубков «Методика преподавания литературы». Китоби Голубков аз он ҷиҳат муҳим буд, ки як боби калони он «Таҳлили асари бадеӣ» ном дошт. Вай ба ман роҳҳои таҳлили достони «Салим-партизан»-ро ҳам нишон медод, диққати касро ба мавзӯю масъала, мазмуну моҳият, сужету садама (конфликт), образу характери қаҳрамонони мусбату манфӣ, мавқею мақоми иштирокдорони дувумдараҷа, сеюмдараҷа ... забон,

тарзи баён ва аҳамияти воситаҳои тасвири бадеӣ ҷалб менамуд.

Худи достонро низ як-ду маротиба бо камоли масъулият мутолиа намуда, ҷойҳои даркориашро ба дафтарчаи махсус навишта гирифтам. Онро дар давоми чор рӯз пурра таҳлил карда, хусусиятҳои ғоявию бадеии асарро бо мисолҳои барҷаста нишон додам. Барои чопи мошинка ва хонда ислоҳ кардани хатоҳо се рӯзи дигар лозим шуд. Ба ҳамин тариқ, дар ҳаҷми 23 саҳифа супориши устодро ба анҷом расонида, рефератро пеш аз муҳлат ба дасти Носирҷон Асадович супоридам. Устод фармуданд, ки баъд аз ду рӯз ба ҳузурашон биёям. Омадам. Муаллим хурсанд буданд. Маро бо табассуми латиф пазироӣ карданд, ҷой нишон доданд, нишастам. Ба ман мужда расониданд, ки ба ҳар ду реферат ҳам баҳои аъло гузоштанд.

Ман худро далертар ҳис карда пурсидам, ки магар ягон дастури тоза интишор ёфт, ки ман ду реферат навиштам? Устод хандиданд. - Не, - гуфтанд, - ин хоҳиши худи ман буд. Сабаб ин ки оид ба анъанаҳои Маяковский дар назми советии тоҷик дигарҳо низ мақолаҳои илмӣ навиштаанд, вале ба ягон хулосаи мушаххас наомадаанд, ки дар шеъри тоҷикӣ ин ҳодисаи мусбат буд ё манфӣ? Ҳар ду ҳолатро бо мисолҳои мушаххас ба исбот расонидан лозим аст. Адабиётшиносони мо бо умумигӯӣ иктифо кардаанд. Ман дар реферати шумо як нуқтаи тозаро мушоҳида кардам, ки хулосаҳоятон дар натиҷаи муқоисаи мушаххаси шеъру достонҳои Владимир Маяковский ва осори шоирони тоҷик ба рӯи коғаз омадаанд. Ба ҳар ҳол ин мавзӯи душвор, масъалаи мураккаб аст ва то таҷрибаи кофӣ ба даст овардан аз таҳқиқи он худдорӣ кардан беҳтар аст. Бинобар ин, аз шумо навиштани реферати дувумро таманно кардам. Хеле заҳмат кашидаед, таҳлилатон ба ман писанд омад, ҳатто, онро бо андак таҳрири услубӣ ҳамчун мақола ба чоп додан мумкин аст.

Хурсандии ман интиҳо надошт. Аммо устод як чизи дигар гуфтанд. ки аз он хеле хавотир шудам. Дар аспирантура барои тахассуси «Адабиёти советии тоҷик» ҳамагӣ як ҷой кушодаанд, довталабон бошанд, се нафаранд. Яке аз онҳо Маҳвашхон ном бонуе, духтари Ҳайдар Ҳодизодаи Самарқандӣ, устоди худи Носирҷон Асадович, ҳамшираи адабиётшиноси маъруф Расул Ҳодизода будааст.

Аз суҳбати устод Маъсумӣ натиҷа гирифтам, ки ба аспирантура қабул шудани ӯ ҳатмист. Устод Маъсумӣ андак мушавваш гардидани хотири маро ҳис карданд магар, ки фикрашонро хулоса карда, ҳикмати машҳурро ёдоварӣ карданд: ба ҳар ҳол майдон аз далер аст. Андак таваққуф карда афзуданд:

*Биё, эй бедили аз кор монда,*
*Зи бим андар паси девор монда,*
*Далерӣ кун, ки майдон аз далер аст.*
*Агар рӯбаҳ далер афтод, шер аст.*

- Хуб гуфтааст шоир, - мувофиқ будани худро ба устод изҳор кардам.

- Кадом шоир? - худро ба нодонӣ заданд устод.

- Ҳилолӣ-дия, ин сатрҳо магар аз маснавии «Сифот-улошиқин» нестанд?

- Миёнро маҳкам бандед, - гуфтанд Носирҷон Асадович.

Аз ин суҳбат хушам омад ва рӯҳам болида гардид. Санааш дар ёдам нест, моҳи сентябри соли 1955 имтиҳоноти қабул ба аспирантура оғоз ёфтанд. Аз фалсафа ва забони хориҷӣ (англисӣ) имтиҳонҳоро бо муваффақият супоридам. Воқеан, довталаби сеюм ба имтиҳонҳо ҳозир нашуд. Баҳоҳои ман аз ҳарифи асосиам Маҳваш Ҳодиева хеле баланд буданд.

Рӯзи имтиҳон аз ихтисос фаро расид. Имтиҳонгирандагон устод Носирҷон Маъсумӣ, Холиқ Мирзозода, Набиҷон Сатторӣ, Юрий Бобоев буданд ва боз як-ду нафаре ҳузур доштанд, ки

намешинохтам. Дар рӯи миз 10-15 билети саволҳо густурдаанд, ки ҳар кадоме се саволро дар бар мегирифтанд. Як савол аз назарияи адабиёт, саволи дигар аз таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик ва саволи сеюм роҷеъ ба адабиёти советии тоҷик. Ман «бахт аз таваккал»- гӯён аз маркази саволномаҳо як билетро гирифтам. Рақамаш дар хотирам нест, аммо саволҳояш дар ёдам нақш бастаанд. Саволи якум: Адабиёти форс-тоҷик дар асри Х; саволи дувум: Садриддин Айнӣ - поягузори адабиёти советии тоҷик; саволи сеюм: Реализми сотсиалистӣ ва хусусиятҳои асосии он.

Ман камтар нишастам, дар атрофи ҳар як савол фикр кардам, тезисҳои ҷавобиамро дар як саҳифа навиштам ва иҷозати ҷавоб пурсидам. Рухсат доданд. Ман, чунон ки аз дарсҳои Абдумуъмин Мирпочоев ёд гирифта будам, пафоси баланд ва ҷӯшу хурӯш ҷавоб оғозидам. Устодон маро бодиққат гӯш мекарданд. Вақте ки тавсифи умумии адабиёти форс-тоҷикро дар асри Х ҳамчун давраи тиллоии он ба анҷом расонида гуфтам, ки дар он давра ҳамасри қарни даҳум, бузургтарин шоири форсигӯи ҷаҳон, поягузори хирадманд ва равшанзамири адабиёти оламшумули форс-тоҷик, муаллифи забардасти «Шоҳнома»-и ҷовидонӣ, ки ҳар мисрааш чун шамси тобон мунаввару музайян аст, шоҳкитобе, ки дар олами маънавӣ беназир буда, уламою удабои машриқу мағриб аз он ангушти ҳайрат газидаанд ..., устод Маъсумӣ маро аз сухангӯӣ нигоҳ доштанд: - Бе таърифу тавсифи зиёдатӣ ҷавоб диҳед, - эрод гирифтанд, - Рӯдакӣ ё Фирдавсӣ гӯед, кифоя аст. Аҳли илму адаб кӣ будан ва дар таърихи адабиёт чӣ гуна мақом доштани онҳоро медонанд.

- Хаёли осмонгардӣ макун, бош аз заминиҳо, - гуфтанд Холиқ Мирзозода.

- Ин аз Тошхоҷаи Асирист, - гӯё дониши худро нишон доданӣ шудам.

- Шумо ҳам хоксорона ҳарф занед, - луқма доданд Юрий

Бобоев.

Ба назари ман чунин расид, ки устодон гӯё ба деги ҷӯшони фикру андешаи ман оби сард рехтанд. Ба ҳар навъ ман ба ҳамаи саволҳо ҷавоб доданӣ будам, ҳарчанд ки устодон ба саволи дигар гузаштани маро таклиф мекарданд.

Набиҷон Сатторӣ пурсиданд, ки бо алифбои арабӣ бо хабар ҳастед ё не?

- Каму беш ошно ҳастам, - гуфтам, ин дафъа бо шикастанафасӣ.

Он кас бо иҷозати устод Маъсумӣ аз ҷевони китобҳо «Девон»-и Хоҷа Ҳофизро гирифта ба ман доданд, ки ягон ғазали онро қироат бикунам. Андак дар дилам ҳарос афтод, ки илоҳӣ, дар намонам. Эй Худо, забони гӯё деҳ! - гуфтам дар дил ва аз рӯи таваккал девонро кушодам, ғазале баромад, ки ман онро аз ёд медонистам:

*Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,*
*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро...*

Ман мисраъ ва байтҳоро шитоб накарда, ботамкин қироат мекардам. Хонишам ба устодон маъқул афтод. Ҳамин тавр, ба чанд саволи иловагӣ ҷавоб додам ва бо ишораи устод Маъсумӣ берун баромадам. Ҳаво чандон гарм набошад ҳам, арақ карда будам. Дар анҷоми имтиҳон раиси комиссия, устод Маъсумӣ эълон карданд, ки баҳои Атахон Сайфуллоев аъло, баҳои Маҳваш Ҳодиева хуб аст. Мо ҳамдигарро табрик кардем.

Устод Маъсумӣ фармуданд, ки акнун имтиҳонҳо ба охир расиданд, мо метавонем дар Душанбе биистем ё ба зодгоҳамон баргардем. Фармон дар бораи қабул ба аспирантура дертар интишор меёбад. Ман ба Хуҷанд баргаштам ва хидматро дар донишкадаамон давом додам.

Рӯзҳо ва ҳафтаҳо мегузаштанд, аммо ҳеҷ не, ки дар бораи қабул шуданам ба аспирантура фармон бароях. Ҳар боре, ки ба шуъбаи аспирантура занг мезадам, маро хотир-

ҷамъ мекарданд, ки ба наздикӣ фармон мешавад. Аз рафиқам Содирҷон Ҳомидов, ки ӯ низ ҳамчун муаррих ба аспирантура имтиҳонҳои дохилшавӣ супорида буд, мепурсидам, ки аз Душанбе ягон хабар ҳаст? Ӯ низ «хомӯшии тамом»-гӯён ҷавоб медод. Моҳи ноябр ман ва Содирҷон Ҳомидов дигар домани сабру тоқатро сар дода, ба Душанбе рафтем. Ҷои истиқомат надоштем. Як моҳ дар ҳавлии домулло Суҳайлӣ зиндагӣ ба сар бурдем. Ҳангоме ки сабаби дермонии фармонро аз устод Маъсумӣ пурсидам, он кас фаҳмониданд, ки дар баъзе соҳаҳои илм хоҳишмандон пайдо нашуданд. Донишкада такроран эълон чоп кард. Аммо шумо қабул мешавед. Бинобар он, фурсатро ғанимат шуморида дар китобхона кор кунед. Тамоми муҳимтарин асарҳои адабиёти советии тоҷикро хонда бароед, китобҳо ва мақолаҳои адабиётшиносонро бо камоли диққат мутолиа кунед, автorefератҳоро аз назар гузаронед ва барои кори диссертатсиониатон мавзӯъ интихоб кунед.

- Бе маслиҳати Шумо, устод, ман чӣ тавр мавзӯъ бигирам?

- Шавқи шумо ба кадом соҳа бештар аст? - пурсиданд Носирҷон Асадович, - ба назм, ба наср, ба драматургия, ба нашрияи адабиёт?

Ман гуфтам, ки таваҷҷуҳи маро бештар насри тоҷикӣ ба худ мекашад.

- Дар атрофи ҳамин масъала фикр кунед, - таъкид намуданд устод, - шояд ягон масъалаи муҳим аз эҷодиёти Садриддин Айнӣ ёфт шавад. Пас аз нашри фармон дар ин бора боз суҳбат хоҳем кард. Аксари рӯзҳоямон дар китобхонаи Фирдавсӣ мегузашт. Бегоҳӣ бармегаштем ва то поси шаб аз суҳбатҳои шоиронаи Суҳайлӣ Ҷавҳаризода баҳраҳо мебардоштем.

Боре домулло Суҳайлӣ, ки дар редаксияи рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» (ҳоло «Ҷумҳурият») хизмат мекарданд, гуфтанд:

- Ба наздикӣ дар Маскав ҳафтаи адабиёту санъати турк-

ман баргузор мешавад. Қарор шуд, ки мо ҳам бояд ба иди адабиёт ва ҳунари бародарони туркман шарик шуда, як саҳифаи рӯзномаамонро ба онҳо бубахшем. Ман бояд то пагоҳ шеърҳои шоирони туркманро ба забони тоҷикӣ тарҷума бикунам. Намунаи насри туркманӣ ҳам лозим аст.

- Мо чӣ кумак карда метавонем? - хизмати худро пешниҳод кардам ба домулло.

- Шумоён мана ҳамин порчаро аз романи Бердӣ Карбобоев «Небит-даг» («Кӯҳи нафт») тарҷума мекунетон, - бо камоли бовар гуфтанд домулло Суҳайлӣ ва китобро ба дасти ман доданд.

Ману Содирҷон нисфи шаб нишаста он порчаро аз забони русӣ ба тоҷикӣ гардондем. Дигар хоб аз сари мо парида буд. Беақлӣ набошад, «аз бекорӣ-кадукорӣ»-гӯён худи ман ҳам роҷеъ ба ҷашни адабиёт ва санъати туркман дар Маскав як шеър навиштам. Домулло Суҳайлӣ ҳам шеър, ҳам тарҷумаамонро хуш пазируфтанд. Онҳо дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» 14 октябри соли 1955 дар радифи тарҷумаҳои домулло Суҳайлӣ чоп шудаанд.

Вақте ки бо устод Маъсумӣ вохӯрдам, он кас гуфтанд, ки дар саҳифаи туркмании «Тоҷикистони советӣ» шеъратонро хондам. Ман аз шарм таб баровардам. Устод ёдовар шуданд, ки Муҳиддин Фарҳат ҳам ба аспирантура дохил шуда буд, лекин аз панҷаҳои сахту маҳками шеър наҷот ёфта натавонист ва аз кори илмӣ даст кашид.

Ман ишораи устодро фаҳмидам ва дигар шеър нанавиштам. Пас аз интизории зиёд он рӯзи фархунда фаро расид: дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе фармони директори он интишор ёфт, ки тибқи он аз якуми декабри соли 1955 ман ба аспирантура қабул шудам. Роҳбари илмиам Носирҷон Асадович Маъсумӣ таъйин гардиданд. Устод маро табрик карданд ва афзуданд, ки дар соҳаи математика як ҷои холӣ монд. Аз роҳбарон илтимос намудам, ки он ҷойро

ба кафедраи адабиёти тоҷик диҳанд. Розӣ шуданд. Маҳваш Ҳодиева низ ба аспирантура қабул шуд.

Ман сари ифтихор боло мебардорам, ки аввалин шогирди Носирҷон Маъсумӣ дар ҷодаи илм ҳастам. Бисёр донишмандон ва нависандагон маро дида мегуфтанд, ки толеам баланд будааст. На ҳар кас аспиранти ин марди шариф ва хайрхоҳ шуда метавонистааст, аммо мурғи бахт ба сари ман нишастааст, чунин устод раҳнамои илмии ман таъйин шуданд, аммо онҳо намедонистанд, ки шогирди устод Маъсумӣ будан душвориҳои зиёде ҳам дорад. Он бузургвор донишманди серсоҳа буданд. Забоншинос, фолклоршинос, адабиётшинос (ҳам донандаи адабиёти классик ва адабиёти муосири тоҷик), луғатдон ва услубшинос, мунаққиди нуктасанҷ, педагоги моҳир, ташкилотчии нависанда, нотиқи шуълавар, мураббии ҷавонон... Устод Маъсумӣ шоири хушзавқ ва шеършинос буданд. Маҳорати баланди сарояндагӣ доштанд. Мусиқиро нағз мефаҳмиданд ва аз асрори ҳунар бохабар буданд. Марди комили фарҳангӣ ва зиёии соҳибмаълумот ба шумор меомаданд. Таърихи халқи тоҷик ва суннатҳои миллии онро нағз медонистанд. Аз илму адабиёти ҷаҳонӣ хуб огоҳӣ доштанд. Забони русӣ ба Носирҷон Асадович мисли забони модарӣ хизмат мекард. Онро бо тамоми назокаташ об карда хӯрда буданд, бинобар ин, навтарин адабиёт ба зудӣ дастраси устод мегардиданд.

Бо чунин олим ва шоир муомилаю муошират, саволу ҷавоб кардан содаю осон набуд.

## ЧАНД ҲИКОЯТ АЗ УСТОД ДАР ДАВРАИ АСПИРАНТӢ

Устод Носирҷон Маъсумӣ одами хеле мураттаб ва баинтизом буданд. Дар донишкада мудири кафедраи адабиёти тоҷик, узви Шӯрои олимон, муаллими забон ва адабиёти тоҷикии мактаби ҳизбии назди КМ ҲК Тоҷикистон, узви ҳайати таҳрири маҷаллаҳои «Шарқи сурх» ва «Мактаби советӣ»

буданд ва боз як қатор вазифаҳои ҷамъиятӣ доштанд. Ҳамаи ин вазифаҳоро бо ҳисси масъулият ба ҷо меоварданд. Аз уҳдаи ҳамааш мебаромаданд ва корҳояшонро сари вақт бе камукост ба сомон мерасониданд. Устод дар ихтиёри вақту замон не, балки вақту замон дар ихтиёрӣ эшон буд. Ба ҷаласаҳо дер намонда ширкат меварзиданд, бе зарурат сухан намеронданд, ҳарфи зиёдатӣ намегуфтанд, умуман, пургӯ набуданд. Дар сухангӯӣ муҳимтарин хислати устод мавқеъшиносӣ ба шумор меомад. Аз ҳамин ҷост, ки ҳамеша тирашон ба нишон мерасид. Маҷлисҳои кафедраро оромона, ботамкину тааннӣ ва фарҳанги баланд мегузарониданд. Серталаб буданд, аммо сахтгап набуданд, ба касе - хоҳ хурд, хоҳ бузург - сахт намерасиданд. Кӯтоҳсухан буданд, «Сухан бисёр дону андаке гӯ, Якеро сад магӯ, садро яке гӯ» шиори устод маҳсуб меёфт. Масъалаҳои бисёрӣ илмӣ, педагогӣ ва ташкилиро дар муддати кӯтоҳ ҳаллу фасл мекарданд. Ҳамин принсипҳо дар муносибат бо шогирдон низ риоя мешуданд. Устод ба ман фармуданд, ки ҳар моҳ як маротиба дар ҳафтаи аввали рӯзи ҷумъа, соати 10 мулоқот мекунем. Ин мулоқоти ҳатмӣ буд, ки ман аз корҳои ба иҷро расонидаам ҳисобот медодам, агар саволе дошта бошам, аз устод ҷавоби қонеъ мегирифтам. Агар лозим шуморанд, устод ҳам ба ман вазифа ва супоришҳо медоданд. Устод бо ман аз рӯи нақшаи инфиродие суҳбат мегузарониданд, ки худашон тасдиқ кардаанд, як нусхаи он дар ихтиёри кафедра ва нусхаи дувумаш дар шуъбаи аспирантура нигоҳ дошта мешуд. Яке аз суҳбатҳои мо дар масъалаи интихоби мавзӯи рисолаи диссертатсионии ман ҷараён гирифт.

- Хӯш, Ота, ба чӣ қарор омадед? савол доданд устод.

Ман якчанд мавзӯъро номбар кардам, ки ба инкишофи жанрҳои наср, таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти нависандагони гуногун (Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода...) робита доштанд. Як мавзӯи мушаххас ҳам пешниҳод кардам,

ки «Муаммои ташаккули одамони нав дар насри устод Садриддин Айнӣ» буд.

- Ба кадоми ин мавзӯъҳо дилатон об мехӯрад? - пурсиданд устод ва ба чеҳраи ман назари санҷишомез афканданд.

- Мавзӯи охирин бештар ба дилам наздик аст, - гуфтам ман, - зеро дигар ҳамаи нависандагони тоҷик шогирди мактаби эҷодии устод Айнӣ мебошанд.

- Дуруст, ман тарафдор, - фикри маро пазирифтанд устод, - акнун аз рӯи ин мавзӯъ як гузориш омода мекунед, дар маҷлисиояндаи кафедра онро мешунавем ва мавзӯъро тасдиқ мекунем.

Ман дар гузориши худ муаммои ташаккули одамони нав, муборизони роҳи озодӣ ва истиқлолиятро аз қиссаи «Одина» то романҳои «Дохунда»-ю «Ғуломон», инчунин, типҳои нави иҷтимоиро дар «Ёддоштҳо» мавриди баррасӣ қарор додам.

Баъзеҳо ба мафҳуми «одамони нав» шубҳа карданд, ки он чӣ гуна одамҳо будаанд, ҳарчанд, ки мазмуну моҳияти ин истилоҳро баён карда будам. Онгоҳ устод Носирҷон Маъсумӣ аз ҷой бархоста шарҳ доданд, ки «одамони нав» онҳое мебошанд, ки назар ба ҳамзамонони худ пешқадамтару фаъоланд, дар бораи ҳаёт ва ояндаи ҷомеа фикру андешаҳои тоза, прогрессивӣ ва ҳатто, инқилобӣ доранд, дорои сифату хислатҳои нав, шоиста, ибратбахш буда, дар роҳи озодии ҷомеа талош мекунанду мубориза мебаранд. Дар эҷодиёти устод Айнӣ типи одами нав якбора пайдо нашуд, балки тадриҷан ташаккул ёфт. Аз Одина то Ёдгор ва аз Ёдгору Гулнор то Сафарғулом, Муҳаббат, Ҳасан ва Фотима одамони нав роҳи мураккаби ташаккул ва такомулро аз назар гузаронидаанд. Шогирди кафедраи мо Атахон Сайфуллоев ҳамин масъаларо мавриди таҳлилу тадқиқ қарор медиҳад. Агар аз уҳдааш бароядд, тадқиқоти ӯ сухани тоза

дар адабиётшиносии тоҷик, саҳми шоиста дар омӯзиши эҷодиёти устод Айнӣ хоҳад буд.

Дигар ҷои баҳсу мунозира намонд. Ҳамаи аъзои кафедра мавзӯи кори илмии ман «Муаммои ташаккули одамони нав дар насри устод Садриддин Айнӣ» ва қарори маҷлиси кафедраро маъқул ёфтанд.

Ба шарофати устод Носирҷон Маъсумӣ бо донишмандон, шоирон, насрнависҳо, драматургҳо, рӯзноманигорон шинос мешудам. Устод маро ба ҳар кас, ки шинос намоянд, дар бораи ӯ маълумот медоданд. Боре дар хиёбони Ленин (алъон Рӯдакӣ) шахсеро, ки ба сӯи мо меомад, ишора карда гуфтанд, ки ӯ Раҳим Ҳошим аст. Байни устод ва Раҳим Ҳошим мулоқоти кӯтоҳи дилкаше ба вуқӯъ пайваст. Раҳим Ҳошим гуфтанд, ки бароям беҳтарин машғулият тарҷумаи бадеӣ, на хотиранигорӣ дар бораи устодон ва дӯстон аст.

- Ҳаёту эҷодиёти поягузорони адабиёти нави тоҷикро аз Шумо беҳтар касе намедонад, - рӯҳи Раҳим Ҳошимро бардоштанд устод.

- Мехостам, ки дар бораи аввалин маорифпарварони Самарқанд, нахустин тарҷумонҳои адабиёти рус, устод Айнӣ ва муҳити ӯ, рӯзгори талху ширини Отаҷон Пайрав Сулаймонӣ хотираҳои худро бинависам, - аз нақшаҳои эҷодиашон сухан оғоз карданд Раҳим Ҳошим, - ку бубинем, харидор ёфт мешавад ё не?

- Хотираҳои шумо барои аҳли илму адаб мисли обу ҳаво заруранд, - Раҳим Ҳошимро ба шавқ оварданд устод Маъсумӣ, - маҷаллаи «Шарқи сурх» ин хел чизҳоро кофта мегардад, нашриёт ҳам ҷон гуфта қабул мекунад.

Вақте ки суҳбат анҷом ёфту Раҳим Ҳошим ба роҳи худ рафтанд, устод Маъсумӣ гуфтанд:

- Ин кас аввалину беҳтарин шогирди устод Айнӣ. Нахустин мақолаҳоро дар бораи Айнӣ ва осори ӯ ҳамин кас навиштаанд. Шумо бояд инҳоро пайдо карда бихонед. Тарҷу-

мони моҳир ҳам ҳастанд. Бечора ду маротиба ҳабс шудаанд. Бори аввал дар соли 1937 ҳамчун «душмани халқ» ва «ҷосуси байналхалқӣ» ба зиндон афтодаанд. Даҳ сол нишаста баромаданд, дар Самарқанд зиндагии озод оғоз намуданд. Баъд ба Душанбе ба як нафар нависанда ва тарҷумони маъруф нома менависанд, ки «бародари азиз, ман пас аз даҳ соли ранҷу шиканҷаи маҳбусӣ, ниҳоят, ба озодӣ баромадам. Худат медонӣ: «Бе пул суханат асар надорад, Ҳоле, ки ту дорӣ саг надорад». Ба ман маслиҳат бидеҳ, ки аз адабиёти рус ё дигар халқҳо кадом асарро тарҷума бикунам?»

Он «дӯст» мактуби Раҳим Ҳошимро аз назар гузаронида, худ ба худ мегӯяд: «Ин падарқусур ҳоло ҳам зинда будаст-ку!» Сипас, номаро бардошта ба Кумитаи амнияти миллӣ меравад ва мегӯяд: «Раҳим Ҳошим ҳоло ҳам одам нашудааст. Маҳбаси советиро, ки хонаи омурзиши гуноҳ аст, «ранҷу шиканҷаи маҳбусӣ» меномад. Адабашро додан лозим аст».

Ба «шарофати ин хайрхоҳӣ» Раҳим Ҳошимро дубора ба ҳабс мегиранд. Ин дафъа шаш-ҳафт сол нишаста мебароянд.

Ман бори аввал шунидам, ки нависанда «душмани халқ» ё «ҷосуси байналхалқӣ» мешудааст, зеро дар ин бора дар китобҳое, ки ман хондаам, ягон ҳарф вуҷуд надошт. Устод то ба донишкадаамон расидан ҳикоят карданд, ки соли 1937 соли даҳшат ва пурфоҷиа буд. Дар натиҷаи туҳмату дасиса як зумра донишмандон ва нависандагон ба ҳабс гирифта шуданд. «Шаҳд»-и маҳбасро Ҷалол Икромӣ, Ғанӣ Абдулло, Ҳаким Карим, Тӯрақул Зеҳнӣ, Холиқ Мирзозода, Баҳриддин Азизӣ ва дигарҳо чашидаанд.

Абдурауфи Фитрат ва Аҳмадҷони Ҳамдӣ дур аз Тоҷикистон дар маҳбасҳо аз олам дида барбастанд. «Гадо душмани гадо» гуфтаанд. Бахилию нотавонбинӣ, рашку ҳасуд бо-

иси дубора ба маҳбас афтодани Раҳим Ҳошим шуд.

- Он «дӯст» кӣ бошад?- пусидам аз устод.

- Вай зинда ва саломат аст, тадриҷан худатон фаҳмида мегиред, - оҳи бадард кашиданд устод.

Ман аз саволи худ пушаймон шудам.

Рӯзе аз маҷлиси кафедра, ки устод ҳамеша иштироки маро мехостанд, баромада сӯи хона мерафтем (ман ва Содирҷон Ҳомидов аз кӯчаи Садовая, 48 як хона иҷора гирифта будем, ки болотар аз ҳавлии устод буд). Носирҷон Асадович маро ба хонаашон даъват карданд. Рафтем. Ҳамсари домулло Вера Пантелеймоновна Осмакова моро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифтанд.

Устод маро бо янгаи азиз шинос карданд.

- Ман шуморо ғоибона медонам. Носир дар бораи Шумо гап зада буд.

Ман изҳори ташаккур кардам. Хонуми устод зани хеле меҳрубон, меҳмоннавоз ва хушдастархон будаанд. Барои пешинхӯрӣ ё хӯроки муқаррарии шом дастархони барф барин сафедро оро медоданд. Фасли баҳор буд. Дар рӯи дастархон нонҳои хонагӣ, хлеби сиёҳу сафед, помидор, бодиринг, обҳои маъдан ва шарбат гузошта шуда буданд. Табақчаҳои зебои чинӣ, кордҳо ва вилкаҳо батартиб меистоданд. Якпиёлагӣ чойи кабуд нӯшидем. Баъд якта шӯрбо оварданд.

- Ман шӯрборо дӯст медорам, - гуфтанд устод, - палавхӯр нестам. Воқеан ҳам, шӯрбо хушлаззат буд. Баъд котлет оварданд. Онро ҳам нӯши ҷон кардем. Пас аз он рӯи дастархонро конфетҳои шоколадии гуногун оро дод. Янга боисрор мегуфтанд, ки аз ҳар кадомаш бихӯрем. Ман як пиёла чой нӯшидаму иҷозаи рафтан пурсидам.

- Сабр кунед, - аз ҷой бархоста ба утоқи кориашон ворид шуданд устод.

Чун берун омаданд дар дасташон китоб буд: - Ин асари

Яков Налский ном нависанда аст, - гуфтанд. - «Бобоюнус Худойдодзода» ном дорад, ба забони русӣ навишта шудааст. Банда муҳаррири китоб ҳастам. Ба диққат хонед, агар писанд ояд, як тақриз нависед, ман дида мебароям.

Китобро бо мамнуният гирифтам. Сипас, рухсати рафтан доданд. Янгаи мушфиқ гуфтанд, ки зуд-зуд биёям, суҳбати Носир ибратбахш аст.

Тахминан дар давоми ду ҳафта китобро мутолиа намудам ва тақриз навиштам. Рӯзи истироҳат устод дар хонаашон буданд. Тақризро пешниҳод кардам.

- Шумо хонед, ман гӯш мекунам, - фармуданд устод.

Ман ба қироат шурӯъ намудам. Устод бо диққат мешуниданд, ҳар ҷо калима ё иборае маъқул наояд, маро нигоҳ дошта, ислоҳашро мехостанд. Бо кумаки устод ҳамон замон ислоҳ мекардам. Хонданро ба поин расонидам. Устод ба мазмун ва сохти тақриз эрод нагирифтанд. «Мешавад, - гуфтанд, - пагоҳ ба редаксияи «Тоҷикистони сурх» баред, ба дасти Қодир Насимӣ супоред».

Пас аз як ҳафта тақриз таҳти унвони «Монография дар бораи ҳофизи халқӣ» («Тоҷикистони советӣ», 12 апрели соли 1956) чоп шуд.

Ҳамон рӯз ё рӯзи дигар ба дарси фалсафа меомадам, ки дар саҳни донишкада Носирҷон Асадович ва фолклоршинос Воҳид Асрориро дидам. Онҳо дар хараке суҳбат карда менишастанд. Зуд рафта салом додам ва одоби муоширатро ба ҷо овардам. Воҳид Асрорӣ ҷавонмарди софдил, меҳрубон ва ошкорбаён буданд. Тарзи гуфторашон на ҳамеша боназокат бошад ҳам, ман он касро ҳамчун шахси ростгӯю беғараз мешинохтам.

- Табрик, хондам, - тақризро дар назар доштанд устод, - Лекин Налский забони тоҷикиро хуб намедонад. Баъзе шеърҳои Бобоюнусро нодуруст тарҷума кардааст. Гуфтан лозим буд!

- Инро танқиди танқид мегӯянд, - бо табассуми ҳалим ба ман назар афканданд устод Маъсумӣ ва афзуданд: - Дар оянда ба назар мегиред.

Ман наранҷидам, балки хурсанд шудам, ки домулло Асрорӣ навиштаи маро хондаанд.

Устод Маъсумӣ маро на танҳо ба омӯхтан, бештару беҳтар фаро гирифтани илму дониш, балки ба навиштан ҳам ҳидоят мекарданд.

- Ҳарчанд ки мавзӯи рисолаи шумо аз эҷодиёти Айнист, аммо бояд тамоми адабиёти тоҷикро фаро бигиред. Гузашта аз ин, лозим меояд, ки аз адабиёти ҷаҳон огоҳ бошед. Мунаққид ва адабиётшинос назар ба намояндагони дигар соҳаҳои илм бештар китоб мехонад.

Ба хотири ман суханҳои устоди нахустинам Абдумуъмин Мирпочоев расид, ки мегуфтанд: - Чунон бояд китобро зиёд хонд, ки агар онҳоро аз саратон бирезанд, шуморо гӯр кунанд.

Носирҷон Асадович маро ба фаъолиятмандӣ водор менамуданд.

- Ҳар китоби навро мутолиа кунед, фикру мулоҳизаатонро навишта монед, - маслиҳат медоданд муаллим, - ба чоп диҳед, лекин навишта мондан зарур аст, рӯзе ба кор меояд.

Ман дар як суҳбат ин фикри устодро ба домулло Суҳайлӣ иброз доштам. Он кас пас аз андаке таваққуф фармуданд: Носирҷон Маъсумӣ инсони хеле дурандешанд. Медонанд, ки шумо кори илмӣ менависед. Мехоҳанд, ки донишатон ғанитар, фикратон равшантар, қаламатон бурротар шавад.

Ҳамин тавр, дар солҳои аспирантиам мақолаҳоям дар матбуоти ҷумҳурӣ тез-тез чоп мешуданд ва аҳли илму адаб маро ҳамчун мунаққиди ҷавон мешинохтанд. Ба ҳар як мақола ва суҳбатҳои радиоӣ ҳаққи қалам медоданд. Мақолаҳои «Устод Рӯдакӣ ва эҷодиёти ӯ» («Газетаи муаллимон», 2 феврали соли 1956), «Шоир ва мутафаккири оташзабон

Носири Хусрав» («Газетаи муаллимон», 5 апрели 1956), «Таълими забони модарӣ ва хониши модариро баланд бардорем» («Газетаи муаллимон», 10 майи соли 1956), «Роман дар бораи Абай» («Тоҷикистони советӣ», 10 июни соли 1956), «Суханвари боистеъдод» («Тоҷикистони советӣ», 9 сентябри соли 1956), «Духтари ҳамсоя» («Тоҷикистони советӣ», 7 октябри соли 1956) аз ҳамин қабиланд. Дар як сол дар матбуоти даврӣ нуҳ мақолаам чоп шуд. Устод Маъсумӣ ҳар бор маро рӯҳи тоза мебахшиданд.

Дере нагузашта дар роҳбарияти Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе дигаргунӣ рух дод. Солеҳбоев Ҳотам Ҳакимбоевич, ки ҷонишини Раиси Шӯрои вазирони Тоҷикистон буданд, директор ва устод Маъсумӣ Носирҷон Асадович муовини директори донишкадаи мазкур оид ба корҳои илмӣ таъйин шуданд. Ин тағйирот ба ҳаёти илмӣ, таълимӣ ва хоҷагии ин кохи маърифат аҳамияти калон дошт. Донишгоҳ обод шуд, ҳусни тоза пайдо кард. Интизоми кор намунавӣ гардид. Қисми илмии донишкада ҷон гирифт. Дар донишкада конфронсҳои илмӣ тез-тез баргузор мешуданд ва натиҷаҳои хуб медоданд. Масъалаҳои табъу нашри осори муаллимону аспирантҳо ҳаллу фасли худро ёфтанд. Китобҳои устодон ва маҷмӯаҳои илмӣ пайи ҳам ба чоп мерасиданд. Ҳатто, маҷмӯаҳои илмии аспирантҳо мунтазам нашр мешуданд. Дифои диссертатсияҳо низ меафзуд. Ҳамаи ин тадбирҳо обрӯи устод Маъсумиро баланд мебардоштанд.

Рӯзе устод маро ба ҳузури худ даъват карданд. Ҳозир шудам.

- Ёд доред, - ба сухан оғоз намуданд, - Шумо дар бораи достони Лутфӣ Обидхӯҷаев реферат навишта будед. Нусхаи он бояд дар дастатон бошад.

- Ҳаст, устод, - гуфтам ва гӯш ба қимор нишастам, ки масъала чӣ ранг мегирад.

- Ба муносибати чилсолагии Инқилоби Октябр як маҷм-

ӯаи илмӣ нашр мекунем. Барои он як мақолаи шумо даркор аст. Шумо «Салим-партизан»-ро дар марказ гузошта, як чизи хуб нависед, ки инъикоси инқилоб ва ҷанги гражданиро дар назми советии тоҷик фаро бигирад.

«Хеле хуб» гуфтам ва аз пайи иҷрои супориш шудам. Асарҳои даркориро мутолиа ва маводҳои лозимаро ҷамъ кардам ва дар як муддати кӯтоҳ мақоларо омода намудам. Устод онро мутолиа кардаанд, ки дар як маҷлиси кафедра ба завқ омада гуфтанд:

- Отаҷон, шумо девкор ҳастед, чашм нарасад, коре, ки дигарон дар ду моҳ анҷом дода наметавонанд, шумо дар ду ҳафта бо сифати баланд ба анҷом расонидед.

Аз ҳамон рӯз эътиборан баъзеҳо аз хурсандӣ ва бархе дигар бо киноя маро «девкор» мегуфтагӣ шуданд ва ин вожа дар байни олимону адибон машҳур гардид.

Мақолаам таҳти унвони «Инъикоси ҷанги гражданӣ дар назми советии тоҷик» ҳам дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (4 сентябри соли 1957), ҳам дар маҷмӯаи илмии аспирантҳои донишкада «Очеркҳо оид ба филологияи тоҷик» (1958, ҷ. 4) чоп шуд. Шакли фишурдаи он дар рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Ленинобод» (16 июли 1957) низ ба чоп расид.

Аз ин мақолаҳо устод Суҳайлӣ Ҷавҳаризода низ хеле мамнун шуданд, зеро ман достони Зуфархон Ҷавҳарӣ «Зафар»-ро низ мавриди баррасӣ қарор дода будам. Ба қавли домулло, то ман касе дар бораи ин асари қиблагоҳиашон чизе навишта набудааст.

Боре дӯстам Асомиддин Насриддинов, ёдаш бахайр, дар китобхонаи донишкада маро дида гуфт, ки зуд ба назди Носирҷон Асадович равед, шуморо ҷустуҷӯ доранд, ба хонаатон одам фиристоданӣ буданд. Зуд ба идораашон рафтам. Дар қабулгоҳ котиба маро огоҳ кард, ки устод дар ғазабанд, ба аспи қаҳру ҷаҳл савор шудаанд, эҳтиёт бошед.

Барои ман ин ҳолати муаллим ғайричашмдошт буд, зеро устодро ҳеҷ гоҳ бадҷаҳл намепиндоштам. Котиба хабар дод. Ман ҳузурашон даромадам. Ёд надорам, ки ба саломам алейк гуфтанд ё на. Чеҳраашон ҷиддӣ, вазъашон номуътадил буд. Ҳатто, ба нишастан ишора накарданд. Маълум, ки аз банда ранҷидаанд. Вале сабабаш ба камина маълум набуд. Бе ҳеҷ муқаддима пурсиданд:

- Дар бораи китоби Фотеҳ Ниёзӣ чӣ навиштед?

- Дар бораи ҳикояҳояшон «Духтари ҳамсоя» тақриз навиштам.

- Тақриз... - хашмашонро каме фурӯ нишонданд устод. - Агар тақриз бошад, нависандаро чаро таҳқир мекунед?

- Ман таҳқир накардаам, - сари хамро боло кардам. - Наход шумо ба ҳамин гап бовар кунед. Кӣ гуфт?

- Худаш занг зад, хеле оташин буд. Бо қаҳру ғазаб гуфт, ки шумо шогирд не, балки каждумчаҳоро тарбия мекунед, баҳудаю беҳуда ба кас неш мезананд, заҳр мечаконанд, мегазанд, сахт мегазанд. Ҳарчанд ки ман таскин додам, гуфтам, ки ман хабар надорам, мақоларо ҳам нахондаам, ман рӯзномаро ёфта мехонам, агар носазо гуфта бошад, муҳокима мекунем, ҷазо медиҳем. Аммо ӯ суханони маро фаҳмидан нахост. Институт иғвохона шудааст, гуфту гӯшаки телефонро партофт. Ман асабӣ шудам.

- Шуморо беҳуда озор додаанд, ҳаргиз асабӣ нашавед, устод. Дар тақризи ман ҳарфе нест, ки нависандаро таҳқир мекарда бошад.

Ман аз ҷузвдони худ як шумора рӯзномаи «Тоҷикистони сурх»-ро гирифта рӯи мизи устод гузоштам ва гуфтам: - Марҳамат, бубинед ва худатон қазоват кунед.

Устод рӯзномаро гирифтанд ва маро иҷозати рафтан доданд. Чанд рӯз бо устод рӯ ба рӯ нашудам. Худам зиқ шудам, ба танг омадам, таҷанг шудам, ки устодро бесабаб ранҷонидаанд. Худамро гунаҳкор мешумоpидам.

Ман бо шоир ва драматург Файзулло Ансорӣ риштаи пайванди дӯстӣ доштам. Ӯ маро дида гуфт, ки «Фотеҳ-акаро боб кардед!». Ман нафаҳмидам, ки ин таъриф буд ё танқид. Бегоҳӣ хаста шуда ба хона баргаштам. Дар паси донишкада, дар кӯчаи Лев Толстой, 2 ман, Абдусалом Атобоев, нависандаи ҷавон, Баҳодур Файзулло, ҳаҷвнавис, аспиранти муаррих Сироҷиддинов иҷора менишастем. Онҳо маро бо мақолаам табрик карданд. Дилам таскин ёфта бошад ҳам, аз суҳбати устод Маъсумӣ ба шариконам ҳарфе нагуфтам.

Аз байн тахминан даҳ рӯз гузашт. Устод аспирантҳоро даъват карда, оид ба таълифи реферати солона суҳбат оростанд. Чунин қоида буд, ки барои аз курс ба курс (аз сол ба сол) гузаштан реферати илмӣ бояд навишт. Аз ҳар аспирант як-як пурсиданд, ки роҳбари илмиашон барои таълифи реферат мавзӯъ муайян кардааст ё на? Худи аспирантҳо дар ин бора фикр кардаанд ё бе дарду ғам рӯз мегузаронанд? Рефератро дар робита бо мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ ҳам навиштан мумкин ё оид ба ягон масъалаи дигар. Чун навбат ба ман расид, устод табассуми латифе карда гуфтанд:

- Шумо реферат нанависед ҳам мешавад. Ҳамон мақолаатон дар бораи ҳикояҳои Фотеҳ Ниёзӣ ба ҷои реферат қабул шуд.

Ин меҳрубонии устод барои ман баҳои баланд буд. Аввалан, ман аз хиҷолат баромадам. Сониян, рӯҳ гирифтам, ки фаъолиятамро дар ҷодаи нақди адабӣ бо ҳамон усул давом додан мумкин будааст. Равшан шуд, ки қаҳру ғазаби Фотеҳ Ниёзӣ бебунёд будааст ва мақолаам ба устод Маъсумӣ писанд омадааст.

Дар мулоқоти дигари навбатиамон устод мушаххасан гуфтанд, ки хулосаи тақриз ба Фотеҳҷон сахт расидааст. Моҳияти гап дар ин аст, ки одатан тақризҳои матбуот тахминан ин зайл анҷом меёфтанд: Китоб, асар, маҷмӯа қатъи

назар аз баъзе камбудиҳо, дар эҷодиёти нависанда ё дар адабиёти тоҷик муваффақияти намоён ба шумор меояд.

Аммо ман акси тақризҳои анъанавиро навишта будам: «Духтари ҳамсоя», сарфи назар аз баъзе дастовардҳояш, дар эҷодиёти Фотеҳ Ниёзӣ як қадам қафост.

Ба қавли устод Маъсумӣ, ин суханҳои маро Фотеҳ Ниёзӣ ба қапчуқи дил баста мондаанд:

Як гап задам ба мастӣ,

Ба қапчуқат бубастӣ! - мефармуданд устод.

Фотеҳ Ниёзӣ муҳаррири маҷаллаи «Шарқи сурх» буданд. Ду мақолаи ман дар портфели редаксия нигоҳ дошта мешуд: яке таҳти унвони «Як ёдгории дӯстӣ», ки бо сарсухани муфассал достони номатбӯи Зуфархон Ҷавҳарӣ «Муқимии Фарғонӣ»-ро ба чоп омода карда будам. Дигаре мақолаи илмӣ-тадқиқотии «Образи одамони нав дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ» буд, ки бо диссертатсиям иртибот дошт. Фотеҳ Ниёзӣ ин мақолаҳоро чоп накарданд. Онҳо фақат пас аз он ки Фотеҳ Ниёзӣ ба дигар кор гузаштанд ва Толис муҳаррири маҷалла таъйин шуданд, ба навбат рӯи чопро диданд.

Дертар устод Маъсумӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Боқӣ Раҳимзода ва ман чандин маротиба ҳамсуҳбат шудем. Доғи танқид аз дили Фотеҳ Ниёзӣ рафта буд. Китобҳояшонро ба ман «Ба муқарризи асосиам Сайфуллоев...»-гӯён ҳадя мекарданд. Ҳатто, дар таҷлили ҷашни 60-солагии зодрӯзашон аз роҳбарияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон хоҳиш кардаанд, ки банда маърӯзачӣ бошам. Ман ҳам таманнои устодро самимона ба ҷо овардам.

Устод Носирҷон Маъсумӣ ба назди аспирантҳои худ, аввал аз ҳама дар назди ман, вазифа гузошта буданд, ки соли аввал имтиҳонҳои номзадиро супорам ва ду соли дигарро ба ҷамъоварии маводи кор ва таълифи диссертатсия бубахшам. Ҳамин тавр ҳам шуд. Бо ҳидояти устод ҷаласаи кафедра дар охирҳои соли якуми аспирантиам нақшаи ри-

солаи илмии маро муҳокима ва тасдиқ кард. Тадқиқоти банда «Проблемаи ташаккули одамони нав дар насри Айнӣ» ба ҷуз муқаддимаю хотима ва феҳристи адабиёти илмию бадеӣ аз бобҳои зерин иборат буд:

1. Шароитҳои таърихии пайдоиши одамони нав дар Тоҷикистон.

2. Тасвири одамони нав дар романи «Дохунда».

3. Мавқеи романи «Ғуломон» дар ҳаллу фасли муаммои ташаккули одамони нав.

4. Образи одамони нав дар «Ёддоштҳо».

Кафедраи адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе рисолаи диссертатсионии маро пешакӣ муҳокима накард. Зеро ман тадқиқоти худро дар мӯҳлати муқарраршуда ба итмом расонида, аз мошинка баровarда ба дасти устоди худ супорида бошам ҳам, Носирҷон Асадович онро дар вақташ хонда ё аз назар гузаронида натавонистанд. Танҳо кори маро не, балки хондани диссертатсияҳои дигар шогирдонашонро ҳам ба таъхир меандохтанд. Домулло, воқеан ҳам, серкор буданд ва ба мутолиаву таҳрири таълифоти шогирдон вақт надоштанд. Чун донишманд, шоир, омӯзгор, ходими давлатию ҷамъиятӣ сарашон ба ҳазору як ҷой ниёз буд.

Мӯҳлати аспирантии ман моҳи декабри соли 1958 ба итмом расид. Маро ба сифати ходими хурди илмӣ ба ихтиёри Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон фиристоданд. Директори ин пажӯҳишгоҳ адабиётшиноси варзида, профессор Холиқ Мирзозода буданд. Он кас маро нағз мешинохтанд, зеро дар донишкадаи омӯзгорӣ ҳардуямон узви як кафедра будем ва дар солҳои иҷоранишинӣ ҳамчун ҳамсояи наздик борҳо ба хонаашон даробаро доштам. Аз ҳамин ҷост, ки бо ман расман суҳбат карданро лозим надонистанд ва ба бахши адабиёти советии тоҷик, ки мудираш устоди арҷманд Муҳаммадҷон

Шукуров буданд, ба кор таъйин карданд. Ман аз якуми январи соли 1959 ходими хурди илмии ҳамин бахш будам.

## ҲАМКОРӢ БО УСТОД ДАР АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

Соли 1959 устод Носирҷон Маъсумӣ директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон таъйин шуданд. Гӯё ба ин пажӯҳишгоҳ насими тозае вазид. Дар ин ҷо як фазои муътадил ва дилхоҳи рӯҳию равонӣ ба вуҷуд омад. Шахсияти пурнаҷобат ва дониши серсоҳа, илму фазл ва маданияти баланди устод барои ин маркази тадқиқи илмҳои суханшиносӣ айни муддао ба шумор меомаданд. Ҳамагон мегуфтанд, ки институт сарвари сазовори худро ёфт. Пажӯҳишгоҳ чаҳор бахш дошт: бахши забон, адабиёт, фолклор ва шевашиносӣ. Баъд аз ба сари қудрат омадани устод Маъсумӣ бахшҳои адабиёти классикӣ ва луғатшиносӣ таъсис ёфтанд. Бахше, ки ман дар он кор мекардам, адабиёти советии тоҷик ном гирифт. Дар ин бахшҳо бештар аз сад нафар муҳаққиқони солору ҷавон ба тадқиқи илмӣ шуғл меварзиданд.

Роҳбарони бахшҳо ҳама олимони варзида буданд, ки устод Маъсумӣ онҳоро хуб мешинохтанд. Академик Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов бахши забонро роҳбарӣ мекарданд. Мунаққид ва адабиётшиноси маъруф, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Муҳаммадҷон Шукуров сарвари бахши адабиёти советии тоҷик буданд. Роҳбарии бахши фолклорро донишманди номдор Раҷаб Амонов дар уҳда доштанд. Доктори илмҳои суханшиносӣ, профессор Обид Ҷалолов шуъбаи шевашиносиро роҳбарӣ мекарданд. Мудири бахши адабиёти классикӣ олими машҳур, нависанда Расул Ҳодизода, ки бахши эшон аз Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ҷудо шуда, ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ пайваста буд. Ба бахши луғатшиносӣ профессор Абдураҳмон

Латифович Бухоризода сарварӣ менамуданд, ки он кас аз Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон омада буданд. Дар пажӯҳишгоҳ аъзои вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон Соҳиб Табаров ва Муллоҷон Фозилов, донишманд ва фозили мухтарам Раҳим Ҳошим кор мекарданд. Бо ин пажӯҳишгоҳ шоир Абдусалом Деҳотӣ ва мусташриқи шуҳратёр Иосиф Самуилович Брагинский ҳамкорӣ мекарданд. Институт бисёр ҷавонони қобилро дар оғӯши худ фаро гирифт, ки дар соҳаҳои гуногуни илми суханшиносӣ заҳмат мекашиданд. Ба устод Маъсумӣ лозим меомад, ки бо ҳамаи онҳо забон ёфта кор кунанд, ба коллективи калон роҳбарӣ намоянд, тадқиқоти илмиро ташкил кунанд ва пеш баранд.

Дар моҳи аввали директори институт таъйин шудани устод Маъсумӣ дар байни кормандон гап паҳн шуд, ки «домулло Маъсумӣ одами хуб, беозор, бофарҳанг, аммо сахтгир не. Ба институт роҳбари серталаб ва сахтгир лозим аст!».

Ин гапҳо ба гӯши Носирҷон Асадович расида бошад ҳам, домулло табиати инсонӣ ва принсипи роҳбарии худро тағйир намедоданд. Ҳамоно хушсухан, хушмуомила ва нармрафтор буданд. Мегуфтанд, ки корҳои мо, аввалан, институти забон аст. Забон бошад, муҳимтарин воситаи муомилаи байни одамҳост. Бинобар ин, ширинзабон ва хушсухан бояд буд. Мо бояд намунаи олии муошироти байни одамонро нишон диҳем. Сониян, коргоҳи мо институти адабиёт аст, яъне маркази адаб ва фарҳанг, муомилаю муносибати шоистаи байни одамон аст. Модоме ки забон ва адабиёт ба ҳам пайвастааст, институт мувофиқи фаҳмиши ман, маркази илму маданияти баланд аст. Аз ин рӯ, мувофиқ ба номи институт кор ва зиндагонӣ кардан лозим меояд.

Донишмандӣ, хоксорӣ, фарҳангсолорӣ, истеъдоди ташкилотчигӣ ва ҷиддияти комили Носирҷон Асадович имконият доданд, ки эшон дар Институти мазкур аз соли 1959 то соли 1971 дар муддати дувоздаҳ сол роҳбари шоиста бо-

шанд ва баъди ба вазифаи баланд - академик-котиби Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон таъйин шуданашон ҳам, то директори нав ба кор шурӯъ кардан ба институт сарварӣ намоянд.

Бо ташаббуси устод Маъсумӣ бахшҳои институт ба шуъбаҳо табдил дода шуданд. Ин тадбирҳо, ки ба осонӣ ҷомаи амал намепӯшид ва танҳо тибқи қарори раёсати Академияи илмҳои Тоҷикистон сурат мегирифт, дар натиҷаи заҳматҳои пайвастаи устод Носирҷон Асадович имконпазир гардид. Дар робита бо ҳаллу фасли ин масъалаҳо асосҳои моддию техникии пажӯҳишгоҳ мустаҳкам гардид, барои ходимони калони илмӣ ва муовини директори институт ҷойҳо ҷудо карда шуданд.

Бо роҳбарии устод Маъсумӣ дар институт нақшаҳои панҷсола, яксола ва инфиродии шуъбаҳо ва аъзои онҳо қабул ва тасдиқ гардиданд. Нақшаҳои даҳсола ҳам вуҷуд доштанд, ки проблемаҳои калони илмиро дар бар мегирифтанд, аз қабили тадқиқи таърихи адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик, таърихи забони тоҷикӣ, омӯзиш ва тадқиқи шеваҳои забони тоҷикӣ, ҷамъ овардан, ба нашр ҳозир кардан ва тадқиқи илмии фолклори миллӣ, таълифи грамматикаи академии забони адабии тоҷик, тартиб додан, таҳрир кардан ва ба чоп омода намудани фарҳанги забони тоҷикӣ дар ду ҷилд ва амсоли инҳо.

Дар шуъбаи фолклор бо усули нав, ки дар мамлакатҳои пешқадами ҷаҳон ҷорӣ буд, - бо усули математикӣ омӯхтани эҷодиёти шифоҳии халқ ба роҳ монда шуд. Ба нашри «Куллиёти фолклори тоҷик» дар 35 ҷилд оғоз намуданд. Осори шеваҳои тоҷикӣ дар чаҳор ҷилд ба табъ мерасид. Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик дар як ҷилд ба забони русӣ дар Маскав интишор ёфт. Ба таълиф ва нашри «Таърихи адабиёти советии тоҷик» дар шаш маҷаллад шурӯъ кардем. «Фарҳанги забони тоҷикӣ» иборат аз ду ҷилди

бузург дар Маскав ба нашр расид. Ҷилдҳои алоҳидаи таърихи адабиёти классикӣ чоп шуданд. Дар забоншиносии тоҷик низ асарҳои шоиста офарида шуданд. Инҳо корҳои таърихие буданд, ки агар ду ҷилди «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик»-ро (солҳои 1956-1957) ба назар нагирем, мислашон дар гузашта ба чашм нарасидаанд.

Мардум барҳақ давраи роҳбарии Носирҷон Маъсумиро дар Институти забон ва адабиёт давраи тиллоӣ меноманд. Дар он солҳо бисёр кадрҳои илмӣ рушду камол ёфтанд. Номзадҳо ва докторҳои илм зиёд шуданд. Худи устод ба унвони баланди илмӣ - Ходими хизматнишондодаи илми РСС Тоҷикистон (1960) ва узви Академияи илмҳои ҷумҳурӣ (1966) ноил гардиданд.

Дар институт тадқиқоти илмӣ меҷӯшид. Аҳли илм дар тамоми ҷабҳаҳо бо дили гарм ва умеди зиёд аз оянда кор мекарданд. Роҷеъ ба забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ, масъалаҳои таърих ва назарияи адабиёт, равобити адабиёти миллӣ ҷаласаҳо, конфронсҳо, симпозиумҳо баргузор мешуданд, маводи онҳо ба табъ мерасиданд. Робитаи институт бо ташкилотҳои эҷодӣ, қабл аз ҳама, бо Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, бо макотиби олии ҷумҳурӣ, бо муассисаҳои илмӣ ва эҷодии Маскав, Ленинград, ҷумҳуриҳои бародар тавсиа ва густариш меёфт. Институт бо баъзе муассисаҳои илмӣ ва адабии Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон ҳамкорӣ мекард. Худи устод Маъсумӣ ва баъзе дигар ходимони илмии Институт ба ин мамлакатҳо сафар карда, дар муассисаҳои илмии он суҳбатҳо доштанд ва пас аз бозгашт ёддошт, мақола ва китобҳо ба чоп расонидаанд. Китоби «Намунаҳои фолклори Афғонистон» (ҳамроҳи М.Холов) ва мақолаи «Ёддоштҳои Сарвари Гӯё дар бораи устод Айнӣ» ва дигарҳо аз ҳамин ҷумлаанд.

Хизматҳои устод Маъсумӣ дар роҳи истеҳкоми дӯстии халқҳои форсизабон ҳамчун раиси Ҷамъияти дӯстӣ ва ҳам-

кориҳои фарҳангии Тоҷикистон ва Афғонистон сазовори таҳсину таҳният буд. Ман, ки котиби ин ҷамъият будам, ин ақидаи худро бо тамоми масъулият мегӯям.

Устод Носирҷон Маъсумӣ на танҳо ба тадқиқоти илмии як ҷомеаи калони суханшиносон сарварӣ мекарданд, балки ба тарбияи кадрҳо низ машғул мешуданд. Ба забоншиносон, адабиётшиносон, фолклоршиносон, шевашиносон, луғатшиносон, кормандони шуъбаи забонҳои помирӣ, ки бо ташаббуси худашон ташкил шуда буд, мавзӯҳои рисолаҳои илмӣ тавсия менамуданд, ба пешрафт ва рушду камоли онҳо кумаки худро дареғ намедоштанд. Носозиҳои байни баъзе кормандони институтро собирона, бо суҳбатҳои нарм ва насиҳати падарона аз байн мебурданд. Дар натиҷа дар институт як фазои муътадил ва рӯҳияю равонӣ ба вуҷуд меоварданд, ки ҳар кас метавонист бо шавқу завқ бо фаъолияти илмӣ машғул бишавад.

Дар соли 1967 дар толори Академияи илмҳои Тоҷикистон Симпозиуми байналмилалии назми форсизабон барпо гардид, ки маърӯзачии асосӣ устод Маъсумӣ буданд. Донишмандони бузург ва шоирони забардасти Эрону Афғонистон - Парвиз Нотили Хонларӣ, Лутфалии Суратгир, Нодири Нодирпур, Абулҳақи Вола ва дигар меҳмонони дохилию хориҷӣ суханронии устод Маъсумиро бо мароқи тамом шуниданд ва худ низ бо маърӯзаю гузоришҳои илмӣ сатҳи симпозиумро баланд бардоштанд.

Маърӯзаи устод дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» ва китобҳои худашон бо номи «Оинаи дӯстӣ» чоп шудааст.

Таҷлили ягон ҷашни адабӣ бидуни роҳбарӣ ё ширкати фаъолонаи Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ сурат намегирифт. Шуъбаи адабиёти советии тоҷик асарҳои тозаи нависандагонро бо иштироки худи муаллифон ҳамаҷониба муҳокима мекард, ки ин тадбир ба пешрафти адабиёт, равнақи эҷодӣ ва рушду камоли нависанда ва адаби-

ётшиносону мунаққидони ҷавон мусоидат мекард.

Яке аз корҳои бузурге, ки дар давраи роҳбарии Носирҷон Маъсумӣ ба суннати илмии ҳарсола табдил ёфт, конфронси илмии «Солонаи Айнӣ» буд. Конфронс ҳар сол 15 апрел - дар рӯзи таваллуди поягузори адабиёти советии тоҷик бо сухани ифтитоҳии Маъсумӣ барпо мешуд. Рӯзномаи он аз ду қисм иборат буд: яке маърӯза ва гузориши илмӣ, дигаре ёддоштҳои донишмандон, нависандагон ва шогирдони устод Садриддин Айнӣ. Устод Маъсумӣ ҳар сол як паҳлуи мероси адабӣ ва илмии С.Айниро ҳамроҳи олимон ва адибон мавриди баррасӣ қарор медоданд. Ин усул боиси амиқ ва ҳаматарафа омӯхтани эҷодиёти нависандаи забардаст мегардид. Дар кори конфронс ба ҷуз донишмандон ва суханварони Тоҷикистон уламои намоёни Русия, Ӯзбекистон, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Арабистон, Чехословакия, Олмон ширкат меварзиданд. Маводи конфронс дар ҷилдҳои «Ҷашнномаи Айнӣ» ба забони тоҷикӣ ва русӣ чоп мешуданд. Устод Маъсумӣ ҷуғрофияи конфронси солонаи Айниро тавсия доданд, ки манзур аз ин мероси адабӣ ва илмии нависандаро ба табақоти гуногуни аҳли ҷамъият наздиктар кардан, ба айнишиносӣ бештар ҷалб намудани неруҳои тозаи илмӣ ва адабӣ маҳсуб мешуд. Тибқи ин нақша маҷлисҳои «Солонаи Айнӣ» дар Хуҷанд, Кӯлоб, Хоруғ, Самарқанд, Бухоро ва дигар шаҳрҳо барпо гардиданд.

Дар конфронсҳои «Солонаи Айнӣ» ман ҳам бо маърӯза ва гузоришҳои илмӣ ширкат меварзидам. «Тасвири манзараҳои табиат дар асарҳои Айнӣ», «Образи одамони нав дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ», «Устод Айнӣ ва протсесси адабиёти ҷаҳонӣ» ва ғайра аз ҷумлаи маърӯзаҳои камина дар конфронсҳои «Солонаи Айнӣ» ба шумор меоянд, ки дар ҷилдҳои гуногуни маҷмӯаҳои «Ҷашнномаи Айнӣ» чоп шудаанд.

Маърӯзаҳои илмии камина дар музокираҳо баҳои мусбат гирифтанд. Аммо як суханрониам оид ба образи одамони

нав дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ мавриди эътирози сахти академик Абдулғанӣ Мирзоев қарор гирифт. Эшон бар ин буданд, ки одамони нав синфи коргаранд. С.Айнӣ дар «Ёддоштҳо» синфи коргарро тасвир накардааст. Пас, дар «Ёддоштҳо» образи одамони нав вуҷуд надоранд.

Аз эроди беасоси академик ман ба шигифт омадам, зеро солҳои 80-90-уми қарни XIX, ки дар «Ёддоштҳо» инъикос ёфтаанд, на танҳо дар Бухоро, балки умуман, дар тамоми қаламрави Осиёи Марказӣ синфи коргар пайдо нашуда буд. Пас, чӣ тавр устод Айнӣ синфи нобударо ба риштаи тасвир мекашидааст? Дигар ин ки аз байни синфи коргар падид омадани одамони нав шарт нест. На ҳамаи коргарон одамони наванд. Одамони нав аз байни деҳқонон, зиёиён ва дигар табақаҳои ҷомеа рушд карда метавонанд. Ҳабиба, Шукурбеки «дузд», Аҳмади Дониш, Мулло Амон аз ҳамон ҷумлаанд. Нисбат ба замони худ одамони нав ба шумор меомаданд, зеро нуқтаи назари онҳо нисбат ба зиндагӣ тоза буд, нисбат ба воқеаҳои ҳаёт фикру андешаи нав доштанд, фаҳмиш ва ҷаҳонбиниашон ба куллӣ нав маҳсуб меёфт.

Ман ба устод Маъсумӣ, ки раиси маҷлис буданд ва дар раёсат менишастанд, номае ирсол карда хоҳиш намудам, ки ба ман сухан диҳанд, то ба академики муҳтарам посух бидиҳам. Устод руқъаро хонданд ва бо сарҷунбонии нозук ишора карданд, ки лозим нест.

Худи устод Носирҷон Асадович донишманди солор ва ботамкин буданд. Гоҳо замин ҷунбад ҳам, он кас намеҷунбиданд. Вазнин ва сабур буданд. Хусусан, агар бузургон даъвоҳои беасос кунанд, як лабханди нописандонаи устод ҷои ҷавобро мегирифт. Пурбардошт буданд устод мисли таҳсанги осиё.

Боре дар сессияи солонаи Академияи илмҳои Тоҷикистон ҳамон академик Абдулғанӣ Мирзоев китоби Носирҷон Маъсумӣ «Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали

асри XIX»-ро танқид карданд. Мегуфтанд, ки муаллифи асар на ҳамаи сарчашмаҳоро истифода кардааст. Бинобар ин, тадқиқоти номбурда ноқис аст. Устод эродҳои А.Мирзоевро орому осуда гӯш карданд. Ҳозирин бар ин буданд, ки ҳамин ҳоло Носирҷон Асадович ба мунаққиди худ ҷавоби сазовор медиҳад. Аммо он кас хомӯшӣ ихтиёр карданд.

Пас аз иҷлосия аз устод пурсиданд, ки чаро эродҳои Мирзоевро беҷавоб мондед, ки он кас гуфтанд: «Худашон медонанд, ки аксарияти сарчашмаҳо такрори якдигаранд, ҳамаи онҳоро номбар карда, китоберо, ки барои муаллимон навишта шудааст, беҳуда сарбор кардан лозим нест. Дигар ин ки, ҳикмати халқ мегӯяд:

*Мард бояд, ки дар кашокаши даҳр*
*Санги зерини осиё бошад...*

Дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ фаъолияти ман бо роҳбарии ду устоди забардаст Носирҷон Маъсумӣ ва Муҳаммадҷон Шукуров хеле вусъат ёфт. Ман нақшаҳои инфиродии худро сари вақт ба анҷом мерасонидам ва дигар бо рӯзномаю маҷаллаҳо, радио ва телевизион, нашриёти давлатии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои адабию фарҳангӣ ҳамкорӣ мекардам. Азбаски устод Маъсумӣ хеле серкор буданд, дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе баъзе дарсҳояшонро дар бахшҳои рӯзона ва шабона аз адабиёти муосири тоҷик ва мадхали адабиётшиносӣ ман мегузаштам. Ин боиси рашку ҳасади баъзе нотавонбинҳо ва бахилҳо мешуд. Мақолаҳоям дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявии тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ, маҷаллаи «Шарқи сурх», ки дертар «Садои Шарқ» ном гирифт, тез-тез чоп мешуданд. Ҳамаи онҳо аввал аз ҳама аз назари устодони арҷманд Носирҷон Маъсумӣ ва Муҳаммадҷон Шукуров мегузаштанд. Пайи ҳамдигар хурду бузург мақолаҳоям ба нашр мерасиданд. Олимҳои намоён бо ман ҳамкорӣ мекарданд ва кумаки худро дареғ намедоштанд. Устод Маъсумӣ чанд вақт қабл аз гу-

заштанашон ба директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ аз банда хоҳиш карда буданд, ки як рисола дар ҳаҷми шаш-ҳашт ҷузъи чопӣ дар асоси диссертатсияи худ барои нашр омода намоям. Супориши устодро ба иҷро расонидам ва он таҳти унвони «Образи қаҳрамонони мусбати мубориз дар насри С.Айнӣ» (1960) ба табъ расид. Ҳамроҳи устод Муҳаммадҷон Шукуров рисолаи «Раҳим Ҷалил»-ро аз дасти таълиф баровардем ва он дар соли 1959 ба муносибати 50-солагии зодрӯзи нависанда интишор ёфт. Бо ҳамдастии устод Раҷаб Амонов рисолаи «Суҳайлӣ Ҷавҳаризода»-ро ба истиқболи 50-солагии зодрӯзи шоир (низ соли 1959) ба нашр расонидем. Дар соли 1961 рисолаи кӯчаки камина «Мирзо Турсунзода» ба шарафи 50-солагии зодрӯзи шоир интишор ёфт, ки нахустин иқдоми камина дар роҳи таҳқиқи эҷодиёти ӯ буд. «Асарҳои мунтахаб»-и (1962) шоири бузурги тоҷик Зуфархон Ҷавҳарӣ бо пешгуфтори муфассали банда ба чоп расид… Устод дар маҷлисҳо ва ҳисоботҳо маро ба некӣ ном мебурданд, бинобар он, баъзе кормандони Институти Рӯдакӣ маро «Любимчик Маъсумӣ» меномиданд ва рашку ҳасади худро пинҳон карда наметавонистанд. Дар яке аз маҷлисҳои ҳизбии институт Ардашер Каримов ном забоншинос, ки зери роҳбарии академик Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов ва Шавкат Ниёзӣ (забоншинос) кор мекард, суханронӣ карда бе ибо гуфт:

- Дар ҳамин рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ аз «Газетаи муаллимон» гирифта то «Тоҷикистони советӣ» мақолаҳои Сайфуллоев чоп мешаванд. Кадом шумораи маҷаллаи «Шарқи сурх»-ро варақ занам, мақолаҳои Сайфуллоевро мебинам. Аз радио садои ӯро мешунаваму аз телевизион чеҳраи ӯро мебинем. Сайфуллоев тамоми матбуоту нашриёт ва дигар васоити ахборро монополия кардааст. Ба дигарон низ роҳи чоп ҳаст ё не? Сайфуллоев дар ҳама ҷо роҳи моро мебандад. Мо аз ӯ ба дод омадаем!

Устод Маъсумӣ, ки ӯро оромона гӯш карда менишастанд, дар сухани хотимавии худ чунин иброз доштанд:

- Суханронии Ардашер Каримов на танҳо ман, шояд дигар рафиқонро ҳам ба ҳайрат оварда бошад. Зеро аз он бӯи ғараз меомад. Ман чунин ақида доштам, ки мо аз дастовардҳои ҳамдигар хурсанд ва аз бохту бебарориҳояш ғамгин мешавем. Вале ҳамин хислат дар вуҷуди ҳамкору ҳампешаи мо Ардашер набудааст. Ӯ нисбат ба муваффақиятҳои Атахон Сайфуллоев хайрхоҳӣ накард, агар боз ҳам ошкортар бигӯем, бо кинаю адоват сухан ронд. Мардуми мо инро нотавонбинӣ, бахилӣ ё рашку ҳасад меномад. Матбуоти мо озод аст, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо дару дарвозаҳои худро ба рӯи аҳли қалам васеъ кушодаанд. Нависед, баред, агар маъқул шавад, чоп мекунанд. Лекин сифати мақолаҳоро баланд бардоштан лозим аст. Шумо, Ардашер, мегӯед, ки навиштаҳои забоншиносонро қабул намекунанд. Ин нодуруст аст. Чӣ қадар мақолаҳои Раҳим Ҳошим, Тӯрақул Зеҳнӣ дар бораи масъалаҳои забони тоҷикӣ чоп шудаанд. Магар мақолаҳои Муҳаммадҷон Шукуровро дар бораи маданияти сухан аз матбуот мутолиа накардед? Абдураззоқ Ғаффоров, Худойдод Ҳусейнов менависанд-ку! Шумо чӣ навиштед, ки ба чоп нарасид? Дилро рӯшан кардан даркор. «Аввал андеша в-он гаҳе гуфтор» аз ҳикматҳои деринаи халқи тоҷик аст.

Устод Маъсумӣ андаке таваққуф карданд, нафасашонро рост намуданд ва сухани худро идома доданд:

- Мегӯянд, ки Сайфуллоев «любимчик» аст. Ман инро инкор намекунам. Ба ӯ чӣ гуна вазифае, ки супоред, бо сифати баланд иҷро менамояд. Кори яксоларо дар ду-се моҳ ба сомон мерасонад. Дар ҷумҳуриҳои бародар ба конфронсҳои илмӣ ширкат варзида, бо суханрониҳояш обрӯи моро мебардорад, аз фаъолияташ ҳам академия, ҳам Иттифоқи нависандагон розианд. Пас ман ӯро «любить» накарда, киро

«любить» кунам? Холисона мулоҳиза кардан даркор, рафиқон. «Ҳафт бор чен куну як бор бур», гуфтаанд.

Рақибони ман лаб фурӯ бастанд. Устод Маъсумӣ сафарҳои маро дар Маскав, Алма-ато, Таллин ва иштироки бандаро дар Ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Украина дар назар доштанд. Соли 1960, фасли зимистон дар пойтахти Эстония шаҳри зебоманзари Таллин 100-солагии зодрӯзи нависанда ва драматурги машҳури эстон Эдуард Вилде таҷлил гардид. Дар ин ҷашн ҳамчун меҳмони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Аъзам Сидқӣ ва нависандаи ин сатрҳо иштирок доштем. Дар театри опера ва балети Эстония ва Донишкадаи давлатии омӯзгории Таллин аз номи аҳли илму адаби Тоҷикистон ҷашни фарҳанги бародарони эстониро табрик гуфта, аз пайвандҳои адабию мадании ду ҷумҳурии бародар изҳори андеша карда, сазовори иззату эҳтиром ва сипосгузории мизбонон гардида будем.

Худи ҳамон сол дар Маскав ба конфронси илмӣ-назариявӣ оид ба равобити адабӣ ва таърихи мутақобили адабиётҳои миллӣ, ки Академияи илмҳо ва Иттифоқи нависандагони мамлакат ташкил карда буданд, ҳамроҳи устод Муҳаммадҷон Шукуров ва Ҳамроқул Шодиқулов ширкат варзидем. Ман нияти шунидани маърӯзаҳои пурмуҳтавои академикҳо ва дигар донишмандони варзидаро мехостам, аммо нияти суханронӣ надоштам. Адабиётшиноси маъруфи рус Зоя Григоревна Осмакова, дар паҳлуи ман менишаст, бо исрор аз ман хоҳиш кард, ки баромад кунам, худаш аз номи ман ба раёсат номача фиристод, ки сухан диҳанд. Ниҳоят ба ман навбати сухан расид. Камина роҷеъ ба робита ва таъсири мутақобили адабиётҳои миллии Осиёи Марказӣ ва рус чанд андешаро иброз доштам, ки ҳозирин хуш пазируфтанд ва сипас, дар китоби «Взаимосвязи и взаимодействия национальных литератур» (Москва, 1961) чоп шуд.

Дар конфронси илмии назариявии Қазоқистон оид ба про-

блемаҳои омӯзиши адабиётҳои туркизабон (1960), ки дар Олик-ато бо сардории нависандаи бузурги қазоқ, дорандаи ҷоизаи Ленинӣ, муаллифи романи машҳури «Абай», академик Мухтор Авезов барпо гардида буд, ман ба сифати меҳмон ширкат варзидам. Яке аз маърӯзачиён адабиётшиноси шинохта, муовини директори Институти адабиёти Академияи илмҳои Қазоқистон Муслим Бозорбоев адабиёти классикии форс-тоҷикро асосан аз суханбозию суханпардозӣ иборат дониста, аз ғояҳои иҷтимоӣ тиҳӣ ба шумор овард.

Ин тавсифи олими қазоқ, ки аз андешаҳои илмӣ дур буд ба ман сахт расид. Аз Мухтор Авезов иҷозат гирифта, ба минбар баромадам ва андешаҳои Муслим Бозорбоевро ботил ва бебунёд номидам, бо далелҳои раднопазир ба исбот расондам, ки адабиёти форс-тоҷик саршори афкори фалсафӣ ва ғояҳои олии ватанхоҳӣ, башардӯстӣ, сулҳу амонӣ, ахлоқӣ ва амсоли инҳо буда, аҳамияти бузурги иҷтимоӣ ва эстетикӣ дорад. Бинобар он, машҳури ҷаҳон гардидааст. Бисёр нависандагони забардасти ҷаҳон аз ғояҳои олӣ ва шакли зебои он пайравӣ кардаанд.

Дар маҷлиси хотимавии конфронс Мухтор Авезов фикру андешаҳои маро дастгирӣ кард ва ӯ низ ақидаҳои ғайриилмии Муслим Бозорбоевро ба зери тозиёнаи танқид гирифт. Маводҳои конфронс дар як китоби калон дарҷ шудаанд, ки дар он суханрониҳои М.Бозорбоев, ман ва Мухтор Авезов низ мавҷуданд.

Моҳи майи соли 1962 бошад, ман дар ҳайати шоирон ва нависандагони мо ба Ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Украина иштирок доштам. Он вақт банда мудири шуъбаи ғайриштатии рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» будам. Мақолаҳои ман ҳамчун сарсухан дар китоби «Назми советии украин» (1962) дар Тоҷикистон ва антологияи «Назми тоҷик» (1962) дар Киев ба чоп расида буданд. Дар тамоми рафти Ҳафта, аз ин воқеаи фарҳангӣ дар рӯзномаҳои Тоҷикистон хабару мақо-

лаҳои ман мунтазам чоп шуда буданд.

Ягон кор ва ҳаракати шогирдон аз назари устод Маъсумӣ ниҳон намемонд. Аз фаъолияти шогирдон ҳамеша огоҳ буданд, ба пешравиашон мусоидат менамуданд. Маҳз бо ҳидояти устод Носирҷон Асадович ва Муҳаммадҷон Шарифович маро ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қабул карданд. Метавон гуфт, ки онҳо аз ду бағалам гирифта маро ба ин ташкилоти муътабари эҷодӣ бурданд.

Устод Мирзо Турсунзода дар маҷлиси Иттифоқи нависандагон дар вақти қабул ду нуктаро таъкид карданд: мунаққидон баробари таҳлили мундариҷа ва ғояи асари бадеӣ бояд ба маҳорати нависандагӣ, санъати сухани адиб бештар эътибор бидиҳанд, зеро адабиёт ҳунари нафис аст. Дигар ин ки бо нақди адабӣ дар ҷумҳурии худ маҳдуд набояд буд. Кӯшиш ба харҷ диҳед, ки мақолаҳоятон дар Маскав чоп шаванд. Мо насиҳати устодро алоқадри ҳол ба инобат мегирифтем.

Як масъала маро ба шигифт меовард, ки аз вақти ба устод Маъсумӣ супоридани рисолаи номзадиам се сол сипарӣ шуда бошад ҳам, онро намехонданд, ба фикрам, саҳеҳтараш барои мутолиа вақт намеёфтанд.

Рӯзе раиси комиссияи назорати халқии институт Муллоҷон Фозилов аз ман пурсиданд, ки диссертатсияат тайёр асту чаро ҳимоя намекунӣ? Ман ҷавоб додам, ки кор дар дасти устод аст. Байни М.Фозилов ва Н.Маъсумӣ чӣ гуфтугӯе рух дод, ҳаргиз намедонам. Лекин натиҷааш ҳамин шуд, ки устод пас аз як моҳ рисолаамро ба ман баргардонданду гуфтанд: - Ҷумлаҳоеро, ки ба зераш хат кашидам ва саволҳоеро, ки дар ҳошияи диссертатсия гузоштам, мавриди андешаанд. Онҳоро дида бароед ва корро муқова карда ба ҳимоя омода созед.

Дар ҳошияи рисола ҳеҷ чиз нанавиштаанд, лекин саволҳояшон ҷон доштанд. Сабки ҷумлаҳое, ки устод ишора кар-

даанд, нотарошида буд. Ман онҳоро таҳрир кардам. Донаки саволҳоро низ бишкаста, мағзашро берун овардам. Мувофиқи он баъзе порчаҳои рисоларо аз нав навиштам. Лекин муқова набастам, зеро Шӯрои илмии институт, ки раисаш худи устод Маъсумӣ буданд, мебоист корро муҳокима карда ба ҳимоя тавсия намояд, муассиса тақризи берунаро муайян кунад.

Кафедраи адабиёти советии тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон муассисаи муқарриз тавсия гардид.

Мебоист дифоъ ҳам дар Шӯрои илмии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ таъйин мешуд.

Вақте ки бо раиси Шӯрои илмии ҳимоя, ректори донишгоҳ, профессор С.А.Раҷабов дар ин бора гуфтугӯ намудам, эшон маро хуш пазируфтанд, вале огоҳ намуданд, ки навбат гирифтан лозим меояд, имсол, яъне соли 1962 ҳимоя карда наметавонед, шояд соли оянда навбат бирасад.

Ман ба устод Маъсумӣ дар ин хусус маълумот додам. Устод фармуданд, ки боке нест, қарори кафедраи Соҳиб Табаров (кафедраи адабиёти советии тоҷики донишгоҳ) барояд, ҷои ҳимояро меёбем.

Хушбахтона, кафедраи Соҳиб Табаров тақризи мусбат дод ва рисолаи маро ба ҳимоя тавсия кард. Ман сипосгузор шудам. Устод Маъсумӣ нусхаи қарори кафедраро диданд ва таъкид карданд, ки ба Самарқанд меравем. Вақти ангур ва қаймоқи Самарқанд аст. Ҳамроҳи Абдураззоқ Ғаффоров, Собирҷон Зикиров (Собири Шоҳонӣ) бо сардории устод ва янгаи азиз панҷ нафар ба Самарқанд парвоз кардем. Бо хоҳиши устод меҳмонхонаи «Колхоз» қароргоҳи мо гардид, зеро ба бозори машҳури Самарқанд хеле наздик буд. Абдураззоқ ба хонаашон рафтанд.

Аввалҳои моҳи сентябри соли 1962 буд. Пагоҳӣ бо нон, қаймоқ, анҷир ва ангури ҳусайнӣ шикамро сер кардем. Вера

Пантелеймоновна, Абдураззоқ Ғаффоров ва Собирҷон ба тамошои шаҳр ва ёдгориҳои таърихию фарҳангии он рафтанд. Устод Маъсумӣ ва ман пиёда, бо мақсади тамошои кӯчаю хиёбонҳои шаҳр, ба Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ омадем. Бо супориши устод аз котибаи ректор пурсидам, ки академик Воҳид Абдуллоро аз куҷо пайдо метавон кард. Посух дод, ки эшон дар факултаи суханшиносӣ мебошанд, сонӣ, афзуд: - Бо ҳамин булвар, - аз тиреза кӯчаро ишора кард ӯ, - рост ба поин равед, ба факултаи суханшиносӣ рафта мерасед.

Академик Воҳид Абдулло, профессор Раҳим Муқимов, дотсент Талъат Абдуҷабборов ва чанде дигарон дар рӯи ҳавлии факулта суҳбат ороста, чой менӯшиданд. Аз афти кор вақти пешинхӯрӣ фаро мерасид. Чун моро бididанд, ҳамагон аз ҷо бархостанд ва расми истиқбол нишон доданд: саломҳои гарму ҷӯшон, оғӯшкашӣ, изҳори шодмонӣ аз дидор... Нишастем. Якум шуда Воҳид Абдулло савол доданд:

- Носирҷони азиз, шӯрбо фармоям ё палав?

- Дегатон магар яктост? - ҳазл карданд устод.

Гулдуроси ханда баланд шуд ва суҳбат ранги дӯстона гирифт. Устод маро ба ҳозирин ҳамчун шогирди худ муаррифӣ карданд. Вақте ки масъалаи ба ҳимоя гузоштани рисолаи банда баромад, Воҳид Абдулло, Раҳим Муқимов, Ботурхон Валихӯҷаев бо як овоз изҳор доштанд, ки дар назарашон аз рӯи мақола ва рисолаҳои чопиам ман кайҳо боз номзади илм ҳастам.

Маслиҳат шуд, ки рисоларо барои дифоъ қабул мекунанд, вале барои ба ҷо овардани расмият ду масъаларо ҳаллу фасл кардан лозим меояд: аввалан Шӯрои илмии факулта тибқи пешниҳоди кафедраи адабиёти тоҷик академик Воҳид Абдуллоро муқарризи якум ва Раҳим Муқимовро муқарризи дувум таъйин мекунанд; сонияն, азбаски диссертант тоҷикистонӣ аст ва кори худро дар Ӯзбекистон ҳимоя

мекунад, мувофиқи қоида бояд ӯ аз адабиёти ӯзбек минимуми (имтиҳони) номзадӣ супорад.

Устод Маъсумӣ маънидорона ба ман нигоҳ карданд.

- Ман ба имтиҳон супоридан розӣ ҳастам, - маънои нигоҳи устодро фаҳмида гуфтам ман.

Охири моҳи сентябр дар комиссияе, ки бо сардории профессор Ботурхон Валихоҷаев ташкил шуда буд, аз адабиёти ӯзбек имтиҳон супурида, баҳои аъло гирифтам ва ҳуқуқи ҳимоя пайдо кардам.

Автореферат дар муҳлати муқарраршуда чоп шуд, онро паҳн кардем. 27 декабри соли 1962 дар Шӯрои касбии дифои диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ рисолаи худро бо муваффақият ҳимоя кардам.

Дар ҳамин ҷо бояд тазаккур дод, ки мардуми Самарқанд, аз ҷумла, гулчини он муаллимон ва донишмандон, хеле меҳмоннавозу дӯстпарваранд. Гӯё устод Маъсумӣ ва ҳамроҳони он зоти пок аз осмон афтоданду онҳо ба кафи худ бардоштанд. Ҳар рӯз моро ба меҳмонӣ мебурданд, зиёфатҳои шоҳона меоростанд. Устод Маъсумӣ дар байни самарқандиён обрӯи басе калон доштанд. Баъзе рӯзҳо меҳмондорӣ аз субҳи солеҳон сар шуда, азбаски ба ду-се ҷой мерафтем, нисфи шаб ба поин мерасид.

Устод Маъсумӣ суҳбатоворо буданд. Суҳбати дӯстон шоирона ҷараён мегирифт, ба базми ҷамшедӣ табдил меёфт. Шеър мегуфтанду суруд мехонданд. Дар таронасароӣ Абдураззоқ Ғаффоров ҷӯр мешуд.

Ҳар қадар зиёфат калон шавад ҳам, устод Маъсумӣ меъёрро вайрон намекарданд. Гапҳои беҳуда, латифаҳои фач, танқид, маломат ва ғайбати дигарон дар суҳбатҳои устод Маъсумӣ роҳ намеёфтанд. Асосан, масъалаҳои илмӣ ва адабӣ баррасӣ мешуданд. Устод ба яке мавзӯи диссертатсия тавсия мекарданд, рисолаи илмии дигареро барои мутолиа ва ёрӣ кардан мегирифтанд, усули ҳимояро нақл ме-

намуданд. Мутоибаҳои домулло нозуку беозор буданд. Чашму дили ҳозирин ҳамеша сӯи он кас, ба мисли гули офтобпараст, ки пайваста хуршеди оламороро пайгирӣ мекунад, нигарон мешуданд. Меҳмоннавозӣ ва меҳрубонии дӯстон нисбат ба устод Маъсумӣ, ки мо ҳам аз онҳо бархурдор мегардидем, зуҳуроти муҳаббат ва эътиқоди самарқандиҳо ба ин шахси наҷиб ба шумор меомаданд.

Пас аз се моҳ Комиссияи олии аттестатсионии СССР дипломи номзади илмро фиристод. Дар як суҳбат устод Маъсумӣ чунин иқрор карданд:

- Отаҷони мо кайҳо номзади илм шуда буд. Расмияташ акнун ба ҷо омад. Ман хондани кори ӯро қасдан се сол қафо партофтам, то ки бо мақолаҳою рисолаҳояш чун олим ташаккул ёбад, фикраш рӯшану қаламаш бурро гардад. Олимро бояд халқ шиносад, вагарна турфа номзадҳову докторҳое ҳастанд, ки мардум намешиносанд. Ман ифтихор мекунам, ки шогирди маро тамоми Тоҷикистон мешиносад. «Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро».

Дар суханҳои устод, албатта, муболиға ҷой дошт, лекин муҳим он буд, ки сирри се сол рисолаамро нахонда «намак карда мондан»-ашонро фаҳмидам.

Аз ибтидои солҳои 60-ум гирифта дар доираҳои илмӣ ва ташкилотҳои эҷодии Тоҷикистон ва берун аз он обрӯю эътибори устод Носирҷон Маъсумӣ хеле боло рафт. Ҳукумати ҷумҳурӣ низ ба шахсияти наҷиб ва фаъолияти илмию ташкилии ин зоти муҳтарам эътибори зиёд медод. Носирҷон Маъсумӣ дар соли 1963 номзад ба депутатии Шӯрои Олии Тоҷикистон пешниҳод шуданд. Устод маро ба худ шахси боэътимод гирифтанд. Мо бо интихобкунандагон бисёр мулоқот мекардем. Устод дар бораи худ ҳеҷ чиз намегуфтанд. Дар ҳама вохӯриҳо бо заҳматкашони шаҳри Душанбе дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Носирҷон Асадович ман маърӯза мекардам. Бахусус, мулоқотамон дар Кинотеатри васеъэк-

рани ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ самаранок гузашт. Кинотеатр аз интихобкунандаҳо пур буд, чунон ки мегӯянд, сӯзан партоед, ба замин намеафтод.

Пас аз маърӯзаи ман устод Маъсумӣ ба минбар баромаданд. Он кас ваъдаҳои зиёд надоданд. Фақат гуфтанд, ки Шӯрои Олии Тоҷикистон органи муътабари қонунбарор аст. Ман саъю ҳаракат ба харҷ медиҳам, ки дар қабули қонунҳои муфид ва одилонаи давлат саҳми шоиста бигирам, қонунҳое қабул кунем, ки ба некуаҳволии халқ, пешрафти иқтисодиёт ва илму фарҳанги кишвари азизамон мусоидат намояд.

Интихобкунандагон саволҳои бисёр доданд. Устод ба ҳамаи онҳо посуххҳои мушаххас ва кӯтоҳи пурмаънӣ медоданд.

Ман дар арафаи интихобот дар бораи номзад ба депутатии Шӯрои Олии Тоҷикистон Носирҷон Асадович Маъсумӣ таҳти унвони «Лоиқи фахру санои халқ» (рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ», 21 феврали соли 1963) мақолае навишта будам, ки ба интихоби бомуваффақияти устод, каме бошад ҳам, кумак карда буд. Чунин аст он мақола:

«Ҷавон буд, баҳори понздаҳуми ҳаёташ акнун гул мекард. Бачагони имрӯза дар ин синну сол дар оғӯши мактаб нашъунамо мекунанд, чигунагии латту кӯфти ҳаётро намедонанд ва дар фазои беғубори орзуҳои ширин парвоз менамоянд. Аммо Носирҷон Маъсумӣ дар ин овон ба ҷабҳаи меҳнат қадам гузошт. Шароити замон - давраи пурҷӯшу хурӯши сохтмони сотсиалистӣ ҳаминро талаб мекард. Вай дар соли 1930 курси дусолаи педагогии Самарқандро ба итмом расонда, то соли 1936 дар техникуми педагогии Панҷакент ба сифати муаллими забон хизмат кард, дар кори ғалабаи револютсияи маданӣ дар Тоҷикистон ҳиссаи арзандаи худро гузошт.

Ғунчаи табъи оташбори ӯ низ дар ҳамин давра шукуфт,

наҳли шоириаш бор овард. Носирҷон Маъсумӣ ба вазифаҳое, ки Партияи маҳбуби Коммунистӣ ба назди аҳли ҷамъияти советӣ мегузошт, на фақат бо фаъолияти педагогӣ, балки бо каломи ҳаяҷонбахши манзум ҳам ҷавоб медод. Дигаргуниҳои бузурги сотсиалистӣ, тараққиёти сиёсию иқтисодӣ ва мадании Тоҷикистони советӣ, меҳнати эҷодкоронаи халқ, ғамхории партия ва ҳукумат нисбат ба оммаи меҳнаткашон дили пурэҳсоси шоирро ба ҷӯш меоварданд.

Ашъори Носирҷон Маъсумӣ бо замонавӣ будани мавзӯъ ва мазмуни баланд, ҳаяҷонбахшии лирикӣ ва образнокии забону тарзи баёни худ, яъне, бо ҳамаи хусусияте, ки ба назми ҳақиқӣ хос аст, фарқ менамояд. Вай ҳамеша суруди бахти халқи озод ва гулгулшукуфии Ватани ободи советиро месарояд:

*Дилам чу ҷӯш намудаст дар баҳори Ватан,*
*Суруди бахт саройяд ба ифтихори Ватан.*

Соли 1940 Носирҷон Маъсумӣ ба аъзогии Иттифоқи нависандагони СССР қабул мешавад. Дар худи ҳамин сол ӯ Институти педагогии Душанбе ба номи Т.Г.Шевченкоро хатм карда, ба маълумоти олӣ соҳиб мегардад ва муаллими кафедраи адабиёти донишкадаи мазкур таъйин мешавад.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ғайрати ҷавонӣ, фаъолияти илмӣ-педагогӣ ва шоирии Н.Маъсумӣ ҳартарафа вусъат меёбад. Ӯ на фақат дар институт бо таълиму тарбияи донишҷӯён машғул буд ва дар мактабҳои миёнаи шаҳр кор мекард, на танҳо ба муаллимон ёрии амалии илмию методӣ мерасонд, балки худ дар аспирантура таҳсил мекард ва зиёда аз ин, қаламро ба шамшеру суханро ба барқ табдил дода, бо шеъру достонҳои ватандӯстонаи худ халқи советиро ба мудофиаи мамлакат даъват менамуд. «Мактуб аз фронт», «Ифтихори мо», «Модар ва фарзанд», «Суруди солинавӣ», «Достони мулки саодат» ва «Баҳодурнома» шеъру достонҳои дар ҳамон солҳо навиштаи ӯ ба шумор мера-

ванд.

Минбаъд ҳам фаъолияти нависандагии Носирҷон Маъсумӣ бо корҳои илмию таълимӣ, мунаққидию адабиётшиносӣ ва ҷамъиятии ӯ пайваста давом кардааст. Ҳоло ӯ, асосан, бо корҳои илмӣ машғул бошад ҳам, шеърсароиро давом дода истодааст, ки дар ин бобат шеъри нави ӯ «Нораки мо» шаҳодат медиҳад.

Носирҷон Маъсумӣ ба маънои ҳақиқии сухан олими намоён аст. Фаъолияти илмии ӯ хеле серсоҳа буда, тамоми масъалаҳои забону адабиёт ва танқиду адабиётшиносиро дарбар мегирад. Ӯ дар доираи як-ду мавзӯи илмӣ ё омӯхтани ягон давраи муайяни адабиёт маҳдуд набуда, доираи тадқиқоти илмии худро хеле васеъ гирифтааст. Ин аст, ки Н.Маъсумӣ оид ба адабиёти классикӣ ва советии тоҷик, эҷодиёти лафзии халқ (фолклор) ва усули таълими адабиёт, назарияи адабиёт ва услубшиносӣ, таърихи забон ва забони адабии ҳозираи тоҷик ва дигар соҳаҳо бисёр мақолаҳои пурмазмун, асарҳои калони илмӣ-тадқиқотӣ, китобҳои дарсӣ ва программаҳои таълимӣ таълиф намуда, дар таҳрири асарҳои илмии дигар олимони мамлакат, тартиб додани маҷмӯаҳои илмӣ ва хрестоматияҳо иштирок кардааст. Миқдори асоситарин асарҳои илмии Н.Маъсумӣ ба панҷоҳ мерасад.

Ҳар як асари илмии Н.Маъсумӣ, ки ба як мавзӯи муҳим ва масъалаи омӯхтанашуда бахшида шудааст, қадами муҳиме дар инкишофи илми забоншиносии тоҷик мебошад. Сазовор аст, ки ӯро нахустин кашшофи бисёр масъалаҳои илмӣ номем.

Рафиқ Маъсумӣ хусусан бо таълифи китоби калони пурбаҳои худ «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» дар роҳи омӯхтани забон ва услуби нависандагони тоҷик кашфиёти тозае ба вуҷуд овард ва барои тадқиқоти минбаъдаи ин масъалаи муҳими илмӣ роҳ кушод. Дар Тоҷи-

кистон оид ба ин соҳа Н.Маъсумӣ мутахассиси ягона аст ва ҳоло бо роҳи аспирантура мутахассисони забон ва услубро низ тарбия карда истодааст.

Китоби «Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX» бошад, низ ба марҳалаи омӯхтанашудаи таърихи адабиёти тоҷик бахшида шудааст. Ин асар як давраи «холию номаълум»-ро, ки аз Сайидо то Аҳмади Дониш мавҷуд буд, пурра мекунад ва риштаи таърихи адабиёти асрҳои XVI ва XIX -ро ба ҳам маҳкам мепайвандад.

Носирҷон Маъсумӣ яке аз муаллифони аввалин «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» мебошад, ки ҳам дар Душанбе ва ҳам дар Москва чоп гардидааст. Бесабаб нест, ки соли 1954 Комиссияи олии аттестатсионӣ барои кори диссертатсионии Н.Маъсумӣ «Забон ва услуби повести С.Айнӣ «Марги судхӯр» унвони илмии номзади фанҳои филологӣ, андаке дертар, унвони дотсентӣ дод. Ҳукумати республика бошад, фаъолияти илмии ӯро бо додани номи фахрии Ходими хизматнишондодаи илми РСС Тоҷикистон тақдир намуд.

Носирҷон Маъсумӣ чандин сол сармуаллими мактаби партиявии назди КМ ПК Тоҷикистон ва ҷонишини директори Институти педагогии шаҳри Душанбе оид ба корҳои илмӣ буд. Ҳоло ӯ мудири кафедраи адабиёти тоҷики донишкадаи мазкур ва директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ Тоҷикистон аст. Вай устоди бисёр муаллимон, ходимони илм, кормандони органҳои партиявию советӣ ва нависандагони ҷавон мебошад.

Ин олими хоксор, дурандешу мулоҳизакор ва ташкилотчии моҳир ҳамчун директори Институти забон ва адабиёт, ҳамчун сардори маркази илми филологияи тоҷик тамоми қувваю истеъдод ва дониши худро дар роҳи инкишофи соҳаҳои гуногуни забон ва адабиёт, тарбияи олимони ҷавони мо сарф карда истодааст.

Ҳоло дар назди институт бисёр проблемаҳои илмӣ, аз ҷумла, навиштани таърихи адабиёти советии тоҷик, ба вуҷуд овардани луғати тафсирии забони тоҷикӣ ва дигар масъалаҳо истодаанд, ки бо роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи Н.Маъсумӣ ҳал хоҳанд шуд.

Ҳар касе, ки ба идораи ӯ дарояд, дар рӯи столи кориаш даста-даста коғазҳои чопиро мебинад. Онҳо луғати тафсирии забони адабии тоҷик аз асри Х то Револютсияи Октябр мебошанд, ки ду сол инҷониб аз таҳрири пухтаи Н.Маъсумӣ ва адабиётшиноси закӣ Муҳаммадҷон Шукуров гузашта истодаанд ва ин луғат соли оянда дар Москва нашр хоҳад шуд.

Носирҷон Маъсумӣ ходими фаъоли ҷамъиятӣ ҳам мебошад. Ӯ ҳамчун муовини раиси шуъбаи тоҷикистонии Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои мадании Иттифоқи Советӣ бо Афғонистон дар роҳи мустаҳкам гардидани дӯстию ҳамкории ин ду мамлакат низ ҳиссаи худро гузошта меояд.

Олимони АФ Тоҷикистон ва коргарони заводи ба номи Кирови шаҳри Душанбе дар маҷлиси умумии худ фарзанди бовафои Партияи Коммунист Носирҷон Маъсумиро ҳамчун вакили боътимоди халқ ба депутатии Советӣ Олии Республика номзад пешниҳод карданд.

Оре, чунон ки худи Н.Маъсумӣ гуфтааст:

*Ҳар кас, ки кор кард, рафиқон, барои халқ,*
*Бошад ҳамеша лоиқи фахру санои халқ!*

*А. Сайфуллоев, шахси эътимоднок».*

Устод Носирҷон Маъсумӣ шогирдони худро ҳамаҷониба дастгирӣ мекарданд, бо муносибати падарона, рафтору гуфтори худ ба онҳо рӯҳ мебахшиданд ва ба тадқиқоти наву тоза ҳидоят менамуданд. Он бузургвор ба таҳқиқоти Абдураззоқ Ғаффоров «Забон ва услуби романи Раҳим Ҷалил «Одамони ҷовид» сарсухани ҷолиби таваҷҷуҳ навишта буданд.

Вақте ки ман асари таҳқиқотии худ «Романи С.Айнӣ «Дохунда», хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии он»-ро ба анҷом расонидам, дастнависро варақ зада фармуданд:

- Дар вақташ ба Набиҷон Сатторӣ ман ҳамин мавзӯъро ҳамчун мавзӯи рисолаи номзадӣ тавсия карда будам. Аммо ӯ ҷавоби хандаоваре дод, ки «Дохунда» як чизи лӯнда аст, кас аз кадом тарафаш қапиданро намедонад, лағжида меафтад.

Вале шумо ба исбот расонидед, ки «Дохунда» сарчашмаҳои милливу байналмилалӣ дорад ва ба романи нави реалистии тоҷик замина гузошт. Ман ба ин рисолаи шумо пешгуфтор менависам.

Устод ба ваъдаи худ вафо карданд. Тадқиқоти камина бо сарсухани судманд ва арзишноки устод дар нашриёти «Дониш»-и Академияи илмҳои Тоҷикистон (1966) дар ҳаҷми 14 ҷузъи чопӣ ба табъ расид. Муқаддимаи устод чунин аст:

## САРСУХАН

Дар бораи меҳнати эҷодӣ ва асарҳои ҷудогонаи устод Садриддин Айнӣ дар адабиётшиносии тоҷик ва баъзе халқҳои бародарӣ китобҳо ва мақолаҳои зиёде навишта, бисёр хусусиятҳои эҷодӣ ва маҳорати устодонаи нависанда омӯхта шудаанд. Мо дар ҳар кадоми ин мақола ва тадқиқоти илмӣ баёни ҷиҳатҳои нав, хусусиятҳои тоза ба тозаи эҷодӣ, аҷоиботи олами образҳо, санъати ҳайратовари нависандагӣ ва боигарии беинтиҳои забони устод С.Айниро мебинем. Баъзеҳо дар асоси омӯзиши эҷодиёти нависанда обзор ва ҷамъбасту хулосаҳои умумӣ медиҳанд; баъзеҳо вобаста ба тадқиқи мавзӯҳои ҷудогона ба якчанд асари нависанда дахл карда, аз рӯи он хулосаҳои даркорӣ мебароранд; баъзеҳо ягон ҷиҳати як асарро мавриди тадқиқ қарор дода, аз рӯи он ба натиҷае меоянд ва амсоли ин.

Зоҳиран чунин ба назар мерасад, ки доир ба эҷодиёти

С.Айнӣ, хусусиятҳои мероси адабии ӯ, рол ва мавқеи вай дар таърихи ташаккулу нашъунамои адабиёти сотсиалистии тоҷик ҳама гап гуфта шудааст ва ҳама чиз маълум аст. Ин тасаввурот зоҳиран дуруст аст ва асосҳои муътамаде дорад. Бо вуҷуди ин, ҳамаи корҳои то ин дам дар ин бобат кардашударо фақат ибтидои пурсамари тадқиқоти бузурги оянда, тайёрии муҳиме барои офариниши минбаъдаи асарҳои калони илмию тадқиқотии ҷамъбасткунандаи соҳаҳои гуногуни эҷодиёт ва таҷрибаи бойи эҷодии С.Айнӣ, материали муҳиме барои таърихи адабиёти советии тоҷик шуморидан мумкин аст.

С.Айнӣ санъаткори бузург аст ва эҷодиёти ӯ баҳри бекарест. Донишманд ва санъаткоре, ки қариб дар ҳамаи соҳаҳо ва жанру намудҳои адабиёти советии тоҷик пешдастӣ карда, намунаҳои ҳайратафзои эҷоди бадеӣ, таърихӣ ва илмӣ офарида, то охири ҳаёти худ сарвари ибратбахши адибон гардидааст, ҳамеша мавриди омӯзиш мебошад ва маҳсули гаронбаҳои меҳнати эҷодии ӯ тадқиқоти илмию адабиро бо фикру хулосаҳои нав ба нав саршор месозад.

Ҳоло на ҳамаи асрори қалами ҳақиқатнигори устод С.Айнӣ кашф шудаанд, на ҳамаи дурдонаҳои баҳри афкори ӯ чида, тасвир ва тавсиф шудаанд. Баҳри пурасрори эҷодиёти С.Айнӣ меҳнат ва кӯшишу ҳаракати зиёди ғаввосони соҳаи танқиди адабӣ, адабиётшиносӣ ва таърихшиносии моро интизор аст.

Яке аз хусусиятҳои қалами сеҳрбаёни бузургворон ин аст, ки ба осори эҷодии онҳо чӣ андоза амиқтар назар карда шавад, чашмаи фикру ғояҳои онҳо ҳамон қадар ҳам бештар ва равшантар фаввора мезанад ва барои таҳлилу хулосаҳои илмию адабӣ ҳамон андоза зиёдтар асос медиҳад; эҷодиёти онҳо ҳар қадар ки бо ҷиддият ва такрор омӯхта шавад, хусусиятҳои хоси асарҳои онҳо, санъату маҳорати бузурги

нависандагиашон ҳамон қадар зиёдтар аён ва баён мегардад ва барои муайян кардани роҳ, таърих ва таҷрибаи эҷодӣ, инчунин, таъсиру мавқеи онҳо дар инкишофи адабиёти халқ ёрӣ мерасонад. Айнӣ ва эҷодиёти ӯ низ аз ҳамин қабил аст. Дар ин маврид бояд қайд кард, ки такрори мавзӯъ вобаста ба савияи дониш, таҷриба ва истеъдоди тадқиқотчӣ ҳар дафъа боиси пайдоиши фикру хулосаҳои нави илмӣ шуда метавонад. Таърихи омӯхта шудани нахустин романи тоҷикӣ «Дохунда» яке аз мисолҳои сершуморест.

Дар бораи романи «Дохунда» аз соли 1930 ин ҷониб мақолаи зиёде чоп шуда, фикру мулоҳизаҳои бисёре баён шудааст. Ғайр аз ин, рисолаҳои илмӣ ҳам навишта шудаанд, ки яке аз онҳо ҳамин рисолаи Атахон Сайфуллоев мебошад. А.Сайфуллоев дар ин асари худ таҳлили яклухти романро мақсаду мавриди тадқиқоти илмӣ қарор додааст, ки номи китоб - «Романи С.Айнӣ «Дохунда» низ бо ин марому мақсади кор мувофиқат мекунад ва бо мундариҷаву дараҷаи илмии худ аз рисолаҳои дар ин мавзӯъ навишташуда фарқи муайяне дорад. Аз ин рӯ, такрори мавзӯъ иборат аз такрори муқаррарии мазмунҳо ва фактҳои адабӣ не, балки як воситаи равшанкунандаи як қатор масъалаҳои номуайян, пуркунандаи баъзе хулосаҳои илмии мавҷуда, ислоҳкунандаи баъзе мулоҳизаҳои ғалат ва як навъ ҷамъбасткунандаи таҷрибаи илмии оид ба омӯзиш ва таҳлили асари бадеӣ шудааст.

А.Сайфуллоев дар роҳи иҷрои вазифаи супоридашуда доир ба омӯзиш ва тадқиқи нахустин романи тоҷикӣ «Дохунда» қадами тозае пеш гузоштааст. Дида мешавад, ки А.Сайфуллоев барои ҷамъбаст кардани корҳои дар ин мавзӯъ кардашуда ва таҷрибаи на чандон зиёди илмию адабии худ кӯшиш намуда, дар натиҷаи таҳлилу тадқиқи фактҳои эҷодӣ, дар ҳақиқат, асари наве ба вуҷуд овардааст, ки

барои омӯхтани таърихи адабиёти советии тоҷик, хусусан, таърихи инкишофи насри нав материали муҳиме хоҳад буд.

Таҳлили яклухти «Дохунда» ба чор масъалаи асосӣ, ки чор қисми таркибии рисоларо ташкил медиҳад, асос ёфтааст. Масъалаи якум - тайёрии тадриҷӣ ва таҷрибаи эҷодии С.Айнӣ аз повест то роман мебошад, ки бисёр масъалаҳои муҳими илмӣ ва назариро дар бар мегирад. Дар ин қисми кор дар бораи сарчашмаҳои насри ҳозираи тоҷик, омӯзиши эҷодии С.Айнӣ аз фолклор ва адабиёти классикӣ, эҷодкорона давом додани баъзе анъанаҳои меросӣ дар соҳаи наср, таърихи шиносоии Айнӣ бо адабиёти насрии рус ва халқҳои дигар ва ғайра маълумоти илмӣ ва хулосаҳои ҷолиби диққат дода шудаанд.

Муаллиф вобаста ба баёни тайёрии тадриҷии С.Айнӣ ба навиштани роман як қалам ба таърихи инкишофи жанри роман дахл карда, мухтасар бошад ҳам, маълумоти пухтаи назарӣ медиҳад ва дар баробари хулосаҳои дигари илмӣ доир ба рол ва таҷрибаи эҷодии Айнӣ дар бобати омезиши ба худ хоси анъанаҳои насри Шарқ ва Аврупо дар насри нави тоҷик ишорае менамояд. Масъалаи мазкур дар ин рисола тафсил наёфта бошад ҳам, барои минбаъд вобаста ба омӯзиши насри С.Айнӣ пурраву пухта муайян кардани он кумак мерасонад.

Баёни ҳамаи ин масъалаҳои муҳими эҷодӣ ва назарӣ дар айни ҳол ҳамчун шарҳи ҳоли асосгузорандагии С.Айнӣ дар таърихи ташаккул ва инкишофи насри нави тоҷик ва омилҳои пайдоиши жанрҳои нав ба назар мерасад, ки ин яке аз мақсадҳои асосии тадқиқоти муаллиф аст. Ба ҳамин тариқ, А.Сайфуллоев таҳлили худро дар асоси баҳсу муҳокима ва радду тасдиқи маҷмӯи фикрҳо ва далелҳо давом дода, худро ба таҳлили асар ва хонандаро ба фаҳмидани моҳияти он тайёр менамояд.

Тобистони соли 1951 устод С.Айнӣ як гурӯҳ адабиётши-

носҳоро дар кабинети президентии худ ҷамъ карда, барои ривоҷи кори адабиётшиносии тоҷик маслиҳатҳои даркорӣ дод. Баъди маҷлис, дар ҳангоми суҳбати ғайрирасмӣ бо як мунаққиду адабиётшиноси ҷавон, риштаи суханро ба мақолаи дар ҳамон рӯзҳо чопшудаи он мунаққид пайваста гуфт: рафиқ. . . , ман мақолаатонро хондам, бад не; дар он дар бораи эҷодиёти ман ҳам гап задаед; реализм, романтизм, натурализм... мегӯед. Аммо ман ба шумо гуфтанӣ ҳастам, ки ман ба «изм»-ҳо кор надорам; ман кӯшиш кардам ва кӯшиш мекунам, ки ҳақиқати ҳаётро, воқеаҳои зиндагиро, кору кирдори одамонро дуруст ва пурра, моҳияташонро вайрон накарда нишон диҳам. . .

Ин қайди сарироҳии устод маҳз вобаста ба термини «натурализм» воқеъ шуда буд, вагарна ӯ аз моҳияти ин «изм»-ҳо огоҳ буд ва хуб мефаҳмид, ки худ чӣ дар тасвири ҳаёти гузашта ва чӣ дар нигориши ҳаёти муосир устуворона бо роҳи реализм рафта истодааст ва реализми ӯ бо талаботи ҳаёти сотсиалистӣ пурра мувофиқат мекунад. Бузургии С.Айнӣ низ дар ҳамин маҳорати ҳайратафзои ҳақиқатнигории ӯст.

А.Сайфуллоев ҳамин ҳақиқатнигории устодона ва пояи нави такомулоти маҳорати адабии С.Айниро вобаста ба таҳлили мундариҷаи ғоявии романи «Дохунда» хеле хуб нишон додааст. Ин масъала дар қисми дувуми рисола алоқамандона бо баёни маҳорати воқеанигорӣ ва силсилабандии нависанда, таҳлили сюжет ва композитсияи роман ва дар қисми сеюм вобаста ба таҳлили образҳои асар тадриҷан равшан мегардад.

Дар рисола нақли сюжет не, балки характеристикаи сюжет дар асоси таҳлили санъати нависандагии С.Айнӣ дар силсилабандии воқеаҳо ва бандубасти бадеии асар дида мешавад. Муаллиф рол ва аҳамияти образҳоро дар сюжетсозӣ нишон дода истода ба масъалаи роҳу тарзи офарини-

ши образҳо мегузарад ва дар асоси далелҳои муътамади воқеӣ ва таъкидҳои худи нависанда доир ба сарчашма ва асосҳои офариниши образҳои воқеӣ (мисли Абдуллохӯҷа) ва эҷодӣ (монанди Ёдгор) хулосаҳои мувофиқ мебарорад.

Муаллифи рисола дар ҷараёни таҳлили фактҳои адабӣ ба инкишофи мантиқии образҳо ва характерҳои роман аҳамияти махсус дода, чунон ки дар боло қайд шуд, бо роҳи баҳсу муҳокима ва баҳодиҳӣ натиҷаҳои дурусти илмӣ баровардааст. Бо ин мақсад ба таҳлили ҳаёти маънавии образҳои «Дохунда» бо роҳи қиёси онҳо бо образҳои асарҳои дигари нависанда (мисли Ёдгор-Одина, Гулнор - Гулбибӣ - Ҳабиба, Абдуллохӯҷа - Мирзо Усмон ва ғайра) эътибор дода шудааст.

А.Сайфуллоев дар ҷараёни тасвир ва таҳлили фактҳои адабӣ ва эҷодӣ кӯшиш кардааст, ки дар баробари нишон додани меҳнати бузурги эҷодии Айнӣ пешрафти ғоявӣ ва такомулоти маҳорати нависандагии ӯро ҳам нишон диҳад. Дар ҳақиқат, мавҷи воқеа ва ҳодисаҳои гузаштаву ҳозира, издиҳоми мардуми гуногунтабақаи ҷамъияти куҳнаву нав ва ҷараёни мубориза бардавоми ғояҳои синфӣ ва ҷамъиятӣ, ки ба қалам оварданашонро С.Айнӣ ба уҳда гирифта буд, нависандаро ором намегузоштанд. Чунон ки ин ҳодиса дар вақташ бо Л.Н.Толстой рӯй медод. Вақте ки С.Айнӣ сари мизи кор нишаста, қалам ба даст мегирифт, гӯё ҳодисаҳо ва одамон ӯро муҳосира карда талабу илтимос менамуданд. «Аввал дар бораи ман навис . . . Аввал ба ман сухан деҳ!»

Кӯшиши ғайрат ва кӯшиши ҳунарнамоии устод Айнӣ ҷавоби сазовори ӯ ба ҳамин талаботи таърих, ватан ва халқи худ шудааст. Ин аст, ки ҳар як асари устод асари марҳилавист ва як зинаи инкишофи насри советии тоҷик мебошад.

Муаллифи рисола кӯшиш кардааст, ки меҳнати навоваронаи эҷодии С.Айниро вобаста ба ҷараёни умумии адабиёти ватанамон нишон диҳад.

Устод Айнӣ на фақат ҳамчун таърихи зинда ва хазинаи бойи донишҳои ҳаётӣ ба воситаи асарҳои худ хонандаро бо ғизои маънавӣ саршор менамуд, балки ӯ ҳамчун устоди каломи бадеӣ дар сухансароӣ ва нигориши лавҳаҳои бадеӣ ҳунарнамоии санъаткоронае карда, боиси ибрати адибони тоҷик ва ҳайрати хонандагони бисёрмиллионии худ гардидааст. Романи «Дохунда» дар намоиши санъат ва маҳорати адабии устод Айнӣ мавқеи муҳиме дорад. Аз ин рӯ, А.Сайфуллоев қисми чоруми рисолаи худро маҳз ба ҳамин масъала бахшидааст.

Муаллиф мувофиқи роҳи пешгирифтаи худ (таҳлили яклухт) дар ин қисм ҳам кӯшише зоҳир менамояд, ки дар асоси таҳлили якҷояи пай дар пайи санъату маҳорати нависанда як қатор масъалаҳои адабиро равшан карда, доир ба услуб ва забони асар баъзе хулосаҳо диҳад ва бо худи ҳамин пуррагии таҳлили романро таъмин намояд. Ӯ дар бораи ташбеҳот, истиора ва кинояҳои рангоранги нависанда гап зада, роли онҳоро дар бадеияти сухан ва баёни маънӣ ва санъати нависандаро дар сухандонӣ ва суханронӣ нишон медиҳад; дар бораи кор фармудани ибораҳои халқӣ ва материалҳои фолклорӣ дар «Дохунда» сухан карда, доир ба як сарчашмаи бойи эҷодиёти нависанда хулоса мебарорад.

Дар ин маврид қайд кардан зарур аст, ки агар дар қисми таҳлили истифодаи фолклор ғайр аз зарбулмасал материалҳои дигари фолклории роман низ ҷалб карда мешуд, хулосаи муаллиф оид ба ин равияи услубии нависанда пурратар мегардид.

Таҳлили забони персонажҳо, тобишҳои услубии сухани онҳо ва таҳлили санъати диалог мухтасар дода шуда бошад ҳам, барои муайян кардани инкишоф ва тағйироти фикрию ғоявии персонажҳои роман, инчунин, барои муайян намудани равияи услуби С.Айнӣ аҳамияти калон дорад. Таҳ-

лили санъати диалог бошад, бо вуҷуди нопуррагии худ, як ҷиҳати муҳими маҳорати Айниро муайян мекунад ва азбаски ин соҳаи кор яке аз кӯшишҳои аввалин мебошад, барои кори оянда роҳ мекушояд.

С.Айнӣ дар санъати портреткашӣ устоди моҳир ва дар санъати лавҳанигорӣ (тасвири манзара - пейзаж) санъаткори беҳамтост. Романи «Дохунда» бо материали бойи худ низ ин соҳаи маҳорати хоси Айниро намоиш медиҳад. А.Сайфуллоев дар охири қисми чоруми рисолаи худ дар ин бобат таваққуф намуда, қувваи сеҳрофарини ин қаламкаши моҳир, донишманди борикназар ва мутафаккири нозукхаёл - устод Садриддин Айниро нишон додааст.

Ин кори илмии А.Сайфуллоев бори дигар исбот мекунад, ки таҳлили яклухти асарҳои ҷудогона барои ҳалли бисёр масъалаҳои адабӣ материали зиёде ва ёрии бевоситаи назарию амалӣ расонида метавонад.

*Н.Маъсумӣ,*

*Ходими хизматнишондодаи илми РСС Тоҷикистон*

Ман дар соли 1965 азми Хуҷанд кардам. Носирҷон Асадович инро ҳаргиз намехостанд. Ба хона омада хоҳиш кардаанд, ки зан вазири шавҳар аст, ба кӯч бардоштан розӣ нашавед. Ман фаҳмидам, ки баъзе ёваронам ӯро ранҷондаанд. Тирамоҳи гузашта дар маҷлиси ҳизбӣ Атахонро мазаммат кардаанд, ки лаборант ҳам панҷ кг пахта чидаасту шумо, номзади илм, ҳам. Аҷабо! Миқдори пахта ба дараҷаи илмӣ чӣ алоқа дорад. Ғайр аз ин, агар дар пахтазор ҳосил намонда бошад, чиро бичинад? Ин тарзи муомила ба иззати нафси ӯ расидааст. Атахон олим аст, аз шумо илтимос, Мавҷудахон, фаҳмонед, ки бо кайк ҷанг карда пӯстинро насӯзад.

Ман ба номи президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон ариза навишта илтимос карда будам, ки бемории модарамро ба инобат гирифта, рухсат бидиҳанд, ки банда ба хизма-

ти волида биравам.

Устод Маъсумӣ ба ҳузури Муҳаммад Сайфиддинович Осимӣ даромада, изҳор доштанд, ки ба рафтани ман аз институт қатъиян розӣ нестанд. Таълифи «Таърихи адабиёти советии тоҷик» дар шаш ҷилд ба нақша гирифта шудааст. Сайфуллоев яке аз муаллифони ҷилди якуми «Таърихи адабиёти советии тоҷик» аст. Агар ӯ биравад, нақшаҳои мо вайрон мешавад.

Аммо ман аз райъам барнагаштам. Аз конкурс гузашта, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Хуҷанд интихоб шудам.

Тибқи хоҳиши Носирҷон Асадович устод Осимӣ ба директори Донишкадаи Хуҷанд нома ирсол намуда, хоҳиш карданд, ки барои ман шароит муҳайё намоянд, то ки мавзӯи худро барои ҷилди аввали «Таърихи адабиёти советии тоҷик» тадқиқ ва таълиф карда битавонам.

Дар донишкада дарси маро панҷоҳ фоиз кам карданд. Дар давоми як сол қисмати насри ҷилди аввалро навишта ба унвони устод Маъсумӣ фиристодам. Устод Маъсумӣ ва дигар аъзои ҳайати таҳририя - И.С.Брагинский, М.Шукуров, Раҷаб Амонов дастнависи маро мутолиа карда, маъқул шуморидаанд. Вале азбаски «Назми солҳои бистум ноқис ва консепсияаш ба аъзои ҳайати таҳририя, хусусан, ба Мирзо Турсунзода ва Муъмин Қаноат, роҳбарони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, писанд наомадааст, барои такмил ва тақвияти ҷиҳатҳои назариявии он номзади илмҳои филология, адабиётшинос Абдураҳмон Абдуманнонов ҷалб карда шуд. Ба ҳамин тариқ, ҷилди якуми «Таърихи адабиёти советии тоҷик» бо ҳаммуаллифии Х.Мирзозода, А.Сайфуллоев, А.Абдуманнонов дар соли 1984 интишор ёфт. Афсӯс, ки устод Маъсумӣ онро надида рафтанд.

Солҳои 60-уми қарни бист Институти адабиёти ҷаҳонӣ ба номи М.Горкии Академияи илмҳои Иттифоқи Шӯравӣ таъ-

лиф ва нашри «Таърихи адабиёти сермиллати советӣ»-ро дар шаш маҷаллад ба нақша гирифт. Дар таълифи он ҳамаи институтҳои адабиёти ҷумҳуриҳои бародар, аз он ҷумла, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон низ ширкат варзид.

Устодон Муҳаммадҷон Шукуров ва Носирҷон Маъсумӣ маслиҳат карда, навиштани «Адабиёти советии тоҷик»-ро дар солҳои 60-ум барои ҷилди панҷуми «Таърихи адабиёти советии тоҷик»-и номбурда маро тавсия карданд. Қисмати «Драматургия»-и онро ҳамкори мо Л.Н.Демидчик аз дасти таълиф баровroutes. Ҷилди мазкур дар нашриёти «Наука»-и Маскав соли 1974 чоп шуд. «Таърихи адабиёти сермиллати советӣ» ба як қатор забонҳои хориҷӣ тарҷума ва нашр гардид. Устод Маъсумӣ онро дида изҳори хурсандӣ карда буданд, ки адабиётшиносони тоҷик дар таълифи чунин тадқиқоти муътабар ширкат варзиданд. Ин шаҳодат медиҳад, ки сатҳи тафаккури илмии онҳо баланд рафта, донишмандони серталаби Маскавро қаноат кунонидааст.

Аз моҳи августи соли 1965 ман дар Хуҷанд зиндагӣ ва кор мекарда бошам ҳам, дасти мадад ва ғамхории пайвастаи устод Маъсумиро ҳис мекардам, робитаи ман бо Институти Рӯдакӣ, хусусан, бо падари маънавиам канда намешуд. Тирамоҳи ҳамон сол дар Душанбе, дар толори Академияи илмҳои Тоҷикистон 50-солагии зодрӯзи устод бо шаъну шукӯҳ таҷлил карда шуд. Барои табрики устод муовини директори Донишкадаи давлатии омӯзгории Хуҷанд, шогирди соҳибҷашн Темурхон Мақсудов ва ман омадем. Тибқи суннатҳои миллӣ барги сабз-гӯён ҷома, тоқӣ ва рӯймол оварда будем. Темурхон Мақсудов номаи табрикиро қироат кард, ман ҷомаеро, ки ба қомати баланди Носирҷон Асадович мезебид, пӯшонда, бо орзуҳои зиёд, ки чун кӯҳ устувор бошанд, рӯймолро ба камарашон бастам. Бегоҳӣ дар ҳавлиашон зиёфати шоҳона хӯрдем.

Ман ва Темурхон Мақсудов борҳо ба хонаи устод меҳмон шуда, нону намакашонро фаровон нӯши ҷон кардаем. Агар устод ба ҷомҳои булӯрин май бикашанд, Темурхон Мақсудов баҳона пеш меовард, ки аз як қатрааш сурх шуда, таб мебароранд, бино бар ин наменӯшиданд.

- Гиретон, нӯши ҷон шавад, - бо лаҳҷаи ширини тоҷикӣ мурoот мекарданд Вера Пантелеймоновна ва шӯхиомез меафзуданд: алкаголики...

- Янгаҷон, ман ошкаголик, - шӯхӣ мекарданд Мақсудов.

Таъбири мутоибавии «Ошкаголик» ба устод Маъсумӣ ва завҷаашон хеле писанд омад ва аз ҳамин соат лақаби Темурхон Мақсудов «Ошкаголик» шуд. Ҳар боре, ки ман ба устод Маъсумӣ вохӯрам, аз ман мепурсиданд:

- Аҳволи Ошкаголик чӣ тавр аст?

Абдуқодир Маниёзовро, ки солҳои зиёд муовини Носирҷон Асадович буданд, Арӯзӣ меномиданд, чунки эшон бо ҷавонон дар бораи арӯз суҳбатҳо мекарданд.

Худи ҳамон сол - 1965 дар Хуҷанд, дар Театри давлатии мазҳакаи мусиқии вилоятӣ 60-солагии зодрӯзи нависандаи ҷанговар, поягузори ҳикояи реалистӣ дар адабиёти муосири тоҷик Ҳаким Карим таҷлил карда шуд, ки дар он банда роҷеъ ба ҳаёт ва эҷодиёти ин шаҳиди Ҷанги Бузурги Ватанӣ маърӯза кардам. Дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Хуҷанд низ шаби адабии Ҳаким Карим барпо гардид. Маслиҳатгари беминнати ҳамаи ин тадбирҳои Рӯдакӣ аз Душанбе устод Маъсумӣ ва дар Хуҷанд Раҳим Ҷалил буданд. Ба ин маҷлисҳои пурфайзу бошукӯҳ устодон Муҳаммад Осимӣ, Носирҷон Маъсумӣ, Муҳаммадҷон Шукуров, Раҳим Ҳошим, Ғанӣ Абдулло, Шарифҷон Ҳусейнзода, Маҳваш Ҳодиева, ҳамсари Ҳаким Карим Бонухон, фарзандони эшон Диловар, Ҷанговар, бародарзодаи нависанда Абдуллоҷон Абдукаримов ва дигарҳо ширкат варзиданд ва суханронӣ карданд. Робитаи кафедраи адабиёти тоҷики Донишкадаи Хуҷанд бо

Академияи илмҳо ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мустаҳкам мешуд. Сарҳалқаи ин занҷири иртибот устод Маъсумӣ буданд.

Бо салоҳдиди Носирҷон Асадович Донишкадаи Хуҷанд ду нафар адабиётшинос - устоди муаззам Муҳаммадҷон Шукуров ва Салоҳиддин Солеҳовро ба кори педагогӣ даъват карда буд. Муҳаммадҷон Шукуров 0,5 ставка ва Салоҳиддин Солеҳ соатбаъй барои донишҷӯён лексияҳои пурмуҳтаво мехонданд. Бо маслиҳати устод Маъсумӣ Муҳаммадҷон Шукуров роҳбари илмии сармуаллими кафедраи адабиёти тоҷик Аҳмадҷон Усмонов таъйин шуданд. Ҳимояи рисолаи ӯ дар мавзӯи «Унсурҳои ҳаҷвӣ дар асарҳои ғайриҳаҷвӣ» бомуваффақият гузашт. Устод Маъсумӣ Хуҷандро ва хуҷандиён устоди арҷмандро дӯст доштанд. Бо ташаббуси кафедраи адабиёти тоҷик роҳбарияти Донишкадаи Хуҷанд бо устод Маъсумӣ аҳду паймон карданд, ки соли 1967 конфронси илмии «Солонаи Айнӣ» дар Хуҷанд баргузор хоҳад шуд. Дар кори конфронси сайёр устод Маъсумӣ, Муҳаммадҷон Шукуров, Соҳиб Табаров, И.С.Брагинский (Маскав), Раҳим Муқимов (Самарқанд), Набӣ Раҳимов (Тошкент) ва дигарҳо ширкат варзида, маърӯза ва гузоришҳои ҷолиб карданд. Чунон ки устод Соҳиб Табаров фармуданд, «гули сари сабади ин маърака Носирҷон Маъсумӣ буданд». Хизмати дӯстони ман Темурхон Мақсудов, Юсуфҷон Салимов, Аҳмадҷон Усмонов дар меҳмоннавозӣ ба Носирҷон Асадович ва дигарон хеле маъқул шуд.

Устод Маъсумӣ ба камина мегуфтанд, ки «ба хизмати модар ба Хуҷанд омадед, ман фикр кардам, кори хуб шуд, лекин ҷои шумо Душанбе аст, рӯзе мешавад, ки шуморо боз ба пойтахт мебаранд».

Соли 1966 академик - котиби шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии АИ Тоҷикистон Зариф Шарифович Раҷабов ба Донишкадаи Хуҷанд ташриф оварданд. Бо роҳбарияти до-

нишкада маслиҳат ороста, маро ба номзадии узви вобастаи Академия пешбарӣ карданд. Шӯрои калони илмии донишкада ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор дод. Номзадии маро аҳли илми донишкада якдилона маъқул ёфтанд. Қарори Шӯрои калони илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдорро профессор Ғафур Ҳайдарович Ҳайдаров шахсан бурда ба академия супориданд. Вақте ки дар рӯзномаҳои «Тоҷикистони советӣ» ва «Коммунист Таджикистана» эълони Академияи илмҳои Тоҷикистон, миқдори ҷойҳо ва ному насаби пешниҳодшудагон чоп шуд, дидам, ки ба як ҷой ду нафар пешниҳод шудаем: устоду шогирд Носирҷон Маъсумӣ ва Атахон Сайфуллоев. Ғоибона хиҷолат кашидам, ки аз пешниҳод шудани устодам сари вақт огоҳ нашудаам, вагарна ман ҳаргиз розӣ намешудам, ки як ҷойро ду нафари мисли падару писар наздик талош кунем. Бо ҳеҷ кас маслиҳат накарда, ба номи Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон нома навиштам ва таъкиду таъйид намудам, ки номзадии маро аз рӯйхати муддаиён берун андозанд, ҳаргиз ба овоздиҳӣ нагузоранд. Дар номаи худ тазаккур додам, ки танҳо Носирҷон Асадович сазовори интихоб шудан ба мартабаи баланди илмии узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон мебошанд. Фикри худро бо далелҳо ба исбот расонидам.

Ҳарчанд ки почта нағз кор мекард, хавотир шудам, ки баногоҳ мактубам ба тасодуфе гум шавад ё дарягон шуъбаи почта дар натаҷаи каммасъулиятии корманде дер монад. Онгоҳ чӣ мешавад? Албатта, қонунан ман ҳуқуқ доштам, ки ба узвияти академия пешниҳод бишавам. Вале аз ҷиҳати маънавӣ ва ахлоқӣ кори нохуб мешуд, суннатҳои миллии тоҷикон дар бораи эҳтироми устод, арҷ ниҳодан ба устод риоя намешуд. Ба хотирам ҳикмати машҳур расид:

*Ҳаққи устод аз падар беш аст,*
*В-аз падар устод дар пеш аст.*

Парвоз кардаму рост ба ҳузури Муҳаммад Осимӣ рафтам. Номаамро бо ду дасти адаб ба сарвари олимони ҷумҳурӣ супоридам. Он кас дипломати нозук буданд: на хурсандиашонро, на хафагиашонро зоҳир накарданд. Танҳо гуфтанд: дида мебароем.

Сипас, ба назди устод Маъсумӣ шитобидам. Он бузургворро бо пешниҳод шуданашон ба узвияти академия самимона муборакбод намудам ва бо камоли эътимод гуфтам, ки ҳатман интихоб хоҳанд шуд. Пас аз камтар суҳбат иҷозаи бархостан кардам.

- Ба шарте ҷавоб медиҳам, ки бегоҳӣ хона биёед, - боисрор таклиф намуданд устод.

Дар атрофи дастурхони устод то поси шаб суҳбат кардем ва пагоҳ бо хотири ҷамъ ба Хуҷанд баргаштам.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Бо даъват ва таклифи устод Мирзо Турсунзода моҳи августи соли 1968 ман котиби масъули Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб шудам. Маоши ман ҳамчун мудири кафедра 400 сум буд, аммо моҳонаам дар Иттифоқи нависандагон 180 сум, аз панҷоҳ фисад ҳам камтар будааст. Ман дар ин бора лаб накушода, ду устоди ғамхор - Мирзо Турсунзода ва Носирҷон Маъсумӣ гуфтугӯ карданд, ки маро ҳамчун ходими калони илмӣ аз рӯи 0,5 ставка ба хидмати Институти Рӯдакӣ қабул менамоянд. Ман хушнуд будам, ки бо устодони забардасти илму адаб кор мекунам.

Дар нақшаи институт таълифи таърихи нави «Адабиёти тоҷик» дар даҳ ҷилд тазаккур ёфта буд. Шаш ҷилдаш дар ихтиёри шуъбаи адабиёти классикӣ (Р.Ҳодизода) ва чаҳор ҷилдаш дар ҳисоби шуъбаи адабиёти советии тоҷик буд. Ба таълифи ҳамаи ҷилдҳо Носирҷон Асадович роҳбарӣ мекарданд. Мувофиқи нақша ман уҳдадор шудам, ки чеҳраи эҷодии Ҳаким Каримро бинависам.

Дар соли 1965 ба муносибати 60-солагии зодрӯзи ин на-

висандаи тозапарвоз ман ва Маҳваш Ҳодиева асарҳои мунтахаби адибро таҳти унвони «Оқшуда» ба нашр расонида будем. Камина зарра-зарра аз рӯи ҳикояти мардум - ёру ошноҳои Ҳаким Карим тарҷумаи ҳоли ӯро барқарор ва мероси адабиашро ҳамчун пешгуфтори нисбатан мукаммали китоб таҳти унвони «Ҳаёти ман - мубориза» таҳлил карда будам. Бинобар он, ба назарам чунин расид, ки тадқиқи чеҳраи эҷодии ӯ нисбатан осон даст медиҳад. Бо супориши устод Маъсумӣ, ки узви ҳайати таҳрири «Краткая литературная энциклопедия» буданд, барои ин қомус роҷеъ ба Суҳайлӣ Ҷавҳаризода ва Ҳаким Карим мақолаҳо навишта будам. Хулоса, ба қавли устод Маъсумӣ, «дар бораи Ҳаким Карим ва мероси адабии ӯ тасаввури равшан доштам». Ин идомаи насри солҳои бистум буд, ки барои ҷилди аввали «Таърихи адабиёти советии тоҷик» таҳқиқ кардам. Лекин ҳам устод Маъсумӣ, ҳам устод Шукуров ишора карданд, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти Ҳ.Карим нигоҳи нав андохтан лозим меояд.

Очерки банда «Ҳаким Карим - фидоии Ватан», ки дар китоби «Бомдоди ошиқон» (Хуҷанд, 1993) чоп шудааст, асосан, самараи ҳамкорӣ бо Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ дар солҳои хизматам дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

Устодро ҳамагон ҳамчун инсони хеле нарму беозор мешинохтанд. Ҳамин хислатҳояшон дар асарҳои танқидӣ-адабиашон низ аён аст. Танқидҳои сахтро намепазируфтанд. Охири солҳои шастум ва ибтидои солҳои ҳафтодум рӯзномаю маҷаллаҳои адабию фарҳангӣ роҷеъ ба масъалаҳои дидактизм дар адабиёти тоҷик мақолаҳо ба табъ расонда, пандро хати батлон мекашиданд. Ман ба ин баҳсҳо шарик шуда, як мақолаи тунду тез навишта будам, мақолаҳои як шоири намоёнро ба зери танқид мегирифтам. Хостам аз назари устод гузаронам, Носирҷон Асадович дар бустонса-

рои Иттифоқи нависандагон дар Варзоб буданд, рафтам. Бо дӯсти худ марди фозил Иброҳимҷон Раҳматов суҳбат доштанд. Ман ба суҳбат шарик шудам, сипас, хӯроки шом хӯрдем, ба қавли устод, «қиттӣ-қиттӣ» (кам-кам) шароб нӯшидем. Сипас, фармуданд, ки мақолаамро хонам, мақола калон буд, қироат кардам, сабурона ҳар ду дӯст гӯш карданд. Фикре пайдо шавад, маро аз хондан нигоҳ дошта, изҳор менамуданд. Вақте ки ба нуқтаи таммат расидам, устод аввал андешаи Иброҳимҷон Раҳматовро пурсиданд. Он кас гуфтанд, ки мақолаи даркорист, вале тунду тез аст. Устод Маъсумӣ фармуданд, ки мақоларо нармтар кардан лозим, дар шакли ҳозирааш чоп шавад, рақибонатон зиёд мешаванд. Беҳтараш, ба чоп надиҳед, нигоҳ доред, ягон вақт истифода мебаред.

Маслиҳатро пазируфтам. Он мақола дар ҳаҷми бештар аз як ҷузъи чопӣ то ҳол дар бойгонии ман аст.

Ба устод Маъсумӣ мақолаҳои ҷиддии проблемӣ, ки дар сатҳи баланди фарҳангӣ навишта шуда бошанд, маданияти баҳсу мунозираашон хубу марғуб бошанд, писанд меомаданд. Дар ин бобат таълифоти академик М.Б.Храпченко, Г.И.Ломидзе, И.И.Анисимов, Мирзо Турсунзода, Самад Вурғунро мисол меоварданд.

Дар арафаи як Пленуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон устод хоҳиш намуданд, ки ҳамроҳ роҷеъ ба нақди адабӣ ва муаммоҳои он мақола нависем. Чанд шаб ҳамроҳ нишаста мақоларо навиштем, ки он таҳти унвони «Танқиди адабӣ ва вазифаҳои имрӯзаи он» дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» 23 майи соли 1969 чоп шуд. Суҳбатҳои устод дар бораи санъати нақди адабӣ ва сабки он барои ман сабақҳои фаромӯшнопазир гардиданд.

Баъзе мақолаҳои дастҷамъие, ки ҳамроҳи устод менавиштем, дар тақдири одамон нақши ҳалкунанда мебозид.

Масалан, маҳбубтарин ҳофизи халқ, устоди «Шашмақом» Барно Исҳоқова дар инкишофи мақомсароӣ саҳми бузург гирифта бошад ҳам, унвони ифтихории «Артисткаи халқии РСС Тоҷикистон»-ро аз ӯ дареғ медоштанд. Рӯзе бо устод Маъсумӣ маслиҳат кардем, ки дар ин хусус як мақола менависем. Носирҷон Асадович, ки худ ошиқи «Шашмақом» ва мухлиси Барно Исҳоқова буданд, розӣ шуданд. Мақола тайёр шуд. Дар ҷои якум ном ва насаби устод Маъсумӣ меистод. Мақоларо хонданд ва ба зераш имзо гузоштанд. Ба он Муҳаммадҷон Шукуров, Абдуқодир Маниёзов, Нуъмон Неъматов, Юсуфҷон Салимов, Шарафнисо Пулодова, Ӯктам Пулодов ва ман низ имзо гузоштем. Мақола таҳти унвони «Садои дили Барно» дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (10 июли 1966) чоп шуд. Вай диққати ҳукумати Тоҷикистонро ба худ кашид. Дере нагузашта Барно Исҳоқова сазовори унвони баланди «Артисткаи халқии Тоҷикистон» гардид.

Бамаврид аст бигӯям, ки мулоқоти устод Маъсумӣ, ман, Барно Исҳоқова дар хонаи ӯ дар очерки банда «Шоҳи хубон» («Адабиёт ва санъат») тасвир ёфтааст.

Устод мисли боғбоне, ки гул ё дигар набототро парвариш мекунад, ба ҳар як навиштаи кӯчак ё бузурги шогирдони худ аҳамият медоданд. Вақт ёфта онҳоро аз назари мутолиа мегузаронданд, дар суҳбатҳо ҳусну қубҳашро ишора менамуданд. Ман аксарияти китобҳоямро бо маслиҳати устод Маъсумӣ ё Мирзо Турсунзода навиштаам. Вале устод аз таълифи рисолаи «Ақидаҳои адабии В.И.Ленин ва адабиёти тоҷик» (1971) хабар надоштанд. Вай масъалаҳои табиати адабиёт ва заминаҳои воқеии он, муаммоҳои реализм, тип ва типофаринӣ дар адабиёт, халқияти адабиёт, анъана ва навоварӣ, ягонагии метод ва рангорангии сабкҳои эҷодиро фаро мегирифт. Вақте ки асар дар нашриёти «Ирфон» ба

чоп расид, ман як нусхаи онро ба хидмати устод бурдам, ки академик-котиби Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии АИ Тоҷикистон буданд, маҷлис доштанд. Ман ҳам фурсати зиёд надоштам. Китобро ба котибаашон монда баргаштам. Баъд аз ду-се рӯз, ки ба дидори устод рафтам, маро бо нашри китоб табрик карда гуфтанд:

- Ин рисолаи тайёри докторӣ аст, фақат онро ба шакли диссертатсия даровconfigurationарда, феҳристашро тартиб додан лозим аст.

Гуфтам, ки ин аз китобҳои муқаррарист, ба муносибати 100-солагии зодрӯзи В.И.Ленин навишта будам, лекин бародарам аз ҳаёт гузаштанд, ба маъракаҳояшон овора шуда, онро дар вақташ ба чоп омода карда натавонистам.

- Ба ҳар ҳол дар адабиётшиносии тоҷик асари тозаи назариявӣ маҳсуб мешавад.

Ман солҳои зиёд ба таълифи чунин асар омодагӣ медидам. Солҳои аспирантиам аз мағозаи китобфурӯшии Душанбе, ки дар шафати Театри драмавии русии ба номи В.Маяковский воқеъ буд, китобе харидам таҳти унвони «В.И.Ленин о культуре и искусстве». Аз мутолиаи он баҳра бардошта тибқи тақозои замон якчанд мақола навиштам, ки дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» (Тоҷикистони советӣ) ва дертар дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуданд. Ҳатто, як мақолаам - «Таълимоти В.И.Ленин дар бораи адабиёт» дар озмуни рӯзнома пирӯз шуда, сазовори ҷоиза гардида буд.

Устод Маъсумӣ гуфтанд, ки асари тадқиқотӣ баробари бо сӯзан чоҳ кандан аст. Халқ мақоле ҳам дорад: қатра-қатра дарё, зарра-зарра кӯҳ шавад.

Аз суҳбати устод ман рӯҳ гирифтам, аз ишораашон фаҳмидам, ки бояд рисолаи докторӣ навишт. Вале дар шароити хизмат дар Иттифоқи нависандагон хоҳиши устодро иҷро намудан муҳол буд, вақт надоштам. Аммо ишораи устод маро дигар ором намегузошт. Мирзо Турсунзода ҳам розӣ

намешуданд, ки аз Иттифоқи нависандагон биравам. Бинобар он, пайт меҷустам. Иттифоқо Қарори КМ ҲКИШ дар бораи танқиди адабӣ-бадеӣ нашр шуд (1972).

Дар он як фикр таъкид ёфта буд, ки маҳорати касбии мунаққидонро такмил додан, ба рушду камоли маънавии онҳо мусоидат кардан лозим аст.

Пас аз талошҳо муваффақ шудам, ки қарори КМҲК Тоҷикистон дар бораи ба докторантураи яксолаи назди КМ ҲКИШ фиристодани ман қабул гардад.

Докторантура стипендия надошт. Ман аз маблағ танқисӣ мекашидам. Дар ҳамин вазъият боз устоди ғамхорам Носирҷон Маъсумӣ дасти мадад дароз карданд. Он кас ба муносибати ба Маскав рафтанам маро аз хидмати институт сабукдӯш накарданд, балки ба муҳосиб супориш доданд, ки маошамро бетаъхир ба нишонии нави ман ирсол намояд.

Боре устод ба Маскав рафтанд. Зимистон буд ба фикрам, дар меҳмонхонаи «Тоҷикистон» (Щусев, 13) қарор гирифтанд ва бо ман тамос гирифта, хоҳиш намуданд, ки наздашон биёям. Аз аҳволи ҳамдигар пурсон шуда, хеле суҳбат кардем. Мавзӯи асосии суҳбат диссертатсияи доктории ман ва рафти кори илмӣ буд.

- Бале, - гуфтанд устод, - қонунияти ташаккули ягонагии ғоявию эстетикии адабиёти халқҳои Осиёи Миёна..., хеле замонавӣ ва зарурист, аммо бисёр васеъ.

- Ҳудудаш муайяну мушаххас, - изҳор намудам ман, - дар солҳои 60-ум ва 70-ум,- ва афзудам: - дар иртибот бо адабиёти рус.

- Душвор аст, аммо миёншикан нест, - боварии маро ба тадқиқи масъала қавитар карданд устод, - Шумо аз адабиёти ин минтақа огоҳӣ доред, хизмат дар Иттифоқи нависандагон имконият дод, ки бо муҳимтарин нависандагони қазоқ, қирғиз,туркману ӯзбек шинос шавед, дар Маскав ҳам ошноҳо доред.

- Гап-гап ҳаст, ки дар Академияи илмҳои ҷамъиятшиносӣ Шӯрои ҳимоя танҳо бо адабиёти рус маҳдуд мешавад.

- Аз ин ҷиҳат ғам нахӯред, корро ба анҷом расонед, дида арз мекунем.

Суҳбати мо хеле давом кард. Худи устод ҳам ишора намуданд, ки диссертатсия нависанд ҳам, дар асоси маҷмӯи таҳқиқи қайдҳояшон коре омода карда, дар давоми як-ду сол шояд ба дифоъ бароянд.

Устод Маъсумӣ одами зиндадил буданд. Ҳазлу шӯхиро дӯст медоштанд. Баҳору тобистон, гоҳо фасли тирамоҳ низ ба бустонсарои Иттифоқи нависандагон рафта, кор ҳам мекарданду истироҳат ҳам. Мо ҳам дар пешгоҳи бустонсаро манзили сехонагие доштем, ки рӯй ба дарёи Варзоб ва тарабхонаи «Чорбед» буд. Як рӯзи истироҳат, баъди аз Маскав баргаштан, бо аҳли оила дар ин ҷо дам мегирифтем. Ҳаво хеле гарм буд. Ман якто харбузаи калони шакарпораро ба халтаи тӯр андохтам ва поин фаромадам, ба решаи дарахт бастам ва харбузаро бо тӯрхалта ба дарё гузоштам.

Бегоҳӣ устод Маъсумӣ ба хонаи мо ташриф оварданд. Палав дам буд. Ошро хӯрда шудем, ки устод фармуданд:

- Кошкӣ ҳозир ях барин якто харбуза бошаду ҳамроҳ кайф карда кушта хӯрем.

- Харбуза ҳаст, - гуфтаму зуд ба лаби дарё фаромадам. Аммо ҳайҳот, на харбуза буду на аз он нишоне. Малул баргаштам.

- Харбузаро об бурдааст, - афсӯс хӯрдам ман, - маълум, ки маҳкам набастаам.

- Зиқ нашавед, - устод аз ҷой бархостанд, - ба назарам дирӯз Верахон харбуза оварда буд. Хунук набошад ҳам, ҳазми таом гуфтаанд.

«Ман рафта меорам» гуфтанҳоям асар накард. Худашон

рафтанд ва зуд харбуза оварданд. Ман онро шинохтам. Харбузаи худамон буд.

- Ин магар парвоз карда ба хонаи шумо рафтааст, - гуфт ҳамсарам.

- Не, инро бурданд, - хандиданд устод, - Ҳангоме ки Атахон харбузаро ба решаи дарахт мебастанд, ман дар Чорбед будам ва мушоҳида мекардам. Бегоҳӣ лаб-лаби дарё омадам, ки харбуза дар ҷояш. Гирифтаму рафтам.

Ҳамаамон завқ кардем. Харбуза ширин, шӯхӣ ва суҳбати устод ширинтар буд.

Ҳамон тобистон, ба фикрам, устод бо корҳои илмии худ машғул буданд ва хеле хаста менамуданд. Вера Пантелеймоновна он касро ҳар рӯз хабар мегирифтанд ва хӯрокҳои лазиз тайёр мекарданд.

Як бегоҳӣ, ки мо ба шаҳр мерафтем, устод аз ман хоҳиш карданд, ки ин дафъа Лоиқ ва Ҷӯрабекро гирифта биёрам. Устод суҳбати ҷавонон, шеъри Лоиқ ва суруди Ҷӯрабекро дӯст медоштанд. Чанд рӯз дар шаҳр овора шудам, вале ба худ аҳд кардам, ки дер бошад ҳам, Лоиқ ва Ҷурабекро пайдо намуда, назди устод мебарам. Аз шеъру тарона бӯи ҳаёти ҷовидонӣ меояд.

Яке аз корҳои фаромӯшнопазире, ки устод Маъсумӣ ҳамчун сарвари институт ба ҷо оварданд, ҷамъ кардани мероси ғании илмӣ ва адабӣ-китобҳои қадимаи дастнавис ба ҳисоб меояд. Китобфурӯшҳо аз шаҳрҳои гуногуни Осиёи Марказӣ хӯрҷин-хӯрҷин китоб меоварданд, ки дар байни онҳо асарҳои таърихӣ, илмӣ ва адабӣ, китобҳои камёфт, ноёфт ва нодир ҳам вуҷуд доштанд. Устод дар институт комиссия оид ба хариди китобҳо ташкил дода буданд. Вай китобҳои дастнавис ва чопи сангиро аз назар гузаронида, заруриҳояшро барои китобхонаи институт мехарид. Устод, инчунин, китобшиносҳоро, аз қабили Салоҳиддин Солеҳов

(С.Салоҳ) ва Саидумар Султон, ба шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан, Кӯлоб... мефиристоданд, ки китобҳои дастнависи асримиёнагиро харида оранд. Носирҷон Асадовичро чунин факти таърихӣ бисёр азоб медод, ки дар солҳои сиюм одамон аз тарси маҳбус ё бадарға шудан ҳазор-ҳазор китобҳои гаронбаҳоеро сӯхтаанд, ба дарёҳо ғарқ кардаанд ё гӯронидаанд. Худашон нақл мекарданд, ки дар солҳои донишҷӯӣ буданашон як девони Ҳилолиро чӣ тавр ҳифз кардаанд. Зеро аз кормандони Кумитаи амнияти миллӣ ё умури дохилӣ касе дар хонаи сокинони Тоҷикистон, дар дасти устодон ё донишҷӯён китоби ба ҳуруфоти ниёгон навишташударо пайдо намояд, он китобдорро ба ҳабс мегирифт ё ба ягон гӯшаи дури мамлакат бадарға мекард.

Ман рӯзе ба устодонам Носирҷон Маъсумӣ ва Муҳаммадҷон Шукуров хабар додам, ки дастнависҳои Тошхоҷаи Асирӣ дар дасти фарзандони шоир - Акмалхон ва Сафохон маҳфузанд. «Мунтахаби ашъор»-и (1960) Асирӣ, ки бо таҳрири шоир Муҳаммадҷон Раҳимӣ чоп шуд, таҳриф шудаанд.

Устод ҳамон лаҳза ба Муҳаммадҷон Шарифович супориш доданд, ки ба фарзандони Асирӣ як нома навишта, ба овардани дастнависҳои шоир маро ба Хуҷанд фиристанд. Дар Хуҷанд бо Акмалхон ва Сафохон ҳамсуҳбат шудам ва фаҳмонидам, ки дар ихтиёри Академияи илмҳои Тоҷикистон будани мероси адабии падари бузургвор аҳамияти калон дорад, онро олимон меомӯзанд, тадқиқ мекунанд ва ба чоп ҳозир менамоянд. Онҳо арз доштанд, ки мо баъзе нусхаҳои дастнависи падарро ба Ҷалол Ҳоҷиев дода будем, аммо китобе, ки эшон ба нашр расонидаанд, моро хурсанд накард. Бинобар ин, дастнависҳои падар дар ихтиёри худамон бошад, беҳтар аст.

Ман маҷбур шудам, ки писар ва набераи кӣ будани худ-

ро муаррифӣ бикунам. Баъд аз ин ҳарду ҳам (ҳарчанд ки дар натиҷаи озори по шинухези Акмалхон душвор буд) аз ҷо бархоста бо ман оғӯшкашӣ карданд, гуфтанд, ки шумо хешу пайванди худамон будаед, гапро аз ҳамин сар кардан даркор буд.

Сипас, дастнависҳои Тошхоҷаи Асириро ба ман доданд.

Ман онҳоро ба Душанбе бурда, аввал ба устодони худ нишон додам ва баъд ба китобхонаи институт супоридам. Дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (2 марти соли 1961) таҳти унвони «Дафтари тозаи ашъори Асирӣ» мақола ҳам чоп кунонидам. Ҳамроҳи адабиётшинос Ҷумъабой Азизқулов дастнависҳои Асириро бо «Ашъори мунтахаб»-и ӯ муқоиса намуда, дар такрор ва нашри он нуқсонҳои ҷиддӣ бидидем. Сипас, мақолае бо номи «Таҳрир ё тафсир?» ҳамроҳи Ҷ.Азизқулов навиштем, ки дар маҷаллаи «Шарқи сурх» (1962, №5) ба чоп расид. Ин ҳама ибтидои худро аз муносибати ғамхоронаи устод Маъсумӣ ба мероси Асирӣ гирифтааст.

Китобхонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон бо ғайрат ва ҳиммати устод Маъсумӣ ғанӣ гардид.

Обрӯи устод Маъсумӣ сол то сол баланд мерафт. Эътибори устод дар байни олимон, нависандагон ва хусусан дар назди роҳбарони Тоҷикистон калон шуд. Он касро вазири фарҳанги Тоҷикистон таъйин карданӣ шуданд, аммо устод ризоият надоданд. Ба вазири Маорифи халқи ҷумҳурӣ тавсия карданд, боз розӣ нашуданд. Ба Институти забон ва адабиёт дил баста буданд. Устодро аз ҳамин ҷо ба депутатии Шӯрои Олии Тоҷикистон пешбарӣ намуданд. Ба ман хеле гуворо буд, ки устод Маъсумӣ маро шахси эътимодноки худ интихоб карданд.

## ҚИССАИ «ФАРҲАНГ ...»

Аз чоп баромадани «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (Нашриёти «Советская энциклопедия», М., 1969) воқеаи муҳими илмию фарҳангӣ дар ҳаёти Тоҷикистон ба шумор меомад. Устод Маъсумӣ ҳамчун директори институт ба интишори он манфиатдор буданд. Вай натиҷаи хизмати тӯлонии шуъбаи луғатшиносӣ ва на танҳо он маҳсуб меёфт. Зиёда аз ин, устод Маъсумӣ муҳарририи онро дар уҳда доштанд ва ба ин кори вазнину сангин донишманди муҳтарам Муҳаммадҷон Шукуров В.А.Капранов, Раҳим Ҳошимро низ ҷалб карда буданд. Дар дафтари хизматии сарвари пажӯҳишгоҳ ин асари бузургро (45 ҳазор калима) таҳрир кардан илоҷ надошт. Устод онро ба хонаашон оварда, то нисфи шаб ва тамоми рӯзҳои истироҳат дар таҳрираш нури чашмро ба харҷ медоданд, ҳатто, баъзе қисматҳояшро дар давраи мураххасӣ ба истироҳатгоҳҳои дур аз Тоҷикистон бурда, ба ҷои роҳату фароғат заҳмат мекашиданд, аз қалами таҳрир мегузарониданд. Бо вуҷуди ин қадар душвориҳо устод саҳми дигаронро ба дасти фаромӯшӣ намедоданд, чунки холис ва қадршинос буданд. Чунончи, дар ҳангоми хондани корректураи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» Муҳаммадҷон Шарифович огоҳ мешаванд, ки номи эшон ҳамчун яке аз муҳаррирон не, балки дар радифи аъзои ҳайати таҳририя тазаккур ёфтааст. Ин кор на натиҷаи бемасъулиятӣ ё нақши ғарази кадоме аз кормандони шуъбаи луғат, балки саҳлангории муҳаррирони техникии китоб будааст. Устод Шукуров, ки ҳамроҳи Носирҷон Маъсумӣ дар таҳрири луғати мазкур нуҳ соли умри азизи худро бахшидаанд, аз Маскав ба номи Носирҷон Асадович бо дарду алам барқия фиристодаанд, ки хизмати эшонро ба инобат гирифта номашон ба қатори муҳаррирон навишта шавад.

Он рӯз ман дар ҳузури домулло будам. Барқияро нишон

дода гуфтанд, ки «дар ҳаққи Муҳаммадҷон беадолатӣ шудааст. Ман бехабар мондаам. Инро ислоҳ кардан лозим. Яке ба номи Муҳаммадҷон, ки хотирҷамъ шаванд. Дигаре ба номи нашриёт, ки он саҳвро ислоҳ кунанд». Устод Маъсумӣ мегуфтанд, ки дар таҳрири «Фарҳанги забони тоҷикӣ» саҳми Раҳим Ҳошим, Владимир Капранов низ шоиста мебошад, зеро онҳо аз ибтидои тартиб додани қомуси мазкур хизмат кардаанд.

Вақте ки ин луғати тафсирии нодир ба дасти хонандаҳо расид, мардуми фарҳангӣ, олимон, донишмандон, шоирон, муаллимон, ҳар касе, ки аз аҳли саводу маърифат буд, муҳаррирон ва мураттибони онро шодбош гуфтанд. Аммо баъзе бахилҳо, ҳасудҳо ва нотавонбинҳо бозори иғвою дасисаро тафсониданд. Ба Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон ҳамчун «ватандӯстони ҳақиқӣ» нома навиштанд, аз «камбудиҳои ҷиддӣ», «хатоҳои бузурги сиёсӣ», «ғояҳои зиддирусӣ», «аъмоли зиддитуркӣ»-и «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маълумот доданд, балки «бонги изтироб» заданд. Боз ба фарёд омаданд, ки ин луғат ба дӯстии халқҳо зарар мерасонад, балки зарба мезанад ва байни халқҳои советӣ шӯр меандозад, миллатчигӣ тавлид мекунад. Ҳамчун далели шикояти худ ду моддаи «Фарҳанг ...»-ро мисол оварданд: яке рус, дигаре турк. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» се маънои вожаи «рус» баён мешавад:

«Рус 1. номи халқ ва мамлакати Россия

*Ба Рум - андарун шоҳ буд Файлақус,*
*Яке буд бо рои ӯ шоҳи Рус.*

*Фирдавсӣ*

*Чу шуд воқифи ҳоли ӯ Файлақус,*
*Ба аҳли мамолик чи Руму чи Рус.*

*Ҷомӣ*

Рус 2. касе, ки бисёр хӯрок мехӯрад, пурхӯр, шикампар-

вар, ҳаргис.

*Русе буд, гӯянд, солорашон,*
*Ҳамасола хайраш ба чашми касон.*

*Абдушакури Балхӣ*

Рус 3. руст маҳкам, мустаҳкам сахт.

*Хештандор бошу росту амин,*
*К-аз ясори ту нозиранду ямин.*

*Аҳвадӣ»*

Дар ҳамин «Фарҳанг ... «чаҳор маънии вожаи «турк» чунин шарҳ ёфтааст:

«Турк 1. номи умумии халқҳои туркизабон; 2. туркистонӣ; аҳли Турконзамин.

*Бирафтанд туркон зи пеши муғон,*
*Кашиданд лашкар сӯи Домғон.*

*Фирдавсӣ*

3. мач. маҳбуба, хушрӯй.

*Агар он турки Шерозӣ ба даст орад дили моро,*
*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.*

*Ҳофиз*

*Эй турки шӯх, боре дар сар чӣ фитна дорӣ,*
*К-аз шӯхии ту ҳар дам сад фитна бар сар ояд?*

*Ҳилолӣ*

Турки азро киноя аз духтари зебо; турки хиргоҳӣ киноя аз маҳбуба, маъшуқа; маҳбуба, маъшуқ.

*Дар он турки хиргоҳӣ овард даст,*
*Силоҳи ниқобаш зи рух баршикаст.*

*Низомӣ*

4.мач. ғоратгар; киноя аз чашм

*Бар асирон тирборони ду турки кофарат*
*Зистан душвор карда, мурдан осон сохта.*

*Исмат*

Турки ашқар киноя аз сайёраи Миррих; туркони чарх киноя аз ҳафт сайёра; турки Чин киноя аз офтоб.

*Чу қуллоби сим аз камин зад ҳилол,*
*Ба хун ғарқа шуд турки чиниҷамол.*

*Хисрави Деҳлавӣ»*

Муаллифони нома ба КМ Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон аз се маънои калимаи рус фақат маънои дувумашро тазаккур дода, устод Маъсумӣ ва дигар муҳаррирони «Фарҳанг ...»-ро гунаҳкор шуморидаанд, ки онҳо «халқи бузурги рус»-ро «пурхӯр, шикампарвар, ҳарис» номиданд, «миллати кабири рус»-ро таҳқир кардаанд.

Хусусияти луғати тафсирӣ ё нимтафсирӣ дар ҳамин аст, ки калимаҳо, вожаҳо, истилоҳотро пурра шарҳ медиҳад, бояд ягон маънӣ аз луғат берун намонад. Агар, масалан, ду маънояшро шарҳ дода, маънии сеюм ё чаҳорумро баён насозад, асоси илмии «Фарҳанг ...» коста мешавад. Беҳуда нест, ки худи русҳо «ранги зард»-ро «русий цвет» меноманд. Маънии «русий цвет» рӯбоҳ ҳам ҳаст. Аммо русҳо дар луғатҳои тафсирӣ ин маъниҳоро баён намуда, худро таҳқиршуда намешуморанд.

Аризабозҳо, ки яке профессор, дигаре луғатшинос буданд, дар номаи худ аз чаҳор шарҳу эзоҳи вожаи турк фақат маънои маҷозии он - маънои чаҳорумро (ғоратгар) шоҳид нишон дода, муҳаррирони «Фарҳанг ...»-ро ба миллатгароӣ айбдор карда буданд. Чи ҷои истиҳола аст, ки ҳатто, Ҳофизи Шерозӣ фармудааст:

*Фиғон, к -ин лӯлиёни шӯхи ширинкори шаҳрошӯб,*
*Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони яғморо.*

Худи халқҳои туркнажод - ӯзбекҳо, қазоқҳо, қирғизҳо..., ки «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба дасти онҳо расида буд, аз шарҳи вожаи турк розӣ буданд. Дар рӯзҳои Ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Қазоқистон (1969) тарҷумонҳои қазоқ аз нашри чунин «Фарҳанг ...» ба ман изҳори мамнунӣ карда буданд. Ман дар ин бора дар маҷлисе, ки дар толори раёсати Академияи илмҳои Тоҷикистон баргузор шуда буд, сухан рон-

да будам.

Ҳарчанд бахилҳо, нотавонбинҳо, сиёсатбозу сиёсатмастҳо аз зери нохун чирк мекофтанд, худи ҳаёт ва таҷоруби илмӣ саҳеҳии «Фарҳанг...»-ро ба исбот расонд. Дар давраи ҳозира «Фарҳанги забони адабии тоҷик» дар ҳамон шакле, ки нашр шуда буд, бо пешгуфтори академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дар Эрон ба чоп мерасад.

## САФАРҲО БО УСТОД

Сафарҳои мо бо устод Маъсумӣ аз Ҳисори шодмон ва деҳаи Қаратоғ ибтидо гирифт. Устод мехостанд, ки шогирдонашон зодгоҳ ва ноҳияи падари маънавиашонро бубинанд. Он кас одатан ман, Абдураззоқ Ғаффоров ва Собир Зикирзодаро ҳамроҳ мегирифтанд. Собир Зикирзода, ки табъи шоирӣ дошт, ёдаш ба хайр, аз хешовандони устод ва шогирди эшон буд. Дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе аз Носирҷон Асадович таълим гирифтааст, забон ва адабиёти тоҷикӣ омӯхтааст. Ӯ ба устод содиқона хизмат мекард ва мисли ману Абдураззоқ аз ҳастии эшон сари ифтихор боло мебардошт. Устод ӯро барои хизмат ва моро барои суҳбат мебурданд. Аз сафар ва суҳбатҳои чоргонаамон қариб панҷоҳ сол гузаштааст, бинобар он, нағз ёд надорам, ки моро дар Ҳисор ва Қаратоғ киҳо меҳмондорӣ мекарданд. Фақат ҳамин қадараш дар ёд аст, ки устод ба яке аз мизбонон ҳамеша «Раис» гӯён муроҷиат менамуданд. Дигар соҳибхонаҳо бошанд, дар атрофи шамъи рухсори устод ва шогирдонашон парвона буданд. Мо дар маркази Ҳисор Шаҳри Нав, деҳаҳои Тӯда, Шоҳон ва Қаратоғ меҳмон мешудем, аз суҳбати ёру дӯст, марғзорҳои сабзу хуррам, боғу майдонҳои дилкушо, меваҳои шаҳдрез, соҳилҳои дарёчаи шӯхи Қаратоғ баҳраҳо мебардоштем. Устод Маъсумӣ ба ваҷд омада, ба даст табақча мегирифтанду ғазалҳои Бадриддин Ҳилолиро мехонданд ва агар янгаи меҳрубона-

мон дар он суҳбат иштирок дошта бошанд, ҳамин ки устод ба авҷ расиданд, шӯхиомез «Ҷон!»-гӯён устодро илҳоми тоза мебахшиданд. Устод сурудҳои «Девори дилбари ман», «Ҷон хуш аст», «Қӯшчинор», «Дар ҳаваси рӯи ту бошам» ва дигарҳоро бо шӯру шарар ба иҷро мерасониданд. Баъд аз ҳар тарона як пиёла чой менӯшиданд. Абдураззоқ ва маро талқин мекарданд, ки ба сурудҳои устод ҷӯр шавем. Мо то метавонистем, устодро дастгирӣ менамудем. Абдураззоқ рафта-рафта сурудҳои устодро ёд гирифтанд ва дар ҳалқаи дӯстон овозхонӣ мекарданд.

Устод «Шашмақом»-ро дӯст медоштанд. Сурудҳои Ҳоҷӣ Абдулазизро иеписандиданд. «Гулузорим»-ро бо бароварду фаровардаш месароиданд. Мо, ҷавонон, аз суҳбатҳо ва таронасароиҳои устоди худ ҷаҳон-ҷаҳон лаззат мебурдем, афсӯс мехӯрдем, ки мисли Носирҷон Асадович ҳунар ва овоз надорем.

Устод аз ҳофизони даврони мо Шоҳназар Соҳибов, Аҳмад Бобоқулов, Барно Исҳоқова, Туҳфа Фозилова, Маъруфхӯҷа Баҳодуровро бо шавқ ва майлу рағбати тамом гӯш мекарданд. Боймуҳаммад Ниёзов, Зафар Нозимов, Одина Ҳошим, Ҷӯрабек Муродов низ ба он кас маъқул буданд.

- Суруд ҳамсафари инсон аст, - мегуфтанд устод, - шодию сурур ва ғаму ғуссаи одамиро ҳеҷ чиз монанди суруд рӯшан ифода карда наметавонад.

Носирҷон Асадович ягон асбоби мусиқиро навохта наметавонистанд, аммо табақчаро бо ангушт зада, садо мебароварданду ба овози худ мувофиқ месохтанд. Ман борҳо дидаам ва бо ҳаловат шунидаам, ки устод дар манзили худ бо мақсади тафсонидани суҳбати дӯстон ва хурсанд кардани меҳмонон таронасароӣ менамуданд. Дар хонаи устод Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Зиёдулло Шаҳидӣ, Аъзам Солеҳов, Холиқ Мирзозода, Иброҳимҷон Раҳматов, Муҳаммадӣ Исматуллоев, Юрий Бобо-

ев бисёр меҳмон мешуданд ва базмҳои ҷамшедӣ ташкил мекарданд.

Устод адабиётшинос ва мунаққид Юрий Израилович Бобоевро кӯтоҳ карда «Ю.И.» меномиданд. Он кас низ аз аҳли завқ буданд. Танбӯр менавохтанд ва суруд мехонданд. Ю.И. аксаран дар суҳбатҳои маҳдуд ширкат меварзиданд, дар хонаи худ ҳам меҳмони бисёр даъват намекарданд. Табиаташон ҳамин хел буд. Ба хонаи устод Маъсумӣ бо ҳамсарашон меҳмон мешуданд. Муносибаташон бо Носирҷон Асадович хеле наздик буд. Бинобар ин, мавзӯи якуми кори диссертатсионии худро, ки аз эҷодиёти Мирзо Турсунзода будааст, бо илтимоси Ю.И. аз он даст мекашанд ва мавзӯъро ба он кас вомегузоранд.

- Канӣ, Ю.И. якто шавад, - ба Юрий Израилович нигоҳ меафканданд устод ва Ю.И. аввал танбӯрро соз карда, баъд ягон суруд аз «Шашмақом» месароиданд. Баъд меафзуданд: - Агар ман овози хуб медоштам, ҳаргиз мунаққид намешудам, агар таъриф кунӣ, маддоҳ мегӯянд, агар танқид бикунӣ, душман мешаванд. «Каҷ дору марез»-гӯён боз суруде бо оҳанги дигар месароиданд.

Дар хонаи устод гоҳо Муҳаммадҷон Шукуров, Расул Ҳодизода ва Абдуқодир Маниёзовро низ медидам. Муҳаммадҷон Шукуров шарики суҳбатҳои илмӣ мешуданд, Расул Ҳодизода ва Абдуқодир Маниёзов шеърхонӣ мекарданд. Ҳар гоҳе ки аз Ленинград А.Н.Болдирев, М.И.Боголюбов, аз Маскав Ситсилия Бону (шоира, мутарҷим, ҳамсари А.Лоҳутӣ) З.Г.Осмакова (адабиётшинос) ва дигарҳо биёянд, ҳатман меҳмони муаллим мешуданд ва аз таронасароиҳои устод ба завқ меомаданд. Устод суҳбаторо буданд ва меҳмондориашон ба пояи баланди фарҳангӣ мегузашт. Вера Пантелеймоновна дастархони сафед ва тозаю озодаро хуб оро медоданд, хӯрокҳои лазизро, ки худашон мепухтанд, ме-

ваҳои шаҳдрезро, ки низ худашон аз бозор гулчин ё якка-чин карда харида меоварданд, конфетҳои нағз ва дигар шириниҳоро бо навбат ва дар вақту соати муайян бо завқи баланд рӯи миз мегузоштанд. Ҳамаи асбобҳои рӯзғорашон - аз қошуқу корд ва вилка сар карда, то чойнику пиёла ва табақу табақчаи зебо, нафис ва қиматбаҳо буданд.

- Ҳар касе, ки худ ва меҳмононашро ҳурмат кунад, бояд аз асбобҳои зебо ва гаронбаҳо истифода намояд, - таълим медоданд устод, - дастархондорӣ кори завқу нишонаи фарҳанг аст.

Устод дар сафарҳо роҷеъ ба дӯстони худ, шоирон, носирон ва донишмандон, мавриде пеш ояд, андешаҳои худро кӯтоҳ-кӯтоҳ иброз медоштанд. Дар шеъру шоирӣ муътақиди Мирзо Турсунзода буданд. Боре гуфтанд:

- Вақте ки бо ман шинос шудед, аз домулло Суҳайлӣ салом расонидед. Ман аз дил гузаронидам, ки агар хеши он шоир бошад, шогирди миёнаҳол мешавад, сонӣ фикрам тағйир ёфт.

- Чаро ин хел фикр кардед? - пурсидам ман.

- Падарашон Зуфархон Ҷавҳарӣ шоири забардаст буданд, - гуфтанд устод ва ман бо фаросат фикри устодро дар бораи Суҳайлӣ Ҷавҳаризода дарк намудам.

Боре ҳамроҳи устод ба Варзоб мерафтем. Дар дасти ман рӯзномаҳои нав буданд.

- Рӯзномаҳо чӣ менависанд?-пурсиданд устод.

- Як шеъри Тилло Пулодӣ чоп шудааст, - гуфтам ман. Устод аҳамият надоданд

- Мехонед? - рӯзномаро ба устод доданӣ шудам.

- Агар шеъри Мирзо Турсунзода бошад, мехондам, - изҳор карданд устод.

Вақте ки баъд аз хатми аспирантура маро барои кор ба Институти забон ва адабиёт таъйин карданд, ман ба устод

гуфтам, ки акнун тақдирам дар дасти Холиқ Мирзозода бу-даст-дия?

- Исо ҳам бо роҳи худу Мӯсо ҳам, - мақол хонданд Носирҷон Асадович, - Шумо домани Муҳаммадҷон Шукуровро сахт қапед. Он кас заҳматкаши ҳақиқӣ, олими мӯйшикоф, қаламӣ таҳрирашон хуб аст.

Ман бо роҳбарии Муҳаммадҷон Шарифович дар як шуъба хизмат карда, ба ҳаққонияти фикри устод Маъсумӣ эътимоди комил ҳосил намудам. Устод Шукуров донишманди закӣ, мураббии ғамхор буданду ҳастанд. Дар шуъбаи адабиёти советии тоҷик ҳамаи навиштаҳои ҳамкорон аввал аз ҳама аз назари ин марди пуркору фурӯтан мегузашт. Минбаъд ҳам ман аз нашриёти «Ирфон» хоҳиш менамудам, ки муҳаррири китобҳои ман устод Шукуров бишаванд.

Устод баъзе ҳамкасбонамонро «тамбал», бархеро «ноуҳдабаро», як-ду нафарро айёр, чандеро «сарбории институт» меномиданд. Аз баъзеҳо лаб ба шиква мекушоданд, ки бо луғатдонҳои берунӣ - ёру ошноҳои худ шартномаи гарон бастаанд, дар натиҷаи бемасъулиятӣ ва саҳлангароии дигаре хазинаи институт хароб шудааст ... Устод сахт азоб мекашиданд аз ин тоифа, нафрат доштанд аз онҳое, ки солсол маош мегиранду нақшаҳои илмии худро ба иҷро намерасониданд. Агар дар ихтиёрӣ ман мебуд, панҷоҳ фоизи кормандонро ҷавоб медодам.

Аз дасти ин хел «ходимони илмӣ» кор то ҷое расида буд, ки устод як гурӯҳ кормандони институтро бо мақсади баробар кардани қарзи институт аз сармуҳосиби академия аз ҳисоби онҳо ба мурахҳасии бемаблағ мебароварданд.

Устод дар суҳбатҳои хосса дарди дил мегуфтанду дил холӣ мекарданд.

Муносибати баъзе олимони номдорро ба тадқиқоти илмӣ ва чунин суҳбати воқеии латифамонанд равшан менамояд.

Рӯзе устод Маъсумӣ як нафар забоншиноси соҳибунвонро ба ҳузур пазируфта мегӯянд:

- Домулло, баъд аз се моҳ Тоҷикистони Шӯравӣ шастсола мешавад. Ба ин муносибат дар академия як конфронси илмӣ барпо мегардад, ки аз Кумитаи Марказӣ ва Шӯрои вазирон ҳам меҳмонон ширкат меварзанд. Аз шумо, ҳамчун мутахассис, хоҳиш мекунам, ки дар бораи тараққии забоншиносии тоҷик дар зарфи чил сол ва проблемаҳои минбаъдаи он як маърӯза тайёр кунед.

- Не-не, Мулло Носирҷон, ман наметавонам, - мегӯяд он олим, - ҳаво гарм, майнаам ҷӯшида истодааст.

Забоншиноси дигар Шавкат Ниёзӣ, ки дар ин гуфтугӯ ҳузур доштаанд, лутф мекунанд:

- Бале, бале, Носирҷон Асадович, майнаи ин кас дар тобистон меҷӯшад, дар зимистон ях мекунад.

Бузургии устод Маъсумӣ дар ҳамин буд, ки бо вуҷуди дар институт будани чунин типҳо, бо вуҷуди мисли Лутфулло-гӯпон пеши ҷараёни обро бастани онҳо, бо неруи олимони донишманд ва роҳбарии оқилонаашон пажӯҳишгоҳро ба пояи баланди тараққиёт расониданд. Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ дар байни дигар институтҳои тадқиқотӣ ангуштнамо гардид.

Моҳи июли соли 1958 устод Маъсумӣ, Вера Пантелеймоновна ва ман ба Маскав рафтем. Дар меҳмонхонаи «Тоҷикистон» ҷой гирифтем. Се-чор рӯз пойтахти Ватанро тамошо кардем. «Нигористони Третяков» («Третьяковская галерея») моро ба ҳайрат гузошт. Олами ҳусну ҷамол, дунёи зебоӣ, ҷилваи сеҳри ҳунар гуфта шунида будаму намедонистам, ки он чист? Ҳамроҳи устод ва янгаи азизам ҳар бахш ва ҳар ошёнаи онро соатҳо тамошо мекардаму аз диданаш сер намешудам. Расмҳои афсонавӣ, асотирӣ, сужетҳо аз Библия, манзараҳои таърихӣ, ҷангномаҳои мусаввир,

олиҳаҳои ҳусн, чеҳраҳои нотакрори подшоҳон, маликаҳо, шоҳбонуҳо, манзараҳои дилфиребм табиат, сукут ва мадду ҷазри баҳру уқёнусҳо, тулӯъ ва ғуруби хуршед, дунёи ишқу ошиқӣ, макру шайтанат ... эҳа, ҳамаи онҳоро бо сухан на номбар, на тасвир метавон кард. Мазмуни ҷаззобтарин расмҳоро устод баён мекарданд. Ҳар бахш як нафар шореҳ дошт, лекин ҳар мусаввараеро, ки амиқ нафаҳмам, оҳиста аз Носирҷон Асадович мепурсидам. Тамошои нигористон ҳамроҳи устодам чашми маро ба олами зебоӣ кушод, диламро равшан кард, дар тафаккури ман инқилобе ба вуҷуд овард, ки зебоиро чӣ тавр дидан ва фаҳмидан лозим аст. Ҷилва ва таносуби рангҳо, равғанҳо, сеҳри ҳунар ва муъҷизаи мӯқалам камтар аз сухани шоир Ҳоқонӣ набуд:

*Суварнигори ҳадисам, вале дар он сурат,*
*Ки ҷон дар он натвонам ниҳод, нангорам.*

Як рӯзи дигарамон бо тамошои Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи Иттиҳоди Шӯравӣ гузашт. Мо аз дидани ҳар павилён, хусусан, павилёни Академияи илмҳои ИҶШС, баҳраҳои зиёд мебардоштем, устод пас аз наззораи павилёни Тоҷикистон гуфтанд:

- Дуруст аст, ки мушт - намунаи хирвор. Лекин мушти тоҷикон дар ин ҷо майдагӣ кардааст. Бисёр дастовардҳои Тоҷикистон, ки дар солҳои охир ба онҳо муваффақ шудааст, дар ин намоишгоҳ ба назар намерасанд: ҳам дар саноату хоҷагии деҳот, ҳам дар илму фарҳанг. Махсусан, гӯшаи адабиёти бадеӣ қашшоқ аст. На осори дар ду-се соли охир нашршудаи нависандаҳои тоҷик дар ҷумҳуриамон, на тарҷумаю нашри беҳтарин асарҳои мо дар Маскав. Ҳол он, ки осори ба забонҳои хориҷӣ чопшудаи суханварони Тоҷикистон низ лозиманд.

- Шояд ба даст овардани онҳо душвор бошад, - як дараҷа таскин медодам устодро.

- Ҳавсала нест, укаҷон, ҳавсала. Ватандӯстӣ ... дар су-

хан аст!

Табъи устод гирифт кард. Зудтар ба манзиламон баргаштем.

Бегоҳ янгаро ба Ленинград гусел кардан лозим буд. Духтарашон Ларисабону имсол мактаби миёнаро ба итмом расонида, ба Ленинград рафта буд. Мебоист ӯ ба Донишкадаи дорусозӣ дохил мешуд. Ҳуҷҷатҳояшро қабул кардаанд. Вай ба имтиҳоноти дохилшавӣ тайёрӣ медид. Вера Пантелеймоновна лозим донистанд, ки ба назди духтар барвақттар бираванд, то ки ӯ дар шаҳри ноошно танҳоӣ накашад. Янгаро ба қатори Москва-Ленинград савор карда, гусел намудем.

Ҳамон шаб дар мехмонхона суҳбатамон тафсид. Бастакор Зиёдулло Шаҳидӣ, муаррих Мақсуд Шукуров дар ҳамон ҷо буданд. Мисли ман аспирантҳои донишгоҳу донишкадаҳои гуногуни Тоҷикистон, ки ба командировкаи илмӣ рафта буданд, як табақ палав кашида оварданд. Ба қавли Шаҳидӣ, даҳони «мӯйсафед»-ро кушоданд. Устод ба ман, ки аз ҳама ҷавон будам, чунин муроҷиат карданд:

*Соқӣ, қадаҳ лабрез кун, з-он май, ки тугён парварад,*
*Мастӣ фазояд, гам барад, шодӣ диҳад, ҷон парварад...*

Ман ба аҳли суҳбат якҷуръагӣ шароби ноб кашидам. Ҳамагон шеъри қироатшударо ҳамчун нӯшбод пазируфтанд, ҷомҳоро бардоштанду даст ба ош бурданд. Палаве, ки дар Маскав пухта шуда буд, ба даҳон хеле хуштамъ расид. Ҳама боиштиҳо тановул мекардем.

- Байни қадаҳи якум ва дувум фосилаи зиёд лозим нест, - ишора карданд Зиёдулло Шаҳидӣ.

- Мурғ бо як пой рост истода метавонад, одам наметавонад, - Шаҳидиро ҷонибдорӣ карданд Мақсуд Шукуров.

Ман боз ҷомҳоро пур кардам.

- Мулло Носирҷон, шеъри хондагиатон аз кист? - ба устод рӯ оварданд Шаҳидӣ.

- «Соқинома»-и Туғрал аст, ман ихтисоран хондам.

- Як оҳанг пайдо шуд, - бо табассум ва хурсандӣ гуфтанд Шаҳидӣ.

- Барои оҳанги нав нӯши ҷон кунем, баъд мешунавем, балки ҳамроҳ месароем, - таклиф карданд устод Маъсумӣ.

Ҳамин тавр суҳбаткунон палавро тамом кардему ба чойи кабуд гузаштем.

- «Соқинома»-ро нависед, - аз устод хоҳиш карданд Шаҳидӣ.

Ман аз кисаам дафтарча ва ручка гирифтам. Устод интихобан панҷ байт гуфтанд. Навишта ба дасти бастакорамон додам. Эшон дафтарчаро рӯи миз гузоштанду табақча ба даст гирифтанд, аввал нарм-нарм ангушт заданд ва замзама карданд. Сипас, бо овози баланд хонданд, ба авҷаш устод ҳамроҳ шуданд.

Як базми зебое барпо шуд он шаб.

Рӯзи дигар, чоршанбе ё панҷшанбе буд, боз ҳамон чор нафар дар утоқи устод Маъсумӣ наҳорӣ кардем. Сипас, ҳар кас аз рӯи нақшаи худ берун рафт. Мо ба Донишкадаи давлатии омӯзгории вилояти Маскав роҳ пеш гирифтем. Ноиби ректори донишкада оид ба қисми илмӣ моро гарму ҷӯшон пазироӣ кард. Зуд қаҳва фармуд. Устод аз Тоҷикистон ва мардуми дӯстпарвари он, аз номи ҳайати профессорону муаллимони донишкада салому паём арза доштанд. Ӯ изҳори ташаккур кард ва афзуд, ки дар бораи Тоҷикистон бисёр шунидааст ва хондааст, аммо афсӯс, ки диданаш муяссар нагардидааст ва ӯ дар орзуи сафари Тоҷикистон аст.

- Ман шуморо даъват мекунам, - гуфтанд устод.

- Дидани Ватани шоирони бузурги Шарқ, ҳамчун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём барои ман ифтихори бузурге хоҳад буд, - миннатдорӣ кард мизбон ва ба қаҳванӯшӣ таклиф намуд.

Устод ин фосиларо ғанимат шуморида, бо мақсади аз байн бурдани муносибати расмӣ, ҳазломез гуфтанд:

- Шуморо бо сӣ фоиз табрик мекунам.

Дар ҳамон айём Ҳукумати марказӣ қарор қабул карда буд, ки маоши устодони макотиби олӣ сӣ фоиз кам карда шавад.

Ноиби ректор табрики кинояомези устодро шунида, ба оҳанги бародарона гуфт:

- Ҳукумат шумоён, донишмандони Осиёи Миёнаву Қазоқистонро хеле эрка карда, ба хотири дурӣ аз Маскав ба маоши асосиатон сӣ фоиз афзуда буд. Мо аз аввал ин иловапулиро намегирифтем. Бо ин дигаргунӣ шуморо бояд табрик кард.

- Ман хаёл кардаам, ки ин меҳрубонӣ ба ҳамаамон тааллуқ дорад, - боз шӯхӣ карданд устод.

Баъд аз ин дар бораи ҳамкориҳои минбаъдаи ду донишкада оид ба тайёр кардани кадрҳои илмӣ сухан рафт. Мизбон гуфт, ки мо ҳар чӣ, ки аз дастамон ояд, аз бародарони тоҷик дареғ намедорем. Устод бештар дар бораи ба стажировка фиристодани мутахассисони соҳаи илмҳои дақиқ сухан ронданд. Мизбон ҷавоб дод, ки мо дар соҳаи физика, математика, кимиё... мутахассисони забардаст, докторҳо, профессорон, ходимони хизматнишондодаи илму техника дорем. Шӯроҳои соҳавии илмӣ оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ дорем. Агар аспирантҳо ва докторантҳо фиристонед, қабул карда метавонем.

Устод хеле сипосгузор шуданд ва гуфтанд, ки мо ба унвони сарвари донишкадаатон номаи махсус ва нусхаҳои шартномаи ҳамкорӣ мефиристонем, лекин ба Тоҷикистон ташриф оварданро фаромӯш накунед.

Ҳар ду хушҳолона хайрбод гуфтанд. Ман ҳам ба он шарик будам. Баъд аз пешин ман ба Китобхонаи оммавии давлатии ИҶШС ба номи В.И.Ленин рафта, бо диссертатсияҳои ба мавзӯи ман наздик ошно шудам. Бовар ҳосил шуд, ки ягон нафар ҳам роҷеъ ба мавзӯи ман рисолаи илмӣ ҳимоя накардааст ва китобе ҳам ба чоп нарасондааст.

Устод ба мулоқоти дӯсти бузургашон, олими шинохтаи рус Дешереев рафта буданд. Мувофиқи ваъда ҳардуямон бегоҳӣ дар меҳмонхона вохӯрдем ва ба Театри давлатии драмавии ба номи В.Маяковский рафтем.

Рӯзи дигар устод истироҳат карданд ва ман боз ба китобхонаи номбурда рафта, бо илтимосу илтиҷо китоберо гирифта ҷойҳои заруриашро мутоила кардам, ки «Война в песках» ном дошт ва дар зери таҳрири М.Горкий соли 1935 нашр шудааст.

Бегоҳӣ ҳамроҳи устод боз ба театр рафтем. Ин дафъа ба Театри давлатии драмавии ба номи Ермолева, ки дар кӯчаи М.Горкий воқеъ гардидааст.

Рӯзҳо мегузаштанд. Инак, мо дар пойтахти Украина шаҳри Киев. Устод дар Душанбе гуфта буданд, ки бо Верахон ду-се рӯз дар Маскав сайру гашт мекунем, сонӣ, он касро ба Ленинград гусел намуда, худамон ба Киев меравем: сайр ҳам сайру саргардонӣ ҳам сайр. Устод дар Киев ягон хизмати расмӣ надоштанд, фақат ин шаҳри бузург, гулфишон, озода ва дилкушоро тамошо карданӣ буданд. Пагоҳӣ баробари тулӯи хуршед аз қатори Москва-Киев фаромадему ба меҳмонхона рафтем ва бе ҳеҷ мамониат ҷой гирифтем. Баъди ноништо ба тамошои шаҳр баромадем. Устод ҳар кӯчаю хиёбон, гулгашт, боғу майдон ва иморатҳои серошёни Киевро бо муҳаббат ва мафтунӣ аз назар мегузарониданд. Киев шаҳри сабзу хуррам ва гулпӯш буд. Хусусан, хиёбони Хрешатик, Булвари Тарас Шевченко, Боғи фарҳангу истироҳатии Якуми Май, соҳилҳои рӯди Днепр хеле зебо ва дилрабо ба назар метофтанд. Дар шаҳр майдончаҳои сабзапӯш барои бозӣ ва фароғати бачагон бисёр буданд. Мағозаҳои фаровон ва пурбор, бозорҳои пурбаракат дошт Киев. Ҳаво гарм. Вале форам буд. Мо хаста шавем ҳам, пиёда мегаштем, то шаҳрро беҳтару бештар бубинем. Булварҳоро ҷо-ҷо нишастгоҳҳои муаттару покиза оро медоданд. Дарахтҳои

болобаланди каштан ғарқи гул буда, диққати ҳар бинандаро ба худ мекашиданд. Худи Булвари Шевченко як гулистони рангубаранги васеу дароз буд. Носирҷон Асадович чун як марди ватандӯст гуфтанд:

- Назми тоҷик пур аз гулу булбул аст. Аз Рӯдакӣ то Мирзо Турсунзода гулро бо ҳазору як шева ситоиш карданд, вале хиёбону кӯчаҳои Душанбе мисли пораҳои дашти қазоқанд. Шаҳри мо чинорҳои баланд ва сершохи пурчангу ғубор дорад, вале гулгаштҳои зебо надорад. Боғу майдонҳоро гулистон кардан, ду бари кӯчаҳоро гулкорӣ намудан лозим аст. Дар ҳар маҳалла барои бозию хушҳолии бачаҳо майдончаҳои сабзу хуррам лозим аст. Фарзандони мо дар ҳавлию кӯчаҳои асфалтпӯш рӯз мегузаронанд.

- Дар ин бора бояд шаҳрдорон фикр кунанд, - гуфтам ман.

- Раисони мо ба саёҳати мамлакатҳои гуногун мераванд, аммо таҷрибаи шаҳрдориро намеомӯзанд.

Устод баланд шуданд ва аз гузаргоҳе гузашта, ба дидану хондани овезаҳои биноҳо машғул шудем.

- Ҳисси миллии украинҳо баланд, - фармуданд устод, - ин мардум кайҳо ба худшиносии миллӣ расидаанд. Аҳамият диҳед, дар ягон ҷой номҳои русӣ ба назар намерасанд. Номи ҳамаи ташкилоту муассисаҳо ба забони украинӣ навишта шудаанд, мехостам Институти забоншиносиашонро бубинам.

Боз чашм ба овезаҳо якчанд қадам задем. Дар назди як бинои серошёнаи қоматбаланд қарор гирифтем. Устод аз як марди малламӯи айнакдор, ки дар дасташ портфел дошт, баодобона пурсиданд:

- Лутфан мегуфтед, ки Институти забоншиносии Академияи улуми Украина дар куҷост?

- Шумо дар назди ҳамон институт қарор доред, - сар ба сӯи даромадгоҳ бигардонд ӯ, - марҳамат, дароед.

Мо изҳори ташаккур намуда, овезаи даромадгоҳи бино-

ро хондем: Институт мовознавство. Маълум гардид, ки истилоҳи «забоншиносӣ» дар забони украинӣ «мовознавство» мешудааст.

*Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем,*
*Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем.*

Устод ин байтро гуфтаву афзуданд: - Камбудии асосии олимони мо надонистани забонҳост. Мо фақат ба омӯзиши забони русӣ маҳдуд ҳастем. Моро лозим меояд, ки на танҳо забонҳои англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, балки забонҳои украинию белорусиро низ омӯзем. Мутахассисҳое лозиманд, ки бояд ҳамаи забонҳои туркӣ ва ҷумҳуриҳои Қафқозро бидонанд. Забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба забон ва адабиёти ин халқҳо таъсири файзбахш расондаанд. Оё эҷодиёти Навоӣ, Махдумқулӣ, Абай ва дигарҳоро бе забон ва адабиёти тоҷикӣ тасаввур метавон кард? Сайёди Наво, шоир ва мутриби қафқозӣ ашъори худро ба забонҳои форсӣ, озарӣ ва арманӣ навиштааст. Шота Руставелӣ, классики адабиёти гурҷӣ, бидуни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ достони машҳури худ «Палангпӯш»-ро офарида наметавонист. Таъсири мутақобили забонҳо, адабиётҳо сазовори таҳқиқанд, бояд дар оянда шумо ба ин масъалаҳо эътибор диҳед.

Носирҷон Асадович андак таваққуф карданд ва сипас, афзуданд:

- Дар ҳамин институт Билл Гримич ном як дӯст дорам, дар Сочи ҳангоми истироҳат ошноӣ пайдо карда будам, ӯ ҳабдаҳ забонро медонад. Нияти омӯхтани забони форсиро ҳам дошт. Мебинем, агар бошад, ба пешинхурӣ даъват мекунем ва дар тарабхона аз суҳбати ӯ баҳрабардор мешавем.

- Ман фаҳмида биёям, - гуфтам саросема.

- Не, ҳамроҳ меравем.

Пурсида-пурсида ба шуъбаи забонҳои хориҷӣ рафтем. Аммо ноумед шудем. Гуфтанд, ки Билл Гримич ба Инглис-

тон рафтааст, баъд аз ду ҳафта меояд.

Берун баромадем. Устод фармуданд, ки акнун худамон пешин мехӯрем. Роҳи Боғи фарҳанг ва истироҳати Якуми Майро пеш гирифтем, ки дар баландӣ воқеъ гардида, ҷои хушобу ҳаво, салқин ва дилнишинест. Ба тарабхонаи тобистона омадем. Одами бисёре хоҳишманди пешинхӯрӣ буданд, аммо ҷои холӣ набуд.

- Чӣ хел? - суол доданд эшон.

- Шумо меҳмони эронӣ мешавед, ман тарҷумони шумо. Дигар роҳ кушода мешавад. Устод дуртар истоданд. Ман ба дарбони тарабхона наздик шуда ба ишораи чашм устодро ба ӯ нишон додам ва гуфтам:

- Ин кас аз худи Теҳрон барои дидани Киев ташриф овардаанд. Шоир ва донишманди забардаст мебошанд. Дар бораи Украина, мардуми меҳмоннавози он, дӯстии халқҳо китоби аҷоиб менависанд. Барои пешинхӯрӣ интизор шуданашон хуб нест.

- Ман ҳозир ба мудир мегӯям, ӯ ҷой ёфта медиҳад, - гуфт посбон ва ба дарун рафт.

Пас аз ду-се дақиқа ҳамроҳи як ҷавонмарди мавзуни зебо берун омад. Ман ӯро назди устод оварда ошно кардам. Устод хеле сипоҳ буданд. Мудири тарабхона бо тавозуъ «Марҳамат намоянд, ҷанобон»-гӯён моро пешандоз карда ба тарабхона даровард ва ба паҳлуи фаввора ҷой нишон дод, ки барои ду нафар буд. Маълум аст, ҷойро ҳамин ҳоло оростанд. Устод сар ҷунбонда ташаккур карданд.

- Меҳмон аз Шумо хеле миннатдор ҳастанд, - «тарҷума» кардам.

- Ҳа, Ота, лаб монед, - бо ҷиддият лаб кушоданд устод.

- Чӣ мегӯянд? - пурсид мудир.

- Украинҳо халқи меҳрубони меҳмоннавоз мегӯянд, - боз «тарҷума» кардам.

- Мудир «ташаккур, хуш омадаанд» гуфта рафту лаҳзае

нагузашта як украиндухтари мавзунқомат ва чеҳрахандоне омад, ки пешхизмат буд. Ӯ хӯрокномаро рӯи миз гузошту «марҳамат, бинед, чӣ мехоҳед?» гуфт. Ман ба «меҳмони эронӣ» фаҳмонидам:

- Хонум мефармоянд, ки дар тарабхонаи мо хӯрданиҳои бомаза хеле фаровонанд, лутфан интихоб бикунед.

Устод ҳамоно бо чеҳраи ҷиддӣ ишора карданд, ки бихонам. Оё шӯрбо ҳаст? Агар бошад, аз сабзавот як шакароб, камтар шароб. Оби маъдан фармоед.

Ман ҳам худро ҷиддӣ гирифта аз устод пурсидам:

- Оё дар Эрони мусулмонобод шароб менӯшанд?

- Ин шоҳи амрикоипарасти мо тамоми урфу одат ва маишати мамолики Ғарбро пазируфтааст. Мо ҳам аз ӯ омӯхтем.

- Мерсӣ, мерсӣ! - гуфтам. Сипас, тарҷума кардам, ки мо, мутаассифона, бо забони шумо балад нестем. бинобар он худатон бигӯед, ки борши машҳури украинӣ, салат аз сабзавот, сесад грамм ҳорелка ва оби баржом ҳастанд. Агар бошанд, биёред, дувумашро сонитар мефармоем.

- Ҳамааш ҳаст, - ба дафтарчааш навишта гирифту «ман ҳозир»-гӯён рафт.

Аз «фаъолиятамон» завқ карда хандидем.

Пешхизмат аввал нону шароб ва сабзавот овард.

- Ҷаноби тарҷумон! - ба ман бо шеваи форсӣ рӯ оварданд устод, - Лутфан бипурсед, ки оё нони гирдаи сиёҳ дорад?

Гуфтам. Пешхизмат ин дафъа нони гирдаи сиёҳ ва борш овард. Устод ситоиш карданд, ки духтари чаққон будааст, дар мамлакати мо ин корро дар як соат анҷом медиҳанд.

- Ҷаноби меҳмон чӣ мефармоянд? - пурсид пешхизмат.

Ҷавоб додам, ки туро зиёд таъриф карданд. Духтари зебо, озода ва хушхироми чолок будааст, шаҳаншоҳи Эрон бубинад, ҳатман ошиқи шайдо мешавад.

- Ой спасибо, большое спасибо! - гул-гул шукуфт пешхизмат, - Вы меня льстите. Иранскому шаху не до меня. У него наверно гаремы полны красавицами?

Ман ба устод тарҷума кардам, ки «дӯшиза аз шумо зиёда ташаккур мекунад. Шумо моро ба осмони ҳафтум бардоштед. Шаҳаншоҳи Эрон ҳаргиз ба мо илтифот намекунад. Ҳарамсароҳои ӯ аз зебосанамҳои ҷаҳон пур бошад?».

- Ҷаноби тарҷумон бигӯяд, ки ин пешхизмат аз санамҳои шоҳ кам нест.

Ба духтарак фаҳмонидам, ки ҷаноби меҳмон шуморо шоҳи хубон, яккаву ягонаи ҷаҳон меноманд, зебосанамҳои шоҳ ба ӯ хизматгор шуда наметавонанд.

- Эҳе, ман мафтуни Шарқ ҳастам, касро ба сухан волаву шайдо мекунад.

Қадаҳҳоро пур кардем.

- Барои ҳамин гуна соатҳо, - бардоштанд устод.

Ман камтар нӯшида ба боршхӯрӣ сар кардам.

- Гиред, гиред, амр карданд устод, - мо барои истироҳат омадем.

- Ҷаноби оқои меҳмон, - ба устод нигаристам. - Ман дар сари иҷрои вазифа ҳастам.

Устод хушҳолона хандиданд ва дигар ба нӯшидан ё нанӯшидан кордор нашуданд.

Бо ҳамин гуна ҳазлу шӯхиҳо хӯроки дувум котлети хушлаззати Киевро ҳам нӯши ҷон кардем.

Дар вақти ҳисобу китоб пешхизмат тасодуфан пои устодро каме зер кардааст, ки бо ҳазор забон сурху сафед шуда, маъзарат мепурсид. Устод фармуданд: бигӯед, ки дар мамлакати мо лагад зананд ҳам, узр намепурсанд.

Пешхизмат инро киноя фаҳмида такроран маъзарат хост. Устод мавзӯъро дигар карданд: Пули хӯрокро бо доллари амрикоӣ диҳем, ё риёли эронӣ?

Тарҷума кардам.

- Мо ин хел пулҳоро хоб мебинем, - гуфт сурх шуда духтарак.

Ман ҳамчун вакили харҷ бо рублҳои русӣ ҳисобу китоб кардам.

Устод иқрор карданд, ки ҳамин рӯз хеле хушҳол шудам. Киевро тамошо карда, бо қатор ба Ленинград рафтем. Дар вокзал моро духтари устод Лариса пешвоз гирифт. Мо дар Ленинград як ҳафта будем. Мақсади мо неруи маънавӣ бахшидан ба Лариса пеш аз имтиҳоноти дохилшавии ӯ ба Донишкадаи дорусозӣ ва сайру саёҳати шаҳр буд. Устод шаҳрро нағз медонистанд. Соли таҳсили 1952-1953 устод ҳамчун унвонҷӯ ба факултаи ховаршиносии Донишгоҳи давлатии Ленинград ба номи А.А.Жданов фиристода шуда буданд. Вера Пантелеймоновна Осмакова устодро ҳамроҳӣ мекарданд ва аввалин ёвари техникӣ дар ҷустуҷӯҳои илмии Носирҷон Асадович ҳисоб меёфтанд. Устод бо роҳнамоии илмии мусташриқи маъруф, мудири кафедраи эроншиносии донишгоҳи номбурда Александр Николаевич Болдирев дар мавзӯи «Забон ва услуби повести С.Айнӣ «Марги судхӯр» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология диссертатсия менавиштанд. Дар соатҳои фароғат ҳамроҳи дигар унвонҷӯйҳои тоҷик ҷойҳои таърихӣ ва ёдгориҳои фарҳангии онро тамошо мекарданд, дар боғҳо ва хиёбонҳои шаҳр сайру гашт менамуданд. Бинобар ин, вақте ки ҳамроҳи устод ба саёҳати шаҳри соҳили Нева мебаромадем, барҳақ мегуфтанд, ки ҳар ваҷаб замин, ҳар як бино, ҳар майдону хиёбони ин ҷо таърих аст. Ман ба Ленинград ҳамроҳи устод бори аввал рафта будам. Он кас ба ман қасри Смолний, Қасри зимистонии подшоҳони рус, ки яке аз ғанитарин музейҳои ҷаҳони мутамаддин мебошад, Петродворетс (Қасри Пётри Кабир), ки бошишгоҳи тобистонаи подшоҳони рус буд, Кронштад, Мисинсавор (пайкараи Петри якум, ки аспсавор аст), музейҳои таърихию фарҳангии Ле-

нинградро ҳамчун роҳбаладиоқилу доно нишон медоданд, дар бораи ҳар кадоми онҳо қиссаю ривоятҳо мегуфтанд. Ман бо маслиҳати устод Маъсумӣ чанд рӯз дар Китобхонаи давлатии ба номи Салтиков-Шедрин кор кардам. Як қатор диссертатсияҳоро дида баромадам, бо авторефератҳо шинос шудам, оид ба реализм ва романтизм дар адабиёт китобҳо хондам.

Мо ба Ларисабону муваффақиятҳо орзу карда, аз Ленинград ба Ленинобод омадем. Манзур аз ин сафар шиносоӣ бо хонадони мо ва шаҳр буд. Якчанд рӯзе, ки устод бо ҳамсарашон дар ҳавлии мо гузарониданд, барои хонаводаамон ва хешовандонамон мисли тӯй гардид. Модарам, бародарам, хоҳарам хурсандӣ мекарданд, ки қадами муборакиустод Маъсумӣ ва Вера Пантелеймоновна ба кулбаи мо расидааст. Модарам, ки ошиқи ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз буданд, чун меҳмонони азизро пазируфтанд, даст ба дуо бардоштанд ва гуфтанд:

*Равоқи манзари чашми ман ошёнаи туст,*
*Карам намову фуруд о, ки хона хонаи туст.*

Устод фарзандвор ба модарам сари таъзим фуруд оварда гуфтанд:

*Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,*
*Дар зери қудуми модарон аст.*

Ҳамон бегоҳ тамоми аҳли оила ҷамъ омаданд. Язнаам Ҳикматуллохон марди фозилу донишманд, шеърдону шеърфаҳм, ки писари шоир Кированиии Истаравшанӣ мебошанд, бо устод дар рӯи суфа нишаста, то поси шаб суҳбат оростанд. Устод аз роҳ хаста шуда омада бошанд ҳам, бо язнаам мушоира карданд. Ҳар ду аз Ҳофизу Саъдӣ, Хайёму Ҷомӣ, Бедилу Хоҷа Камол хеле шеърхонӣ карданд. Ман қоил шудам, ки дили ҳардуяшон ҳам дарё, майнаашон ганҷинаи сухани мавзун будааст.

Язнаам дар сухандонӣ ҳар касро эътироф намекарданд.

Бевақтии шаб, вақте ки он касро то кӯча баровварда гусел мекардам, кӯтоҳакак гуфтанд:

- Устодатон забардаст будаанд.

Модарам ҳар субҳ ба саломи устод Маъсумӣ ва янгаи азиз мерасиданд ва як-ду байт аз Хоҷа Ҳофиз мехонданд.

Рӯзи дигар як гурӯҳ дӯстони ман - устодони Донишкадаи давлатии омӯзгории Хуҷанд Темурхон Мақсудов, Юсуфҷон Салимов, Аҳмадҷон Усмонов, Мирзоабдураҳмон Мирзобаҳодуров пайдо шуда омаданд ва устодро ба тамошои шаҳр бароварданд. Бозорҳои Чоршанбеву Панҷшанбе ва ёдгориҳои қалъаи Хуҷандро тамошо кардем. Сипас, ба чойхонаи лаби дарёи Сир омадем. Бародарон ин ҷо як палави ҷонон фармудаанд, ки баъд аз як-ду пиёла чой нӯшидан ба табақи калони сафол кашида оварданд. Бӯи хушаш иштиҳоро мекушод, буғаш ба осмон мепечид. Дар як гӯшаи дастархон обҳои маъдан, як шиша коняк ва як шиша арақ меистоданд.

Темурхон даст ба коняк бурд.

- Не, - ба шишаи арақ ишора карданд домулло, - аз ҳамон моли камбағал резед, лекин қиттӣ-қиттӣ...

Ба қавли хуҷандиҳо, «барои иримаш» як-ду ҷуръагӣ нӯши ҷон кардему ба палавхурӣ гузаштем. Устод Маъсумӣ гуфтанд:

- Аслан, ман ошхӯр нестам, лекин ин палавро нахӯрдан гуноҳ мешавад.

Азбаски дар атрофи устод ҷавонон ҷамъ омаданд, эшон дар бораи методикаи корҳои илмӣ, тарзи навиштани диссертатсия, ба шакл баровардани он, усули саволу ҷавоби унвонҷӯ бо муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ, матонату ҷасорат ва қавирӯҳӣ дар вақти дифоъ суҳбат оростанд.

- Дар диссертатсия ва автореферат баъзе чизҳо-хатоҳое мегузаранд, ки қасд кардагӣ барин чанд маротиба ислоҳ кунед ҳам, боз ҳамон ғалат боқӣ мемонад. Вақте ки дастна-

виси автореферати моро янгаатон Верахон дар мошинка чоп мекард, калимаи «тасма-тасма» (Саллаи Қорӣ-ишкамба тасма-тасма қарқ баста буд) «тамса-тамса» чоп шуда. Ман онро ислоҳ кардам. Корректураи авторефератро барои хондан доданд, он ҷо низ «тамса-тамса» дарҷ шудааст. Ислоҳ кардам ва ба ҳошия бароварда «тасма-тасма» навиштам. Вақте ки реферат ба нашр расид, дидам, ки боз «тамса-тамса» рафтааст.

Устод дар бораи типҳои гуногуни олимон ҳикоятҳо нақл карданд. Олимоне будаанд, ки ҷиҳатҳои хуби тадқиқоти дигаронро бо андак дигаргунӣ пурра аз худ мекунанд, аммо соҳибашонро ном намебаранд. Аммо аз ӯ ягон камбудӣ ёбад, ному насабашро гирифта танқид мекунанд.

Агар мо диссертантро комҷӯ бигӯем, баъзе олимонро номҷӯ гуфтан лозим меояд. Аз рисолаи шумо фақат номашро меҷӯянд. Агар ному насаби эшон ё ягон китобу мақолаашонро тазаккур надода бошед, осмон омада ба замин мечаспад. Олимоне ҳастанд, ки диссертатсияро намехонанд, танҳо мундариҷаашро аз назар мегузаронанд ва бадбахтона, ба музокира шарик мешаванд. Аз ин рӯ, андешаҳои хато ҳам иброз медоранд. Агар шумо ба он ғалатҳо ҷавоб диҳед, сахт меранҷанд. Ҳақталош низ кам нестанд. Александр Николаевич Болдирев, Михаил Александрович Боголюбов аз ҷумлаи ҳамин гуна донишмандон маҳсуб мешаванд.

Дар ин суҳбат дӯстони ман ба устод саволҳо дода ҷавобҳо гирифтанд.

Носирҷон Асадович як рӯзи дигар истода бо даъвати падарарӯсам ба хонаашон меҳмон шуданд. Дар атрофи дастархони дӯстона суҳбати гарм ба вуқӯъ пайваст. Падарарӯсам дар бораи бобои ман Мавлавихон, ки қозии Хуҷанд буданд, сифатҳои хуби падарам, ки дили қудоҳоро бо дӯстпарварӣ, самимият ва меҳрубонӣ ёфтаанд, роҷеъ ба падар ва бобои худ, ки дар Хуҷанд чун авлоди аъламҳо шуҳрат дош-

танд, муносибати гарму ҷӯшони тарафайн ҳарф заданд. Ба ин муносибат дар бораи пайванди аҷдоду авлод суҳбати шавқангез ба миён омад.

Устод Маъсумӣ фикру андешаҳои худро дар бораи аз насл ба насл гузаштани феълу атвор, хӯву хислат, беҳтарин суннатҳои миллӣ бо забони ба ҳамагон фаҳмо иброз доштанд. Вера Пантелеймоновна гуфтанд, ки аз фарзандону набераҳояшон ҳаргиз хавотир нашаванд, мо ҳамсоя ҳастем, аз ҳолу аҳволи якдигар хабар гирифта меистем.

Устод аз сафари худ ба Хуҷанд, шиносоӣ бо аҳли оилаи ду тараф-ман ва ҳамсарам қонеъ ва хурсанд шуданд. Баъд аз ин дидорбиниҳо муносибати устоду ман мисли муносибати падару фарзанд гардид. Вера Пантелеймоновна низ ба аҳли оилаи мо ҳамчун як модари ғамхор меҳрубониҳои худро дареғ намедоштанд. Ин гуна муносибати самимонаю сидқонаи мо то ба имрӯз давом дорад.

Баъд аз ду-се соли дигар, ба хаёлам моҳи май буд, ҳамроҳи устод боз ба Хуҷанд омадем. Аз мулоқоте, ки бо ҳайати донишҷӯён ва муаллимону профессорон баргузор шуд, як лавҳааш ба хотирам нақш бастааст. Раиси маҷлиси мулоқот Темурхон Мақсудов дар хотимаи суҳбати устод Маъсумӣ иброз дошт:

- Домулло, Шумо меҳмони шаҳри Камоли Хуҷандӣ шудед. Илтимос, барои авлоди ҷавони ин шоири бузург аз ашъори худ қироат кунед.

- Хоҷа Камол фармудаанд, - суҳбаташонро идома доданд устод:

*Ёр гуфт: Аз ғайри мо пӯшон назар. Гуфтам: Ба чашм,*
*В-онгаҳе дуздида бар мо менигар. Гуфтам: Ба чашм!*

Ман дар пайравии ин ғазалсарои бузурги Шарқ як шеъри ҳазломез навиштаам, ки бо иҷозати шумо онро қироат мекунам, «Аз қоқи нав» ном дорад он:

*Ёрро як бӯса деҳ, гуфтам, бигуфт: - Аз қоқи нав,*
*Сар ба зонуям бинеҳ, гуфтам, бигуфт: - Аз қоқи нав.*
*Ошиқи зорам, ки дорам мушкилӣ дар роҳи ишқ,*
*Во намо худ ин гиреҳ, гуфтам, бигуфт:- Аз қоқи нав.*
*Дорам уммеде, ки дар роҳи муҳаббат мешавад*
*Кор аз пешина беҳ, гуфтам, бигуфт: - Аз қоқи нав.*
*Интизори ҳарфи ширини ту мебошам, бигӯ*
*Ё қабеҳу ё малеҳ, гуфтам, бигуфт: -Аз қоқи нав.*
*Ман гирифтори туям, дилбар, фаромӯшам макун,*
*Бо хаёлам шод зиҳ, гуфтам, бигуфт: - Аз қоқи нав.*
*Кай шавад қоқи нават, эй нозанини дилрабо?*
*Деҳ ҷавоби мо саҳеҳ, гуфтам, бигуфт: - Аз қоқи нав!*

Мавҷи қарсакҳо ба фалак печид. Ҳам аз толор, ҳам аз раёсат садоҳои «Ҷуфт шавад!», «Ҷуфт шавад!» баланд шуданд. Ман дар толор, дар қатори аввал нишаста будам. Устод ба ман рӯ оварданд:

- Отаҷон, боз чӣ хонам?
- «Гули ман», - кӯтоҳакак ҷавоб додам.

Устод қироат карданд:

*Гули ман аз гулистон бӯй дорад,*
*Аҷаб чашму аҷаб абрӯй дорад.*
*Ҷамолаш офтобу олами ҳусн,*
*Ба ранги шом мушкин мӯй дорад.*

*Туро доим рафоқат мекунам ман,*
*Рафоқат бо садоқат мекунам ман.*
*Ба ҳар нозу итобат, ҷони ширин,*
*Тасаддуқ гуфта тоқат мекунам ман.*

*Нигоҳе мекунӣ бар ман нуҳуфта,*
*Ба дил дорӣ суханҳои нагуфта.*
*Биё, рози дили худро ба ман гӯй,*

*Ки гардад ғунчаи табъам шукуфта.*

Ҷавонон хеле хурсанд шуданд ва аз аввала баландтар кафкӯбӣ карданд. Бо чанд сухани сипосгузоронаи раиси маҷлис мулоқот анҷом ёфт ва роҳбарони донишкада моро ба «як пиёла чой» пешандоз карда бурданд.

Чунон ки ишора кардам, устод Носирҷон Маъсумӣ ташкилотчии конфронсҳои илмӣ ва амалии «Солонаи Айнӣ» дар шаҳру вилоятҳои Тоҷикистон ва берун аз марзҳои он буданд. Дар маҳалҳо ба ин тадбири илмӣ ва тарғиботӣ аҳамияти калон медоданд. Роҳбарони шаҳру вилоятҳо нағз медонистанд, ки хизматҳои С.Айнӣ дар роҳи пирӯзии ҳаёти нав ва пайдоишу тараққиёти адабиёт, илм ва санъати Тоҷикистони Шӯравӣ хеле ва хеле бузург аст. Ба маҷлисҳои «Солонаи Айнӣ» эътибори зиёд додани Академияи илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ, ба онҳо роҳбарӣ кардани устод Маъсумӣ, ки ба ҷуз директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ва академик-котиби Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон будан донишманди забардаст, инсони наҷиб, депутати Шӯрои Олӣ ва узви раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон, устоди бисёр ходимони ҳизбӣ ва давлатӣ ҳам шинохта шудаанд, обрӯи конфронсҳоро баланд мебардоштанд. Дар онҳо беҳтарин олимони суханшинос, айнишиносҳои маъруф, нависандагони машҳур бо маърӯза ва ёддоштҳои шавқовар баромад мекарданд. Вақте ки ёдбуди «Солонаи Айнӣ» дар маркази Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри дилкашу дилнишини Хоруғ гузашт, роҳбарони Боми ҷаҳон такрор ба такрор таъкид мекарданд, ки олимони тоҷик бо сарварии донишманди бузург ва арбоби намоёни давлатию ҷамъиятӣ Носирҷон Асадович Маъсумӣ шуҳрати устод Садриддин Айниро то арши фалак расониданд. Ҳарчанд ки гурӯҳи фидоии адабиётшиносон, забоншиносон ва нависандагон дар атрофи ус-

тод Маъсумӣ муттаҳид шуда, аз Душанбе то Хоруғ роҳи тӯлонии кӯҳиро мошинсавор тай намудем, чун ба манзили мурод расидем, хастаю шалпар нашудем, балки аз ҳавои ҷонбахши Бадахшон нафас кашида, аз оби зулоли рӯди Ғунд каф-каф об нӯшида, бо моҳу ситораҳо суҳбат намуда, бо рӯҳи тоза ва ғайрати беандоза кор кардем.

Ёдам меояд дар як хамгашти роҳи Қалъаи Хумб дар ҷои ба ронандаҳо намоён чӯбу тахтае зада, рӯи он навиштаанд: «Иван пошел прямо!», яъне Иван ном ронанда ба чап тоб нахӯрда, шояд аз хастагӣ ё ғанаб кардан, ё аз мастӣ ба пастӣ ғелида рафтааст. Мошини газики мо он ҷо қарор гирифт. Ба ҷарӣ назар афкандем, ки он ҷо афтода саломат мондан ҳаргиз мумкин нест. Мошин лахту палахт, бораш парешон буд. Носирҷон Асадович фармуданд:

- Ба ҷои «Иван пошёл...» байти Бедилро навиштан даркор буд, ки гузаштагонамон дар тахтасангҳои сари роҳи мушкилгузар сабт мекардаанд:

*Як қадам роҳ аст, Бедил, аз ту то домони марг*
*Дар сари мижгон чу ашк истодаӣ, ҳушёр бош!*

Воқеан, ҳамин байтро маҳз устод Айнӣ дар яке аз мақолаҳои публитсистиашон корбаст намуда буданд.

Устод Айнӣ ба Помир сафар накардаанд. Аммо асарҳои ӯро дар хонаи ҳар як бадахшонӣ метавон дид. Мардуми Бадахшон қиссаву романҳои С.Айниро ба мутолиа гирифта, гузаштаи халқи тоҷикро дарк намуданд ва моҳияти зиндагии тозаро фаҳмиданд. Фарзандони бузурги Бадахшон ба устод меҳр бастанд. Соли фоҷиабори 1937, ки ноҳақ устод Айниро чун «миллатчии буржуазӣ» ва «душмани халқ» аз сафи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон хориҷ карданӣ шуданд, шоири бадахшонӣ, сарвари нависандагони ҷумҳурӣ Нодир Шанбезода ба ҷавонони «ҳақиқатхоҳ» ва «адолатҷӯ» чунин муроҷиат кард:

- Ман масъалаи аз Иттифоқи нависандагон хориҷ кардани устод Айниро ба маҷлис гузошта наметавонам. С.Айнӣ падари маънавии ҳамаи нависандагони тоҷик, устоди ҳамаи мост. Ман як билети ҳизбӣ дорам, ки онро азиз мешуморам, касе, ки ду билети ҳизбӣ дорад, шояд аз уҳдаи кор баромада тавонад...

Ба шарофати Нодир Шанбезода устод Айнӣ дар Иттифоқи нависандагон монданд.

Хизмати ӯ аз минбари баланди конфронси илмии «Солонаи Айнӣ» дар Хоруғ таъкид гардид.

Дар конфронс чун ҳамеша устод Маъсумӣ раисӣ карданд ва дар суханронии ифтитоҳии худ мавқею мақоми С.Айниро дар инкишофи забону адабиёти тоҷик, илму фарҳанг ва дигар соҳаҳои ҳаёти маънавии халқ, бедории миллӣ ва худшиносии он тазаккур доданд.

Дигар донишмандон, ҳамчун Муҳаммадҷон Шукуров, Расул Ҳодизода, Абдураззоқ Ғаффоров ва дар ин радиф банда ҳам, дар бораи паҳлуҳои гуногуни мероси адабии С.Айнӣ, аҳамияти онҳо барои тараққиёти Тоҷикистон ва илму адабиёти он таваққуф намуданд.

Бозгашт ба Душанбе боз бо мошин сурат гирифт. Мегуфтем, ки мо ду қулларо фатҳ кардем: яке қуллаи Кӯҳистони Бадахшон, дигаре қуллаи эҷодиёти Садриддин Айнӣ.

Яке аз маҷлисҳои илмии «Солонаи Айнӣ», агар ҳофизаам сустӣ накунад, баҳори соли 1966 дар шаҳри Истаравшан баргузор гардид. Ман он вақт мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Хуҷанд будам. Бо сардории устод Маъсумӣ як гурӯҳ донишмандони моҳир Муҳаммадҷон Шукуров, Раҷаб Амонов, Расул Ҳодизода, Хуршеда Отахонова, Абдуқодир Маниёзов ва дигарон ба Хуҷанд ташриф оварданд. Аз ин ҷо банда, Юсуфҷон Салимов ва Аҳмадҷон Усмонов ба он корвони илм

ҳамроҳ шудем. Дар Истаравшан моро Мирзоқосим Рустамов, котиби аввали кумитаи ҳизбии шаҳр ва раиси шаҳр Зуҳро Шодиева ва дигарон гарму ҷӯшон пешвоз гирифтанд. Дар осоишгоҳи шаҳр ҷой гирифтему пас аз чой нӯшидан ба тамошои шаҳр баромадем. Тал ва Муғро бо завқу шавқи зиёд дидан кардем. Мирзоқосим Рустамов дар бораи Истаравшан ва таърихи он, навигариҳое, ки дар аҳди роҳбарии ӯ рух додаанд, бо ифтихор ҳарф мезад. Намозгоҳ ва чашмаи он, Ҳавзи морон ва дигар ҷойҳои таърихии шаҳрро дидем. Сипас, моро ба заводи майкашии Истаравшан бурданд, ки ин ҷо аз ангурҳои хуштамъи Истаравшан анвои гуногуни май ва шароб ҳосил мекарданд. Заводро аз назар гузаронидем, бо коргарон ва коршиносон суҳбат оростем, сонӣ, ба толоре ворид шудем, ки он ҷо дастархон кушода буданд. Дар ин ҷо намунаҳои ҳамаи анвои майҳои ноб, гулгун ва шаробҳое, ки завод аз соли бунёд гардидани худ истеҳсол кардааст, вуҷуд доштанд. Майгустарӣ оғоз шуд. Бо пешниҳоди М.Рустамов устод Маъсумӣ садри суҳбат интихоб гардиданд. Устод барои пазироии самимона изҳори миннатдорӣ карданд ва шарт гузоштанд, ки бояд ҳар кас дар бораи май ва сифатҳои он шеъре бигӯяд. Ва ҷоми булӯр дар даст аз Хоҷа Ҳофиз оғоз карданд:

*Гул дар бару май дар кафу маъшуқ ба ком аст,*
*Султони ҷаҳонам ба чунин рӯз ғулом аст.*
*Гӯ шамъ маёред дар ин ҷамъ, ки имшаб*
*Дар маҷлиси мо моҳи рухи дӯст тамом аст.*

Устод ба чеҳраи Зуҳро Шодиева, ки ҳамчун Зуҳраи осмонӣ зебою нуронӣ буд ва Мирзоқосим Рустамов, ки бо ҳайрат суханони устодро гӯш мекард, назари пурмеҳр андохтанд ва шеърро идома доданд:

*Дар мазҳаби мо бода ҳалол аст, валекин*
*Бе рӯи ту, эй сарви гуландом, ҳаром аст.*

Зуҳро Шодиева байти мазкурро ба унвони худ қабул кард ва ба сӯи устод бо нимтаъзиме, ки шоистаи зани Шарқ аст, табассуми латиф ҳадя намуд. Устод давоми ғазалро қироат карданд:

*Гӯшам ҳама бар қавли наю нағмаи чанг аст,*
*Ҳар лаҳза зи гесӯи ту хушбӯй машом аст...*

Хуршедабону низ ишораи сипос кард. Устод ғазалро бо шавқу сурур давом доданд:

*Майхораву саргаштаву риндему назарбоз*
*В-он кас, ки чу мо нест дар ин шаҳр кадом аст?...*
*Ҳофиз манишин бе маю маъшуқ замоне,*
*К-айёми гулу ёсуману иди сиём аст.*

Аҳли дил кафкӯбӣ карданд. Бо майи гулгун ҳалқҳо тар шуданд, чеҳраҳо низ арғувонӣ гардиданд. Май як ҷуръа бошад ҳам, даҳонҳоро бикшод.

Расул Ҳодизода, ки марди хушзавқ ва базморост, аз ҷой баланд шуду гуфт:

- Чун муошираи мо бо ғазали пуршӯри Ҳофизи бузургвор оғоз ёфт, ман ҳам як ғазали ӯро ба ёд меорам ва аз он сатрҳое ибтидо мекунам, ки шоири ринд ба ҳабиб мегӯяд:

*Биёр з-он майи гулранги мушкбӯ ҷоме,*
*Шарори рашку ҳасад дар дили гулоб андоз.*
*Агарчи масту харобам, ту низ лутфе кун,*
*Назар бар ин дили саргаштаи хароб андоз*
*Ба ними шаб агарат офтоб мебояд,*
*Зи рӯи духтари гулчеҳри раз ниқоб андоз!...*

Қадаҳҳо садои нӯш бароварданду ҷуфт шуданд. Суҳбат метафсид. Устод Маъсумӣ хушдил ва масрур буданд.

- Муҳаммадҷон, чаро хомӯшӣ?- гуфтанд.

Устод Шукуров марди имофаҳм ҳастанд. Кам шеър мег-

ӯянд, вале бамаврид мегӯянд.

- Ман дар ҷавониам ғазалҳои Хоҷа Ҳофизро бисёр медонистам, - сухан оғоз карданд устод, - маю маъшуқ дар ашъори ӯ кам нестанд. Дар мавриди суҳбати мо кадомашон муносибтар бошад? Хайр, ҳар чӣ бодо бод:

*Субҳи давлат медамад, ку ҷоми ҳамчун офтоб?*
*Фурсати беҳ з-ин куҷо ёбам, бидеҳ ҷоми шароб!*
*Хона беташвишу соқӣ ёру мутриб базлагӯ,*
*Мавсими айш асту даври соғару аҳди шабоб.*
*Хилвати хос асту ҷои амну нузҳатгоҳи унс,*
*«Ин ки мебинам ба бедорист, ё раб, ё ба хоб?...»*

Майи хом ҳамроҳи ғазалҳои пухта дилҳоро ба шӯр меовард. Мирзоқосим Рустамов дид, ки Хуршеда Отахонова ҳар бор ҷоми гулгунро ба лаб мерасонаду боз рӯи миз мегузорад, ӯ чун мизбон назди меҳмон омад ва қадаҳро бардошта ба меҳмон бидод ва даъват ба нӯшидан кард. Ҳамин дам Раҷаб Амонов низ ҷоми майи хом, навъи хеле сабук на хушхӯрашро лутфан ба Хуршедабону дароз карданд, то оби ангурҳои бобоии худ бичашанд. Хуршеда аз чунин «муҳосира» бо қироати як байти Хоҷа Камол наҷот ёфтанд:

*Дод беш аз дигарон ҷоми маям пири муғон.*
*Он тиҳӣ ношуда ҷоми дигар овард маро.*

Устод Амонов дар васфи май ва гулу булбул чанд рубоии халқӣ гуфтанд ва ба ҳамин минвол суҳбати мо ба базми ҷамшедӣ табдил ёфт.

Устод Маъсумӣ дар поёни суҳбат гуфтанд:

- Мо дар зодгоҳи шоири бузурги халқи тоҷик Зуфархон Ҷавҳарӣ ҳастем. Дар ҳамин рӯз ин дӯсти наздики устод Айниро ёдовар нашуда наметавонем. Хусусан, ки Ҷавҳарӣ низ дар бораи май ва фалсафаи он шеърҳои олиҷаноб дорад. Сипас, аз ғазали ӯ чанд байт қироат карданд:

*Биёр он нуқли софу гавҳари рахшанда, эй соқӣ,*
*Ки аз аксаш шавад гетинамо паймонаи дилҳо...*
*Шарор аз барқи май дар хирмани фарҳангу фитрат зан,*
*Ки дар кори ман аз таври шуур афтод мушкилҳо...*

Орзумандам, ки ба кори ҳеҷ кас мушкилӣ наафтад.

Рӯзи дигар ҳама дар атрофи дастархони субҳона нишастем. Роҳбарони шаҳр низ омаданд, аммо аз устод Маъсумӣ дарак набуд. Ман ба утоқашон рафтам. Дидам, ки дастурӯ мешӯянд. Пас гаштам. Боз дақиқаҳои зиёд гузаштанд. Аҳмадҷон рафта хабар оварданд, ки устод риш метарошанд. Вақт мегузашт. Рустамов хавотир буданд, ки одамон ҷамъ меомада бошанд. Юсуфҷон ба даъвати устод рафта мужда оварданд, ки либосҳои тозаи худро мепӯшанд... Ҳамин тариқ, устод Маъсумӣ саросема нашуда ба ҳузури мо омаданд.

- Кайҳо боз ин хел осуда хоб накарда будам, - гуфтанд устод пас аз салому алек, - ҳавои Истаравшан ҳузури ҷон будааст.

- Ҳамин бустонсаро аз они шумо, - лутф карданд Мирзоқосим Рустамов, - ҳар сол биёеду истироҳат кунед, мо ҳам аз суҳбати шумо баҳра бардорем.

Субҳона бо ҳазлу шӯхиҳои рафиқона гузашт, мо ба толори ҳукумат омадем. Халқи бисёр ҷамъ шуда буд.

Рустамов сессияи илмии «Солонаи Айнӣ»-ро ифтитоҳ бахшида, меҳмононро муаррифӣ карданд. Сипас, инони сессияи «Солонаи Айнӣ» ба ихтиёрӣ устод Маъсумӣ гузошта шуд. Устод дар бораи шахсияти С.Айнӣ ва аҳамияти мероси адабӣ ва илмии ӯ ҳарф заданд. Сипас олимон ва донишмандон роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти поягузори адабиёти шӯравии тоҷик маърӯзаҳо карданд ва гузоришҳо доданд.

Мирзоқосим Рустамов дар ҷамъбасти кори сессияи илмӣ иброз доштанд, ки ташрифи олимон ва нависандагони Ду-

шанбе ва Хуҷанд дар Истаравшан ба воқеаи намоёни илмию фарҳангӣ табдил ёфт. Таманно дорам, ки ин гуна сафарҳо бо сарварии устод Маъсумӣ тез-тез ба вуқӯъ пайвандад.

Ҳамин гуна сафарҳо бо роҳбарии устод Маъсумӣ дар Самарқанду Бухоро низ ба вуқӯъ пайваста буд. Хусусан, маҷлиси сайёри «Солонаи Айнӣ» дар Бухоро дар лавҳи хотирамон нақш бастааст. Чунки дар ин сафар на танҳо Бухорои шариф ва ёдгориҳои таърихию фарҳангии он, бахусус мадрасаҳои Мири Араб, Кӯкалтош ва дигарҳоро, ки С.Айнӣ таҳсил карда буд, тамошо кардем, балки зодгоҳи устоди забардасти сухан - деҳаи Соктареро низ бидидем.

Дар ин сафар низ сарҳалқаи донишмандон устод Маъсумӣ ва ҳалқаҳои пайванд Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҳошим, Муҳаммадҷон Шукуров, Расул Ҳодизода, Абдураззоқ Ғаффоров, Иброҳим Раҳматов, С.Салоҳ ва банда ба шумор меомаданд. Аълохон Афсаҳзод аз Институти шарқшиносӣ, Маърифат Қозиҷонов аз Донишкадаи омӯзгории Душанбе низ иштирок доштанд.

Аз Тошкент низ як гурӯҳ донишмандон бо сардории доктори илмҳои филология, профессор Абдуқодир Ҳаитметов ташриф оварда буданд. Мизбонон роҳбарони шаҳри Бухоро, котиби масъули шуъбаи бухороии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистан, устодони Донишкадаи давлатии омӯзгории Бухоро ба шумор меомаданд. Агар саҳв накунам, мавзӯи асосии конфронс «Садриддин Айнӣ ва Бухоро» буд. Гули сари сабади ҳамаи маҷлисҳо, мулоқотҳо, суҳбатҳо, зиёфатҳо устод Носирҷон Маъсумӣ маҳсуб мешуданд. Устод дар суханронии худ мавқеи бузурги С.Айниро дар тасвири бадеӣ, тадқиқи илмӣ ва инкишофи фарҳанг ва мактабу маорифи Бухоро бо консепсия ва далелҳои илмӣ ба исбот расониданд.

- Садриддин Айнӣ ва Бухоро тавъаманд,- таъкид наму-

данд устод. - Мо Айнӣ бигӯем, Бухоро пеши назар меояд, Бухоро бигӯем, Айнӣ дар тасаввури мо зинда мешавад. Тамоми материалҳои асосии осори бадеии С.Айнӣ аз воқеияти Бухоро гирифта шуданд. Бисёр қаҳрамонони ӯ таҷассуми мардуми Бухоро бо тамоми мураккаботи он мебошанд. Инқилоби фикрии С.Айнӣ аз Бухоро ибтидо гирифт ва роҳи ӯ ба озодӣ аз ин шаҳри бостонӣ сар шуд...

Аз ашъор ва мақолаҳои публисистӣ, аз қиссаву романҳо то «Ёддоштҳо», аз «Таърихи инқилоби Бухоро» то тадқиқи бадеии ҳаёти фарзандони Бухоро ... устод роҷеъ ба саҳми шоистаи Айнӣ дар эҳёи маънавии ин гаҳвораи илму тамаддун ва фарҳанги тоҷик суханҳои пуртаъсир гуфтанд.

Дар суханронии бисёр олимон ва донишмандон консепсияи илмии устод Маъсумӣ дар бораи ягонагии ҷудоинопазири Айнӣ ва Бухоро, хизматҳои бузурги ин нависанда ва донишманди сарсупурда дар роҳи тасвиру тадқиқи бадеӣ ва таҳқиқи илмии таърихи Бухоро дар қарнҳои XIX-XX муайян карда шуд.

Донишманди маъруфи ӯзбек Абдуқодир Ҳайитметов низ роҷеъ ба шеърҳои навёфти С.Айнӣ дар бораи Бухоро гузориш дод.

Фақат котиби масъули Шуъбаи бухороии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, шоир Тошпулод Ҳамид ҳозиринро бо гузориши худ ба иштибоҳ андохт. Ӯ дар бораи таърихи таълифи шеъри машҳури С.Айнӣ «Марши ҳуррият» (1918) сухан ронда, барғалат гуфт, ки ин шеър аввалин маротиба ба забони ӯзбекӣ навишта шудааст.

Аз ин фикри ӯ ман ба ғазаб омадам. Ба устод Маъсумӣ маънидорона назар афкандам. Устоди рамузфаҳм бо ишораи нозук ҷавобгӯии моро ба ин даъвои беасос пазируфтанд. Сипас, ман ба минбар баромадам.

Ӯ пас аз анҷоми конфронс беибо ба ман гуфт:

- Шумо моро беҳуда танқид кардед. Чӣ фарқ дорад, ки

С.Айнӣ «Марши ҳуррият»-ро аввал ба забони тоҷикӣ ё ӯзбекӣ офаридааст?

- Фарқи калон дорад, - гуфтам дар ҷавоб, - адабиёти нав, адабиёти советии тоҷик бо ҳамин шеъри устод Айнӣ сар шудааст. Агар фарқаш набошад, чаро шумо зӯр зада исбот карданӣ шудед, ки ин суруди озодӣ ибтидоан ба ӯзбекӣ гуфта шудааст.

Ӯ мулзам шуд.

Дар барномаи сарварони Бухоро сафари мо ба зодгоҳи С.Айнӣ деҳаи Соктаре ба назар гирифтагӣ набудааст. Устод Маъсумӣ дар аввалин мулоқоти мо бо шаҳрвандони Бухоро пешниҳод намуданд, ки зиёрату саёҳати Соктареро ба барномаи конфроси «Солонаи Айнӣ» дохил кардан зарур аст. Ба Бухоро, ба ватани Айнӣ омада, зодгоҳи ӯро надида рафтан маънӣ надорад. Таклифи устод қабул шуд. Дар доираи барномаи конфронс рӯзе фаро расид, ки мо роҳи Соктареро пеш гирифтем. Дар ин сафар, чунон ки зикраш рафт, дотсент Маърифат Қозиҷонов иштирок дошт. Ӯ зодаи Бухорост. Як ҷияни Қозиҷонов дар китобхонаи шаҳрии Бухоро кор мекардааст. Ӯ ҷавонзани болобаланди зебо буда, чашмони сиёҳи сеҳрангез дошт. Устод Маъсумӣ, ки дили шоирона доштанд ва зебоипараст буданд, гуфтанд, ки ин хонум монанди пайкараҳои Юнони Қадим дилрабо будаанд, махсусан чашмони шаҳлояшон ҷаззобанд. Фикрашонро ба Вера Пантелеймоновна низ гуфтанд:

- Муткул, посмотри, какие у неё пленительные глаза.

- О-го, понравилась, ничего нескажешь, это божий дар, - худро бепарво вонамуд карданд янгаи зираки мо.

Ҳамин тариқ, ба Соктаре расиданамонро нафаҳмида мондем. Дар он ҷо бо мардуми деҳа, хешовандони устод Айнӣ, бо мактаби куҳнае, ки Садриддин маълумоти ибтидоӣ гирифта буд, шинос шудем. Суҳбатҳо ҳама ба забони тоҷикӣ ва хеле судманд сурат мегирифтанд. Сокинони деҳа ифти-

хор мекарданд, ки бо олимон ва нависандагони тоҷик ошно шуда, бо забони Садриддин Айнӣ гуфтугӯ менамуданд.

Суҳбати меҳмонону мизбонон ҳангоми пешинхӯрӣ дар як боғи дилкушо, дар лаби ҷӯй, оби равон, зери дарахтони сарсабзу хеле шоирона ҷараён гирифт. Чеҳраҳои гулгуну чашмони сиёҳ илҳом мебахшиданд. Касе беихтиёр гуфт:

Чашмони сияҳ дориву мо ҳам дорем,
Ту ноз макун, ки мо намебардорем.

Устод Маъсумӣ оҳистекак шишаи обро ҳӯппоқ зада хозиринро ба худ мутаваҷҷеҳ сохтанд ва гуфтанд:

- Чашм яке аз мавзӯҳои муҳими адабиёти классикии форсу тоҷик аст. Дар ин бора чӣ қадар ғазалҳо, рубоиҳо, достонҳои ҷаззоб офарида шудаанд. Дар эҷодиёти даҳонакии халқ низ чашм мавқеи шоиста дорад, ки ҳамин ҳоло як байташро шунидем. Ҳамаи он асарҳо ошиқонаанд. Ошиқи ҳақиқӣ ҷавонмард аст. Вай ҳамаи нозҳои маъшуқаро мебардорад. Суҳбати кунуниро ба ҳамин мавзӯъ мебахшем. Шарт ҳамин, ки ҳар кас нӯшбоде мегӯяд дар ситоиши чашми ёр.

- Носирҷон, худатон сар кунед! - луқма доданд Раҳим Ҳошим.

- Бошад, - гуфтанд устод, - Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ мефармояд:

*Чашмам, ки ба чашми он паричашм афтод,*
*В-аз чашми паричашм ба ман чашм афтод.*
*Гуфтам, ки ба чашми худ бубинам чашмаш,*
*Аз чор тараф ба чашми ман чашм афтод.*

Раҳим Ҳошим баъд аз чанд сухани ифтитоҳӣ гуфтанд:

- Ман як рубоӣ мегӯям, агар саҳв накунем, аз Ҷалолиддини Румист:

*Чашме, ки бад-он рухи лола кунад,*
*Ин гунбади чархро пур аз нола кунад.*
*Майҳои ҳазорсола ҳаргиз накунад,*

*Девонагие, ки ишқи яксола кунад.*

Нӯшбодро Расул Ҳодизода давом доданд ва дар хулосаи сухан ин рубоии Бедилро қироат карданд:

*Аз рӯи ту барқ бар ниқоб афтодаст,*
*Аз чашми ту шуъла дар шароб афтодаст.*
*Бар сози шикаст чун напечад зулфат?*
*К-ин соя зи боми офтоб афтодаст.*

Ба ман ҳам навбат расид. Мувофиқи вазъият чунин байти Фониро гуфтам:

*Нигори турку тоҷикам кунад сад хона вайрона,*
*Ба-дон мижгони тоҷиконаю чашмони туркона.*

Абдурозиқ Ғаффоров ба қаҳрамони суҳбати мо назар афканда, аз Хоҷа Камол байте ба забон овард:

*Он чашми ниммасти ту ҷаҳоне хароб сохт,*
*Дилҳо бисӯхт нимею ниме кабоб сохт.*

Раҷаб Амонов, ки ба дафтари ёддоштҳои худ, ба фикрам, рафти суҳбатро менавишт, як рубоии халқӣ гуфт:

*Эй чашми ту чашми чашмаи чашми ҳама,*
*Бе чашми ту зеб нест бар чашми ҳама.*
*Чашми ҳамаро назар ба сӯи ту бувад,*
*Аз чашми ту чашмҳост бар чашми ҳама.*

Ҳозирин ҳама кафкӯбӣ карданд. Домулло Маъсумӣ ба қироаткунандаҳои ашъори латиф изҳори сипос намуданд.

Қаҳрамони суҳбати мо ҳамчун гули садбарг бишкуфт. Аз ҷой бархоста таъзим кард, ташаккур гуфт, вале сухани манзум аз даҳони ӯ берун наомад, ӯро шарму ҳаё пахш карда буд.

Янгаи муҳтарама Вера Пантелеймоновна луқма доданд:

- Что-то все хором заговорили «чашм-чашм». По сути глаза зеркало души. Если у нашей подруги красивые глаза, значит у неё красивая душа!

Устод Маъсумӣ ҳамсари худро дастгирӣ карданд:

- Биёед, дӯстон, - қадаҳ бардоштанд устод, - ҷоми хоти-

мавиро барои занони баиффати мо, барои дили оинаи онҳо, саломатии бардавом ва бахту саодати пояндаи онҳо менӯшем. Ба мизбонони меҳрубон низ барои меҳмоннавозиашон изҳори миннатдорӣ мекунем. Бигзор, рӯҳи ҷовидонии устоди забардасти сухан Садриддин Айнӣ посбони сари сабзу дили гарми шумоён бошад!

Қадаҳҳо холӣ шуданд. Кафкӯбии сипосгузорӣ баланд шуд.

Бо рӯҳи баланд ба Бухоро баргаштем. Бегоҳӣ дар тарабхонаи зебои шаҳр ба муносибати анҷом ёфтани конфронси «Солонаи Айнӣ» роҳбарони шаҳр зиёфати расмӣ доданд. Боз суханҳо аз дӯстӣ, бузургии устод Айнӣ, ки дар роҳи иттиҳоди халқҳои тоҷику ӯзбек хидматҳои таърихӣ кардааст, баланд садо доданд.

Раҳим Ҳошим гуфтанд: - Ман бо яке аз шогирдони устод Айнӣ Мустақим Мирзоев ҳамсуҳбат шудам. Ӯ тоҷик бошад ҳам, тавонистааст, ки барои мактабҳои миёнаи Ӯзбекистон китоби дарсии забони ӯзбекиро таълиф намояд. Ин ҳам як падидаи дӯстӣ аст. Аммо як нукта маро ба шигифт овард, ки ӯ забони модарии худро фаромӯш кардааст. Мегӯяд, ки «Таърихи инқилоби Бухоро», асари устоди худро мутолиа намуда, нафаҳмидааст.

Раҳим Ҳошим дар бораи фасоҳати забони устод Айнӣ сухан ронданд.

Нӯшбодҳо, мушоираҳо, суҳбатҳо ҳама ба забони тоҷикӣ ҷараён гирифтанд. Сарояндаи хушовози Ӯзбекистон Малоҳат Дадобоева, ки аслан хуҷандист, набераи Содирхони Ҳофиз аст, тамоми таронаҳои худро ба забони тоҷикӣ иҷро кард. Дар ҳама ҷое, ки қадами муборакӣ меҳмонони тоҷикистонӣ расид, гуфтугӯ бо забони тоҷикӣ сурат мегирифт. Меҳмонони тошкандӣ, ки забони тоҷикиро фаҳманд ҳам, таҷрибаи муҳовара надоштанд, дар зиёфат бо забони ӯзбекӣ ҳарф назаданд. Онҳо суханони худро ба забони русӣ

гуфтанд.

Конфронси илмии «Солонаи Айнӣ» дар Бухоро хотирмон буд. Ҳар як олим ё нависандае, ки баъд аз ин маҷлис ба Душанбе меомад, таассуроти худро дар бораи он мулоқотҳо ба шавқи расо ҳикоят мекард.

Моҳи майи соли 1968 дар Ӯзбекистон Ҳафтаи адабиёт ва санъати Тоҷикистон баргузор шуд. Он вақт дар Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Хуҷанд ба сифати мудири кафедраи адабиёти тоҷик шуғл меварзидам. Аз номи раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон барқия гирифтам, ки бояд ҳатман дар ин Ҳафтаи адабиёт ва санъат ширкат намоям. 20-уми май ба Тошкент парвоз кардам. Аз Душанбе як гурӯҳ донишмандон, аз он ҷумла, устод Носирҷон Маъсумӣ низ ба ин ҷашни адабиёту ҳунари тоҷик ташриф оварда буданд. Хеле хурсанд шудам. Ҳамон рӯз ҳайати нависандагонро Раёсати Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон пазируфт. Олимон - академик Аловаддин Баҳовaддинов, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон Носирҷон Маъсумӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Мунзифа Ғаффорова, Раиси ҷамъияти «Дониш»-и Тоҷикистон Воҳид Шарифов ва бандаро Раёсати Академияи илмҳои Ӯзбекистон қабул намуд. Ҳаво гарм буд. Ҳама дар бар костюму дар гардан галстук дар яке аз толорҳои на чандон калон атрофи дастархони дӯстона нишастаем. Суханҳои якрангу якнавохт дар бораи дӯстии халалнопазири халқҳои тоҷику ӯзбек аз ҳар ду тараф садо медоданд. Президенти Академияи илмҳои Ӯзбекистон Обид Содиқов, ки раисии ин мулоқотро дар уҳда дошт, чун марди хеле ҷиддӣ роҷеъ ба мустаҳкам намудани равобити ҳамкориҳои илмӣ сухан меронд. Вакилони Тоҷикистон низ бо ҳамон оҳанг мубодилаи афкор мекарданд. Ман дар паҳлуи устод Маъсумӣ будам ва аз чеҳраашон ҳис менамудам, ки аз суханҳои расмӣ ва хушк ба танг омадаанд,

таҷанг шудаанд. Ниҳоят, ба ман назар афканда гуфтанд: - «Ота, намекафем-мӣ?». Ман суханони устодро фаҳмидам ва ба раиси маҷлис наздик рафта, илтимос кардам, ки ба Носирҷон Асадович Маъсумӣ сухан диҳанд. Ӯ пас аз як нафар бародари ӯзбек ба устод сухан дод. Домулло аз ҷой бархостанду чун анъана чанд сухан аз дӯстию бародарӣ ва ҳамкориҳои судманди таърихии халқҳои тоҷику ӯзбек, ки ин суннат ба мо аз Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ мерос мондааст, ҳарф заданд, гуфтанд, ки мо бояд ин арзишҳои маънавиро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем, эҳтиёт кунем, равнақу ривоҷ диҳем... Сонӣ, табақчаро ба даст гирифта, «соз карданд» ва бо овози фораму оҳанги дилнишин хонданд:

*Дӯстларим бир нозанин ишқи бу ҳол этмиш мени,*
*Ишқ савдоси алиф қаддимни дол этмиш мени...*

Суруди классикиро бо мадду ҷазр ва бароварду фаровардаш ба поин расониданд, аз гармии ҳаво арақ ҳам карданд. Мавҷи қарсакҳо баланд шуд, ҳама такрор ба такрор раҳмату офарин гуфтанд. Обид Содиқов низ ба ваҷд омад ва хоҳиш намуд, ки «меҳмони азиз мувофиқи талаби ҳозирин сурудро ҷуфт кунанд». Устод таклифро пазируфтанд. Агар суруди якум бар шеъри Алишер Навоӣ бошад, таронаи дувумро бо ғазали Бадриддин Ҳилолӣ давом доданд:

*Пушту паноҳи ман буд девори дилбари ман.*
*Аз гиря бар сар афтод, эй хок бар сари ман...*

Ҳамин тавр, бо такрори нақарот ба авҷ расиданд ва тадриҷан ба хотима омаданд:

*Ҷуз кунҷи ғам, Ҳилолӣ, ҷои дигар надорам,*
*Ман подшоҳи ишқам, ин аст, кишвари ман.*

Садои марғуладори устод бар дилҳо нишаст. Яххо об шуданд. Обид Содиқов ба назди Носирҷон Асадович омада, устодро оғӯш карда бӯсид, ташаккур гуфт. Дигар донишмандони ӯзбек низ изҳори миннатдорӣ карданд. Чорчӯбаи

расмият бишкаст ва мизбонону меҳмонон ҳар яке ҷой иваз намуда, ба паҳлуи ошно ва дӯсти дерини худ гузашта менишаст. Расмият аз байн рафт. Суҳбати ҳақиқии дӯстона сар шуд. Устод ҳам шод буданду ҳозирин ҳам...

Бародарони ӯзбек иштирокдорони Ҳафтаи адабиёти тоҷикро, ки Шароф Рашидов дар расми кушоди Ҳафта онро ба Даҳа табдил дод, ба гурӯҳҳо тақсим карда, ба шаҳру вилоятҳои Ӯзбекистон ҳидоят намуданд. Бо устод Маъсумӣ фақат дар рӯзи хотимавии Даҳа дар бустонсарои ҳукуматӣ ба муносибати бо муваффақият анҷом ёфтани Даҳа шарафи дидор муяссар гардид. Дар бустонсарои ҳукуматӣ ба муносибати бо муваффақият анҷом ёфтани Даҳаи адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон зиёфати қабул оростанд. Дар анҷоми зиёфат устод Мирзо Турсунзода ҳамроҳи академик Аловаддин Баҳоваддинов ба назди Носирҷон Асадович ва ман омаданд.

- Акнун навбати мо, - сухан оғоз карданд Мирзо Турсунзода, - моҳи сентябр рафиқони ӯзбек ба Тоҷикистон меоянд. Мо бо Аловаддин Маҳмудович маслиҳат кардем, ки ягон рисола навишта, ҳамин Даҳаро ҷамъбаст кардан даркор аст. Ин корро кӣ ба уҳда мегирад?

- Одам кофтан шарт нест, - гуфтанд устод Маъсумӣ, - ин корро Атохон ба уҳда мегиранд.

Ман ҳанӯз даҳон накушода, Аловаддин Маҳмудович фармуданд:

- Бетаъхир навиштан лозим. Ҷамъияти «Дониш» ба чоп мерасонад.

Дигар ҷои гап набуд. Ба Хуҷанд ҳамроҳи устодон Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода баргаштем, ки онҳо дар ин ҷо ду-се рӯз меҳмон шуданд. Ба аёдати модари беморам рафтанд. Он касро розӣ карданд, ки ман боз ба Душанбе рафта, ҳамроҳи устодон дар Иттифоқи нависандагон кор бикунам.

Ман рисоларо навиштам. Вай ба пешвози Ҳафтаи адабиёт ва санъати ӯзбек дар Тоҷикистон таҳти унвони «Ҷашни дӯстӣ ва иди маданият» бо сарсухани гурӯҳи донишмандон нашр шуд.

Чунин аст он пешгуфтор:

«Дӯстии бародарона ва ҳамкории эҷодии халқҳои СССР, ки дар давраи ҳозира беш аз пеш мустаҳкам шудааст, сарчашмаи асосии муваффақиятҳои сохтмони ҷамъияти коммунистӣ дар мамлакати мо мебошад. Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Республикаи Советии Сотсиалистии Ӯзбекистон ҳам, ки моҳи майи соли ҷорӣ гузаронида шуд, на танҳо ҷашни бошукӯҳи маданияти мо буд, балки ба намоиши дурахшони дӯстии ленинии халқҳо табдил гардид. Дар ин даҳа, мо, як гурӯҳ олимон, ҳам иштирок доштем. Рафиқони ӯзбек аз гул пойандоз густурда, моро дар дилу дидаи худ ҷой доданд. Онҳо меҳмоннавозӣ, лутфу марҳамат ва қадршиносиро ба ҷое расониданд, ки бо гуфтан поён намеёбад.

Партияи коммунистӣ ва Ҳукумати Ӯзбекистон, тамоми ташкилотҳои эҷодӣ, ходимони илму маданияти он, тамоми меҳнаткашони республика барои ба дараҷаи баланди ғоявию эстетикӣ гузаштани Даҳа тамоми чораҳои даркориро диданд. Ин аст, ки халқи баҳодури ӯзбек дар бораи адабиёт ва санъати тоҷик тасаввуроти пурра ҳосил кард ва ба он баҳои баланд дод. Мо аз ин хеле сарфарозем.

Даҳаи мазкур дар китоби таърихи дӯстии халқҳои тоҷик ва ӯзбек саҳифаи нав кушод, ягонагии маънавию сиёсӣ ва иттиҳоди моро дар атрофи партияи коммунистӣ бори дигар собит намуд. Инак, рисолаи иштирокчии даҳаи мазкур дотсент Атахон Сайфуллоев «Ҷашни дӯстӣ ва иди маданият»-ро, ки ҳамчун таассурот аз сафари диёри дӯстон таълиф шудааст, ба хонандагони гиромӣ манзур карда, бо ҳамин нисбат ба Ӯзбекистони бародар ҳисси эҳтиром, миннатдорӣ

ва сипосгузории худро изҳор менамоем.

Аловаддин Баҳоваддинов, доктори илмҳои фалсафа, профессори Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин, Шарифҷон Ҳусейнзода, Ходими хизматнишондодаи илм, профессори Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин, Носирҷон Маъсумӣ, дотсент, Ходими хизматнишондодаи илм, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон, Воҳид Шарифов, ҷонишини якуми раиси правленияи Ҷамъияти «Дониш»-и РСС Тоҷикистон.

Дар ин сарсухан рӯҳи ҳамон замон акс ёфтааст. Барои ман муҳим буд, ки онро устодам Н.А.Маъсумӣ навиштаанд, дигарҳо имзо гузоштаанд.

Соли 1968 бо сардории устод Маъсумӣ ман ва адабиётшинос Валӣ Самад тибқи даъвати Академияи илмҳо ва Иттифоқи нависандагони Озарбойҷон ба шаҳри Боку рафтем. Манзур ширкат варзидан ба таҷлили 250-солагии мавлуди классики назми Озарбойҷон Мулло Паноҳи Воқиф буд. Ӯ асарҳои худро ба ду забон-форсӣ ва туркӣ эҷод намудааст. Таҷлили ҷашн дар Театри опера ва балети Озарбойҷон бо шукӯҳу шаҳомати фаромӯшнопазир гузашт. Ҳар куҷое, ки лозим меомад, аз номи ҳайати вакилони Тоҷикистон Носирҷон Асадович суханронӣ мекарданд. Ман дар ҳамон ҷо бохабар шудам, ки устод адабиёти классикии Озарбойҷонро аз Ҳоқонии Шервонӣ гирифта, то Мулло Фатҳалӣ Охундов нағз медонистаанд. Дар суҳбатҳо аз эҷодиёти онҳо, хусусан, аз ашъори Фузулӣ ва Насимӣ мисолҳо меоварданд. Ҳофизаи устод хеле мустаҳкам буд. Аз қасидаи Хоқонии Шервонӣ «Харобаҳои Мадоин», ки ба форсӣ сурудааст, порчаҳо қироат мекарданд. Дар бораи равобити адабиёти форсточик ва Озарбойҷон, ки дар дарозои ҳазор сол бо шаклҳои мухталиф равнақу ривоҷ ёфтааст, ба хусус роҷеъ ба таъсири мутақобили онҳо бо ҳарорат ва шавқу рағбати тамом

ҳикоятҳои ғалатӣ мегуфтанд. Аҳамияти асарҳои Мирзо Фатҳалӣ Охундов, Алиакбари Собир, Ҷалил Маматқулзода ва дигар маорифпарварон ва демократҳои Озарбойҷонро дар пайдоиш ва инкишофи адабиёти маорифпарварони тоҷик таъкид менамуданд, мавқею мақоми драматургияи озариро дар роҳи пайдоиш ва ташаккули драманависӣ ва театри тоҷик ёдовар мешуданд.

Мизбонон рӯзи дувум меҳмононро ба Гӯккӯл ном мавзеи хушманзара ва хушобу ҳаво бурданд, ки берун аз шаҳри Боку воқеъ буд. Дар сари дастархони пурнозу неъмат, дар ҳалқаи дӯстон, ки духтарони санъаткори озарӣ ҳам бисёр буданд, устод Маъсумӣ аз меҳрубонии онҳо ба ваҷд омаданд. Вақте ки соқӣ ба Носирҷон Асадович сухан дод, устод фармуданд:

- Озарбойҷон барои тоҷикон ҳамеша таҷассуми покӣ, зебоӣ ва наҷобат маҳсуб мешавад. Шоирони форсигӯ ҳусну ҷамоли ёрро васф карданӣ шаванд, онро ба бустони дилрабои озарӣ қиёс менамуданд. Ман ин манзараи зебо, шоиру шоираҳои хушадо, санъаткорони ҷозибсиморо дида, ғазале ёдам расид, ки онро қироат мекунам:

*Эй чеҳраи зебои ту рашки бутони озарӣ,*
*Ҳарчанд васфат мекунам, лекин аз он болотарӣ,*
*Ман ту шудам, ту ман шудӣ, ман тан шудам, ту ҷон шудӣ,*
*То кас нагӯяд баъд аз ин ман дигарам, ту дигарӣ.*

Яке аз шоирони форсигӯи Озарбойҷон мазмуни ғазалро бо забони озарӣ баён кард. Мизбонон аз лутфу марҳамати устод Маъсумӣ хеле шоду масрур шуданд.

Устод Маъсумӣ дар Озарбойҷон дӯстҳо доштанд, ки яке аз онҳо Шайхалӣ Қурбонов маҳсуб мешуд. Ӯ доктори илмҳои филология, профессор, адабиётшинос ва драманависи шинохта буд. Ҳамчун мудири Шуъбаи равобити адабии Институти забон ва адабиёти Академияи илмҳои Озарбойҷон ба Душанбе омада, аз меҳмоннавозӣ ва суҳбаторонии

Носирҷон Асадович хеле шоду масрур гардида буд. Ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ низ ташриф оварда, бо мо низ риштаи дӯстӣ барбаст. Хушгуфтор, ҳаззол ва латифагӯи моҳир буд. Вафоти ногаҳонии ӯро шунида, бисёр ғамгин будем. Мо се нафар-устод Маъсумӣ, Валӣ Самад ва ман бо ҳидояти яке аз нависандагони озарӣ ба зиёрати қабри ӯ рафтем. Ҳамсар ва духтари Шайхалӣ Қурбонов ҳамон ҷо буданд. Устод таассуроти худро аз дӯстӣ бо Шайхалӣ Қурбонов ҳикоят карда, ӯро чун инсони асил, пок, дилёб, фурӯтан ва донишманд тавсиф намуданд ва завҷаю фарзандашро таскин доданд.

Устод нисбат ба шахсият ва эҷодиёти шоири бузурги озарӣ Самад Вурғун низ эҳтиром доштанд. Ба боғи шаҳр рафта, ба пояи пайкараи ӯ низ гул гузоштем.

Бегоҳӣ дар зиёфати ҳукуматӣ, ки ба шарафи меҳмонони ҷашни Мулло Паноҳи Воқиф ороста гардид, котиби аввали КМ Ҳизби коммунисти Озарбойҷон Охундов ширкат варзид. Ӯ табъи шоирӣ доштааст. Вақте ки ӯ дар суханрониаш чандин маротиба «як шоири ҷавон навиштааст»-гӯён шеърҳо мехонд, ҳозирин аз ҳад зиёд кафкӯбӣ мекарданд. Носирҷон Асадович пай бурданд, ки «ин шоири ҷавон» бояд худи Охундов бошад. Мизбоне, ки бо мо дар атрофи як миз менишаст, фикри устодро тасдиқ кард.

Дар маҷлиси зиёфат устод Маъсумӣ аз номи намояндагони Тоҷикистон сухан ронда, таъкид карданд, ки аз халқҳои туркизабон Озарбойҷон аз Тоҷикистон хеле дур бошад ҳам, ин масофаро шоирони бузурги ҳар ду халқ хеле наздик кардаанд. Меҳри шумо ҳамеша дар дили тоҷикон шуъла мезанад. Сипас роҷеъ ба ҷашни Воқиф як ғазали тозаэҷоди худро, ки дар Боку тавлид шуд, қироат карданд:

*Ба ворисони Низомӣ, Фузулӣ, Хоқонӣ,*
*Ба халқи дилбару дилҷӯву дӯсти ҷонӣ.*

*Ба соҳибони бузургҷашни Воқифи машҳур,*
*Ба шаҳри боғи дилангез Бокуи пурнур.*
*Ба аҳли маҷлиси олӣ-мақоми некниҳод*
*Зи номи мардуми тоҷик-Рӯдакиавлод,*
*Саломи шуълавари дӯстона овардем,*
*Нишони меҳру садоқат зи хона овардем.*
*Қабули хотиратон гар шавад, сарафрозем,*
*Бо шодмониатон ҳамраҳему менозем.*

Устод ҳамеша гули сабади маҷлисҳо буданд.

Ба ҷуз сафарҳое, ки зикрашон рафт, ману устод борҳо ба Маскав ҳамроҳ парвоз кардаем. Бо ёру бародарон ҳамеша улфат буданд, дар гирди дастархон латифаҳои аҷиб мегуфтанду шеърҳои бамаврид мехонданд. Дар суҳбатҳое, ки масъалаҳои муҳим баррасӣ мешуданд, мутафаккирона изҳори андеша мекарданд. Боре устод Маъсумӣ, Сотим Улуғзода ва ман ба Маскав мерафтем. Тайёраи мо барои сӯзишворӣ гирифтан ба шаҳри Куйбишев фуруд омаду дар натиҷаи вайронии ҳаво тамоми рӯз он ҷо монд. Ман шоҳиди суҳбати устод Маъсумӣ ва Сотим Улуғзода оид ба тақдири наслҳо, фарзандону авлод гардидам, ки дар ин бора ягон бори дигар хоҳам навишт. Ин ҷо фақат ҳаминро батаъкид мегӯям, ки онҳо нисбат ба ояндаи наслу авлод бетарафу хунсард набуданд.

Дирӯзу имрӯз ва ояндаро таҳлил мекарданд, ҷамъбаст менамуданд, натиҷаҳо мебардоштанд.

«Сафар кардан-ҷаҳон дидан» мегӯянд. Агар сайёраи мо як ҷаҳони бузург ба шумор ояд, ҳар як инсон ҷаҳони кӯчак аст. Аммо мисли Носирҷон Маъсумӣ «ҷаҳонҳои кӯчак» дар дили худ ҷаҳони бузургро ҷой медоданд. Дар сафарҳо паҳлуҳои рангоранги ҷаҳони устод Маъсумиро медидем, ки онҳо барои ман донишгоҳ буданд.

## СОЯРАВШАНҲОИ РӮЗГОР

Устод Маъсумӣ шарики шодиву сурур ва дарду ғами ёру дӯст ва шогирдони худ буданд. Соли 1957 хабари нохуш расид, ки номарде, нохалафе, касифе ба манзили зисти муаллими азизу ғамхорам Абдумӯъмин Мирпочоев меҳмон шуда, хеле суҳбат мекунад ва пайти қулай ёфта, ба паси сарашон аз туфангча се тир холӣ мекунад. Ин хабари даҳшатнок Носирҷон Асадовичро низ гирифтори ғаму андӯҳ намуд. Дар донишкадаи Хуҷанд дигар мутахассис набуд, ки дарсҳои он шаҳиди аълоро идома диҳад. Директори донишкада ба номи Солеҳбоев Ҳотам Ҳакимбоевич барқия фиристода, хоҳиш кардааст, ки лексияҳои устодро ман давом диҳам. Устод Маъсумӣ зарурати ба Хуҷанд рафтани маро фаҳмониданд, ҳарчанд ки ба таъзия рафтанро худи ман ҳам мехостам.

- Чанд моҳе, ки лозим бошад, кор кунед, - фармуданд Носирҷон Маъсумӣ, - дар вақти ниёзмандӣ дасти ёрӣ дароз кардан фарзу суннат аст.

Ман ба Хуҷанд омадам. Падару модар, зан, фарзандонамро сиҳату саломат дида хурсанд шудам. Худи ҳамон рӯз аввал ба ҳавлии устод Мирпочоев, ба ҳузури падари пирашон рафта, изҳори таъзия ва ҳамдардӣ кардам, сипас, қабрашонро зиёрат намудам. Рӯзи дигар ба донишкада рафтам ва кор оғоз ёфт. Ман дар курси чорум давоми лексияҳои марҳум Мирпочоевро аз «Адабиёти советии тоҷик» мегузаштам.

Ҷунайдулло Махдуми Ҳозиқ дар як мавриди диққатовар, ки ғам аз паси ғам меояд, гуфта будааст:

*Гаҳе дил бишкандад, гаҳ соғари айшам зи даст афтад,*
*Якеро бахт баргардад, шикаст андар шикаст афтад.*

Ман дарсҳоро ба итмом расонида, аз шогирдон имтиҳон ҳам гирифтам ва омодаи сафари Душанбе будам, ки дар

хонадони мо бадбахтии ногаҳонӣ рух дод. Як пагоҳӣ падарам аз сактаи дил бо ин ҷаҳони рӯшан падруд гуфтанд. Вазъу ҳолати онвақтаи маро бо сухан наметавон ифода кард. Чилро гузаронида ба Душанбе баргаштам. Хеле рӯҳафтода будам. Устод Маъсумӣ маро ба хонаи худ хонданд. Янгаи мушфиқу меҳрубон Вера Пантелеймоновна мисли пештара дастархонашро бо нуқлу наво пур карданд. Ман чой мекашидам. Чеҳраи устод ҷиддӣ буд, ба ман изҳори таъзия намуда, диламро мебардоштанд, таскинам медоданд.

- Вафоти падару модар воқеаи меросӣ, - гуфтанд устод, - беормон он волидайн мебошанд, ки онҳоро фарзандон ба хок супоранд. Шумо, бародар ва хоҳаронатон вазифаи фарзандиро ба ҷо овардед. Падар ҳам ба орзую ҳаваси худ расидаанд. Шуморо хонадор карданд, набера диданд, аз давлати падар маълумоти олӣ гирифтед, аспирант шудед... Ба ҳамаи инҳо шукр бояд кард.

- Шукр мекунам, албатта, лекин ба падар хизмат карда натавонистам, - аз синаам беихтиёр оҳи бадард бурун омад.

- Шумо ба ҳар ҳол бар сари худ дасти тарбияти падарро дидаед, аз дидорашон сер шудаед, аммо ман аз падар яксола ятим мондаам, - ҳасрат карданд устод, - меҳри падарро ҳис накардаам, ғамхориашро надидаам. Маро модарам калон кард, хайрият, ӯ зани босавод буд, ба қадри илму дониш мерасид. Маро ба мактаб дод. Солҳои вазнини инқилоб, дарҳамшикании дунёи куҳна ва сохтмони ҳаёти тоза буд. Як тағоӣ доштам, ки дар Самарқанд умр ба сар мебурд. Ӯ соли 1923 модарам ва маро ба Самарқанд бурд. Дар Бахшитеппа ном деҳа қарор гирифтем, ки дар ҳудуди Самарқанд ва Панҷакент воқеъ буд. Дар мусофират мактаби ибтидоиро хатм намудам. Сад шукр мекунам, ки падарандарам низ мисли модарам, аз аҳли савод будааст. Онҳо маро ба мактаби дусолаи таълиму тарбияи муаллимии Са-

марқанд доданд. Дунё бе одамони нек нест, - мегӯянд, ки дуруст аст. Дар ин мактаб Ҳайдар Ҳодизода, падари Расулхон ва Маҳваш кор мекарданд, ки нисбат ба ман меҳрубонӣ ва лутфу марҳамати худро дареғ надоштанд. Устод Ҳодизодаро падархонд гирифтам ва ба хонаашон фарзандвор рафту омад доштам. Тасодуфи муфидро бинед, ки маро дар соли 1930 барои хизмат ба Омӯзишгоҳи Панҷакент фиристоданд ва пас аз як сол устодам Ҳайдар Ҳодизода низ барои кор ба омӯзишгоҳи мазкур омаданд. Гӯё падару писар ҳамроҳ бо таълиму тарбияи наслҳои наврас машғул мешудем. Ба ман муяссар шуд, ки дар соли 1936 ба Душанбе пиёдаю савора биёям ва ба факултаи забону адабиёти Донишкадаи омӯзгорӣ дохил шавам... Ҳамаи ҳамин солҳо ман бе падари худ сарсонию саргардонӣ дидам. Шумо хушбахт будаед, ки падаратон шахсан ғамхорӣ карда, ба аспирантура оварданд. Мана ҳамин ҳавлӣ, ҳамин хонаҳо аз они шумо, - саховат ва ғамхорӣ карданд устод, - Лариса, Фаррух хоҳар ва додарони шумо, марҳамат, зиндагӣ карда гардед.

Меҳрубонии устодро шунида, базӯр ашки чашмонамро нигоҳ доштам ва гуфтам:

- Ташаккур, устоди азиз, Шумо ба ҷои падарам ҳастед, янгаи мушфиқ модари дувуми ман мешаванд.

- Ман шуморо додар хондаам, - изҳори меҳр карданд устод ва ба хӯрокхӯрӣ даъват намуданд.

Аз ҳамон рӯз эътиборан ман худро ятим ҳис накардам. Вақте ки бародарам аз олам гузаштанд, устод Маъсумӣ ва ҳамсари вафодорашон ҳамроҳ ва ҳамдарди мо буданд, бародарамро дар меҳмондӯстию меҳмоннавозӣ намунаи ибрат нишон медоданд ва аз марсияи Алишери Навоӣ мувофиқи касби ҳол қироат мекарданд:

*Ҳар дам аз анҷумани чарх ҷафои дигар аст,*
*Ҳар як аз анҷуми ӯ доғи балои дигар аст.*

*Рӯзу шабро, ки кабуд асту сиёҳ ҷома дар ӯ,*
*Шаб азои дигару рӯз азои дигар аст...*

Устод порчаи мазкурро аз марсияи Алишери Навоӣ дар вафоти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ қироат карданду худ эҳсос намуданд, ки суҳбат вазнинтар ҷараён дорад. Бинобар ин, пурсиданд:

- Бародаратон аз чӣ гуна бемори вафот карданд?

Ман гуфтам: - Дар натиҷаи бархурди мошинҳо.

- Аҷаб рӯзгоре, - ба ҳайрат омаданд устод, - садамаи мошинҳоро мефаҳмам, лекин ба бархурди одамони бошуур чӣ мегӯед? Бо раҳи рост рафта меистед, ки аз муқобили шумо касе меояд. Ба рост тоб хӯред, ба рост тоб мехӯрад, ба чап гардед, вай ҳам ба чап мегардад. Ҳамин ҳаракат дусе бор такрор мешавад ва ниҳоят, бо пешонаҷанги ҳарду анҷом меёбад.

Аз ин ҳикоят хандаам омада бошад ҳам, худдорӣ кардам. Устод берун баромада омаданд. Ҳангоми нишастан оҳи сабук кашиданд: - Э, вой ҷони порсолам-е!

- Чаро ҷони порсола? - беихтиёр савол додам.

Устод худро хеле ҷиддӣ вонамуд карда гуфтанд:

- Барои ҷони имсола соли оянда сӯзу паз мекунем. Бисёр ғам хӯрдан лозим нест. Агар ғам хӯред ҳам, ғами баравған хӯред.

Ба чеҳраи устод маънидор нигоҳ кардам. Гуфтанд: - Аз шайтон пурсидаанд, ки хокро мехӯрӣ? Гуфтааст: - Агар равғанаш бошад, мехӯрам.

Вера Пантелеймоновна хӯрок оварданд, - Канӣ, меҳрубон шавед, - таклиф карданд устод.

Ҳарду ба тановул машғул шудем.

Ғам ҳам монанди либос кӯҳна мешудааст. Бо гузашти моҳҳою солҳо ман амиқ дарк мекардам, ки ғам ҳам, шодӣ ҳам абадӣ набудаанд. Онҳо мисли соявашан ба ҳам мепе-

чидаанд. Ҳимояи диссертатсия, таваллуди фарзандон, пешрафти корҳои тадқиқотӣ дар дили ман эҳсосоти хурсандиро меафзуданд. Хусусан, аз иҷоранишиниҳо раҳоӣ ёфта, бо кумаки шахсии устод Маъсумӣ дар кӯчаи Айнӣ соҳиби хона гардидан ба фаъолияти илмии ман рӯҳ ва илҳоми тоза мебахшид.

Тобистони соли 1964 буд. Устод маро ба пешинхӯрӣ ба хонаашон даъват карданд. Чун ҳамеша Вера Пантелеймоновна дастархон густурда, хӯроки дӯстдоштаи устод - шӯрбо ва аз паси он котлетҳои хушхӯр оварданд. Бо иштиҳои тамом нӯши ҷон кардем. Устод ва янгаи мушфиқ аз ҳарвақта дида шоду масрур менамуданд.

- Дирӯзакак чун ошиқи зор аз паси янгаатон метохтам, - қисса оғоз карданд устод, - имрӯз духтарамон ба орзую ҳавас мувофиқ шудааст.

- Наход сирри ошиқиро ба шогирдат бигӯӣ, Носир, - янга як нигоҳи дилбарона ба устод афканданд.

- Атахон кайҳо аз дараҷаи шогирдӣ гузашта, узви оилаи мо шудааст, - гуфтанд устод ва афзуданд: ошиқиҳои ҳозираро ман эътироф намекунам, ошиқии ҳақиқӣ ошиқии мо буд. Верахон дар кумитаи ҳизбии шаҳри Душанбе кор мекарданду ман дар Ҳисори Шодмон будам. Ҳар рӯз барои дидор аз Ҳисор то Душанбе пиёда омада мерафтам. Он вақт нақлиёт фаровон набуд. Ёди висолаш роҳи дурро наздик мекард.

- Монанди Лайливу Маҷнун будед-дия, устод, - беихтиёр ин ташбеҳ аз даҳонам баромада монд.

- Эҳа! Дар назарам ҳамин хел менамуд, ки Лайлию Маҷнун, Вомиқу Узро, Фарҳоду Ширинро дар як дег ҷӯшонида ману Верахонро сохтаанд.

- Оҳо! Ин ғояти ишқу ошиқӣ бошад даркор? Намунаи пайравӣ ва ибратомӯзист.

- Ишқварзиҳои мо дар пардаи шарму ҳаё ниҳоӣ буд.

- Медонед, Атахон, як бор Носир ба ман гулро чӣ тавр ҳадя карда буд, - ба суҳбат ҳамроҳ шуданд Вера Пантелеймоновна, сонӣ, афзуданд: - Аз картон қуттӣ сохта, гули садбаргро аз боғи Ҳисор чида даруни он маҳфуз намуда, ба Душанбе меорад. Ман бо кори ҳизбӣ ба кучое рафта будам. Бисёр мунтазир мешавад, ки ман наомадам. Баъд қуттиро ба ғалладони столи кориам пинҳон карда меравад.

- Ишқварзиҳои ҳар давра рангу бӯи худро дорад, - андешаҳои худро баён карданд устод. - Ҳоло ҷавонон ошкоро изҳори муҳаббат мекунанд ва аз ишқу ошиқӣ нашъа мебаранд. Ларисаҷони мо ва дӯсташ Инъомҷон дар як мактаб таҳсил карда, дил аз ҳамдигар бурдаанд. Аз муҳаббати онҳо ҳама ёру дӯстон огоҳанд.

- Худо хоҳад, тӯй мехӯрем, - худдорӣ карда натавонистанд янга.

Устод Маъсумӣ саъю кӯшиш ба харҷ медоданд, ки шогирдонашон бо мавзӯъҳои илмии худ маҳдуд нашуда, ҳамчун инсонҳои соҳибдил, бофарҳанг ва маъракаоро рушду камол ёбанд. Бинобар ин, ба мулоқотҳо, меҳмониҳо, суҳбатҳои адабӣ ман ва Абдураззоқ Ғаффоровро ҳамроҳи худ мебурданд. «Дар маърака нишасту хез кардан ҳам ҳунар аст», таълим медоданд устод. Ҳатто, соқии ҷашнҳои арӯсӣ ва зодрӯзи дӯстон шуданро ёд медоданд.

Боре яке аз ҳамсояҳояшон илтимос мекунад, ки устод ба ҷашни арӯсии фарзандонаш сарварӣ кунанд. Домулло розӣ мешаванд. Аммо шаби тӯй ба як ҷуфт дарси муаллим дар шуъбаи шабонаи Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе рост меояд. Устод хеле баинтизом буданд ва дарсро вайрон намекарданд. Ба ҳамсоя ваъдахилоф шудан ҳам намехостанд. Бинобар он, аз камина хоҳиш карданд, ки то ба охир расидани як ҷуфт дарсашон соқии тӯйи номбурда бошам. Ҳарчанд ман гуфтам, ки дар ягон маърака соқӣ на-

будам, аз уҳдааш намебароям, устод аз раъйи худ барнагаштанд.

Ҷашни арӯсӣ дар яке аз толорҳои Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистон баргузор шуд. Сари вақт омада, роҳбарии онро ба уҳда гирифтам. Шарм дошта, таб бароварда, аз бори ҳаё арақ карда, суханварӣ мекардам. Як навбат ба табриккунанда, навбати дигар ба аҳли санъат сухан медодам. Авҷи тӯй буд, ки дар толор қомати боло ва чеҳраи нуронии устодро дида, хотирам ҷамъ шуд. Он кас дар паси мизи муқобил рӯ ба рӯи ман нишастанд. То нафас рост карда як пиёла чой нӯшидани устод базмро давом додам. Баъд аз фурсате аз ҷониби устод ишора шуд, ки ба эшон сухан бидиҳам. Устод арӯсу домодро табрик карданд. Аз Бадриддин Ҳилолӣ ғазале қироат намуданд, ки матлааш ин аст:

*Ҷон хуш аст, аммо намехоҳам, ки ҷон гӯям туро,*
*Хоҳам аз ҷон беҳтаре бошад, ки он гӯям туро.*

Ман аз устод хоҳиш намудам, ки сарварии базми арӯсиро ба дасти худ бигиранд.

- Ҳар кас оғоз карда бошад, ӯ ба анҷом мерасонад, - қоида чунин аст, - табассум намуданд устод, - соҳибони тӯй розианд. Суханро кам карда, майдонро асосан ба санъаткорон во гузоштам. Ниҳоят, волидайни арӯсу домодро ба саҳни маърака хондам, ки онҳо ба фарзандон бахту саодат, хонаи ободу осуда таманно карданд, ба меҳмонон ва аҳли ҳунар изҳори сипос намуданд, ки бо иштироки худ ба ҷашни арӯсии ҷавонон маънӣ ва ҳусни тоза бахшиданд.

Вақте ки ба хона бармегаштем, устод маро хурсанд карданд, ки баҳоятон «хуб» аст, дар оянда «аъло» хоҳад шуд.

Устод Маъсумӣ шарики шодию ғами донишмандон ва нависандагон буданд. Дар базмҳо, ҷашнҳо суханварӣ мекарданд, арғушт мерафтанду суруд мехонданд. Дар мотами дӯстони худ сахт андуҳгин мешуданд. Азбаски ман шо-

ҳиди бисёр воқеаҳои хушу нохуш будам, ки дар онҳо Носирҷон Асадович низ фаъолона ширкат варзидаанд, дӯстон, онро рӯи коғаз меорам.

Яке даргузашти шоир, носир, драмнавис, публисист, тарҷумон, луғатдону луғатшинос, марди донишманд Абдусалом Деҳотӣ (31 январи 1962) аст. Он вақт ман дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ хизмат мекардам. Абдусалом Деҳотӣ низ бо шуъбаи луғатшиносии институт робита доштанд, ба фикрам, тибқи шартнома кор мекарданд. Рӯзе ба аёдати домулло Суҳайлӣ ба бемористони ҳукуматӣ рафтам, ки он ҷо табобат мегирифтанд. Вақте ки бо он кас худоҳофизӣ карда, аз ошёнаи дувум ба ошёнаи якум фаромадам, якбора садои гиряву нола ва фарёду фиғон баромад. Аз духтуре сабаб пурсидам. Гуфт, ки шоир Абдусалом Деҳотӣ вафот карданд. Ман аз дӯстии Абдусалом Деҳотӣ бо устод Маъсумӣ хабар доштам. Худи устод борҳо нақл карда буданд, ки бо Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ, Боқӣ Раҳимзода, Зиёдулло Шаҳидӣ борҳо аз шом то саҳар суҳбату мушоира ва базму шӯхӣ карда, ҳангоми субҳ ба рухаки шаҳри Душанбе мебаромадаанд ва тулӯъи хуршедро пешвоз мегирифтаанд. Дар ин маҳфили дӯстон Абдусалом Деҳотӣ бо танзу мутоиба ва латифаҳои намакини худ дили ҳозиринро шод ва суҳбатро обод мекардаанд.

Аз вафоти чунин шахс, ки дар тараққиёти адабиёт ва фарҳанги миллӣ саҳми шоиста гирифтаанд, хеле ғамгин шуда, ба институт баргаштам. Хаёл кардам, ки ин хабарро ба устод Маъсумӣ зудтар расонидан лозим аст. Вақте ки ба дафтари кории эшон даромадам, устод танҳо машғули мутолиа ва таҳрир буданд.

- Чаро мушавваш менамоед? - пурсиданд.

Ман ноэҳтиётӣ карда гуфтам: - Устод Деҳотӣ вафот кардаанд. Ҳаминро дидам, ки устод ба оринҷҳои худ такя кар-

да, рӯ ба кафи дастонашон гузоштанд ва навҳакашон гиристанд. Ин аҳволи домулло якчанд дақиқа давом кард. Ман дар ҳаёти худ аввалин ва охирин маротиба ашкрезии Носирҷон Асадовичро дидам. Баъд сар бардоштанду гуфтанд:

- Меравем!

Ба ҳавлии Деҳотӣ рафтем, ки майитро овардаанд. Домулло ба аҳли хонадони Деҳотӣ таъзия баён карданд...

Баъд аз чанд рӯз устодро дидам, ки лунҷҳояшонро дошта, ба кор омаданд.

- Ба хайр, домулло? - бо савол ба чеҳраи ғамзадаи устод нигаристам.

- Дандонҳоям рехтанд, - кӯтоҳакак ҷавоб доданд устод, - марги дӯсти бузургам ба ман сахт таъсир кард.

Ман аз хабари расондаам сахт пушаймон шудам.

Дар таҷлили ҷашни 60-солагии зодрӯзи шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода (1970) устод Маъсумиро хеле шоду масрур дарёфтам. Он вақт банда котиби раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон будам. Устодро аз ин тадбир барвақттар огоҳ кардам. Хеле хурсанд шуданд ва огоҳ карданд, ки номашонро ба рӯйхати табриккунандаҳо навишта монам. Ҷашн дар Театри академӣ-драмавии Тоҷикистон ба номи Лоҳутӣ баргузор шуд. Садри маҷлис устод Мирзо Турсунзода буданд. Чун навбат ба Носирҷон Асадович расид, он кас бо тамкину ба маънии ба худашон хос ба минбар баромаданд ва аз ҷавонии пурҷӯшу хурӯш, таҳсилашон дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе, сафарҳои якҷояашон ба Қаротегину Дарвоз барои ҷамъоварии эҷодиёти даҳонакии халқ ва амсоли инҳо ҳикоя карданд.

Боқӣ Раҳимзода афзуданд, ки дар солҳои ҷанг ва пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳам халқро ҷамъ кардан душвор буд. Бо мақсади дар ягон хона ё клуб ғун кардами мардум Носирҷон суруд мехонданд. Аз даҳон ба даҳон хабар паҳн ме-

шуд, ки артистҳо омадаанд. Барои тамошои «консерт» аҳолӣ ҷамъ мешуд, Носирҷон ду-се-то суруд мехонданду баъд аз даҳони ҳозирин намунаҳои адабиёти шифоҳиро навишта мегирифтем.

Устод табассум карданд. Сипас, фармуданд:

- Боқиҷони мо як ғазали ширин доранд, ки ба янгамуллои азизу муҳтарам бахшидаанд. Он ғазал «як табассум кун!» ном дорад. Матлааш ин аст:

*Ҳамеша дар вафоят пойдорам, як табассум кун,*
*Ба аҳди хеш доим устуворам, як табассум кун.*

Ман назирае ба ҳамин ғазал навиштам, ки қаҳрамонаш соҳибҷашни мо мебошанд.

Сипас шеърро қироат карданд, ки «Ба муносибати 60-солагии дӯсти дерин ва ҷони ширин Боқӣ Раҳимзода» ном дошт:

*Туро, эй Боқӣ, аз ҷон дӯст дорам, як табассум кун,*
*Ба шастат шасти нав уммедворам, як табассум кун.*
*Падарвор аз рухи сад нозанин бӯсидаӣ, хуш бош!*
*Табаррук бар лабат лаб мегузорам, як табассум кун.*
*Вакили аҳли илму донишам, табрик овардам,*
*Ба ду дасти адаб ман месупорам, як табассум кун.*

Баъди ба поин расидани шеър устод Маъсумӣ ва Боқӣ Раҳимзода нарм-нарм ҳамдигарро ба оғӯш кашиданд.

Чӣ навъе ки дар ҷамъомадҳо, мулоқотҳо, шабҳои эҷодӣ ба минбар баромадани Боқӣ Раҳимзода кифоят буд, ки толорро хушҳолӣ фаро бигирад, ҳамчунон дар саҳна барои дӯст баланд шудани устод Маъсумӣ кифоят буд, ки толор ба нуристон табдил ёбад. Носирҷон Асадович дар суҳбаторої, табрики дӯст ва суханварӣ устухон надоштанд, ҷое, ки устод бошанд, фараҳмандӣ чеҳра меафрӯхт.

- Ларисаҷон моро бо Инъом ошно кард, - гуфтанд Носирҷон Асадович, - ҷавони бад не барин. Ман падару модари

домодшавандаро мешиносам. Падараш ҳамдиёри шумо, вазири савдои Тоҷикистон Ғафурҷон Тоҳиров. Модараш корманди масъули нашриёт Соҷида Хоҷаевна. Ба хона ҳам на як бору ду бор омаданд.

Ҳамин вақт гули хандон барин Ларисабону даромада омад.

- Гуфтугӯ кардед? - пурсиданд устод.

- Бале, дадаҷон, тӯй моҳи июл мешавад, санаашро хабар медиҳанд, - чеҳраи духтар аз ҳаё лолагун шуд.

- Хулоса, Атахон, шумо ва Мавҷудахон моҳи июл ба ҳеҷ куҷо наравед, - огоҳ карданд устод, - ҳамроҳ ба Хуҷанд меравем.

11-уми июли соли 1964 дар Хуҷанд, дар ҳавлии Ғафур Тоҳирович Тоҳиров ҷашни арӯсии Лариса ва Инъом баргузор шуд. Аз қабулу гусели меҳмонон то соқигӣ як пои малах дар ин ҷашн саҳм гирифтам. Ҷавонони саодатманд ба муроду мақсади худ расиданд. Волидайн ҳам шоду масрур буданд.

Бо гузашти айём дигар фарзандони Носирҷон Асадович ва Вера Пантелеймоновна - Фарҳодҷон ва Фаррухҷон низ хонаи бахту саодати худро ёфтанд ва ба қуллаҳои тобони илм расиданд. Моҳи июл-августи соли 1974 дар Бустонсарои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар Чорбеди ноҳияи Варзоб машғули таълифи диссертатсияи докторӣ будам. Устод Маъсумӣ рӯзи ҷумъа пас аз анҷоми корҳои академия меомаданду субҳи рӯзи Душанбе боз ба хидмат мерафтанд. Аз кор хастаю шалпар шуда меомаданд. Агар ба назди мо оянд, «Э вой ҷони порсоламе!»-гӯён менишастанду пас аз суҳбат карда, ғубори дил баровардан боз ба манзили худ бармегаштанд. Ман ҳис мекардам, ки чӣ гуна бори вазнине устодро тазйиқ медиҳаду фишор меорад. Аммо аз пурсидан ибо мекардам. Худам ҳам хеле серкор

будам. Якчанд китоб лозим шуд ва ман бо оилаам ба шаҳр омадам, то дар китобхона кор кунам. 14-уми август хабари нохуш расид, ки устод Маъсумӣ дар ҷои хобашон барнахестаанд. Дунёи равшан ба чашмам торик шуд. Зуд ба бустонсаро рафтам. Ҳолдонҳо ҳикоят карданд, ки пагоҳӣ Вера Пантелеймоновна барои устод субҳона меоранд. Дег монда онро гарм мекунанд. Садои дегу кафлез баланд мешавад. Чой ҷӯшонида дам мекунанд. Одаме, ки аз як садои паст ё шарфаи по бедор мешуданд, орому ноҷунбон хоб мерафтанд. Ниҳоят, янгаи азиз хӯрокро кашида, рӯи миз мегузоранд, чой дам мекунанд ва «Носир, Носир»-гӯён овоз мебароранд. Аммо ҷавобе намешунаванд. Чун ба кат наздик шуда даст ба пешонии устод мениҳанд, ки ... сард аст, пойҳо низ гармие надоранд. Янга фарёд мекунанд, одамон ҷамъ мешаванд, лекин дер шуда буд.

Ҷасади устодро барои видоъ дар толори раёсати Академияи илмҳо гузоштанд. Сафҳои видоъкунанда канда намешуд, мусиқӣ нола мекард, ҳофизҳои машҳур сурудхонон наҳва мекашиданд, аҳли оила, хешу пайвандон, шогирдон ашки ҳасрат мерехтанд. Дар ин ҷо митинги мотам барпо шуд ва устодро ба абадият гусел кардем.

Устод Маъсумӣ аз ин дунё рафтанд, аммо авлодашон, номи пуршарафашон, осори арзишнокашон ҷовидониҳанд! Чунон ки шоири бузург фармудааст:

*Ҳаргиз намирад он ки дилаш зинда шуд ба ишқ,*
*Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо.*

Як рӯз ба аёдати янгаи азизам рафтам, ки рӯи хонаашон пури бозичаҳо, мошинчаҳо, «асбобҳои сохтмон»...

- Ҳа, янгашка, бинокор шудед магар? - шӯхӣ кардам ман.

- Ин кори набераю абераҳо, - изҳори хурсандӣ намуданд Вера Пантелеймоновна.

- Ояндаи Тоҷикистон дар дасти ҳамин «бинокорон» аст, - гуфтам ва аз аҳволи саломатии янгаи меҳрубон пурсидам.

- Пирӣ фасли гулшукуфт нест, - оҳ кашиданд янга.

- Ҳамаи фаслҳои ҳаёти шуморо дидаам, яке аз дигаре зеботаранд, - гуфтам ман, - акнун гули рӯзгори шумо фарзандон, набераю аберахо.

- Бале, давлати пирии ман ҳаминҳо.

Хеле суҳбат кардем, чой нӯшидем ва ман иҷозати рафтан пурсидам.

- Ба ҳама ёру дӯстон салом гӯед, Хуҷандро бисёр ёд мекунам. Мавҷударо бӯсида монед, пазмон шудаам, - ҳасрат карданд янга.

- Ташаккур, янгаҷон, ҳамин, ки имконият шуд, мо шуморо хабар мегирем.

Ҳар вақте ки ману ҳамсарам ба хонаи устод меомадем, вақти бозгашт Носирҷон Асадович ва Вера Пантелеймоновна моро то кӯча бароварда гусел мекарданд. Ин дафъа худам танҳо аз устод ёд карда, қадам мезадам.

## БА ҶОИ ХОТИМА

Носирҷон Асадович Маъсумӣ ба маънои томи сухан марди бузург буданд. Дар ҳар муассисаю ташкилоте, ки кор карданд, обрӯ гирифтанд. Сабаби ин дониши фаровон, меҳнатдӯстӣ, ташкилотчигӣ, хоксорӣ, одоби муоширати, муносибати холисона ба ҳамкорон ва дигар шаҳрвандон, мавқеъшиносӣ ва одамшиносӣ ба шумор меоянд. Устод ҳеҷ гоҳ пешхезӣ намекарданд, аз ҳеҷ чиз муддаӣ набуданд. Ҳар чиро, ки Худои мутаол насибашон гардонда бошад, бо ҳамон қаноат мекарданд. Фавқуллода қаноатпеша буданд. Ҳатто, аз давлат хона талаб накарданд. Як ҳавлии олиҷаноби худ-

ро, ки дар кӯчаи Чапаеви шаҳри Душанбе воқеъ буд, ба давлат гузаронида, як квартираи сехонагӣ аз кӯчаи Свириденко гирифтанд. Панҷ нафар аъзои оила дар ҳамин манзил умр ба сар мебурданд. Яке аз хонаҳо ҳам дафтари кор, ҳам манзили хоб маҳсуб меёфт.

Фурӯтан ва дурандеш, эҳтиёткор ва мураттаб буданд устод. Ба маҷлисҳои хурду калон дер намонда, ду-се дақиқа пештар меомаданд. Мавқеъшиносиашон то ҷое буд, ки чигунагии кайфияту рӯҳияи роҳбарро пешакӣ фаҳмида, баъд баррасии ин ё он масъаларо ба миён мегузоштанд. Дар аҳди директории Солеҳбоев Ҳотам Ҳакимбоевич дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе устод Маъсумӣ муовини эшон оид ба қисми илмӣ буданд. Носирҷон Асадович пеш аз он ки бо масъалае ба назди эшон дароянд, аз котиба мепурсидаанд:

- Обу ҳаво имрӯз чӣ гуна аст?

Агар котиба бигӯяд, ки хуб аст, домулло медаромадаанд, агар ишорае созад, ки хуб нест, ворид намешудаанд.

Устод Маъсумӣ марди кор буданд. Аз хоб барвақт бархеста, пас аз каме варзиши сабук ба кор - хондан, навиштан, таҳрир... машғул мешуданд. Сипас, субҳонаро хӯрда, ба хидмати давлат мешитофтанд. Вақтҳое ки дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ кор мекардем, ба мушоҳида мегирифтам, ки устод ҳамроҳи Муҳаммадҷон Шарифович, Абдуқодир Маниёзов ва Асомиддин Насриддинов ҳамеша дар тарабхонаи «Вахш» пешин мехӯрданд. Харҷии хӯрокро ба навбат медоданд. Ҳаққи касеро намехӯрданд. Бегоҳӣ пас аз кор камтар истироҳат мекарданд, хӯроки шом мехӯрданд ва то нисфи шаб бо кори илмӣ машғул мешуданд. Устод туҳфа ва ҳадя намегирифтанд. Боре як дӯсти давраи бачагию наврасии устод гӯсфандеро кушта, нимтанаи онро ба манзили устод оварда буд. Аммо Носирҷон

Асадович онро нагирифтаанд.

Дар Институти ба номи Рӯдакӣ худам ҳам шоҳиди воқеа шудам. Ман мақола мехондаму Носирҷон Асадович чун одат гӯш мекарданд. Як нафар мудири шуъба, ки аз Маскав баргашта буд, ба устод як туфлии чехӣ овард. Он вақтҳо моли дефитсит (ноёфт, камёфт) маҳсуб мешуд. Ӯ гуфт, ки ба худаш ҳам харидаасту «ният кардааст, ки Носирҷон Асадович пӯшида дарронанд», ба он кас ҳам гирифтааст. Туҳфаро устод напазируфтанд. Баъд аз он ки соҳиби туҳфа мулзам шуда, берун рафт, ман ҳазломез гуфтам:

- Аҳмади Дониш туҳфаҳоро гирифта, ба шогирдонаш медод...

Табассуми латиф карданд Носирҷон Асадович.

Ба ёдам як воқеа расид. Солҳои аспирантӣ боре аз Хуҷанд чун дастовез ба устод Маъсумӣ як галстук оварда будам. Домулло дар хонаашон набуданд. Вера Пантелеймоновна бо ҷиддӣ гуфтанд:

- Хоҳед, ки Носирҷон Асадович шуморо дӯст бидоранд, ҳаргиз туҳфа наоред. Галстукро худатон бандед. Ӯ шогирди озода ва хушсаликаро дӯст медорад.

Фарҳод Зикриёев ҳам ҳикоят мекард, ки устод туҳфаи ӯро қабул намекарданд ва мегуфтанд:

- Бе дастовез биёед!

Аммо худашон ва янгаи гиромӣ ҳар боре, ки ба манзили мо меомаданд, туҳфаҳои барои рӯзгор даркорӣ меоварданд, аз қабили дастархони сафеди зебо. Қошуқ ва чангакчаҳои гаронбаҳо, сервизҳои чойнӯшӣ...

Барои ман беҳтарин ҳадяҳои устод соядастҳояшон буд, ки ба китобҳои худ навишта тақдим мекарданд. Тадқиқоти арзишноки худ «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик»-ро ба ман бо чунин соядаст эҳдо карда буданд: «Ба рафиқ ва дӯсти азиз, ба олими ҷавони боистеъдод Атахон

Сайфуллоев барои хотира ва мутолиа аз муаллиф Н.Маъсумӣ 18.VIII-59».

«Мунтахаботи ашъор»-и Туғралро, ки бо тадқиқоти хеле арзишноки илмӣ ба чоп расонида буданд, бо ин зайл соядаст тақдимам карданд: «Ба додари азизам Атахон Сайфуллоев барои хотира ва мутолиа тақдим мешавад. Н.Маъсумӣ 7.ҷ. - 64».

Дар паси портрет-чеҳраи хеле зебоашон навиштаанд: «Ба додари азизам Атахон:

*Ин нусха барои ёдгорӣ*
*Аз оригинал шуда нисоре»*

*Н.Маъсумӣ 31.08.1965 сол.*

Ин гуна соядастҳои устод, ки бисёранд, барои ман ёдгории гаронбаҳо ба шумор меоянд.

Ғамхориҳои устод Маъсумӣ нисбат ба ёру дӯстон ва шогирдон беғаразона буд. Ёд дорам, ки устод дар вақти мураххасӣ ба санатория ё курорт, хонаи истироҳат ё хонаи эҷодиёти нависандагон бираванд ҳам, диссертатсияи ёру ошно ё шогирдонашонро ҳамроҳ мебурданд. Янгаи азиз мошинкаи чопиро ҳамроҳ мегирифтанд. Диссертатсияи доктории Муҳаммадӣ Исматуллоев «Аъзои пайрави ҷумлаҳолҳои забони тоҷикӣ»-ро, ки ҳаҷман хеле калон буд, ҳамаро ба истироҳатгоҳ бурда, дар он ҷо мутолиа ва таҳрир карда буданд. Дар вақти таълифи ин тадқиқот низ, чунон ки худи муаллиф иқрор мекунад, «дар давоми ду соли отпускаи эҷодӣ қариб ҳар моҳ як бор-ду бор мо бо ҳамдигар дар хонаи Н.Маъсумӣ вохӯрда, доир ба ин ё он воҳидҳои наҳвии ба ҳолҳои гуногун дахлдор мубодилаи афкор менамудем». Азбаски М.Исматуллоев дар шахси устод Маъсумӣ дӯст ва маслиҳатгари беғаразу беминнати худро медид, устод идеали ӯ ба шумор меомаданд. «Ҳар кас дар зиндагӣ барои аз байни ёру дӯстони ҷонӣ, устодони меҳрубону ғам-

хор ва ё аз байни шахсони боэътибори давраш як касро барои худ ҳамчун идеал ва намунаи ибрат пайдо карда, дили худро барои ҳурмату эъзози он шахс маъво мегардонад, хулоса карда гӯем, беҳтарин орзуҳои ӯ ба туфайли тақлид ба он кас ва ё бевосита ба сабаби мадади он шахс ҷомаи мурод мепӯшад, - навиштааст М.Исматуллоев дар ёддошти худ. - Дар воқеъ, нисбати устодии Носирҷону шогирдии ман рафта-рафта ба туфайли ҳамкорӣ дар соҳаи таълиму тарбияи студентон, корҳои илмию эҷодӣ ва рафоқати зиёда аз 30 соли умри азиз ба дараҷае расид, ки мо ҳамеша ба якдигар маслиҳатгузор будем. Аз муваффақияти эҷодию илмии ҳамдигар шодмону бархурдор будем».

Профессор М.Исматуллоев яке аз он нафаронест, ки саҳми Носирҷон Маьсумиро дар рушду камоли худ иқрор карда навиштааст: «Агар дар соҳаи тарбия ва таълими кадрҳои педагогӣ ва инкишофи илми забоншиносии тоҷик ба қадри ҳол саҳми ночизе гузошта бошам, ин пеш аз ҳама, ба туфайли кумак ва мадади Н.Маъсумии шодравон зич пайвастааст. Ман дар назди нақши ҷовидонаи он қарзи шогирдӣ дорам. Сари таъзим ба хотири неки ӯ фурӯ меорам. Садҳо шогирдони вай ба ин миннатпазирии ман ҳамроҳ мебошанд».

Аҳли илму адаби Тоҷикистон устод Маъсумиро самимона ҳурмат мекарданд. Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ, академик А.Баҳоваддинов, Б.Ниёзмуҳаммедов, И.Нарзиқулов, Р.Амонов, Б.Искандаров, А.Адҳамов ва дигарҳо дар шахси Носирҷон Маъсумӣ олими фозил ва инсони комилро медиданд.

Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Ҷалол Икромӣ ва бисёр дигарон дар ҳозиру ғоибонашон дар бораи Носирҷон Асадович суханони пурмеҳри худро дареғ намедоштанд.

Устод Маъсумӣ бисёр олимони ҷавон ва шоирону носи-

ронро тарбия карда, ба онҳо боли парвоз додаанд. Файзулло Ансорӣ ва Бобо Ҳоҷӣ, Ғаффор Мирзо ва Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ ва Убайд Раҷаб, Сорбон ва Ӯрун Кӯҳзод, Кароматулло Мирзоев ва Камол Насрулло, Бобо Насриддинов ва Собир Султон, Меҳмон Бахтӣ ва Абдусалом Атобоев ва дигарҳо, ки дар инкишофи адабиёти муосири тоҷик саҳми арзанда гирифтаанд, аз мактаби адабии устод Маъсумӣ тарбият ёфтаанд. Узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино Абдураззоқ Ғаффоров, доктори улуми филология Фарҳод Зикриёев, Абдуғаффор Ҷӯраев ва ғ. низ шогирди ин устоди забардаст мебошанд. Шарафи ба шогирдии устод Маъсумӣ муваффақ гардидани Лоиқ таърихи аҷиб дорад: Лоиқ Шералӣ аввал ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи суханшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.-Ленин медиҳад. Имтиҳонҳои дохилшавиро низ месупорад. Лекин аз сабаби нарасидани бал ӯро ба донишгоҳ қабул намекунанд. Сипас, ӯ ба Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе меояд. Касе аз ҳолдонҳо ба Лоиқ маслиҳат медиҳад, ки ӯ Носирҷон Маъсумиро ёфта, домони ҳамон марди шарифро сахт бигирад. Зеро муҳлати имтиҳонсупорӣ гузашта буд ва муаммои ба донишкада дохил шуданро ба обрӯи баланде, ки доштанд, танҳо ҳамон кас ҳал карда метавонанд. Лоиқ ҳар боре, ки устодро бидид, аз пасашон ҳамчун соя мегардад, аммо ҷуръати гап задан намекунад. Ниҳоят, як рӯз дар саҳни донишкада худи устод Маъсумӣ ба ӯ мегӯянд:

- Мебинам, ки писар, чанд рӯз боз ту аз паси ман мегардӣ, магар ягон кор коре дорӣ?

- Бале, муаллими азиз, ман бинобар нарасидани бали дохилшавӣ ба донишгоҳ дохил шуда натавонистам, - бо сари хам мегӯяд Лоиқ, - шунидам, ки бо ҳамон миқдори ба-

лҳоям ба Донишкадаи омӯзгорӣ қабул мекардаанд.

Устод дар симои Лоиқ як навҷавони зирак ва ҳушмандеро мебинанд ва мегӯянд:

- Вақти дохилшавӣ гузашта рафт. Ку, биё, як толеатро санҷида бинем, - бо ҳамин суханҳо аз дасти Лоиқ гирифта ӯро назди директори донишкада мебаранд, матлабро баён мекунанд, сарвари донишкада ба аризаи Лоиқ имзо гузошта, розигиашро медиҳад.

Ҳамин тариқ, бо кумаки устод Маъсумӣ Лоиқ шогирди донишкада мешавад. Лоиқ аз дарсҳои Носирҷон Асадович ба эшон муҳаббат пайдо мекунад. Бесабаб нест, ки ӯ аз вафоти устод сахт андӯҳгин гардида, марсияи пурсӯзу гудоз гуфта буд. Меҳру муҳаббати шогирдон нисбат ба устоди меҳрубони худ сӯгвории Лоиқи зиндаёд «Ғазале ба ёдбуди Носирҷон Маъсумӣ» гарму сӯзон ифода ёфтааст:

*Ту дил гум кардию аз кӯчаи дилдор бигзаштӣ,*
*Ту гул гум кардию аз гӯшаи гулзор бигзаштӣ.*
*Ду чашмонат ба роҳи ёр буд он шаб тамоми шаб,*
*Ба ёди рӯи субҳу соати дидор бигзаштӣ.*
*Сухан ногуфта, дил-накшода, ҷумла-нотамом, афсӯс,*
*Ба каф аз орзуҳо соғари саршор бигзаштӣ.*
*Ғазалхону сахитабъу суханпарварду базморо,*
*Зи базми зиндагӣ вирди забон ашъор бигзаштӣ.*
*Агарчи хоби маргат бурду субҳе чашм накшодӣ,*
*Ту аз дунёи хоболуди мо бедор бигзаштӣ.*
*Дилат абрешимӣ буду садоят низ абрешим,*
*Чи беозор будию чи беозор бигзаштӣ.*

Устод Маъсумӣ дар соҳаи филологияи тоҷик донишҳои энсиклопедӣ доштанд. Бинобар он дар ҳамаи шуъбаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (алъон Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, Донишгоҳи давлатии

Кӯлоб, Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ва ғ. шогирдони қобил доштанд ва доранд. Профессорон Фарҳод Зикриёев, Бозор Тилавов, Асадулло Сӯфиев аз ҳамон шогирдони соҳибистеъдод ва донишманди устод ба шумор меоянд.

Дар солҳои директории Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ будани устод Маъсумӣ ҷавонони ҳушёр, зирак ва қобилро ба стажировкаи Маскав мефиристоданд. Ман ёд дорам, ки узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, мусташриқи машҳури рус Иосиф Самуилович Брагинскийро чӣ тавр роҳбари илмии Юсуфҷон Салимов, аспиранти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ таъйин карда буданд. Дар вақти суҳбат бо Юсуфҷон Салимов мо чаҳор нафар иштирок доштем - устодон Н.А.Маъсумӣ, И.С.Брагинский, М.Ш.Шукуров ва камина. Аз таърихи адабиёти форсточик ва фолклор, адабиёти советии тоҷик ва назарияи адабиёт саволҳои сершумор доданд. Юсуфҷон бо ҷавобҳои мухтасар ва пухтаи худ ҳозиринро қонеъ кунониданд. Сипас, И.С.Брагинский аз Юсуфҷон Салимов пурсиданд, ки оё эшон сарчашмаҳои хаттиро хонда метавонанд? Юсуфҷон Салимов ҷавоб доданд, ки каму беш аз уҳдааш мебароям. Брагинский аз устод Маъсумӣ хохиш намуд, ки ягон китоби бо ҳуруфоти арабиасоси тоҷикӣ чопшударо пайдо кунанд. Носирҷон Асадович аз ғалладони мизи кори худ «Гулистон»-и Саъдиро берун оварданд. Бо хоҳиши И.С.Брагинский Юсуфҷон яке аз ҳикоятҳои онро қироат карданд. Дар он ҷо вожаи «хотам» вохӯрд. Пурсиданд, ки чӣ маъно дорад? Юсуфҷон ҷавоб доданд, ки хотам нигини ангуштарист. Ҷавобро писандиданд.

Дар ҳамин суҳбат, ки амалан санҷиш буд, устод Маъсумӣ солорию тамкин пеша карданд. Фақат ҷое, ки Юсуфҷон андак дармемонданд, устод ёрӣ медоданд. Ба И.С.Бра-

гинский фаҳмониданд, ки агар Юсуфҷонро ба шогирдӣ қабул кунед, саҳв намешавад, ҷавони қобил, ғаюр ва зирак аст, шуморо азоб намедиҳад, зудфаҳм, ҳушманд ва нозукфаҳм аст, аз як ишора матлаби шуморо дарк ва супоришҳоятонро иҷро мекунад.

Ин тавсифи устод Маъсумӣ барои Юсуфҷон Салимов роҳхат буд. Аз ҳамон соат сар карда, меҳри Носирҷон Асадович дар дили Юсуфҷон Салимов маъво гирифт. Устод дар давоми се соли таҳсилу кори Юсуфҷон дар Маскав, зери роҳнамоии И.С.Брагинский, ба ӯ чун аспиранти пешқадам кумакҳои моддӣ ва маънавӣ мерасониданд.

Ҳар боре, ки устод Маъсумӣ ба Маскав раванд, Юсуфҷон Салимов низ аз ин огоҳӣ ёфта, ба хидматашон мешитофтанд. Байнашон суҳбатҳои хуби илмӣ ба вуқӯъ меомад. Ба Юсуфҷон устод Маъсумӣ на танҳо ҳамчун донишманди серсоҳа, балки ҳамчун инсони комил писанд омада буданд. Аз ин рӯ, вақте ки Юсуфҷон писардор шуданд, ба кӯдаки навзод бо ният Носирҷон ном гузоштанд. Хаёл мекунам, ки рӯҳи дӯсти шодравонам Юсуфҷон Салимов шод аст. Зеро байни Носирҷон Маъсумӣ ва Носирҷон Салимӣ қаробати равшан ба мушоҳида мерасад: ҳар ду инсони наҷибанд, соҳибдилу соҳибфарҳанг, ҳар ду суханшинос, ҳар ду роҳбари муассисаҳои илмӣ-маърифатӣ: Носирҷон Маъсумӣ 12 сол директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ва чаҳор соли охир академик-котиби шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон, Носирҷон Салимов ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, Носирҷон Маъсумӣ ду давра депутати Шӯрои Олии Тоҷикистон, Носирҷон Салимӣ - депутати Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон, ҳар ду узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.

Яке аз сифатҳои миллати тоҷик дар ҳамин аст, ки ба

фарзандонаш номи хуб ва бамаънӣ мегузорад. Юсуфҷон Салимов бо орзуву умедҳои зиёд ба писари худ Носирҷон ном ниҳод ва ин писари қобил, фозил ва шоиста бо хислатҳои писандида, мақоми баланди илмӣ ва ҷамъиятӣ муроди воқеии падар гардид.

Навиштаҳои ман ёддоштҳои номукаммал аст. Бузургӣ ва хоксории устодро фаро гирифтан корест душвор. Аз ин рӯ, мехостам ба навиштаҳои худ бо суханони М.С.Осимӣ нуқтаи таммат гузорам:

«Шавқи дили ӯ (Носирҷон Маъсумӣ - А.С.), дониши фаровони вай ба хазинаи маданияти тоҷик дороиҳо афзуд, ҳар кореро, ки ӯ ба уҳда дошт, бо дили аз ишқ саршоре анҷом дод, дар ҳалли онҳо маҳорати фавқуллода ва ҷаҳонбинии ҳамаҷонибаи васеъ зоҳир кард. Адабиётшиносӣ ва тадқиқи эҷодиёти даҳанакии халқ, забони адабии ҳозираи тоҷик ва луғатсозию луғатшиносӣ, лаҳҷашиносӣ ва омӯзиши таърихи забон, шеъру шоирӣ ва хизматҳои ин марди дарёдил ба пояҳои нави инкишоф расидаанд. Ишқи зиндагӣ омили ҷавонии ӯ, муҳаббат ба кори халқ асоси безаволии ӯ гардидаанд ва ин байти Хоҷа Ҳофиз, алҳақ, ба ин олими сухансанҷ ва инсони пурмеҳр комилан мувофиқ гуфта шудааст:

*Ҳаргиз намирад он ки дилаш зинда шуд ба ишқ,*
*Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо!*
















Сочи сан.
Орджоникидзе














شوروی
رحیم هاشم اوف






ناصرجان
عتیق الله پژواک

























***Лоиқ ШЕРАЛӢ***

# Ғазале ба ёдбуди Носирҷон Маъсумӣ

Ту дил гум кардию аз кӯчаи дилдор бигзаштӣ,
Ту гул гум кардию аз гӯшаи гулзор бигзаштӣ.

Ду чашмонат ба роҳи ёр буд он шаб тамоми шаб,
Ба ёди рӯи субҳу соати дидор бигзаштӣ.

Сухан ногуфта, дил-накшода, ҷумла-нотамом, афсӯс,
Ба каф аз орзуҳо соғари саршор бигзаштӣ.

Ғазалхону сахитабъу суханпарварду базморо,
Зи базми зиндагӣ вирди забон ашъор бигзаштӣ.

Агарчи хоби маргат бурду субҳе чашм накшодӣ,
Ту аз дунёи хоболуди мо бедор бигзаштӣ.

Дилат абрешимӣ буду садоят низ абрешим,
Чи беозор будию чи беозор бигзаштӣ.

Алӣ БОБОҶОН

# Во дареғо, бемаҳал рафт

Ёд дорам олами пиндори Маъсумӣ,
Донишу фарҳанги нотакрори Маъсумӣ.
Ҳар касе бар худ ҷаҳони тозае меёфт
Аз сабақҳои ҳаловатбори Маъсумӣ.
Ҳамчу субҳи навдамида дошт ҷаззобӣ
Сеҳри лафзу ҷазбаи гуфтори Маъсумӣ.
Шеъри ҳассон мебаромад чун навои ҷон
Аз дили шӯрафкану бедори Маъсумӣ.
Мисли як рангинкамони баъди боронҳо
Буд рангин дафтари ашъори Маъсумӣ.
Ҳеҷ боре нест чун бори сухан вазнин –
Ин сухан буд ҷавҳари афкори Маъсумӣ.
Он, ки роҳи маърифатро саҳл ангорад,
Мешуд ӯ бебаҳра аз иқрори Маъсумӣ.
Во дареғо, бемаҳал аз маҳфили мо рафт,
Хоб мебинам кунун дидори Маъсумӣ.
Дар хаёлам, ҳамчу дар дунёи афсона,
Гарм пайдо мешавад рухсори Маъсумӣ.

***Камол НАСРУЛЛО***

# Ойинаи вожагон

***Дар ёдбуди устод Носирҷон Маъсумӣ***

Дарси адабу забон ба мо дод,
Дар рӯйи ҷаҳон ҷаҳон ба мо дод.
Дар кишвари фазлу мулкати меҳр
Як олами бекарон ба мо дод.
То чеҳраи ишқро шиносем,
Ойинаи вожагон ба мо дод.
Ҳар вожа чу қанди коғазипеч
Буд, ӯ бикшоду он ба мо дод.
Худ буд замини бурдборӣ,
То нусрати осмон ба мо дод.
Чун тухми сухан ба ҷони мо кишт,
Андешаи гулфишон ба мо дод.
Афрӯхта шуд ҳилоли табъаш,
Бадри фараҳ армуғон ба мо дод.
Ҳар вожа чи рангу сурате дошт,
Ойина шуду нишон ба мо дод.
Ӯ чеҳраи фазлу одамиро,
Дар хеш нишон аён ба мо дод.
Ҳаққо, ки сухан агар ки ҷон аст,
Ӯ буд, дубора ҷон ба мо дод.

М.ОСИМӢ

# Суруди беинтиҳо

*Он ҷо, ки муҳити бекарони сухан аст,*
*Тамкин гуҳари мавҷи равони сухан аст.*

Ба муносибати 90-солагии зодрӯзи фарзанди вафодор ва фидокори миллат, донишманди нуктасанҷ ва адиби соҳибзавқ, инсони поквиҷдон ва омӯзгори бомаҳорат Носирҷон Маъсумӣ дӯстон, ҳамкорон ва шогирдон хотироти худро навишта, хислатҳои наҷиби инсонӣ, паҳлуҳои гуногуни фаъолияти илмӣ, адабӣ ва омӯзгории ӯро ба наслҳои имрӯзу фардо шинос хоҳанд кард. Ман ҳам қарзи инсонии худ мешуморам, ки баъзе лаҳзаҳои хотироти худро ба қалам диҳам, чаро ки ман бо он кас солиёни дароз дар соҳаи илму маорифи ҷумҳуриамон ҳамкорӣ кардем ва аз ҳама муҳимаш, ҳар ду ба ҳам аз бисёр ҷиҳат ҳамдилу ҳамандеш ва ҳаммаслак будем.

Ман бо Носирҷон Маъсумӣ соли 1947 аз наздик шинос шудам. Он вақт дар Донишкадаи омӯзгории шаҳри Хуҷанд кор мекардам.

Дар хотирам нест, ба муносибати кадом як чорабинии ҷамъияти «Дониш» ба Душанбе омадам.

Пас аз хотима ёфтани чорабинӣ дар тарабхонаи «Помир» зиёфат оростанд. Тасодуфан ман дар паҳлуи Маъсумӣ ҷой гирифтам. Аз суханҳои аввалин маълум шуд, ки мо дар шахси якдигар ҳамсуҳбатҳои дилхоҳ пайдо кардем. Дар аснои суҳбат шахсе ба дасти Маъсумӣ лаъличаеро дод ва хоҳиш кард, ки суруде бихонад. Маъсумӣ лаъличаро гирифт ва чанд ангушт заду бо овози нарму форам сурудеро оғоз кард:

*Пушту паноҳи ман буд девори дилбари ман,*
*Аз гиря бар сар афтод, эй хок бар сари ман…*

Ҳозирон нафас накашида сурудро гӯш мекарданд. Паси ҳам чанд суруди дигаре хонда шуд. Ҳамсуҳбатон бо садоҳои «офарин», «барака ёбед», «кам нашавед» шавқмандии худро изҳор мекарданд. Дар фосилаи сурудхонӣ шеърхонӣ ҳам мешуд. Он шабнишинӣ, он базми назму суруд чунон таъсирбахш буд, ки ҳанӯз аз хотирам нарафтааст. Ҳар гоҳ, ки ёди Маъсумӣ мекунам, пеш аз ҳама, ҳамон шабнишинӣ ба хотирам меояд. Шояд таъсири махсуси он базм сабаби дигар ҳам дошта бошад. Мо, ҷавонон, баъди ҷанг он вақт ташнаи каломи бадеъ ва савту сурудҳои тоҷикӣ будем. Дар замони ҷанг аз зодгоҳамон дур афтода, пазмони фарҳанги миллӣ ва лафзи ширини форсӣ шуда будем. Чун ба зодгоҳамон бозгаштем, дидем, ки дар ин ҷо ҳам ҷанг асари худро гузоштааст. Оре, ҷанг на фақат талафоти азими ҷониву молӣ овард, балки дар асари ҷанг вазъи мактабу маориф табоҳ ва маънавиёт хароб шуда буд. Бо ҷидду ҷаҳд ва кӯшиши устод Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва ҳамсафони онҳо як навъ рушди маориф ва адабиёту санъат оғоз ёфта бошад ҳам, вазъи забон ва забондонии мардум хеле хароб буд. Ба вазъи забон аз таъсири ҷанг дида касофати гирудорҳои солҳои 1937-1938 бештар эҳсос мешуд. Дар он солҳо мо на фақат аз як зумра равшанфикрони фозили худ маҳрум шудем, балки як навъ беэътиноӣ ба забон ва фарҳангамон ҳукмфармо шуда буд. Устод Айнӣ дар як мактуб ба устод Лоҳутӣ чунин менависад: «Акнун ман намедонам, ки бо ин роҳбарони забони тоҷикӣ чӣ кор кунам, онҳо забони адабии классикиро намефаҳманд ва забони зиндаи халқро надонанд ва маҷбур кунанд, ки «чизе навис, ки ман фаҳмам». Дар ин сурат вой бар ҳоли ману монанди ман» / «Садои Шарқ», 1962, № 2, саҳ. 94..

Мо, ҷавонони онвақта, майли бозгашт ба асли хеш дош-

тем. Бинобар ин, сарфаҳм рафтан мушкил нест, ки базму назми суруд дар тарабхонаи «Помир» илҳомбахши Маъсумӣ буд, чӣ таъсире дошт. Аз ҳамон рӯз пас ман ба Маъсумӣ ихлос бастам ва ҳар боре, ки ба пойтахт меомадам ва баъд аз он ки дар соли 1956 раиси Донишкадаи политехникӣ (ҳоло Донишгоҳи техникӣ) таъйин шуда, ба Душанбе омадам, кӯшиш мекардам, ки бо Маъсумӣ дучор шавам ва аз файзи суҳбаташ баҳра бардорам. Маъсумӣ ҳам бо ман унс гирифт. Эшон аз ман панҷ сол калон буданд. Аммо фарқи синну солро эҳсос намекардем, гӯё мо ҳамроҳ ҳастему аз айёми кӯдакӣ ҳамроҳ ба воя расидем. Балки дар қиёфаамон ҳам каму беш монандӣ буд, ки баъзан дар шинохтани мо иштибоҳ ҳам мекарданд. Дар яке аз шабнишинӣ дар хонаи яке аз дӯстонам ҷавондухтаре сурудхонӣ мекард (ӯ баъд ҳофизаи шинохтаи ҷумҳурӣ шуд). Ӯ як савтеро замзама карда, аз ман хоҳиш кард, ки матни онро ба ӯ бинависам. Ман гуфтам, ки ман шоир нестам, ӯ бовар намекард ва бо исрор хоҳиши худро такрор мекард. Баъд огоҳӣ ёфтам, ки ӯ маро Маъсумӣ гумон кардааст. Баъзан ба хонаи Маъсумӣ меҳмон мешудем ва ҳамсари Носирҷон Вера Пантелеевна бо меҳрубонии ба худ хосе меҳмоннавозӣ мекарданд.

Соли 1962 маро вазири маориф таъйин карданд. Дӯстии мо бо Маъсумӣ ранги дигар гирифт. Акнун мо дар соҳаи маориф ва илму фарҳанг аз наздик ҳамкорӣ мекардем. Он вақт вазъи маориф хеле хароб буд. Биноҳои мактабҳо хеле кӯҳна, китоб ва дастурҳои таълимӣ намерасид, сифати таълиму тарбия хеле паст буд. Шумораи зиёди муаллимон, алалхусус, муаллимони синфҳои ибтидоӣ саводи зарурӣ надоштанд. Умуман, онҳо ба кори мушкили омӯзгорӣ омода набуданд.

Рӯзе як омӯзгор ба наздам омад ва шикоят кард, ки ӯро аз кори муаллимӣ ноҳақ сабукдӯш карданд. Қаламу коғаз додам ва аз ӯ хоҳиш кардам, ки ба унвони вазир ариза на-

висад. Гуфт, ки аризаро фардо меорам. Гуфтам, ки худи ҳозир дар ҳамин ҷо бинависад. Ночор монд ва ба гуфтаи ман сар фаровард. Чун аризаро хондам, дидам, ки пур аз хато. Бо қалами сурх хатоҳояшро ислоҳ кардам. Вараќи коғаз суп-сурх шуд. Рангу рӯйи ӯ ҳам сурх шуд, чизе нагуфта ва хомӯшона дафтарамро тарк кард. Муддате пас ба наздам Маъсумӣ омад. Воқеаро ба ӯ нақл карда, аризаи муаллими довталабро нишон додам. Маъсумӣ бо тааассуф гуфт, ки ба ин монанд муаллимон кам нестанд.

Гуфтам:

Пас, чӣ бояд кард?

Маъсумӣ ба андеша фурӯ рафту чизе нагуфт.

Гуфтам:

- Биёед, як кор кунем. Тамоми муаллимони ҷумҳуриро аз санҷиш мегузаронем. Аввалан, муаллимони синфҳои ибтидоиро месанҷем. Дар ҳаҷми синфи чаҳор аз забони модарӣ диктант ва аз ҳисоб кори контролӣ мегузаронем. Матни диктант ва кори контролиро дар Душанбе таҳия карда, ба ҳамаи мактабҳои ҷумҳурӣ мефиристем. Натиҷаи кори контролиро ҳам аз ҳамин ҷо мефиристем. Он вақт маълум мешавад, ки мо бо кадом тоифа муаллимон сару кор дорем.

Ин пешниҳоди ман ба Маъсумӣ писанд уфтод. Ӯ ваъда дод, ки ин иқдоми маро ҷонибдорӣ мекунад ва барои омода кардани он ёрӣ медиҳад. Дар натиҷаи имтиҳон маълум шуд, ки қариб ними муаллимони синфҳои ибтидоӣ саводи кофӣ надоштаанд. Дар айни замон, муаллимони босаводро ҳам муайян кардем. Дар ҳамаи мактабҳои ҷумҳурӣ дар назди мактабҳое, ки муаллимонашон баҳои панҷ гирифта буданд, барои муаллимоне, ки баҳои ду гирифта буданд, курсҳо ташкил намудем. Муаллимони баҳои ду гирифта мебоист дар давоми як сол дар ин курсҳо хонда, саводи худро расо мекарданд ва агар ин дафъа ҳам баҳои ду гиранд, аз кори муаллимӣ сабукдӯш хоҳанд шуд. Дар Институти такмили

ихтисоси муаллимон ҳам имтиҳон ҷорӣ кардем. Ба роҳбарони донишгоҳҳо ва донишкадаҳои ҷумҳурӣ тавсия намудем, ки пеш аз имтиҳони давлатӣ аз донишҷӯён дар ҳаҷми мактаби миёна диктант ва кори контролӣ гиранд. Агар донишҷӯ баҳои 2 гирад, ӯро ба супоридани имтиҳони давлатӣ рухсат надиҳанд. Бо ин роҳ хостем занҷири доираи сарбастаро канем.

Як рӯз ба яке аз мактабҳои пойтахт рафтем. Вақти танаффус буд. Бо муаллимон суҳбат карда, пурсидам, ки имрӯз кӣ аз кадом фан ва дар кадом мавзӯъ дарс медиҳад. Навбат ба муаллимаи ҷавон расид. Ӯ гуфт, ки мавзӯи дарси имрӯзаи ӯ рубоиёти Умари Хайём аст. Пурсидам, ки аз рубоиёти Умари Хайём кадомашро имрӯз таҳлил хоҳӣ кард. Ӯ дафтарашро ба ман нишон дод. Ман мазмуни рубоии зеринро аз муаллима пурсидам:

*Эй чархи фалак, харобӣ аз кинаи туст,*
*Бедодгарӣ шеваи деринаи туст.*
*Эй хок, агар синаи ту бишкофанд,*
*Бас гавҳари қимате, ки дар синаи туст.*

Ӯ айнан чунин ҷавоб дод: агар заминро канем, дар он бойгариҳои бисёр аст, тилло, нуқра, нефт…

Ҳуш аз сарам парид. Ба мудири таълими мактаб гуфтам, ки оё аз фанни риёзиёт муаллими аз дарс холӣ ҳаст? Гуфт, ки ӯ муаллими фанни риёзиёт ва ҳоло фориғ аст. Аз ӯ хоҳиш кардам, ки дарси ин муаллимаро иваз кунад. Баъд ба муаллимаи ҷавон, ки ранги рӯяш сап-сафед шуда буд, ҷойи кори Маъсумиро таъйин карда, гуфтам, ки чанде аз рубоиҳои Умари Хайёмро барояш маънидод кунад.

Рӯзи дигар бо Маъсумӣ дучор шудам, ӯ бо табассуми ба худ хос гуфт:

- Муаллим, дирӯз як духтараки соҳибҷамол ба наздам омад ва аз номи Шумо хоҳиш кард, ки маънои чанде аз рубоиёти Умари Хайёмро маънидод кунам. Супориши Шумо-

ро иҷро кардам:

Ҳамсуҳбати мо шӯхиомезона пурсид:

- Оё духтарак, дар ҳақиқат ҳам, соҳибҷамол буд?

Маъсумӣ:

- Бале, аммо афсӯс, ки донишаш бо ҳуснаш мутобиқат намекардааст.

Бояд аз рӯйи инсоф гӯям, ки дар ҳамон вақт дар миёни муаллимон шахсони бомаърифат, босавод, бомаҳорат кам набуданд. Мо кӯшиш кардем, ки обрӯю эътибори онҳоро ҳамчун муаллимони фаъолияташон ибратбахш баланд бардорем. Умуман, вазорат чунин иқдомро пеш гирифта буд: нисбат ба муаллим серталаб бошем ва ҳамзамон, аз мақомоти ҳизбиву давлатӣ қатъиян хоҳиш кунем, ки дар ҳаққи муаллим ба таври бояду шояд ғамхорӣ зоҳир намоянд ва муҳимтар аз ҳама, эҳтироми муаллимро ба ҷо оваранд.

Бо Носирҷон Маъсумӣ ва дигар омӯзгорони соҳибтаҷриба маслиҳат карда, барои таълифи китоби нави алифбо конкурс эълон кардем.

Азбаски мардуми тоҷик табиатан шеърдӯст ва шоирпарвар аст, хостем, ки дар алифбо шоҳбайтҳои шоирони номиамон ҷой дода шавад, то завқи шеърдӯстии кӯдаконро аз аввал тарбия намоем. Дареғо, бо сабабҳои гуногун конкурси алифбои нав бенатиҷа монд. Умуман, ба ман муяссар нашуд, ки дар Вазорати маориф якчанд сол кор кунам.

Моҳи ноябри соли 1962 маро раиси Кумитаи тозабунёди назорати ҳизбиву давлатӣ таъйин карданд. Мебоист дар ҳайати кумита аз ҳар тоифа касбу кор намоянда интихоб мешуд. Ман пешниҳод кардам, ки Носирҷон Маъсумӣ намояндаи равшанфикрони ҷумҳурӣ шавад. Пешниҳоди ман қабул шуд. Зимни суҳбати пешакӣ Маъсумӣ эътирози худро ҳалимона ва шармгинона чунин баён кард:

- Муаллим, вазифае, ки мехоҳед Шумо ба дӯши ман бор кунед, ба табиати банда тамоман бегона аст. Ман чӣ тавр

метавонам аз иҷрои он бароям?

Ман дар ҷавоб гуфтам:

- Магар ин вазифа ба табиати ман созгор аст? Дар шароити кунунӣ ночор ҳастем, ки дар ин мақом ҳам ду-се сол иҷрои вазифа кунем. Ғайр аз ин, мову Шумо метавонем дар ҳамин ҷо ҳам вазифаи фарҳангии худро иҷро намоем.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Бисёре аз равшанфикрон бо арзу шикояти худ ба назди мо меомаданд. Мо кӯшиш мекардем, ки аз рӯйи адолат ба онҳо ёрӣ диҳем.

Адибон ва олимони намоёни ҷумҳурӣ Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Аловаддин Баҳоваддинов ва дигарон тез-тез ба назди мо меомаданд, маслиҳатҳои муфид медоданд ва хоҳиш мекарданд, ки эътибори кумитаро барои рушду такомули илму фарҳанг ҳарчи хубтар истифода барем. Бисёре аз тадобири фарҳангӣ, аз он ҷумла, 550-солагии зодрӯзи Абдураҳмони Ҷомӣ, гузоштани пайкараи Рӯдакӣ, ташкили ансамбли шашмақом, нашри осори классикони адабиётамон ва монанди онҳоро номбар кардан мумкин аст, ки бо иштироки фаъолонаи мо амалӣ гардидааст.

Маъсумӣ одатан дар маҷлисҳои кумита хомӯш менишаст. Хоксорӣ ва шикастанафсӣ хислати ӯ буд. Ӯ хеле камгап, вале пухта буд. Ҳар як суханашро санҷида, гӯё дар тарозӯи хирад бармекашида бошад, оҳиста ва оромона мегуфт. Суханони ҳамсуҳбаташро бо тамкин ва эҳтиром гӯш мекард. Пеш аз маҷлисҳои кумита бо Маъсумӣ танҳо ба танҳо вохӯрда, роҷеъ ба баъзе масъалаҳое, ки дар кумита бояд мавриди баррасӣ қарор бигиранд, фикрашро мепурсидам. Ӯ маслиҳати пухта ва дурандешона медод. Мо якҷоя ҳалли оқилона ва одилонаи бисёр муаммоҳои дандоншиканро пайдо мекардем.

Ба муносибати ҷашни бузургдошти Абдураҳмони Ҷомӣ нашри мунтахаботи ӯро дар 5 ҷилд ба нақша гирифта будем.

Кормандони шуъбаи шарқшиносӣ ва осори адабии АУ Тоҷикистон бо сарпарастии раиси бахши матншиносӣ Камол Айнӣ, ки котиби кумитаи ҷашн буд, дар як муддати кӯтоҳ осори панҷҷилдаро ба чоп тайёр карданд. Аммо шахсоне ҳам пайдо шуданд, ки ба нашри он мамоният нишон медоданд. Маро котиби дуввуми Кумитаи марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон И. Г. Ковал ба назди худ даъват кард.

- Шумо ба нашриёт фармон додед, ки осори Ҷомиро дар 5 ҷилд чоп кунанд (ман раиси кумитаи ҷашн будам), – пурсид ӯ.

Гуфтам:

- Чопи осори мунтахаби Ҷомиро кумитаи ҷашн ба нақша гирифтааст.

Ковал:

- Нашриёт бояд, пеш аз ҳама, китобҳои дарсӣ чоп кунад. Ғайр аз он, ба ман хабар доданд, ки ин гуна китобҳо (маҳз асарҳои классикон) харидор надорад, оқибат ба макулатура меравад ва коғаз ҳайф мешавад.

Ман гуфтам, ки мо обуна ташкил мекунем ва аз рӯйи он адади нашр аниқ мешавад.

Дар роҳрави сӯйи дафтари корам Маъсумиро дида, воқеаро ба ӯ нақл кардам. Ӯ хеле мутаассир шуд ва якҷоя маслиҳат кардем, ки ба воситаи раисони кумитаҳои ноҳиявию шаҳрӣ теъдоди харидорони осори Ҷомиро муайян кунем.

Дар бадали 10-13 рӯз дар миқёси ҷумҳурӣ бештар аз 25 ҳазор кас хоҳиши харидории осори Ҷомӣ буданашро изҳор кард. Осори панҷҷилдаи Ҷомӣ дар арафаи ҷашн бо теъдоди 7 ҳазор нусха аз чоп баромад ва дар муддати кутоҳ пурра ба фурӯш рафт.

Як рӯз маро Ҷаббор Расулов ба назди худ хост ва номаи як забоншиноси унвондори Душанберо нишон дод. Муаллифи нома ба забони радиои ҷумҳурӣ эрод гирифта, чанд мисоле оварда, ки гӯё ин калимаю ибораҳо барои омма но-

мафҳум будаанд. Дар қатори онҳо ибораи «ба самъи шумо мерасонем» ҳам буд. Ман ба Ҷаббор Расулов гуфтам, ки ҳақ ба ҷониби соҳиби мактуб нест, ҳамаи калимаю ибораҳое, ки ӯ овардааст, ба мардум фаҳмост. Барои мисол як воқеаро ба Ҷаббор Расулов хотирнишон кардам. Рӯзе дар саҳро бо деҳқонон суҳбат мекардем. Ҷаббор Расулов ба як саркор муроҷиат кард, ки ӯ ҳам чизе бигӯяд. Саркор дар ҷавоб - мо сомеъ, гуфт. Ман ба Ҷаббор Расулов гуфтам, ки деҳқоне, ки мо сомеъ мегӯяд, албатта, ибораи «ба самъи шумо мерасонам»-ро ҳам мефаҳмад. Ҷаббор Расулов номаро ба ман доду гуфт, ки ҳамроҳи Маъсумӣ бо муаллифи нома суҳбат кунем. Ин воқеа ва хоҳиши Ҷаббор Расуловро ба Маъсумӣ нақл кардам. Аз ӯ хоҳиш кардам, ки дар суҳбати мо ҳузур дошта бошад. Маъсумӣ дар ҷавоб гуфт:

- Не, муаллим, дуруст мегӯянд, ки изои муъмин ҳаром аст. Дар назди ман соҳиби нома изо мекашад. Шумо худатон эҳтиромона ба ӯ иштибоҳашро фаҳмонед. Шумо аз уҳдаи ин кор ба хубӣ мебароед.

Дар ин воқеаи хурдакак чун офтоб дар зарра маданияти баланди Маъсумӣ зоҳир мегардад.

Моҳи майи соли 1965 маро раиси Академияи улуми Тоҷикистон интихоб карданд. Маъсумӣ аввал ба ҳайси раиси Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёт ва сонитар, ба ҳайси сарпарасти шуъбаи улуми ҷамъиятшиносии академия кор мекард. Ҳамкории мо вусъати тоза пайдо карда буд. Нахустин муаммое, ки ҳалли онро Маъсумӣ аз академия хоҳиш кард, чопи фарҳанги забони тоҷикӣ буд.

Мехоҳам моҷарои фарҳангро муфассалтар нақл кунам. Зеро ки ин моҷаро бевосита ба фаъолияти Маъсумӣ дахл дорад ва илова бар он, ин моҷаро дар яке аз рӯзномаҳои ҷумҳурӣ барғалат нақл шудааст.

Маъсумӣ ба ман дастнависи фарҳангро нишон дода ва шикоятомезона гуфт, ки баъзеҳо ба чопи он мамоният меку-

нанд. Пурсидам, эроди онҳо аз чӣ иборат аст. Маъсумӣ эроди онҳоро якояк баён кард. Эродҳо асоси илмӣ надоштанд. Ман ваъда додам, ки барои чопи фарҳанг роҳ мекушоем.

Ба Москва рафтам, бо нашриёти «Энсиклопедияи советӣ» маслиҳат кардем.

Ҷилди якуми фарҳангро 13 сентябри соли 1967 ва ҷилди дуввумро 1 феврали соли 1968 ба чоп супоридем. «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар ду ҷилд соли 1969 аз чоп баромад.

Азбаски мухолифони чопи фарҳанг ором наменишастанд, тасҳеҳнусхаҳои ҷилдҳоро ҳамроҳи муҳаррирон (Маъсумӣ яке аз муҳаррирон буд) бо диққат мехондем. Дар аснои хондани тасҳеҳнусха чашмам ба калимаи рус афтод. Ҳамзамон, бо номи қавм ва мамлакат будани калимаи «рус» ба омонимии он, ки маънои тамоман дигар дорад, оварда шуда буд. Мо бо яке аз муҳаррирони фарҳанг Муҳаммадҷон Шукуров маслиҳат кардем, ки маънои дуввумашро дар шакли «рӯс» нависем. Шукуров розӣ шуд. Мусаҳҳеҳ калимаи «рӯс»-ро илова кардааст, вале аз калимаи «рус» хат задани маънои дуввумашро фаромӯш кардааст.

Фарҳанг бо ҳамин иштибоҳ аз чоп баромад. Шахсе ба Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон мактуб навишта, хоҳиш кардааст, ки китоб аз фурӯш дошта шавад. Ману Маъсумиро ба Кумитаи Марказӣ даъват намуданд. Мо кӯшиши зиёде ба харҷ додем, ки асли воқеаро фаҳмонем. Фаҳмидан нахостанд ва бо сардории Котиби Кумитаи Марказӣ ва муовини раиси Кумитаи бехатарӣ Комиссияи махсус таъсис доданд. Ману Маъсумиро ҳам ба ҳайъати комиссия дохил карданд. Ману Маъсумӣ ба идораи раёсати академия омада, чанд соат майна об мекардем, ки ҳалли оқилонаи ин моҷароро ёбем, ганҷинаи бебаҳои фарҳангиро аз нобуд кардан нигоҳ дорем. Маслиҳат кардем, ки ба яке аз дӯстони худ, профессор Александр Николеевич Болдирев муроҷиат намоем, шояд ӯ ба мо ҳалли ин муамморо

нишон диҳад. Маъсумӣ ба хонааш телефон карда, ба завҷ-ааш гуфт, ки аз дафтарчаи хотироташ рақами телефони А. Н. Болдиревро пайдо кунад.

Мо бовар доштем, ки ӯ роҳи ҳалли ин муамморо ҳатман меёбад. Умедамон барбод нарафт. Рӯзи дигар аз номи устод барқияи калон гирифтем, ки дар он фарҳангро пурра дастгирӣ карда буд. Устод навишта буд, ки фарҳангсозон кори хуб карданд, ҳама маъноҳои калимаи «рус»-ро доданд, дар акси ҳол хонандаи осори классикон фикри онҳоро ғалат фаҳмиданаш мумкин буд. Бурҳони устод чунон қотеъона буд, ки касе наметавонист онро рад кунад. Худи ҳамон рӯз дар ҳамин мазмун аз номи луғатнависони Москва ҳам барқия гирифтем. Маъсумиро даъват карда, барқияҳоро гаштаю баргашта хондем. Дарҳол ба барқияҳо истинод карда, хулосаи комиссияро навишта, ба назди раиси комиссия рафтем. Раис намояндаи кумитаи бехатариро даъват кард. Онҳо барқияҳоро хонда, ба хулоса имзо гузоштанд. Баъд ба назди Ҷаббор Расулов даромадем. Ӯ барқияҳоро ба диққат хонда, ба хулосаи мо розӣ шуд. Ҳамин тавр, муваффақ шудем, ки фарҳангро аз нобуд кардан нигаҳ дорем. Хидмати чандинсолаи гурӯҳи калони донишмандон ва кормандони пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ барбод нарафт ва ин сарвати маънавии миллат ҳифз шуд. Дар омади сухан бояд таъкид кард, ки «Фарҳанги забони тоҷикӣ»-ро форсизабонони ҷаҳон хуб пазируфтаанд. Имрӯз барои хонандаи тоҷик ин фарҳанг чун обу ҳаво зарур шудааст, вале дар фурӯш нест. Вақти он расидааст, ки фарҳанг аз сари нав бо адади зиёд нашр шавад.

Бояд гуфт, ки Маъсумӣ ҳамчун раиси Пажӯҳишгоҳи забону адабиёт ва сарпарасти шуъбаи улуми ҷамъиятӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни илмҳои ҷамъиятӣ хизмати шоиста кардааст.

Маҳз бо шарофати хислатҳои шахсии ӯ дар пажӯҳишгоҳ

ва шуъба муҳити солими маънавӣ ҳукмфармо буд. Ӯ тавонист, ки аз рӯзи аввали раиси пажӯҳишгоҳ таъйин шуданаш шахсони чоплус ва иғвогарро аз худ дур кунад ва коллективро дар асоси ниятҳои солим ва наҷибона муттаҳид созад. Ба ин муносибат Маъсумӣ як воқеаи аҷиброро нақл карда буд. Рӯзи дигари раиси пажӯҳишгоҳ таъйин шуданаш ба назди ӯ як корманди пажӯҳишгоҳ медарояд, Маъсумиро табрик мекунад ва мегӯяд, ки коллективи пажӯҳишгоҳ хеле мураккаб аст, бинобар ин, шахсе лозим аст, ки барои ӯ гӯшу чашм шавад ва дидаву шунидаҳояшро сари вақт ба ӯ расонад. Ӯ метавонад ҳамин гуна шахс ва маслиҳатгар бошад. Маъсумӣ бо қиёфаи ҷиддӣ мегӯяд, ки шумо дер кардед, ман маслиҳатгар дорам. Чоплус ба таҳлука меафтад ва бо ҳаяҷон мепурсад, ки он шахс кӣ будаст, ки пешдастӣ карда, вазифаи ӯро гирифтаст.

- Маслиҳатгари ман Шӯрои илмӣ ва созмонҳои ҷамъиятии пажӯҳишгоҳанд, - мегӯяд Маъсумӣ, – ба шумо низ маслиҳат медиҳам, ки фикру ақидаҳои худро кушоду равшан ба ҳамкорон гӯед.

Шахси чоплус аз ин «суҳбат» шармандаю шармсор меравад. Минбаъд шахсони мисли ӯ ҷуръат намекарданд, ки дар назди Маъсумӣ чоплусӣ кунанд.

Маъсумӣ дорои хислатҳои беҳтарини инсонӣ буд. Роҳбари хайрхоҳ ва ғамхор, пухтакор ва дурандеш, вазифашинос ва серталаб буд. Серталабиро ӯ нисбат ба ҳама аз худ зоҳир мекард ва ба ҳамин васила ҳамкорони худро водор месохт, ки вазифашинос ва нисбат ба худ серталаб бошанд.

Маъсумӣ ҳамчун сарпарасти пажӯҳишгоҳ ва шуъбаи улуми иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ғами ба тадқиқоти илмӣ ҷалб намудани ҷавонони боистеъдодро мехӯрд. Азбаски дар Академияи улуми мо илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ хеле дер роҳ ёфта буданд, дар он вақт диққати асосиро ба инкишофи чунин риштаҳои илм медодем.

Ҳатто, дар чунин шароит мо кӯшиш мекардем, ки ҷавонони боистеъдодро, ки хоҳиши дар аспирантура хондан доштанд, аз даст надиҳем. Маъсумӣ дафтарчаи хотироташро, ки дар он масъалаҳои ҳалталаб сабт шуда буданд, бардошта ба назди ман меомад. Ҳамаи он масъалаҳоро гуфта ва ҷавобашро гирифта, дар охир илова мекард, ки як ҷавони болаёқат хоҳиши дар аспирантура хондан дорад, аммо дар нақшаи қабул ҷой барои ин ихтисос ҷудо накарданд. Агар шумо иҷозат медодед, ин ҷавон имтиҳонҳоро супорад. Иҷозат медодам ва барои ин корҳо мақомоти боло маро сарзаниш мекарданд, аммо сарфи назар аз ин, соли дигар ин кор боз такрор мешуд. Ҳамин тавр, дар ҳамаи шароити бюрократӣ ҳам тавонистем ғамиояндаи соҳаҳои гуногунро хӯрем.

Рӯзе Маъсумӣ ба ман гуфт, ки як соҳаи забоншиносӣ, маҳз таърихи забон аз назари мо дур мондааст. Чӣ бояд кард? Маслиҳат кардем, ки ба Донишгоҳи Ленинград донишҷӯҳо мефиристем ва онҳо минбаъд мутахассисони соҳаи таърихи забон мешаванд. Ҳамин тавр ҳам кардем.

Таҳти сарпарастии Маъсумӣ дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ равияҳои имрӯзаи тадқиқоти илмӣ ба таври возеҳу равшан шакл гирифтанд: забоншиносӣ, шевашиносӣ, фолклоршиносӣ, таърихи адабиёти классикӣ, адабиёти муосир, робитаҳои адабӣ. Кормандон барои офаридани асарҳои бузурги дастҷамъона сафарбар шуданд: грамматикаи илмии забони тоҷикӣ, таърихи адабиёти классикӣ ва муосир, фарҳанги забони классикӣ ва муосири тоҷик, луғатҳои русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русӣ ва ғайра.

Маъсумӣ дили ҳассос дошт. Шахсоне ҳам буданд, ки ӯро меранҷониданд. Аммо ӯ одатан ранҷиши худро зоҳир намекард.

Як рӯз як шахси куҳансол Маъсумиро ноҳақ сарзаниш кард. Маъсумӣ чизе нагуфт, аммо аз қиёфааш маълум буд, ки сахт ранҷидааст ва азоби руҳӣ мекашад. Мо ҳамроҳи академик Акобир Адҳамов азми сафар доштем. Моро ба-

рои мулоқот бо ҷавонон ба ноҳияи Ҳисор даъват карда буданд. Ман ба Маъсумӣ гуфтам, ки ба мошин савор шавад.

Пурсид:

- Ба куҷо мебаред?

- Ба ҷойе, ки Шуморо хеле пазмон шудаанд.

Чизе нагуфт ва ба мошин савор шуд. Хомӯш мерафтем. Маъсумӣ оҳе кашиду гуфт:

- Одамон чанд хел пир мешудаанд: пири хирадманд, кӯдакпир ва сагпир.

Гуфтам:

- Хуб ташхис кардед.

- Пири хирадманд нуран ало нур, кӯдакпирӣ хандаовар аст, вале безиён. Худо аз сагпирӣ нигоҳ дорад.

Ҳамон бегоҳ дар Ҳисор мулоқоти фаромӯшнашаванда барпо гардид. Пас аз суханони ману Адҳамов риштаи суханро ба Маъсумӣ супоридем. Ӯ дар бораи одобу ахлоқи ҷавонон сухан мегуфт. Ҷавонон сухани пурмазмуни ӯро нафас накашида, гӯш мекарданд ва аз лафзи ширинаш ҳаловат мебурданд. Дар фуровард шеъри худро дар ситоиши Тоҷикистони азиз хонд. Ҷавонон хеле кафкӯбӣ карданд. Роҳбарони ноҳияи Ҳисор аз мо хоҳиш карданд, ки ҳамроҳи онҳо як пиёла чой нӯшем. Азбаски мақсади банда таскини Маъсумӣ буд, гуфтам:

- Ман чӣ будани як пиёла чойро медонам. Мо розӣ ҳастем, аммо бо як шарт. Дар як ҷои кушод мешинем ва бе шароб, дар ҳақиқат, ҳам бо як пиёла чой суҳбат мекунем.

Мизбонон розӣ шуданд. Дар болои наҳри калон шипанге сохта будаанд. Моро ҳамон ҷо бурданд. Шишаҳои шаробро аз рӯйи дастурхон бардоштанд ва шӯхиомез гуфтанд, ки дидед, мо ба ваъдаи худ вафо мекунем. Чанде аз ҳофизони машҳури Ҳисорро ҳам даъват карданд. Базму назми суруд оғоз шуд. Ин базм шабнишинии нахустинро бо Маъсумӣ ба хотир меовард. Аммо ин дафъа Маъсумӣ ором менишасту

дигарон сурудхонӣ мекарданд. Дар фосилаи сурудхонӣ суҳбат мекардем. Суҳбат то ними шаб давом кард. Агар мо нияти баргаштан намедоштем, аҷаб не ки то субҳ идома меёфт.

Дар роҳи бозгашт Маъсумӣ аз ман барои ин сафари фаромӯшнашаванда сипосгузорӣ кард.

- Ҳаёт чӣ басо ширин аст, – гуфт ӯ, – одамон метавонанд мисли ҳаминшаба зебо ва хушнудона гузаронанд. Вале мо баъзан якдигарро бо баҳонаи ночизе меранҷонем ва аз якдигар меранҷем. Пас аз суҳбати имшаба воқеаи пеш аз сафар акнун ба назарам чунон ночиз менамояд, ки росташро гӯям, аз ранҷидаҳолӣ шармам меояд.

Эй кош, ҳама андешаи Маъсумӣ ва Маъсумиҳоро медоштанд.

Моҳи январи соли 1972 ба Ҳиндустон сафар карда будам. Маро ба сафоратхонаи Шӯравӣ даъват карда гуфтанд, ки ман бояд аз ин ҷо ба Кобул парвоз кунам. Дар меҳмонхонаи Кобул Маъсумиро дидам. Маълум шуд, ки ҳардуи моро барои шинос шудан бо муассисаҳои илмии Афғонистон Раёсати Академияи улуми Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ фиристодааст. Дӯстони Афғонистониамон аз мо самимона пазироӣ намуданд. Як мошини сабукрав ва муовини раиси Донишкадаи политехникӣ Ҳабиб-ур-раҳмонро ба мо вобаста карданд. Ҳабибҷон (мо ӯро ҳамин тавр меномидем) ҷавони хуштабъ, закӣ ва шеърдӯст буд. Ронандаи мо ҳам, ки Амон ном дошт, ҷавони шеърдӯст буд. Онҳо ба зудӣ бо мо унс гирифтанд. Дар Кобул дӯстони зиёд пайдо кардем. Ман дар факултаи улуми роҷеъ ба инкишофи улуми дақиқ ва табиатшиносӣ, Маъсумӣ дар факултаи адабиёт суханрониҳо кардем.

Як рӯз пас аз суханронӣ шахсе ба Маъсумӣ чунин савол дод:

Чаро забони асарҳои адибони шумо дар солҳои охир хеле хароб шудааст. Асари як нависандаи навқаламии тоҷикро ном бурда, гуфт, ки ман ин асарро бо асарҳои устод Айнӣ муқоиса кардам, ба чунин хулоса омадам, ки имрӯз забони адабии шумо хеле хароб шудааст.

Ман бо ҳаяҷон ба Маъсумӣ нигоҳ мекардам ва интизор будам, ки чӣ ҷавоб медиҳад.

Маъсумӣ гуфт:

- Шумо дуруст мегӯед. Дар хусуси забони ин асар ман ҳам бо шумо ҳамфикр ҳастам. Аммо аз шумо мепурсам, оё асарҳои Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигар нависандагону шоиронро хондаед?

- Не, нахондаам.

- Пас, шумо чӣ тавр аз рӯйи асари як нависанда ҷуръат карда, ба вазъи забони як миллат баҳо додан мехоҳед? Ин кори шумо аз инсоф дур аст. Мо нуқсонҳои забони худро хуб медонем ва кӯшиш дорем, ки онҳоро ҳар чӣ зудтар бартараф кунем. Ҳамзамон, мо осоре дорем, ки метавонад мояи ифтихори тамоми форсизабонон бошад.

Ҳозирон суханони Маъсумиро бо кафкӯбиҳои дуру дароз истиқбол карданд.

Ман аз шодӣ дар куртаам намегунҷидам, суханони Фирдавсиро аз дил мегузаронидам:

*Фиристода бояд, ки доно бувад,*
*Ба гуфтан далеру тавоно бувад.*

Мо мебоист бо ҳавопаймои Деҳлӣ-Кобул-Москва парвоз мекардем, аммо ҳавопаймо аз Деҳлӣ наомад. Аз мизбонон хоҳиш кардем, ки моро бо мошин фиристанд. Ҳамон мошину ронанда ва ҳамон роҳбалад моро ба Мазори Шариф ва баъд ба соҳили дарёи Омӯ расониданд. Сафари роҳ ҳам қиссаи шунидани ст. Ман нақли онро ба вақти дигар мавқуф мегузорам.

Ин сафари охирини мо буд бо Носирҷон Маъсумӣ. Пас аз якуним сол дили ҳассоси Носирҷон Маъсумӣ дар айни камолоти илмию фарҳангиаш аз тапидан монд.

Хотираи ин фарзанди шоистаи миллат, ки ҳар коре, ки карда бошад, бо тақозои замон ва амри виҷдон карда буд, чун суруди беинтиҳо абадӣ хоҳад монд.

М.ОСИМӢ

# Фарзанди бовафои халқ

Шоир ва мутафаккири бузурги немис Иоган Ҳёте овардааст, ки ба ташаккули майлу тафаккури шахс шароити зиндагӣ таъсири калон мерасонад. Шахси бузург дар ҷараёни зиндагӣ худ ба табиат ва ҳастии иҷтимоӣ ғӯта хӯрда, ба дарки қонуниятҳои он мекӯшад ва амали мутақобили байни ӯ ва табиату ҷамъият ҷараён мегирад.

Шароити таърихӣ ва ҳастии иҷтимоие, ки ба ташаккули шахсият ва фаъолияти яке аз сарбозони бовафои илми филологияи тоҷик, шоири ширинсухан ва ходими фаъоли ҷамъиятӣ Носирҷон Асадович Маъсумӣ таъсир овардааст, дорои махсусиятҳои такрорношуданӣ, аломатҳои танҳо ба ҳамон давраи таърихӣ хос буд. Ташаккули Маъсумӣ чун шахс ва олим, шоир ва ходими ҷамъиятӣ ба марҳилаи пурҷӯшу хурӯши сохтмони маданияти сотсиалистӣ мувофиқ меояд. Носирҷон Маъсумӣ чун марди комил, фарзанди бовафои халқу Ватан дар ин ҷавлонгоҳ монда нашуда хизмат кард. Писари деҳқони оҳангар ба омӯзиши ҳамаҷонибаи таҷрибаи адабии Айнӣ ва Лоҳутӣ пардохт, аз таҷрибаи зиндагӣ ва ҷаҳонбинӣ захира афзуд ва худи ӯ низ, чунон ки Айнӣ ва Лоҳутиро хос буд, ба сифати муборизи ҷонфидои инқилоби маданӣ дар Тоҷикистон сабзида расид.

Пас аз хатми курсҳои дусолаи педагогии Самарқанд ҷавони понздаҳсола як муддат дар техникуми педагогии шаҳри Панҷакент муаллимӣ карда, ба маҳви бесаводӣ ва нашри дониш ҳиссагузор шуд, аз давраи таҳсил дар Институти педагогии ба номи Т.Г.Шевченко бо шеър ва сонитар бо мар-

казҳои илмию методӣ ба кори маърифатомӯзӣ ёрӣ кард ва то Ҷанги Бузурги Ватанӣ чун муборизи пуркору ҳамаҷонибаи фронти маданият шакл гирифт. Кадом соҳа муҳимтар бошад, кадом масъала дар назди коркунони фронти маданият гузошта шавад, Маъсумӣ он ҷо ҳозир буд ва мушкилтарин соҳаи, ба қавли худаш, соҳаи дандоншиканро ба уҳда мегирифт. Васфи одамони нави давр вазифаи муҳими адабиёт ба шумор мерафт, беҳтар кардани сифати таълими забон ва адабиёти тоҷик дар мактабҳои таълими умумӣ дар рӯзномаи инқилоби мадании солҳои сӣ меистод ва Носирҷон Маъсумӣ бо як мамнуният ва майли тамом дар шеъру достонҳояш ин навиро суруд, аввалин мақолаҳои худро ба масъалаи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик бахшид. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ тамоми қувваи эҷодии худро ба таъмини ғалаба равона кард ва аз солҳои аввали баъди ҷанг саропо ба инкишофи илм дода шуда, умдатарин масъалаҳои назарияи адабиёт ва забонро ба таҳқиқи марксистона гирифт.

Дар солҳои панҷоҳ масъалаи инкишофи минбаъдаи забони адабии тоҷик аз нав хест, бо баланд шудани савияи дониш ва маданияти мардум ва такомули ҷаҳонбинии интеллигентсия зарурати бештар демократӣ кунонидани забон ба вуҷуд омад. Забонро аз чаҳорчӯбаи маҳдуди барномаи мактабӣ баровардан лозим буд. Дар айни замон дар роҳи инкишофи он баъзе майлҳои каҷравӣ ва каҷфаҳмӣ низ рух медоданд, ифроту тафрите ҳам содир мешуд. Кам кардани арабизмҳо, мубориза бо архаизм ва дар айни замон омӯхтани захираҳои фаровони забону адабиёти классикӣ сафарбарии муҳимтарин қувваҳои эҷодиро тақозо дошт ва Маъсумӣ аз аввалин сарварони он гардид. Маъсумӣ дар байни забоншиносон ва адабиётшиносони тоҷик аввалин шуда такмили услуби забони асарҳои бадеиро ба уҳда гирифт. Дар мисоли такмили услубии забони асарҳои Аҳма-

ди דониш ва устод Айнӣ як силсила мақола ва китоби «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик»-ро таълиф намуд, ки онҳо ба ташаккули як соҳаи нави забоншиносии тоҷик - услубшиносӣ асос гузошт.

Носирҷон Маъсумӣ аз солҳои чиҳил бо экспедитсияҳои фолклорӣ ба қишлоқҳои дурдасти ҷумҳурӣ сафар карда, сарватҳои эҷодиёти даҳанакии халқро ҷамъоварӣ намуд, онро дар шакли китобҳои алоҳида ба халқ баргардонд, тадқиқи илмии ин соҳаро ҳам уҳда кард. Китоби ӯ «Фолклори тоҷик» аввалин асари фолклоршиносие буд, ки тавсифу таснифи эҷодиёти даҳанакӣ ва жанрҳои он мавриди баррасии монографӣ қарор гирифтааст.

Бо ҳамон амиқназарӣ ва масъулиятшиносӣ Маъсумӣ боигарии забон ва фонди луғавии онро омӯхт, эҳтиёҷоти ҳаррӯзаи доираи васеи хонандагонро ба луғатҳо дида, аз пайи қонеъ кардани онҳо шуд. Дар кори ба чоп ҳозир намудан ва нашри «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар ду ҷилд меҳнати дандоншикан ва хизмати бузурге ба ҷо овард. Луғати дуҷилдаи русӣ-тоҷикиро, ки аз асарҳои фундаменталии филологияи тоҷик буд, ба таҳрир гирифт.

Тадқиқи муҳимтарин масъалаҳои таърих ва назарияи адабиёти тоҷик ва эҷодиёти намояндагони алоҳидаи он, проблемаи реализми сотсиалистӣ як паҳлуи дигари фаъолияти серсоҳаи ӯро ташкил доданд. Носирҷон Маъсумӣ дар тадқиқи адабиёти асрҳои XVIII ва XIX тоҷик, дар таҳлили асрҳои устод Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Хабиб Юсуфӣ ва дигарон басо уҳдакушоиҳо кардааст.

Тамоми зиндагӣ ва фаъолияти илмию адабии Носирҷон Маъсумӣ бо вусъати адабиёту санъат ва иқтисодиёти ҷумҳурӣ якҷоя, пайваста бо халқ, бо илму адабиёт, бо зиндагии халқ ҷараён кард. Мулоқотҳои ӯ бо мардуми меҳнаткаш, мусоҳиба дар бораи саодатмандиҳои имрӯз ва муваффа-

қиятҳои иқтисодиву маданӣ мисли обу ҳаво зарур ва марҳами дилҳо буданд. Ва ҳамеша Маъсумӣ аз аввалинҳо шуда дар таблиғи муваффақиятҳои илму маданият ҳиссагузорӣ менамуд. Рӯзҳои вохӯрии мо бо меҳнаткашони ноҳияи Ҳисор ба хотир меоянд, ки дар арафаи 50-солагии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон ва Партияи Коммунистии он сурат баста буд. Маъсумӣ аз ҷавонӣ замини пиру сарсафеди мо, баҳори пурфайзу бехазони он, аз гармии офтоби моҳи октябр ва қудрати Инқилоби Октябр шоирона суханронӣ кард ва дар охир шеъри худро бахшида ба ин санаи таърихӣ хонда дод. Мутаассифона, ин охирин нутқе буд, ки Маъсумӣ эрод кард. Марги бемаҳал олими намоён ва шоири зарофатгӯй, ходими барҷастаи ҷамъиятиро дар айни камолот аз байни мо рабуд.

Вале чун Маъсумӣ бо тақозои ҳаёт ва бо амри виҷдони коммунистӣ зиндагӣ ва кор мекард, пас ҳастии ӯ мисли умри безаволест. Ӯст, ки дар маъракаҳои республикавӣ ва умумииттифоқӣ аз шаъну шафқати рӯзгори сотсиалистӣ болида ва боифтихор сухан гуфт, ӯ буд, ки дар ҷамъомад ва мулоқотҳои байналхалқӣ ва рафтори дилнишину гуфтори бас латифу хақиқатасоси худ теша ба решаи шубҳапарварони муваффақиятҳои мо зад. Сафарҳои якҷояамон ба Афғонистони ҳамсоя ба ёд мерасад. Баъзе нуқсонҳои забоние, ки дар он органҳои матбуоти мо мушоҳида мешаванд, баъзеҳоро дар хориҷа андаке забондароз карда буданд. Ин буд, ки дар мулоқот бо муаллимон ва донишҷӯёни университети Кобул саволҳои шубҳаангезе дар хусуси марҳилаи имрӯзаи инкишофи забони адабии тоҷик ба вуҷуд омаданд. Маъсумӣ бо як тамкини ба ӯ хос ва тавассути мисолҳои конкрет ба саволҳо ҷавоб дод ва собит кард, ки забони тоҷикӣ боз ҳам бой шуда истодааст, зеботар гардидааст ва зери шубҳа гирифтани муваффақиятҳои он дар солҳои Ҳокимияти советӣ аз рӯи инсоф нахоҳад буд.

Шавқи дили ӯ, дониши фаровони вай ба хазинаи маданияти тоҷик дороиҳо афзуд, ҳар кореро, ки ӯ ба уҳда дошт, бо дили аз ишқ саршоре анҷом дод, дар ҳалли онҳо маҳорати фавқулода ва ҷаҳонбинии ҳамаҷонибаи васеъ зоҳир кард. Адабиётшиносӣ ва тадқиқи эҷодиёти даҳанакии халқ, забони адабии ҳозираи тоҷик ва луғатсозиву луғатшиносӣ, лаҳҷашиносӣ ва омӯзиши таърихи забон, шеъру шоирӣ аз хизматҳои ин марди дарёдил ба пояҳои нави инкишоф расидаанд. Ишқи зиндагӣ омили ҷавонии ӯ, муҳаббат ба кори халқ асоси безаволии ӯ гардиданд ва ин байти Хоҷа Ҳофиз, алҳақ, ба ин олими сухансанҷ ва инсони пурмеҳр комилан мувофиқ гуфта шудааст:

*Ҳаргиз намирад он, ки дилаш зинда шуд ба ишқ,*
*Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо!*

Оре, соҳибдилон намемиранд!

***Муҳаммадҷон ШУКУРОВ***

# Устоду маслиҳатгари меҳрубон

Камина Носирҷон Маъсумиро аз овони студентии худ – солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ то охири умраш медонистам. Тамоми ин муддат шогирдаш будам, аз илму дониш, одобу услуб ва ёрию маслиҳатҳояш баҳра бурдам.

Солҳои ҷанг мо студент будему аввал А. Мирзоев, Л. Бузургзода, Б. Ниёзмуҳаммадов, баъдтар проф. Аббос Алиев, Ш. Ҳусейнзода, Н. Маъсумӣ, М. Исматуллоев, Икром Хоҷаев ва дигарон ба мо дарс мегуфтанд. Дарси Н. Маъсумӣ аз дигар муаллимон хеле фарқ дошт. Ӯ ба донишҷӯён кори мустақил ва эҷодинамо бештар мефармуд. Гоҳ мефармуд, ки дар бораи баҳор, зимистон ё тирамоҳ чизе нависем ва манзараеро тасвир кунем, гоҳ супориш медод, ки барои ҳалқаи адабии факултет маърӯзае тайёр намоем ва ҳоказҳо. Боре ба ман супориш дод, ки дар бораи «Саломон ва Абсол»-и Ҷомӣ нависам. Бо вуҷуди ин ки дарс бисёр буд ва шабҳо дар идораи газетаи «Тоҷикистони сурх» кор мекардам, ин супоришро ба хурсандӣ қабул намудам. Чизе, ки дастрас буд, ёфта хондам, ҳар чӣ саволе пайдо шавад, бо Маъсумӣ маслиҳат мекардам ва ниҳоят, мақолаи калоне навиштам. Бо вуҷуди он ки аз илм хеле дур буд, Н. Маъсумӣ онро хонда, рӯзе бо ман хеле суҳбат кард.

Н. Маъсумӣ ба маҳфили адабии факултет ҳар сари чанд гоҳ нависандаеро даъват мекард. Нависандагон бо мо суҳбат мероостанд, асари нав мехонданд, ба саволҳои мо ҷавоб мегуфтанд. Ин саволҳо ба мо чунон таассуроте боқӣ мегузошт, ки баъзан онҳоро ҳанӯз фаромӯш накардаам.

Яке аз корҳои ҷамъиятие, ки Маъсумӣ дар факултет анҷом медод ва барои донишҷӯён аҳамияти махсус пайдо кард,

ин буд, ки муаллим иҷозат гирифта, моро ба маҷлисҳои Иттифоқи нависандагон мебурд. Мо ба бисёр муҳокимаҳои калони масъалаҳои ҷории адабиёт ва асарҳои нави нависандагон иштирок мекардем.

Албатта, мо сомеъ будем ва дар як гӯша нишаста, ба маърӯза ва музокираву мунозираҳо гӯш меандохтем, одоби сухан ва тариқи баҳс меомӯхтем, аз муҳимтарин масъалаҳои рӯз ва протсеси ҷории адабиёт огаҳӣ меёфтем. Бо шарофати ташаббуси домулло Маъсумӣ имкон пайдо намудем, ки адабиёти ҳозираро, на танҳо аз дарс, аз лексияҳои худи ӯ омӯзем, балки кам-кам ва ноаён аз баъзе нозукиҳо ва мураккабиҳои протсеси ҷорӣ аз дарун, аз муҳити худи нависандагон шинос шавем, кам ё беш дар деги адабиёт ҷӯшем. Аз ин рӯ, ман худ нафаҳмида мондам, ки чӣ тавр мақоланависӣ оғоз намудам ва ба танқид ҳамроҳ шудам. Бешубҳа, як сабаби он ки ба роҳи танқиди адабӣ қадам гузоштам, шарофати ҳамон ташаббускориҳои домулло Маъсумӣ, шарофати ғамхориву роҳнамоиҳои ин устодам мебошад.

Аз домулло Маъсумӣ ҳамеша ғамхориҳои падарона медидам. Пас аз он ки Институти педагогии Сталинободро тамом кардам, ба кӯшиши домулло маро ба ҳамин институт ба кор гирифтанд. Ман дар хобгоҳи муаллимони институт бо домулло ҳамсоя шудам. Устодам ҳамеша аз аҳволи ман хабар мегирифт, аз хонаву рӯзгорам пурсон мешуд, гоҳ ба хонаи ман даромада, бо чашми худ медид, ки зиндагии мани наврӯзгор чӣ гуна аст. Ҳамсараш Вера Понтелеймоновна низ доимо аз аҳволи ҳамсари ман хабардор буд.

Боре устодам маро ба хонаи худ даъват кард. Омадам, ки дар рӯйи ҳавлӣ столу стул гузошта дастурхон оростанд ва меҳмонони бисёр ҷамъ шуданд. Ҳама меҳмонони иззатманд буданд: М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, З. Шаҳидӣ, М, Раҳимӣ ва дигарон, ки баъзеашонро ман намешинохтам. Домулло Маъсумӣ маро ба гӯшае шинонд ва А. Деҳотиро ни-

шон дода, ба гӯшам гуфт:

- Ин домуллоро мешиносед?

Гуфтам:

- Мешиносам.

Домулло Маъсумӣ гуфт:

- Ба ин кас зеҳн монда, нигоҳ кунед, бинед, ки чӣ тавр мешинанд, чӣ тавр гап мезананд, чӣ тавр хӯрок мехӯранд. Одоби нишастро аз Деҳотӣ ёд гиред.

Ман он шаб ду чашм ба Деҳотӣ доштам. Барои муқоиса гоҳ ба дигарон ҳам нигоҳ мекардам. Дар ҳақиқат, одоби Деҳотӣ аз дигарон гоҳ андак, гоҳ хеле фарқ дошт. Вай ҳамеша бо суҳбат ҳамроҳ буд, бетакаллуф гап мезад, гоҳ зери лаб бо сурудҳо ҷур мешуд, лекин ҳангоми суҳбат ягон бор баланд гап назад, баланд нахандид, ба сархушӣ ҳам ягон ҳаракати бебокона аз ӯ зоҳир нашуд. Ҳама шаб ҷойи хешро дигар накард, чанд бор, ки аз ҷо хест боз ба ҷойи худ нишаст, ба ҷойи ягон каси дигар, ки муваққатан холӣ монда буд, нанишаст.

Баъд аз ин камина ба гуфтору рафтори А. Деҳотӣ ҳамеша диққат мекардам, на фақат дар давраҳо, балки дар маҷлисҳо ва суҳбатҳои муқаррарӣ, дар кӯча, дар сари кор ҳам ба нишасту хез ва муомилаи ӯ бо чашми ибрат менигаристам, ҳама кори вай дар одоби муошират ҳақиқатан ибратомӯз буд.

Аз Н. Маъсумӣ як умр миннатдорам, ки боз чандин бор барои дидани ҳусни одоби мардуми атроф, барои аз дигарон ёд гирифтани хулқи нек ба чашми ман биноӣ бахшидааст. Худи ӯ низ дар одоби муомила намунаи ибрат ва таҷассуми маданияти олӣ буд. Вай худ ба мо, шогирдон, ҳар лаҳза як намуна нишон медод, бо ҳар гуфтору кирдори худ инсоният меомӯхт.

Хушбахтам, ки бо чунин зоте аз ҷавонӣ на як солу ду сол, балки як умр наздик будаму ҳамкорӣ ва дидорбинии

ҳаррӯза муяссарам мешуд.

Агарчи устодам ҳамеша серкор буд, кӯшиш мекардам, ки ҳар чӣ нависам, аввал аз назари ӯ гузаронам. Аксаран дар ин ният муваффақ мешудам. Гоҳ агар барои хондани дастнавис фурсат надошта бошад, ман мехондаму ӯ гӯш мекард. Дар чунин мавридҳо ба ӯ гуфтан мумкин набуд, ки «шунидан кай бувад монанди дидан», бо шунидан ҳам маслиҳатҳои пухта медод.

Чун мақолаи «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» навишта шуд, азбаски дар бораи забон ва маданияти сухан аст, бисёр хостам, ки аввал Маъсумӣ хонад. Вале чанд вақт гузашт, ӯ фурсати хондан наёфт. Ниҳоят, қарор додем, ки ҳарду якҷо мехонем. Он вақтҳо Маъсумӣ директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ буд. Ҳар рӯз баъди пешин мақолаҳоро мехондаму домулло гӯш мекард. Мақола калон – қариб 160 саҳифаи машинка буд. Хондани он чандин рӯз давом кард, лекин домулло ягон бор серкорӣ ё мондагиро сабаб нишон надод ва хондани мақоларо бо рӯзи дигар мавқуф нагузошт. Ҳамеша бодиққат ва ҳавсалаи тамом гӯш мекард, ҳар замон маро аз хондан нигоҳ медошт, чизеро ислоҳ мекунонид, саволе медод, эроде мегирифт. Гоҳ байни мо саволу ҷавоби доманадоре оғоз ёфта, ба мусоҳиба мегузашт, фикру мулоҳиза ва мисоли бисёре аз забони халқ, аз фолклору адабиёти классикӣ, аз нависандагону матбуоти онрӯза ба миён гузошта ва раду бадал мешуд. Фақат баъзе фаслҳои дуввумдараҷа камтар боиси баҳс мегардид, ҳамаи фаслҳои асосӣ муфассалан аз муҳокима, аз санҷишу озмоиши ҳамаҷониба мегузашт. Ҳар як суол ё шубҳаи устодам, ҳар як андеша ва маслиҳатҳои ӯ роҳи фикрро мекушод, барои ошкор шудани ҷиҳатҳои дигари масъала ба баъзе масъалаҳо андак ранги дигар медод. Ман кӯшиш мекардам, ки натиҷаҳои ин мубодилаи афкорро дар охири таҳрири мақола ба назар гирам, вале намедонам,

ки ин кор то чӣ андоза ба ман муяссар шуд.

Носирҷон Маъсумӣ маслиҳатгӯйи камназир буд. Дар ҳамон масъалаҳо – масъалаҳои адабиёт (чи адабиёти классикӣ ва чи адабиёти советӣ), фолклор, забон, лаҳҷа, луғат, усули таълим ва ғайра, дар масъалаҳои зиндагиву рӯзгор аз ӯ маслиҳат мепурсидам ва камина ягон бор аз маслиҳат хостан пушаймон нашудаам. Домуллои мо аз дониши фаровони илмӣ, зиндагонӣ ва одамшиносӣ маслиҳатгӯи ҳама шогирдон шуда буд.

*Хуршеда ОТАХОНОВА*

# Марди соҳибдиле буд

Вақте ки Носирҷон Маъсумӣ сарвари Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ таъйин шуд, дар ин муассиса вазъият чандон хуб набуд. Касе вазифаи котибии илмиро дар уҳда дошт, ки ҳар пешниҳодаш боиси норозиги кормандон мешуд ва байни кормандону маъмурият шиддат бавуҷуд меомад.

Носирҷон Маъсумӣ бо пиру ҷавон, олими шинохтаю ходими калон, шикояткунанда ва шахси «гунаҳкор» як хел-бо оромӣ ва тамкини ба худ хос муомила мекард. Боре нашунидаам, ки бо касе овозашро баланд карда ва ё оҳанги суханашро тағйир дода бошад. Вале бисёр касон тасаввур карда наметавонистанд, ки бидуни фармонфармоӣ ва дӯғу пӯписа, бидуни сахт гирифтан ва ҷазо додан ба ин ва ё он кас пажӯҳишгоҳро идора кардан мумкин аст. Нармгӯйӣ ва муомилаи он кас, бешубҳа, нобоварӣ ба вуҷуд меовард. Баъд дар бораи он кас чунин суханҳо паҳн мешуданд: «Маъсумӣ одами хуб ҳаст, сахтгир не. Роҳбар серталаб набошад, кор пеш намеравад». Вале муддате гузашт, дар муассиса вазъияти оромӣ ба вуҷуд омад ва муҳити илмӣ барқарор гардид. Ривоҷи муҳокимаю мубоҳисаҳои илмӣ, шавқи донистани пешрафти якдигар, мубодилаи афкор, сарпарастии олимони калон ба ҷавонон ба ин мусоидат кард.

Дар шабнишиниҳое, ки ба муносибати идҳо ва ё ҷашнҳо бо ташаббуси Маъсумӣ барпо мешуданд, суханварӣ, ҳазлу шӯхӣ ва хандаю шодӣ, рақсу бозӣ ва суруду мусиқӣ вусъат гирифт. Ҳамаи ин боиси он гардид, ки ҳар як корманд худро

узви як хонадон ҳис кард ва ба беҳбудии он кӯшид.

Ман ҳанӯз ҳам сирри роҳбарии он касро барои худ кашф накардаам.

Носирҷон Маъсумӣ фазилатҳои намояндагони илму адаби давраҳои гузашта, давраҳои қабл аз инқилоби Октябрро дар худ таҷассум карда буд: ҳам шоир, ҳам олими адабиётшинос, ҳам забоншиносу луғатдон ва ҳам таҳқиқгари эҷодиёти шифоҳӣ.

Хоҳ ба адабиёт даст занад, хоҳ ба забон ва ё ин ки маданияти сухан ба таҳқиқи амиқ ва ҷиддии масъалаи пешомада машғул мешуд. Хурдтарин мақолааш ҳам аҳамияти калони илмӣ дошт. Як вақтҳо бо исми «Чуноне ё чунон ки» мақолае чоп кард, ки тавассути он як камбудии ҷиддӣ дар забони матбуот бартараф шуд.

Маъсумӣ дорои маданияти баланди инсонӣ буд. Ҳусни муомилааш таъсири амиқ дошт. Мо аз он кас одоби муносибатро ба якдигар омӯхтем, аз рафтораш чӣ будани одамию одамгариро дарк кардем. Чунин ба назар менамуд, ки суруду рубоиҳои халқӣ, шеъри олии классикӣ, панду ҳикмати дорои фалсафаи амиқ, лирикаи рӯҳбахш ҳиссу ақлашонро сайқал дода, дар камолоти маънoиашон нақши равшан гузошта буд.

Маъсумӣ ҳашамату дабдабаро дӯст намедошт. Ҷиҳози ҳуҷрааш одӣ буд. Баробари ворид шудан чашми кас аввал ба пояе (намедонам аз кадом давр мондаи рангҳояш рехта) меафтод, ки дар болояш ҳайкали нимтанаи А. Рӯдакӣ қарор дошт.

Маъсумӣ олими намоён, вакили халқ дар Шӯрои Олии ҷумҳурӣ буд ва ба назди он кас чи аз хориҷа ва чи аз шаҳрҳои зиёди мамлакатамон меҳмонони зиёде меомаданд. Лозим буд, ки коргоҳаш намуди хуб дошта бошад. Бо ин сабаб ман дар як маҷлис мудири хоҷагии пажӯҳишгоҳро танқид кардам.

Аз байн чанд вақт гузашт ва рӯзе котиба маро ба назди сарварамон даъват кард. Ба ҳуҷра мебели нав гузошта, пардаҳои тирезаро нав карда буданд. Маъсумӣ дар мобайн рост меистод ва маро дида, ба тарафи ҷевону мизу курсиҳо бо як чашм ишора карда, «чӣ тавр» гуфт.

- Ин гапи дигар, - гуфтам хурсандона. Он кас мисли кӯдаке, ки ба бозичаи дилхоҳаш соҳиб шуда бошад, шодӣ мекард. Маълум, ки барояш ҳар чизи зебо гуворо буд.

Маъсумӣ овози гӯшнавоз дошт, нутқаш чун оби равон ҷорӣ мешуд, суханонаш фасеҳ ва мантиқаш қавӣ буд. Хушбахт буданд онҳое, ки аз устод дарси адабиёт меомӯхтанд. Маҳз чунин одамон метавонанд адабиёти классикии мо, шеъри Рӯдакию Фирдавсӣ, Саъдию Ҳофизро пуртаъсиру дилхоҳ маънидод кунанд.

Боре аз он кас хоҳиш кардам, ки як-ду дарсашро ба навор гирам. Он вақт дар Донишкадаи омӯзгорӣ дарс медод. Гуфт, ки ягон рӯз маро ҳамроҳ мебарад. Вале он ягон рӯз ҳеҷ ба вуқӯъ намепайваст. Боз хоҳишамро гӯшрас кардам. Гуфт, ки баъди ягон моҳ, ман як мавзӯи аҷиброро дар назар дорам. Баъд тобистон сар шуд, донишҷӯён ба таътил баромаданд.

Чӣ қадар саҳлангорем мо! Гумон мекунем, сад сол умр мебинем, сутуни дунё мешавем, вале марг фарзандони халқро як-як ба коми худ фурӯ мебарад.

Маъсумӣ сиёсатмадори нозукадо ва дурандеш буд. Он кас дар ин ҷода одоби Шарқро ба мушаххасбаёнии Ғарб омезиш дода, дар як шакли дилпазире истифода мебурд. Муаллим Муҳаммад Осимӣ дар сарсухани дуҷилдаи мунтахаби Н.Маъсумӣ дар бораи сафарҳои якҷояи худ ба мамлакатҳои хориҷа сухан ронда, ҳамин ҷиҳати шахсияти он касро таъкид кардааст.

Боре саркотиби Акалемияи улуми Эрон хонум М. Косибӣ меҳмони академияи мо шуд. Маъсумӣ он вақт вазифаи му-

дири шуъбаи фанҳои ҷамъиятии Академияи илмҳоро бар уҳда дошт. Мо се тан – Маъсумӣ, Шарафнисо Пӯлодова ва ман роҳбаладии меҳмон будем. Ман ӯро ба меҳмонӣ даъват кардам. Суҳбат хеле тафсид. Дар айни мулоқот меҳмон ба Маъсумӣ суол дод:

- Чаро хонуми аксари меҳтарони Тоҷикистон русанд? Ин суол таънаи нешдоре дар замир дошт. Охир, ҳамсари Маъсумӣ Вера Пантелеймоновна дар паҳлуи он кас нишаста буд. Ҳама мунтазири ҷавоби Маъсумӣ шудем. Ман гумон кардам, муаллим ҳозир мегӯяд, ки ба ишқ на миллат монеа шудан метавонаду на дину на мазҳаб. Дар мамлакати мо ҳар кас метавонад ба дилхоҳаш хонадор шавад. Ва, умуман, «Бани одам аъзои якдигаранд» ва монанди инҳо.

Бале, Маъсумӣ аз ҷойи дигар сухан кард. Он кас дар бораи ҷашни 2500-солагии бунёдгузории шоҳаншоҳи Эрон дар Тахти Ҷамшед, ки чун вакили Иттиҳоди Шӯравӣ иштирок карда буд, ҳашамату тантанаи ин ҷашн сухан кард. Гуфт, ки дар меҳмонхона ба намояндагони Иттиҳоди Шӯравӣ духтарони бисёр зебо ва хушодоб хизмат мерасониданд. Онҳо ба ду забон: ҳам ба форсӣ ва ҳам ба забони русӣ бе ягон нуқсон ҳарф мезаданд. Аз яке пурсидам, ки забони русиро аз куҷо омӯхтед, ки ин қадар тоза сухан мекунед, гӯё ки забони модаратон бошад. Гуфт, ки оре, забони модариам русист: модари ман рус асту падарам эронист.

Тири Маъсумӣ ба нишон расид. Меҳмон лаҳзае хомӯш монд ва ба андеша рафт.

Аввалҳои соли 1974 буд. Як бегоҳ ба муносибати дифои рисолаи номзадии ҳамкорамон Закия Муллоҷонова дар хонаи ӯ ҷамъ омадем. Гули сари сабади он нишаст Маъсумӣ буд.

Суҳбати аҷибе ба вуқӯъ пайваст. Хуб дар ёд дорам, ки баъд аз он шабнишинӣ чанд рӯз димоғамон чоқ буд ва гаштаю баргашта он суҳбатҳоро ба забон меовардем. Маъсумӣ

одатан дар шабнишиниҳо чизҳои аҷиб нақл мекард ва ҳатман суруд мехонад. Мо ба он кас ҳамовоз мешудем. Сурудҳои хондаи он кас «Қӯшчинор», «Пушту паноҳи ман буд…», «Хуш он замон», «Ёри масчоҳиям», «Хонаи мо он қадар ҳам дур нест» дар хотирам нақши аҷибе гузоштанд ва ёдашон дар дил ҳисси гувороеро тавлид мекунад.

Дар ҳамон меҳмондорӣ муаллим Раҷаб Амонов дар ҳаққи Закияхон чанд сухани табрикӣ гуфт ва ба таърифи Маъсумӣ пардохт. Баъд муаллим Муҳаммадҷон Шакурӣ, Раҳим Ҳошим, Абдуқодир Маниёзов, ҳамкоронамон Ҳамроқул Шодиқулов, Ҷӯрахон Бақозода ва қариб аксари мардони он ҷо дар васфи Маъсумӣ сухан карданд.

Ҳама хислатҳои неки он касро бо як самимият иброз медоштанд. Он вақт кай медонистем, ки ин суҳбати охирин, суҳбати видоӣ бо устод Маъсумӣ будааст. Ман ҳам дар дил суханҳои гуфтанӣ доштам, вале ҷуръат накардам. Охир, мо занони тоҷик асрҳо дам фурӯ баста, ба беҷуръатӣ одат кардаем…

…Агар дар ҳаққи касе суханони нек гуфтанӣ бошед, биштобед, баъд дер шуданаш мумкин ва мисли ман дар армон мемонед.

*Аҳрор МУХТОРОВ*

# Саховатманд ва ҳимматбаланд

Носирҷон Маъсумиро ман аз 15-солагиям мешиносам. Солҳои 1939-1940 номбурда дар курси охири Институти педагогии шаҳри Сталинобод таҳсил мекард. Дар ҳузури ин донишкада факултети коргарӣ (рабфак) амал мекард ва ман дар курси аввали он мехондам. Ҳарчанд синну сол ва дараҷаи таҳсиламон аз ҳам фарқи куллӣ дошт, мо дар як бино таҳсил доштем ва дар як ошхона хӯрок мехӯрдем. Носирҷон Маъсумӣ бо олуфтагӣ ва қомати мавзун, одоби намуна ангуштнамо буд. Аз ҳамин сабаб, чеҳрааш дар хотирам нақш бастааст.

Соли 1942 маро ба сафи армия даъват карданд. Баъд аз ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ман соли 1947 ба Сталинобад баргашта, дар курси якуми факултети таърихи Донишгоҳи педагогӣ дохил шудам. Маъсумӣ дар ин сол вазифаи мудири кафедраи забони тоҷикӣ (то соли 1948), баъд мудири кафедраи адабиёти тоҷикро (то соли 1958) бар уҳда дошт. Соли 1951 ман донишгоҳи номбурдаро хатм намуда, баъди як сол ба аспирантураи назди он тавсия шудам. Маъсумӣ соли 1958 ба вазифаи проректори донишгоҳ доир ба корҳои илмӣ таъйин шуд.

Дар ду-се соли охири таҳсил ман вазифаи котиби якуми комитети комсомолии донишгоҳро адо мекардам. Вазифаи мазкур ва аспирантии мазкур ба ман имконият дода буданд, ки бо Маъсумӣ тезтар ҳамсуҳбат шавам, дар маслиҳати ин шахс бошам ва дар бисёр ҷамъомадҳо ҳамроҳ нишаста, изҳори ақида намоем. Масалан, ҳамроҳи ин шахс акси маро соли 1951 дар ҳамон ҷой бардоштанд, ки участкаи интихо-

ботӣ буд.

Суҳбатҳои мо оҳиста-оҳиста ба дӯстии якдигар табдил ёфта, мустаҳкам мешуд. Соли 1959 Маъсумӣ директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ таъйин шуд. Ман бошам, дар солҳои 1958-1959 иҷрокунандаи вазифаи директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба номи Аҳмади Дониши АУ Тоҷикистон будам. Илова бар ин, ман узви Шӯрои илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ҳам будам. Ин ду вазифа имкон медод, ки дучоршавиамон бо Маъсумӣ тез-тез сурат гирад. Яъне, дӯстии мо аз Донишгоҳи педагогӣ ба Академияи илмҳо «кӯчида» буд.

Албатта, лаҳзаҳои ҷолиби суҳбатҳои мо зиёданд. Онҳо берун аз кори институтҳо низ идома доштанд. Масалан, боре ҳамроҳи Маъсумӣ дар хонаи домулло Зеҳнӣ меҳмон шудем. Дар он ҷо Холиқ Мирзозода ва ду-се нафари дигар ҳузур доштанд. Корманди ҷавони Институти забон ва адабиёт, шодравон Темур Шаҳбозов овози хуб дошт, як ғазали Саъдиро хонд, ки мақтааш чунин аст:

*Дашном ҳамедиҳӣ ба Саъдӣ,*
*Ман бо ду лаби ту кор дорам.*

Ин байт мавзӯи баҳс қарор гирифт. Ҳар кас аз ҳозирин изҳори ақида намуда, байти мазкурро ҳар хел таҳлил мекард. Баҳс наздик буд, ки ба моҷаро табдил ёбад. Маъсумӣ бошад, бо табассуми малеҳи хоси худ як маъниеро пайдо кард, ки ба ҳозирин писанд омад ва кор бо хандаву шӯхии умум анҷомид.

Соли 1974 ман писарам Аброрҷонро хонадор кардам. Ба тӯй тайёрӣ дида, ба дӯстон даъватнома тақсим кардам. Маълум шуд, ки Маъсумӣ дар Душанбе набудааст. Он кас дар боғи Иттифоқи нависандагон, дар Чорбед истироҳат дошт. 8 августи соли мазкур ҳамроҳи дӯсти худ Раҷаб Амонов назди Маъсумӣ омада, баъд аз суҳбати тӯлонӣ изҳори

ақида намудем. Он кас таклифи моро бо ҷону дил қабул намуда, ваъда дод, ки барои иштирок дар тӯйи арӯсӣ ҳозир мешавад. Хостем барои овардани ӯ мошин равон кунем. Маъсумӣ табассум карда, гуфт, ки бе ман ҳам мошини шумо дар арафаи тӯй серкор бошад лозим, ман худам меоям.

10 августи соли 1974 дар маҳаллаи Гагарини Душанбе тӯй баргузор гашт ва зиёда аз 300 нафар меҳмон иштирок доштанд. Тӯйро бо сухани муқаддимавӣ Маъсумӣ кушода, Абдулқодир Маниёзовро косагул интихоб намуд.

Ҳозирин лутфи пурмазмун ва каломи бо меҳру муҳаббати Маъсумиро дар ҳаққи арӯсу домод ва падару модари онҳо бо мароқи калон қабул карданд. Суханронӣ шояд аз ин зеботар нашавад?

Ҳатто, худи Маъсумӣ ба Маниёзов гуфт, ки «суханҳои худам ба худам хеле писанд омад, дар назарам, то ҳол ин навъ нотиқӣ накарда будам» (Мутаассифона, баромади Маъсумӣ ба навор сабт нагашта мондааст).

Маълум, ки Маъсумӣ, на танҳо шоир, балки овози хуб дошта, дар ҷамъомадҳои хосе ҳофизӣ ҳам мекард. Дар рафти тӯй Маъсумӣ дар ҷои нишасти худ бо Ҷӯрабек Муродов, Аҳмад Бобоқулов, Тӯхта Иброҳимова ва Меҳрӣ Абдуллоева ҳамовазӣ мекард. Тӯй то бевақти шаб давом кард. Меҳмонон оҳиста-оҳиста ҳавлиро тарк мекарданд. Абдулғанӣ Мирзоев, Ҳабибулло Неъматуллоев, вазири нақлиёт ва роҳ Аҳмадҷон Исмоилов, академик Мулло Иркаев омада, Маъсумиро ҳамроҳи худ бурданӣ шуданд. Эшон розӣ нашуда, Аҳмад Бобоқуловро ба паҳлуи худ даъват намуд ва сурудхонии онҳо то соати 3-и шаб давом кард. Чунки ҳавлиаш дар шафати тӯйхона ҷойгир буд. Маъсумӣ бошад, ба ваҷд омада буд. Оқибат, соати 3-и шаб он касро ба мошин савор карда, рафиқи ҳамяроқам Ҳайдар Усмоновро ба паҳлуяш савор кардам, ки то хонаашон расонад.

Афсӯс ва сад афсӯс, ки баъди ҳамин тӯй Носирҷон Маъ-

сумиро дигар надидам. Баъди 5 рӯз он кас даргузашт.

Соли 1971 Маъсумӣ академик – котиби шуъбаи илмҳои ҷамъиятии АУ Тоҷикистон интихоб шуд. Боре дар ҳузури эшон зани ношинос нишаста буд. Хостам ақиб гардам. Он кас ишораи даромадан кард. Аз суҳбати секаса маълум, ки зани ношинос ҳамсари нависандаи рус Павел Лукнитский (муаллифи «Нисо») будааст. Ӯ аз шаҳри Ленинград бо мақсади ба кор таъйин шудан ба Душанбе омадааст. Зан мехост, ки АИ Тоҷикистон ба ӯ маош таъйин кунад, то ки хонум архиви шавҳарашро ба низом андозад. Шарти кор аз ҳамин иборат буд, ки ин зан ҷои истиқоматашро иваз накунад (яъне, дар Ленинград бошад). Маъсумӣ табассуме карду сӯйи ман нигариста, савол партофт, ки оё ман хонумро бо чунин шарт ба кор қабул карда метавонам? Ман ҷавоби манфӣ додам. Чунки Лукнитский ба таърихи гузаштаи халқи тоҷик муносибати чандоне надошт. Инро худи Маъсумӣ нағз мефаҳмид. Вале он кас кӯшиш карданӣ буд, ки зани нависандаро наранҷонида гусел намояд. Ҳамин хел ҳам шуд. Ӯро ба кор қабул кардан мумкин набуд. Маъсумӣ бо суханони нек дар ҳаққи нависандаи номбурда ва кӯшишҳои ҳамсари ӯ меҳмонро бо хурсанӣ аз коргоҳи худ гуселонид. Мо ҳарду танҳо мондем. Эшон оид ба содалавҳии баъзе занон нақлҳо карда, корро ба шӯхӣ анҷом дод.

Мисоли дигар. Солҳои 1957-58 зери роҳбарии академик А.А. Семёнов Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониш нақшаи таърихи бисёрҷилдаи халқи тоҷикро кашид. Барои ба анҷом расонидани ин навъ нашри академикӣ, ба ғайр аз кормандони институти номбурда олимони соҳаҳои гуногуни Ленинград (ҳозира Санкт-Петербург) Москва, Душанбе ва ғайра ҷалб карда шуданд. Бо онҳое, ки корманди институти мазкур набуданд, мебоист ҳаққи қалам дод. Бо ин мақсад бо муаллифони даъватшуда созишномаҳо имзо карданд.

Мо медонистем, ки Маъсумӣ дар тадқиқи таърихи адабиёти классикии тоҷик хизмати босазо дорад. Аз он кас хоҳиш кардем, ки оид ба адабиёти тоҷик дар асрҳои XVIII ва нимаи аввали асри XIX дақиқоте пешниҳод кунад. Эшон розӣ шуд. Ҳоло дар ҷилди 2-юми «Таърихи халқи тоҷик», ки соли 1964 дар Москва зери парастории Бобоҷон Ғафуров аз чоп баромад, мавзӯи номбурда ҷой гирифтааст. Дар ин асар хусусиятҳои муҳим, равияҳои асосии пешқадаму демократии адабиёти асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX, ҷараёни зиндагӣ ва эҷодиёти адибони он тадқиқ шудаанд.

Баъди аз чоп баромадани асари мазкур ман ба назди Маъсумӣ омада, дар асоси созишномаи имзошудаи тарафайн, хоҳиш кардам, ки ҳисобнома нависад ва ҳаққи қаламиэшонро диҳам. Он кас оромона ва хоксорона изҳор намуд, ки ҳаққи қалам намегирад, бигзор ин пул ба манфиати эҳтиёҷоти институти шумо гузарад.

Баъд аз ин воқеа Маъсумӣ барои ман боз ҳам сарбаландду азизтар гашт.

Мирзо МУЛЛОАҲМАД

# Носирҷон Маъсумӣ - адабиётшиноси варзида

Устод Носирҷон Маъсумӣ аз зумраи он адибону донишмандони ангуштшумори асри XX аст, ки дар пешрафти соҳаҳои гуногуни илм, адабиёт ва фарҳанги тоҷик саҳми шоиста гузоштаанд. Ҳидмати Н. Маъсумӣ, махсусан, дар рушду такомули адабиётшиносӣ ниҳоят бузург аст. Чашмандози адабиётшиносии ӯ хеле васеъ буда, давраҳо ва масъалаҳои гуногуни адабиёти классикиву муосири тоҷикро дар бар мегирад.

Адабиёти классикии форсу тоҷик ҳамеша дар мадди назари устод Н. Маъсумӣ будааст. Тавре ки маълум аст, Ҳофизи Шерозӣ аз маъруфтарин шоирони форсизабон аст, ки дар Тоҷикистон низ шуҳрати зиёд дорад. Ҳарчанд Ҳофиз аз писандидатарин шоирони мардуми тоҷик буда, дар мактабҳо омӯхта мешавад, вале, мутаассифона, то имрӯз дар адабиётшиносии мо ҳеле кам тадқиқ шудааст. Дар чанд мақолаи донишмандони тоҷик А. Мирзоев, Х. Мирзозода, А. Афсаҳзод, А. Абдуллоев, К. Айнӣ ва дигарон дар бораи ин шоири бузург андешаҳои гуногун баён гардида, бар асари мафкураи ҳукмрон ба осори ӯ баъзан баҳои нодуруст ҳам дода шудааст.

Яке аз донишмандоне, ки дар арзёбии ашъори Ҳофиз ва андешаву ақоиди ӯ ба ифроту тафрит роҳ надода, баҳои воқеӣ додааст, устод Н. Маъсумӣ аст. Ӯ дар мақолаҳои худ «Ғазалсарои номии Шарқ» ва «Ганҷинаи фикру ҳис» аз шуҳрати ҷаҳонии Ҳофиз ёд карда, сабаби асосии «дар дили

ҳалқи тоҷик маъво гирифтани Ҳофизи Шерозиро пеш аз ҳама дар маънию мазмунҳои баланди ҳаётӣ ва фалсафии шеърҳояш» медонад.

Дар таҳлили ашъори шоир Н. Маъсумӣ саъй намудааст. ки муҳимтарин хусусиятҳои осори суханвари бузургро нишон диҳад. Ӯ бар ҳилофи донишмандоне, ки дар ҳамон солҳо аз Ҳофиз як шоири атеист сохта, андешаҳои ӯро зиддидинӣ тавзеҳ медоданд, бо катъият таъкид мекунад: «Ҳофиз шахси бедин набуд. Дар ғазалу шеърҳои ӯ ҷо-ҷо ишораҳо ва мазмунҳои динӣ-тасаввуфӣ кам нестанд».

Муаллиф дар мақолаҳо андешаҳои иҷтимоӣ. шикояту эътирозҳои шоирро бо мисолҳо нишон дода, ба арзишҳои баланди башардӯстии онҳо ишора менамояд. Дар охири мақолаи «Ғазалсарои номии Шарқ» Н. Маъсумӣ аз таърихи нашр ва омӯзиши ашъори Ҳофиз ёд намуда, хидмати донишмандони Эронро дар чопу баррасии девони шоир таъкид месозад ва корҳои дар ин замина анҷомдодаи муҳаққиқони тоҷику русро ҳам ёдовар мешавад. Натиҷаҳои ба даст овардаи Н.Маъсумӣ симои Ҳофизро чун шоири башардӯст дуруст ва воқеӣ пеши назар меорад: «Чунон ки дидем, Ҳофиз ҳамчун устоди назм яке аз бузургтарин ва бонуфустарин адибони мугафаккири инсонпарвари адабиёти классикии форсу тоҷик мебошад. Баски он ҳама шуридахотирӣ ва эътирозҳои иҷтимоӣ, талқини ҳаёту баҳри умри одами ва радди мавҳумотфурӯшии ҷоҳилона. тарғиби дӯстию рафоқат ва тараннуми диловези ишқу зебоӣ, ки дар эҷодиёти ӯ дида мешавад, маҳз зуҳуроти гуманизми ҳаётбахши ӯст».

Адабиёти асрҳои XVI-XIX тоҷик ҳарчанд аз давраҳои муҳими таърихи адабиёт аст, вале то солҳои 40 асри XX таваҷҷуҳи донишмандонро ба ҳуд ҷалб накарда буд ва махсусан дар шарқшиносии Аврупо ин давра комилан нодида гирифта мешуд.

Пас аз кӯшишу талошҳои пайгиронаи академик А.Мирзо-

ев тасаввурот оид ба адабиёти давраи мазкур тадриҷан тағйир ёфт. Махсусан, баъди ба нашр расидани монографияи барҷастаи ӯ «Биноӣ» дар соли 1957 таваҷҷуҳ ба адабиёти ин давра зиёд шуд. Устод Н.Маъсумӣ, ки он солҳо дар Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе ба тадрис машғул буд, дар таълими адабиёти асрҳои XVII-XIX душвории зиёд эҳсос мекард. Бинобар ин таҳқиқи давраи мазкурро идома дод ва китоби «Адабиёти тоҷик дар асри XVII ва нимаи аввали асри XIX»-ро аввали солҳои 60 ба вуҷуд овард.

Дар ин китоб Н.Маъсумӣ таваҷҷуҳро ба давраe ҷалб намуд, ки тақрибан омӯхта нашуда буд ва танҳо номи чанд адиби намоён ба аҳли илму адаб маълум буд. Муҳаққиқи ҷӯянда дар асоси маводи сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ва бахусус, девону маҷмӯаҳои осори шоирони давр, ки нусхаҳои ҳаттии онҳо дар китобхонаҳои Петербург, Тошканд, Душанбе маҳфузанд, ҳаёти адабии он давраро ба таҳқиқ гирифта, манзараи умумӣ ва хусусиятҳои хоси онро муайян намуд. Муаллифи китоб ба субут расонд, ки дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX адабиёти тоҷик асосан дар Бухоро, Қӯқанд ва Хева ҷараён доштааст. Ӯ бо дақиқкорӣ хусусиятҳои хоси ҳар яке аз ин доираҳои адабиро нишон дода, намояндагони ҷудогонаи онҳоро муаррифӣ намуд. Дар асар бори аввал аҳволу осори як зумра адибони ин давра амсоли Ҳозиқ, Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Гулханӣ, Махмур, Маъдан мавриди баррасии нисбатан муфассал қарор гирифта, ба осори онҳо баҳои воқеӣ дода шуд. Асари мазкур дар таҳқиқи адабиёти асрҳои XVI-XIX тоҷик як марҳилаи тоза ва иқдоми ҷиддӣ буд. Арзиши ин асар боз дар он аст, ки роҳро барои омӯзиши адабиёти давраи мазкур боз намуда, барои ба вуҷуд омадани асарҳои монографии Р. Ҳодизода, Х. Мирзозода, Т. Неъматзода, У. Каримов, С. Амиркулов дар солҳои 70-80 замима гузошт.

Нақибхон Туғрал аз он шоирони тавоноест, ки сарнавишти талх насибаш гаштааст. Ӯ на танҳо беасос ва ноҷавонмар-

дона ба қатл расид, балки то солҳои 60-асри XX ному осори ӯ низ аз назарҳо дур монда буд. Аввалин донишманде. ки пас аз устод С. Айнӣ ба аҳволу осори Туғрал таваҷҷуҳ зоҳир намуда, пардаи сиёҳи бадномиро аз рӯи ӯ ва осораш бардошт, Н. Маъсумӣ буд. Ӯ барои барқарор намудани ҳақиқати таърих хеле талошу кӯшишҳои зиёд намуда, осори шоирро ба чоп расонд ва ҳотираҳои ҳамсафону наздикони ӯро ҷамъ оварда, тарҷумаи ҳолашро барқарор кард. Сипас, ӯ ба таҳлилу баррасии осори шоир пардохта. мазмуну мундариҷа, сабку услуби онро баррасӣ намуд ва ҳусну кубҳашро нишон дод.

Н.Маъсумӣ, пеш аз ҳама, ба муҳити адабии Туғрал, ки ба охири асри XIX ва ибтидои асри XX рост меояд, назар намуда, ихтилофҳои он замон ва инкишофи равияи бедилиро дар Осиёи Миёна ёдовар мешавад, ки барои дарки осори шоир мадад мерасонанд. Дар мақола мазмуну мундариҷа, образҳои асосӣ, хусусиятҳои услубии осори Туғрал мавриди баҳси муфассал қарор гирифтааст. Махсусан, робитаи адабии Туғрал ва Бедил ҳарҷониба таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар мақолаи мазкур моҳияти эҷодиёти Туғрал, ба кавли ҳуди муаллиф «бо ҳамаи зиддияту маҳдудиятҳо ва бо ҳамаи ҳусну қубҳи назми шурангези вай» ба калам дода шудааст. Ин мақола, ҳарчанд ба ҳайси сарсухан ба маҷмӯаи шеърҳои Туғрал навишта шуда буд, вале ҳам аз лиҳози мазмуну муҳтаво, фарогирии маводу таҳлилу баррасӣ ва ҳам ҳаҷм ҳукми як рисоларо дошт ва то имрӯз беҳтарин тадқиқот роҷеъ ба Туғрал мебошад.

Осори Туғрал низ ҳарчанд пас аз он борҳо ба ҳуруфи кириливу форсӣ чоп шуд, вале баррасии матну муқоисаи онҳо нишон медиҳад, ки матни омодакардаи устод Н.Маъсумӣ низ ҳоло беҳтарин ва босифаттарин аст.

Н. Маъсумӣ ба осори устод С. Айнӣ таваҷҷуҳу дилбастагии зиёд дошт. Махсусан, повести «Марги судхур» диққати ӯро бештар ҷалб мекард. Ӯ қабл аз ҳама арзиши адабии ин асар-

ро таҳқиқ намуда, дар он омезиш ёфтани суннатҳои беҳтарини адабиёти классикии тоҷику русро дар мақолаи пурарзиши «Асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ» ба субут мерасонад. Сипас, ӯ ба таҳқиқи забону услуби он мепардозад.

Осори Абулқосими Лоҳутӣ ва М.Турсунзода низ ҳамеша диққати Н. Маъсумиро ба худ ҷалб менамуд. Дар мақолаҳои «Устод Лоҳутӣ - сарояндаи ғояҳои инқилобӣ», «Ҷавонӣ ва камолоти мусаввири ҳусну дил» ва «Достони табаддулоти ҳаёт» хидматҳои намоёни ин ду адиби барҷастаи асри XX тоҷик нишон дода шудааст.

Мақолаҳои «Муҳаммадҷон Раҳимӣ» ва «Шоири ҷанговар» то имрӯз аз беҳтарин асарҳои таҳқиқотӣ оид ба шоирони соҳибсабки асри XX тоҷик Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ мебошанд.

Н. Маъсумӣ дар тадқиқи адабиёти рус ва ба ҳонандагони тоҷик ошно намудани намояндагони барҷастаи он М.Ю. Лермонтов, В.Г. Белинский, М. Горкий низ саҳми калон гузоштааст.

Устод Н. Маъсумӣ на танҳо адабиёти ғании тоҷику русро хеле хуб медонист, балки аз адабиёти муосири форсизабоии Эрону Афғонистон ва кишварҳои гуногуни дунё огоҳӣ дошт. Масалан, дар мақолаи «Оинаи дӯстӣ» ӯ зимни таҳлил аз шоирони зиёди Эрону Афғонистон, Амрикову Италия, Шветсияву Англия, Россияву Ҳолланд, Австралияву кишварҳои дигари Шарқу Ғарб ёд мекунад, ки ин аз чашмандози васеи илмиву адабии ӯ шаҳодат медиҳад.

Н. Маъсумӣ аз зумраи он донишмандони ангӯштшуморе буд, ки масъалаҳои забон ва адабиётро пайваста таҳқиқ мекард. Албатта, таҳқиқи амиқи масъалаҳои забон зарур аст, вале робитаи он бо ҷанбаҳои адабии асарҳо набояд аз назари муҳаққиқ дур монад. Дар ҳамаи асарҳои забоншиносии Н.Маъсумӣ ишорае ба масъалаҳои адабӣ ва дар асарҳои адабиётшиносии ӯ зикри масъалаҳои забон ба назар мерасад. Масалан, дар зимни баррасии масъалаҳои инки-

шофи забони адабии муосири тоҷик сухан ронда, аз таърихи ташаккули он ёд мекунад ва «асосгузори маъруфи назми классикии тоҷик Рӯдакиро мураббӣ ва сардафтари забони адабии тоҷик» медонад.

Дар аксари мақолаву асарҳои тадқиқотии Н.Маъсумӣ пайвастагии зичи масъалаҳои забон ва адабиётро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар мақолаи «Забон ва маҳорати адабӣ» ин пайвастагӣ хеле барҷаста зоҳир шудааст, зеро муаллиф масъалаи истифодаи сарвати забони адабиро таъкид намуда, норасоиҳои забони ашъори шоирони ҷавони тоҷикро бо мисолҳои мушаххас нишон додааст. Ин равиши таҳқиқ бояд барои забоншиносону адабиётшиносони мо, ки мутаассифона, ба ҷои наздик шудан торафт аз ҳам дур мешаванд, сармашқ гардад.

Дар воқеъ, пайванди равишҳои таҳқиқи адабиётшиносиву забоншиносӣ, баррасии ҷомеи асари бадеӣ ба Н.Маъсумӣ имкон дод, ки бунёди услубшиносии навро дар филологияи тоҷик гузорад.

Сабки нигориши устод Н. Маъсумӣ дар асарҳои илмиаш низ хеле ҷолиб буда, рангину фасеҳ ва муассиранд. Ӯ баъзан дар услуби илмӣ ҳам аз истифодаи ташбеҳу тавсифҳо ва тасвирҳои шоирона худдорӣ намекунад. Масалан, дар яке аз мақолаҳои илмии худ ӯ менависад: «Адабиёт оинаи зиндагист. Шоирони мо бо кумаки хонандагони одилу сахтгири худ кӯшиш мекунанд, ки оина ҳамеша мусаффо бошад, ҳаётро, зоҳиру ботини одамро чунон бинамояд, ки ҳаёт ва бо ҷилову сайқали хоси худ чунон биёрояд, ки бояд бошад».

Н. Маъсумӣ ҳамчунин дар таълифи китобҳои дарсии адабиёти тоҷик барои мактабҳои оливу миёна, барномаҳову дастурҳои методиву таълимӣ ва тарбияи адабиётшиносон саҳми арзанда гузоштааст. Хидматҳои шоистаи устод Н. Маъсумӣ дар таҳқиқу баррасии адабиёти гузаштаву имрӯза номи ӯро дар радифи беҳтарин адабиётшиносони тоҷик дар асри XX мегузоранд.

*Алӣ БОБОҶОН*

# Манзаргоҳи Маъсумӣ

Дар дараи Алмосӣ, агар қад – қади рӯди пурталотуми Чангоб рӯ ба боло биравед, деҳоти Зиракӣ, Хонақоҳ, Алмосӣ, Арчина, Шод, Нилу, Шоҳон, Кафшдӯзон, Истонӣ, Искич, Кумкакро хоҳед дид, ки дар доманаи силсилакӯҳҳои Ҳисор ҷой гузида, манзараҳои ҷаззобу нотакрор доранд. Ман ба шарофати бародархондам Собирҷон Зикирзода борҳо ба дидани дидор ва шунидани гуфтори сокинони рустоҳои ин дараи афсонавӣ мушарраф шуда, аз файзи ҳамнишинию улфатии онҳо баҳра бардоштаам.

Ибтидои солҳои шастум, ки муҳаррири нашриёти адабиёти таълимию омӯзгорӣ (сонияян ин нашриёт «Маориф» ном гирифт) будам, бо Собирҷон шиносоӣ пайдо карда, аз ӯ басе лутфу меҳрубонӣ медидам. Ӯ дар яке аз рӯзҳои тобистони соли 1961 ба ман гуфт, ки омодагӣ бинам, рӯзи шанбе ба дараи Алмосӣ ба хонаи амакаш меравем, муаллимамон Носирҷон Маъсумӣ ҳам бояд раванд.

Ман беҳад хурсанд шудам, зеро бо муаллими дӯстдоштаам Носирҷон Маъсумӣ, ки дар донишкада аз фанҳои таърихи адабиёти классикӣ ва забоншиносӣ сабақ гирифтаам, ҳеҷ ҳамсафар нашуда будам. Одам одамро дар сафар бештар мешиносад, сафар мисли имтиҳонест дар мактаби одаму оламшиносӣ.

Мо чанде пеш бо Собирҷон ба ҳавлии амакаш, ки дар деҳаи Қипчоқ воқест, рафта будем. Як шабу як рӯз дар соҳили шӯхрӯд оббозӣ карда, моҳӣ дошта, офтоб хӯрда, дар оғӯши боғи пурфайз хобида, хуб истироҳат кардем. Муаллим Қудрат Дӯстӣ яке аз бунёдгузорони маорифи водии Ҳисор, инсони раъиятпарвару ятимнавозе буд, дар тарбия-

ти Собирҷон падарвор ғамхорӣ кардааст. Ҳамсараш Тӯтихон Мирзоева низ муаллима. Зану шавҳари меҳмоннавозу соҳибзавқ мунтазири мо буданд. Дар кати калони миёни бӯстонсарой (боғчае, ки дар саҳни ҳавлӣ сохтаанд) кӯрпачаҳо ва дастархон густурдаанд.

- Хуш омадед, мо дар интизори шумо будем, - мегуфт амаки Қудрат.

- Ин қадар аз ҳамон шаҳри пурғубори Душанбе дил канда наметавонед? – меафзуд холаи Тӯтихон. – О, ҳар ҳафта ба ин ҷойҳо омада, обу ҳавои тоза хӯрда, нағзакак дам гиред, намешавад?! Акнун шумо студент не – ку.

- Хайр, якбора сахт танқид накун, занак. Собирҷон минбаъд тез – тез омадурафт мекунад, - сухани ҳамсарашро қувват медод амаки Қудрат.

Моро ба рӯи кат таклиф карданд. Пеш аз нишаст як атрофи бӯстонсаройро давр задем. Боғчаи сарсабзе дар домани кӯҳи Алмосӣ, дарахтони мева, гулҳои рангоранг, садарайҳон, ҳинои оташвор сурх, ҷӯйи пуроб, шаршара, хуллас, турфа нишемангоҳе.

Қариби шом дар рӯи гилему кӯрпачаҳои махмалин хӯрок тановул кардем. Холаи Тӯтихон аввал нимкосагӣ шурбо овард, сонӣ моҳибирён.

- Гулмоҳиро навакак зирбонда будам, хӯред, ош шавад. Моҳии тару тоза. Зафрону Зафарҷон аз дарёчаи худамон доштагӣ. Ҳоло то пухтани палав хеле вақт ҳаст. Канӣ, гиред!

Ин вақт амаки Қудрат мурвати радиоприёмникро тоб дод, ки овози диктор баромад: «Шунавандагони муҳтарам, гуфтори адабиамонро сар мекунем. Ҳоло ҳикояи Алӣ Бобоҷон «Ту ба писарам монандӣ» - ро дар қироати Маҳмудҷон Воҳидов шунавед». Баъд ровии мумтоз Маҳмудҷон ҳикояеро ба самъи ҳозирон расонд. Ӯ бо овози хушу дилнавоз ва талаффузи саҳеҳу бурро аз забони шахсе сухан меронд, ки писарашро дар ҷанг гум карда, ҳоло тасодуфан ба ҷавоне рӯ ба рӯ ома-

дааст, ки бо ҷигарбандаш «як себи ду кафон» аст. Бинобар ин, аз ҷавон илтиҷо дорад, ки бештар гап занаду табассум намояд, то вай писарашро дидагӣ барин шавад…

Мо аз овози Маҳмудҷон ҳаловат бурда, ғизои маънавӣ мегирифтем. Маро ҳолати аҷибе рух дод: дар як лаҳза ҳам дидани манзараи дилфиреб, ҳам пазироии самимонаю навозиши падаронаи мизбон ва ҳам шунидани ҳикояи пурҳаяҷон дар ҳузури муаллифи он муяссарам шуд. Чун ҳикоя ба поён расид, амаки Қудрат овози форами Маҳмудҷонро ситоиш карда, аз Муҳаммадҷон Раҳимӣ байте хонд:

*Садои хуш гуҳар бар халқ пошад,*
*Бадаш гӯё ба сӯҳон дил харошад.*

Мо он рӯз аҷаб истироҳати фараҳбахше доштем. Амаки сархушу хуррами мо ҳар замон чун ҳамсараш Тӯтихон лаълии таоме ё табақи мева ё чойи гарме ба сари дастархон меовард, бо навозишу ширинзабонии хосса нидо мекард: «Тӯтихони ҷон, завҷаи азизам, ёри соҳибтамизам». Ҳамсараш зуд «Лаббай, чӣ хизмат, муаллим?» гӯён сӯи ӯ менигарист. Амаки шакаргуфтор «Ҳа, забончета хурам, ба хӯрокҳои лазизат мурам! Аз ҳамаи нозу неъмат аёну ноаёнатро биёр!» мегуфту ҳамаамонро механдонд.

Янгаи Тӯтихон аз ин лутфу марҳамат болида, боз аз пайи хӯрданиҳои лазизтар мешуд, то ба ҳадде, ки дар рӯи дастархон дигар барои гузоштани хӯрданиҳо ҷой намонд.

Мо то як поси шаб дар равшании чароғи электр суҳбат кардем. Амаки Қудрат бисёр ҳикояву латифаҳои шӯхтабъона гуфт, ки аз зиндагии ӯ шаҳодат медоданд. Нимаи шаб дар ҳавои салқину гуворо сар ба болини хоб ниҳодем. Аз дуру наздик шав – шуви оби рӯди кӯҳӣ ба гӯши мо суруди «Алла» мехонд.

Субҳи дигар ҷои кати миёнаи ҳавлиро суфаи лаби ҳавзчаи шар – шарадор гирифт. Ношто аз саршиpу ҷурғоту қаймоқ ва мастобаи сермурчу қаланфур сар шуд. Он рӯз гӯё базми

хусравонае доштем. Амаки Қудрат моро ба кӯҳаке, ба сари тале бурда, аз он тамоми дараро тамошо дод. Бегоҳ бо дуои амаку янгаи меҳмондӯст роҳи Душанберо пеш гирифтем…

Инак, боз ба ҳамон дара, боз ба он даргоҳи дӯсту ошно меравем. Ин дафъа устод Маъсумӣ ҳамроҳу ҳамнафаси мо. Саҳаргоҳ ба роҳ баромадем. Димоғамон чоқ буд. Устод зарофатгӯӣ мекарданд. Бо базлаву латифагӯӣ то Алмосӣ роҳ чӣ хел тай шуд, надониста мондем.

Амаки Қудрат моро хуш пазируфт ва пас аз каме дам гирифтан аз сари дастархон ба тамошои манзараҳои табиат бурд. «Ҳоло шуморо ба баландии барҳавое мебарем, ки аз зебоиҳои диёрамонро дурусттар бинед. «Ман ба он баландӣ Тали шоирона ном додаам» - гуфт ӯ ва шолчаю кӯрпача ба даст аз ҳавлӣ берун шудем.

- Масъалае, ки имрӯз сокинони хайрхоҳи сайёраро ба изтироб овардааст, таъсири истифодаи нодурусти сарватҳои табиат, ифлосии обу ҳаво, бодлосии хоки ҳосилхезии замин ва аз меъёр зиёд ба кор бурдани нуриҳои маъданӣ ба саломатии инсон аст, - раҳораҳ, шиква менамуд ӯ.

- Солҳои охир дар натиҷаи ба киштзору боғу майдон аз меъёр зиёд пошидани маводи кимиёӣ вазъияти муҳити зистро носолим гардонд. Афсӯс, ки бисёр роҳбарони корхонаю хоҷагиҳо, ҳатто, ба одитарин қоидаҳои ҳифзи фазои сабз, табиат ва тозагии обу ҳаво риоя намекунанд. Дирӯз аз бозор харбуза харидам, ба хона оварда, чошние хӯрдам, ки дар об мазза ҳасту дар вай не. Ба бардошта оварданам дилам сӯхт. Мардум пул гуфта чӣ корҳоеро мекунанд.

- Масъалаи муҳофизати набототи кӯҳӣ ва гиёҳҳои шифоӣ чӣ хел? – пурсиданд Маъсумӣ.

- Эҳ, домулло, напурсед, - оҳе кашид амаки Қудрат, - Дар талу теппаҳо ва доманакӯҳҳо гулҳои нодир, пиёзи анзур, сиёҳалаф, чукрӣ, торон ва дигар растаниҳои шифобахшро бераҳмона решакан мекунанд, ки дар натиҷа миқдорашон

торафт кам мешавад. Агар ин бераҳмӣ давом кардан гирад, аз байн рафтани тухми онҳо аз эҳтимол дур нест. Насли навраси мо аз экология дониши казоӣ надоранд. Хуб мешуд, ки Вазорати маорифи халқ дар мактабҳо дарси муҳофизати табиат таъсис медод.

- Кош, ҳамин тавр мешуд, он гоҳ фоҷиаи экологӣ, ки як навъ мусибати мост, оҳиста – оҳиста барҳам мехӯрд, - гуфтанд Маъсумӣ. – Ман ин андешаро ба вазири маориф мерасонам. Ҳифзи сарватҳои табиат вазифаи ҳар як инсони бошуур аст.

Устод пас аз лаҳзае сукунат аз мизбон пурсиданд:

- Хуб, акаи Қудрат, шумо, ки муаллими забон ва адабиёти тоҷик ва мудири мактаб ҳастед, бигӯед, ки дар ин маҳаллаҳо вазъи забономӯзӣ дар кадом савия аст?

- Домулло Носирҷон, агар дар ин боб дарду аламамро гӯям, хотири нозукатон озурда мешавад, - посух дод мизбон. – Беҳтараш ман нагӯяму шумо нашунавед.

- Не, гуфтани дард беҳ аз ногуфтан аст.

- Пас, гӯш кунед, додарам. Вақти он расид, ки масъалаи экологияи забонро ҳам ба миён гузорам. Охир, кор ба ҷое расид, ки Шӯрои муаллимони мактабҳои тоҷикиро ба забони русӣ мегузаронанд. Сатҳи омӯзиши забони модариро ихтисор карда, аз ин ҳисоб соати таълими забони русиро зиёд мекунанд. Натиҷа ин шуд, ки аксари навҷавонҳо байни худ ба русӣ гап мезананд… Суханронии махлути баъзе роҳбаронро шунида, ба худ меандешам, ки наход онҳо ҳам аз ворисони Рӯдакию Камоли Хуҷандӣ ва Парии Ҳисорӣ бошанд? Эй беинсоф, агар забони модариатро надонӣ, пас, чаро ба ҷои омӯхтан онро махлут ва олудаи забони кӯчаю бозор мегардонӣ? Фаҳму фаросат куҷост?!

- Ба фикрам, ин қабил афрод аз яке омилҳои басе муҳими тарбия ё ғофиланд, ё дидаву дониста онро сарфи назар мекунанд, - муаллимро тасалло медоданд Маъсумӣ. – Ҳирси ҷоҳталабӣ баъзеҳоро ба роҳи манқуртӣ мебарад. Барои

мансаб, ҳатто, аз лафзи шарифи модарашон рӯ метобанд. Аз офтоб ҳам равшантар аст, ки меъёри маърифати ҳар як инсон зиёдтар аз ҳама, ба саводи пухтаи вай, бо забони адабиро фаҳмидану аз бар кардани ӯ, бо дуруст хондан, бехато навиштан, аз рӯи қоида гап зада тавонистани ӯ маҳз ба забони модарӣ санҷида мешавад. Албатта, донистану омӯхтани забонҳои дигар ҳам лозим аст, аммо барои ҳар як одами босавод, пеш аз ҳама, забони модарии худ, адабиёти гузашта ва ҳозираи миллати худро донистан шарт ва ҳатмист. Дар ин бобат набояд каҷфаҳмӣ шавад. Боз такрор мекунам, барои ҳар касе, ки соҳиби илму фарҳанг шуданист, омӯзиши ҳамаи фанҳо ва забонҳое, ки дар мактаб таълим медиҳанд, тақозои замон аст. Аммо дар ҳар ҳолат бояд дарк кард, ки калиди ҳамаи ин донишҳо дар дасти забони модарист, касе, ки нозукиҳои лафзи модарашро надонад, дигар забонро ҳам амиқ омӯхтан натавонад.

*Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,*
*Донистани сад забон осон гардад.*

Ин омили тарбия набояд аз афкори мо дур монад. О, дур наравем, моро аз аҳди Сомониён, яъне, аз замони бобои Рӯдакӣ то имрӯз аз миёни дуд, оташ ва тӯфони ҳаводис маҳз ҳамин забони модарӣ зинда овард. Афсӯс, ки бисёр касон ба дарки ин хидмати забони модарӣ, дуруст намекӯшанд…

Мо хеле роҳ гашта, сипас, ба фарози тале баромадем, ки аз он ҷо деҳоти Чангов, Ҷиндара, Хелисой, Алибегӣ, Арбобӣ ва худи Қипчоқ, ки ҳама дар қад –қади соҳилҳои рӯди кӯҳи доманкашон хобидаанд, чун дар рӯи каф намоён шуданд.

- Шумо, ки ҳама шоиред, аз ин Тали шоирона манзараҳои афсонавиро бинеду илҳом гиред, – бо дасти росташ ба шебу фарози домани кӯҳистон ишоракунон гуфт амаки Қудрат. – Табиати босаховат ҳамаи ҳусну таровати худро ба диёри мо ато кардааст. Ана, он деҳи Ҷанговро бинед, дар бағали кӯҳи азим як пора дорад… Ё ки ба Ҷиндараи сарсабз нига-

ред, ба ранги осмони нилӣ рақобат дорад. Хелисой, Алибегӣ ва Арбобӣ ҳар яке ранг аз фирӯза рабудаанд. Худи Қипчоқи мо, ба назарам, булӯри кӯҳӣ барин метобад. Ҳаққо, ки Алмосӣ як гӯшаи ҷаннатнишони Тоҷикистон аст, ҳар касе, ки онро набинад, дар армон мемонад.

- Дуруст мегӯед, акаи Қудрат, аз тамоми ин манзараҳои ҷозиб чашми кас нур мегирад, - сухани Дӯстиро тақвият доданд Маъсумӣ. – Аслан, шаҳомату шукӯҳи табиати Ҳисори мо аз ҳашамати манзараҳои Қафқозу Қрим кам нест. Мо ҳар сол харҷу хароҷоти бисёре карда, ба Сочию Ялта, Кисловодскию Есентуки ва Феодесияю Гагра меравем, ҳол он ки ҳамон хел фароғатгоҳҳоро дар соҳилҳои дарёчаву доманакӯҳҳои ҷумҳурии худамон ҳам ташкил кардан мумкин аст. Масалан, ҳамин Шамбарии мо аз кадом осоишгоҳи олам камӣ дорад? Афсӯс, ки ба оби шифобахши ин гӯшаи нодири диёрамон чандон диққат намедиҳанд.

Амаки Қудрат шолчаю кӯрпачаро ба рӯи сабзавори тал густурд ва хушнудона гуфт:

- Канӣ, марҳамат, нишинед. Ҳар гоҳ, ки ман ба ин тал мебароям ба дуродури ин манзараҳо нигариста, на танҳо дилам кушода мешавад, балки аз ҳусни табиӣ бақувват шудани чашмонамро ҳам ҳис мекунам. Биёед, акнун каме шеърхонӣ кунем, истед, Мирзо Турсунзода навиштаанд, ки кулли халқи тоҷик табиатан шоир аст. Ман ҳам як ҷузъи ҳамин халқ – дия. Ҳар гоҳ ба ин тал бароям, илҳомам меояд, бо амри дил чанд байт менависам. Ҳоло ба шумо намунае аз онҳо хонам, камбудиҳояшро гӯед, шояд шоир шавам, – ва ӯ бо табассуми малеҳе аз дафтараш ба қироати шеърреке пардохт…

Огоҳ шудем, ки муаллим Қудрат Дӯстӣ камубеш табъи шоирӣ ҳам доштааст. Намунаи баъзе навиштаҳояш, ки ба мо хонд, аз лиҳози андешаронӣ бад набуд. Ӯ нозу неъматҳои Ҳисори Шодмон, дастранҷи ҳунармандони ин водӣ, табиати мӯъҷизакори ин диёр ва сулҳу салоҳро ситоиш ме-

кард. Устод Маъсумӣ дар баъзе байтҳо ноҷурии вазнро нишон дода, баъди таҳрири яке аз шеърҳо гуфтанд:

- Офарин, акаи Қудрат! Бо ин ки ташвишу тараддудҳои рӯзгорию омӯзгориатон кам нест, ба шеърнависӣ ҳам шуғл меварзидаед. Ман ба ин қабил омӯзгорон ихлос дорам, лекин дар ин шеърҳо, аввалан, қофияҳои носолим бисёранд. «Буд» - ро бо «шуд» қофия кардед, ки аслан нодуруст аст, зеро «буд» бо вов ва «шуд» бе вов навишта мешавад… Сониян, қариб дар ҳар байтатон сакта ҳаст. Агар сактаи малеҳ бошад, ҷоиз аст, агар қабеҳ бошад, ноҷоиз. Аксар ҷавоншоирони мо, азбаски аз илми арӯз вуқуфи комил надоранд, сактаҳои малеҳу қабеҳро аз ҳам фарқ намекунанд. Бисёр шеърҳоро, ки дар матбуот ба табъ мерасанду сактаҳои қабеҳ доранд, ҳам муаллифашон, ҳам мутасаддиёни чоп бехабаранд, ки кадом калимот бидуни вови арабӣ навишта мешаванд. Чунончи, абёти устодони назм Низомӣ, Ҳоқонӣ, Айнӣ ва Лоҳутӣ сактаи малеҳ доранд:

1.*Дар навмедӣ басе умед аст,*
*Поёни шаби сияҳ сафед аст.*
*2.Ҳар дил зи ту бо ҳазор доғ аст,*
*Ҳар доғеро ҳазор ном аст.*
*Хоқониро зи дил хабар пурс,*
*То доғ ба номи ӯ кадом аст.*
*3.Ин хона зи хишти кӯҳна андохтаам,*
*Дар вай ҷашне зи рафтагон сохтаам.*
*4.Дониш теғи буранда бошад,*
*Ҳам ҷондеҳу ҳам кушанда бошад.*

Он рӯз доир ба шеъру шоирӣ ва мақоми суханшиносӣ бисёр фикру андешаи тозаи муаллим Маъсумиро шунидем, ки барои мо як навъ сабақе буд аз назарияи адабиёт ва каломи бадеъ. Дар фароварди суҳбат он кас дар он манзараи дилошӯб ба завқ омада, беихтиёр бо ангуштонашон гӯё чанг навохта, «Уфари ороми ҷон» ном суруди классикиро бар мат-

ни Хусрави Деҳлавӣ замзама карданд, ки мо саропо гӯшу ҳуш шуда, шунидем:

*Эй чеҳраи зебои ту рашки бутони озарӣ,*
*Ҳарчанд васфат мекунам, лекин аз он болотарӣ.*

Ҳангоми бозгашт аз Тали шоирона Маъсумӣ таклиф карданд, ки дар васфи водии Ҳисор ва мардуми заҳматкаши он, албатта, шеър нависем ва даъфаи дигар ҳангоми ба он ҷо ҷамъ омадан онҳоро мутолиаю муҳокима хоҳем кард. «Парвози хаёлатон баландтар бод! – гуфтанд устод, - асри мо асри парвозҳои кайҳонист. Аз телевизор дидаед – ку, ба қарибӣ Юрий Гагарин ба кайҳон парид. Шумо ҳам ҳимматро баланд дореду баландпарвозона шеър гӯед». Ва худашон ҳам ваъда доданд, ки шеър менависанд.

Ба ин тариқ, он тобистон мо якчанд бор ба дараи Алмосӣ, ба хонаи амаки Қудрат Дӯстӣ рафта, вақтамонро хуш гузарондем. Баъдан, камина суруде бо номи «Ёри ҳисорӣ» навиштам, ки ғояи эҷоди он дар замирам ҳамон рӯзҳо дар Тали шоирона тавлид ёфта буд. Он суруд як навъ сипосномаи банда ба ёрону бародарони ҳисорӣ буда, ба хотираи дурахшони Носирҷон Маъсумӣ ва Қудрат Дӯстӣ барин фарзандони ин диёр эҷод шудааст:

*Ман ташнаи дидори туям, ёри ҳисорӣ,*
*Муштоқ ба гуфтори туям, ёри ҳисорӣ.*
*Аз суҳбати ширину шакарбори ту мастам,*
*Лаззатбари афкори туям, ёри ҳисорӣ.*
*Дар қалби ту ҷуз ишқ таманнои дигар нест,*
*Ман воқифи асрори туям, ёри ҳисорӣ.*
*Дар лаҳзаи душвор зи дастам бигирифтӣ,*
*Ман низ мададгори туям, ёри ҳисорӣ.*
*Дар баҳри ҳунар машъалаафрӯз туӣ, ту,*
*Ман машъалабардори туям, ёри ҳисорӣ.*
*Алмосии ту бахши биҳиштест дар ин хок,*
*Дилбастаи кӯҳсори туям, ёри ҳисорӣ.*

*Умре намаку нони туро пос бидорам,*
*Дар шодию ғам ёри туям, ёри ҳисорӣ.*

Ҳангоми яке аз охирин вохӯриҳоямон дар Қипчоқ, амаки Қудрат аз рӯи одат моро боз ба ҳамон Тали шоирона бурда, зиёфат орост ва ба устод Маъсумӣ назари меҳрангезе афканда, гуфт:

- Ин талро ман кашф кардам ва ман ҳақ дорам онро ба шахси дилхоҳам номгузорӣ кунам. Азбаски шумо зодаи ин сарзамин ҳастед, барои ҷовид гардондани насаби Маъсумиҳо ба ин тал исми шуморо медиҳам.

- Э, э, бисёр каромат кардед, ака, - гуфтанд Маъсумӣ. – Барои ба расмият даровардани ин атои шумо як зиёфати ҷамшедона аз банда.

- Не, не, зиёфаташ ҳам аз худам, - ҷавоб дод амаки Қудрат. – Аз ҳамин рӯз эътиборан номи ин баландии барҳаво Манзаргоҳи Маъсумӣ. Одамон ба шахсиятҳои наҷиб ситораю сайёра, қуллаҳои осмонбӯсу минералҳои навашро номгузорӣ мекунанд. Бигузор, ин тали шоирона аз қадами шумо шӯҳратманд ва илҳомгоҳи шумо гардад. Худо хоҳад, дар ин ҷо кӯшкаке ҳам месозем.

- Ҷон садқаи ҷавонмардии шумо! – чашми устод Маъсумӣ дурахшид. – Ба бахти мо, ҳамеша саломат бошед, акаи Қудрат!

Баъдан, мо ҳар сол аз Наврӯз то Меҳргон борҳо ба Манзаргоҳи Маъсумӣ мерафтему бо ҳаловати беандозае аз ҳавои тоза нафас мекашидем. Агар бо сабабе ягон моҳ, ба он ҷо рафта натавонем, пас худи амак ба суроғи мо меомад.

Он сайру сайёҳатҳо, он гармии суҳбатҳо, он маҳфилҳои шеъру суруд, ки тавассути муаллими арҷмандамон Носирҷон Маъсумӣ ба вуқӯъ мепайвастанд, то зиндаам, аз ёдам нахоҳанд рафт. Ҳазор афсӯс, ки он чеҳраи дурахшони донишу фарҳанг дар дили мо доғи худро гузошта, бармаҳал аз дунё рафтанд. Кунун он алломаи замон дар хобу хаёлам чун дар олами афсона, гоҳе падид меоянду гоҳе бо табас-

суми ширини хоса боз ғайб мезананд. Ёдашон бахайр бод, он покмарди баргузида барои соҳибсавод гардондани чандин насли халқи мо заҳмати фаровон кашида, ба дараҷаҳои баланди илмӣ расида, аз худ мероси бебаҳое гузошта, ҷаҳонро падруд гуфтанд.

*Ёд дорам олами пиндори Маъсумӣ,*
*Донишу фарҳанги нотакрори Маъсумӣ.*
*Ҳар касе бар худ ҷаҳони тозае меёфт*
*Аз сабақҳои ҳаловатбори Маъсумӣ.*
*Ҳамчу субҳи навдамида дошт ҷаззобӣ*
*Сеҳри лафзу ҷазбаи гуфтори Маъсумӣ.*
*Шеъри ҳассон мебаромад чун навои ҷон*
*Аз дили шӯрафкану бедори Маъсумӣ.*
*Мисли як рангинкамони баъди боронҳо*
*Буд рангин дафтари ашъори Маъсумӣ.*
*Ҳеҷ боре нест чун бори сухан вазнин –*
*Ин сухан буд ҷавҳари афкори Маъсумӣ.*
*Он, ки роҳи маърифатро саҳл ангорад,*
*Мешуд ӯ бебаҳра аз иқрори Маъсумӣ.*
*Во дарего, бемаҳал аз маҳфили мо рафт,*
*Хоб мебинам кунун дидори Маъсумӣ.*
*Дар хаёлам, ҳамчу дар дунёи афсона,*
*Гарм пайдо мешавад рухсори Маъсумӣ.*

***Январи соли 1995***

***Ҷумъабой АЗИЗҚУЛОВ***

# Чеҳраи фарҳангию хислати инсонии роҳбари олим

Муаллим Носирҷон Асадович Маъсумӣ баъди як соли директории Холиқ Мирзозода, соли 1959 ба курсии роҳбарии Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ нишаста, то соли 1971, баъди дар Шуъбаи илмҳои ҷамъиятии академия ба ҳайси академик-дабир ҷойгузини Зариф Раҷабов гардидан, пурсамар фаъолият карданд, ки даҳ соли кормандии банда дар ҳамин пажӯҳишгоҳ зери сарварию раҳнамоии эшон ҷараён дошт. Ман бо масъулияти тамом гуфта метавонам, Пажӯҳишгоҳи Рӯдакӣ ҳар он чи дастоварду комёбие дорад, ба солҳои роҳбарии ин марди пуркори кӯтоҳумр рост меояд, ҳамчунин, ҷойгоҳи эшон дар ин пажӯҳишгоҳ холист.

Соли 1962 муаллим Носирҷон Маъсумӣ бандаро фармуданд назди Султон Умарович равам, ки он кас ба ман коре доштаанд. Маро рӯшинос гардидан бо ин олими фарҳангии шинохтаву роҳбари навҷӯю навовар орзуи дерина буд. Бинобар ин, фармоиши муаллимро бо камоли масаррат истиқбол кардам…

Номи Султон Умаров муддатҳо пеш аз ин ки президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон гарданд, ба ман шинос буд. Соли 1954, ки банда донишҷӯи курси 2-юми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон будаму полковник Рапопорт- муаллими кафедраи ҳарбиамон ба мо аз омодагии тактикӣ дарс медод, аз семинари якҳафтаинаи баргузоршуда дар Хонаи офитсерон баргашта, аз ҷараёни кори семинар иттилоъ расонд. Ҳамон солҳо яроқи ядроӣ (ҳастаӣ) чун аслиҳаи ҷангу

мудофиа дар қувваҳои мусаллаҳ нав ба кор гирифта шуда буд, ки семинар ба ҳамин масъалаҳо оид будааст. Полковник гуфт, ки дар семинар як нафар олими машҳури соҳаи физикаи ҳаста аз Тошканд бо номи Султон Умаров суханронӣ кард, ки ин Умаров аслан тоҷик будааст.

Се сол пас ҳамин Султон Умаров президенти АИ Тоҷикистон интихоб гардиданд.

… Хуллас, Султон Умарович бандаро хуш пазируфта, гуфтанд, ки роҳбарияти Вазорати ҳифзи сиҳҳати омма мехостааст «Фарҳанги лотинӣ-русӣ-тоҷикӣ»-и М.Расулӣ дар маҷлиси Раёсати АИ муҳокима шавад. Гап дар сари ин аст, ки дар назди Раёсати академия бо ташаббуси президенти нави ин даргоҳи илм Кумитаи истилоҳот ба тозагӣ таъсис ёфта буд, ки яке аз вазифаҳояш баррасӣ кардани фарҳангҳои истилоҳӣ буд.

Сипас, Султон Умарович моҳияти хидмати бандаро шарҳ дода, гуфтанд:

- Ин маҷлис бояд ба тоҷикӣ гузарад ва протокол навиштан дар зиммаи шумост.

Дар маҷлис гули сари сабади илми тиб бо сарварии вазир Я.А.Раҳимов гирд омада буд. Инчунин, чанд тан аз дигар зиёиёни тоҷик низ иштирок доштанд.

Тақризнависи асосӣ духтур Бадриддин Шаҳобов буд. Аз ҷумлаи эродҳояш яке ин буд, ки Расулӣ истилоҳи русии «грыжа»-ро ба тоҷикӣ «дабба» гуфтааст. Ҳол он ки дар забони тоҷикӣ «дабба» човаи равғанкашӣ аст ва ба сифати шоҳид ин ду байти устод Айниро аз нақизае ба як ғазали Қозӣ Комили Ҳисорӣ қироат кард.

*Ҷувозам, даббаам, дӯлам, ба гирди кунда машғулам,*
*Зи каф то шона равған гаштаам, равғангари ишқам.*

Садри Зиё дар яке аз тазкираҳояш ҳамин байтро оварда гуфтааст, ки Қозӣ Комил бо байти домуллои Айнӣ алҳақ «Комил» шуд вагарна, то ин дам «Ноқис» тахаллус дошта-

наш равотар буд.

Саъва Ҳакимова ба як олати гинекологие, ки барои аз батни зан кашида баровардани тифли беҷон ба кор мерафтааст, эрод гирифта, ба тоҷикӣ «оташгираки момо» ном додани луғатнависро зикр карда, гуфт, ки «оташгирак» мансуб ба танӯру оташдон аст; ин ҷо сухан аз пайкару ҷисми зани зинда меравад.

Боқӣ Раҳимзодаи ҳаззол, ки низ дар маҷлис ҳузур доштанд, ба Ҳакимова нигариста:

-О, буча, ҷисми зани зинда ҳам як навъ танӯр аст-дия,- гуфта ҳамаро хандонданд.

Хуллас, ки ҳама аҳли тиб, ба як овоз фарҳанги Расулиро сақату ботил бароварданд. Ягона касе, ки дар мавқеи бетарафӣ қарор дошт, Мансуров Ҳамид Ҳусейнович буданд.

Султон Умарович барои ҳалли мусолиҳатомези масъала гуфтанд, ки «шояд аз донишмандони соҳибтаҷрибаи тиб як ё ду кас муҳаррир таъйин карда шавад». Аммо муддаиён пофишорӣ карданд, ки ин кор бо таҳрир ислоҳшуданӣ нест.

Дар ҳамон солҳо М.Расулӣ сардабири маҷаллаи тиббии «Здравоохранение Таджикистана» будаанд, ки аз матни фарҳанг як ҷузъи чопӣ табъ карда, чун замимаи маҷалла якҷоя бо ҳар шумораи он паҳн мекардаанд. Маҷлис қарор кард, ки хароҷоти коғазу хидмати матбаа аз киссаи сармуҳаррири маҷалла, ки аз вазифа сӯиистифода кардааст, ситонда шавад.

**X X X**

Мехоҳам аз оқибати ин моҷаро, ки солҳо баъд ман боз ҳолдону шоҳидаш гардидам, воқеаеро ривоят кунам.

Дар ибтидои солҳои 80, ки ин дам банда китоби масъулу муовини сармуҳаррири ЭСТ будам, аз роҳбарияти Кумитаи табъу нашр, ки Сарредаксияи илмии ЭСТ баъди соли 1974 аз тобеияти академия бароварда, ба ихтиёри ин кумита дода шуда буд, фармоиш расид, ки дар кӯтоҳтарин фурсат фарҳанги М.Расулӣ чоп карда шавад. Ва китоб дар 5 муҷаллад

(чор ҷилди алифбоию як ҷилди иловагӣ) интишор дода шуд.

Ман аз ноумедӣ дар аввалу ҳосили бамуроди кор дар охир суол кардам. М.Расулӣ дар ҷавоби пурсишам ин қиссаро ривоят карданд.

Дар ҷараёни таҷлили ҳазораи Ибни Сино, ки ман муовини вазири тандурустӣ будам, курйер даъватномае овард барои ҳамроҳи завҷаам иштирок кардан дар зиёфати ҳукумат.

Сурати машҳури дар арафаи ҷашн ба дасти рассом А.Хушмуҳаммадов кашида шудаи Ибни Синоро, ки бо роҳнамоию ислоҳгариҳои ман анҷом ёфта буд, роҳбарон хуш пазируфта буданд. Ба ақли кӯтоҳи худам хулоса баровардам, ки дар даъват гардиданам ба зиёфати ҳукумат ҳамин хидматамро ба инобат гирифтаанд. Вагарна, медонистам, ки дар чунин маъракаҳо вазирон ва афроди болотар аз онҳо даъват мешуданд. Бо сару либоси ороста ҳамроҳи хонумам аз дарвозаи Бустонсарои ҳукумат ворид шудем. Ҳанӯз ба толори зиёфат надаромада будем, ки як нафар подполковники милиса суол кард, ки кадоме аз шумо Расулов аст? Ман пеш рафтам. «Бо ҳамсаратон назди дарвоза равед», - гуфт.

Дами дарвоза Ҷаббор Расулови дар ҳамон солҳо вазири хоҷагии қишлоқ, бо ҳамсараш истода буд, ки бо нигоҳи саршор аз адоват ҷонибам назар андохт, мисле, ки ба таҳқир ёфтанаш ман боис шуда бошам.

Азбаски бинои Вазорати хоҷагии қишлоқ дар шафати Вазорати ҳифзи сиҳҳати омма буд, курйер иштибоҳан даъватномаи ба номи Расулови вазирро ба Расулови муовини вазир додааст.

Ин кина аз дили Ҷ.Расулов берун нарафта будааст, ки баъди ба мақоми дабири аввали КМ расидан низ интиқомҷӯӣ кардан гирифт ва оқибаташ ҳамон муҳокима буд, ки баъди он ман аз вазифаи сардабирии маҷалла бартараф гардида, автомошинаи «ГАЗ-21»-амро фурӯхта, маблағи ҷаримаро пардохтаму фарҳанг чоп нашуда монд. Вале баъди ба сари

қудрат омадани Раҳмон Набиев дар корам кушоиш пеш омад.

Расулии фарҳангнигор дар охир ба маънои луғавии вожаҳои ному исми хонаводагии дабирони сека ишорат карда, гуфтанд:

- Оре, ӯ «ҷаббор» буду ин «раҳмон», агарчи падаронашон яке Расул ном дошту дигаре Набӣ.

**X X X**

Хуллас, ки шарафи рӯшинос шуданам бо олими пуркору гуногунсоҳа Султон Умаров аз баракати роҳнамоию корфармоиҳои муаллим Маъсумӣ ба ман муяссар гардида буд.

Модом ки номи Султон Умаров ёд шуд, дил мехоҳад дар васфи эшон чанд сухан гуфта шавад.

Хатмкардаи Донишгоҳи Самарқанд (УзТУ) дар ибтидо ба ҳайси адиб маъруф гардида, бо тахаллуси Умарӣ шеъру асарҳои саҳнавӣ менавиштанд, ки навиштаҳояшон дар театрҳои Ӯзбекистон ба саҳна гузошта мешудааст. Ашъори лирикиашонро ҳофизон месурудаанд. Як ғазали Султон Умариро бастакори маъруф Мутаваккил Бурҳонов оҳанг бастааст, ки дар иҷрои ҳофизони ӯзбекистонӣ садо медод. Чун олим дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба мартабаҳои баланд расиданд. Вақте ки соли 1957 ба вазифаи президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон интихоб гардиданд, корро аз бозсозии системаи илм шурӯъ карданд. Таҳсилоти аспирантурӣ дар ҷумҳурӣ бо ташаббуси ин кас ба роҳ монда шуд. Солҳои 1963-1964, ки банда коромӯзи Пажӯҳишгоҳи ховаршиносӣ (дар Маскав) будам, аз аспирантони бахши илмҳои дақиқ мешунидам, ҳар аспиранте, ки бо руқъаи С.Умаров ба марказҳои илмии Русияву ҷумҳуриҳои қисми аврупоии кишвар фиристода мешудааст, «ин ҷавонро Султон Умаров фиристодаанд», гуфта, бе мамоният қабулаш мекарданд. Яке аз ибтикороти ин кас дар рушди илми тоҷик таъсис ёфтани Пажӯҳишгоҳи физикаю техникаи академия аст, ки ин дам сазоворона номи Султон Умаровро дорад.

Ҷиҳати дигари хислати ин олими чандинсоҳа санъати суханварии эшон буд. Даме ки як ҳайати баландпояи Шӯравӣ бо сарварии раиси Президиуми Совети Олии кишвар ба Афғонистон рафта буду Султон Умаров низ дар он ҳайат будаанд, дар бозгашт, аз сафари Афғонистон дар толори Раёсати Академияи илмҳо аз таассуроти сафарашон ин қадар муассир ҳикоят карда буданд, ки аҳли толор шефтаи суханвариашон гардид. Аз ҷумлаи ҳикоятҳояшон яке ин буд, ки мегуфтанд:

- Боре дар кӯчаҳои Кобул қадам мезадам, ки як пирамард аз дӯкони кораш ба истиқболам берун омаду бо тавозӯъ салом дода, гуфт:

- Ба ҳурмати риши сафедам, даромада як пиёла чой гиред.

Пирамард мисгари аслан самарқандӣ будааст, ки дар арафаи инқилоби Октябр ба ин кишвар ҳиҷрат карда будааст. Дӯкон ҳам ҷои истеҳсоли зарфҳои мисин будаасту ҳам фурӯшгоҳи маснуоти усто. Ду ҷавон – яке чакуш мезаду дигаре таноби олати бодро мекашид.

- Инҳо писарони мананд, ки дар ин диёр ба дунё омадаанд, - гуфт мӯйсафед. То ба ҳамин қарибиҳо рӯзгори осудае доштем. Лекин чун дастаи рақсии Тоҷикистон бо номи «Лола» ба Кобул омаду филми шумо «Дидам ҷамоле» ба намоиш гузошта шуд, айшамон талх шуду осоиш хонадонро тарк кард. Инҳо, - ба писаронаш ишорат карда, - ҳар саҳар ба косаам заҳр мечаконанд, ки «бин, чӣ гуна ватане доштаему саргашта моро ба чӣ диёре овардӣ». Агарчи дар кору бори ҳамарӯза озод ҳастему касе озор намерасонад ба мо, вале гоҳе аз якта-нимта мардуми тагҷоӣ таъна мешунавем, ки ғариб ҳастему омада. Ҳоло, ки шумо дар дӯконам нишастаед, сарам ба осмон расид. Бигузор инҳо бинанд ва донанд, ки ҳамдиёрони ман чӣ қадру манзалате доранд, ки дар рикоби сарвари Шӯравӣ гашту гузор мекунанд.

**X X X**

Боз ин нукта шахсияти беолоиш доштани Султон Умариро ба назарҳо ҷилва медиҳад:

Соли 1957, даме ки он кас барои сарварӣ кардан ба Академияи илмҳои Тоҷикистон даъват мешаванд, дабири аввали КМ ҳизби ҷумҳурӣ Турсун Ӯлҷабоев супориш медиҳад, бинои воқеъ дар кӯчаи Парин 8, ки онро соли 1950 Бобоҷон Ғафуров барои зист ба устод Айнӣ пешниҳод карда буданду устоди зиндаёд олиҳимматона он ҳавлиро ба Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти то он дам бе макони академия вогузор карда буданд, чун хонаи истиқомат барои президенти академия холӣ карда шавад. Дере нагузашта, ба истиқболи ин амри котиби сека, дар ҳафтавори умумииттифоқии «Литературная газета» бо имзои Ирина Волк ном қаламбадаст фелетонворае ба чоп расид. Султон Умарович, ки зоҳиран, аз асли қазия хабар надоштаанд, чун пешгузаштаи худашон (яъне устод Айнӣ) дар он ҳавлӣ истиқомат кардан нахоста, хонаро дубора ба ихтиёри академия вогузоштаанд, ки Шуъбаи шарқшиносии навтаъсис ба он ҷо кӯчонда шуд. Ва ин хона то бино ёфтани иморати ҳозираи Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ Шуъбаи шарқшиносӣ чун зерсохтори академия дар ҳамон ҷо фаъолият дошт.

**X X X**

Султон Умаров дар рутбаи номзади илмҳои физикаю математика дар умри на чандон тӯлонии худ (дар синни 56 ҷаҳони фониро падруд гуфтанд) корҳои хайре анҷом дода, мероси илмии мондагоре боқӣ гузоштаанд. Чунон ки муаллими азизи мо Носирҷон Маъсумӣ низ бо ҳама таълифоти илмии гуногунсоҳа дар рутбаи номзади илмҳои филология аз ҷаҳон гузаштаанд.

Аслан, шуҳрату эътибор доштан, дар ҷомеа ба появу мартабаҳои баланд расидан, ба доштани рутбаи илмии баланде вобаста набудааст. Ман як нафар номзади илмҳои иқтисодиётро медонам, ки дар фанни худ, алалхусус, дар планка-

шии иқтисодӣ бесобиқа буда, солҳои зиёд дар вазифаю мартабаҳои баланди раиси Госплани ҷумҳурӣ, ректори Донишгоҳи давлатӣ, ҷонишини раиси Совети Вазирон, ноиби якуми президенти Академияи илмҳо, раиси СОПС (Шӯрои омӯзиши қувваҳои истеҳсолӣ) бо муваффақият фаъолият дошт, ки ин мардро исм Нарзиқулов Ибодулло Қосимович буд.

Солҳое ки ман дар Маскав коромӯз будам, як нафар унвонҷӯи соҳаи иқтисодиёт чунон воқеаро ҳикоят карда буд.

- Боре Ибодулло Қосимович барои гузориши ҳисобот аз иҷрои плани панҷсолаи навбатии тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба Маскав омада, аз ман тақозо карданд, ки ба рафтанашон ба Госплани СССР эшонро ҳамроҳӣ кунам. Маро дар пештолор монда, худашон бо виқору қадамҳои устувор аз зинаҳо боло рафтан гирифтанд. Як нафар подполковник, ки нигаҳбони даргоҳ будааст, ба ман наздик шуда, пурсид:

- Кӣ буд ин шахс?

- Ҷонишини раиси Совети Вазирон ва сарвари Госплани Тоҷикистон, - гуфтам дар ҷавобаш.

- Оре, маълум, аз ваҷоҳаташ кебид, ҷуръат накардам садди роҳаш бишавам,- гуфт посбони баландпоя.

- Мегуфтанд, боре нашудааст, ки ба ҳисоботу гузоришҳои ин кас эроде гирифта бошанд маъмурони Госплани СССР, - хулоса кард нақлашро мусоҳиби мо.

Оре, чунин касон буданд он солҳо дар сари кор.

**XXX**

Нақшаи раҳнамоии муаллим Носирҷон Асадович дар рушду камоли банда ба сифати пажӯҳишгар ва дастёб шуданам ба фаъолияти коргузорию роҳбарӣ назаррас аст.

Дар ибтидои солҳои 60-и асри гузашта бо тавсияи муаллими зиндаёдам Шакурии Бухороию супориши Носирҷон Маъсумӣ банда ба тадвини «Феҳристи асарҳои С.Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ» машғул гардидам, ки он бо ҳамдастии Закия Муллоҷонова соли 1963 дар ҳаҷми 22 ҷузъи чоп ба

табъ расид. Шояд адои бомуваффақияти ин хидмат боис гардида буд, ки ибтидои соли 1965, баъди баргаштанам аз сафари дусолаи коромӯзӣ дар Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Академияи илмҳои шӯравӣ Носирҷон Асадович ба ман пешниҳод карданд, директории «Музейи адабии С.Айнӣ»-ро, ки чун муассисаи давлатӣ дар сохтори Вазорати маданияти ҷумҳурӣ тарҳрезӣ шуда буд, ба зимма гирам. Агарчи ботинан ба ин кор рағбат надоштам, вале аз фармудаи муаллим сар печиданро раво надидам. Ба Музеи Айнӣ аҳамияти махсус додани ҳукумати Тоҷикистон дар ин амр ифода ёфта буд, ки шахсан Абдулаҳад Қаҳҳоров собиқ кӯшки Бобоҷон Ғафуровро, ки баъдан меҳмонсарои хоссаи Совети Вазирон таъйин гардида будааст, боргоҳи музей қарор додаанд. Аммо мансабдории банда дар ин бинои бошукӯҳ бештар аз 6 моҳ давом накард. Аввалан, 8 адад сейф-говсандуқи калони дастнависҳои устод Айнӣ, ки дар толори музей қатор гузошта шудаву калиди сандуқҳо дар ҷайби Камол Айнӣ буд ва ба мани директор боре кушодани дари онҳо муяссар нашуд. Сониян, баъди 4 моҳи директории баръабаси банда Камол-ака вазири маданият Мирзо Раҳматовро, ки ҳавлиаш дар паҳлуи бинои музей қарор дошту он кас солҳои раиси Президиуми Совети Олӣ буданаш ба истиқомат дар ин кӯшки вежаи ҳукуматӣ ҳақдор гардида будааст, ба баҳонаи ин ки «агар ин ҷо музей шавад, дами даратон дар зери қадами тамошочиёни музей хоктӯда мегардад», ба кӯчондани музей аз он бино розӣ карда, ҳавлиро ба номи худаш гардондааст. Ин ду амали ако маро аз кор дилхунук карда, имдодҷӯӣ назди муаллим омадам. Носирҷон Асадович аз қазия огоҳ будаанд, ки бе гапу ҳарфи барзиёд маро ба вазифаи аввалаам дар пажӯҳишгоҳ барқарор карданд.

Соли 1969, ки банда бо даъвати Абдуқодир Маниёзову ризоияти Носирҷон Маъсумӣ ба кори идораи навтаъсиси Энсиклопедияи советии тоҷик гузаштам, алоқамандию ир-

тиботам бо ин чеҳраи илмию фарҳангӣ қавитар гардида, аз фаъолияти илмию пажӯҳишгарии доманадор ва ҷоннисориҳояшон дар ҷодаи таҳқиқ иттилои бештаре ҳосил кардам.

Дар кору бори энсиклопедия нақши маслиҳатгарон-кураторон назаррас буд. Банда ки дар ибтидо мудири редаксияи адабиёт ва забон будам, ба роҳ нишон доданҳои кураторон бештар ниёз доштам, ки куратори персоналия – афроди ба энсиклопедия дохилшавандаи соҳаи адабиёт Мирзо Турсунзода буданду куратори мавзӯи – Носирҷон Маъсумӣ. Маъсумӣ илова ба куратириашон яке аз муаллифони фаъоли мақолаҳои энсиклопедӣ низ буданд. Ин кас, дар назари ман, чун Лутфулло Бузургзодаи муаллимашон ҷавонмарди мутафаннини пуркору пухтакор зоҳир шуданд, ки сарфи назар аз синни ҷавонашон дар бахшҳои мухталифи филология арзишмандтарин таълифоти замонро ба рӯи кор овардаанд.

Ҷиҳати дигари муҳими фаъолияти илмиашон, ки банда дар навиштани мақолаҳои барои энсиклопедия ба мушоҳида гирифтам, ин буд, ки ҳаргиз аз меҳнату заҳмати дигарон сӯиистифода намекарданд ва ҳар он чи менавиштанд, саросар маҳсули қалами худашон буд. Ҳол он ки акси ин корро дар фаъолияти муаллифони соҳибмартаба бисёр дидаам.

Дар сароғози кори омодагӣ ба ҷилдҳои алифбоӣ тасмим гирифта шуд, ба пешвози 50-солагии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон ба забони ҷилди махсусе бароварда шавад, ки таъриху фарҳанг ва дастовардҳои навини Тоҷикистони шӯравиро ба аҳли олам муаррифи карда тавонад. Ҷилд дар арафаи ҷашни Тоҷикистони азиз соли 1974 бо тиражи 20000 нусха чоп гардида, ба гӯшаву канори кишвари шӯроҳо фиристода шуд.

Дар мақолаи обзории доир ба адабиёти тоинқилобӣ ҷумлае ҳаст бад-ин алфоз: «В 12 веке значительно развивается лирико-эпический жанр, прогресс которого связан с именем Низами Ганджави (1141-1203гг.)- одного из корифеев

поэзии на языке дари».

Дере нагузашта аз номи роҳбарияти БСЭ, бо имзои муаллими банда И.Брагинский, дар заминаи эътирози бародарони озарбойҷонӣ, номае расид, ки гӯё мо ба моли дигарон дастдарозӣ кардаем, яъне, Низомиро шоири худамон номидаем, агарчи дар мақола, ба шоири тоҷик будани Низомӣ ишорате набуд ва баъди иқтибоси зикрёфта чунин ҷумлае ҳам буд: «Созданная им (яъне, Низами) бессмертная «Хамса» («Пятерица») оказала большое влияние на развитие персидско-таджикской и туркоязычной литературы».

Сармуҳаррири ЭСТ Муҳаммад Сайфиддинович моро дар ҳайати Н.Маъсумии куратор, бандаи масъули мақола ва М.Диноршоеви донишманди беғараз даъват карда, фармуданд, ки ба эроди Маскав ҷавоб омода кунем.

Носирҷон Асадович пешниҳод карданд, ки аввал дар ин масъала андешаи куратори афродро бифаҳмам. Турсунзода мақоли «Аз мост, ки бар мост»-ро ба забон оварда гуфтанд:

- Аз худамон гузашт. Дар вақташ Сталин ба миён даромада буд, ки «шумо шоирони бузург зиёд доред. Низомиро ба озарбойҷониҳо гузашт кунетон». Мо ҳам ба қавли Шайх Саъдӣ «хилофи раъйи султон раъй гуфтан нашояд», ба хотири дӯстии халқҳо сар фуровардем. Бинед, оқибат кор ба куҷо кашид, - гуфта аз қуттии мизашон китобакеро бароварда пешам гузоштанд, ки «Туркмен шахирлери» ном дошт. Бардошта варақ гардондам. Ҳар он суханвари форсу тоҷике, ки замоне дар хоки Туркманистони имрӯза буду бош доштааст, «шоири туркман» номида шудааст.

Агарчи худи Низомӣ дар достони «Лайливу Маҷнун»-аш ба қавмияти худ ишора карда, гуфта буд:

*Туркӣ сифати вафои мо нест,*
*Туркона сухан сазои мо нест.*

Дар ин мавриd лаҳзаеро роҷеъ ба нисбати Низомӣ ба озарбойҷониҳову тоҷикон ёдовар кардан ба мавриd медонам.

Дар ибтидои солҳои 60 фарҳангнигорони Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ба омода кардани «Фарҳанги забони тоҷикӣ» камар баста буданд (ҳамон фарҳанге, ки дар ду ҷилд соли 1969 дар Маскав ба чоп расид). Соли 1963 макети ин фарҳанг дар ҳаҷми 3-4 ҷузъи таълиф чоп карда шудаву барои муҳокима ва дарёфти андешаҳои мутахассисони соҳа ба муассисаҳои илмию таълимии ҷумҳурии худамон ва марказҳои ховаршиносии Маскаву Ленинград ва ҷумҳуриҳои бародарӣ фиристода шуд.

Корманди шуъбаи луғати пажӯҳишгоҳи мо Раҳим Ҳошим, ки дар ҳамон давра барои анҷом додани корҳои пажӯҳишӣ дар шаҳри Боку будаанд, иштирокдори маҷлиси муҳокимаи макети мо гардида, ин воқеаро нақл карданд.

Дар рафти муҳокима шарқшиносони ҷавони озарӣ иддао кардаанд, ки «Ба чӣ далел фарҳангнигорони тоҷик ба навиштаҳои Низомӣ такя карда, абёти ӯро дар фарҳангашон шоҳид меоваранд».

Адабиётшиноси маъруфи Озарбойҷон Мубориз Ализода ҷавононро ба сабру таҳаммул даъват карда, гуфт, ки «тоҷикон ба ин кор пурра ҳақ доранд. Низомӣ, ки ашъорашро ба забони эшон иншо кардааст, гуфтаҳояш дархӯри фарҳанги онҳост. Вале мо, агарчи ба шахсияти Низомӣ ифтихори ҳамватанӣ дорем, дар фарҳангнигории худамон аз гуфтаҳои ин нобиғаи сухан баҳра бардошта наметавонем.»

Хуллас, мо як ҳафтаи озод дар кабинети Маъсумӣ нишаста, зери роҳбарии муаллим, бо таҳрири русии равони Диноршоев ҷавоби «дипломатӣ»-е омода карда, бо имзои М.Осимӣ ба эродгарон фиристодему нафаси озод кашидем.

Дар ҳамон солҳо банда ба ғайр аз ҳунари роҳбарию пажӯҳишгарии бисёрсоҳа доштанашон, боз хислатҳои инсонию шахсияти инфиродии ба худашон хоси Носирҷон Асадовичро пайхас кардам, ки наттоқию ба дили атрофиён роҳ ёфта тавонистан, волаву шайдо кардани шунаванда, аз муҳим-

тарини ин хислатҳо буд. Ҷояш ояд, бепарда, ошкоро ибрози ақида ҳам мекарданд.

Нақли ин воқеа, ки аз забони Носирҷон Асадович, М.Шакурӣ ба мо ривоят карда буданд, шоҳиди ҳол аст.

Писари хурдии муаллим – агар иштибоҳ накунам, исмаш Фаррух аст – дар яке аз таълимгоҳҳои Маскав мехондаасту ба қазоқдухтаре дил мебандад ва аз падар хоҳиш менамояд, ки ҳамин духтарро барояш хостгорӣ кунанд.

Муаллим як ҳафтаи озод ҷаҳд намуда, ҳама ҳунари дабирию дипломатиашонро ба кор андохта, номаи диловезе иншо мекунанд ба ин мазмун, ки тақдир рафта бошад, хешу табор мешавем.

Дере нагузашта аз номи модари духтарак ҷавобе мерасад бад-ин мазмун, ки «дар олам одам қаҳт нашудааст, ки бо кадом як тоҷик тарҳи хешутаборӣ афканем мо». Хуллас, ки қудои эҳтимолиро аз осмон гирифта ба замин задааст.

Чун духтар аз қазия огоҳ мешавад, зоҳиран риштаи ишқаш қавӣ будааст, ки масъаларо дар пеши падари мансабдори ҳизбии баландпояаш кундаланг мегузорад. Падараш, ки аз асли воқеа бехабар будаасту ба номаи муаллим модари духтар худсарона ҷавоб гардонда будааст, ба хостгори тоҷик номаи пур аз узру маънӣ фиристода, пешниҳоди арӯсии фарзандон мекунад ва ин моҷаро ба муроди ҷавонҳо ба поён мерасад.

Инак, лаҳзаи дигаре аз хушгӯию суханороиҳои нишонраси муаллим, ки банда ҳолдону шоҳидаш будам.

Яке аз ҳамоишҳои анъанавии «Солонаи С.Айнӣ» дар шаҳри Бухоро ва тумани Ғиҷдувон баргузор шуда буд, ки ҳайати сершумори тоҷикистониён бо сарварии Носирҷон Маъсумӣ иштирокдори маҷлисҳои он буданд.

Пас аз анҷоми ҷамъомади пленарию маҷолиси сексияҳои соҳавӣ роҳбарони обкоми Бухоро нишаста ҷамъбастию зиёфати шоҳонае барпо карданд.

Барандаи маҷлис ректори Донишкадаи педагогии Бухоро

Ҷумъа Ниёзович ба русӣ нутқи ифтитоҳӣ эрод карда, сухани аввалро ба Носирҷон Асадович дод. Муаллим бо гуфтори рангину алфози ширини тоҷикӣ аҳли маҷлисро волаву шайдо карда, дар охир тақсимча ба даст гирифта, ғазали ба дилашон қарини «Пушту паноҳи ман буд девори дилбари ман»-и Ҳилолиро ширадор замзама карданд, ки аз лаззати хониш ғиреви ҳозирон ба сақфи толор печид. Зери таъсири суханронию таронасароии муаллими зиндаёд ҳама афроди ҳизбию илмии Бухоро ба тоҷикӣ сухангӯ шуданд. Ҳатто, Набӣ Раҳим ном адабиётшиноси тошкандии муҳаққиқи осори Айнӣ, ки тоҷикидониаш чандон қавӣ набуд, чида-чида ба тоҷикӣ сухан гуфт. Ба ҳамин дараҷа муҳити нишаст тоҷикӣ гардида буд. Дар танаффуси пеш аз оғози зиёфат адабиётшиноси машҳури ӯзбек, хатмкардаи шуъбаи филологияи Эрони САГУ Абдуқодир Ҳаитметов аз зери бағали Раҳим Ҳошими турктабори мо доштаву эшонро маҳрами розаш дониста, ба форсӣ мегуфт: «Домулла, мо имшаб дар диёри худ ғариб ҳастем».

Рӯзи дигар моро ба маркази тумани Ғиҷдувону деҳаи Соктаре бурданд, ки мардум бо нону намак ва шиору навиштаҳои «Хуш келибсиз, азиз меҳмонлар» пешвозамон гирифтанд. Вале дар асари суханронию табрик гуфтанҳои Маъсумӣ дар чанд дақиқа кулли ҳозирон тоҷикидону тоҷикигӯ мешуданд.

Чунин муассир буд нақшу рисолати муаллими арҷманди мо, ки рӯҳашон шод бод.

Суханрониҳои маҳрамонаи муаллим саршори лутфу юмор – базлагӯӣ буд. Баҳори соли 1970 дар Сарредаксияи илмии ЭСТ мо дастархони наврӯзӣ кушоданӣ шудем. А.Маниёзов хостанд, ки дар ин нишаст Носирҷон Асадович низ иштирок дошта бошанд. Муаллим даъватро ба хушӣ пазируфтанд. Аслан, он кас ба Маниёзов меҳри махсус доштанд, ки дар «Арӯзӣ» гуфта ном гирифтани Абдуқодир-ака ифода меёфт ҳамин меҳрашон. Дар сари хони наврӯзии мо ин қадар

табъашон чоқ буд, ки тақсимча ба даст гирифта сурудхонӣ карданд ва дар охир гуфтанд:

- Ҳозир Вера «фирменный лагман» пухта истодааст (дар ҳамон давра Вера Пантелемоновна мудири китобхонаи энсиклопедия буданд) ва муаллим моро дар ҳайати А.Маниёзов, Иброҳим Раҳматови маҳрами хонадонашон, Ӯктам Пӯлодов ва банда ба хонаашон бурданд. Суҳбати сари дастархон то як поси шаб давом кард. Муаллим ки дар ҷамъияти дӯстон майгусориро хуш доштанду аз эродҳои занашон дар андеша буданд, ҳар гоҳ «биёед, Вера наомада якта гирем» мегуфтанд.

Мизбон аз тафсилоти иштирокашон дар таҷлили 2500 – солагии давлатдории Эрон, ки эшон дар ҳайати делегатсияи шӯравӣ бо сарварии раиси Президиуми Шӯрои Олии ин кишвар Леонид Брежнев ба он ҷо рафта буданд, ҳикоят сар карда гуфтанд:

Дар калонтарин варзишгоҳи Теҳрон намоиши театрикунонидашудаи сулолаҳои шоҳаншоҳии дар имтидоди 2500 сол дар Эрон ҳукмравоикарда барпо шуда буд, ки бо даъвати шоҳи Эрон бузургтарин коргардонҳои ҷаҳон омодааш кардаанд. Дар нимаи дуюми рӯз ҳаво андак абр кашид. Ба фармудаи аълоҳазрат ба ҳар тамошобин аз хазинаи шоҳ яктоӣ кампали тибити уштурӣ оварда доданд, ки ба дӯш андозем. Кампал ин қадар нафис буд, ки ҷамъ кунед, дар кафи даст меғунҷид. Дар поёни намоиш бо радио эълон карданд, ки «кампалҳо туҳфаи аълоҳазрат аст ба меҳмонон». Ба дил гуфтам, ки «аҷаб шуд, бегоҳон инро ба миёни дардмандам печонда, сари мизи таҳрир мешинам». Рӯзи дигар бо даъвати шаҳбону моро ба толори бузурге хонданд. Шаҳбону Фараҳ «хуш омадед, меҳмонони азизи хонадони аълоҳазрат» гуфта, афзуд, ки «рӯзи ид дар хонаводаҳои эронӣ ба дӯстон туҳфаи идона бахшидан суннати дерина аст» ва аз лаълии калоне, ки бо тасмае дар гардани як нафар полковник ҳамоил буд, ба ҳар яки мо яктоӣ сиккаи тиллои ба-

ландёри тақрибан бистграммаро, ки дар як тарафаш чеҳраи Муҳаммад Ризошоҳи Паҳнавӣ ҳаккокӣ шудаву дар дигар тарафаш санаи 2500 нақш ёфта буд, бо ангуштони нозукаш бардошта додан гирифт. Тангаро вазн карда, ба дил гуфтам, ки «ин ба ислоҳ кардани дандонҳои кирмхӯрдаи Верაю модараш басанда аст». Вале дере нагузашта мо-меҳмонони шӯравиро ба сафоратхонаи мамлакати худамон даъват карданд. Як нафар корманди сафоратхона, ки зоҳиран хидматгузори Кумитаи амният буд, пешниҳод кард, ки «ба ин варақ имзо гузошта, сиккаҳоро ба утоқи рақами фалон бурда супоред». Ҳарчанд шунидани он аламовар буд, аз дил гузарондам, ки «хайр, сикка садқаи сар, боре кампал чун армуғони ин сафар бо ман аст». Вале чӣ мегӯяд, ки ходими сафоратхона суханро идома дода, афзуд: «Ҳа, воқеан, кампалҳоро дар фалон утоқ ба корманди хоҷагии мо супоретон».

Тибқи мақоли «Гӯямо, мезанано, нагӯямо, мебарано», туҳфаю армуғонро бо ду дасти адаб бурда супурдему ба манзилҳоямон баргаштем.

Дар дили шаб аз ин ҳикояти булъаҷаби муаллим мо ҳама завқ карда хандидем.

**XXX**

Носирҷон Асадович дар ин дунё дер назистанд. 16 августи соли 1974, бе он ки дард кашанд, дар синни 59, муфоҷан, ин ҷаҳони фониро падруд гуфтанд. Ҳама гумон доштанд, ки дар ин айёми таътили донишҷӯёну рухсатии зиёиёни шаҳр дар пои ҷанозаашон мардуми зиёде гирд намеоянд. Аммо хилофи пиндошти ҳамагон, замин кафиду одам баромад. Ин ҳол далели маҳбубияту дилбастагии беандоза доштани хурду калон буд ба шахсияти ин абармарди илму фарҳанги миллат.

Рӯҳашон шоду манзили охираташон обод бод!

*Абдураҳмони АБДУМАННОН*

# Шарофати бузургон

Аввал ошноӣ, баъд шогирдӣ, сипас, дӯстии хонаводагӣ насибам шуд, ки устоди зиндаёд Носирҷон Маъсумӣ дар ташаккули шахсияти инсонӣ ва илмиву адабии банда нақши носутурданӣ гузоштаанд. Аз устод на танҳо одоби шинухез, рафтору кирдору гуфтор, муносибату муомила бо атрофиёнро ҳатталимкон меомӯхтам ва на танҳо аз дониши фаровонашон дар соҳаҳои гуногуни илми филология баҳраҳо мебурдам, инчунин, аз шарофаташон дар хона, ҷои корашон ва ҷойҳои дигар аз ҳузур ва суҳбатҳои бузургони илму фарҳанги замон баҳравар мешудам.

Рӯи коғаз овардани хотираҳои ҷолибро вобаста ба устод ба фурсату мавриди дигар мавқуф гузошта, ин ҷо аз як шоми файзборе, ки тавассути Носирҷон Асадович ба ҳузуру суҳбати устоди бузургвор Мирзо Турсунзода шарафёб шуда будам, мехоҳам ёдовар шавам.

Дар яке аз рӯзҳои тирамоҳи соли 1971 писари устод Маъсумӣ Фарҳод, ки дар хобгоҳи аспирантони Академияи илмҳои ИҶШС дар шаҳри Москва бо ӯ ҳамутоқ будем, аз куҷое ба хобгоҳ омаду хабар дод, ки устод дар Москва ҳастанд ва дар меҳмонхонаи сафорати Тоҷикистон (кӯчаи Шусев, 13) ҷой гирифтаанд. Сипас, илова намуд, ки падараш таъйин кардаанд, то ман соати 6-и шом наздашон биравам. Баъди андак танаффус боз илова намуд, ки таъкид кардаанд, то ман ҳатман костюм бипӯшам. Сабаб пурсидам, бо табассуми истеҳзоомезе гуфт: «намедонам, шояд ба ресторан ё ба ягон ҷо ба меҳмонӣ раветон, маро даъват накардаанд…»

Каме ҳайрон шудам. Одатан вақте ки устод ба Москва

меомаданд, писаронашон Фарҳоду Фаррух ва маро ба хӯроки нисфирӯзӣ ё хӯроки шом ба яке аз тарабхонаҳо, аксаран ба тарабхонаи Хонаи адибон, даъват мекарданду ҳолпурсӣ ва таъйиноташонро дар сари миз анҷом медоданд. Бинобар ин, аз Фарҳод суол кардам, ки «чаро туву Фаррух намеравед?» Гуфт: «хӯроки якҷояамон фардо нисфирӯзӣ, ту ҳам бояд бошӣ…» Дигар чизе нагуфтаму либосҳоямро пӯшида, ба меҳмонхона раҳсипор шудам…

Вақте ба меҳмонхона расидам, устод омодаи баромадан ва интизори ман буданд. Баъди вохӯриву пурсупос гуфтанд: «рафтем!» Ба куҷо «рафтем», назди кӣ «рафтем», аз ин хусус на он кас чизе гуфтанд ва на ман чизе пурсидам. Вақте ба таксӣ нишастем, устод ба ронанда «ба меҳмонхонаи «Москва!» гуфтанд…

Ҳангоме ки ба меҳмонхонаи «Москва» даромадем, устод, шояд вазъи парешони маро ҳис карда бошанд, гуфтанд, ки «устод Турсунзода дирӯз аз Индонезия баргаштаанд, назди он кас меравем». Изтироби ман бештар шиддат гирифт, забон хоида, узр пеш меовардам, ки рафтани ман ҷоиз нест ва ғайраву ҳоказо. Устод маро гӯё гӯш мекарданд, вале намешуниданд, ниҳоят, бо оҳанги қатъӣ гуфтанд: «Ман ба он кас гуфтаам, ки ҳамроҳи як аспиранти шарқшиносамон меоям, ки дӯсти писари ман аст, гап пухтагӣ…»

Баъдҳо, пас аз хатми аспирантура ва бозгашт ба Душанбе, дарёфтам, ки устод Маъсумӣ аслан ба тӯй ва маъракаву нишастҳо танҳо рафтанро намепазируфтанд, ба бисёр тӯйу нишастҳо маро ҳамроҳ мебурданд ва ман ҳам аввалҳо беҷуръатона, баъдтар бо камоли майл устодро ҳамроҳӣ мекардаму тавассути он кас бисёр одамони маъруфро мешинохтам, аз бисёр масъалаҳои кору рӯзгор огоҳ мешудам, аз суҳбатҳо ва маъракаороии устод баҳраҳо мебурдам…

Он шом ба опортумони устод Мирзо Турсунзода дар меҳмонхонаи «Москва» ҳамроҳи Носирҷон Асадович бо ҳаяҷону изтироби беандоза ворид шудам. Қаблан устод Турсунзо-

даро дар маҷлисҳову вохӯриҳо дида будам. Ҳоло бояд меҳмон ва ҳамсуҳбати эшон мешудам. Мояи ифтихор ва ниҳояти сарфарозӣ буд бароям.

Устод бо чеҳраи кушод ва табассуми малеҳ моро истиқбол карданд, бо муаллим Маъсумӣ оғӯшакӣ вохӯрданд ва ҳардуямонро ба нишастан даъват намуданд. Ҳамроҳи устод як нафари дигар ҳузур дошт, ки низ бо Носирҷон Асадович гарм ҳолпурсӣ кард. Баъд фаҳмидам, ки ӯ Олим Ғафуров – додари Бобоҷон Ғафуров будааст ва он вақт дар вазифаи референти Шӯрои Олии ИҶШС кор мекардааст.

Баъди ҳолпурсии сари дастархон устод Турсунзода ба домулло Маъсумӣ рӯй оварда, ба банда ишоракунон «писарро шинос накардед» гуфтанд. Маъсумӣ «ҳа, гуфта будам-ку, - ба суҳбати телефониашон истинод карданд, - ин ҷавон ҳамон аспиранти шарқшиносамон, дар институти домулло Ғафуров (Институти шарқшиносии АИ ИҶШС-ро аксари мардум он вақтҳо «Институти Ғафуров» мегуфтанд) таҳсил доранд, номашон Абдураҳмон, аз тоҷикони Тошканд, бачаи шуданӣ…» Ман намедонистам изтиробу ҳаяҷонеро, ки вуҷудамро фаро гирифта буд, чи гуна идора кунам, аз ҷой хестам. Устод Турсунзода бо ишораи даст ва табассуми малеҳ маро ба нишастан ҳидоят намуданд. Сипас, аз домулло Маъсумӣ аз навигариҳои Тоҷикистону Душанбе пурсиданд ва ногаҳон ба ман рӯй оварданду «мавзӯи коратон чист?» гуфтанд. Ман, гӯё дар имтиҳон қарор дошта бошам, «анъанаи қасида дар эҷодиёти Маликушшуаро Баҳор», - гуфтам. Устод ба аломати ризоият сар ҷунбонданду гуфтанд: «Баҳор шоир ва олими бузург буд. Як қасидаи «Ҷуғди ҷанг»-аш кофист, ки дар таърихи адабиёт бимонад. Гузашта аз ин, вай тоҷики худамон, аз Хуросон, бисёр мавзӯи хуб, кор кунед, барор мехоҳам…»

Баъд устод Турсунзода назди телефон рафтанду рақами телефони касеро гирифтанд ва пас аз омадани ҷавоб

гуфтанд: «Ленаҷон, Турсунзода ташвиш медиҳад. Барои чор кас хӯроки шом… Албатта, бо газаку шарбату шароб… Ба салоҳдиди Шумо, ташаккур…» Дигар, то омадани пешхизмат устод дар бораи сафарашон ба Индонезия, ҷаласаи мақоми иҷроияи Кумитаи якдилии халқҳои Осиё ва Африка, табиат ва мардуми Индонезия бо таннӣ суҳбат мекарданд. Гоҳ-гоҳ ба суҳбат Носирҷон Асадович бо луқмаҳои пурсишӣ ҳамроҳ мешуданд. Олим Ғафуров ва банда шунаванда будем. Ман ҳамон вақт аз забони устод Турсунзода фаҳмидам, ки Индонезия сернуфустарин кишвари мусулмонист ва ислом дар он ҷо намоишӣ набудааст, зеро ҳадди аксари мусулмонҳои он кишвар аз таассубу хурофоти динӣ орӣ будаанд. Сабаби ин ҳолатро низ устод тақрибан чунин шарҳ доданд, ки ислом дар Индонезия на дар давраи таассуботи динии арабҳо, на бо зӯри шамшер ва на яку якбора, балки баъдтар, тадриҷан дар давоми асрҳои 13-15 ҷорӣ шуда, аз ибтидои қарни 16 то имрӯз дар байни динҳои дигари роиҷ дар ин кишвар тасаллути комил пайдо кардааст.

Суҳбати устодон дар ниҳояти шавқангезӣ ва маърифатбахшӣ идома меёфт. Банда сар то по ҳушу гӯш будам, вале дар як гӯшаи дилам оташи изтироби ташвишангезе хомӯш намешуд, балки ҳар лаҳза сӯзу азобам медод, гумону тахминҳое мушаввашам мекарданд, ки домулло Маъсумӣ маро ба ҳузуру суҳбати ин устоди шариф набояд фақат ба хотири ҳамроҳӣ ва шунидани суҳбат оварда бошанд…

Пас аз чанд лаҳза пешхизматзан бо аробачае пур аз хӯроку хӯришу нӯшокиҳо ворид шуд, дар як он рӯи миз дастархон ороcт ва ба мо иштиҳои хуб таманно карду бадар рафт. Косагули нишаст устод Маъсумӣ буданд. Тақрибан ду – дуюним соат бо суҳбати ширину шеърхонӣ сипарӣ шуд. Наздики соати 11-и шаб занги телефон садо дод, аз тарабхона занг мезаданд. Устод Турсунзода гӯшаки телефонро бардоштанду «маъзарат, биёед, марҳамат…» гуфтанд. Баъ-

ди лаҳзае ҳамон хонуми пешхизмат ҳозир шуд ва табассумкунон «хайр, ҳисобӣ мекунем?» гуфт. Ӯ, аз афташ, ҳисобу китобашро пешакӣ омода карда буд. Устод Турсунзода ба назди ҷевон рафтанд ва аз кисаи дарунии пиҷакашон як дастаи нави 25-сӯмаро бароварда рӯи аробачаи хонум гузоштанду гуфтанд: «аз ин ҷо гиред». Напурсиданд, ки чанд сӯм шуд. Хонум ҳам се коғази 25-сӯмаро гирифту «ташаккур» гӯён рафтанӣ буд, ки устод ӯро боздоштанд: «Ленаҷон, сабр кунед» ва назди аробача рафта дастаи пулро бардоштанду 2 дона 25-сӯмаро ҷудо карда ба хонум дароз намуданд: «Леначон, инаш ҳаққи хизмат не, балки ҳаққи табассуми зебои Шумост». Хонум бо ноз пулро аз дасти устод гирифт ва ташаккургӯёну ишвакунон бадар шуд. Ин рафтори устодро баъдан чун мисоли ҷавонмардӣ ва саховати ӯ дар нишасту маҳфилҳо борҳо ҳикоят кардаам. Охир, он замон 50 сӯм баробари 80 доллар буд, ки маблағи калон ҳисоб мешуд.

Вақте ки устод Турсунзода баъди гусели хонум баргашта ба сари миз нишастанд, домулло Маъсумӣ як ба соати дастиашон нигаристанду «оҳо, соат аз 11 гузаштааст-ку» гуфтанд ва ба устод рӯй оварда илова карданд: «Ман ба мулло (яъне ман) аз он хусус чизе нагуфтаам, беҳтараш худатон мегуфтед…»

Ман, ки аз муддао аслан хабар надоштам, аз дил гузаронидам, ки «омад ба сарам аз он чӣ метарсидам». Лекин масъала тамоман ранги дигар гирифт. Устод Турсунзода андак сукут карданд, аз рӯи одат холи рӯи лабашонро хориданд, сипас, ба ман рӯй оварданду гуфтанд: «Носирҷон Асадович мегӯянд, ки шумо забони русиро хуб медонед, шеърфаҳмиатонро низ таъриф карданд. Мутаассифона, дар мо чунин шудааст, ки русидонҳо шеърро дуруст намефаҳманд, онҳое, ки шеъри тоҷикиро хуб мефаҳманд, русиро хуб намедонанд. Бинобар ин, дар тарҷумаи таҳтулафзи шеъри тоҷикӣ, хусусан, шеъри классикон, як вазъияти хеле мураккаб ба миён омадааст. Ман имрӯз

дар Иттифоқи нависандагон будам, бо директорони нашриётҳои «Художественная литература» ва «Советский писатель» суҳбат доштам. Дар суҳбатамон Шавкат Ниёзӣ ҳам буд. Агар шумо тарҷумаи таҳтуллафзи шеъри классикону шоирони муосирро ба уҳда гиред, бад намешуд. Барои худатон ҳам аз манфиат холӣ нахоҳад буд. То фардо фикр кунед, агар розӣ шавед, ба Иттифоқи нависандагон назди Шавкатҷон равед, дар дасти он кас достони «Роҳи нури офтоб»-и ману Раҳимзода ҳаст. Машқи сартароширо аз сари мо шурӯъ кунед (хандиданд). Ана, пешниҳоди ман ҳамин буд…»

Аз рӯи одати хоксории тоҷикӣ ман ба маънии «метавониста бошам?» ким-чиҳо гуфтанӣ будам, ки домулло Маъсумӣ ба ҷои ман «агар ҷиддан кӯшиш кунед, метавонед» гуфтанд. Бо ҳамин суҳбат хотима ёфт.

Он вақт ман намедонистам, ки дар доираҳои «боло» мишмиши гӯё ба сионизм пайвастани як гурӯҳ тарҷумонҳои яҳудиасли шеъри мо шурӯъ шуда, пас аз чанд вақт чопи тарҷумаҳои онҳо мамнуъ мегардад. Баъдан, ба мо лозим шуда буд, ки тамоми осори аз адабиёти тоҷику форс (аз Рӯдакӣ то Мӯъмин Қаноат) тарҷумакардаи масалан, С.Липкинро аз нав ба забони русӣ ба тариқи таҳтуллафз баргардонем, то ки шоирони дигар онҳоро дигарбора тарҷума бикунанд.

Фардои он шом ман ба Иттифоқи нависандагон ба назди Шавкат Ниёзӣ рафта, аз он кас маслиҳатҳои хеле муфид шунидам ва матни достони «Роҳи нури офтоб»-ро гирифта, ба тарҷумаи он шурӯъ намудам. Аз ҳамон вақт ҳамкориам бо нашриёту нашрияҳои адабии Москва оғоз шуда, баъдан ин ҳамкорӣ бароям як мактаби муҳим ва барои рӯзгорам як манбаъи даромад гардид. Шарофати Носирҷон Асадович Маъсумӣ буд, ки мани як аспирант ба дидору суҳбати устоди бузургвор Мирзо Турсунзода мушарраф шуда, аз ин ду шахсияти барҷастаи адабиёту фарҳангамон дар кори тарҷума фотеҳа гирифтам.

Ёдашон ба хайр.

**Усмон НАЗИР**

# Покмарди андешасанҷ

*Пешӣ он танро расад, к-аз илм бошад пешдаст,*
*Сарварӣ онро расад, к-аз ақл бошад пойдор.*

*Ҳаким Саноӣ*

Замини мардпарвари Тоҷикистон бисёр олимону адибони шӯҳратёрро ба майдони набарди сухан оварда, ки ба забон гирифтани номашон боиси ифтихор аст. Аз зумраи он касоне, ки метавон гулшани афкорашро пок аз хасу хошок ва ҳар офаридаашро барги гули идрок номид, устоди бузургвор Носирҷон Маъсумӣ (02. 05. 1915 деҳаи Қаратоғи ноҳияи Ҳисор – 16. 08. 1974, Душанбе) буданд. Мурғи дилашон аз чамани диёр ба каронаҳо беинтиҳо парвоз карда. Бо ҳама чун хок ва об дар ҳама ҳол роҳатрасон буданд.

Сафҳаи рӯзгори устод Носирҷон Маъсумӣ сарнавишти хотирмони аҳли илму адаб аст. Ҳар чи доштанд, сарфи аҳли диёр карданд, бо чароғи ақлу хирад кошонаи ташнагони илму фарҳангу адабро мунаввар намуданд.

Инсони покгавҳар, олими домани андешаашон сабз, шоири ширингуфтор, марди маҷлисоро, ҳабиби дилу ҷон, хоксортарини хоксорон, аҳли дард, муаллим, омӯзгору устод, Ходими хизматнишондодаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи илмҳои ҷумҳурӣ Носирҷон Маъсумӣ баҳри инкишофи илму адаб, тарбияи кадрҳои илмиву педагогӣ бедареғ ҳамаи кори аз дасташон меомадаро кардаанд.

Фаъолияти адабии Маъсумӣ аз соли 1935 ҳамчун шоир оғоз ёфт. Чопи мақолаҳои илмиашон дар матбуот аз соли 1946 сар шуд. Дар байни аҳли илм ҳамчун адабиётшиносу мунаққид, забоншиносу услубшиноси эътирофшуда шӯҳра-

тёр гаштанд. Муаллифи аввалини китоби дарсии «Фолклори тоҷик» барои мактабҳои олӣ (1952), «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» (1957), мебошанд. Саҳмгузор ва муҳаққиқи тозагӯӣ ва навовари таърихи адабиёти классики тоҷик буданд. Асарҳои он кас «Адабиёти тоҷик дар асри ХУ111 ва нимаи аввали асри Х1Х» (1962), «Туғрал ва муҳити адабии ӯ « (1964), «Забон ва услубҳои Аҳмади Дониш» (1976) бозёфти тозаи илмианд. Дар асарҳои фавқуззикр хусусиятҳои муҳим, равишҳои асосии пешқадаму дурбинонаи адабиёти асри ХУ111 ва аввали асри ХХ, масоили бисёр мураккаб, аз ҷумла, ҷараёни зиндагӣ ва эҷодиёти адибони ин давра, бахусус, забон ва услуби Аҳмади Дониш вобаста ба ҷараёни адабии давр, мавзӯъ ва ғояи асарҳои ӯ ҳамчун воқеаи ҷамъиятӣ заррабинона тадқиқ гаштаанд.

Устод Маъсумӣ яке аз кашшофони ҳассосу тавоно ва борикбини забони тоҷикӣ буданд. Ин шахси камназир муаллифи «Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ» (1949), яке аз муаллимони «Забони адабии ҳозираи тоҷик» (1972), китоби дарсӣ ва хрестоматияи «Адабиёти советӣ» барои синфи Х, аз соли 1952 то солҳои охир, бо ҳамқаламии Х.Мирзозода ва Ю. Бобоев, «Усули таълими адабӣ», (1947, 1960) ва ғайра низ мебошанд.Ҷовидонкитобе, ки онро метавон чароғи рӯимизии ҳар шахси бомаърифат ҳисобид, «Фарҳанги забони тоҷикӣ» иборат аз 2 ҷилд (1969) бо роҳбарӣ ва иштироки фаъолонаву меҳрбори он кас чоп шуда.

Маъсумӣ мураттиб ва муҳаррири бисёр маҷмӯаҳои шоирони тоҷик буда, ба бисёр адибон дар роҳи сангини эҷод дуои хайр додаанд.

Овози муаллим Маъсумӣ дар беруни кишвар ҳам шунида мешавад. Он касро метавон мунодии сулҳ, дӯстӣ, пайвандгари дилҳову адабиётҳо ҳисобид. Аз забонашон, аз шеърашон шаҳд меборид.

Касе нест, ки Маъсумиро ба некӣ ёд наоварад. Чандин ашхосро ба пояи илмӣ расонида буданд. Зикри хайрашон вирди забонҳост, зеро бузургмарди сабзандеш – андешагул буданд. Худро бисёр хушиқбол меҳисобам, ки ҳини таҳсил дар аспирантураи Институти омӯзгории Душанбе шогирди он абармарди наҷиби илму адабу фарҳанг будам.

Зиндагинома ва мактаби илмии Маъсумӣ шоистаи тадқиқу омӯзишу пайгирист. Агар аз қалами ман сатри сазоворе нисбат ба устоди азизу ғамхор Носирҷон Маъсумӣ таровида бошад, натиҷаи дуои сафобахши он марди ҳалиму хоксору ҷовидонхирад аст.

*Наримон АБДУЛЛОЗОДА*

# Арзиши як эрод

*Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,*
*Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.*

*Ҷалолиддини Румӣ*

Соли 1969 Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик таъсис ёфту камина дар Шуъбаи физика, математика ва техника муҳаррири калони илмӣ будам ва ҳамроҳи беҳтарин намояндагони аҳли илму адаб дар адои ин кори пурифтихор ширкат доштам. Аввалин ҷонишини сармуҳаррири ЭСТ ҳайати ҳамкорони моро «фидоиёни қомуснигор» меномиданд. Фикру зикри ҳамаи мо берун аз вақти кор ҳам ба ҷустуҷӯву дарёфтани моддаҳои луғавӣ, иҷолатан омӯхтан ва ба қайд гирифтани муҳимтарин манбаъҳои таърихӣ, фароҳам овардани маводи феҳристи ашхоси маъруфу машҳури асрҳои миёнаи Осиёи Сағир, мафҳуму истилоҳоти умдаи соҳаҳои илм ҷалб шуда буд. Барои мо, ҷавонон, ҳамроҳи устодони каломи бадеъ-Нодир Шанбезода, Муҳиддин Фарҳат, Фазлиддин Муҳаммадиев шахсони фозилу донишманд Иброҳим Раҳматов, Мастибек Раҷаббеков, Ашӯр Ҳалимов дар як ҷода кор кардан худ як мояи ифтихоре буд.

Сарредаксия дар як муддати кӯтоҳ луғатномаҳои соҳавиро тартиб дода, баъди муҳокимаи васеъ як – як ба табъ мерасонд. Шуъбаву бахшҳои соҳавӣ аз рӯи ҳамин луғатномаҳо ба тайёр кардани мақолаҳои ҷилди якум мепардохтанд.

Ман таҳияи мақолаҳои соҳаи риёзиёт (математика) ва нуҷум (астрономия)-ро ба уҳда доштам. Даставвал ба таҳ-

лили мақолаҳои ашхос шурӯъ кардем. Маҷмӯи мақолаҳои ашхоси ҳарфи А баъди гузаштан аз мароҳили назорати илмӣ (мудираш Нусур Холмуҳаммадов) ва назорати адабӣ (мудираш Муҳиддин Фарҳат) ҷамъ оварда, ба хониши муштарак омода гардид.

Баҳори соли 1971 наздик меомад. Бӯи муаттари гулу сабзаҳои навхез пайваста ба машом мерасид. Қомуснигорон зимни расму ойинҳои ниёгон, вале бо мазмуну мароми нав ба пешвози иди нав – рӯзи оламафрӯз тайёрӣ медиданд. Дар ду базми наврӯзии гузашта устод Носирҷон Маъсумӣ меҳмони олиқадри мо гардида, бо суханронию хушхонӣ нишастамонро нур боронида буданд. Он кас ҳафтае як – ду маротиба ба назди роҳбарони ЭСТ – Абдуқодир Маниёзов ва Иброҳим Раҳматов омада, аз рафти кори энсиклопедия огоҳ мешуданд ва баъзе маслиҳатҳо медоданд.

Дар ҳамин айёми наврӯзӣ бастаи мақолаҳои ашхос дар даст ба утоқи ҷонишини сармуҳаррир дохил шудам, ки се тан – Носирҷон Маъсумӣ, Иброҳим Раҳматов ва Абдуқодир Маниёзов суҳбат доштанд. (Зимни фармудаи роҳбарияти ЭСТ мо ҳақ доштем бидуни ягон маъталӣ ба назди онҳо даромада, масъалаи марбутаи худро ҳал кунем). Банда баъди ба ҷо овардани одоби муоширaт бастаҳоро ба Иброҳим Раҳматов дароз карда, гуфтам:

- Марҳамат, мақолаҳои ашхоси таърихиро аз Шуъбаи мо хонданӣ будед, овардам.

- Абӯрайҳони Берунӣ, Абулаббоси Найрезӣ, Абулвафои Бузҷонӣ…, - бастаро кушода бо овози баланд хонда, феҳристи ашхосро аз назар гузаронданд Иброҳим Раҳматов. – Майлаш, монда равед, мехонам.

Ақиб гашта, ба дари утоқ наздик шуда будам, ки «рафиқ Абдуллоев!» гуфтани устод Маъсумӣ маро боздошт.

- Ин ҷо номи яке аз мақолаҳо Абулвафои Бузҷонӣ будааст дурустии ин номро аз манбаъҳои таърихӣ (махсусан, аз

манбаъҳои эронӣ) боз як санҷида бинед, зеро номи чунин як мунаҷҷими риёзидони асри даҳум аз решаи «буз» нисбат гирифтанаш шубҳаомез менамояд, - луқма доданд устод.

- Дар Энсиклопедияи калони советӣ, дар Энсиклопедияи советии ӯзбек, дар рисолаҳои муҳаққиқони таърихи илм Б.А.-Розенфолд, Г.П.Матвиевская ва Гадойбой Собиров ин шахс бо ҳамин ном зикр ёфтааст, - гуфтам дар ҷавоб.

- Бо вуҷуди ин, - исрор намуданд Маъсумӣ. – Боз як бори дигар тафтиш лозим. Алалхусус, масоили таърихи ниёгонамон ҳушёрию эҳтиёткорӣ мехоҳад. Ба қавли Фирдавсӣ:

Далеру хирадманду ҳушёр бош,
Ба нос андарун сахт бедор бош.

Эроди он касро ба асос гирифта, ваъда додам, ки албатта, инро санҷида мебинам.

Он вақт дар Саридораи ЭСТ Азизӣ – Машкин ном як рафиқи эрониамон кор мекард ва аз «Луғати Деҳхудо», ки 170 ҷилди он дастраси қомуснигорон буд, мавод ҷамъ оварданд. Масъаларо ба ӯ арз намудам, то ҳакам шавад. Пас, ӯ аз «Луғати Деҳхудо» боби «ба» - ро кушода вожаи Бузаҷонро дарёфт ва хонд: ба заммаи аввал ва фатҳаи сонӣ, яъне Бузаҷон шаҳрест дар наздикии Исфаҳон. Масъала ҳал шуд. Маълум гардид, ки Абулвафо дар ин шаҳр кор ва эҷод карда, номи онро нисбаи худ қарор дода будааст.

Маъсумӣ ҳақ бароманд, эътиқодам ба эшон як бар сад афзуд. Он эроди бамавриди устод, ки қомуси миллатро аз як хатои маҳз саривақт эмин дошт, дар хотирам сахт нақш бастааст. Акнун ҳар гоҳ қомуси тоҷикро варақ зада, дар Тоҷикистон ягона маъхази боэътимодро мебинам, ки дар он номи ин алломаи асри – миёнагии форсу тоҷик дурусту саҳеҳ сабт ёфтааст.

Солҳои шастум, дар айёме, ки дар факултаи физика ва математикаи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе таҳ-

сил доштам, баҳоҳои бисёр донишҷӯёни филологиро мешунидам, ки пиромуни санъати дарсгӯӣ ва фазилатҳои олии инсонии устод Носирҷон Маъсумӣ сухан меронданд. Сонитар фаҳмидам: онҳо доништалабони хуштолеъ будаанд, ки аз чунин устоди сахтгиру дақиқназар таълим гирифтаанд ва аз гуфтору рафтори ӯ ҳақиқати зиндагӣ дарёфтаанд. Шодам, ки як зарраи чунин ҳақиқатнигории он кас ба ман ҳам суд шуда буд. Эй кош, андешаву эроди ҳар муҳаққиқи фарҳанги мо мисли он луқмаи аллома Масъумӣ арзишу қимате медошт!

*Шоҳзамон РАҲМОНОВ*

# Мулоҳизаҳо дар атрофи шеъру достонҳои Носирҷон Маъсумӣ

*Бо қалам, бо фикру меҳнат аз сари сидқу вафо*
*Пеш рафтан дам ба дам фатҳи намоёни ман аст.*
*Носирҷон Маъсумӣ*

Носирҷон Маъсумӣ ибтидои фаъолияти эҷодии худро бо шеър оғоз карда, то вопасин лаҳзаҳои умр аз шеър ҷудо нашуда, онро ҳамчун як воситаи эҳсосоти гарму нарм ва латифи инсонӣ, падидаи маъниҳои амиқ ва бикр, фалсафа ва фаросоти баланди одамӣ дар вуҷуди худ парвариш ва эҳтиёт менамуд. Шеър барои Носирҷон Маъсумӣ чароғи аклу хирад, фурӯзонандаи маъниҳои амиқи ноаён, офтоби саодат ва ҳушбахтию пирӯзиҳои мардум ба шумор мерафт. Вай дар оғозгоҳи фаъолият ба шеър ончунон ҳавасманд шуда, онро мунису ҳабиби худ қабул намуд, ки ҳама гуна афкору андешаҳояшро бо шеър ифода карда тавонист. Шеър барояш пайғомгоҳ, муждарасони олами маъниҳои асил шуд. Аз ин рӯ, Маъсумӣ шеърро дар ҷавонӣ маҳаки маънӣ, ҷавҳари ҳастӣ, нишонии умр қабул карда, ба он аз сари сидқу вафо ва ихлосу эътимод пайваст ва то он дам, ки умр вафогӣ дошт, бо вай мушфиқу меҳрубон боқӣ монд. Ҳарчанд ки баъдҳо дар фаъолияти эҷодиаш илм худафрӯзӣ кард, сардори идораҳои илмии давлатию Ҳукумати ҷумҳурӣ шуд, боз ҳам шеър ба мадад омад, гоҳ он оташе мешуд, ки фикру андешаҳо, масъалагузориҳои сиёсию иҷтимоиро мунаввар

менамуд, сабаби пазонида шудани як микдор масъалаҳои калони илмию сиёсӣ ва иҷтимоии давлатӣ мегардид.

Носирҷон Маъсумӣ аз миёнаи солҳои сиюм то миёнаи солҳои панҷоҳум, ҳатто то охирҳои ин даҳсола ба шеъру достон зиёд мутаваҷҷеҳ гардида, дар баробари таҳсил дар донишгоҳҳо, устоди омӯзишгоҳу Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ, устоди мактаби ҳизбии давлатӣ, мудири кафедраҳои забон, адабиёти тоҷик, таҳияи барномаву китобҳои дарсии мактабҳои умумию олии касбӣ, навиштани рисолаву мақолаҳои илмӣ, илмии методӣ пайваста ба эҷодиёти манзум машғул шуд. Ӯ дар шеъру достонҳои эҷодкардааш муваффақият ва дастовардҳои нави ҳаётӣ, корномаҳои меҳнатӣ, фидокориҳои аскарони тоҷик, раҳои аз банди ҷаҳолат, пешрафти илму маориф, озодии занон аз хурофоту таассуб ва фаранҷӣ, пешрафт гирифтани илму техника, пайдо шудан ва рушд кардани иншоотҳои нави меҳнатию ҷомеӣ ва монанди инҳоро ситоиш карда, шавқу рағбати ҳонандагонро ба ҳаёти навини ҷомеӣ афзун менамуд, эҳтиросоти фарзандони тоҷикро бар зидди ҳама гуна душманони синфӣ, алалхусус фашизм, шуълавар мегардонид. Шоир шеърҳое гуфтан мехост, ки ҳақиқатпарвар, димоғовар, нашъатбахш бошанд, орзую ормонҳои садсолаҳо дар дил нуҳуфтаи миллӣ ва акнун амалӣ шудаистодаро пурратар фаро гиранд. Ӯ аз худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ башорат медод, ҳаётдӯстию ватанпарвариро ҷавҳари эҷодиёти ҳуд мсдонист. Мазияти шеърро дар сатҳи ҳамқаторони худ М.Турсунзода, Ҳ. Юсуфӣ, А.Деҳотӣ, М.Миршакар, Б.Раҳимзода ва дигарон нигоҳ медошт, дар лирикаи ишқӣ дар ҳамон солҳо гоҳ аз баъзеашон беҳтару самимитар шеър менавишт.

Дар он айём агар Ҳ. Юсуфӣ «Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам» гуфта, аз хубиву ҷилваҳои нави ин диёр бо шавқ ва ҷӯшу хурӯш ҳикоят кунад, Н. Маъсумӣ ишқи ҳақиқии анъанавӣ, ишқи пандомӯзӣ нисбати занону духтаронро дар шеър

ҷой дода, ба ин минвол дар дил ва ақлу шуурашон навиҳо аз илму техника, маърифати ҳозиразамон, тағйир ёфтани анъана, сифатҳои нав гирифтани урфу одатҳои миллӣ, хусусан ниқоб аз сар партофтан, ба меҳнату муҷодала гузаштанашонро дам ба дам тавсия таъкид ва талқин менамуд.

Ишқ аввалин нафаси гарм, нахустин катра аз дарёи муҳаббат ва парвариши сухан дар эҷодиёти Носирҷон Маъсумӣ мебошад. Мазмуни ишқӣ саргаҳи ҳамаи дигар мавзӯҳои ӯст. Шоир дар ин гуна тасвир ҳарчанд, ки аз ниёгони худ тамоман дур набуд, аммо ҳатталимкон кӯшиш менамуд, ки самимияти сухан, зарофати маъниро дар навиштаҳои ишқии ҳуд нигаҳ дорад, гармию нармӣ ва нафосати мавзӯи ҳозиразамонро ҳифз намояд. Ҷиҳати махсус дар шеърҳои ишқии Носирҷон Маъсумӣ, ба фикри мо, дар он зуҳур мекард, ки тавсифу тараннум дар мадди аввал гузашта, образҳои зану табиатро ба ҳам омехта, ба ин роҳ дили хонандагонро ба ҳамзамонон мутамойил ва ҷалб кардан мехост. Шоир занону духтаронро васфу ситоиш карда истода, аз ҳусну андоми дилангезашон мисол оварда, дар замони ҳозира ба кадом мақом соҳиб шуданашонро гӯшзад намуда, бо тарбия ва фаҳмонида додани хубиҳои замон ба сӯи ҷаҳони нави мутамаддин ҳидоят ва талқин менамуд. Ишқ дар эҷодиёти шоир боз мазмуни васеътареро фаро мегирифт, ишқи нисбат ба воқеият, меҳнат, рушд гирифтани ҳаёту зиндагӣ, илму техника ва пешрафти маънавии фарзандони ҷомеиро ҳам фаро мегирифт. Ин мавзӯҳои ишқии баҳамомехта дар солҳои бистуму сиюм ва хусусан дар эҷодиёти шоирони ҷавон аз ҷумла дар навиштаҳои Н.Маъсумӣ ҷилваҳои нави воқеию маънавӣ касб менамуданд.

Шеърҳои «Ту ҳам машҳури дунёӣ», «Ошиқам», «Дӯстдорат гаштаам», «Духтари боғи баҳор», «Ба дилбарам» ва монанди инҳо ҳанӯз ишқпарвар, дилангезу таъсирбахш хонда мешаванд. Чунончи:

*То намоён шуд ҷамолу қомати дилҷӯи ту,*
*Шуд аз ин моҳи фалак шарманда пеши рӯи ту.*
*Ин чӣ рӯю ин чӣ чашму ин чӣ мӯю ин кӣ шуд.*
*Ақл ҳайрон, дида рахшон, дил ба банди мӯи ту.*

Н. Маъсумӣ як миқдор шеърҳои хурд дорад, ки аз байтҳои алоҳида, рубоиву дубайтӣ, китъаҳои чаҳормисраӣ рӯидаанд, шоир ҳамаи онҳоро дар фасли алоҳида «Мағзҳо» номидааст, суханҳои зиёдатӣ надошта, маънӣ бе ҳеҷ гуна пардоз зебову таъсирбахш ифода шудаанд, ширину лазиз буда, барои ёрони дилрабо навишта шуда, бо кайфияту тароват чашидан мумкин аст:

*Баро аз зери абр, эй моҳпора,*
*Намо дунёи равшанро назора.*
*Зи ҳусни дилрабоят сер гардад,*
*Замину осмони пурситора.*

Байтҳо ҳамчунон агарчи хурд мебошанд, пурмаънӣ ва тароватбахш ифода гардидаанд:

*Рафтиву як нигаҳе сӯи мани зор нашуд.*
*Чашми ман сер аз он қомату рафтор нашуд...*

Носирҷон Маъсумӣ, бинобар ин, ҳам дар шеърҳои лирикии ишқию иҷтимоӣ ба образи занону духтарон зиёд таваҷҷуҳ карда, дар баробари ҳусну андом боз бештар аз фаъолияти меҳнатии гулдухтарон сухан мегуфт. Онҳоро дар атрофи дастгоҳҳои техникию иншоотҳои меҳнатии давлатӣ фаъол ба тасвир меовард:

*Доимо кор мекунам дар назди мошин ҳамчу шер,*
*Мошин - ин ёрам бувад, дастгоҳ - саркори ман аст.*

Шоир духтари миллии тоҷикро аз саргаҳи ҳаёти нав шоду пирӯз ва дар меҳнат беназир ба тасвир мегирифт, ӯро нури чашми ҳалқ, маҳбуби Ватану ифтихори мардум қайд менамуд, ҳамчун раиси колхоз, депутати Маҷлиси Олӣ, раҳбари идораҳои бонуфузи давлатӣ, аз минбари кунгураҳои сулҳ баромад карданашонро бо иштиёқ ва муҳаббат қайд мена-

муд. Шоир ҳавасманд буд, ки ба ин восита дунёро обод намояд, пешравию дастовардҳо насибашон шавад, Ватани паҳновар мисли бустон шукуфон гардад.

Ватан дар назари шоир диёрӣ паҳновар, сабзу хуррам, кишвари рӯ ба тараққӣ ниҳодааст. Қаҳрамони лирикӣ дар шеърҳои «Панҷакент», «Тоҷикистон», «СССР», «Москва-ҷон» ва ғайра ин Ватанро боғи умед, гулистон, чашмаи ширинтар аз ҷон, модари меҳрубону бахти дурахшон номида, аз душман эҳтиёт карданашро вазифаи муқаддаси худ ва ҳар фарди ҷомеа медонист. Ӯ ба ин образ гаштаю баргашта муроҷиат карда, силсилашеърҳо навишта, онро хонаи бахту саодати ҷовидонӣ, қалъаи пурзӯру бошукӯҳ тавсиф менамуд, намемонд, ки ҳеҷ душман бо вай рӯ ба рӯ шавад:

*Қасди мулки ман кунад ҳар душмани зишти палид,*
*Дафъи душман, ҳифзи гулшан кори шоёни ман аст.*
*Хизмати ҳар софдил баҳри Ватан бошад шараф,*
*Мекунам хизмат ба ҷон, - ин аҳду паймони ман аст.*

Устод дар шеърҳои ба ин мавзӯъ бахшида аз муҳаббату садоқати фарзандони далер қиссаҳо оварда, корномаҳои меҳнатию ҷангиашонро нишон дода, боз бештар ба фаъолият меандохт. Барои шиддатнок кардан, тезутунд оварда-ни муносибат ҷониби душманро гоҳ бо ҳақорату дашномҳои нокас, нобакор, бадкирдор, дузд, саги ғаддор, гурги одам-хор, Заҳҳок ва ҳоказо монанд карда, ҷанговарони шуҷоат-манди тоҷикро чун Рустами шермард инъикос менамуд, ки он солҳо дар адабиёт ба ҳукми анъана гузашта буд. Таҳқири душман, бад карда нишон доданаш, бо чашми ғазабу нафрат, интиқом нигоҳ кардан ба фашизм ҳисси адовату бадбиниро нисбаташон боз бештар меафзуд. Ҷанговаронро барои зуд нобуд кардани мори заҳрнок, деви бадҳайбат, хасми нави ҷонгудоз ба фаъолият медаровард. Ӯ аз дастовардҳои ғолибият эҳсосоти шодмонӣ изҳор карда, рӯҳияи халқи ғолибро нишон дода, ҷавононро аз сари нав ба кори

барқароркунӣ, шикастурехти солҳои ҷанг даъват намуд. Акнун фатҳу зафарро дар майдонҳои меҳнат, саҳроҳои колхозӣ идома додан зарур шуд.

Шоир ҳамчунон ҳонандагонро аз нав ба хондани китоб, омӯхтани илму дониш ҳавасманд менамуд. Зеро барои тараққӣ додани истеҳсолот, рушд кунонидани ҳаёту меҳнат боз хондан, бо китобу илму дониш будан зарур шуд. Устод, ҳамин минвол, дар пешрафти илму маориф, маърифат нағз ҳиссагузорӣ кард.

Н.Маъсумӣ як миқдор шеърҳояшро ба устодону рафиқон ва дигар шахсони адабӣ, ки ба мавриде зодрӯз ё ҷашну тантана доштанд, ба С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, М.Миршакар. Б.Раҳимзода, М. Воқифи озарӣ ва дигарон аз рӯи эҳтиром ва лутф тақдим доштааст, кӯшиш менамояд, ки симои адабию чеҳраҳои дурахшони инсониашонро ба мардум вонамояд. Ин шахси фозилу донишманд ба мардум меҳрубон буд, ба ҳар касе чизе навиштанӣ ё гуфтанӣ шавад, аз таҳти дил ва бо муҳаббату садоқат мегуфт, ҳамеша лутфу зарофатро дар мадди аввал мегузошт.

Мо дар китоби «Маҷмӯаи ашъор» (1988) аз байтҳои парокранда (21 адад) то достонҳо (6 адад) ҳамчунин бо навъу жанрҳои гуногун: рубоӣ, дубайти ва қитъаҳо (мағзҳо - 48 адад), шеърҳои лирикии ишқӣ (15 адад), шеърҳои лирикии иҷтимоӣ (38 адад), шеърҳои ба шахсҳои алоҳида бахшидашуда (10 адад) - ҷамъ 1500 байт бешу кам ба мушоҳида гирифтем. Вале агар маълумотномаи шарҳиҳолии «Адибони Тоҷикистон» (Ирфон, 1966), «Писатели Таджикистана» (Ирфон, 1976)-ро дар бораи ҳолномаи Носирҷон Маъсумӣ ба инобат бигирем, баъзе достон ва як миқдор шеърҳо, ки худи устод дар замони ҳаёт буданаш дар ин китобҳо қайд кардааст, аз «Маҷмӯаи ашъор» берун мондаанд. Ва шояд дар бойгонии Носирҷон Маъсумӣ аз ин гуна асарҳо хеле зиёд нигаҳ дошта мешаванд. Бинобар ин ҳам, дар саргаҳи

ин китоб як сарсухане, ки аз ҳусну қубҳи маҷмӯа, сабабҳои фаро гирифтан ё нагирифтани бисёр шеъру достон, таҳриру таҷдид, солҳои таълифашон ва ҳоказо сухан гуфтан зарур буд.

Жанру навъҳои гуногун, ки дар маҷмӯа оварда шудаанд. Байтҳо, рубоиву дубайтӣ, қитъа. ғазал, мусаммат (мурабба, мухаммас, мусаддас), таркиббанду тарҷеъбанд, маснавӣ ва достонҳои нави замонӣ дунёи манзуми маънавиашро гуногунрангу пурмуҳтаво фарогир шудаанд. Ғазал беш аз ҳафтод фоизи маҷмӯаро ташкил медиҳад. Шоир дар ин жанр кӯшиш кардааст, ки мазмунҳои нави замонро ифода кунад. Мавзӯҳои ишқии тавсифӣ фаъолияти меҳнатӣ, рушди илму фарҳанг, мактабу маориф, фаъолияти ҷангии ҷавонписарони тоҷик дар ҷанги фашизм асоси ғазалу эҷодиёти манзуми Носирҷон Маъсумиро ташкил кардаанд. Баъзе шеърҳо ба монанди «Ҳайкали назм», «Ба мактаббачагони Ватанам», «Дар колхози ғаллакор», «Кору роҳи сулҳ бардавом аст», «Деҳаи обод», «Халқи эҷодкор» оҳанги манзумаи публисистӣ гирифтаанд. Таъсири назми классикӣ (бештар Ҳилолӣ) ва шоирони ҳамзамон (Айниву Лоҳутӣ, Турсунзода)-ро дар мазмуни эҷодиёташ пай бурдан душвор мест. Носирҷон Маъсумӣ дар рушд гирифтани назми хурди лирикии солҳои чиҳилуму панҷоҳуми асри бистум саҳми муносиб ва арзанда дорад.

Носирҷон Маъсумӣ дар жанри достон зиёд ва гаштаю баргашта қувваозмоӣ кардааст. Ӯ достонҳои «Мамлакат» (БАС. 1936), «Баҳодурнома» (1944), «Қиссаи мулки Саодат» («Достони мулки Саодат», 1944), «Тантанаи озодӣ» (1945), «Марги душман»-ро навиштааст. То қарибиҳо аз достонҳои ин шоир ва умуман эҷодиёти манзуми устод Маъсумӣ кам маълумот доштем. Эҷодиёти манзуми Н.Маъсумӣ омӯхта ва ҷамъоварӣ нашуда буд. Ба муносибати 70-солагӣ аз ҷониби ҳамсари шоир Вера Осмакова-Маъсумӣ ва Хосият Вали-

хочаева ин кори хайр анҷом пазируфт. Ҳоло осори манзуми устод Маъсумӣ таҳқиқ ва баррасӣ дида, аз нав таҳия ва тадвин карда мешавад.

Агар достони «Мамлакат»-ро, ки ба фаъолияти пахтачиндухтари ҳисорӣ бахшида шудааст, истисно кунем, дигар ҳамаи асарҳои манзуми эпикии устод Маъсумӣ ба мавзӯи ҷанги зидди фашизм навишта шудаанд. Шоир дар он солҳо ба ҷуз шеърҳои хурд дар эҷод гардидани асарҳои мукаммали панорамаи ҷангӣ диққат намуда, ба ин восита дар чашмони ҳонандагон саҳнаҳои калони ҳунармандию размандагӣ ва мардонагии фарзандони тоҷикро дар майдони ҷанг нишон додан ё эҳсосоти тезу тунди нисбати Гитлер ва урдуи истилогарони олмонро бар тамоми мардуми ҷаҳон фаҳмонидан мехост. Бинобар ин ҳам, шеърҳои калони эпикӣ ё ҳамосаҳои хурд-хурди эҳтироспарвар асоси эҷодиёти ӯро фарогир мешуд.

Н.Маъсумӣ дар достонҳои худ хусуиятҳои эҳтиросию публисистиро ба ҳам оварда, парвариш намуда, аз махсусиятҳои лирика фаровон кор бурда, синтези лирикию эпикӣ ба кор андохта, як услуби махсус ҳувайдо менамуд, ки сухан ва маъниҳои гуфташавандаро ба ин тарика ба дил ва ақлу шуури хонанда зуд ва таъсирбахш бирасонад. Ба ҷуз «Марги душман» дигар ҳамаи достонҳояш чунин хосият доранд. Мо дар достонҳо сужаҳои мукаммалро намебинем, танҳо фикру андешаҳои зарбазан, таассуроту таҳайюлоти нишонрас, қувваҳои асили ҳуҷумкунанда, яъне ҳисси ватандӯстии фидокоронаро эҳсос менамоем, ки бо ғазабу нафрат ва надомат ифода карда мешуданд.

Шоир дар «Достони мулки Саодат», ки калонтарин достони ӯст, аз қисмҳои «Марг ва ҳаёт» «Қиссаи мулки Саодат» ва «Интиқом» иборат аст, аз услуби фолклор кор мебарад. Дар он рамзу тамсил муҳтавои ҳунармандӣ ва кори эҷодист. Эҷодкор ин усулро маҳз ба хотири мисли афсона,

қиссаву достонҳои мисли «Шоҳнома» пурбардор ва ҳайратовар шудани тасвирҳо интихоб кард. Зеро шоирон аз ин услуб дар адабиёти асрҳои миёна фаровон истифода менамуданд, онро дар солҳои бисту сӣ ва чиҳилум низ нағз кор фармуда тавониста буданд.

Н. Маъсумӣ дар ин асар аз ҳаёту фаъолияти подшоҳе сухан ба миён мегузорад, ки марг ном дошта, даҳшат ва зулму ситам кори ӯст. Вай бо урдуи ҳуд ба кишвари биҳиштосои мулки Саодат ҳуҷум оварда, як бор мағлуб шуд, боз қувва ҷамъ оварда, алҳол ният дорад, ки ин диёрӣ пурнуру сафороро нобуд кунад. Вале фарзандони ин Ватан ба мисли Музаффар қаҳрамонию паҳлавонӣ ва ҷоннисорӣ намуда, на фақат ин мулкро аз душман халос кард, Саодатро, ки дар пояи дор каҳрамонию ҷонфишонӣ менамуд, озод ва ҳушбахт гардонид. Музаффар фарзандони диёри Саодатро аз даҳшати шоҳи ғосиб халос намуд:

*Бе ҳаросу ваҳму ларзиш даст бар шамшер кард,*
*Лашкари шуми адӯро аз ҳад афзун қир кард.*
*Тӯдае бедасту по афтода беҳушу мадор,*
*Тӯдае афтода дар фикру хаёлоту фирор...*

Мо дар оғози адабиёти навини форсии тоҷикӣ ба фолклор бештар мароқ ангехта, аз роҳу усулҳои корбурдаш зиёд истифода менамудем. Хусусан баъд аз маслиҳати М.Горкий дар Анҷумани якуми нависандагони Умумииттифоқ ҳамаи адибон худро дар миёни халқ гирифта, ҷавҳарҳои сухани мардумиро дар китобҳои фолклор рехта, аз онҳо дар адабиёти ҳатти корбар мешуданд. Бисёр шеъру достонҳои тоҷикӣ аз баракати сухани афсона, қиссаҳои халқӣ, шеъру таронаҳои мардумӣ файзёб гардидаанд. Худи замони инқилобӣ, пешрафти беназир гирифта истоданаш дар пеши назари одамон мисли афсона менамуд. Аз ин рӯ, Н. Маъсумӣ ҳам ба олами афсона пайваста, асари бисёр ҷолиби диққат ба вуҷуд овардан хост.

Вале донишмандони тоҷик Шавкат Ниёзӣ ва Хуршеда Отахонова дар рисолаҳои «Назми эпикии тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» (1965) ва «Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик» (1983) оид ба «Достони мулки Саодат» баъзе фикру андешаҳои худро иброз дошта, рамзу тамсилро дар ин достон як воситаи хира гардонидани мазмуни таърихии конкретии ҳаёт донистаанд. Носирҷон Маъсумӣ ва ҳамчунин М.Раҳимӣ (дар достони «Москваҷони азиз») «нисбат ба фолклор ғайританқидона муносибат карда, менависад. Ш.Ниёзӣ усулҳои мураккаби куҳна ва образу ифодаҳои шартӣ ва мафҳуму рамзии онро дар назми имрӯзаи мо дохил карданӣ шуда, мундариҷаи ғоявии навро қурбони шакли куҳнаи рамзӣ кардаанд». Х.Отахонова достонҳои назми навини тоҷикиро таҳқиқ намуда, ба хулосае омад, ки аксари шоирони тоҷик дар достонҳои худ «содагии фолклорӣ, рӯҳи олии романтикӣ ва мазмуни амиқи фалсафиро ифода карда натавонистаанд» .

Ба хулосаи муаллифи дувум, «достони романтикӣ дар ин давра фақат дар шакли афсона ва рамзу тамсил инкишоф наёфтааст, балки дар достонҳое, ки воқеаҳои замони ҷангро тасвир карда, ҷонбозиҳои фарзандони тоҷикро дар майдони ҳарбу зарб бевосита инъикос кардаанд, низ ҷанбаи романтикӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад». Яъне, афсона, рамзу тамсил ва дигар услубҳои фолклорӣ дар солҳои ҷанги фашизм ҷавобгӯи эҳсосоти асили инсонӣ нашуда, балки дар бисёр маврид ба ҳақиқатҳои воқеии зиндагӣ халал низ ворид карда буданд.

Воқеан, сабаби асосии дар рамзу масал, «усулҳои мураккаби куҳна ва образу ифодаҳои шартӣ ва мавҳум», «шакли куҳнаи рамзӣ» (Шавкат Ниёзӣ) навишта шудани асарҳои эпикии солҳои сиюму чиҳилумро дар чанд ҷабҳа метавон ба қайд гирифт. Якум, афсона дар адабиёти форсии тоҷикӣ маҳбубият дошта, дар миёни халқ то ҳанӯз зинда аст. Но-

сирҷон Маъсумӣ дар миёни устодони қиссагӯй калон шуд ва модари афсонабофаш барои фарзанди яккаву танҳои худ гоҳ шабҳо афсона мебофт. Образҳое эҷод мекард, ки ҳайратовар ва таъсирбахш буданд, фикру андешаҳои кӯдакро ба олами маъниҳои ширину гуворо мебурд. Рамзу тамсил, ки дар қиссаву афсонаҳо, достонҳои халқӣ бештар корбурд мешуданд, бо хондаву шунида шуданашон дар бунёди кӯдак нақш аз худ боқӣ мемонд. Рамзу тамсил боиси парвози ҳаёл, андешаҳои дуродури хотирмон мегардид. Муаллифи «Достони мулки Саодат» дар ҳамин гуна ҷаҳони аҷоиби зиндагӣ таҳсил дида, таълим гирифта, қиссаву афсонаҳо шунида, бо рамзу масал шираву шарбати адабиёт мечашид, боз хост, ки достони худро ба ҳамин усули ҷонбахш ва мутаҳайиркунанда эҷод намояд.

Дувум, шоирон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба воситаҳои тасвири фолклорӣ маҳз аз он ҷиҳат, ки қувваи ҳайратовар, неруи таъсирбахшоии асар афзун гардад, ба рамзу тамсил иштиёқ пайдо менамуданд.

Анҷумани дувуми нависандагони Умумииттифоқ адабиёти бистсолаи баъди анҷумани якумро дар соли 1954 ба муҳокима монда, чун ба масъалаи унсурҳои фолклорӣ дар адабиёти солҳои ҷанг дахл намуд, адабиёту воқеияти ин давраро ба мубоҳиса андохта, рамзу масалро дар як миқдор асарҳо воситаҳои хира ба тасвир гирифтани воқеияти замони ҷанг қаламдод кард. А. Лоҳутӣ ҳамон замон нисбати достони «Парии бахт» (1947) навишта буд: «Ман ин достонро дар шакли афсонаи халқӣ навиштам, зеро медонам, ки халқ чунин тарзи баёнро ва чунин қаҳрамононро дӯст медорад. Вале дар достони ман реализм ҳаст, зеро қаҳрамони он халқ аст ва ин қувваи реалист». Н.Маъсумӣ ҳам аз ҳамин меъёр ба достон руҷӯъ карда, ҷабру истибдод ва зулму ситами ба сари халқҳои дунё овардаи Гитлеру фашизм - аждари нави замонию ҷаҳониро ифода кардан хост, ҳатто

дар ин тасвир оҷиз омадани қаламро иброз менамуд. Медонист, ки хонандагону бародарони бо афсонаву қисса калоншуда зуд ба фаҳмашон мераванд.

Фидокориҳои Музаффару Саодат, талошу ҷонбозиҳои ҷанговарон, ба ҷангу набард хестани қувваҳои солими ҷомеа оқибат ғолибият ба даст овард. Дар достон фикри амиқи фалсафӣ, фаросати баланди тасвиргарой дар услуби романтикӣ ба тасвир омада, марому мақсади ҷомеро ифода карда тавонистанд.

Дар достони Н.Маъсумӣ Ҳаёт ва Марг, Зиндагӣ ва Ҷафо, Мулки Саодат ва Тӯфони бало, силсилаи зиёди ин гуна тасвирҳои муттазод барои он зарур шуданд, ки шоирон ҳанӯз қувваҳои неку бад, хайру шарр, раҳмону шайтон, Ҳурмузду Аҳриманро нағз дар хотир доштанд. Реализми тасвир бо қабули чунин воситаҳо, муқоисаи образҳои мусбату манфӣ, тасвири муҳташами ду қувваи муқобили ҳам ҷилою ҷилваҳои нав падид меовард, он таъсире, ки дар ҳамин аҳвол додан метавонист, дар акси ҳол ифода кардан маҳол буд. Муаллиф дертар дар сари достон хеле зиёд кор карда, онро дар фаслҳои ҷудогона тахсис намуд. Минбаъд низ ба он даст зада, асарро аз нав ба мулоҳиза гирифт, ҳатто, ба ҷои калимаи унвонии «достон» истилоҳи «қисса» гузошт.

Ба танқид гирифтор шудани достон чӣ гуна ба муаллиф таъсир кард, маълум нест, вале дар ҳар ҳол, он ҷӯшу равнақи кори эҷодӣ, ки муаллиф дошт, дар миёнаи солҳои панҷоҳум суст намуд, парвози баланди хаёлу маъниҳои уфуқиро аз байн бурд.

Шоир дар солҳои баъдӣ аз ин усули маънавӣ тамоман даст накашида бошад ҳам, торафт ба эҷод кардани шеър кам ҳавасманд мешуд. Муҳимтарин ҷиҳат дар достон қаҳрамонию паҳлавонӣ, фидокорӣ, аз худгузаштагӣ, ифтихороти миллӣ, ҳамаи сифатҳои шоистаи мансуб ба ҷанговаронро дар симои Музаффару Саодат ва чанд тани дигар дидан

мумкин шуд. Дар баробари онҳо дар достон образи шоир ҳамчун образи ноқил кувваи фаъол омад. Барои ба ҷӯшу хурӯш овардану туғён занонидани эҳсосоти наҷиби ватандӯстӣ ноқил зиёд меҳнат кард. Қаҳрамони достон пеш аз ҳама худи ӯст, шоир касе ҳаст, ки шӯронанда, размовар ва эҳтироспарвар мебошад. Фидокорони мулки Саодатро ба ҷунбиш даровaрда, бар зидди душманони манҳус ба мубориза хезонид.

«Достони мулки Саодат» дар байни дигар достонҳои шоир хеле мукаммалу муфассал навишта шуда, пафоси баланди ҷанговарӣ, каҳрамонию паҳлавонӣ дорад. Услуби романтикии публисистӣ бо услуби фолклорӣ ба ҳам омехта, фантазияю фаросоти тозаи маънавӣ кашф кард. Дар охир сулҳ бар ҷанг ва саодат бар ситам ғолиб омад. Ҳусну ҷамоли Саодат, феьлу атвори одамон, ҷасорату ғайрати Музаффар, ҳаракатҳои размандa дар ҳар ду гурӯҳ зиндаву зебо ва шукуҳманд ба тасвир омаданд. Порашеъри ҷанговаронаи Саъдӣ «Он на ман бошам, ки рӯзи ҷанг бинӣ пушти ман» қуввату дармони Музаффар шуд, ҳамон ритмикаи мутантан - фоилотун фоилотун фоилотун фоилон дар достон вазифаи мутақорибро адо намуда, садои табли зафарро баланд кард. Образи Таняи А.Лоҳутӣ ба образи Саодати дар пояи дор ҷонфишонанда ҳамчунон шукӯҳмандӣ додааст.

Н. Маъсумӣ дар достони ҳаҷман хурди «Тантанаи озодӣ» (34 банди мураббаъ-абаб) боз услуби «Достони мулки Саодат»-ро пеш гирифта, фикру андешаҳои худро бамуддао дар услуби публисистӣ ифода мекунад, яъне шоир гузаштаи даҳшатбор ва ҳаёт хурраму озоди шуълаборро, ки баъди инқилоб эҷод шудааст, ба муқоиса монда, дирӯзро маҳкуму имрӯзро тараннум менамояд.

Шоир дар достони «Марги душман», ки порае дар китоб ба унвони «Дар разведка» оварда шудааст, як лаҳза ё ҳолати кори иктишофчиёнро, ки хеле душвору фоҷиабор аст, дар

симои чаҳор ҷавонписар Фотеҳу Осипу Вафо ва Теша ба тасвир гирифтааст. Дар роҳ, ҳар чи, ки мебинанд, мавриди мулоҳиза карор медиҳанд, шоир дар достон ба ин минвол ҳисси миллӣ ва байналмилалиро нигаҳ доштан хостааст.

Носирҷои Маъсумӣ дар навиштани шеъру достон аз сужаҳои хурду бузург кор бурда, намунаи достонҳои қаҳрамонию паҳлавонӣ ба вуҷуд оварда, эҳсосоти дӯстию бародарӣ, ваҳдати миллӣ ва сулҳпарвариро дар хонандагон парвариш менамуд. Кӯшиш мекард, ки оламро равшан, зебо, рӯҳпарвар, димоғовар, нашъатманд ба чашми хонандагон бирасонад ва дар онҳо эҳсосоту эҳтиросоти баланди инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, гуманизми фаъолро қувват додан мехост.

Асарҳои манзум, дар ҳақиқат, як буни пурбори дарахти азими эҷодиёти Носирҷон Асадович Маъсумиро ташкил кардан тавонистанд.

Ғ.ҶӮРАЕВ

# Носирҷон Маъсумӣ ва мактаби услубшиносии тоҷик

Яке аз фазилатҳои фарҳанги бостонии мо аз он иборат буд, ки бисёр намояндагони он дар чанд соҳаи илм пешдастӣ доштанд. Бузургтарини онҳо Абӯалӣ ибни Сино буд, ки ба замми табиби ҳозиқ будан дар адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фалсафа ва шоирӣ ҳам шуҳрати комил дошт. Пешаи асосии Умари Хайём риёзӣ буд, аммо рубоиҳои ӯ оламгир шуданд. Ё худ Берунӣ ба ғайр аз нуҷум дар илмҳои дигар ҳам асарҳо офаридааст ва боз даҳҳои дигарро ном гирифтан мумкин аст, ки сарҳадҳои илмҳои гуногунро шикаста, асарҳои ҷовидонӣ эҷод намудаанд. Вале дар даврони мо олими қомуснигор-энсиклопедист шудан басо душвор аст, зеро илм ба дараҷае ба соҳаву бахшҳо таҷзия ёфтааст, ки ҳар кадом мутахассиси худро пайдо кардааст. Аз ин рӯ, чанд соҳаро баробар фаро гирифтани ин ё он донишманд аз имкон берун аст. Бо вуҷуди ин, ҳамчун идомабахши анъанаи гузаштагон дар байни олимони муосири мо низ ягон-ягон шахсиятҳое пайдо шудаанд, ки тадқиқи чанд бахши як соҳаи илмро бар уҳда гирифтаанд. Агар дар ин бобат устод С.Айнӣ на фақат чун адиби забардаст, балки ҳамчун адабиётшиносу забоншиноси дақиқназар намунаи ибрат гашта бошад, Лутфулло Бузургзода дар умри кӯтоҳи худ онро пайравӣ карда, дар тадқиқи масъалаҳои забон, адабиёт ва фолклор истеъдоди фавқулода зоҳир намудааст. Абдулғанӣ Мирзоев фаъолияти илмии хешро аз забоншиносӣ шурӯъ карда, номи худро дар адабиётшиносӣ ҷовидонӣ гар-

донд. Вале устоди некноми мо Носирҷон Маъсумӣ ин анъанаро ба дараҷаи касбӣ (профессионализм) расонидааст. Ду ҷилди асарҳои мунтахаби ӯ, ки дар яке навиштаҳои адабиётшиносӣ ва дар дигаре эҷоди забоншиносӣ гирд оварда шудаанд, шоҳиди онанд, ки устод бо маънои томи сухан филолог-суханшинос аст. Устод Н.Маъсумӣ ба ҳайси адабиётшинос дар тадқиқи масълаҳои адабиёти асрҳои 18 ва19-и тоҷик, дар таҳлили асарҳои устодон С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, М.Турсунзода, М.Раҳимӣ, Ҳабиб Юсуфӣ ва дигарон саҳми босазое гузошта, ҳамчун фолклоршинос ҳамроҳи Боқӣ Раҳимзода аз маҳалҳои Қаротегин ва Дарвоз маводи фаровони эҷодиёти даҳанакии халқро ҷамъоварӣ намудааст ва дар асоси он барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ нахустин дастури таълимӣ навиштааст.

Бо ҳамаи ин устод Н.Маъсумӣ дар забоншиносӣ яке аз чеҳраҳои нотакрор ба шумор меравад. Ӯ шахсияти барҷастаест, ки рушди забоншиносии тоҷикро дар солҳои панҷоҳуму шастуми асри гузашта бидуни ширкати вай наметавон тасаввур кард. Таълифоти ӯ дар бораи тарихи забони адабии тоҷик, масъалаҳои луғатшиносиву луғатсозӣ, сарфу наҳв ва ғайра на фақат ба тадқиқи чанде аз нуктаҳои ин соҳаҳо ибтидо гузоштанд, балки барои китобҳои дарсӣ ва тарбияи мутахассисони забоншиноси ҷавон сарчашмаи омӯзиш қарор гирифтаанд.

Лекин саҳми устод Н.Маъсумӣ дар ташаккул ва такомули як соҳаи нави забоншиносии тоҷик-услубшиносӣ махсус аст, балки ибтидои ин соҳа бо номи ӯ вобаста аст.

Қадами аввали устод Н.Маъсумӣ дар ин бобат таҳқиқи забон ва услуби асарҳои сарвари ҷараёни маорифпарварии нимаи дуюми адабиёти тоҷик Аҳмади Дониш қарор гирифтааст. Аҳмади Дониш ва устод С.Айнӣ ду ситораи тобоне мебошанд, ки яке дар нимаи дуюми асри 19 ва дигаре дар ибтидои асри 20 бо эҷоду андешаҳои худ ба равиши

забон нур бахшидаанд. Агар яке ба нисбатан сабук кардани забони адабии хаттӣ иқдом карда бошад, дигаре дар шароити нави иҷтимоию сиёсӣ кори ӯро давом додааст.

Воқеан, дигаргуниҳое, ки дар фосилаи на чандон зиёд дар низоми забони адабии хаттӣ ба вуҷуд омада буданд, пеш аз ҳама, бо номи ин ду шахсияти барҷаста алоқамандананд. Аз ин рӯ, ба забон ва тарзи баёни нигоштаҳои ин ду адиб таваҷҷуҳ зоҳир кардани устод Н.Маъсумӣ барин олими нуктасанҷу сухансанҷ бесабаб нест.

Н.Маъсумӣ, ба қавли профессор Р.Ғаффоров, «дар асарҳои Аҳмади Дониш ду ҷиҳати услубиро муқаррар кардааст: яке давоми анъана буда, дигаре услуби навин аст, ки назар ба сабки пешина содатар мебошад». (Р.Ғаффоров. Сухансанҷ ва суханвар, Душанбе, 1999, С.6.).

Назар ба қайди Н.Маъсумӣ, сабки сабук бештар дар навиштаҳои ҳаҷвии А.Дониш ба мушоҳида расидааст. Аломати ин кам кор фармуда шудани унсурҳои номафҳуми арабӣ ва равшанбаёнии махсуси нависанда аст. Бо вуҷуди ин, дар нигоштаҳои фалсафавии Аҳмади Дониш бисёр воҳидҳои луғавие, аз қабили **истимоъ, мақула, муталло, сулс, қаттоултариқ, доия, мофиляд, симоъ, тафарруҷ, илхоҳ, тамҳид, инсироф, садди рамақ, усммоя, қибал, вуллот, мудаллал, фавоқеҳ** ва садҳои дигар корбаст шудаанд, ки аз нигоҳи забони адабии имрӯза зарурияти истифода надоранд (Носирҷон Маъсумӣ. Забон ва услуби Аҳмади Дониш, Душанбе, 1976, С.5.). Устод Н.Маъсумӣ барои он ки бо вуҷуди ба майли соданависӣ рӯ овардани Аҳмади Дониш аз анъанаи душворбаёнӣ сарфи назар карда натавонистани ӯро исбот намояд, аз «Наводир-ул-вақоеъ» порчаи зеринро мисол меоварад, ки барои хонандаи имрӯза чандон мафҳум нест: **«Подшоҳе азизулқадр, каримуннафс ҷамъе аз хадам ва ҳашам ва ғуломон ва чокаронро ба зиёфат талабид. Аз матбаъ ва осӣ ва ошноюю бегона дар боғе ариз**

**ва тавил, муштамил ба анҳор ва азҳор, мӯҳтавӣ ба ашҷор ва асмор, мубаннӣ бар қасрҳои рафоъ, кӯшкҳои манеъ, аз камоли рафъат ва шавкат абвоби дуҳул ва хурӯҷ маълум намешуд; ва аз забари ин қусур мавзее хос барои мақарри салтанат»** (Носирҷон Маъсумӣ, ҳамон асар, С.6).

Устод Н.Маъсумӣ ба забон ва услуби Аҳмади Дониш дар қиёси забони адабии имрӯза баҳо медиҳад. Ба андешаи ӯ, агар корбасти калима ва ибораҳои номафҳуми арабӣ дар қиёси забони адабии ҳозираи тоҷик як қадар душвории забони асарҳои Аҳмади Донишро нишон диҳад, истифодаи унсурҳои забони халқ нисбат ба ҳамон давра содатар шудан ва ба забони адабии ҳозира наздик омадани забони нависандаро ҷилва медиҳад. Бо вуҷуди ин, Аҳмади Дониш дар интихоб ва корбурди унсурҳои забони зиндаи халқ меъёри эҳтиёткорӣ ва принсипи муайянеро пеш гирифтааст. Назар ба тасдиқи Н.Маъсумӣ, дар забони асарҳои Аҳмади Дониш ҳамонгуна унсурҳои умумишавандае ба назар мерасанд, ки минбаъд дар забони меъёрӣ ҳуқуқи истеъмолӣ пайдо кардаанд.

Муҳаққиқ майли ба содабаёнӣ рӯ овардани Аҳмади Донишро, аз як тараф, ва ба анъанаи собиқ содиқ мондани ӯро, аз тарафи дигар, дар мисоли таҳлили хусусиятҳои луғавию грамматикии забону услуби нависанда, хусусан, «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисолаи таърихи амирони Манғит» бо далелҳо тасвир намудааст, ки то Н.Маъсумӣ касе бо ин усул ба таҳқиқи забону услуби ягон адиб машғул нашудааст.

Таҳқиқи забон ва услуби Аҳмади Дониш барои устод Н.Маъсумӣ, гуфтан мумкин аст, дебочаи тадқиқоти мукаммали ӯ дар бораи забон ва услуби повести С.Айнӣ «Марги судхӯр» гардид. Асари бунёдии ӯ бо номи «Очеркҳо доир ба инкишофи забони адабии тоҷик», ки соли 1959 ба табъ расида буд, барҳақ, ба мактаби нави забоншиносии тоҷик— услубшиносӣ ибтидо гузошт. Ин асар нусхаи ихтисорёф-

таи рисолаи номзадии Н.Маъсумӣ дар бораи забон ва услуби повести С.Айнӣ «Марги судхӯр» буда, устод онро дар аввали солҳои панҷоҳум дар шаҳри Ленинград (Санк-Петербург) дифоъ намудааст. Дар арафаи 80-солагии зодрӯзи Н.Маъсумӣ ман бо супориши Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ онро аз бойгонии устод пайдо карда, ба чоп омода сохтам ва ба нашрёти «Адиб» (ба шуъбае, ки он вақт сарвараш шодравон Қутбӣ Киром буд) супорида будам. Мутаассифона, он то ҳол рӯйи чопро надидааст ва ҳол он ки тафсилоти бисёр ҷиҳатҳои забон ва услуби «Марги судхӯр» дар ин мусаввада дода шудааст.

Вақте ки мухтасари ин тадқиқот соли 1959 бо номи «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» ба табъ расид, бемуҳобот, ба забоншиносии тоҷик, ки бештар ба тадқиқоти грамматикӣ такя мекард, тароват ва ҳусни тоза бахшид, забоншиносиро бо адабиётшиносӣ пайваст, онро аз илми дақиқу дилгиркунанда ба илми маърифатӣ табдил дод.

Чи тавре ки муаллиф дар муқаддима ишора кардааст, устод С. Айнӣ на фақат ба адабиёти навини тоҷик бунёд гузошт, балки бо офаридаҳои худ забони адабии тоҷикро хеле бой кард ва забону тарзи баёни насри бадеиро бо сифатҳои нав пеш ронд. Хизмати бузурги С.Айнӣ дар он аст, ки ӯ бо истифода аз боигарии адабиёти классикӣ унсурҳои умумишавандаи забони зиндаро бо он ҳамоҳанг сохт. Ӯ ташаббусеро, ки Аҳмади Дониш ва дигар маорифпарварон ибтидо гузошта буданд, дар шароити нави иҷтимоӣ давом дод.

Устод С.Айнӣ, чунон ки маълум аст, аз повести «Ҷаллодони Бухоро» то «Ёддоштҳо» ба адабиёти тоҷик намунаи беҳтарини насри бадеии муосирро боқӣ гузошт. Вале аз байни хазинаи насри С.Айнӣ Н.Маъсумӣ барои таҳқиқи забону тарзи баён повести «Марги судхӯр»-ро интихоб кардааст. Ба назари мо, ин интихоби муҳаққиқ ба ду сабаб алоқаманд аст: аввалан, чун «Марги судхӯр» асари ҳаҷвист, ма-

води он, ки бештар аз калима, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои обдори мардумӣ фароҳам омадааст, барои муайян кардани фардияти сабки нигориши нависанда имконияти васеъ ба вуҷуд меоварад; сониян, азбаски то таълифоти Н.Маъсумӣ дар бораи забон ва тарзи баёни асарҳои С.Айнӣ танҳо мақолаву ишораҳои ҷудогона вуҷуд доштанд, зарурияти ба сурати монографӣ омӯхтани забону тарзи баёни мероси ин нависандаи бузурги замон кайҳо эҳсос мегардид.

Н.Маъсумӣ дар таҳлили забон ва тарзи баёни «Марги судхӯр» усули тадқиқи яклухт ё системавиро пеш гирифта, забони повестро аз ҷиҳати луғат, ибораву таркибҳои рехта (фразеология) ва сарфу наҳв баррасӣ намудааст. Азбаски дар ҳар фасл зимнан хусусиятҳои забони тасвирии нависанда бо сухани персонажҳо, инчунин, тарзи истифодаи услубии воситаҳои забон ба сурати омехта баён гардидааст, бинобар он, дар бораи ҷиҳатҳои услубии персонажҳои асар алоҳида таваққуф нашудааст.

Забони адабии ҳозираи тоҷик аз хизматҳои устод С.Айнӣ, ба назари мо, пеш аз ҳама, аз ду ҷиҳат мукаллафият дорад: 1) аз муборизаҳои ӯ дар роҳи муайян кардани ҷараёни рушди минбаъдаи забони адабӣ; 2) бо таълифи повесту романҳо амалан нишон додани забони насри имрӯзаи тоҷик.

Н.Маъсумӣ яке аз аввалин муҳаққиқонест, ки ба нақши устод С.Айнӣ дар муайян кардани роҳи минбаъдаи тараққиёти забони адабӣ баҳои баланд додаанд. Чанд саҳифае, ки дар боби «Рол ва мавқеи С.Айнӣ дар инкишофи забони адабии тоҷик баъд аз Револютсияи Октябр»-и «Очеркҳо» ба ин масъала тахсис дода шудааст, моҳияти мубоҳисаҳои солҳои бистум ва мавқеи дурусти С.Айниро дар бобати муайян кардани роҳи тараққиёти минбаъдаи забони адабии тоҷик равшан менамояд. Баъдҳо масъалаи мазкур аз тарафи муҳаққиқони дигар амиқтар тадқиқ гардида, рисолаҳои номзадиву докторӣ дифоъ шуданд. Вале ҷамъбасти анде-

шаҳои ҳамаи пажӯҳандагон ҳамон баҳоест, ки дар «Очеркҳо»-и Н.Маъсумӣ зикр ёфтааст. Имрӯз, ки баъзе қаламбадастон забони тоҷикиро дар баробари форсии Эрон оҷизу нотавон мешуморанд, набояд навиштаҳои зерини устод С.Айниро аз мадди назар дур афкананд: «Ҳар чи қадар ки мо хусусияти тоҷикиро дар навиштаҳои худ риоя кунем, боз ҳам забони ҷории мо аз забони, масалан, матбуоти Эрон, ки 80-90 фоизаш арабӣ аст, ба форсизабонон наздиктар хоҳад монд» (Носирҷон Маъсумӣ, «Очеркҳо», С.18).

Муносибати С.Айнӣ нисбат ба забони халқ низ мусбат арзёбӣ шудааст. С.Айнӣ забони халқро яке аз сарчашмаҳои муҳими рушди забони адабӣ шуморида, нависандагонро ташвиқ ва талқин мекард, ки аз ин хазина бархурдор бошанд. Вале дар баробари ин, ӯ таъкид намудааст, ки истифода аз боигарии забони халқ чунин маънӣ надорад, ки ҳар як қаламкаш барои умумӣ кардани луғати маҳдуди маҳалли худ кӯшиш ба харҷ диҳад. Ба қавли Н.Маъсумӣ, мисоли барҷастаи ин гуфтаҳо забони асарҳои худи нависанда ва таҷрибаи бойи эҷодии ӯ мебошад. Забони «Марги судхӯр» намунаи он аст. Н.Маъсумӣ инро дар бобҳои алоҳида дар мисоли таҳлили хусусиятҳои луғавӣ, сарфию наҳвии асар нишон додааст.

Н.Маъсумӣ қайд менамояд, ки дар эҷодиёти С.Айнӣ повести «Марги судхӯр» гардиши муҳими адабӣ буда, дараҷаи камолоти усули эҷодии нависандаро бармало месозад ва ҳамчун як намунаи барҷастаи асари реалистӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Азбаски повести «Марги судхӯр» ҳаёти тоинқилобии мардуми тоҷикро инъикос менамояд, бинобар он, таркиби луғати он ҳам хусусиятҳои ҳамон давраро ифода мекунад. Аз ин рӯ, муаллифи «Очеркҳо» як силсила калимаву таркибҳоеро мавриди чашмандозӣ қарор додааст, ки имрӯз онҳо ба кор намераванд. Н.Маъсумӣ қайд менамояд, ки тезутундии

забон ва услуби ҳаҷви С.Айнӣ дар «Марги судхӯр», пеш аз ҳама, иборат аз устодона кор фармуда шуда тавонистани приёмҳои киноя, истеҳзо, тамасхур, тасвири аҷоибу ғароиб ва ташбеҳҳои ҳаҷвӣ мебошад. Халқият ва кӯтоҳбаёнӣ яке аз хислатҳои фарққунандаи забону услуби повест ба шумор меравад. Равшании фикр, муҳокимаҳои мантиқӣ, содабаёнии услуби илмии Н.Маъсумӣ, ки махсусан, дар «Очеркҳо» ба сурати ҷолиб зоҳир гардидааст, ҳамин ҷиҳати тарзи баёни устод С.Айниро ба таври барҷаста ифода намудааст.

Ба ҳамин тариқ, Н.Маъсумӣ бо асарҳои пурарзиши худ «Забон ва услуби Аҳмади Дониш» ва махсусан, «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» ба мактаби нави забоншиносии тоҷик ибтидо гузошт, ки минбаъд пайравон ва шогирдони зиёд пайдо кард. Тадқиқотҳои Р.Ғаффоров дар бораи забон ва услуби Раҳим Ҷалил (дар асоси маводи романи «Одамони ҷовид»), Б.Камолиддинов дар хусуси забон ва услуби ҳикояҳои Ҳаким Карим, Х.Ҳусейнов оид ба забон ва услуби повести «Одина»-и С.Айнӣ, А.Абдуқодиров дар бобати забон ва услуби ашъори М.Турсунзода дар пайравии «Очеркҳо»-и Н.Маъсумӣ ба вуҷуд омада, мактаби услубшиносиро вусъат бахшидаанд. Муҳаққиқони дигар низ ҳангоми тадқиқи масъалаҳои ҷудогонаи забон ва услуби ин ё он адиб, пеш аз ҳама, ба устод Н.Маъсумӣ ва «Очеркҳо»-и ӯ такя мекунанд. Бисёр мавзӯъҳои лексика ва сарфу наҳв, ки дар «Очеркҳо»-и Н.Маъсумӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, имрӯз аз тарафи муҳаққиқони дигар такмил дода мешаванд.

Хулоса, тамоми фаъолияти илмии Н.Маъсумӣ аз ба ҳам пайвастани забоншиносию адабиётшиносӣ шакл гирифтааст. Бе ваҷҳ нест, ки дар пешгуфтори ҷилди якуми асарҳои мунтахаби Н.Маъсумӣ (1977), ки ба қалами собиқ президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи илмҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиа-

листӣ, шодравон М.Осимӣ тааллуқ дорад, ба фаъолияти илмию ҷамъиятии устод Н.Маъсумӣ чунин баҳо дода шудааст: «Шавқи дили ӯ, дониши фаровони вай ба хазинаи маданияти тоҷик дороиҳо афзуд, ҳар кореро, ки ӯ ба уҳда дошт, бо дили аз ишқ саршоре анҷом дод, дар ҳалли онҳо маҳорати фавқулода ва ҷаҳонбинии ҳамаҷониба васеъ зоҳир кард. Адабиётшиносӣ ва тадқиқи эҷодиёти даҳанакии халқ, забони адабии ҳозираи тоҷик ва луғатсозиву луғатшиносӣ, лаҳҷашиносӣ ва омӯзиши таърихи забон, шеъру шоирӣ аз хизматҳои ин марди дарёдил ба пояҳои нави инкишоф расидаанд. Ишқи зиндагӣ омили ҷавонии ӯ, муҳаббат ба кори халқ асоси безаволии ӯ гардиданд ва ин байти Хоҷа Ҳофиз, алҳақ, ба ин олими сухансанҷ ва инсони пурмеҳр комилан мувофиқ гуфта шудааст:

*Ҳаргиз намирад он, ки дилаш зинда шуд ба ишқ,*
*Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо.*

Оре, мактаби услубшиносии Н.Маъсумӣ низ давом дорад.

М.МАҲМУДОВ

# Ифшогари рози сухан

Носирҷон Маъсумӣ аз зумраи он мардони баруманд ва нексиришт аст, ки бо фаъолияти илмию адабӣ ва ҷамъиятиву давлатиашон ба рушду нумӯи фарҳанги миллии халқамон саҳми намоён гузоштааст.

Чунон ки профессор Муҳаммадӣ Исматуллоев қайд намудаанд: «Носирҷон Маъсумӣ ба қуллаҳои баланди одамият расида, инсони поквиҷдон, шоир, педагог, олими соҳаи забону адабиёти тоҷик, арбоби илму давлат, устоди ғамхору меҳрубони шогирдон, фарди фозилу инсони хоксор, суҳбаторову ҳофизи хушхон, табиатан зебопараст, санъатдӯст, нисбат ба ёру дӯстони дилпазираш содиқ, ёри ҷонӣ ва ба аҳли оилаву ақрабояш ғамхор буд ».

Дар ҳақиқат, соҳаҳои фаъолияти устод Н.Маъсумӣ гуногун буда, ӯ ҳамчун омӯзгор, шоир, адабиётшинос, забоншинос, фолклоршинос, мунаққид, луғатнигор, созмондеҳи моҳири фаъолияти илмию адабӣ ва ҷамъиятӣ дониста шудааст.

Фаъолияти меҳнатии Н.Маъсумӣ аз синни 15-солагиаш баъди хатми курси дусолаи таълиму тарбияи Самарқанд (1930) ҳамчун муаллими забону адабиёти тоҷики омӯзишгоҳи омӯзгории ш.Панҷакент шурӯъ шуда, то соли 1936 идома меёбад. Сипас, вай соли 1940 факултаи забон ва адабиёти Институти педагогии ш.Душанбе (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ)-ро хатм мекунад.

Дар аснои таҳсили институт ахлоқи ҳамида, зеҳни баланду истеъдоди фавқулода, саъйи донишандӯзии Носир-

ҷон Маъсумӣ зоҳир шудааст. Шеъру мақолаҳои ӯ дар матбуоти ҷумҳуриявӣ интишор мешуданд. Баъд аз хатм бо тавсияи устодонаш Лутфулло Бузургзода ва Шарифҷон Ҳусейнзода ба фаъолияти омӯзгорӣ-ба сифати муаллими забону адабиёти тоҷик таъйин мешавад. Дар Институти педагогӣ солҳои зиёд ба сифати омӯзгор, мудири кафедраи забони тоҷикӣ, мудири кафедраи адабиёти тоҷик, ноиби ректори донишгоҳ оид ба илм кор кардааст.

Соли 1940 Н.Маъсумӣ ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қабул мешавад.

Соли 1954 дар мавзӯи «Забон ва услуби повести «Марги судхӯр»-и Садриддин Айнӣ» рисолаи илмӣ дифоъ карда, соҳиби унвони номзади илм гардидааст.

Н.Маъсумӣ аз соли 1959 то соли 1971 директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои ҶТ ва аз соли 1971 то охири умраш (1974) академик-котиби шуъбаи илмҳои ҷамъиятии АИ Тоҷикистон буда, дар бобати рушду равнақи илмҳои ҷамъиятӣ, махсусан, илмҳои филологӣ хизматҳои шоиста кардааст.

Устод Н.Маъсумӣ, ки барҷастатарин устоди омӯзгорон ба шумор мерафт, мавриди дарс бо суханони пурмаънӣ ва пандомез дили донишҷӯёнро тасхир мекард. Н.Маъсумӣ рамзи ақлу ҳикмат, донишу фазилат, покию адолат, беозориву мурувват ва накуиву одамият буд.

Одамон ба сӯйи ӯ мешитофтанд, гӯё ҷозибае дошт. Фурӯтанӣ, бедордилӣ, валинеъмативу некуандешии ӯ, махсусан, ҷавононро мутаваҷеҳ медошт, ки аз фаросату заковатмандии Маъсумӣ бебаҳра намонанд. Эшон бо ҳар шахс мувофиқи донишу фаҳмишаш суҳбат меорост ва агар лозим бошад, дастур медод. Н.Маъсумӣ дар ҳар ҳолату вазъият кушодарӯиву меҳрубонӣ, баробарию бародариро азиз медошт, ҳаргиз зоҳирнамо набуд.

Рафтору атвораш табиӣ, зебо ва дилпазир буд. Ин ҳама

фазилатҳои неки ӯ аз хиради халқ ғизо мегирифт ва дар ҳар суҳбате чун аз одоби муошират сухан мерафт, ҳама бо як овоз номи Маъсумиро мегирифтанд ва мегуфтанд: табиат тору пуду ҷисму рӯҳи Маъсумиро бо нахи абрешимини асил бофтааст ва ӯ тимсоли инсони комил аст.

Бо устод Маъсумӣ наздики 20 сол шинос будам. Аз соли 1960 ба ҳайси ходими илмӣ, ходими калони илмии ИЗА ба номи Рудакӣ кор мекардам ва домулло дар баробари директориаш чанд муддат мудирии шуъбаи лаҳҷашиносиро ба уҳда дошт. Солҳои 60-уми асри 20 мутахассисони соҳибунвон камчин буданд ва 80 дарсади шуъбаи мазкурро ҷавонон ташкил мекарданд ва бо ғамхориву ҳидояти эшон ҳама соҳиби мавзӯъҳои илмӣ гаштанд ва дар муддати 4-5 сол соҳиби дараҷаҳои илмӣ гардиданд. Ба мо-ҷавонон, талқин менамуд, ки вақтро беҳуда нагузаронем. Устод суҳбати ҷавононро дӯст медошт. Дар нишасту маҳфил ё шабнишиниҳое, ки ба шарафи ягон ҷашн, зодрӯз ё қабули меҳмони бурунмарзӣ барпо мешуд, устод Н.Маъсумӣ «гули сари сабад» буд ва ҳама вақт суҳбатҳои фозилона ва ҳазлу мутоибаҳои фараҳбахши эшон сабаби хандаҳои дилхушкунанда мегаштанд.

Устод ҳофизи хушхон буд ва бо овози марғуладораш сурудҳои Хоҷӣ Абдулазиз «Гулъизорам», «Бебокча», «Бозургонӣ» ё «Қӯшчинор»-ро бо завқи тамом месуруд. Ғазали Ҳилолӣ «Пушту паноҳи ман буд» аз сурудҳои дӯстдоштаи эшон буд. Ҳар гоҳ Маъсумӣ ба мақтаи шеър мерасид, бо талаффуз ва задаи махсус диққати сомеонро ҷалб карда, онро такроран мехонд.

*Чун кунҷи ғам, Ҳилолӣ, ҷойи дигар надорам,*
*Ман подшоҳи ишқам, ин аст кишвари ман.*

Н.Маъсумӣ, ки шеъри зиёде азёд медонист, ба оҳанге шеъри мувофиқе меёфт ва бо як кайфияте ҷӯр мешуд. Ба ду суруди дигар «Таронаи баёт»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва «Ҷонона»-и Нозим дилбастагии зиёде дошт ва дар базмҳо

ба такрор хондани онҳоро аз овозхонон хоҳиш мекард:

*Аз ҳайрати шамъи рухат*
*Афтода бар тарфи чаман*
*Як ҷо сабо, як ҷо хазон,*
*Як ҷо гулу як ҷо суман…*
*Гар дар такаллум мешавӣ,*
*Аз ҳайратат гум мекунад*
*Савсан забон, қумрӣ наво,*
*Булбул фиғон, тӯтӣ сухан.*

Чун суруд ба охир мерасид, устод бо сарҷунбонӣ изҳори қаноатмандӣ мекард ва мегуфт: «инро Ҷомӣ мегӯянд: аз тасвиру сифатчиниҳои ӯ девона шудан мумкин. Бубинед, худи шеър бо вазну лаҳнаш «ман худ мусиқиам» гуфта истодааст». Завқи шунидан боло гирифту хоҳиши сомеон низ пайдо шуд «ҷуфт шавад»! гӯён устод бо суруди дуюм ишора менамуд. Чун зарбаҳои мизроб ба танбӯр мерасид ва оҳанги «Ҷонон» садо медод, устод бо сари хам тамоман ҳушу гӯш мегардид. Вақте ки ин ғазали Нозимро мехонд:

*Шаб, ки будам ҳамнафас танҳо ба як ҷононае,*
*Ноз мекарду ба зулфи хеш мезад шонае.*
*Дастро бар гардани он нозанин андохтам,*
*Каҳраш омад, гуфт бар ман ту магар девонаӣ?*
*Боз густохӣ намудам бар умеди лутфи ӯ,*
*Гуфтам, эй барно, маранҷ аз ман, наям бегонае.*
*Ханда карду гуфт: эй бесабр, андак сабр кун,*
*Мову ту бо якдигар гӯем чанд афсонае.*
*Гуфтамаш, эй нозанин, гар сабр мехоҳӣ зи ман,*
*Аз лаби лаълат бубахшо бӯсаи сабронае!*
*Гуфт: дар оғӯш гиру лаб ба рухсорам расон,*
*Баъд аз ин, эй беадаб, ҳаргиз наё бар хонае.*
*Нозимам, аз ҳар ду рухсораш гирифтам бӯсае,*
*Гаштам аз гирди сараш ӯ шамъу ман паровонае.*

Баъд аз анҷоми суруд Н.Маъсумӣ дар ҳамон ҳоли во-

лаю мафтунӣ аз гирдоби хаёлот набаромада, мегуфт: «Бай, бай, бай, чӣ сеҳрулбаёнӣ!

Як лаҳзаи воқеии ҳаёти одамӣ бо чӣ айният ва санъаткорона бо риояи одоб тасвир шудааст! Ин ҳунарнамоиро дар ибрози ишқ ва умуман, дар лирикаи маҳрамона ҷиддӣ омӯхтани мо зарур аст».

Устод Н.Маъсумӣ дар таълифи китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ, дастурҳои методӣ хизматҳои зиёде кардааст.

Вай муаллифи китобҳои «Нишондиҳандаҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ» (1994), яке аз муаллифони китоби дарсии «Забони адабии ҳозираи тоҷик» (барои синфи 10) буд, ки борҳо чоп шудааст.

Ҳамчунин, ӯ ба сифати яке аз муаллифони тадқиқоти академикии «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» (иборат аз се ҷилд) аст, ки соли 2007 сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино дониста шудааст. «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (иборат аз ду ҷилд, соли 1969) бо роҳбарӣ ва иштироки фаъолонаи ӯ ба табъ расид. Вай мураттиб ва муаллифи бисёр маҷмӯаи шеърҳои шоирони тоҷик, эҷодиёти шифоҳии халқ ва мақолаҳои танқидӣ-адабист.

Хизматҳои шоистаи Н.Маъсумӣ дар риштаи таълиму тарбия, махсусан, тарбияи кормандони ҷавони илмӣ ташаккул ва инкишофи забони тоҷикӣ, мубориза барои тозагии забони модарӣ, эҷоди асарҳои бадеӣ ва таҳқиқи илмии адибони муосиру гузашта, тарғибу ташвиқи фарҳанги миллӣ бо мукофотҳо, аз ҷумла, бо ду ордени «Нишони фахрӣ», медалҳову ифтихорномаҳо, унвони ифтихории «Ходими хизматнишондодаи илми Тоҷикистон» (1960) ва ғ. қадр шуда, ҳамдиёрон мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумии №12- и деҳаи Қаратоғро ба номи Носирҷон Маъсумӣ гузоштанд.

Н.Маъсумӣ узви вобастаи АИ Тоҷикистон буд. Шеъру достонҳои устод «Мамлакат» (1936), Достони «Мулки сао-

дат» (1944) ҳанӯз дар нимаи дуюми солҳои сиюми қарни 20 ба табъ расида, ба аҳли илму адаб ва хонандагон маълум гардиданд.

Устод Н.Маъсумӣ тадриҷан ба таҳқиқи илми забон, адабиёт, фолклор, танқиди адабӣ камар мебанд. Бо силсилаи мақолаҳояш оид ба забоншиносӣ ва китобҳояш «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» (1959), «Забон ва услуби Аҳмади Дониш» (1976) саҳми устод дар ташаккул ва такомули як соҳаи нави забоншиносии тоҷик–услубшиносӣ махсус буда, ибтидои ин соҳаи забоншиносӣ бо номи эшон вобаста аст.

Носирҷон Маъсумӣ, ба қавли профессор Ғаффор Ҷӯраев, «дар забоншиносӣ яке аз чеҳраҳои нотакрор ба шумор меравад, ӯ шахсияти барҷастаест, ки рушди забоншиносии тоҷикро дар солҳои 50-уму 60-уми асри гузашта бидуни ширкати вай наметавон тасаввур кард. Таълифоти вай доир ба таърихи забони адабии тоҷик, масъалаҳои луғатшиносиву фарҳангнигорӣ, сарфу наҳв ва ғ. нафақат ба таҳқиқи чанде аз нуқтаҳои ин соҳаҳо ибтидо гузоштанд, балки барои китобҳои дарсӣ ва тарбияи мутахассисони забоншиноси ҷавон сарчашмаи омӯзиш қарор гирифтанд». («Адабиёт ва санъат», 2010, 1 июл).

Китоби ӯ «Фолклори тоҷик» (1952) нахустин китоби дарсии ин соҳа барои мактабҳои олӣ мебошад. Ӯ, инчунин, бо ҳамкории М.Холов «Намунаи фолклори халқҳои Афғонистон»-ро соли 1966 интишор намудааст. Ба он Н.Маъсумӣ сарсухан навишта, оид ба назми шифоҳии афғон чун фолклоршиноси нуктасанҷ муҳокима ронда, андешаву мулоҳизаҳои хешро иброз намудааст.

Устод Н. Маъсумӣ таҳлилу таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ, Абдулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва дигар шоирону нависандагон, масъалаҳои муҳими эҷодиёти бадеиро инкишоф

дода, мавқеъ ва мақоми ин адибонро муайян кардааст. Доир ба эҷодиёти шоирон Тилло Пӯлодӣ, Файзулло Ансорӣ, Ғаффор Мирзо низ мақолаҳо навиштааст. Вай яке аз муаллифони «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» (1957) мебошад.

Дар эҷодиёти Н.Маъсумӣ таҳқиқи мероси намояндагони адабиёти гузашта (классикӣ) мавқеи намоён дорад. Дар асарҳои ӯ «Адабиёти тоҷик дар асри 18 ва нимаи аввали асри 19» (1962), «Туғрал ва муҳити адабии ӯ» (1964) муҳимтарин хусусиятҳо ва равияҳои асосии асрҳои 18-19-20, ҷараёни зиндагӣ ва эҷодиёти адибони ин давраҳо (Ҷунайдуллои Ҳозиқ, Ҳусайни Дониш, Гулханӣ, Махмур, Маъдан, Мирзо Содиқи Муншӣ, Нақибхони Туғрал ва ғ.) бо камоли нуктасанҷӣ тадқиқ ва таҳлил шуда, мавқеи онҳо дар он ҳаёти адабӣ муайян карда шудааст.

Н.Маъсумӣ ходими намоёни ҷамъиятӣ ва илмӣ, депутати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъватҳои 6-8), раиси шӯъбаи Тоҷикистонии ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои маданиии СССР бо Афғонистон, узви Шӯрои умумииттифоқӣ оид ба масъалаҳои лексикология ва лесикография, узви ҳайати таҳририя ва мушовиру муҳаррири «Энсиклопедияи мухтасари адабӣ», аъзои ҳайати таҳририяи «ЭСТ», маҷаллаи «Мактаби советӣ», узви правления ва президиуми ИН Тоҷикистон ва ғ. буд.

Шодравон, академик Муҳаммад Осимӣ бо як эҳсосоти пур аз меҳру муҳаббати инсонӣ ва ифтихору сарбаландӣ аз ин олими маҳбуби аҳли илму маърифати халқи тоҷик зикр намудааст:

«Шавқи дили ӯ (Маъсумӣ), дониши фаровони вай ба хазинаи маданияти тоҷик дороиҳо афзуд, ҳар кореро, ки ӯ ба уҳда дошт, бо дили аз ишқ саршоре анҷом дода, дар ҳалли онҳо маҳорати фавқулода ва ҷаҳонбинии ҳамаҷонибаи васеъ зоҳир кард. Адабиётшиносӣ ва таҳқиқи эҷодиёти ши-

фоҳии халқ, забони адабии ҳозираи тоҷик ва луғатшиносиву луғатнигорӣ, лаҳҷашиносӣ ва омӯзиши таърихи забон, шеъру шоирӣ аз хизматҳои ин марди дарёдил ба пояҳои нави инкишоф расидаанд. Ишқи зиндагӣ омили ҷавонии ӯ, муҳаббат ба кори халқ асоси безаволии ӯ гардидаанд».

Аҳли илму адаби ҷумҳурӣ соли 2015 100- солагии зодрӯзи Н.Маъсумиро ҷашн мегиранд. Мо дар ин рӯзи саид оид ба ҳаёти дурахшони фарзанди боистеъдоди халқи тоҷик Н.Маъсумӣ суханҳои нек гуфтем. Ӯро ба туфайли хизматҳи кардааш ёд намуда, ҷода, мавқеъ ва саҳми ӯро дар рушди филологияи тоҷик хотирмон намудем.

Шахсият ва хотираи дурахшони ин олими суханвару сухансанҷ ва инсони пурмеҳр ба чунин ҳурмату эҳтиром сазовор аст ва мероси адабию илмии ӯ дар ганҷинаи маърифати халқи тоҷик саҳми босазое дорад. Ин байти хоҷа Ҳофиз алҳақ ба ин олими нуктасанҷ ва инсони комил мувофиқ меояд:

*Ҳаргиз намирад он, ки дилаш зинда шуд ба ишқ,*
*Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо!*

Амирбек ҲАБИБЗОДА

# Дарёи улум

Соли 1939 маро ба Донишкадаи такмили ихтисоси муаллимон ба шаҳри Сталинобод фиристоданд. Таълимгоҳи мазкур дар назди Донишкадаи омӯзгории ба номи Тарас Шевченко, дар он қисми иморатҳо воқеъ буд, ки баъдҳо мактаби ҳизбӣ шуд ва ҳоло боз ба ихтиёри Донишкадаи номбурда гузашт. Писарамми ман Қадамов Муҳаммадҷон баъди барҳам хӯрдани мактаби майдамиллатҳои Шарқ дар Ленинград омада ба курси 3 – юми факултаи таърих ворид гардид ва айни замон ба омӯзгор П.Г.Хижчяк, ки аз таърихи дунёи қадим дарс мегуфт, вазифаи тарҷумониро ба ҷо меоварад. Ман, ки бо ӯ аз кӯдакӣ дар як ҷо калон шудаам, ҳамеша ҳамроҳи ӯ будам. Баъд аз дарсҳоям филҳол ба назди ӯ, ба хобгоҳи донишкада, ки он низ дар таълимгоҳ воқеъ буд, мерафтам. Ман дар он ҷо донишҷӯён Тилло Пулодӣ, Амонхоҷаев, Сафаров, Давлатназар, Иброҳим Самарқандиев, Шӯҳрат Табаров, Шарифзодаи Конибодомӣ, Шарифзодаи Кӯлобӣ ва аз ҷумла, донишҷӯёни хушлибосу хушсурат Носирҷон Маъсумиро низ медидам, вале бо онҳо шинос набудам. Мо баъди як сол донишкадаро хатм карда, ба сифати муаллим ба ноҳияи худамон (банда ба Ишкошим) рафтем. Соли 1941 Қадамов, Амонхоҷаев, Сафаров, Самарқандиевро ба сафҳои Армияи Сурх гирифтанд. Аз онҳо Самарқандиев Иброҳим бо як пояш баргашта, дар ҳамон донишкада аз фанни педагогика дарс мегуфт. Дигарҳо аз майдони набард барнагаштанд.

Ҷанг хотима ёфт ва соли 1946 мактаби дусола ва яксо-

лаи ҳарбии назди КМ ҳизби Комунистии Тоҷикистон кушода шуд ва ман ҳамчун мудири шуъбаи корҳои ташкилии Кумитаи ҳизбии ноҳияи Ишкошим тавсия шудам. Боз дар ҳамон иморати чанд сол таҳсил кардаам, ба сифати шунавандаи мактаби дусола дохил гаштам. Дарсҳо сар шуданд, дар ҷадвал дарси адабиёти тоҷик. Омӯзгоре ба дарсхонаи мо ворид гардид.

Ситорагарм, ҷингиламӯ ва кушодарӯ буд муаллим. Ҳангоме ки ба сухан оғоз кард, ман аз алфози шакаромез ва тарзи гуфтор ва хушоҳангии ҳар як ҷумлааш моту маҳбут шудам. Ин шахс ҳамон устод Маъсумӣ буд. Аз гуфтор ва кирдори ӯ касе нофор ва дилгир намешуд.

Вай бо мулоҳиза, канда – канда, ором сухан ронда, ба илми мантиқ ва зебоии лафзу ибороти гуфтораш бисёр диққат дода, фикрашро равшан баён карда метавонист. Устод аксар шоирона ва бо калимоту ибороти адабӣ сухан меронд. Дар алфози ӯ лаҳҷаҳои маҳалҳо ё аз кадом ноҳияи тоҷикзабонони мо буданаш маълум набуд. Баъдтар донистам, ки устод ба замми адабиётшинос, забондон буданаш шоири боистеъдод, суханофарини хушзавқ, оҳангсоз ва ҳофизи хушхон, андалебовоз ва сухантироз ҳам будааст.

Ман, ки дар кӯҳистони Бадахшон кор ва зиндагӣ мекардам, чунин шахси доно ва хушалфозу зеборо надида будам. Дар ҳар дарс устод сабақи тоза медод. Ба назарам ӯ ҳамчун фариштаи осмонӣ менамуд, ки дар зоҳиру ботинӣ худ нуқсе надорад. Чанд бор хостам аз вай аҳволи писарамми худ Қадамовро пурсам, аммо ҷуръат намекардам. Танҳо дар яке аз рӯзҳо ҳангоми танаффус аз устод пурсидам, ки шумо Қадамов Муҳаммадҷонро дар хотир доред? Дар ҷавоб гуфтанд, ки шумо ӯро аз куҷо медонед? «Гуфтам, ки вай писарамми ман асту аз ӯ саводи ибтидоӣ омӯхтаам». Баъд устод аз айёми таҳсил дар донишкада ва котиби аввали Кумитаи комсомол буданаш ва дар соли 1938 ӯро

аз комсомол хориҷ карда, аз донишкада баровардан ва боз дубора дохил шуда донишкадаро бо баҳои аъло хатм кардан ва ниҳоят, соли 1941 ба аскари рафтанашро ба ман нақл кард.

Ман дар чанд дарси муаллим адабиётдӯст будани худро нишон дода, аз дарсҳояш баҳои аъло мегирифтагӣ шудам.

Қисса кӯтоҳ, мо мактаби дусолаи ҳизбиро ҳатм намудем ва ба ин муносибат шабнишинние барпо шуд. Баъди ба охир расидани қисми табрикӣ ва шодбошиҳо навбат ба созу овоз расид. Рафиқон Маъсумиро ба хондани ашъори худаш ва сурудани шеърҳои ба оҳанг даровардааш таклиф карданд. Ӯ ҳам «не» нагуфта, ба саҳна баромад ва табақчаро гирифта ба сурудан сар кард. Сомеъон мафтуни овозаш шуда, бо кафкӯбиҳо боз ба сурудани шеъри дигар хоҳиш карданд. Устод кафкӯбиҳоро беҷавоб намонда, суруди дигареро хонд. Сурудҳои эшон ба оҳангҳои классикии «Шашмақом» шабоҳат дошта, дилхурӯш ва бо як нафосати тоза ба гӯш мерасиданд. Он гоҳ ман эътиқоди комил ҳосил кардам, ки Носирҷон Маъсумӣ, ҳам адабиётдон, ҳам шоир, ҳам ҳофиз ва ҳам оҳангсози аҷибе будааст.

Баъди хатми мактаби дусолаи ҳизбӣ маро ба раисии Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи коркунони саноати хӯрокворӣ интихоб карданд. Серкор будам, росташ, вале аз он шод будам, ки устодро зуд – зуд медидам. Боре устод бо ман суҳбат карда, муддаояшро иброз дошт: «Рафиқ Ҳабибов, ба назарам, шумо ба корҳои ҳизбӣ ва хоҷагӣ бидуни ихтиёр ва тасодуфӣ афтодаед, ба ман чунин менамояд, ки шумо ба адабиёт ва корҳои илмӣ бештар завқ доред, истеъдоду донишатон низ бад нест, ҳанӯз ҳам дер нашудааст, шумо ба адабиётшиносӣ машғул шавед!»

Ин сухани устод гӯё дар дилам оташе афрӯхт ва ман соли 1952 дар 35-солагӣ ба шуъбаи тарҷумонии Донишкадаи дав-

латии Тоҷикистон дохил шудам. Баъд аз хатми таҳсили 5-сола (соли 1957) ба Донишкадаи забон ва адабиёти АУ Тоҷикистон ба кор омадам. Барои он ки хатти қадимаи худамро хуб медонистам, маро ба ҷамъоварии осори парокандаи шоирони асри ХУ111, Х1Х ва ибтидои асри ХХ вазифадор карданд. Ман доир ба адабиёти Бадахшон маълумоти зиёде ҷамъ ва аз нӯги хамир фатир гуфта, маҷмӯаи «Ганҷи Бадахшон» - ро омода сохтам, вале аз рӯи имло ва иборот, ҷумлабандӣ ва мисли инҳо таҳрирталаб буд. Тифоқо дар сарам фикре омад, ки барои таҳрири китоб ба Носирҷон Маъсумӣ мурочиат намоям, зеро маро ба майдони адабиётшиносӣ худи ӯ даъват карда буд. Устод фикри маро рад накард ва ман барои муҳарририи он марди фозил аз нашриёти «Ирфон» ба номаш мактуб овардам. Устод дар ин давра вазифаи сарварии Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти АУ Тоҷикистонро ба уҳда дошт. Ӯ корро аз ман қабул кард, маслиҳат дод, ки ҳар рӯз баъди кор ба наздаш оям. Ӯ дар назди худам дастнависро хонда, таҳрир мекард ва ман бо ҳамин тартиб ҳар рӯз баъди кори асосӣ ба наздаш мерафтам ва 2 соат ба ин кор машғул мешудем. Устод шеърҳои ба худаш писанд афтодаро дар дафтар навишта мегирифт.

Аҷабо! Ҳангоме ки китоб нашр шуд, дар он исми устод ҳамчун муҳаррир зикр наёфта буд. Ман ба кормандони нашриёт қариб даст ба гиребон шудам, ки барои чӣ номи устод Маъсумӣ дар он нест? Муаллим маро шинонда фаҳмонд, ки дар китоби нашршуда бояд номи яке аз муҳаррирони худи нашриёт бошад. Аммо ман гуфтам, ки охир ҳаққи қаламатон чӣ мешавад? Он кас бо хандае маро тасалло доданд: «Бародарам, ман шеърҳои шоирони Бадахшонро дар суҳбатҳои шуаро ва фузалои давлати ҳамсояамон Афғонистон хонда, онҳоро дар ҳайрат гузоштам ва барои ман ин воқеъа аз бисёр ҳаққи қаламҳо зиёдтар писанд омад. Ҳисоб кунед, ки ман ҳаққи қаламамро барзиёд гирифтаам».

Бояд хотирнишон кунем, ки устод то охири умр раиси Ҷамъияти дӯстӣ бо Афғонистон буданд ва ба ин муносибат тез – тез ба он ҷо сафар мекарданд. Бародарони афғон, хусусан, шоирони он мамлакат бо устод шиносоӣ ва дӯстӣ пайдо карда буданд. Устоди дилсӯз ба ман барин садҳо одамони роҳгумзада роҳ нишон дода, даҳҳо фидоиёни илм ва адабро ба камол расонида буд.

Аз рӯзгору фаъолияти устод Маъсумӣ қисса ва роман навиштан кам аст. Ӯ дарёи пурамвоҷи улум ва дорои беҳтарин хислатҳои инсонӣ буд.

*Яна НАСЕРА*

# Чунин касон зиндагиро зеб мебахшанд

«Инсони хушсурату поктинат, камназиру дилпазир буд ӯ» - чунин мегуфтанд касоне, ки Носирҷон Асадовичро аз наздик мешинохтанд ва ақаллан боре корашон ба ин олим, шоир, мунаққид, омӯзгор, ходими ҷамъиятӣ ва инсони одӣ афтида бошад. Ба ин истилоҳи «Одами одӣ» дар ҳастии ӯ, дар ҳар қадами кору омоли ӯ зоҳир мегардид.

Н.Маъсумӣ ба кафедраи филологияи эроншиносии Донишгоҳи Ленинград бори нахуст барои иншои рисолаи номзадӣ қадам ранҷа фармуда буд. Дақиқназариву ҳалолкорӣ, вазифашиносию серғайратӣ, шикастанафсиву ҳалимтабиатӣ, ботамкинию эҳтиёткорӣ, суханронии хирадмандона, кирдору рафтори софдилона барин хислатҳои хуби инсонӣ дар ин марди шариф таҷассум ёфта буданд.

Хайрхоҳии ӯ бо одамон, андешаҳои дар ҳаққи онҳо самимона, алфози ширинаш дар ҳама ҷо на каломи риёкоронаву пардапӯш, балки сирф бетакаллуфона, эҳтиёткорона ва дар мизони хирад санҷидашуда буданд.

Ағлаб ин хислатҳои наҷиби инсонӣ рашки ҳасудонашро ба вуҷуд меоварданд. Онҳо баъзан ӯро меранҷонданд. Вай ин кирдори ношоистаи бадхоҳонро донад ҳам, худро надида мегирифт, балки мавридашро ёфта, бо роҳи некӣ ва хайрхоҳӣ забонашонро мебаст ва ин ҷо ҳам хираду заковати худро зоҳир менамуд. Ин аст, ки аҳли илм ва ҷомеа ӯро ҳамчун инсони накӯсиришт, бекина, ҳақшинос ва ҳалимгуфтор

мешинохтанд ва самимона эҳтиромаш менамуданд.

Ин хислату рафтори ӯро «ба қавле, ё муносибати файласуфони ба ҳаёт, дарки амиқи афъоли одамон», ё худ назарияи «ҳама чизро бахшидан» гуфтан ҳам мумкин буд. Вале агар табиату ботини ӯро касе фаҳмида тавонад, дар воқеъ итминон пайдо мекунад, ки Носирҷон Маъсумӣ марде буд, ки натанҳо дил ба даст меовард, балки гуноҳро ҳам бахшида метавонист.

Маҳз ҳамин фазилатҳои олии инсонӣ, ки мутаасифона, на ба ҳар кас насиб мегардад, ӯро аз бисёр касон чанд поя баландтар медоштанд.

Чунин одамон зиндагиро зеб мебахшанд ва ба ростӣ, болотар аз пиндорӣ моянд.

*Донишгоҳи Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург),*
*кафедраи эроншиносӣ*
*Тарҷумаи Собир ЗИКИРЗОДА*

*Н. ШАРОФЗОДА*

# Олим, шоир ва муаллим

Носирҷон Маъсумӣ (1915-1974) дар таърихи илму маърифат ва маорифи тоҷик чун муҳаққиқ, адабиётшиносу шоир. забоншиносу омӯзгори шинохта, ҷамоатчии фаъол, мураббии олимони ҷавон маъруф аст. Дар ҳаёти адабӣ, илмию маорифи ҷумҳурӣ қариб соҳае нест, ки Н. Маъсумӣ фаъолона иштирок накарда бошад Ӯ устоди меҳрубони ҳазорҳо омӯзгорон ва роҳбари беназири тадқиқотгарони соҳаи филологияи тоҷик буд.

Хамин тариқ, тадқиқотгарони фаъолияти ҷамъиятӣ, илмӣ ва педагогии Н. Маъсумӣ ҳамкору шогирдони ӯ ба монанди профессор М. Исматуллоев, академик М. Шукуров, узви вобастаи АУ Тоҷикистон Р. Ғаффоров, А. Маниёзов, профессор А. Сайфуллоев, забоншинос, доктори илми филология Ғ. Ҷӯраев, адабиётшиносон В. Самадов. А. Суфиев дар асарҳои худ хизмати шоистаи олими пухтакорро равшану возеҳ қайд кардаанд.

Фаъолияти илмӣ, адабӣ ва педагогии Н. Маъсумӣ дар давоми солҳои зиёд бо Самарқанди куҳану шаҳри олимон вобаста буд. Ин ҷо тез-тез омада, ба тадқиқотгарони ҷавон маслиҳат медод, асарҳои онҳоро таҳрир мекард, бо олимон суҳбат меорост. Пеша ва шуғли Н. Маъсумӣ дар муассисаҳо хоксоронаю барои мо ибратангез буд.

Н. Маъсумӣ соли 1915 дар деҳаи Қаратоғи водии Ҳисор дар оилаи оҳангар таваллуд ёфтааст. Пас аз тамом кардани мактаби ибтидоии қишлоқи Бахштеппаи Самарқанд дар курси дусолаи педагогии Самарқанд (1928-1930), таҳсил

кардааст. Чун муаллими Омӯзишгоҳи педагогии Панҷакент (1930-1936), донишҷӯи Институти педагогии Душанбе (1936-1940) муаллим, мудири кафедраи ҳамин институт (1940-1965), ҷонишини директори институти мазкур оид ба кисми илмӣ (1956 —1959) ва аз соли 1959 директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, баъд то охири умр ба сифати академик-котиби Шуъбаи илмҳои ҷамъиятии Академияи улуми Тоҷикистон фаъолият нишон додааст.

Н. Маъсумӣ чун шоир дар арсаи адабиёт ҳиссаи арзанда дорад. Шеърҳои ӯ аз соли 1934 дар саҳифаҳои матбуот чоп мешаванд. Аввалин чакидаи қалами ӯ 31 январи 1934 бо номи «Санъаткор» дар рӯзномаи «Коммунисти Панҷакент» чоп шуда буд. Яке аз аввалин шеърҳои ӯ «Духтари номдори ордендор» дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (№ 3, 1936) нашр гардид. Як қатор достону шеърҳои Н. Маъсумӣ ба монанди «Таронаи мулки саодат», «Баҳори Ватан», «Аз зафар ба сӯи зафар», «Ифтихори мо», «Оинаи ҷаҳоннамо», «Хитоб ба дил», «Қавли пахтакорон», «Дар колхози ғаллакор», «Кори сулҳ бардавом аст», «Чароғи ирфон», «Нораки мо», «Тоҷикистон», «Ҳайкали назм» дар рӯзномаю маҷалла ва маҷмӯаҳои адабӣ, қисми дигари ашъори шоир чун китоби алоҳида нашр шуда, дастраси хонандагон гардида буданд.

Ашъори Н. Маъсумӣ ба тараннуми ҳаёти фаровони халқ, меҳнати шуҷоатноки деҳқонони Тоҷикистон, инкишофи илму техника, маориф ва ғайра бахшида шудаанд. Онҳо хеле сода ва самимӣ буда, дар қалби одамон нисбат ба Ватан ва табиати дилрабои он хиссиёти баланди меҳру муҳаббатро бедор мекунанд. Чунончи, дар шеъри «Орзу ва ҳақиқат» шоир ҷавононро доим огоҳ мекунад, ки дар ҳаёт ва зиндагони суботкор, софдил, меҳнатдӯст ва дурандеш бошанд:

*Дар адои хизмати худ доимо,*
*Софдил бошеду бо сидқу вафо.*

*Меҳнату фахру сарафрозӣ кунед,*
*Халқро бо кори худ розӣ кунед!...*

Чӣ тавре ки маълум аст, Н. Маъсумӣ аз олимоне буданд, ки дар ҳамаи соҳаҳои филологияи тоҷик - фарҳангшиносӣ, адабиёти классикию муосир, назарияи адабиёт, таърихи забон ва забоншиносии умумӣ, лексикология, услубшиносӣ, сарфу наҳв, фолклор ва ғайра тадқиқоти пурарзиш бурда, рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, методӣ навишта, барномаи таълимӣ, луғатҳо тартиб дода буданд (миқдори онҳо зиёда аз 250 аст). Онҳо дар хазинаи илму маърифати тоҷик аҳамияти зиёди илмию амалӣ доранд. Як қисми онҳо дар намуди мақолаҳои илмӣ, қисми зиёдашон дар шакли рисолаҳои хурду калон нашр гардидаанд.

31 майи 1936 нахустин мақолаи илмии Н. Маъсумӣ зери сарлавҳаи «Пушкин ва хотираи ӯ» (ба муносибати 100-солагии А. С. Пушкин) дар рӯзнома ба табъ расид. Сипас, дар сахифаҳои матбуот мақолаҳои илмию рисолаҳои ӯ оид ба таълиму тарбия дар мактабҳои олию миёна, методикаи забони модарӣ, чуқур омӯхтани мероси адабӣ, фолклор, програмаи забон ва адабиёти тоҷик, тағйироти таркиби луғавии забони адабии тоҷик, дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти адабии Айнӣ, Мушфиқӣ, Рӯдакӣ, Тилло Пулодӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Саидалӣ Вализода, Мирзо Турсунзода, Туғрал, М. Горкий, М. Раҳимӣ ва адибони дигар паси ҳам ба табъ расида, диққати умумро ба худ кашиданд. Зеро ин асарҳо гувоҳӣ медоданд, ки ба майдони илми адабиётшиносӣ, забоншиносӣ ва ғайра мутахассиси ҷавони соҳибистеъдоде қадам гузоштаast, ки қаламаш дар таҳлили масъалаҳои муҳими филологияи тоҷик, маҷмӯаҳои шеърӣ равон мебошад.

Солҳои баъдина Н. Маъсумӣ ҳамчун Арбоби давлат ва олими маъруф доираи ҷустуҷӯҳои илмии худро боз ҳам васеътар намуд. Ӯ аз пайи тадқиқоти тозаи илмӣ шуд. Тадқиқотҳои «Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони мо-

дарӣ» (1949), «Фольклори тоҷик» (1952), «Китоби дарсӣ барои синфи Х» (бо ҳаммуаллифии Х. Мирзозода ва Ю. Бобоев, 1952), «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» (1959), «Усули таълими адабиёт дар синфҳои 5-8» (1960), «Муҳаммадҷон Раҳимӣ» (1961) «Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи асрb XIX» (1962), «Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат» (1967) ва ғайра лоиқи таҳсинанд.

Асари нисбатан мукаммали забоншиноси нуктасанҷ «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик» аз панҷ боб иборат буда, дар он мавқеи С. Айнӣ дар инкишофи забони адабии тоҷик..., аҳамияти асари устод С. Айнӣ «Марги судхур», хусусияти луғавӣ, морфологӣ ва синтаксисии асар ва ғайра бо равшану возеҳ будани маводу санадҳои таърихӣ, ҷиддӣ будани хулосаҳо дар хонанда ҳисси қаноатмандиро ҳосил мекунанд.

Таълифи китоби дарсию дастурҳо, тартиб додани барномаҳо аз муаллиф донишу малака ва масъулияти зиёдеро тақозо мекунад. Махсусан, таълифи китобҳои дарсӣ, методӣ мушкилоти зиёде дорад. Фаҳмо ва шавқовар таҳя намудани мавзӯъ, интихоби матнҳои мувофиқ, ки бо ҳаёти имрӯза ҳамоҳанг бошад, кори саҳл нест. Китоби дарсии пурарзиши «Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ» барои омӯзишгоҳҳои педагогӣ курси пурраи синтаксиси забони адабии тоҷикро бо тамоми паҳлуҳояш дар бар гирифта, машқҳои амалӣ, порчаҳои насрию назмии мувофиқ, 3-4 супориши методӣ дода шудааст.

Соли 1952 китоби «Фолклори тоҷик», соли 1966 бо ҳамкории М. Холов «Намунаи фольклори халқҳои Афғонистон»-ро нашр кард. Инчунин, дар давоми солҳои тӯлонӣ, маҷмӯаи илмии кормандони Институти педагогӣ, ходимони илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ва аспирантҳоро таҳрир кардааст. Бо роҳбарии бевоситаи ӯ зиёда аз 20 нафар ҷавони боистеъдод аз забону адабиёти тоҷик

сазовори унвони номзади илм гардиданд. Аз шогирдони боистеъдоди собиқи вай Абдураззоқ Ғаффоров, Атахон Сайфуллоев ва дигарон то ба дараҷаи олимони маъруф, А. Сӯфиев (фолклоршинос), А. Аминов, С. Умарова (методикаи адабиёт) ҳамчун муҳаққиқони боистеъдод ва гурӯҳи дигарон Лоиқ Шералӣ, Ф. Ансорӣ, Ғ. Мирзо, Убайд Раҷаб, Бобо Ҳоҷӣ чун шоирони номӣ расиданд. Дар таҳрири «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (ҷилдҳои I-II, Москва, 1969) фаъолона иштирок кард. Ин фарҳанги тафсирии забони классикии тоҷик тақрибан 45 ҳазор калимаю ибораро дар бар гирифтааст. Эзоҳи калимаву ибораҳо аз асарҳои адабиёти асрҳои X то ибтидои асри XX гирифта шудаанд.

Соли 1960 барои хизматҳои дар соҳаи илму маърифат кардааш Н. Маъсумӣ ба номи Ходими хизматнишондодаи илм сазовор гардид. Аз соли 1963 ҳамчун ходими намоёни ҷамъияту илм, депутати Совети Олии Тоҷикистон (даъватҳои 6-8) буд. Вай узви «Энсиклопедияи мухтасари адабӣ» (Москва), раиси Шуъбаи тоҷикистонии ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои мадании СССР бо Афғонистон, узви Шӯрои умумииттифоқӣ оид ба масъалаҳои лексикология, лексикография, инчунин, узви Комитети назорати халқии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон фаъолият нишон медод.

Хотираи дурахшони арбоби давлат, устод, олими маъруф, шоир ва марди ориф Носирҷон Маъсумӣ ба воситаи асарҳояш ва хизмати шоёнаш зиндаю ҷовид хоҳад монд.

***Додоҷон ОБИДОВ***
***Дилшод РАҲИМОВ***

# Хидматҳои Носирҷон Маъсумӣ дар фолклоршиносии тоҷик

Носирҷон Асадович Маъсумӣ дар давоми фаъолияти пайгиронаи илмӣ ва бисёр бобаракату пурмаҳсули худ дар соҳаҳои забоншиносию адабиётшиносӣ дар риштаи фолклоршиносӣ низ корҳои муҳимеро анҷом додаанд. Ба ин даъво далел ҳамин аст, ки эшон муаллифи нахустин китоби дарсии «Фолклори тоҷик» ва таҳиягари аввалин барномаи таълимии курси фолклоршиносӣ барои мактабҳои олии омӯзгорӣ, аввалин устоди Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ аз фанни фолклоршиносӣ мебошанд. Устод Маъсумӣ яке аз аввалин ҷамъкунандагони намунаҳои эҷодиёти шифоҳии тоҷик, мураттиби нахустин маҷмӯаи фолклори халқҳои Афғонистон дар ҷумҳурии мо, якумин поягузори илми фолклоршиносӣ дар Тоҷикистон ба шумор мераванд.

Носирҷон Маъсумӣ баробари анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ чанд муддат ба гирдоварии маводи фолклорӣ машғул шудаанд. Устод ҳамроҳи шоир Боқӣ Раҳимзода ва мардумшинос Муҳаммаднаим Раҳимов чанд маротиба ба ноҳияҳои Қаротегину Дарвоз сафар карда, аз забони мардуми деҳаҳои дурдасти ин ноҳияҳо намунаҳои зиёди фолклориро навишта мегиранд, ки ин мавод ҳоло дар ҳаҷми як ҷилди калон (иборат аз 200 саҳифа), дар шакли дастнавис ба хатти лотинӣ дар Ганҷинаи фолклори Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ бо сабти ному насаби гӯяндагону гирдоварандагонаш маҳфуз аст. Баъзе намунаҳои ин

маводро фолклоршиносони мо дар тартиб додани маҷмӯаи академии «Куллиёти фолклори тоҷик», истифода кардаанд.

Тибқи нақли шифоҳии фолклоршиноси маъруфи зиндаёд Б. Шермуҳаммадов ва қайдҳои академики АИ ҶТ Хуршедахон Отахонова, дар китоби «Масъалаҳои матншиносии адабиёти муосири тоҷик» тахмин меравад, ки устод Маъсумӣ пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо ҳамкории олими тавоно, марҳум Лутфулло Бузургзода як маҷмӯаи фолклорӣ тартиб дода будаанд ва аз сабаби ба фронт рафтани Бузургзода он маҷмӯа чоп нашуда будааст. Сад дареғ, ки сарнавишти баъдинаи ин маҷмӯа чӣ гуна аст, ҳанӯз маълум нест.

Агар ин маълумоти ироадоштаи Б.Шермуҳаммадов ва Х.Отахонова асосе дошта бошад, маълум мешавад, ки устод Маъсумӣ сабту гирдоварии намунаҳои фолклориро ҳанӯз пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз карда будаанд. Гумон меравад, ки мавсуф ин корро дар солҳои ҷанг низ давом додаанд.

Ба яқин метавон гуфт, ки ба кори ҷамъоварии адабиёти шифоҳӣ рӯй овардани устод Маъсумӣ, агар аз як тараф ба тақозои тадриси фанни фолклоршиносӣ, бо мақсади истифода бурдани матнҳои наву тозаи асарҳои халқӣ сурат гирифта бошад, аз тарафи дигар, ин кор ба шарофати дилбастагии бепоён доштани устод ба мероси фарҳангию адабии миллати худ алоқаманд аст. Сабаби дигари таваҷҷуҳи адибон ва олимон, аз ҷумла Н.Маъсумӣ, ба умури гирдоварию пажӯҳиши эҷодиёти шифоҳии халқ даъвати муншии умумии Иттиҳодияи нависандагони Шӯравӣ А.М. Горкий дар Анҷумани якуми адибони умумииттифоқ мебошад, ки дар ҳамаи ҷумҳуриҳои иттиҳод такони ҷиддие барои гирдоварию нашри фолклори халқҳои гуногун шуда буд.

Агар сухан дар бораи фаъолияти илмӣ-пажӯҳишии устод Маъсумӣ равад, номбурда дар ин бахш низ як қатор корҳоро ба сомон расонидаанд, ки умдатаринашон инҳоянд: таъ-

лифи китоби дарсии фолклоршиносӣ барои донишҷӯён; таҳияи барномаи дарсии курси фолклоршиносӣ барои институтҳои педагогӣ; таълифи мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ дар бораи жанрҳои алоҳидаи адабиёти шифоҳии халқи тоҷик, фолклори даризабонони Афғонистон ва эҷодиёти баъзе шоирони мардумӣ, аз қабили Саидалӣ Вализода, Карим-Девона, Юсуф Вафо, Бобоюнус Худойдодзода ва дигар корҳои ба ҳаминҳо монанд.

Як ҳодисаи қобили мулоҳиза ин аст, ки агарчи осори илмӣ-пажӯҳишии дар бахши фолклоршиносӣ навиштаи устод Маъсумӣ аз ҷиҳати теъдод камтар аст, вале аксарияти онҳо пухтаву дақиқ, бодалел ва моломоли андешаҳои марғубу бикр ва ҷуръатмандонаю олимонаанд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дар таҳияи аввалин либретои операи тоҷик «Шӯриши Восеъ»-и М.Турсунзода ва А.Деҳотӣ мақолаи Носирҷон Маъсумӣ «Шӯриши Восеъ ва сурудаҳои таърихӣ», чуноне ки Х.Отахонова дар асари ёдшудаашон менависанд, ҳамчун яке аз маъхазҳои асосӣ ба кор рафтааст. Хусусан, китоби «Фолклори тоҷик», ки соли 1952 ба табъ расидааст, аз ин гуна андешаҳои донишмандона серобу саршор мебошад.

Бояд гуфт, ки китоби мазкур то соли 1980, яъне то замони аз чоп баромадани китоби дарсии В. Асрорӣ ва Р.Амонов «Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик» (қариб 30 сол), ягона китоби дарсӣ барои тамоми донишҷӯёни факултаҳои филологии макотиби олии Тоҷикистон аз фанни фолклоршиносӣ буд. Дар байни аҳли илм ва ҳаводорони эҷодиёти даҳанакии халқ ба унвони фолклоршинос шуҳрат пайдо кардани устод Маъсумӣ ҳам асосан тавассути ҳамин китоб аст. Аз ин китоб на фақат донишҷӯёну аспирантон, балки устодони мактабҳои олӣ, мутахассисони фолклоршинос, этнографу муаррихон, мусиқишиносон ва дигар муҳаққиқони илмҳои инсонию ҷамъиятӣ фаровон истифода мебурданд ва имрӯз ҳам ба кор мебаранд. Пажӯҳишгарони соҳа аз он иқтибосҳо

мегиранд, дар ҳаллу фасли ин ё он масъалаи марбут ба фолклоршиносӣ ба он муроҷиат мекунанд ва шеваю усули нигориши он, тарзи тадқиқи осори адабиёти шифоҳиро меомӯзанд.

Китоби «Фолклори тоҷик»-и устод Маъсумӣ аз чор бахши асосии зерин иборат аст:

Якум – масъалаҳои умумии эҷодиёти даҳанакии халқ; дувум – масъалаҳои оид ба таърихи фолклоршиносӣ ва дараҷаи омӯхта шудани фолклори тоҷик; сеюм – фолклори маросимии тоҷик ва чорум – жанрҳои асосии фолклори тоҷик. Зимни ҳамин чаҳор бахш умдатарин масъалаҳои марбут ба фолклоршиносии тоҷик таҳқиқу баррасӣ гаштаанд, ки мавзӯҳои зайлро фаро мегиранд:

Таълимоти марксизм-ленинизм дар бораи эҷодиёти даҳанакии халқ; муносибати санъат ва баъзе соҳаҳои фан бо фолклор; оид ба масъалаҳои пайдоишу тараққиёти адабиёти даҳанакӣ; эҷодиёти даҳанакӣ ва хусусиятҳои махсуси он; таъсири мутақобилаи фолклор ва адабиёти китобӣ; фолклоршиносии шӯравӣ; эҷодиёти Фахрии Румонӣ; фолклори маросимӣ ва тақвимӣ; фолклори маросими тӯй; фолклори маросими мотам; назми сарбозӣ; хусусиятҳои ғоявию бадеии жанрҳои фолклори тоҷик – достон, афсона, латифа, рубоӣ, суруд, зарбулмасалу мақол, чистон ва драмаи халқӣ.

Қобили тазаккур аст, ки қисми асосии масъалаҳои дар боло ёдшуда дар илми фолклоршиносии тоҷик бори аввал маҳз тавассути китоби устод Маъсумӣ мавриди баҳс ва арзёбии илмӣ қарор гирифтаанд. Масъалаи табақабандӣ ва муайян намудани марзи жанрҳои фолклорӣ низ нахустин бор ба шарофати ҳамин китоб ба майдони илми фолклоршиносии тоҷик ворид карда шудааст.

Ин китоби ҳаҷман кӯчак, ки дар маҷмӯъ 110 саҳифаро дарбар мегирад, барҳақ аз нодиртарин асарҳо дар соҳаи фолклоршиносии тоҷик ба шумор меравад. Тамоми мазму-

ну ғояи ин асар аз нишон додани ҷиҳатҳои судманди фарҳангию маънавии адабиёти даҳанакии ҳалқ ва таъкид кардани аҳамияти тарбиявию таърихӣ ва маърифатии матнҳои адабиёти шифоҳӣ мебошад. Ба эътибори далелҳои зиёд метавонем гӯем, ки агар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ дар мавриди таҳаввулоти маданӣ дар Тоҷикистон хидмати бузурге карда бошад, китоби «Фолклори тоҷик»-и устод Носирҷон Маъсумӣ низ ҳамин гуна хидматро дар ташаккул ва инкишофи илми фолклоршиносии тоҷик кардааст.

Устод Маъсумӣ бар замми он ҳама корҳое, ки дар ин ҷо зикр намудем, дар давоми солҳои директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ буданашон, ҳамчун сарвари ғамхор дар ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои ташкилию илмии шуъбаи фолклор саҳми муҳиме доштанд. Аз он ҷумла масъалаҳои:

- танзим, тадвин ва ба фонди комилан илмӣ табдил додани бойгонии маводи фолклории институт;
- тартибдиҳӣ ва ба чоп омода намудани 15 ҷилди куллиёти бисёрҷилдаи академии фолклори тоҷик;
- ба табъ расонидани як ҷилди мукаммали достонҳои эпоси «Гӯрғулӣ» аз тарафи нашриёти «Наука» ба забони русӣ;
- аз Осетияи шимолӣ ба фонди фолклори тоҷик интиқол додани маводи фолклорӣ дар ҳаҷми 6 ҷилд, ки аз тоҷикони маҳбуси ш. Караганда фолклоршинос Дзагурови осетиягӣ сабт кардааст;
- барпо намудани симпозиуми илмии байналмилалӣ дар мавзӯи муҳимтарин масъалаҳои фолклоршиносӣ дар кишварҳои дунё;
- ба 2 қартаи 6-соата сабт намудани 4 достони эпоси «Гӯрғулӣ»-и Ҳикмат Ризо дар ш. Тошканд;
- созмон додани сафарҳои илмӣ-фолклории мунтазам ба шаҳру ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон ва маҳалҳои тоҷикни-

шини Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

- тайёр намудани мутахассисони соҳаи фолклоршиносӣ бо роҳи аспирантура ва ғайра.

Боз як бори дигар таъкид менамоем, ки ҳамаи ин корҳои илмию ташкилӣ бо салоҳдид, ризоият ва дастгирии бевоситаи устод Маъсумӣ анҷом пазируфтаанд. Баъзе аз ин корҳо бо роҳбарӣ ва иштироки худи устод амалӣ гардидаанд.

Ин буд чанд мулоҳизаи кӯтоҳ дар бораи фаъолият ва хидмати устоди зиндаёд Носирҷон Асадович Маъсумӣ дар соҳаи фолклоршиносии тоҷик.

***Х. МУҲАММАДЗОД***

# Устоди беназир ва маҳфилоро

Устод Носирҷон Маъсумиро дар тамоми манотиқи Тоҷикистон, дар Эрону Афғонистон ҳамчун олими варзидаи ҳамаи соҳаҳои филологияи тоҷик хуб мешиносанд. Зеро асарҳои дар соҳаи забон эҷодкардаашон китобҳои рӯимизии забоншиносон буданд ва ҳамин тавр мемонанд.

«Масъалаи забони миллии тоҷик», «Вазъи забони наср то асри XIX», «Инъикоси ҳаёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар забони асари С.Айнӣ «Марги Судхӯр», «Муҳимтарин таҳқиқи тараққиёти забони адабии умумии тоҷик», «Материалҳои китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ», «Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумла ва хелҳои он», «Маданияти нутқ», «Масъалаҳои муҳими меъёри забони адабии ҳозираи тоҷик» ва ғайраҳо аз ҷумлаи асарҳои дар соҳаи забон офаридаи устод мебошанд. Феъл, ки дар забони тоҷикӣ шаклҳо ва хусусиятҳои хеле муҳиму васеъ дорад, ба қалами Н.Маъсумӣ аз ҷиҳати илмӣ чунон ҳаллу фасл шудааст, ки назирашро дар забоншиносии тоҷик дида наметавонем. Устод Н.Маъсумӣ дар соҳаи адабиётшиносӣ низ якчанд асари ба аҳли илм писанд навиштаанд.

«Туғрал ва муҳити адабии ӯ» яке аз шоҳасарҳои он кас буда, дар он муаллиф ба маънои томи сухан, ҳамчун гавҳарии кордида, ки дар ҳунараш айбе нест, ба Туғрал ва муҳити адабии ӯ классикона ва устодона назар афкандаанд ва чунон таҳлилҳои илмӣ кардаанд, ки кас хонда, ба ҳайрат меафтад ва то чӣ андоза борикбин ва нуктасанҷ будани муаллифро пай мебарад. «Асарҳои мунтахаб» - и Н.Маъсумӣ, нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1975 (ҷилди I оид ба

адабиёт, ҷилди II оид ба забон) дар хазинаи илму фарҳанги тоҷик ҷои хосро гирифтаанд.

Устод Н.Маъсумӣ фаъолияти худро, асосан, бо шеър сар карда, то охири умр эҷод кардаанд. Осори назмии шоир дар шаклҳои ғазал, рубоӣ дубайтӣ ва ҷинсҳои дигари назм эҷод шудаанд. Дубайтии зерин аз табъи волои Н.Маъсумӣ дарак медиҳад.

*Туро ҷону ҷаҳон мегӯям, эй гул.*
*Азизу меҳрубон мегӯям, эй гул.*
*Даруни дидаву дилро бароят*
*Макони ҷовидон мегӯям, эй гул.*

Устод бо вуҷуди сарвари Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ва баъд котиби шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи фанҳои Тоҷикистон будан, як рӯз ҳам аз касби омӯзгорӣ дур нашуданд. Дар ҳақикат, усод ошиқи касби худ, ошиқи ҳусни маънӣ буданд. Ҳар як донишҷӯ ҳис мекард, ки қалби Н.Маъсумӣ аз ишқи беолоиш саршор аст.

Ишқи инсон, ҳаёт, хушиҳои зиндагӣ, одаму одамият, муҳаббат ба муқаддасоти миллӣ, дӯст доштани забони модарӣ ва фарҳанги ниёгон, худшиносӣ ва ҷаҳондонӣ ҷавҳари дарсҳои устод буданд.

Хислатҳои устод ба шогирдон таъсир мекарду мегузашт. Рости гап, дарсҳои адабиёти классикии тоҷик гулзору устод Маъсумӣ булбули хушилҳони ин гулистон ва мо шогирдон ширагири каломи пурмуҳтавои устод будем. Ин аст, ки муҳаббати устоди беназир на танҳо дар зиндагӣ, балки баъди зиндагиашон низ ба ҷисму ҷони шогирдон такрор ба такрор байти Ҳоҷа Ҳофизро ба ёди устод мехонанд:

*Агар пӯсида гардад устухонам,*
*Нагардад меҳраш аз ҷонам фаромӯш.*

Камина аминам, ки дар тамоми қаламрави тоҷикон меҳри шогирдон ба устод ҳамин гуна аст.

Н.Маъсумӣ инсони комил буданд. Ҳамеша аз А.Н.Бол-

дирев ёд мекарданд.

Шогирдони Н.Маъсумӣ дар илм академикҳо М.Шакурии Бухороӣ, Р.Амонов, профессорон М.Исматуллоев, А.Ғафуров, барандаи ҷоизаи А.Сино, дотсент Субҳон Атабуллоев ва дигарон шахсиятҳои маъруфанд. Ашхоси номбурда дар бораи Н.Маъсумӣ ва фаъолияти он кас китоб ва асарҳои илмӣ доранд.

Соли 2002 камина, ки гарди домани бузургон нестам, «Носирҷон Маъсумӣ» ном китобчаамро ба бойгонии устод додам. Вера Осмакова -Маъсумӣ гӯё Н.Маъсумиро дида бошад, китобро бӯсида, сипас, китоби худро, ки ба Маъсумӣ бахшидааст ва «Ҷаҳонаш ҳуснафрӯз аст» ном дошт, тақдимам кард.

Устод Н.Маъсумӣ 2 майи соли 1915 дар Қаратоғ таваллуд шуда, дар курси 2-солаи муаллимии Самарқанд хонда, дар омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷакент муаллимӣ карда, он ҷо хонадор шуда, маълумоти олиро дар Душанбе гирифта, пас дар аспирантураи Ленинград ҳимоя ва то охири ҳаёт (моҳи августи соли 1974) дар Душанбе кор ва зиндагӣ кардаанд. Ба дӯстону шогирдони устод ҷашни 100-солагии ин марди хирад муборак бошад.

*Ҳотам РАБИЕВ*

# Диле бузургтар аз дунё,
## *ё ӯ мансаби вазириро рад карда буд*

Деҳаи Қаратоғ бо фарзандони бузургаш мефахрад. Яке аз фарзонафарзандони ин деҳаи бостонӣ адабиётшиноси тоҷик, омӯзгор, шоир, ходими намоёни ҷамъиятӣ устод Носирҷон Маъсумӣ мебошад. Ӯ дар пешравии забоншиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик саҳми сазовор гузоштааст.

Носирҷон Маъсумӣ моҳи майи соли 1915 дар деҳаи Қаратоғ ба дунё омадааст. Падараш усто Маҳмуди деҳқону оҳангар ҳамон солҳо, ки Носирҷон ба дунё меояд, вафот мекунад. Дар оилаи онҳо ба ғайр аз модараш, бибӣ ва хоҳари калонии Носирҷон монданд. Бибиаш шахси босавод буд. Ба духтарони маҳалла дарс медод. Вай нақлу ривояту афсонаҳои аҷибе медонист. Модари Носирҷон низ зани хеле зебо ва ҳунарманд буд. Ӯ курта, кӯрпа ва тоқиҳои хушрӯй медӯхт. Сарчашмаи асосии рӯзгор маҳсули дастони модараш буд.

Баъд аз чанд сол бибӣ ва хоҳари калонии Носирҷон вафот мекунанд. Тағояш Зулфиқор Норов, ки дар Самарқанд ва Панҷакент ба корҳои мавсимӣ машғул буд, сарпаноҳи хонавода гардид. Оғози солҳои 20-ум барои аҳли деҳаи Қаратоғ низ душвор омад. Нофаҳмиҳои сиёсӣ рух доданд. Ба деҳа аскарони сурх омаданд. Босмачиён низ пайдо шуданд. Худи Носирҷон Маъсумӣ дар хотираҳояш менависад:

«Дар хоҷагии мо ва, умуман, аҳли деҳа тақрибан чизе намонда буд. Босмачиён ҳама чизро мебурданд ва агар касе кӯшиши муқовимат бикунад, ӯро мекуштанд. Модарам дар як рӯймолча хӯрока мебаст, як кӯзаро пури об мекарду дар даҳлез мегузошт. Вақте ки аз босмачиён гурехтан лозим

мешуд, модарам бастаро ба ман медод, кӯзаро худаш мегирифт ва ҳарду ба қабристон мегурехтем ва дар гӯрҳои фурӯрехта паноҳ мебурдем.

Баъди ҳар омадурафти босмачиён одамони ғоратзада гирёну нолон мемонданд. Дар ҳамаи хонаводаҳо ғаму андуҳ ҳукмфармо буд».

Бо маслиҳати пешакӣ Носирҷон ҳамроҳи модараш ва тағояш Зулфиқор ба самти Самарқанд раҳсипор мешаванд. Вай он вақт 8-сола буд. Дурӣ аз зодгоҳ, аз рафиқони бачагӣ, аз ҷойҳои ошно, бад будани авзои замона Носири хурдакаку зиракро азоб медод. Аммо чӣ илоҷ, тақдир чунин буд.

Ниҳоят, онҳо дар деҳаи Бахшитеппаи Самарқанд дар хонаи кадом як хеши дурашон муқимӣ мешаванд. Ҳунармандии модари Носир - Гавҳар Норова дар ин ҷо низ кор медиҳад, махсусан курта ва тоқидӯзиаш. Носирҷон дар Самарқанд мактаби ибтидоӣ ва курси муаллимтайёркуниро ба итмом расонда, чанд муддат дар Панҷакент ба касби муаллимӣ шуғл меварзад.

Соли 1936 ба Душанбе меояд ва ба Донишкадаи омӯзгорӣ дохил мешавад. Пас аз хатми Донишкада ба ҳайси муаллим дар ин ҷо мемонад. Соли 1945 Носирҷон Маъсумӣ бо Вера Осмакова ҳамхона мешавад.

Дар пешравии корҳои эҷодии устод Носирҷон Маъсумӣ хизмати ин зани чеҳракушода, ҳалим, меҳрубон, дилсӯз ва ниҳоят меҳрубону софдил назаррас мебошад. Дӯстию ҳамкорӣ бо бузургмардони миллат - адиби оламшумул, асосгузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ, инчунин бо Мирзо Турсунзода, М. Раҳимӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Боқӣ Раҳимзода, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Ҳабибуло Назаров, олимони машҳур Шарифҷон Ҳусейнзода, Холиқ Мирзозода, Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов, Расул Ҳодизода. Муҳаммадҷон Шакурӣ, Абдуқодир Маниёзов, Атахон Сайфуллоев. Раззоқ Ғаффоров, Ҳамроқул Шодиқулов ва дигарон симои устод

Носирҷон Маъсумиро чун адабиётшиноси маъруф ҷилва медиҳад.

Устод М.Шакурӣ ёдовар мешаванд:

«Ман домулло Маъсумиро аз давраҳои аввали донишҷӯиям, аз давраи ҷанг то охири умраш медонистам.

Дар тамоми муддат шогирди ӯ будам. Ман аз ӯ дониш, маданият, муносибат бо одамонро меомӯхтам ва ҳамеша маслихат мепурсидам».

Ҳамсари Носирҷон Маъсумӣ  Вера Осмакова чунин ба ёд меорад:

«Охири солҳои шаст Маъсумиро ба Шӯрои Вазирон даъват карданд, суҳбат оростанду вазифаи вазири фарҳанги Тоҷикистонро пешниҳодаш намуданд. Ӯ аз ин хусус баъди омадан ба хона нақл кард. Он рӯз димоғсӯхта буд. Кас гумон мекард, ки ӯро аз кор озод карда бошанд, на ин ки вазифаи вазириро пешниҳодаш намудаанд! Асли воқеаро, ки фаҳмидем, пурсидамаш:

- Хуб дар ин хусус чӣ фикр дорӣ? Ҷавоб гуфтӣ ё ҳанӯз барои фикр кардан вақт ҳаст?

Носир гуфт:

- Ман ҷавобамро гуфтам. Бисёр хоҳиш намудам, ки маро ба ин вазифа пешниҳод накунанд.

- Хайр? - пурсидам ман.

- Дар Шӯрои Вазирон рафиқон хуб хандиданд ва гуфтанд, ки ин аввалин воқеаест, ки кас вазифаи вазириро рад карда бошад!».

Оре, устод Носирҷон Маъсумӣ  ба маънои томаш фидоии роҳи илм буд.

Ҳамзамон, дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ва ҳам дар Академияи улум кор карданаш мехост дар пешравии илм ҳиссаи арзанда гузорад. Дили софу нияти поки ӯ дар ин бобат мусоидат менамуд.

Мунаққиди шинохта Юрий Бобоев дар хотираҳояш чунин

менависад:

«Маъсумӣ мисли оҳанрабо мардумро ба худ мекашид. Ба дидори ӯ ҳам насли калонсол ва ҳам ҷавонон рағбат доштанд. Ба назди ӯ бо дархост ё бидуни дархост мерафтанд, вай бо ҳар кадом бо эҳтиром ва самимият суҳбат мекард, ғаму ташвиши мардумро хуб эҳсос менамуд, то метавонист, ёрӣ мерасонд».

Собиқ корманди шуъбаи луғати Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ В.А.Капранов бошад, чунин навиштааст: Носир Асадович бо ғамхориву меҳрубониҳояш нисбат ба ҳар як корманд, бо иштироки бевоситаи худ дар таҳияву таҳрири «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва «Луғати русӣ-тоҷикӣ» саҳми бузург ва нақши носутурданӣ гузошт. Ин ду осор беҳтарин ёдгоранд аз Маъсумии луғатсоз!».

Дар ҳақиқат, устод Носирҷон Маъсумӣ дар ҳамаи масъалаҳои адабиёт (чи классикӣ ва чи муосир), дар таҳияи луғат, фолклор, забон, луғатшиносӣ, услубшиносӣ, услуби таълим ва ғайраҳо устоди комил ва донишманди беназир буд. Ғайр аз ин Носирҷон Маъсумӣ, ки то охири умр чун устод муаллим низ меҳнат мекард, қобилияти бисёр хуби актёрӣ ва маҳорати беназири наттоқӣ низ дошт.

Тавре ҳамсари Носирҷон Маъсумӣ Вера Осмакова дар китоби хотираҳояш «Ҷаҳонам ҳуснафрӯз аст» (Душанбе, 1999) ва дигар олимон ёдовар мешаванд, Маъсумӣ баробари олимӣ, шоирӣ, мунаққидӣ, луғатсозӣ, инчунин қобилияти бисёр хуби сарояндагӣ низ дошт. Ӯ, махсусан, «Шашмақом»-ро хуб месароид.

Мутаассифона, бисёр хонандагони мактабҳои миёна ном ва осори адиби бузург Носирҷон Маъсумиро намедонанд. Ҳарчанд ки бахшида ба 90-солагии адабиётшинос ва забоншиноси машҳур устод Носирҷон Маъсумӣ бо ташаббуси хоҳарзодааш Муътабар Иброҳимова кулли осори ӯ маротибаи дигар нашр гардида буд. Яъне асарҳои гаронбаҳои Но-

сирҷон Маъсумӣ ба ибтикори ҷиянаш Муътабар Иброҳимова ва бо кумаки молиявии чанд ашхоси баландҳиммат чоп гардида буд. Ин китобҳои нодир имрӯз дар аксар китобхонаҳо мавҷуданд.

Агар омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик ҳамасола дар моҳҳои апрелу май дар бораи ҳаёт ва фаъолияти шоир, олим, адабиётшинос, забоншинос ва омӯзгори мумтоз, ки дар тарбияи бузургтарин шоири асри бист - устод Лоиқ низ хизмати арзанда кардааст, конфронсҳо мегузаронианд, нуран ало нур мешуд.

Гузаштаро ёдовар шудан ин рӯшанӣ андохтан ба роҳи фардо аст. Бале, деҳаи Қаратоғ бо фарзандони барӯманди худ мефахрад. Ин деҳаи бостонӣ дар баробари устод Мирзо Турсунзода боз адибон Н. Маъсумӣ, Ҳамид Обидӣ, Мустафо Шарқиро ба ҷаҳони илму фарҳанг додааст, ки ифтихори хар тоҷику тоҷикистонӣ мебошанд.

*Ҳотам РАБИЕВ*

# Агар чанорҳои Қаратоғ забон медоштанд...

Моҳи майи соли оянда ба зодрӯзи яке аз бузургони илму адаб, олими забоншинос ва адабиётшиноси тоҷик, омӯзгор, шоир, ходими намоёни давлативу ҷамъиятӣ устод Носирҷон Маъсумӣ 100 сол пур мешавад. Ӯ дар пешравии забоншиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик саҳми босазо ва арзишманд гузоштааст.

Ӯ соли 1915 дар деҳаи Қаратоғи шаҳри Турсунзода (собиқ амлокдории Қаратоғи бекии Ҳисори Бухорои Шарқӣ) ба дунё омадааст. Падараш усто Маҳмуд деҳқони оҳангар буд ва ҳамон соле, ки Носир ба дунё омад, аз олам чашм пӯшид. Дар оилаи онҳо ба ғайр аз модараш бибӣ ва хоҳари калони Носир монданд.Бибиаш шахси босавод буд. Ӯ ба духтарони маҳалла дарс меомӯзонд, нақлу ривоятҳо ва афсонаҳои аҷибе медонист. Модари Носирҷон низ зани хеле зебо ва ҳунарманд буд. Ӯ курта, кӯрпа ва тоқиҳои зебо медӯхт. Сарчашмаи асосии рӯзгор маҳсули дастони модараш буд.

Баъд аз чанд сол бибӣ ва хоҳари калонии Носирҷон вафот мекунанд. Тағояш Зулфиқор Норов, ки дар Самарқанд ва Панҷакент ба корҳои мавсимӣ машғул буд, сарпаноҳи хонавода гардид.

Оғози солҳои 20-ум барои аҳли деҳаи Қаратоғ низ душвор омад. Нооромиҳои сиёсӣ рух доданд. Ба деҳа аскарони сурх омаданд. Худи Носирҷон Маъсумӣ дар хотираҳояш менависад! «... Дар хоҷагии мо, умуман аҳли деҳа, тақрибан чизе намонда буд. Босмачиён ҳама чизро мебурданд

ва агар касе кӯшиши муқовимат бикунад, ӯро мекуштанд. Модарам дар як рӯймолча хӯрока мебаст, як кӯзаро пури об мекарду дар даҳлез мегузошт. Вақте ки аз босмачиён гурехтан лозим мешуд, модарам бастаро ба ман медод, кӯзаро худаш мегирифт ва ҳар ду ба қабристон мегурехтем ва дар гӯрҳои фурӯрехта паноҳ мебурдем.

Пас аз чанд вақт аз Самарқанд тағоям Зулфиқор омад. Оилаи вай дар Қаратоғ буд. Тағоям, модарам ва холаам Зулфия маслиҳат оростанд ва ба чунин хулоса омаданд, ки ману модарам бояд ба деҳаи Бахшитеппаи ноҳияи Юқоридарғон ба хонаи кадом як хеши дурамон биравем. Ин деҳа дар қарибиҳои Самарқанд буд. То ин дам холаам Зулфияро фотиҳа карда буданд ва ӯ бояд дар Душанбе мезист.

Агар чанорҳои чандсолае, ки ҳоло низ дар маркази деҳаи Қаратоғ чун ҳайкалҳо истодаанд, забон медоштанд, ба мардум ҳамаи он даҳшатҳоеро ҳикоят мекарданд, ки аҳолии Қаратоғ он солҳо аз сар гузаронда буд.

Модарам як чиз-ним чизи доштаамонро ҷамъ кард, ҳар кадоми мо бори худро мебурдем. Мо бо роҳбаладии тағоям Зулфиқор ба Самарқанд аввали баҳори соли 1923 пои пиёда равон шудем. Пеш аз роҳ ба лаби суфа нишастем, аз зодгоҳ аз ҳамдеҳагон аз рӯди ризқбахш дил кандан бароямон ниҳоят душвор буд. Вақте ки ба роҳ даромадем, ман то нопадид шудани деҳа ҳар замон ба қафо менигаристам ва дили кӯчакам реш-реш мешуд. Ба сӯи номаълумӣ мерафтем. То Самарқанд чӣ қадар роҳ гаштанамонро намедонам, лекин ин фосила барои ман абадият менамуд. Бо роҳи санглох мерафтем, аз ағбаҳо мегузаштем. Ҳаво гоҳ гарму гоҳи дигар сард буд. Побараҳна мерафтем, пойҳоямон хуншор шуда буд. Модарам калӯш дошт, вале намепӯшид, эҳтиёт мекард. Танҳо дар ҳолатҳое мепӯшид, ки пояш аз ҳад зиёд дардманд мешуд.

Ман калон мешудам ва бояд таҳсил мекардам. Модарам

фаҳмид, ки дар деҳаи Бахшитеппа мактаб ҳаст ва тирамоҳи соли 1923 маро ба он мактаб ба хондан дод. Пеш аз мактабравӣ ҳар рӯз маро идона мепӯшонд. Дар мактаби ин деҳа ман то соли 1928 хондам. Бинои мактаб похсагин буд. Дар як синфхона ҳамаи синфҳо аз синфи як то чор дарс мехонданд. Хондан барои ман осон буд. Муаллим дар бораи ояндаи хушбахтонаи бачаҳо ҳикоятҳои аҷиб мекард, рағбати моро ба хондан ва оянда меангехт», - навишта буд устод Н. Маъсумӣ дар хотираҳояш.

Носирҷон дар ин ҷо аз дасти падарандар бисёр азоб мекашид. Махсусан доси ҳавододаи ӯ ба пои Носирҷон расида, ба ӯ ҷароҳати вазнин расонида буд. Баъди соли 1928 таҳсили Н.Маъсумӣ дар Самарқанд идома меёбад. Ӯ соли 1930 курси педагогиро хатм намуда, дар Панҷакент ба фаъолияти омӯзгорӣ оғоз менамояд. Ӯ ҳам муаллим ва ҳам сарпионервожатий буд.

Соли 1936 ба шаҳри Душанбе омада ба Институти педагогӣ дохил мешавад ва баъди хатми он дар институти мазкур ҳамчун омӯзгор мемонад.

Соли 1951 ба аспирантураи Университети ба номи Жданови шаҳри Ленинград дохил гашта, бо олимони бузург А.Н. Болдирев, академик Виноградов шинос мешавад. Махсусан шиносоии ӯ бо олимони ленинградӣ Н.А. Кисляков ва ҳамсари ӯ А.З. Розенфелд ба дӯстии якумрӣ табдил меёбад. Тадқиқоти устод «Забони повести С.Айнӣ «Марги судхӯр» (оид ба масъалаи инкишофи забони насри ҳозираи тоҷик») дар ин ҷо ба анҷом мерасад.

Носирҷон Маъсумӣ баъди хатми аспирантура дар Донишкадаи омӯзгорӣ дар вазифаи мудири кафедраи адабиёти тоҷик ва муовини ректор оид ба илм кор кард. Аз соли 1959 то соли 1972, яъне то интихоб шудан ба вазифаи академик-котиби шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон дар вазифаи директори Институти забон ва ада-

биёти ба номи Рӯдакӣ ифои вазифа намуд.

Ҳамсари Н.Маъсумӣ Вера Осмакова дар китобаш «Ҷаҳонам ҳуснафрӯз аст» менависад: «Охири солҳои шаст Маъсумиро ба Шӯрои Вазирон даъват карданд, суҳбат оростанду вазифаи вазири фарҳанги Тоҷикистонро пешниҳодаш намуданд. Ӯ аз ин хусус баъди омадан ба хона нақл кард. Он рӯз димоғсӯхта буд. Кас гумон мекард, ки гӯё ӯро аз кор озод карда бошанд, на ин ки вазифаи вазириро пешниҳодаш намудаанд. Асли воқеаро ки фаҳмидам, пурсидамаш: - Хуб, дар ин хусус чӣ фикр дорӣ? Ҷавоб гуфтӣ ё ҳанӯз барои фикр кардан вақт ҳаст?

Носир гуфт:

- Ман ҷавобамро гуфтам. Бисёр хоҳиш намудам, ки маро ба ин вазифаи баланд пешниҳод накунанд.

- Хайр? – пурсидам ман.

- Дар Шӯрои вазирон рафиқон хуб хандиданд ва гуфтанд, ки ин аввалин воқеаест, ки касе вазифаи вазириро рад карда бошад?».

Оре, устод Носирҷон Маъсумӣ ба маънои томаш фидоии роҳи илм буд. Ҳам замони дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ва ҳам дар Раёсати Академияи улум кор карданаш мехост дар пешравии илм ҳиссаи арзанда гузорад. Дили софу нияти неки ӯ дар ин бобат мусоидат менамуд. Мунаққиди шинохта Юрий Бобоев дар хотирааш чунин менависад: «Маъсумӣ мисли оҳанрабо мардумро ба худ мекашид. Ба дидори ӯ ҳам насли калонсол ва ҳам ҷавонон рағбат доштанд. Ба назди ӯ бо дархост ё бидуни дархост мерафтанд, вай бо ҳар кадом бо эҳтиром ва самимият суҳбат мекард, ғаму ташвиши мардумро хуб эҳсос менамуд, то метавонист ёрӣ мерасонд». Корманди шуъбаи луғати Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ В.А.Капранов чунин навиштааст: «Носир Асадович бо ғамхориву меҳрубониҳояш нисбат ба ҳар як корманд, бо иштироки беadmission-

ситаи худ дар таҳияву таҳрири «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва «Луғати русӣ-тоҷикӣ» дар рушду такомули илму фарҳанги тоҷик саҳми бузург ва нақши носутурданӣ гузошт. Ин ду осор беҳтарин ёдгоранд аз Маъсумии луғатдону луғатшиносу луғатсоз!».

Дар ҳақиқат, устод Носирҷон Маъсумӣ дар ҳамаи масъалаҳои адабиёт (чи классикӣ ва чи муосир), дар таҳияи луғат, фолклор, забон, луғатшиносӣ, услубшиносӣ, услуби таълим ва ғайраҳо устоди комил ва донишманди камназир буд. Ғайр аз ин Носирҷон Маъсумӣ то охири умр дар Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе дарс медод. Хизмати ӯ дар тарбияи шоири бузурги аср устод Лоиқ Шералӣ шоистаи таҳсин аст.

Ҳамчунин Носирҷон Маъсумӣ солҳои сол узви Раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон буд.

Ман гумон мекунам, ки дар кори пурмаҳсул ва ба вазифаи баланд расидани устод Носирҷон Маъсумӣ хизмати ҳамсари оқилаву меҳрубони ӯ Вера Осмакова хеле калон аст. Ин зани меҳрубону вафодор то охири умр номи Маъсумиро бо эҳтиром ба забон мегирифт, расми шавҳарашро дар наздаш нигоҳ медошт ва китоби хотираҳои даврони зиндагиашро хеле пурмазмун, шавқовар ва хонданбоб иншо кардааст.

Дар солҳои донишҷӯӣ устод Лоиқ бо муаллима Ҷонон Бобокалонова, ки дар Донишкадаи педагогӣ дарс мегуфт, баҳсашон ба масъалаи аз Донишкада хориҷ кардани Лоиқ Шералӣ рафта мерасад. Азбаски Лоиқ Шералӣ дар байни шарикдарсон аз эҳтироми хеле зиёд бархурдор буд, шарикдарсон «гирдиҳамоӣ» ташкил мекунанд. Ин саркашию ҷасоратмандии Лоиқ ба роҳбарияти факулта ва донишкада писанд намеояд ва онҳо масъалаи аз донишкада хориҷ кардани Лоиқ Шералиро қотеона дастгирӣ менамоянд. Ин лаҳзаро шарикдарси Лоиқ-нависандаи забардасти тоҷик, устод

Кароматуллоҳи Мирзо дар хотираҳояш чунин тасвир кардааст: Иқтибос аз китоб.

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки дар ҳамин лаҳзаҳои ҳассос барои аз Донишкада хориҷ нашудани Лоиқ хизмати устод Носирҷон Маъсумӣ, ки он вақт муовини ректор буд, хеле калон аст.

Лоиқ Шералӣ инро хеле пос медошт ва шеъри зерин исботи ин гуфтаҳост:

Ба ёдбуди Носирҷон Маъсумӣ

*Ту дил гум гардию аз кӯчаи дилдор бигзаштӣ,*
*Ту гул гум кардию аз гӯшаи гулзор бигзаштӣ.*
*Ду чашмонат ба роҳи ёр буд, он шаб тамоми шаб*
*Ба ёди рӯи субҳу соати дидор бигзаштӣ.*
*Сухан ногуфта, дил накшода, ҷумла нотамом, афсӯс,*
*Ба каф аз орзуҳо соғари саршор бигзаштӣ.*
*Ғазалхону сахитабъу суханпарварду базморо*
*Зи базми зиндагӣ вирди забон ашъор бигзаштӣ.*
*Агарчи хоби маргат бурду субҳе чашм накшодӣ,*
*Ту аз дунёи хоболуди мо бедор бигзаштӣ.*
*Дилат абрешимӣ буду садоят низ абрешим,*
*Чи беозор будию чи беозор бигзаштӣ.*

Устод Лоиқ ба касе гарди хусумат надошт. Ҳарчанд ки ӯ дар аввал чун навниҳоли боғи адабиёт ба меҳрубонию навозиш ва ғамхориҳои махсус ниёз дошт, аммо баъдтар чун дарахти серрешаву сербарг ва пурмева аз ҳар боди самум парвое надошт. Ӯ дар шеъри соядаст ба муаллима Ҷонон Бобокалонова чунин навиштааст:

*Фитрати инсон фақат диплом нест,*
*Чун Шумо ҳам олиму ҳам оламед.*
*Баччагӣ буду ғурури нобаҷо...*
*Баъд донистам, ки ҷонон одамед.*

**Р.ҶӮРАБОЕВ**

# Назаре ба ҳаёт ва фаъолияти Носирҷон Маъсумӣ

Носирҷон Маъсумӣ 2 майи соли 1915 дар гузари Тошқӯрғони деҳаи Қаратоғи водии Ҳисор дар оилаи оҳангари камбағал ба дунё омад. Дар синни яксолагиаш падараш аз олам чашм пӯшид. Ӯ ҳамроҳи модаркалонаш ва модараш монд. Зулфиқори Нор ном тағояш, ки дар Самарқанду Панҷакент мардикорӣ мекард, ҳар сари вақт ба Қаратоғ омада, онҳоро хабар мегирифт. Модари Носирҷон барои гузаронидани рӯзгор ба тоқидузӣ, ҷомадӯзӣ, ҷойнамоздӯзӣ ва рӯймолдузӣ машғул мешуд.

Дар синни панҷсолагии Носирҷон модаркалонаш аз олам чашм пӯшид. Акнун ӯ танҳо бо модараш монд. Модараш Гавҳар ном дошт. Ӯ баробари ҳунарманд буданаш босавод буд. Баъзан бо дутор суруд мехонд. Носирҷон хондану навиштанро нахустин маротиба аз модараш омӯхт.

Дар Қаратоғ он солҳо тохту този босмачиён мардумро бесаранҷом мекард. Тавре ки ҳамсари Носирҷон Маъсумӣ - Вера Пантелеймоновна хотираҳои ӯро дар китобчаи худ «Мой мир озарен красотой» чунин ба қалам додаст: Носирҷон он солҳои тангу тор ва зулмпарвар дар қатори дигар ҳамдеҳагонаш бисёр воқеаҳоро бо чашми худ мушоҳида кардааст. Вақте ки босмачиён ба деҳа ворид мешуданд, Носирҷону модараш дар рӯймолча каме хӯрок, нон ва дар кӯза об гирифта ба қабристон мебаромаданд ва дар дохили қабрҳои чӯкида пинҳон мешуданд.

Соли 1923 тағои Носирҷон Зулфиқор ӯву хоҳарашро ҳамроҳ гирифта ба қишлоқи Бахшитеппаи Самарқанд овард. Ин қишлоқ дар сари роҳи Панҷакенту Самарқанд воқест.

Тирамоҳи ҳамон сол модари Носирҷон бо Маъсумӣ Асад ном марде, ки аз ӯ бист сол калон буд, оиладор шуд. Ӯ модар ва панҷ писар дошт. Се нафар писараш дар дигар шаҳрҳо зиндагӣ мекарданду ду нафарашон дар Бахшитеппа. Соли 1924 Носирҷон дар мактаби ин деҳа таҳсилро оғоз намуд. Ҳамон сол бародараш Ҳайдар ба дунё омад. Баъди чор сол ҳамшираащ Мусаллама.

Носирҷон дар оилаи падарандар бо ҳамшираю бародараш зиндагӣ мекарду бисёр душворӣ мекашид. Модари падарандараш ва фарзандони ӯ бо рашку адовати пинҳонӣ бо онҳо муносибат мекарданд. Ҳатто ҳангоми бо модару хоҳараш ба меҳмонӣ рафтани рафтани Носирҷон хонаи зисти онҳоро яке аз писарони падарандараш  оташ зад.

Носирҷон ҳангоми набудани падарандараш аз боғ юнучқа даравида ба бозори Самарқанд бурда мефурӯхт ва барои рӯзгорашон чизу чора мехарид. Соли 1928 Носирҷон Маъсумӣ мактаби Бахшитеппаро хатм намуд. Бо ризоияти падарандару модараш ба курси дусолаи таълиму тарбияи дорулмуаллимини шаҳри Самарқанд, ки дар мадрасаи Шайбонихон воқеъ буд, дохил шуд. Ҳамон сол  падарандараш аз олам чашм пӯшид.

Истеъдоди баланди донишомӯзии Носирҷон диққати муаллимони омӯзишгоҳро ба худ ҷалб кард. Аз муаллимон аввалин касе, ки истеъдоди фавқулоддаи Носирҷонро эҳсос намуд, Ҳайдар Ҳодизода буд.

Баъди хатми ин курс соли 1930 Носирҷонро ба Омӯзишгоҳи педагогии Панҷакент ба сифати муаллими забону адабиёти тоҷик фиристоданд. Баъдан, соли 1936 ба Душанбе омад, ба факултаи филологияи Донишкадаи педагогӣ дохил шуд. Онро соли 1940 хатм кард, бо тавсияи устодони

ҳалиму сатхтгираш Лутфулло Бузургзода ва Шарифҷон Ҳусейнзода ба кори педагогӣ шурӯъ намуд.

Носирҷон Маъсумӣ соли 1940 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон чун шоир қабул шуд. Аз соли 1948 то соли 1951 дар Донишкадаи педагогӣ мудири кафедраи забони тоҷикӣ, аз соли 1953 то соли 1956 мудири кафедраи адабиёт ва аз соли 1956 то соли 1959 муовини ректори Донишкадаи педагогӣ оид ба қисми илмӣ шуда кор кард. Дар байн чанд сол Н. Маъсумӣ ҳам дар донишкада ва ҳам дар мактаби назди КМ Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дарс дод. Соли 1959 ба вазифаи директори Донишкадаи забон ва адабиёти тоҷики ба номи Рӯдакии Академияи Улуми ҶШС Тоҷикистон таъйин шуд. Аз ҳамон солҳо сар карда фаъолияти илмӣ-эҷодӣ ва ҷамъиятиаш хеле васеъ гардид. Ӯ муовини Раиси Шӯрои илмии Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин барои додани унвони илмӣ, аъзои таҳририяи энсиклопедияи мухтасари адабӣ (Москва) буд. Чандин сол аъзои таҳририяи маҷаллаи «Мактаби советӣ» буд. Н.Маъсумӣ аз соли 1960 сар карда ҳамчун ходими намоёни ҷамъияту илм, вакили Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон (даъватҳои 6-8), раиси шуъбаи тоҷикистонии Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои мадании ИҶШС бо Афғонистон, аъзои шӯрои умумииттифоқӣ оид ба масъалаҳои лексикология ва лексикография буд.

Н.Маъсумӣ аз соли 1936 сар карда ба чопи шеъру мақола, китобҳои дарсии фанни забон, адабиёти даҳонакии ҳалқ, китобҳои дарсии адабиёти шӯроӣ, барои мактабҳои миёна ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ оид ба асарҳои бадеӣ ва монографияҳо машғул шудааст, инчунин оид ба забону адабиёт зиёда аз 25 асари илмӣ ва 200 мақола чоп кардааст. Аз ҷумла асарҳои назариявии ӯ «Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ» (1949), «Фолклори тоҷик» (1952), «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик (1959), «Усули

таълими адабиёт дар синфҳои 5-8» (1960), «Мухаммадҷон Раҳимӣ» (монография 1962), «Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX (1962), «Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат (1966), Китоби дарсӣ барои синфи X, «Адабиёти советии тоҷик» (1952) бо ҳаммуаллифии Х. Мирзозода ва Ю.Бобоев таълиф гардидаанд. Н.Маъсумӣ аз соли 1969 аъзо-корреспонденти Академияи улуми Тоҷикистон буд. Барои хизматҳояш дар соҳаи таълиму тарбия, тайёр кардани мутахассисон ба ӯ соли 1960 унвони Ходими хизматнишондодаи илм дода шуд. Инчунин ӯ бо ду ордени «Нишони Фахрӣ», медалҳо ва Грамотаҳои Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон сарфароз гардид. 16 августи соли 1974 Носирҷон Маъсумӣ дар шаҳри Душанбе, дар синни 60-солагӣ аз олам чашм пӯшид. Баъди вафоти олими барҷаста, педагог, шоир Н.Маъсумӣ ду ҷилди асарҳои мунтахаби ӯ, қисми 1 соли 1977, қисми 2 соли 1980 чоп шуд. Ба ин мунтахаб Президенти онвақтаи Академияи улуми Тоҷикистон, аъзо-корреспонденти АУ ИҶШС Муҳаммад Осимӣ таҳти сарлавҳаи «Фарзанди бовафои халқ» пешгуфтор навиштааст.

Баъди вафоти Носирҷон Маъсумӣ мактаби миёнаи ракам и 12 деҳаи Қаратоғ ба номи ӯ гузошта шуд. Дар мактаб осорхонаи ӯ амал мекунад. Соли 1988 нашриёти «Адиб» маҷмӯаи ашъори Н. Маъсумиро аз чоп баровард. Ин маҷмӯаи мукаммали шоир мебошад, ки дар он чил шеъри иҷтимоӣ, 15 шеъри ишқӣ, ҳашт бахшоишнома ва панҷ достон гирд оварда шудааст.

***Р.ҶӮРАБОЕВ***

# Маъсумиро имтиҳони зиндагӣ фархунда сохт

Имрӯзҳо дар муассисаҳои илмию фарҳангӣ дар қатори дигар ҷашнвораҳо 90-солагии ҳамдиёрамон, олим, шоир ва забоншиноси маъруф Носирҷон Маъсумӣ ҷашн гирифта мешавад. Ба ин хотир, дар назди мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода кумитаи ташкилӣ оиди ин ҷашн барвақт созмон дода шудааст.

Носирҷон Маъсумӣ баробари забоншиноси маъруф буданаш, боз табъи баланди шоирӣ низ дошт. Олами назми шоир аз лирикаи иҷтимоӣ, ишқӣ, рубоӣ ва достонҳо иборат аст. Эҷодиёташ аз меҳри саршор доштани ӯ нисбат ба Ватан, модар, меҳнатдӯстӣ, муҳаббати пок, хислатҳои неки одамият иборатанд. Инак, аз лирикаи иҷтимоии ӯ порчахо меорем:

*Эй санам, хушнуд бошу ин гулистонро нигар,*
*Дар чунин кишвар кунун ин нек давронро нигар.*
*Сар зада бар зулфи анбар шона дар фасли баҳор,*
*Бӯи хуш аз омади фасли баҳоронро нигар...*
*Чун бурун омад зи ҷо, бар ёр гуфтам: офарин!*
*Шуд ба мо дар зиндагӣ ҳамкор, гуфтам: офарин!*
*Бо ҳавас бигрифт маҳрам домани илму ҳунар,*
*Бо хирад шуд чобуку ҳушёр, гуфтам: офарин.*
*Мо ба ҳифзи мулки худ чаққону тозон меравем,*
*Пиру барно - мо ҳама чун шери майдон меравем.*
*Гитлери хунхори бадкирдор бар мо ҳамла кард,*
*Мо барои дафъи он даррандаҳайвон меравем.*

Баҳри тақвият додани лирикаи ишқии Н.Маъсумӣ порчаҳоеро аз шеъри «Ошиқам» меоварем:

*Ман ошиқам ба рӯят, эй моҳи оламоро,*
*Афтодаам ба кӯят, меҳри ту дар дилам ҷо,*
*То кай зи ман рамидан, ҳоли маро надидан,*
*Тори вафо буридан бо теғи ишва, ҷоно,*
*Аз мо надор пинҳон, мегӯй сирри дилҳо.*
*Чашми сиёҳи ҷоду, мижгону тоқи абру,*
*Лаъли лаби сухангӯ, ҷони дубораи мо.*
*Як бӯса гар ситонӣ дар давраи ҷавонӣ,*
*Умрат ба шодмонӣ гул мекунад саропо...*

Рубоиҳо ва қитъа дар олами назми Н.Маъсумӣ низ мақоми хосае дорад:

*Назар бо моҳи рӯят мекунам ман,*
*Гули боғӣ, ки бӯят мекунам ман.*
*Агар бошад маро сад ҷони ширин,*
*Фидои рӯю мӯят мекунам ман...*

***

*Меҳри Ватанам гирифта ҷо дар дили ман,*
*Пайваста ба ӯ ҳарфи вафо дар дили ман.*
*Бо шираи неъмате, ки парварда маро,*
*Пайдост аз ӯ субҳу сафо дар дили ман...*

Носирҷон Маъсумӣ дар офаридани достонҳои «Ҳаёт ва марг», «Қиссаи мулки Саодат», «Интиқом», «Тантанаи озодӣ» ва «Дар разведка» олами назми хешро сайқал додааст.

Профессор Раззоқ Ғаффоров дар яке аз рисолаҳояш- «Сухансанҷ ва суханвар» овардааст: «Носирҷон Маъсумӣ дар такомули забоншиносии тоҷик саҳми босазое гузошта,

хусусан мактаби услубшиносии тоҷикро бунёдгузорӣ намудааст, пеш аз ҳама ин фаъолияти илмии назарраси ӯст».

Асарҳои мунтахаби Н. Маъсумӣ аз ду ҷилд иборат буда, ҷилди аввали он мавзӯъҳои адабиётшиносӣ ва танқид, ҷилди дувум бошад, забоншиносист.

«Забон ходисаи иҷтимоӣ мебошад. Таърихан забон ҳам монанди шуур қадимист. Забон баробари ба вуҷуд омадани ҷамъият ба вуҷуд меояд ва бо нобуд шудани ҷамъият барҳам мехӯрад. Берун аз ҷамъият забон ҳам нест», - таъкид мекунад Н.Маъсумӣ.

Н.Маъсумӣ сарчашмаҳои беназири адабиётшиносию забоншиносиро азбар кард, хулосаҳои амиқи илмии услубшиносӣ баровард ва дар ғанӣ гардонидани фарҳанги забони тоҷикӣ мақоми хешро гузошт. Шогирдони бешумораш аз ӯ сабақ гирифта, дар майдони адабиёти тоҷик заминаҳои наве гузоштаанд:

*Маъсумиро имтиҳони зиндагӣ фархунда сохт,*
*Пояи услубшиносиро басо поянда сохт.*

Шодравон устод Собир Зокирзода баъд аз фавти Н.Маъсумӣ кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода, хотираҳои хеш ва дигаронро нисбати ӯ рӯи коғаз овардааст.

Чанде пеш озими даргоҳи устоди шодравон Н.А.Маъсумӣ гаштам. Ҳамсари 85-солааш В.П.Осмакова маро хуш пазируфт.

Дар суҳбати атрофи дастархон соате аз хислатҳоои накутарини одамияти Н.Маъсумӣ ёдовар гашта, рӯҳашро шод намудем. Дар охир В.П.Осмакова аз ҳисоби хазинаи китобхонаи шахсии Н.Маъсумӣ 200 нусха китобҳои нодирро ба осорхонаи кишваршиносии мо тақдим намуд. Ин туҳфаи беназир боиси ғанӣ гаштани осорхонаи кишваршиносии мактаб гардид.

***Хоҷамуҳаммади МУҲАММАДЗОД***

# Гул бирезад, нарезад аз вай бӯй

Ман адабиёти асрҳои XV то XX ва аввали XXI – ро аз устод Носирҷон Маъсумӣ омӯхтаам. Мехоҳам, ки оид ба баъзе лаҳзаҳои ҳаёти устод чизе нависам. Устод Маъсумӣ пеш аз ҶБВ дар омӯзишгоҳи шаҳри Панҷакент кор мекардаанд, он кас ба туфайли сури арӯсии Алиева Нарзиой, ки дастпарвари омӯзишгоҳ будааст ва арӯси Зери Ҳисориҳо шудааст, ба Зери Ҳисор рафтаанд. Отақул Низомов ҳам бо Маъсумӣ ҳамсафар будаанд.

Баҳори соли 1970 донишҷӯёни омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакентро ба зиёрати оромгоҳи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бурдам. Баъд аз зиёрат ва гирифтани таассуроти хуб қад-қади ҷӯи пуробе, ки аз Панҷрӯд ба Ҳуснобод меравад, ба он ҷо рафтем. Ҳуснобод ба номаш мувофиқ ҷои баландӣ ва зебост, ки аз ду тарафаш, аз ду дара, ду дарё ҷорӣ шуда, баъд маҷрояшон як мешавад. Инҳо рӯдҳои Панҷрӯд ва Ворӯанд. Мақсади камина ба шогирдонам аз баландии Ҳуснобод боғоту иморатҳо ва ҷараёни обу манзараҳои соҳилҳо ва худи Ҳуснободро тамошо додан ва бо ин роҳ дар дили кӯчаки онҳо пайдо намудани ҳисси зебоифаҳмӣ буд. Мо ба табиати зебои Ҳуснобод, боғу заминҳои он ва соҳилҳои дарёҳо назар карда, аз ҳусни он сер намешудем, барои тамошо кардан ва лаззати эстетикӣ гирифтан чашмони сар камӣ мекарданд. Мехостем, ки саропо чашм бошем ва аз рухи зебои диёр хуб лаззатёб бошем. Дар ин асно як мошини «Вилус» аз мо онсӯтар омада истоду 3-4 нафар аз он фаромаданд ва аз чӣ бошад, ки моро дида ҳама ба сӯи мо омаданд. Онҳо пас аз салом аз камина пурси-

данд:

- Бародар аз ин баландӣ чиро муоина карда истодаед?

Гуфтам:

- Ба ҳусни диёр мафтун шуда истодаем.

Яке аз он одамон собиқ раиси колхози ба номи Рӯдакӣ Бобоев Кароматулло буд. Ӯ, ки бо ман шинос буд, аз ин рӯ, ба рафиқонаш каминаро муаррифӣ карда гуфт:

- Ин кас дар мактаби олӣ шогирди Носирҷон Маъсумӣ буданд. Дар мазраи дили ӯ ва шогирдони дигар гиёҳи муҳаббати Ватанро он кас коштаанд. Маъсумӣ инсони комил буда, табъу нафосати баланд доштанд.

Каминаро дар назар дошта, ба рафиқонаш Бобоев гуфт:

- Маълум мешавад, ки таълими Маъсумӣ дар лавҳи дилу хотири шогирдон нақш бастааст. Ана, имрӯз кори устодро ин кас идома дода, гиёҳи муҳаббати Ватанро дар дили шогирдон кошта истодаанд. Агар ҳамин тавр набошад, ба ин ҷо омада, бо шогирдон, масти зебоии табиат намегардиданд. Бинед, мову шумо ҳар рӯз ин ҷоем, дар умри худ бо мақсади лаззати эстетикӣ гирифтан боре ҳам ба сӯи маҷрои ин дарёҳо назар накардаем. Агар тасодуф назар карда бошем ҳам, ҳусну зебоии диёри хешро дарк накардаем. Диду завқи эстетикӣ ва зебоидӯстӣ доштан давлати баланд аст ва ба ҳар кас муяссар намегардад.

Пас аз ин гуфтаҳо Бобоев Кароматилло моро ба чойхонаи Ҳуснобод таклиф кард. Чойхона дар як самти болои Ҳуснобод ҷой дошт. Мо он ҷо рафтем. Дар ҳалқаи донишҷӯён нишаста, ба Бобоев Кароматилло савол додам:

- Раиси муҳтарам, маълум мешавад, ки Н. Маъсумиро мешиносед?

- Муаллими меҳрубон, - гӯён Бобоев Кароматилло ба гап даромаданд, - мо се нафар бародарон дар омӯзишгоҳе, ки шумо имрӯз кор карда истодаед, ҳам хондем ва ҳам кор кардем. Бародарам Бобоев Мақсатилло директори омӯзишгоҳ

буда, аз фанни забону адабиёт дарс медоданд, бародари дигарам Бобоев Нурулло дар омӯзишгоҳ забони русӣ меомӯзонданд, ман бошам, аз математика дарс мегуфтам. Н.Маъсумӣ дар омӯзишгоҳ кор мекарданд. Алиева Нарзиой соли 1935 омӯзишгоҳро хатм карда, ба даргоҳи мо келин шуда омад. Н.Маъсумӣ, ки бо Низомов Отақул унс гирифта буданд, бо сабабҳои боло бо оилаи мо Бобоевҳо равуо доштанд. Ниҳоят, баҳори соли 1936 Отақул Низомов ва Н. Маъсумӣ ба мо меҳмон шуданд. Он гоҳ Н.Маъсумӣ аз мо талаб карданд:

- Эй ёрони дилобхӯр, шароите пайдо карда, ба кӯҳ баромадан лозим, зеро ҳавои он ва бӯи гулу гиёҳҳояш роҳати ҷон аст. Кӯҳ дар худ рамзҳои ибратбахш ҳам дорад. Вай бо вуҷуди бузургӣ, боигарӣ пуртамкину пуртаҳаммул аст. Дар кӯҳ беқарорӣ ва сабукборӣ дида намешавад. Вай беходӣ намекунад ва як умр пояш ғундоштагӣ буда ва дар зери доманаш ором меистад. Ин аст, ки сар ба осмон кашидааст. Ман дарёҳо ва кӯҳҳои диёри шумоёнро дида дарё ва кӯҳҳои зодгоҳам Қаратоғ пеши назар омад. Инсон бояд сарбаландиро аз кӯҳ омӯзад. Шоир гуфтааст:

*Баландӣ ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо,*
*Сари селоб ба санг омад аз беҷо давиданҳо.*

Ин ҷо ифодаи пой дар доман кашиданҳо маънои бетакаллуф будан, аз худ огоҳ будан, андешаманд будан, дар сар ҳавои кибру ғурур надоштан ва бо ин сабаб бузургию сарбаландӣ ёфтани кӯҳ ишора ба инсон аст. Яъне, соҳибкалом хостааст, ки сабаби бузургӣ ва сарбаландии кӯҳро ба инсон мисол оварда, ӯро ба роҳи сарбаландӣ ҳидоят намояд. Соҳибкалом, яъне, шоир исрор кардааст, ки инсон агар сарбаландиро аз кӯҳ наомӯзад ва сифатҳои онро ба худ ибрат надонад, он гоҳ мисли селоб сар ба санг мезанад ва ба ҳазор мушкилӣ дучор мешавад. Инсон аз кӯҳ одаму одамият меомӯзад.

- Камина фарзанди кӯҳу кӯҳистон бошам ҳам, - гуфтанд Бобоев Кароматилло, - аз кӯҳ ибрат гирифтан ва одаму одамият омӯхтанро эҳсос накарда будам, бинобар ин, аз меҳмонҳо пурсидам: «Одаму одамиятро магар аз инсон намеомӯзанд? Охир, кӯҳ забон надорад-ку? Пас вай чи тавр моро одамият меомӯзад?» Н.Маъсумӣ бо хандаи зебое ба О.Низомов назар карданд ва зимнан бо он нигоҳ гуфтанӣ шуданд, ки ба ин бефаҳм гапро фаҳмонед. О.Низомов мақсади Н.Маъсумиро фаҳмида, бо табассум ва ишораи сар гуфтанд: «Носирҷон, сухан аз даҳони луқмон хуш аст. Шумо гап занед». Н.Маъсумӣ ба аҳли суҳбат ва камина назар карда гуфтанд: «Ҳар як гиёҳ ва ҳар як пора санги кӯҳ дар худ маърифате дорад. Кӯҳҳо, албатта, забон надоранд, бо мо ҳарфе намезананд, аммо кӯҳҳо сифатҳо ва хислатҳои наҷибе доранд, ки инсон аз онҳо ибрат гирифта, бузургӣ меомӯзад. Мисол, ҳаёт бе ҳаюлло, яъне, бе чор унсури азал: об, хок, ҳаво ва равшанӣ вуҷуд надорад. Агар мо бо дидаи ақлу хирад назар кунем, ин чор мабдаи ҳаёт дар кӯҳ беҳтар дида мешавад. Мисол, ҳавои кӯҳ аз ҳавои дигар нуқтаҳои замин беҳтару тозатар аст. Инсон аз он нафас мегирад ва саломатиашро хубтар мекунад, метавонад, ки дар тозагии зоҳиру ботин аз ҳавои кӯҳ ибрат гирад. Агар инсон ботинан ба маънои томи сухан мисли ҳавои кӯҳ тозаю беғубор бошад, инсони комил мешавад. Ҳаёт бе об вуҷуд надорад, ҳама обҳои зулоли дарёҳо ва чашмасорон, аз кӯҳ ибтидо мегиранд. Ана, пиряхи кӯҳи Чимтарғаи диёри шуморо гирем, аз пайдоиши худ то имрӯз об медиҳад ва водии Зарафшонро то Бухоро шодоб мегардонад. Ин магар дар роҳи одамшавии фарзанди инсон дарси ибрат нест? Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба афтодагон мадад карданро сифати мардӣ, яъне, одамӣ номидааст. Агар дасти фитодае гирифтан, ба ӯ нафъ расонидан, одамро мард гардонад ва мардӣ агар нишони маънавиёт ва одамият бошад, пас дар ин роҳ аз кӯҳ,

ки асрҳои аср боз ба миллионҳо одамон об медиҳад, чаро ибрат нагирем, чаро аз кӯҳ мардӣ наомӯзем? Дар урфият мегӯянд: «аз нон додан дида, об додан савоби зиёд дорад». Кӯҳ ба фарзанди одам об медиҳад. Дар масъалаи хок низ кӯҳ ба мо ибрат аст, зеро хокаш тозатарин хок аст. Чунки ба сабаби баландиаш пои ифлоси баъзе аз фарзандони нохалафи одамӣ ба он намерасад. Гумон мекунам, ба сабаби тозагӣ ва қалби пур аз ганҷ доштанаш бузургон худро ба он шабоҳат медиҳанд. Бедарак нест, ки яке аз бузургтарин классики адабиёти мо Мирзо Бедил гуфтааст: «Кӯҳаму кӯталҳо дорам». Фридрих Нитсше бошад, ҳар қуллаи бузургро нишон аз бузургии ӯст, гӯён Ҳофизро дар назар доштааст. Кӯҳ хасис ва зихна нест. Вай чӣ тавре, ки гуфтем, дар сина ганҷ дорад ва тиллою нуқра, сурма, ангишт, нефт, газ ва ғайраро беминат ба инсон мебахшад. Оё ин бузургӣ, ин саховат барои инсон дарси ибрат нест? Ҳаст! Мо аз ин кӯҳ мардӣ меомӯзем! Ғайр аз ин, кӯҳ ба мабдаи дигари ҳаёт, яъне, ба Офтоб нисбати кулли ашё наздиктар аст. Инсон агар ба сари кӯҳ барояд, гумон мекунад, ки бо моҳу ситора ҳамнишин аст. Хулоса, фазилатҳои кӯҳ бисёр аст, вале аз ҳама аҷибтару ибратомезаш дар байти боло, ки гуфтем, баён ёфтааст. Сарбаландӣ ёфтани кӯҳ аз он будааст, ки бо вуҷуди ин қадар фазилату боигариҳо кибру фахр накарда, амали беҷо ва ҳарфи носазо надорад. Вазнинӣ, тамкинӣ ва адабу ҳадди худро донистан ва онро риоя кардан дар ӯ дида мешавад. Агар ҳамин тавр намебуд, дарси ибрат намешуд. Кас ҳеҷ вақт пои кӯҳро дида наметавонад. Аз водӣ ба домани кӯҳ ва аз доман ба сари он мебароед ва мефароед, вале кӯҳро ба як маром мебинад. Вай салобат ва сарбаландиро бо ҳамин хислати пуртамкинӣ ва пой дар зери доманкашӣ дарёфт кардааст. Фарзанди одам, ки аз ҳайвон бо адаб фарқ мекунад, магар барои ӯ сифатҳои дар боло қайдшудаи кӯҳ дарси ибрат нест? Хоксорӣ ва хешро дар байни омма ҷамъ

доштан, дасту поро ноҷо ба ҳар сӯ дароз накардан адаб аст. Пас, мо низ мисли кӯҳ бояд ҳамеша бо низом бошем, қалбамон, яъне, дунёи ботиниамон бо зарри маънӣ ва илму адаб оро ёфта бошад, он гоҳ бузургию сарбаландӣ насибамон мешавад.

Бобоев Кароматилло ба камина назар карда гуфт:

- Мо бо тамоми ҳастӣ Маъсумиро гӯш мекардем ва ниҳоят, ба сафари кӯҳ омода шудем. Носирҷон Маъсумӣ гуфтанд: «Ба ҷое бояд равем, ки биҳишти нақд бошад ва байти Хоҷа Ҳофизро ба шавқ қироат карданд:

*Ман, ки имрӯзам биҳишти нақд ҳосил мешавад,*
*Ваъдаи фардои зоҳидро чаро бовар кунам.*

Гуфтаҳои Маъсумиро ба инобат гирифта, қарор додем, ки Ғунг меравем. Ман, бародарам Мақсатилло, Отақул Низомов, Носирҷон Маъсумӣ ва ду нафари дигар ҳамчун дастёр бо мо омода шуданд, ҳамчунин, хару асп гирифтем. Ниҳоят, ду шабу ду рӯз дар кӯҳ будем ва баъд бозгашт кардем, - гӯён Бобоев хандида, нақлашро ба поён расонид.

Камина, ки аз устод Маъсумӣ дарс омӯхта будам, бо таъсири нақли Бобоев К. акси устод ба назарам нуронитар ҷилва намуд ва дар дилам орзуи ба дидорашон мушарраф шудан ва аз насими суҳбати ҷонпарварашон ҳаловат бурдан пайдо шуд. Ин аст, ки бо мусоидати ҳаёт, бо Низомов Отақул ба Вазорати маориф рафтем. Баъд аз анҷоми кор Низомов Отақул, ки бо Маъсумӣ шиноси дерина будаанд, хоҳиш карданд, ки Маъсумиро мебинем. Ин хоҳиш оташи орзуи маро, ки дар боло баён шуд, фурӯзонтар кард. Ман аз ҷон хуштар хоҳиши Низомов Отақулро пазируфтам. Ниҳоят, бегоҳ ба хонаи устод рафтем. Устод моро хуш қабул карданд. Дар рафти суҳбат камина аз сафари ба диёри Рӯдакӣ кардаашон чанд ҳарф задам. Устоди гиромиқадр гуфтанд:

- Бале, Бобоев Кароматилло дуруст гуфтаанд. Ман ҳангоми дар омӯзишгоҳи шаҳри Панҷакент кор карданам соли

1935 ба Зери Ҳисор ва ба кӯҳҳои Шашкат баромада будам. Алиева Нарзиой ва Юнусова Мастура, Ҳоҷиева Дилором аввалин духтарон ва дастпарварони омӯзишгоҳ буданд. Алиева Нарзиой арӯси хонаи Бобоевҳо шуда, ба Зери Ҳисор рафт. Ман ва Низомов Отақул ба хонаи Бобоевҳо меҳмон шудем. Мизбонҳо хару асп карда, моро ба саёҳат бурданд. Он сафар дар саҳифаҳои умри ман гули бехазон аст… Мо ба аспҳо савор шудем, аз Бобои Валӣ ва Тангӣ ном ҷой гузашта, ба Хористони Шашкат расидем. Манзиле, ки он ҷо қӯш партофтем, манзараи зебое дошт, номаш «Хористон», вале аз гулистон беҳтар ва сабзу хуррам буд. Дар сари чашмае ҷо гирифтем, ки онро чашмаи «Нурмалик» мегуфтаанд. Аз рӯи гуфтаҳо он ҷо аз они бобои забоншиноси неруманд Субҳон Атобуллоев будааст.

- Дуруст, - гӯён сухани устодро тасдиқ кардам.

Устод суханро бо шавқ давом доданд: - Осмон софу беғубор буд. Офтоби оламоро нурпошӣ мекард. Табиист, ки дар чунин рӯз табиат ва дашту кӯҳсорон беҳад зебо мешаванд. Ин манзараро дида Отақул ба ман гуфт: «Назар кунед, ана, инро манзара мегӯянд». Дар воқеъ, ман аз табиати зебои он ҷо чашм канда наметавонистам ва ба Отақул гуфтам: «Ҳар гӯшаи диёри ҳазрати Рӯдакӣ дар зебоӣ беҳамто будааст. Одам-уш-шуаро баҳори ҳамин талу теппаҳо, кӯҳҳо, обҳои равон, боғу марғузорҳоро дида, мисли булбули ҳазордастон ба наво омадааст:

*Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тииб,*
*Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб.*

Ҳамроҳони мо аз паи дуду алоб, оби ҷӯш ва таоми гарми нисфирӯзӣ шуданд. Ман бошам, майли ба рӯи сабзаҳо қадам задан кардам ва ба роҳе, ки аз сари чашма ба як сӯ мерафт, даромадам. Дар он роҳ Отақул бо ман ҳамроҳ шуд. Роҳ аз байни чанд қитъаи замини сабзпӯш ва шибарҳо гузашта моро ба баландие бурд, ки онро Гарданча мегуфтаанд. Дар

рӯ ба рӯямон деҳаи Шашкат дар домани Сои Мазор ва Оби Ғунг ҷой гирифтааст. Аз Гарданча истода, ин деҳаи кӯчаки иморатҳояш як қабатаи кӯҳнаро, ки манзараҳои гирду атрофаш ва бому бомчаҳояш хеле зебо менамуд, тамошо кардем, рости гап, завқовар буд. Аз Гарданча тамоми масоҳати гирду атрофи қишлоқ менамуд, Отақул, ки боре ин деҳа ва манзараҳоро дида будааст, ба ман номи онҷоҳоро муарифӣ кард ва бо даст нишон дода гуфт: «ана, он ҷо Қудук, Сои оби Ғунг, Беди Тамошо, Беди Шодӣ, Гардани Кабуд, Бедандон, Лайлоқча, Хористон, Юра, Сари боғча Таги дия (Таги деҳа), Марғузор». Ман ба Отақул гӯш дода, ғарқи тамошо будам. Ин манзараҳо бо қитъаҳои корам ва чарогоҳҳояш, бо нафаси Исодами баҳор ҳама сабзу хуррам буданд.

Отақул дар ҳамин ҷо сухани Маъсумиро бурида, ба ман назар карда, бо шавқ гуфтанд:

- Маъсумӣ аз табиат ва ҳавои он ҷо рӯҳ гирифта, чунон, ки андалеб дар бӯстон месарояд, ба ман он вақт гуфтанд: «Назар кунед, пас аз сармои зимистон табиат аз нав зинда шуда, арӯси дар ҳусн бемисоли сол баҳор тантана дорад. Боди латиф мевазад,  аз дили санги хоро лола ва аз сари хор гул беҳисоб рӯида аст. Оби сои Мазоро бо оби сои Лайлоқча як шуда, аз як бари деҳа сар ба санг занон равон аст. Маъсумӣ тоқат накарда, ба Отақул гуфтанд:

- Отаҷон, монед ман гап занам, - гӯён бо завқ зимоми суханро ба даст гирифта гуфтанд, - ман ва Отақул дар сари як марзии замин, ки бо асари боду борон тоза ва сабз буд, нишастем. Ман беихтиёр гуфтам:

*Бихандад лола бар саҳро*
*Ба сони чеҳраи Лайло.*
*Бигиряд абр дар гардун*
*Ба сони дидаи Маҷнун.*

Отақул  низ ба хурӯш омада, давоми сатрҳои Рӯдакиро хонданд:

*Зи оби ҷӯй ҳар соат*

*Ҳаме бӯи гулоб ояд*
*Дар ӯ шустаст пиндорӣ*
*Нигори ман рухи гулгун.*

Ман хондам:

*Эй аз гули сурх ранг бирбудаву бӯ*
*Ранг аз паи рух рабуда бӯ аз паи мӯ*
*Гилранг шавад чу рӯ бишӯӣ, ҳама чӯ*
*Мушкин шавад чу мӯ фишонӣ, ҳама кӯ.*

Ҳамин тавр, мо беихтиёр шеърхонӣ кардем, ман хеле сабукрӯҳ гардида, ба Отақул гуфтам, ки сано бод бар Саъдӣ, ки гуфтааст:

*Бомдодон, ки тафовут накунад лайлу наҳор,*
*Хуш бувад домани саҳрову тамошои баҳор*
*Сӯфӣ аз Савмӣ гӯ: «Хайма бизан бар гулзор»*
*Вақти он нест, ки дар хона нишаста бекор*
*Булбулон вақти гул омад, ки бинолад аз шавқ*
*На кам аз булбули мастӣ, ту бинол, эй ҳушёр*

Аз адиру ёлаҳо ва аз сари чашмаҳои кӯҳӣ садои хониши кабкҳо форам-форам ба гӯш мерасид. Мо дар зери оҳангу мусиқии ана, ҳамин кабкҳои маст ба сӯи ҳамроҳонамон баргаштем. Рости гап, садои такрор ба такрори кабкҳо ба якҷоягии ин обу ҳаво, осмони соф, мавзеи ором ва манзараҳои ҷаннат мисол ба ман олам-олам кайфият бахшида, диламро ба хурӯш оварда буд. Ин буд, ки пас аз хӯроку як-ду пиёла чой нӯшидан яке аз Бобоевҳо ба ман гуфт: «Ҳазрати Хоҷа Ҳофиз дилдодаи суҳбати ёрони хуш ва манзараҳои ранголуд буда, таълим кардаанд, ки дар сари дуроҳаи манзил суҳбатро ғанимат донед». Ман бадоҳатан гуфтам:

*Фурсат шумор суҳбат, к-аз ин дуроҳа манзил,*
*Чун бигзарем, натвон дигар ба ҳам расидан.*

Ҷавонӣ аз як тараф, аз ҷониби дигар, манзараҳои «Хористон», ки аз гулистон хуштар буд ба ман рӯҳи зиёд бахшид. Дар ҳамин маврид марди сайёде ба назди мо пайдо шуд, ки дар китф камону дар камарбанди миёнаш се-чор кабки

сарбурида овезон аст. Ин мард аз дастурхони мо як пиёла чой гирифта, аз сайди кардааш ду кабкро ба мо туҳфа карду рафт. Ман ба ҷасади беравони кабкҳо ва парҳои нақшину зебои онҳо нигариста, малул гардидам ва гуфтам, «дар чунин фасл баъд аз сармои зимистон баромадан ба ҷони ин ҷонварон бераҳмӣ кардан хуб нест, бигузор хонаи ҳеҷ ҷонваре вайрон нашавад ва садои тирро касе ва чизе нашунавад.

Низомов Отақул ба ман савол кард: «Агар шикор хуб набошад, чаро ниёгони мо дар таълим ба фарзандонашон дар қатори дигар ҳунарҳо шикор ҳам меомӯзонанд?» Ман ҷавоб додам, ки шикоромӯзӣ, хубтараш тирандозии ниёгони мо барои ҷонвареро беҷон кардан набуда, балки воситаи муҳофизати ватан аз душманони он дар вақти ҷанг буд. Хулоса, пас аз ин суҳбати дилоро мо хатти сафарро ба сӯи лайлоқи Ғунг идома додем. Ниҳоят, бегоҳирӯзӣ ба пешгоҳи лайлоқи Ғунг расидем ва дар домани кӯҳ дар байни ҳазорон ҳазор арчаи сабз манзил гирифтем. Оби Ғунг аз мазори пешгоҳи Ғунг оғоз ёфта, аз беша ва ҳамвориҳои сабзу хуррам гузашта, ба деҳаи Шашкат мефаромадааст. Ман ба атроф назар карда, гуфтам, ки ягон нуқтаи дунё, ягон курорт ва истироҳатҷой ба ин ҷо баробар набудааст. Ин манзилро гӯшаи беҳтарини ҷаннати нақд дар рӯи замин номидан хато нест. Сабзаю оби равон ва анбӯҳи арчаҳо диламро бурда буд. Аз тарафи дигар, ҳама анвои нишаст ва хурсандӣ муҳайё буд. Ҳамсафаронам ҳар кадом сухан мегуфтанд, шеър мехонданд. Ҳаққи гап ин ки мо ҳама сархуш будем. Мастиамон на аз бода, балки аз таъсири ҳавои кӯҳ, гулу гиёҳҳои он ва суҳбати ёрони хушзавқ буд. Мақсатилло шахси хушсалиқа буданд. Шираю шарбати суҳбати он кас бо табиати нотакрори Ғунг маро ба хумор овард. Вақте ки ба ман, «Гул дар бару май дар кафу маъшуқа ба ком аст, Султони ҷаҳонам ба чунин рӯз ғулом аст»,-гӯён Мақсатилло қадаҳ медоданд, ман намегирифтам ва мегуфтам, ки худи табиат ва бӯи хуши масткунандаи гулу гиёҳи арчаи он маи ноб аст.

Агар мо бӯса аз рухи духтари раз гирем ва нӯшем, лаззати ҳавои кӯҳ ба назарам аз байн меравад.

Ман ба фараҳ омада, пиёларо асбоби мусиқӣ сохта, бо нӯги нохун як-як ба он зада, оҳанги шеърро дарёфт карда, ба навою нола даромадам:

*Хез то имрӯз бо ҳам соғари саҳбо кашем,*
*Хешро доманкашон то домани саҳро кашем.*
*Боғу бӯстон дилкаш асту кӯҳу саҳро ҳам хуш аст,*
*Ҳар кучо гӯӣ бисоти айшро он ҷо кашем.*

Дар ҳамин лаҳза Отақул Низомов гӯё ки гуфтори Маъсумӣ қалбашонро ба ҷунбиш овард, бе ихтиёр ба ман назар карда, гуфтанд:

- Ҳайф, ки шумо он ҷо набудед, устодатон Носирҷон аз ғазал бар ғазали дигар гузашта, ҳамчун булбули маст он рӯз нағма мекарданд. Вақте ки байти

*Ҷуз кунҷи ғам Ҳилолӣ ҷои дигар надорам*
*Ман подшоҳи ишқам ин аст кишвари ман,* - хонда шуд, Кароматилло аз Маъсумӣ пурсиданд:

-Бародар, маъзарат мехоҳам, ҳамин байтро камтарак маънидод мекардед, то мо фаҳмем, ки чаро шоир ғайр аз кунҷи ғам дигар ҷое надоштааст? Маъсумӣ дар ҷавоб табассумкунон ба Кароматилло назар карда гуфтанд: «Ишқ оташ, сӯзиш ва дард аст. Ишқ эҳсос ва ҳиссиёти нозуки инсон, ҳиссиёти лоуболӣ ва муҳаббати гарми инсон аст, ки ба касе ё чизе нигаронида мешавад. Он ки вуҷудашро ишқ фаро гирифтааст, осоиш ва роҳат надорад, вай самандарвор месӯзад, яъне, сабру қарор надорад, зеро саропо дар оташ аст. Ҳар он кас ки азоби ишқ мекашад, олудаи ғам аст. Бадриддин Ҳилолӣ, ки шоири лирик аст, сиришташ аз сӯзиш, дард ва нола иборат буда, он дардро аз сар бадар карда наметавонад, чунки ишқи ӯ сарсарӣ набуда, тамоми вуҷудашро фаро гирифтааст, аз ин рӯ, ҷои ӯ кунҷи ғам аст ва дар ин роҳ худро сарвари дарду ишқ номида, «Подшоҳи ишқам, ин аст кишвари ман»,-гуфтааст. Ин сухан ё мисраъҳо

маънии онро дорад, ки ҳар касе ишқварзӣ мекунад, азобаш беҳисоб аст ва ҳама ғамҳо дар дили ӯст. Ҳар кас, ки олудаи ғами ишқ аст, дар охир баландмақом мегардад, зеро нури висол ин ҳама азобҳоро бартараф карда, касро беғубор мегардонад ва кас худро дар авҷи гардун мепиндорад.

Хулоса, мо он шаб дар бағали кӯҳ бо бӯи гулу гиёҳ бо лаззати шеъру суруд ва суҳбати ҷонпарвар хоб кардем. Хоби мо чун хоби кӯдакони маъсум дар оғӯши модар буд. Пагоҳ баъд аз субҳ бедор шудам ва дидам, ки Маъсумӣ дар ҷои худ нестанд. Аз ҷой чобукона хестам ва дуртар рафта, ба атроф назар кардам, вале Маъсумиро надида, дар тааҷҷуб афтодам. Дар ҳамин асно аз баландие садои Маъсумӣ баромад: «Отақул, ин ҷо биёед». Тозон ба рӯи теппа баромадаму гуфтам, Носирҷон, шумо ин ҷо кай омадед? Маъсумӣ ба саволам ҷавобе надода, чашм ба сӯи бешазор гуфтанд: «агар чашми нозукбин дошта бошед, назар кунед, лаззат баред аз бӯи гулу гиёҳҳои кӯҳӣ ва арчаҳои сабз баҳра гиред. Рости гап, чунин зебоӣ, чунин манзара ва чунин дараю арчазорро дар ҳаёт акнун дидам, агар дар кӯҳҳои Қаратоғ дида бошам ҳам, ба сабаби бачагӣ ин қадар лаззат нагирифта будам». Мо ҳарду сайркунон ба даруntари арчазор рафтем. Пас аз субҳу рӯзи калон хуршеди ҷаҳонсӯз ҳам баромад. Вай нурашро ба рӯи ҳазор андар ҳазор гиёҳҳои кӯҳӣ, ба рӯи арчаҳои сабз мерехт. Ба замми ин аз дара ва беша садои нолаи мурғакони саҳро форам-форам ба гӯш мерасид. Ғайр аз ин, насими боди сабо дар ин пагоҳирӯзии босафо атрфишонӣ карда, ба тану ҷон, ба рӯҳу тафаккури кас ҳаловат бахшида, гиреҳҳои сарро кушода, чеҳраҳоро мунаввар мекард. Махсусан, бо тулӯъ ва зарраҳои нури офтоб монанди алмоспораҳо дурахшидани шабнами рӯи гулу гиёҳҳо ва навдаҳои сабзи арчаҳо ҳама ҳайратафзо буд. Маъсумӣ ин манзараро дида, аз хуррамӣ ваҳ-ваҳ мегуфтанд ва аз чашмонашон шарар мерехт. Дар воқеъ, диққати Маъсумӣ аз тамоми нуқтаҳои дунё боздошта шуда, танҳо ба ҳамин

манзара дода шуда буд. Аз ин рӯ, Маъсумии дилдодаи табиат он дам аз фикри ҷаҳон озод буда, дар он бешазор чун паррандаи озод нафас мегирифтанд. Мо бо ҳамин рӯҳ ва кайфияти болида сайркунон ба сари хаймаи худ баргаштем. Кӯчи мо дар зери яккабурси азим ва дар канори оби равону марғзори сабз ҷой гирифта буд. Кас дар сари дастурхон нишаста, бо коса обро гирифта, ба рӯи он мемонд. Мақсатилло барракабобро дар миён гузошту сабӯҳӣ гӯён қадаҳҳоро ба гардиш овард ва байти зеринро аз Низомии Ганҷавӣ хонд:

*Биё, соқӣ, он роҳатангези рух*
*Бидеҳ, то сабӯҳӣ кунам дар сабӯҳ.*

Маъсумӣ беихтиёр ба сухани Мақсатилло сухан зам карда, аз Рӯдакӣ хонданд:

*З-он май, ки гар сиришке аз он дар чакад ба Нил*
*Сад сол маст бошад аз бӯи ӯ наҳанг.*
*Оҳу ба дашт агар бихурад қатрае аз ӯ*
*Ғурранда шер гардаду н-андешад аз паланг.*

Пас аз ин Мақсатилло ҷилави суханро ба даст гирифта, каломи гуворои Рӯдакиро идома доданд:

*Маи лаъл ору пеши ман ой,*
*Ба як даст ҷому ба як даст чанг.*
*Аз май маро деҳ, ки аз дасти ӯ*
*Чу ёқут гардад ба фарсанг санг.*

Баъд аз ин байтҳо бо таклифи Мақсатилло яке аз он ҷавононе, ки ба мо дастёрӣ карданд, бо лаҳну овози ниҳоят форாму ширадори худ ғазалҳои «Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро», «Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем»-ро хонд. Мазмуни баланди шеърҳо, бо оҳанги марғубу лаҳни ширадор ва насими боди сабо ба дилҳо асар кард.

Ва ҳамин тавр, навбати сурудхонӣ ба Маъсумӣ расид. Домулло, ки аз субҳи саҳар то ин дам ғарқи олами зебоӣ ва ҳусни ин манзилу макон буданд, суҳбат ва сатрҳои дар боло гуфташуда дили ҳуснободашонро ба шӯр оварда буд. Ин аст, ки пушти ангуштони дасти чапро, гӯё асбоби мусиқӣ сохта

бошанд, бо нӯги ангуштони дасти рост ба он зада, дар навбати аввал ушоқи Бухороро хонданд, ки ин чанд сатр аз он аст:

*Гар ба бод диҳам зулфи анбаросоро*
*Ба доми хеш кашам оҳувони саҳроро*
*Гар сурма кашам ба наргиси шаҳлои хеш*
*Сияҳ кунам ба ҷаҳон рӯзгори Лайлоро.*

Камина, ки дар ҳузури устод аз забони Отақул сифати ҳунари овозхониашонро шунида, ором нишаста бошам ҳам, он овози ширадори бо шавқи зиёд сароидаи устод дар лавҳи дилам сабт мешуд. Отақул Низомов бошанд, нақлро идома медоданд. Ниҳоят, Маъсумӣ аз осори классиконамон чандин баҳорияҳоро номгӯ карда, гуфтанд, ки агар муаллифи ин баҳорияҳо ин манзараю ин лайлоқи баландро бо ин қадар ҳусну зебоӣ медиданд, боз ҳам баҳорияҳои беназир меофариданд. Ин қадар баланд будани баҳорияи устод Рӯдакӣ бедарак нест. Гумон мекунам, ки устод дар овони ҷавонӣ аз Қарчағай гузашта, борҳо ба ин ҷо омадааст ва масту мафтуни ин бешазорҳо гардидааст, вагарна байту сатрҳои зеринро офаридан осон набуд:-

*Лола миёни кишт бихандад ҳама зи дур,*
*Чун панҷаи арӯси ба ҳино шуда ҳазиб.*
*Булбул ҳаме бихандад дар шохсори бед,*
*Сар аз дарахти сарв мар ӯро шуда муҷиб.*
*Сулсул ба сарвбун-бар бо нағмаи куҳан,*
*Булбул ба шохи гул-бар бо лаклаки ғариб.*
*Акнун худ бодаву акнун зиёд шод,*
*К-акнун барад насиб ҳабиб аз барии ҳабиб.*
*Соқии гузин бодаву май хур ба бонги зер,*
*К-аз киштсор ноладу аз боғ андалеб…*

Дар фориғи суҳбат домулло баҳорияи Нақибхон Тӯғралро қироат карданд, ки мақтааш ин аст:

*Офарин бар мисраи Бедил, ки Туғрал гуфтааст,*
*Чашм во кун рангу асрори дигар дорад баҳор.*

Пас аз суҳбати атрофи дастурхони чои пагоҳирӯзӣ, мо

сайркунон ба сари кӯҳи Юра баромадем. Сарсари он кӯҳ то яхдони Раҳими Гулдур ва аз он ҷо то сари шахи Хадирбой ва аз он ҷо то сари Уқобхона рафтем. Низомов ба сӯям ҷиддӣ нигариста, суханро идома доданд: - аз ҳамон баландӣ ба водиҳо чашм медӯхтем. Дар ҳамин мавриди абре пайдо шуду аз омадани борон хабар дод. Мо хандаю шӯхикунон анбӯҳи лолаю бунафшаро паси сар гузошта, ба зери ғӯти Бозорбой (ғӯт-харсанге, ки дар зераш шамолпаноҳе дошт ва борон намерасид) расидему сарҳои кӯҳро туман зер кард, осмон тира шуда, аз самти шимолии кӯҳҳо чунон раъдубарқе шуд, ки мо гумон кардем аз садои он гӯши фалак кар гардид. Борон ҳам ба боридан сар кард. Рафиқон мегуфтанд, ки агар то бегоҳ ва шаб ҳам борад, чӣ кор мекунем? Дигаре мегуфт ин ҳавои баҳор аст, мумкин борон монаду офтоб ялоқӣ кунад. Дар воқеъ, ҳамин тавр шуд. Дунё баъд аз борон дар зери нури офтоб рангу ҷилои дигар гирифт. Маъсумӣ ором буданд. Зимнан дар худ аз ин ҳодисаҳои табиат чӣ тасаввуротҳое мегирифтанд. Мо аз он ҷо кӯч баста, аз байни бешазорон гузашта ба сари қуллаи қири Назарқул рафтем ва он ҷо барои шабро гузаронидан хайма задем. Дар ин миён аз Юра то қири Назарқул масофаи бисёре тай карда шуд. Аммо мо бо шавқи ҳавои кӯҳ дурии он ва кӯфти роҳро ҳис накарда, ба қир расида будем. Вале ба ҳар ҳол роҳ таъсирашро гузошта будааст ё ҳавои кӯҳ форам афтод, ки дар зери хайма пас аз дар атрофи гулхан чой нӯшидан чунон, ки кӯдаки ширхора дар оғӯши модараш ба роҳат хоб меравад, хоби ҳамаамон бурдааст.

Носирҷон Маъсумӣ,- маъзарат мехоҳам,- гӯён сухани Отақулро худ гирифта ба ман гуфтанд, - бовар кунед, ба ин андоза форам будани оғӯши модар-Заминро ва ҳавои кӯҳро то он дам ба хубӣ ҳис накарда будам. Як умр хоби ширини он шабаро ёд мекунам, вале имкони бори дигар такрор ёфтанаш нашуд.

Отақул Низомов нақлро идома доданд:

- Субҳ дамид, ниҳоят, рӯзи калон шуд. Ҳамроҳонамон

йигитҳои дастёр аз паи обу оташ ва чойи пагоҳӣ буданд. Дар хайма ҳанӯз Маъсумӣ бароҳат хоб мерафтанд. Дар ҳамин вақт аз поёни кӯҳ, ки онро Барракуш мегуфтанд, як қӯтан гӯсфанд чирросзанон ба қир баромад. Мол алафҳои тозаи кӯҳро чунон мехӯрд, ки кас ҳайрон мешуд. Садои баррачаҳо, бузғолачаҳо чаридану аз сиёҳӣ гоҳе рамидани серкаҳо ва чоригӯсфандҳои думбааш беандоза калон ҳаваси касро меовард, ки даҳмарда ё худ чӯпон бошаду аз паси рама доим кӯҳгардӣ кунад, вақте ки ман дар чунин хаёл будам, чӯпони ин мол аз паси рама ба назди мо омад ва бо нигоҳи ҳалимона ба мо салом дода, хуш омадетон, меҳмонҳои азиз гуфт. Ман аз ҳусни муомила ва чеҳраи шукуфони ин марди азимҷусса, ки ҳар як дасташ баробари як одам буд, дар ҳайрат афтодам. Дар дасти ин чӯпон як асои чӯби эрғай буд. Ин одам бо он қаду қомат ва бо он китфу бозуи азим, бо ин асояш одам он сӯ истад, гумон мекунам, ба сари хирси ёбоӣ якто занад, хирс ҷон медиҳад. Дар ҳамин аснои аз он мард дар ҳайрат мондани ман Бобоев Кароматилло паҳлавон-ку, канӣ-канӣ биёед, гӯён сӯи Назаралӣ-полвон рафт ва гарм-гарм вохӯрӣ кард ва ба мо баргашта гуфт, ки Назаралӣ-полвони шашқатиаш, ана, ҳамин кас мебошанд. Ин кас дар маъракаҳо паҳлавонҳои номиро дар гӯштин мезананд. Маъсумӣ аз хоб хестанд ва пас аз шустушӯи дасту рӯй бо Назаралӣ-полвон саломуалейк ва ҳолпурсӣ карданд. Ва дар назди ҷисми бузурги чӯпон зимнан дар тааҷҷуб буданд, ки дар айёми мо ҳам мисли Рустам, ки тасвири бузургиашро Фирдавсӣ ин тавр ба қалам додааст:

*Ҷаҳонофарин то ҷаҳон офарид,*
*Саворе чу Рустам наёмад падид.-*

шахси тануманд, болобаланди зебо ва паҳлавонҷусса мешудааст. Дар ҳамин маврид, ки моли Назаралӣ-полвон аз ӯ хеле дур рафта, дар ҷангал парешон шуда буд, Назаралӣ-палвон аз мо онсӯтар рафта, ба сӯи мол садо карда, як қиғос зад, бовар кунед, гумон кардам, ки кӯҳҳо ба ларза

даромаданд ва садо баровард ва аҷоибаш ин, ки моли безабон қиғоси ӯро шунида, ҷамъ шуд ва дар як ҳолати низомӣ дар бари адир чаридан гирифт. Назаралӣ-полвон дар бозгашт як сар шоксеркаро бо худ ба сари хаймаи мо оварда, меҳмонҳои азиз, ин мол барои шумо аз мо туҳфа аст, гуфт ва аз мо напурсида, серкаро сар буриду пӯсту пора карда, ба мо дод ва меҳмонҳои азиз, хуб кардед, ки ба кӯҳҳои диёри мо омадед, гуфт ва аз паси молаш рафт.

Дар сари қир деги кабоб меҷӯшид, дастёрҳо ба мо намакчашак гӯён чанд бурдаро оварда, ба рӯи дастурхон гузоштанд. Лаззати гӯшти моли ҷавон, лутфи чупон, суҳбату шеърхониҳои ҷонпарвари Н.Маъсумӣ то ҳанӯз аз ёдам нарафтаасту намеравад.

Чун сухани О.Низомов ба ин ҷо расид, бо табассум гуфтам:

- Домулло, ҳамон чӯпон амаки каминаанд.

Н.Маъсумӣ бо меҳр ба сӯям нигариста гуфтанд, шахсе, ки чунин амаки хуб дорад, давлатманд аст.

Отақул нақлро идома доданд:

- Дар ҳамин асно аз ҳавои кӯҳу суҳбат ҳаловат бурда, аз Маъсумӣ пурсидам, ки Носирҷон, худро чӣ тавр ҳис карда истодаед, ин қири баланд, водии Зарафшон ба чашматон чӣ тавр менамоянд? Маъсумӣ гуфтанд, «ман дар баччагӣ кӯҳҳои Қаротоғи Ҳисорро дидаам, аммо ин гуна баландӣ ва кӯҳе, ки қиблааш то фазои Панҷакенту Самарқанду Бухоро кушода бошад, надидаам. Бинед ҳавою фазои кушоди беғубор, офтоб аз сари кӯҳ ҷудо шуда, манзараи дарё, кӯҳҳо, деҳаҳо ва боғу бӯстон ҳам, ду соҳили Зарафшон, ки аз ин ҷо менамоянд, ба ман таъсири калон гузошта истодаанд. Хаймаи мо дар сари кӯҳ ба монанди лонаи уқоб ва худи мо ба уқобон шабоҳат дорем. Аз ин қуллаи баланд истода, ба водӣ назар кардан, қариб тамоми масоҳати ноҳияи Панҷакентро дидан ба кас рӯҳ ва ҳаловати хос мебахшад. Дар чунин ҷой нишаста сӯҳбат оростан бешак дар биҳишти накд нишастан аст.

Мақсатилло аз ҳусни водӣ ва суханҳои боло сармаст шуда, ба сӯи Носирҷон Маъсумӣ гуфтанд, ки ҳазрати Хоҷа Ҳофиз «аз марғзори ҷаннат дида сояи беду лаби киштзорро ғанимат донед» гуфтаанд, дар ҳақиқат, агар инсон ҳамин хоку об ва ҳамин ҳавою манзараю суҳбати ҳамдигарро ғанимат надонад, ба гумонам, ношукрӣ мешавад. Маъсумӣ суханро идома дода, ба Мақсатилло ишора карда, гуфтанд, ки Ҳофиз фикри болоро ин тавр ба назм даровардаанд:

*Боғи Фирдавс латиф аст, валекин зинҳор*
*Ту ғанимат шумор ин сояи беду лаби кишт.*

Баъд аз ин Маъсумӣ қайд карданд, ки ин диёр, ин водӣ ва ғайр аз кӯҳҳои баланд боз баландие дорад, ки ҳеҷ қуллаи бузург ба он баробар шуда наметавонад. Он баландӣ баландии афкор, баландии маънавиёт ва назми оламгири Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аст. Ин водӣ, натанҳо Зарафшони зарфишон ном дорад, балки ғайр аз Зарафшон боз дарае дорад, ки онро соҳибдилон дарёи дил меноманд. Агар дарёи Зарафшон то Бухоро равад, дар паҳлуи он дарёи дили соҳибдилонаш то уқёнусҳо рафта расидааст. Ин дарё назми оламгири устод Рӯдакӣ аст. Бингаред худи устод дар ин бора чӣ гуфтааст:

*Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд,*
*Шуд он замона, ки шеъраш ҳама ҷаҳон бинвишт.*

Агар дарёи дили ӯ ба уқёнусҳо пайваст намешуд, агар шеъри ӯро ҳама олам намехонду наменавишт, дар гузашта ва имрӯз дар Шарқу Ғарб ва бисёр мамолики мухталифи олам дар ситоиши ӯ асарҳо наменавиштанд. Рӯдакӣ ифтихори мардуми форснажоди олам аст. Ҳодисаи дирӯзаи табиат абру туман хирман-хирман лолаю бунафшаро бо алафи ранг зери по карда, ба зери Ғӯти Бозорбой омаданамон, раъду барқи сахт, рехтани борон ва боз кушода шудани ҳаво аз зери абр намудор шудани хуршедро дида симои устод Рӯдакӣ ба назарам намоён шудан гирифт ва баҳорияи ӯ сатр

ба сатр ба хотирам омадан гирифт. Ангушти ҳайрат газида ба худ гуфтам: то чӣ андоза ҳақиқатбаёнӣ ва лавҳанигорӣ аст. Устод гиряи абру хандидани чаману аз зери абр намудор шудани офтобро чунон тасвир кардааст, ки то имрӯз ба худ назир надорад, баҳорияи онро оинаи табиат гӯем ҳам, хато намекунем. Одамони ин диёр ҳама ворисони устоданд. Ақлу фаросати устод, афкору маънавиёти устод аз хун ба хун то имрӯз давом дорад.

Бигзор дӯстии мо бо шумо, бародарони арҷманд Бобоевҳо ва ҳамаи мардуми диёри Рӯдакӣ, абадӣ гардад. Бигузор мардум аз мою шумо аз ин сайру сафари дӯстона ибрат бигиранд ва афкори дӯстии одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро идома диҳанд, зеро дӯстӣ неру ва офтоби тобони зиндагонист. Агар дӯстӣ ва одаму одамият набошад, мо ба ин мавзеи зебо намеомадем ва дар рӯи кӯҳ бо моҳу ситора ҳамнишин намешудем. Дӯстӣ аҳли ҷомеаро ба низом меорад ва бо як оҳанг зиндагӣ карданро меомӯзад. Инсон, дар воқеъ, бояд ба дӯст ҷонфишон, яъне, ҷоннисор шавад. Хоҷа Камоли Хуҷандӣ таълим додаанд, ки ҳар касе, ки заррае аз атри гесӯи дӯст баҳраманд шудааст, то қиёмат бар сари турбаташ райҳони раҳмат мебарояд, пас инсонро сифати дӯстӣ мебояд. Агар дӯстӣ пойдор бошад, ҳар як инсон ва халқу миллат ҳама мушкилоти худро ҳал карда метавонад.

Дӯстии одамон аз дӯст доштани падару модар сар мешавад. Дӯстдории падару модар, дӯстдории халқу миллат бояд барои ҳар як инсон воҷиб бошад. Камина орзу ва таманно дорам, ки сатрҳои обдори зерини Хоҷа Ҳофиз дар лавҳи дили ҳар як тоҷик ҳаккокӣ шаванд, бо халқҳои дигар низ дӯстӣ пойдор бошад, он гоҳ Тоҷикистон ҳамчун ситораи Шарқ медурахшад.

*Аз ҷон тамаъ буридан осон бувад валекин,*
*Аз дӯстони ҷонӣ мушкил тавон буридан.*

Гузаштагони мо дидани дидори дӯстро давлат ва гадои

кӯҳи ӯ буданро мартабаи Хисравӣ, яъне, подшоҳӣ дониста-анд. Аммо афсӯс мехӯрам, ки ҳанӯз бисёриҳо сарфаҳми ин маънӣ намераванд.

Дар идомаи сухани устод, ки ба ман нақл карда истода буданд, О.Низомов ба сӯям назаркунон гуфтанд:

- Мулло, дидед, Носирҷон Маъсумӣ ҳанӯз дар ҷавониа-шон дӯстиро, муқаддасоти инсониро ва фикрҳои бикрро дарк кардаанд. Ин аст, ки имрӯз ҳамчун олими шинохта маъру-фу машҳур гардидаанд. Дар ҳамон суҳбат ба наво омада, чанд суруд хонданд. Ва баъд аҳли суҳбат бо олам-олам рӯҳи тоза аз сафар бозгашт.

Камина, муаллифи ин сатрҳо, он сафари дӯстонаи Носи-рҷон Маъсумӣ ва О.Низомовро бо Бобоевҳо ба ёд оварда, қайд карданиям, ки дӯстии онҳо аз ҳамон солҳои донишҷӯӣ дар омӯзишгоҳ мустаҳкам гардидааст. Баъд аз ин давра ҳам, онҳо равуо доштанд. Инро бо ду мисол тасдиқ мекунам. Баҳори соли 1966. Ҳангоми студентии камина устод Маъ-сумӣ гуфтанд, ки бегоҳ ба хона равед, Отақул омадагӣ. Суҳ-бати онҳо он шаб дилрабо буд. Солҳои дар Панҷакент бу-данашонро Маъсумӣ ба ёд оварда, аз Бобоевҳо, аз сафари бо ҳам ба Ғунг кардаашон ёдовар шуда, ба сӯи камина гуф-танд:

-Ана, ҳамин тавр мо дар ҷавонӣ диёри шуморо кӯҳу ман-зилатонро тамошо кардагӣ. Ман ба сари кӯҳи Юраи Шашкат баромада, бо тамоми дараю кӯҳҳои он ҷо шинос шуда, аз кайфиятҳои ҳавои кӯҳ ғазалхонӣ кардагӣ. Ғазали Н.Туғрал «Равзаю ризвони ман ғайр аз сари кӯи ту нест»-ро хонда-нам ва лаззат бурданам фаромӯш намешавад.

Мисоли дигар ин ки соли 1990 камина ба хонаи Алиева Нарзиой ба Ҳисор рафтам ва ба он кас даъватномаи ҷашни 60-солагии омӯзшгоҳро додам. Он кас хурсанд шуда, маро ба хонае таклиф карданд ва баъд аз одоби қабул гуфтанд:

-Шумо дар хонае нишастаед, ки ин ҷо Носирҷон Маъсумию

Отақул Низомов буданд. Он кас ҳамон дам аз ман пурсиданд, ки аз куҷои Панҷакент мешавам, ман аз Шашкати ҷамоати Рӯдакӣ гуфтам. Он кас гуфтанд: - Ғунг баромадагӣ ҳастед? Ман гуфтам: - То соли 1953, ки ба хондан сӯи шаҳр омадам, он ҷо бара мепоидам, чӯпонӣ мекардам, пода ҳам мепоидам. Хулоса, ҷои ман он ҷо буд. Нарзиой гуфтанд: -Дар ҷаҳон ин гуна лайлоқи пешкушоду обшору хушманзара кам аст.

Бозмегардем ба хонаи Н.Маъсумӣ, ки бо О.Низомов он ҷо будам. Суҳбати ҷонпарвар аз одаму одамият аз илму адабиёт аз каломи хушгувори Ҳофиз идома меёфт. Устод Маъсумӣ «Домони ту, эй бути ситамгар, Сар медиҳаму намедиҳам сар»-ро аз Ҳофиз ва «Дӯстон, имшаб давои ҷони маҳзунам кунед»-ро аз Ҳилолӣ хонда, меҳмони худро шод карданд. Ман ҳис мекардам, ки онҳо аз файзи дидори якдигар ҳаловат бурда истодаанд. Ман, ки корманди коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент ҳастам, наметавонам, ки аз он устодони муътабар ёд накунам. Устод дар институти омӯзгории шаҳри Душанбе ба мо адабиёти асрҳои XV то авали асри XX-ро омӯзонданд. Дарсҳои пурмаъно, меҳри он касро ба мо хеле зиёд карда буд. Камина ду маротиба дарси устодро аз паси дар истода гӯш кардам. Ҳангоми танаффус аз чӣ бошад, ки аз он кас як қадам ақиб монда, илоҷи аз он кас пеш гузаштан надоштам. Инро ба худ раво надониста ва қадамҳоро оҳиста-оҳиста монда,  аз пасашон мерафтам, он кас ба пас назар накарда, ба аудитория даромада, дарро пӯшониданд. Ман аз роғи дар тамоми рафту суҳбату лексияашонро гӯш кардам. Ана. ҳамин тавр мо рӯи аз устод пеш гузаштанро надоштем. Аз ҷумла, меҳри он кас дар мағз-мағзи ҷону устухонам ҷой гирифта буд, ин меҳру муҳаббат, ки ба устод дорам, на танҳо дар зиндагӣ фаромӯш намешавад, балки баъд аз мурданам ҳам, бо вуҷуди пӯсида гардидани устухонам фаромӯш намешавад. Чунон ки Хоҷа Ҳофиз гуфтааст:

*Агар пӯсида гардад устухонам,*

*Нагардад меҳраш аз ҷонам фаромӯш.*

Симо ва дарсгӯиҳои устод ҳар лаҳза пеши назарам меояд. Он кас дили ҳассос ва пур аз муҳаббат доштанд. Нозукбин, дақиқназар, ошиқ ва дӯстдори одаму одамият ва ҳаёт буданд. Аз шоирон мафтуни содабаёниҳои Бадриддин Ҳилолӣ буданд. Ғазалиёту «Сифот-ул-ошиқин» ва «Шоҳу дарвеш»-ро ба мо муфассал гузашта, мегуфтанд, ки ғазали Ҳилолӣ ба содагию хушоҳангиаш худ аз ғазали бисёр классикон фарқ мекунад. Иғроқи Ҳилолӣ чунон офарида шудааст, ки бо вуҷуди дар ҳаёт имконнопазир будани ақидаи шоир хонанда ҷонибдори фикри ӯ мешавад. Аз иғроқи ӯ мисоле меорам, - гӯён боре дар байни мизҳо гашта аз китфи чапам дошта гуфтанд:

*Ба ду дида кай тавонам рухи ту сер бинам,*
*Ду ҳазор дида хоҳам, ки туро кунам назора.*

Бори дигар аз адабиёт семинар доштанд. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҳилолиро қисм-қисм ба мо дода гуфтанд, ки матнро хонда ҳар кас фикрашро ба ман гӯяд. Ба камина ҳамон қисми достон расида буд, ки Маҷнун дар саҳро аз ғами Лайлӣ аз худ бехабар бо оҳувон ва дигар ҷонварони кӯҳӣ унс гирифта гашта буд. Нохост бо сабабе саги Лайлӣ он ҷо пайдо мешавад. Маҷнун сагро шинохта куртаи даридаи худро ба пушти он зада чашмони онро мебӯсад, ки ту бо ҳамин чашмон Лайлиро дидаӣ… ва ғайра ва ҳ…. Ман ҳангоми баромад гуфтам: «Аҳволи Маҷнунро дар саҳро эҳсос карда, ба хулосае омадам, ки дили Маҷнун аз ғами Лайлӣ соғари хун гаштааст». Устод аз ин таъбири сохтаи ман, яъне, дилро ба соғари хун ташбеҳ карданамро писандиданд ва дар атрофи ин таъбир ва ташбеҳи зебо будани он ба донишҷӯён хеле сухан карданд ва ҷавоби каминаро бо ҳамин таъбир ва ташбеҳ дар ҷойи аввал гузоштанд.

Фаросат ва ҳиссиёти инсонии устод хеле баланд буд. Вақте ки шогирдашон М.Истамуллоев дар Тиблисӣ кори

доктириро ҳимоя карда меоянд, он кас, ки дотсент ва мудири кафедраи забон буданд ба чӣ андешае фурӯ рафта, Исматуллоевро даъват карда, бо риояи одоби инсонӣ мегӯянд:

-Домулло, доктори фан истода, ман мудири кафедра буданам зеб надорад. Аз имрӯз сар карда шумо ин вазифаро баред.

Истматуллоев аз лутфи Маъсумӣ як ҷаҳон маънӣ гирифта, гуфтанд:

-Агарчанде ман доктор ҳастам, аммо як умр ҳамчун шогирд бо шумоям. Бе гап корро худ давом диҳед.

Домулло Маъсумӣ дорои сифатҳои оқилӣ, олимӣ ва боодобӣ буданд. Лутф ва андешаҳояшон мантиқнок буд. Бо мусоидати ҳаёт камина пас аз мактаби олӣ соли 1966 муаллими омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент таъйин шудам ва соли 1974 иштирокчии Бӯстон-1 шуда, ба Душанбе рафтам. Қироати шеъри «Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд» ба зиммаи камина афтод. Бо фикри аз назари устод Маъсумӣ гузаронидани баромадам ба назди он кас рафтам. Устод маро хуб қабул карда, фармуданд, ки шеърро хонам. Пас аз хонданам аз ман пурсиданд:

-Шумо «тоту» гуфтанӣ гапро медонед ё не?

Қиёфаи устод он гоҳ хело ҷиддӣ буд. Дилам таҳ зад ба худ гуфтам «хато кардам». Устод саволро такрор карданд. Ман «не, намедонам» гуфтам. Устод гуфтанд:

-Аспи лавандро тоту мегӯянд. Дар байти Рӯдакӣ:

*Ҳар шаб нигаронам ба Яман то ту бароӣ,*
*Зеро, ки Суҳайливу Суҳайл аз Яман ояд.*

«То» пешоянд буда «ту» ишорат ҷонишин аст. Шумо ин ду чизро якҷоя карда хондед. Аз рӯи хондани шумо маънӣ дигар шуд, яъне, аспи лаванд шуд. Ин хандаовар аст. Шумо барои он ки мазмун хароб нашавад, дар вақти хондани «ҳар шаб нигаронам ба Яман то» гӯеду-андак истед ва баъд бо таъкид «ту бароӣ»-гӯед. Маълум аст, ки шоир аз забони қаҳрамони лирикии шеър ба сӯи маъшуқа бо ҳиссиёт сухан

карда истодааст.

Ҳамин тавр, дар охир аз хондани камина қаноат ҳосил карда, илова карданд, ки ҳангоми баромад ба толор ба чашмони мардум, ки ба шумо дӯхта мешаванд, нангаред то ки суханро гум накунед. Нигоҳатон аз болои сари мардум ба ақибгоҳи толор ё як самти он дӯхта шавад. Ғайр аз ин, дар вақти хондани шеър як бор бо даст ба сӯи Бухоро ва баъд ба сӯи Яман ишора кунед. Дар дигар мисраъҳо дастро ба ҳаракат надароред. Ба бадеияти сухан риоя карда хонед, он гоҳ тамоми толор об мегардад, - гӯён табассум карда, бо дилпурӣ ба камина барори кор хостанд. Ин суҳбати охирони ман бо устод буд. Мисраъҳое, ки бо дастони худ навишта, дар куҷоҳо ист карданамро ишора карданд, ҳанӯз ҳам дар дастам чун ёдгории бебаҳо маҳфуз аст.

Моҳи августи соли 1974 аз Душанбе барқия омад, ки Носирҷон Маъсумӣ аз ҷаҳон гузаштанд. Ману Отақул Низомов рафтем. Дар саҳни хонаи устод М.Турсунзода сар карда, тамоми аҳли ҷамоатчигии идораҳо ва вазоратҳо омаданд. Саҳни хона воич бардоштагӣ ва гул коридагӣ. Ҷасади устодро дар боғи Ҳукуматӣ, дар хонаи махсус зери назорат нигоҳ доштаанд. Ниҳоят, мошини таъҷилии сафед омада истод. Духтари устод ва завҷаашон бо либосҳои сиёҳ аз мошин фаромаданд. Маълум, ки ҷасадро оварданд. Духтарашон нола кард. Дари ақиби мошин кушода шуд, устод Турсунзода ва дигарон барои фаровардани ҷасад ҳозир шуданд. Маро ғайр аз О.Низомов касе намешинохт, вале ман ба ин назар накарда, худро чобукона дар миёни анбӯҳи мардум ба назди дари мошин гирифтам. Ҷасади устодро доданд сару китфҳои ҷасад ба рӯи дастони устод Турсунзода, қисми миёнаи ҷасад рӯи дастони Фотеҳ Ниёзӣ ва қисми поёнии ҷасад рӯи дастони ман омад. Ба дигарон имконияти гирифтан нашуд, чунки мо ҷойро банд карда будем ва ҳамин тавр ҷасадро мо се нафар ба хона даровардем. Дар рӯи кати пас-

такак гузоштем. Рӯи устодро бо гулу матое пӯшонданд. Устод марди гандумранг, мӯи ҷингилаи хорафта доштанд. Дар рӯи кат гӯё, ки хобашон бурда бошад, хобида буданд. Матои рӯяшон ва болини таги сарашон сурх буд. Сурхии палосҳо ба рӯи он кас акс дода, онро шафақдор нишон медод. Одамон ба хона даромаданд. Хона пур аз одам шуд. Онҳо мисли он ки миҷгонҳо дар атрофии мардумаки дида саф доранд, дар атрофи хона беихтиёр саф ороста, сари хам беовоз ашк мерехтанд. Саҳни ҳавлӣ аз одам пур буд. Баъд аз ду соат ҷасадро ба бинои Академияи илмҳои Тоҷикистон бурда, дар ҷои хос гузоштанд. Дар болои сари марҳум аҳли оила ва дӯстон дар қаровулии фахрӣ меистоданд. Дар як самти даромадгоҳ расми Маъсумӣ хеле калон карда, гузошта шуда буд. Дар самти дигари он Барно Исҳоқова, Аҳмад Бобоқулов ва дигарон дар зери садои мусиқии ҳузнангези мотамӣ, сурудҳои дилхароши мотам мехонданд. Аз як тараф дарёи одам оҳиста ҳаракат карда, видоъкунон аз назди ҷасади гулпӯш гузашта истодаанд. Ман ва Низомов ҳангоми барои видои охирин ба назди ҷасад рафтан беихтиёр дар сафи онҳое, ки қаровули фахрӣ истода буданд, истодем. Фавран ба дастҳои мо матоъҳои сиёҳро бастанд ва мо чун рамзи садоқат бо устод чанд дақиқае рост истода, қарзи инсониамонро адо кардем. Баъд моро озод карда, дигаронро ба ҷои мо гузоштанд, то онҳо низ ба ин хизмати чанд дақиқагӣ арзи эҳтиромро ба устод ба ҷо оранд. Ман ҳангоми фавти падарам бо сабаби хурдӣ он қадар ашк нарехтаам, аммо дар ин лаҳзаҳо, ки падари маънавиам, устоди азизамро видоъ мегуфтам, беихтиёр тамоми ҷисмам ва ҷигарам об шуда, аз дидагонам беовоз мерехт. Ҳанӯз ҳам ҳамчун аломати андӯҳи марги устод Маъсумӣ он расме, ки он рӯз бо матои сурху сиёҳ дар сари синаам зада буданд, дар албомам бо ҳамон сӯзан истодааст. Охирин бор ба рӯи устод назар афкандаму гуфтам;

*Ту аз мо меравию ёди некуи ту мемонад,*
*Ба ёдам то қиёмат акси дилҷӯи ту мемонад.*

Баъд аз видои охирин ба Отақул Низомов гуфтам:

- Устод Маъсумӣ бо хизматҳои дар соҳаи илми забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва соҳаҳои дигар кардаашон дар саҳфҳаи таърихи илму фарҳанги тоҷик абадан монданд. Номи неки ин кас аз лавҳи дили дӯсдорони илм ва забони модарӣ ҳеҷ гоҳ намеравад. Очеркҳои устод оид ба масъалаҳои забон нодиртарин китоб оид ба илми забоншиносии тоҷик аст.

Отақул Низомов бо чашмони ашколуд гуфтанд:

-Оре, ҳақ гуфтед, Носирҷон Маъсумӣ омӯзгор, олим ва инсони хуб буданд.

Шахси накуном намиранда аст! Гул бирезад, марезад аз вай бӯй!

Гули муҳаббат ва ёди устод дар дили аҳли маънӣ ва шогирдон ҳамеша шукуфон аст.

# АСАРҲОИ НОСИРҶОН АСАДОВИЧ МАЪСУМӢ

# I. АСАРҲОИ НОСИРҶОН АСАДОВИЧ МАЪСУМӢ

## 1. 1. Асарҳои алоҳидаи илмӣ-оммавӣ

1. Асарҳои мунтахаб [Матн] / Иборат аз ду ҷилд; Ҷ.1: Адабиётшиносӣ ва танқид; Тартибдиҳандагон В. П. Осмакова, Р. Ғаффоров ва диг.; Ҳайати таҳририя М. Турсунзода, М. Осимӣ, А. Маниёзов, М. Шукуров, А. Сайфуллоев; Муҳаррир М. Акбарзод. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 368 с. – Дар аввал акси Н. Маъсумӣ.

Мундариҷа: М.Осимӣ, Фарзанди бовафои халқ. – С.5-8; Адабиёти классикии тоҷик: Ғазалсарои номии Шарқ. – С.10-19; Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX: Аз муаллиф. – С.20-21; Ҳаёти адабӣ дар Бухоро ва Қӯқанд. – С.21-34; Ҳусайни Дониш. – С.34-36; Мирзо Содиқи Муншӣ. – С.36- 43; Ҳозиқ. – С.43-57; Гулханӣ. – С.57-77; Махмур. – С.77-87; Маъдан. – С.87-95; Хотима. – С.95-99; Туғрал ва муҳити адабии ӯ. – С.100-152; Адабиёти советии тоҷик: Ленин дар назми тоҷик. – С.153-191; Оинаи дӯстӣ. – С.192-205; Забон ва маҳорати адабӣ. – С.206-215; Асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ. – С.216-233; Устод Лоҳутӣ – сарояндаи ғояҳои инқилобӣ. – С.234-243; Ҷавонӣ ва камолоти мусаввири ҳусну дил. – С.244-262; Достони табадуллоти ҳаёт. – С.263-277; Муҳаммадҷон Раҳимӣ. – С.278-304; Шоири ҷанговар. – С.305-316; Адабиёти рус: Лермонтов ва эҷодиёти ӯ. – С.317-335; Мунаққид ва маорифпарвари бузурги рус. – С.336-346; «Шаҳбози ҷаҳонсайди адаб». – С.347-364.

2. Асарҳои мунтахаб [Матн] / Иборат аз ду ҷилд; Ҷ.2. Забоншиносӣ; Тартибдиҳандагон В. П. Осмакова, Р. Ғаффоров ва диг.; Ҳайати таҳририя М. Турсунзода, М. Осимӣ, А. Маниёзов, М. Шукуров, А. Сайфуллоев; Муҳаррир М. Акбарзод. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 352 с. – Дар аввал акси Н. Маъсумӣ.

Мундариҷа: Муҳимтарин масъалаҳои таҳқиқи тараққиёти забони адабии имрӯзаи тоҷик. – С.5-78; Дар бораи вазъият ва баъзе тағйиротҳо дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асрҳои X-XIX. – С.79-116; Вазъияти забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX. – С.117-142; Материалҳои китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ: Доир ба таърихи забони адабии тоҷик. – С.143-164; II. Оид ба забони адабии имрӯзаи тоҷик. – С.165-175; Феъл. Феъл ҳамчун ҳиссаи нутқ. – С.176-287; Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумла ва хелҳои он: Ҷумлаҳои сода. – С.288-300; Ҷумлаҳои мураккаб. – С.301-328; Маданияти нутқ: Масъалаҳои муҳими меъёрӣ забони адабии ҳозираи тоҷик. – С.329-335; Доир ба маданияти сухан. – С.336-345; «Чуноне» ё «Чунон ки»? – С.346-348.

3. Асарҳои мунтахаб [Матн] /Нашри дуввум; Иборат аз ду ҷилд; Ҷ.1: Адабиётшиносӣ ва танқид; Ҳайати таҳририя М. Турсунзода, М. Осимӣ, А. Маниёзов, М. Шукуров, А. Сайфуллоев; Тартибдиҳандагон В. П. Осмакова, М. Шукуров; Муҳаррир М. Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2005. – 378 с. – Дар аввал акси Н. Маъсумӣ.

Мундариҷа: М.Осимӣ, Фарзанди бовафои халқ. – С.5-8; Адабиёти классикии тоҷик: Ғазалсарои номии Шарқ. – С.10-18; Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX: Аз муаллиф. – С.19; Ҳаёти адабӣ дар Бухоро ва Қӯқанд. – С.20-33; Ҳусайни Дониш. – С.34-36; Мирзо Содиқи Муншӣ. – С.37- 44; Ҳозиқ. – С.44-60; Гулханӣ. – С.60-81; Махмур. – С.81-91; Маъдан. – С.92-100; Хотима. – С.101-104; Туғрал ва муҳити адабии ӯ. – С.105-160; Адабиёти советии тоҷик: Ленин дар назми тоҷик. – С.162-200; Оинаи дӯстӣ. – С.201-215; Забон ва маҳорати адабӣ. – С.216-225; Асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ. – С.226-242; Устод Лоҳутӣ – сарояндаи ғояҳои инқилобӣ. – С.243-253; Ҷавонӣ ва камолоти мусаввири ҳусну дил. – С.254-273; Достони табадуллоти ҳаёт. – С.274-288; Муҳаммадҷон Раҳимӣ. – С.289-316; Шоири ҷанговар. – С.317-329; Адабиёти рус: Лермонтов ва эҷоди-

ёти ӯ. – С.331-347; Мунаққид ва маорифпарвари бузурги рус. – С.348-358; «Шаҳбози ҷаҳонсайди адаб». – С.359-376.

4. Асарҳои мунтахаб [Матн] /Нашри дувум: Иборат аз ду ҷилд; Ҷ.2: Забоншиносӣ; Ҳайати таҳририя М. Турсунзода, М. Осимӣ, А. Маниёзов, М. Шукуров, А. Сайфуллоев; Тартибдиҳандагон В. П. Осмакова, М. Шукуров; Муҳаррир М. Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2005. – 351 с. – Дар аввал акси Н. Маъсумӣ.

Мундариҷа: Муҳимтарин масъалаҳои таҳқиқи тараққиёти забони адабии имрӯзаи тоҷик. – С.5-76; Дар бораи вазъият ва баъзе тағйиротҳо дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асрҳои X-XIX. – С.77-114; Вазъияти забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX. – С.115-144; Материалҳои китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ: Доир ба таърихи забони адабии тоҷик. – С.140-162; Оид ба забони адабии имрӯзаи тоҷик. – С.163-173; Феъл. Феъл ҳамчун ҳиссаи нутқ. – С.174-287; Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумла ва хелҳои он: Ҷумлаҳои сода. – С.288-300; Ҷумлаҳои мураккаб. – С.301-328; Маданияти нутқ: Масъалаҳои муҳими меъёрӣ забони адабии ҳозираи тоҷик. – С.329-335; Доир ба маданияти сухан. – С.336-345; «Чуноне» ё «Чунон ки»? – С.346-348.

5. Маҷмӯаи ашъор [Матн] /Тарт. Х. Валихӯҷаева. – Душанбе: Адиб, 1988. – 128 с. – Дар аввал акси Н. Маъсумӣ.

Мундариҷа: А. М. Хуросонӣ, Заҳматкаши фарҳанги асил / Пешгуфтори муҳаррир. – С.3-6; Ашъори лирикӣ: Муборак бод, Айнӣ. – С.8-9; Санъаткор мебошад. – С.9-10; Ёри ман аст. – С.10-10; Ба устод Лоҳутӣ. – С.10-11; Панҷакент. – С.11; Зулм, мубориза, озодӣ. – С.12-13; Душанбешаҳр. – С.13; Меҳнатқарин. – С.14; Оинаи ҷаҳоннамо. – С.14-15; Аҳду паймони ман аст. – С.15-16; Гуфтам: Офарин! – С.17-18; Суруди ватан. – С.18; Қаҳрамони советӣ. – С.19; Хитоб ба дил. – С.19-20; Ғалаба. – С.20-22; Байрақи мо. – С. 22; Суруди солинавӣ. – С.22-23; Берлин фатҳ шуд. – С.24; Ҳайкали назм. –

С.25-27; Ватани ман. – С.27-28; Даъват. – С.28; Ба тамомкунандагон. – С.28-29; Муборак. – С.30-31; Ба мактаббачагони ватанам. – С.31-34; Халқ ва шаҳрванд. – С.34-35; Ба депутатдухтар. – С.35; Дар колхози «Ғаллакор». – С.35-38; Кору роҳи сулҳ бардавом аст. – С.38- 41; Суруди пахтакорон. – С.41; Деҳаи обод. – С.41- 43; Нораки мо. – С.43- 44; Надорад. – С.44; Тӯёна. – С.45; Қиссаи кӯтоҳ. – С.45-46; Халқи эҷодкор. – С.46- 48; Модар. – С.48-50; Шаҳри ман. – С.50; Интиқом. – С.50-51; Ҳусн. – С.51; Ту ҳам машҳури дунёӣ. – С.51.-52; Ба дилбари озод. – С.52-53; Ба духтари Хуршед. – С.53; Рафиқи ҳаёт. – С.54-55; Ошиқам. – С.56; Бирафтам дӯш пеши ёр. – С.56-59; Аз қоқи нав. – С.59; Мегардам. – С.60; Дӯстдорат гаштаам. – С.60-61; Духтари боғи баҳор. – С.61-62; Дилбарам. – С.62-63; Дилбар. – С.63; Эй нигор. – С.63-64; Азизам, ҷони ман бодо фидоят. – С.64-65; Нашуд. – С.65; Видоъ /Барои хотираи Миркарим Саидов. – С.65-68; Ба ҷашни Воқиф. – С.68; Ба муносибати дӯсти дерина ва ҷони ширин Боқӣ Раҳимзода. – С.68; Шасти камол ёрӣ ту бод /Ба М. Турсунзода. – С.69; Ба 60- солагии М. Миршакар. – С.69-70; Табрик ба муносибати 60- солагии Вера Расторгуева. – С.70; Ба Ҳабиб. – С.70; Рубоӣ, дубайтӣ, қитъа ва фардиёт. – С.72-81; Достонҳо: Ҳаёт ва марг. – С.83-90; Қиссаи мулки Саодат. – С.90-115; Тантанаи озодӣ. – С.115-121; Дар разведка. – С.121-125.

6. Маҷмӯаи ашъор [Матн]. Мунтахаби осори манзум /Нашри 11; Муҳаррири масъул Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 128 с. – Дар аввал акси Н. Маъсумӣ.

**1952**

7. Масъалаи тадқиқи тараққиёти забони миллии тоҷик дар асоси таълимоти классикони марксизм-ленинизм [Матн]. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1952. – 126 с.

**1956**

8. Забони адабии тоҷик [Матн]. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1956. – 65 с.

**1957**

9. Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик [Матн] /Қисми 2; Мураттиб Н. Маъсумӣ; АФ РСС Тоҷикистон, Ин-ти забон ва адабиёт. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1957. – 388 с.

Мундариҷа: Сарсухан. – С.5-10; Пешгуфтор. – С.11-20; Рол ва мавқеи С. Айнӣ дар инкишофи забони адабии тоҷик баъд аз револютсияи Октябр. – С.21-52; «Марги судхӯр» – асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ. – С.53-72; Хусусиятҳои луғавии повести «Марги судхӯр». – С.73-74; Инъикоси ҳаёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар лексикаи повест (Истеъмоли калимаю ибораҳои таърихӣ ва кӯҳнашуда). – С.74-106; Истеъмоли баъзе калимаҳои адабӣ-китобӣ дар забони повест. – С.106-116; Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ дар забони повест. – С.116-162; Истеъмоли калимаҳои русӣ дар повест. – С.162-174; Дар бораи як хусусияти хоси забони С. Айнӣ дар соҳаи истеъмоли калима. – С.174-185; Ибораҳои халқӣ дар забони «Марги судхӯр». – С.187; Идиоматика ва фразеология. – 188-205; Зарбулмасал ва мақолаҳо. – С.206-218; Ибораҳои адабӣ-китобӣ. – С.218-221; Хусусиятҳои морфологии забони повести «Марги судхӯр». – С.223-224; Дар бобати исм. – С.224-236; Дар бобати сифат. – С.236-242; Дар бобати ҷонишин. – С.242-248; Дар бобати феъл. – С.248-281; Дар бобати тарзи истеъмоли пешояндҳо. – С.281-289; Дар бобати ҳиссачаҳо. – С.289-297; Баъзе хусусиятҳои синтаксисии забони «Марги судхӯр». – 299-301; Оид ба ҷумлаҳои сода ва тарзи ифодаи аъзоҳои синтаксисӣ. – 301-304; Дар бобати тарзи ифодаи сараъзоҳои ҷумла. – С.305-312; Дар бобати истеъмоли муайянкунандаҳо-тавсифҳо. – С.312-322; Дар бобати тарзи ифодаи объекти сухан. – С.322-328; Дар бобати тарзи ифодаи ҳол. – С.328-334; Дар бобати баё-

нияи истисноӣ. – С.334-340; Оид ба ҷумлаҳои мураккаб ва тарзи таркиббандии онҳо: Дар бобати ҷумлаҳои мураккаби пайваст. – С.340-346; Дар бобати ҷумлаҳои мураккаби тобеъ. – С.347-366; Дар бобати ҷудокунии таркиби ҷумлаҳои мураккаб. – С.366-373; Ибораҳои сифати феълӣ ва масдарӣ. – С.373-385.

**1959**

10. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик [Матн]. Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1959. – 296 с.

Мундариҷа: Сарсухан. – С.5-13; Рол ва мавқеи С. Айнӣ дар инкишофи забони адабии тоҷик баъд аз Револютсияи Октябр. – С.13-38; «Марги судхӯр» - асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ. – С.39-54; Хусусиятҳои луғавии повести «Марги судхӯр». – С.55-56; Инъикоси ҳаёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар лексикаи повест. – С.56-81; Истеъмоли баъзе калимаҳои адабӣ-китобӣ дар забони повест. – С.81-89; Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ дар забони повест. – С.89-125; Истеъмоли калимаҳои русӣ дар повест. – С.125-134; Дар бораи як хусусияти хоси забони С. Айнӣ дар соҳаи истеъмоли калима. – С.134-143; Ибораҳои халқӣ дар забони «Марги судхӯр». – С.144; Идиоматика ва фразеология. – С.145-159; Зарбулмасал ва мақолаҳо. – С.159-168; Ибораҳои адабӣ-китобӣ. – С.168-171; Хусусиятҳои морфологии забони повести «Марги судхӯр». – С.172-173; Дар бораи исм. – С.173-182; Дар бораи сифат. – С.182-187; Дар бораи ҷонишин.- С.187-192; Дар бораи феъл. – С.192-216; Дар бобати истеъмоли пешояндҳо. – С.216-222; Дар бобати ҳиссачаҳо. – С.222-228; Баъзе хусусиятҳои синтаксисии забони «Марги судхӯр». – С.229-231; Оид ба ҷумлаҳои сода ва тарзи ифодаи аъзоҳои синтаксисӣ. – С.231-260; Оид ба ҷумлаҳои мураккаб ва тарзи таркиббандии онҳо. – С.260-285; Ибораҳои сифати феълӣ ва масдарӣ. – С.285-294.

**1960**

11. Забон ва услуби Аҳмади Дониш [Матн]. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1960. – 142 с.

**1961**

12. Муҳаммадҷон Раҳимӣ [Матн]. Монография /Ба 60-солагии шоири тоҷик ва 40- солагии фаъолияти адабии ӯ бахшида мешавад. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1961. – 87 с. – Акси М. Раҳимӣ. – С.3.

**1966**

13. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат [Матн] /Муҳаррир К. Носиров. – Душанбе: Адиб, 1966. – 268 с.

Мундариҷа: Ленин дар назми тоҷик. – С.3- 39; Асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ. – С.40-57; Достони табаддулоти ҳаёт. – С.58-72; Таронасарои ғояҳои коммунизм. – С.73-83; Ҳамсинни аср. – С.84-101; Шоири ҷанговар. – С.102-113; Адабиёти советии тоҷик ва баъзе масъалаҳои танқиди адабӣ. – С.114-123; Забон ва маҳорат: Дар бораи вазъият ва баъзе тағйиротҳо дар таркиби луғавии забони тоҷик дар асрҳои X-XIX. – С.127-165; Назаре ба забони адабии тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои XX: 1. Мулоҳизаҳо оид ба вазъияти забони адабии охири асри XIX ва забону услуби Аҳмади Дониш. – С.166-205; 11. Вазъияти забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX. – С.205-230; Рол ва мавқеи С. Айнӣ дар инкишофи забони адабӣ ва забони адабиёти тоҷик баъд аз револютсияи Октябр. – С.230-267.

**1969**

14. Таронаи дӯстӣ [Матн]. Нисбати дӯстӣ / Ҷамъияти «Дониш»-и РСС Тоҷикистон. – Душанбе, 1969. – 20 с.

**1976**

15. Забон ва услуби Аҳмади Дониш [Матн] / Муҳаррири масъул Р. Ғаффоров; Ин-ти забон ва адабиёти ба номи

Рӯдакӣ. – Душанбе: Дониш, 1976. – 76 с.

Мундариҷа: Аз муҳаррир. – С.3- 4; Забони асарҳои Аҳмади Дониш. – С.5-6; Оид ба таркиби луғавӣ. – С.6-16; Оид ба хусусиятҳои грамматикӣ. – С.16-29; Муносибати пайравони Аҳмади Доиниш нисбат ба забони адабӣ ва гуфтугӯӣ. – С.30-34; Мулоҳизаҳо оид ба вазъияти забони адабии охири асри XIX ва забону услуби Аҳмади Дониш. – С.35-73.

**2005**

16. Фолклори тоҷик [Матн] /Қисми 1; Нашри дувум; Муҳаррири ин нашр Д. Обидов. – Душанбе, 2005. – 160 с. – Бо акси Н. Маъсумӣ.

Мундариҷа: Аз муаллиф. – С.3; Масъалаҳои умумии эҷодиёти даҳанакии халқ: Сарсухан. – С.4-5; Таълимоти марксизм-ленинизм дар бораи эҷодиёти даҳанакии халқ. – С.6-14; Муносибати санъат ва баъзе соҳаҳои фан бо фолклор. – С.15-16; Оид ба масъалаи пайдоиши адабиёти даҳанакӣ ва тараққиёти ӯ. – С.16-21; Эҷодиёти даҳонӣ ва хусусиятҳои махсуси он. – С.21-32; Таъсири фолклор ва адабиёти китобатӣ ба ҳамдигар. – С.33-39; Масъалаҳои оид ба таърихи фолклоршиносӣ ва дараҷаи омӯхта шудани фолклори тоҷик. – С.39- 42; Фолклоршиносии советӣ. – С.42- 45; Фолклори маросимии тоҷик: Фолклори маросимӣ ва календарӣ. – С.45-55; Фахрии Румонӣ. – С.55-57; Фолклори маросимии тӯй. – С.57-65; Фолклори маросимии мотам (марсия). – С.65-71; Назми сарбозӣ. – С.71-79; Жанрҳои асосии фолклори тоҷик: Достонҳо. – С.80-87; Афсонаҳо. – С.88-95; Латифаҳо. – С.96-100; Рубоиёт. – С. 100-112; Сурудҳо ва таронаҳо: а) Сурудҳои таърихӣ. – С.112-118; б) Таронаҳо. – С.118-123; в) Бадеҳаҳо. – С.123-126; г) Ғазалҳо. – С. 126-135; Зарбулмасал ва мақолаҳо. – С.135-146; Чистонҳо. – С.146-155; Драмаи халқӣ. – С.155-157; Адабиёт. – С.158.

17. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат [Матн] /Муҳаррир К. Носиров. – Душанбе: Адиб, 2005. – 295 с. – Дар аввал акси Н. Маъсумӣ.

Мундариҷа: Ленин дар назми тоҷик. – С.3- 46; Асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ. – С.47-65; Достони табаддулоти ҳаёт. – С.66-81; Таронасарои ғояҳои коммунизм. – С.82-94; Ҳамсинни аср. – С.95-114; Шоири ҷанговар. – С.115-128; Адабиёти советии тоҷик ва баъзе масъалаҳои танқиди адабӣ. – С.129-139; Забон ва маҳорат: Дар бораи вазъият ва баъзе тағйиротҳо дар таркиби луғавии забони тоҷик дар асрҳои X-XIX. – С.142-183; Назаре ба забони адабии тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои XX: 1. Мулоҳизаҳо оид ба вазъияти забони адабии охири асри XIX ва забону услуби Аҳмади Дониш. – С.184-226; 11. Вазъияти забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX. – С.226-253; Рол ва мевқеи С. Айнӣ дар инкишофи забони адабӣ ва забони адабиёти тоҷик баъд аз револютсияи Октябр. – С.254-293.

**2011**

18. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] /Чопи дувум; Сарсухани Сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон А.Шеърдӯст; Муҳаррир А. Мирбобоев. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, 2011. – 392 с.

Мундариҷа: Сарсухан. – С.5-10; Пешгуфтор. – С.11-20; Рол ва мавқеи С. Айнӣ дар инкишофи забони адабии тоҷик баъд аз револютсияи октябр. – С.21-52; «Марги судхӯр» - асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ. – С.53-72; Хусусиятҳои луғавии повести «Марги судхӯр». – С.73-74; Инъикоси ҳаёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар лексикаи повест (Истеъмоли калимаю ибораҳои таърихӣ ва кӯҳнашуда). – С.74-106; Истеъмоли баъзе калимаҳои адабӣ-китобӣ дар забони повест. – С.106-116; Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ дар забони повест. – С.116-162; Истеъмоли калимаҳои русӣ дар повест. – С.162-174; Дар бораи як хусусияти хоси забони С. Айнӣ дар соҳаи истеъмоли калима. – С.174-185; Ибораҳои халқӣ дар забони «Марги судхӯр». – С.187; Идиоматика ва фразеология. – 188-205; Зарбулмасал ва мақолаҳо.

– С.206-218; Ибораҳои адабӣ-китобӣ. – С.218-221; Хусусиятҳои морфологии забони повести «Марги судхӯр». – С.223-224; Дар бобати исм. – С. 224-236; Дар бобати сифат. – С.236-242; Дар бобати ҷонишин. – С. 242-248; Дар бобати феъл. – С.248-281; Дар бобати тарзи истеъмоли пешояндҳо. – С.281-289; Дар бобати ҳиссачаҳо. – С.289-297; Баъзе хусусиятҳои синтаксисии забони «Марги судхӯр». – 299-301; Оид ба ҷумлаҳои сода ва тарзи ифодаи аъзоҳои синтаксисӣ. – 301-304; Дар бобати тарзи ифодаи сараъзоҳои ҷумла. – С.305-312; Дар бобати истеъмоли муайянкунандаҳо-тавсифҳо. – С.312-322; Дар бобати тарзи ифодаи объекти сухан. – С.322-328; Дар бобати тарзи ифодаи ҳол. – С.328-334; Дар бобати баёнияи истисноӣ. – С.334-340; Оид ба ҷумлаҳои мураккаб ва тарзи таркиббандии онҳо: Дар бобати ҷумлаҳои мураккаби пайваст. – С.340-346; Дар бобати ҷумлаҳои мураккаби тобеъ. – С.347-366; Дар бобати ҷудокунии таркиби ҷумлаҳои мураккаб. – С.366-373; Ибораҳои сифати феълӣ ва масдарӣ. – С.373-385.

* * *

19. Язык повести С. Айни «Смерт ростовщика» (К вопросу о развитии языка современной таджикской художественной прозы) [Текст]: Автореф. дисс. на соис. уч. степ. канд. филол. наук / ТГУ. –Сталинабад, 1954. – 21 с.

## 1. 2. АСАРҲОИ ИЛМИЮ МЕТОДӢ ВА ТАЪЛИМӢ

